БАҲРОМ ФИРӮЗ

# ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ

**БАҲРОМ ФИРӮЗ**

# ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ

КИТОБИ ДУВВУМ

ХУҶАНД
“ХУРОСОН”2019

ББК 84.44

**КИТОБИ МАЗКУР БАХШИДА БА 80-СОЛАГИИ НАВИСАНДАИ ШОДРАВОН БАҲРОМ ФИРӮЗ, БАРАНДАИ ҶОИЗАИ АДАБИИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ, ИНТИШОР МЕГАРДАД**

**Баҳром Фирӯз.** Пеш аз шаби арӯсӣ – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 484 с.

Дар ин маҷмӯа, бо интишори ҳикояи ҳамноми китоб, аз ишқи маъсуми духтари ҷавон ба нависанда – қаҳрамони достон ривоят мешавад, ки он бо зиндагии даврон ва қонуну қавоиди замон ошно мекунад.

Беш аз 35 ҳикоя, ки аз паҳлӯҳои мухталифи рӯзгори мардуми тоҷик – аз арафаи инқилоби шӯравӣ то рӯзҳои шикасти карахтию даврони бозсозӣ дар мисоли саргузашти одамони воқеӣ, ки дар он аз муҳаббату нафрат ва заҳмату талошҳои онон ҳикоят мешавад ва далолати мутанаввеъ будани нигоришоти адиб мебошад, дар китоби дуввум фароҳам омадааст.

©Баҳром Фирӯз, 2019

ISBN 978-99947-50-83-2



## БАҲРОМ ФИРӮЗ

01.11.1939 – 25.09.1994

Аз шодравон Баҳром Фирӯз – шоир, нависанда, публисист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии устод Садриддин Айнӣ, ки 1-уми ноябри соли равон синни 80-ро пур мекард, шеъру қисса, ҳикояву достон ва нигоштаҳои зиёде ба ёдгор монда. Барои ҳаводорони каломаш чун иуште аз хирвор китоби мунтахаби ҳикояҳои адиб "ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ" пешкаш мешавад, то дӯстдорони эҷодиёташ бори дигар аз олами андешаву мулоҳизаи адиби писандидаашон баҳравар гарданд.

# ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ

ҲИКОЯҲО



# ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ

Муаллим ва дӯсти азизам, дар ин нома на номи шумо зикр аст ва на номи ман, яъне аз хондани он фақат Шумо хоҳед донист, ки нигоранда кист. Ман ҳиссаи ҳаёти худро ба шумо аз айёми ошноиам бо Шумо то ба “имрӯз” мухтасар навишта, бо Шумои азиз, бо ширинтарин айёми зиндагӣ, бо муҳаббатам, бо орзую армонҳои ҷавонӣ падруд мекунам. Охирин хоҳишам аз шумо ҳамин аст, ки ним соат вақтатонро дареғ надореду ин номаро бихонед.

Ба ҳаққи он, ки ҳар ду ёр будем,
Ба ҳаққи он, ки ду ғамхор будем,
Ба ҳаққи сайру сӯҳбатҳои ширин,
Ба ҳаққи меҳрубониҳои дерин,
Шумо ин номаро як раҳ бихонед,
Чи инсон будаам, боре бидонед.

Аслан, агар ба таҳқиқ биандешам, ҳаёти ман аз синни шонздаҳсолагӣ, аз айёме, ки бо ҳаёти Шумо, асарҳои навиштаатон шиносо гаштам, оғоз ёфт. Пеш аз он рӯзу шаби ҳаёти худро, ба ростӣ, равшан дар хотир надорам, зеро он бемақсад, тира, дар хотир ба монанди тасвири паси пардаи ҳарир, як навъ ноаниқ ва мубҳам мондааст.

Бори аввал ман номи Шуморо ҳамон соле, ки дар синфи нӯҳуми мактаби миёнаи деҳа мехондам, шунидам. Ба мо шуморо як нафар муаллими ҷавоне, ки ҳамон сол донишгоҳро хатм карда, ба мактаби мо ба кор омада буд, ошно кард. Ин муаллим (номи ӯро ҳам зикр намеку-

нам) гӯё дар донишгоҳ фақат ташвиқу тарғиби асарҳои Шуморо омӯхта бошад, ба дарсгӯӣ оғоз намуду мо ҳамагон ҳаводори асарҳои Шумо гаштем. Қариб аксари талабагони синфҳои болоӣ дар пайи ҷустуҷӯ ва мутолиаи китобҳои Шумо афтода буданд. Муаллим дар соатҳои фориғ аз дарс, баъзан ҳангоми дарс ҳам, аз ҳаёти Шумо, аз таърихи эҷоди ин ё он асаратон сухан оғоз мекарду мо тадриҷан баъзе ҷузъиёти саргузашти Шуморо, таърихи навишта шудани ин ё он ҳикояву қиссаҳоятонро ба гумонам, аз ҳар як шахси наздики шумо саҳеҳтар донистем. Мо ҳар як асари Шуморо мутолиа карда, дар ҳалқаи худ таҳлил менамудем, дар он рамзҳои аёну ноаёни Шуморо меҷустем, кашфҳои аҷиб мекардем, чи ҷузъҳое аз саргузашти шахси Шумо ба он ворид гаштаст, аз муаллим мепурсидем, ҳадафу матлаби Шуморо таъин менамудем. Дар деҳаи мо Шумо дар он айём бемуҳобот бузургтарин адиби замона будед!.. Бовар кунед, беҳазлу бекиноя мегӯям. Баъзан ман тааҷҷуб мекардам, ки чӣ гуна то ба ин айём аз эҷоди Шумо барин адибе сирф бехабар, адабиёт мехонем, гӯён мегаштаам. Агар он муаллими ҷавон ба деҳаи мо ба кор намеомад, чӣ гуна ба бехабариву ҷаҳлу нодонӣ мактабро хатм мекардаем, мегуфтам.

Муаллим мегуфт, ки агар мо пайи таҳсили илм ба шаҳр равем, ҳатман бо Шумо вохӯрем, доири асарҳои хондаамон изҳори ақида намоем, ки барои ҳар як адиб ин хеле матлуб ва муфид аст.

Ана, ба ҳамин минвол, ман дар синни шонздаҳ бо Шумо ошно гашта будам. Не, бо Шумо ошно будам, гуфтанам кам аст, Шуморо мепарастидам, чунон ки муриде пири муршидро. Шумо ғайриихтиёр ба ниҳонгоҳи қалби ман, ба ҳаёти ман ворид гашта будед, ба Шумо рози дил мегуфтам, аз Шумо маслиҳат мехостам ва китобҳоятонро гаштаю баргашта мехондам, то ки ба саволҳои худ маҳз

аз Шумо ҷавоб бигирам. Ба гумонам, ман назари Шуморо ба зиндагӣ, афкору ақидаи Шуморо ба фардо равшан медонистам, муҳаббат чӣ гуна бояд бошад ва ё оилаи имрӯза чӣ хел, назаратон ба дину оин чӣ гуна аст ва ё роҷеъ ба шаҳру деҳадорӣ – ҳамаро возеҳ пай бурда будам. Агар Шумо дар он айём аз ман савол мекардед, фаразан доир ба тӯю азои тоҷикон ақидаатон чист, бехато мегуфтам. Агар китоби адибро бодиққат бихонед, ин кори мушкил набудаст. Хеле саҳифаҳои китобҳои Шуморо ҳифз медонистам, агар касе як калимаи Шуморо аз хато тағйир дода хонад, ӯро зуд ислоҳ мекардам. Сонитар аксатонро ҳам дарёб кардам…

Акнун ба Шумо гӯям, дар ҳамон айёми навбаҳори умрам ба дил аҳд карда будам, ки… Не, шитоб кардам, аз ин хусус сонитар… Ҳоло аз ваҷҳи он гуфтаниам, ки чӣ гуна фикру андешаҳои худро доири Шумо аз дугонаҳоям пинҳон медоштам… Бовар мекунед, ҳоло ҳама розу ниёзамро ба Шумо фошофош менависам, розҳоеро, ки ҳаргиз ба кас намегуфтам. Чаро? Сабаб ин, ки дигар ману Шумо дар зиндагӣ ба якдигар рӯ ба рӯ гаштанамон дар гумон аст, зеро шавҳаршавандаи ман дар як гӯшаи дур аз ободиҳо макон кардааст.

Ҳеҷ медонед, ки шиносоии Шумо бо ман чӣ гуна оғоз ёфт?

Боре дар рӯзнома хабари нашри китоби наватонро хондам, вале он китобро хеле муддат аз дӯконҳо ёфтан натавонистам. Сипас, шабе аз куҷо ба хотирам расид, ки ба Шумо нома нависаму хоҳишамро баён кунам. Ба ҳамин минвол, дар муносибатамон ташаббус аз ман шуд, қадами нахустро ман бардоштам, аз худ ва аз ҳама олам пинҳонӣ диққати Шуморо ба худ ҷалб кардам. Чунон ки анкабут барои ба доми худ овардани магас тор метанаду тӯр мекушояд ва нигарони сайд мешавад, духтар ҳам интизори рағбат ва эътибори мард фақат интизор мегардад.

Ҳафтае чанд аз миён гузашту рӯзе хаткашони деҳа, мисли ҳамеша мактубу рӯзномаҳоро аз дарвоза дарун партофта нарафту ба ҳавлии мо ворид омад ва ба дасти ман бастаеро супурд. Ба рӯйи он баста нигариста, ғайриихтиёр сурх гаштаам, вале худ аз ҳоли худ бехабар. Аммо модарам, ки вазъи маро мушоҳада мекардаст, ташвишомез зуд пурсид:

– Чӣ будаст он?.. А? Аз кӣ?

– Э-э… Китоб… Аз Душанбе… Як китоби даркориро пурсида будам… почта овард.

– Китоб… Барои ҳамин ин қадар сурх шудӣ? – Модар ба қаъри чашмони ман нигариста, рамуз гирифтан мехост.

– И-и.. гапатон ғалатӣ!.. Барои чӣ сурх мешудам?! – гуфтам қаҳролуда абру чин намуда.

Ба пинҳонгоҳи дили ҷавонам беиҷозат назар афкандани модар ҳам қаҳру ғазабамро овард. Ба ин гӯшаи хилвати роз набояд, ки ҳеч ҷонзоте кордор гардад! Ман тайёр будам, касеро, ки ба ин мамнӯъгоҳ роҳ бурданист, бо дурушттарин алфоз биранҷонам.

Азбаски модар ба ҷавонон беэътибории маро медонист, аз ин хусус шубҳааш зуд бартаф гашту дигар напурсид, ки он чи китоб аст ва кӣ ба ман фиристодааст.

Бовар мекунед, ман чор-панҷ сатр соядасти дар сарсаҳифа ба номам навиштаи Шуморо хонда, дар хилват гаштаю баргашта мебӯсидам, ба чашмонам мемолидам.

Бори нахуст дар ҳаётам ҳамон шаб ба сахтӣ хобам бурд.

Хобпариҳои ҷавонӣ ҳам лаззате доранд, аммо дареғо, ки Шумо – адибон шириниҳои онро ҳанӯз тасвир накардед, фақат азоби онро таъқид мекунеду бас. Ҳол он ки дар он шабҳои ситорашуморӣ чӣ қадар назокат дарҷ аст!

Ба Шумо номаи миннатдорӣ навиштанам чи сон

мушкил гашт, дар тасаввур овардан наметавонед. Бе муболиға даҳ бор навишта, боз онро даррондагистам. Оқибат номаро фиристодам. Намедонам, ки Шумо онро ёд доред ё не. Ғолибан. Дар хотир надоред, зеро ягон бор аз он ёд накардед. Умуман, хотираи Шумо ба гузашта хеле сатҳӣ будаст. Ё ҳамаи мардон чунинанд, намедонам. Ба ҳар ҳол, дар он нома баъди суханони миннатдорӣ аз хусуси дилбастагиам ба асарҳои Шумо хабар дода, чӣ гуна ҳар як китобатонро интизорӣ кашиданамро бо суханони пурҳаяҷон баён карда будам. Баъд, доири орзуҳои худ, аз ҷумла, нияти дар донишгоҳи олӣ таҳсили илм карданам ва муаллимаи адабиёт шуданамро навишта будам. Ёд дорам, ба Шумо хабар дода будам, ки муаллима мешаваму дар дили ҳамаи наврасон меҳри китобҳои беназири Шуморо парвариш мекунам ва ғайра ва ҳоказо… Не, Шумо суханони маро ёд надоред, вагарна ягон бор ба хотир меовардед. Охир, миёни ману Шумо сонитар розу ниёзи бисёре гузашт, аммо Шумо бештарин ҳозирбин будед, гузаштаро камтар ба ёд меовардед. Ба ҳар ҳол, мо – занҳо ба ин майда-чуйдаҳои зиндагӣ бепарво нестем. Балки барои ҳамин дар нисбати Шумо – мардон оҷингҳои пирӣ зудтар ба чеҳраи мо панҷа мезанад. Баъзан ба худ мегӯям, ки ҳамаро дар хотир надоштани Шумо, аслан, аз як ҷиҳат беҳтар аст… Умуман, Шумо ба дигарон монанд нестед ё ба ҳар ҳол, дар назари ман ҳамин гуна мондаед – бепарво, бетаассуб, бемуҳобо, бетааллуқ.

Дар он солҳо ман аллакай духтари қадрас будам ва ба Шумо нома навишта, нома гирифтанам аз назари падару модар пинҳон намонд. Агар Шумо адиби маъруф ва шинохта намебудед, барои ин гуна рафторам ҳатман аз волидайн маломат мешунидам. Аммо адиб ҳамчун муаллим гӯям ё мураббӣ, хулоса, тарбиятгари мардумон аст ва кӣ ҳадди онро дорад, ки ба покниятии ӯ шубҳа

намояд?! Албатта, ман сонитар донистам, ки баъзе адибтарошон кайҳо номи адибро ҳам ба нанг олуда кардаанд. Хайрияти кор, аҳли деҳаи мо ҳанӯз аз онҳо огоҳӣ надоштанд. Мардуми деҳоти мо имрӯз ҳам адибро тимсоли ростию дурустӣ, виҷдони поки миллат ва забони адолату ҳақиқат меҳисобанд... Аз матлаб дур рафтам.

Падару модар аз ҳусну малоҳат, сидқу дилҷӯӣ, хулқу атвор ва хизматгузорӣ барин сифатҳои ман мамнун буданд ва мехостанд, ки мактабро тамом карда-нокарда дар “гармии бозорам” маро ба ягон хонаводаи ба қавли худашон, “ба худ осуда ва баэътибор” тӯй карда фиристанду аз ин бобат хотирҷамъ бошанд. Деҳқони одии колхоз дигар чӣ орзу ҳам дорад!.. Бечора падару модар ҳеҷ пай намебурданд, ки дар дили ман чӣ хоҳишҳо, дар сари ман чӣ ҳавасҳо ҷавлон мекунанд.

Ин чӣ сире, буд, ки ман ҳанӯз ҳам аз он ҳайронам… Бовар кунед, ҳеҷ намефаҳмам, ки чӣ гуна боре Шуморо надида, аз забонатон як калима сухан нашунида ҳаводоратон гашта будам. Охир, гӯлу содалавҳ набудам, аз осори адибони дигар ҳам огоҳ будам. Фарзанди одамӣ хислатҳое дорад, ки баъзан дар тавзеҳи он ақл оҷиз аст. Ҳеч касро чашми ман намедид, сухани ҳеч як ҷавоне ба гӯши ман намедаромад, гӯё табиат Шуморо маҳз барои ман офарида, имрӯз ба раҳам нигарон бошед. Айнан, чунон ки дар афсонаҳо мегӯянд… Оре, бехабар аз он, ки ишқ чист ва аз ин муҳаббати ғоибона муродам чист, дӯстдоратон будам ва ин кашиш рӯзафзун боло мегирифт. Дар он айём на қиссаи Лайливу Маҷнунро хонда будам, на Вису Роминро ва на “Ҳазору як шаб” -ро, аз осори Балзаку Флобер, Моппасану Тургенев низ огоҳӣ надоштам. Аз фалсафа ва таърихи ҳиссу эҳтироси мардуми Шарқ, сабабҳои ҷалби назари зану мард бехабар одитарин қоидаҳои ин бозии бешафқатро надониста, наомӯхта, худро ба

оташ афканданамро имрӯз меандешаму баъзан ба содалавҳии худ механдам. Акнун, баъди шаш-ҳафт сол маро маълум гашт, ки дар он айём аз рӯйи анъана дил ба ҳиссиёти сентименталӣ ва муҳаббати романтикӣ дода, Шуморо ғоибона, аз рӯйи образҳои офаридаатон дӯст доштаам. Бешак, дар образҳои офаридааш ҳар як адиби соҳибҳунар аксаран ҷузъи ҳаёти худро, хислату характери худро акс месозад. “Хонум Бовари – ин манам”, гуфта будаст замоне Флобер. Хайрияти кор, ки Шумо дар ҳаёт аз он образе, ки ман дар хаёли худ офарида ва дар дилу ҷони ҷавонӣ парварида будам, кам тафовут доштаед, қариб ки монанд будаед. Акнун бовар мекунед, ки дар он айём ман чӣ қадар гӯлу содадил будаам?!. Ман ҳам ба мисли ҳамсолонам медонистам, ки писарону духтарон муҳаббат меҷӯянд, дӯстдорӣ мехоҳанд ва асоси онро фақат дар никоҳи пойдор мебинанд. Онҳо аз эҳтироси гарму часпон парҳез мекунанд, зеро эҳтирос зудгузар ва бебақо аст ба монанди шукуфаҳои баҳорон. Аммо эҳтироси сӯзони дили ман хомӯш нашуд, баъди ҳаётсанҷидану хеле дониш андӯхтанам ҳам Шуморо, чунон ки дар синни ҳабдаҳ будам, мепарастидам. Агарчи медидам, ҳоло дар шаҳр зан барои шавҳар маъбуди муқаддас не, ӯро парастиш намекунад. Аҷаб не, ки занҳо озодӣ ва баробарӣ ба даст оварда, ба як навъ рафиқи мард, ба шарики шавҳарони худ табдил гаштаанд. Ин ҳол аз як ҷиҳат хуб аст, никоҳро ҳамкории зану шавҳар пойдор мекунад. Духтарон ҳоло аз шаҳвати ишқ низ огоҳанд, аз ин сабаб доири муҳаббат, никоҳ ва оила тасаввури возеҳ доранд… Боз дур меравам.

Шумо дар яке аз номаҳоятон ба ман маслиҳат дода будед, ки ҳатман дар фикри давом додани таҳсили илм бошам. Ман аз он чунин қиёс гирифтам, ки Шумо каму беш аз рози дили ман пай бурдаед, маро дидан мехоҳед… Ба ҳамин тариқ, ҳанӯз ба Шумо вохӯрда, рости гап ин, ки

дилпур будам – маро мебинеду ҳатман дӯстдор хоҳед гашт. Охир, дар қиссаҳоятон духтарони содаю ҳалим, ғайратманд ва вафодори деҳаро чӣ гуна самимӣ, бо муҳаббат тасвир кардаед! Оё медонед, ки Шумо дар он саҳифаҳо ташнагии худро, ҳар он чизеро, ки дар ҳаёт ба Шумо насибу арзонӣ нашуд, ғайриихтиёр ифода кардаед! Муҳаққиқон асарҳои адабиётро таҳлил карда, борҳо инро гуфтаанд… Ман яке аз он қаҳрамонони орзуманди Шумоям. Қатъи назар аз он ки зану фарзанд доред ё не, Шумо бояд маро дӯст доред, ҷавоби муҳаббати поку беғаши ман фақат муҳаббати сидқию самимӣ аст, мегуфтам ба дил. Ҳам дар ҳусну малоҳат, ҳам дар ақлу фаросат маро ба дигаре тарҷеҳ кардан наметавонед, лоиқи Шумо фақат манам…

Дар синни ҳабдаҳ, дар айёми орзу ва ишқ афкору ақидаи ман тахминан чунин буд.

Ман ҳаргиз ин розро дар он айём ва минбаъд ҳам ба касе нагуфтаам, маслиҳате напурсидаам – аз шармандагӣ метарсидам, вагарна аҷаб не, наздикону пайвандонам кайҳо чашми маро ба зиндагии воқеӣ мекушоданд.

Вазъи маро боре дар тасаввур оваред: духтараки дилаш пур аз орзуҳои ширин дар як деҳаи дурдасте андармон бо ёди Шумо, бо ёди шахсе, ки синнаш аз ӯ қариб бист сол калон ва ҳаргиз ӯро надидааст, зиндагӣ дорад. Шабу рӯзҳо ман бо қаҳрамонҳои Шумо чун бо худатон гуфтугӯ доштам. Балки имрӯз ин ҳама рози маро мехонеду механдед, бовар намекунед. Аммо ин рост аст, ба номи ҳар чӣ азизу муқаддас аст, метавонам қасам бихӯрам, ҳамин тавр буд. Албатта, он ҳиссу хоҳиши худро дар он айём муҳаббату дӯстдории ҳақиқӣ гумон мекардам. Шуморо дӯсти наздикам ва худро ҳаводори Шумо мешумурдам.

Медонистам, ки Шумо китоби бисёр хондаед, аз аксари илмҳо огоҳӣ доред, то ба сӯҳбати Шумо сазовор

бошам, ман шабу рӯз мутолаа доштам. Дар китобхонаи мактаб ва деҳа китобе намонд, ки ман нахонда бошам. Духтараки дар синф ҳамеша шогирди миёнаҳол ба яку якборагӣ аълохон гаштам, баъдтар дар ҳамаи фанҳо бо донишу фаҳмиши худ муаллимонро ҳайрон мекардам.

Ман кули рӯзномаю маҷаллаҳоро варақ мезанам, на фақат асарҳои навиштагии Шуморо. Балки мақолаю гузоришҳои дигар адибонро низ мехондам, то огоҳ бошам, ки аз хусуси Шумо чиҳо менависанд. Ман дӯстону бадхоҳони Шуморо низ мисли панҷ ангуштам ном ба ном медонистам. Баъдтар… ёд доред, боре дар майдони сирк будем, Шумо гуфтед, ки қиссаи нав ба анҷом расонидаатонро рафиқони ҳамқалам хонданд ва адиберо ном гирифтеду ман филфавр гуфтам, ки ӯ ба Шумо дӯсти беғараз нест, ба қавлаш бовар накунед. Шумо ҳайратзада ба чашмони ман нигариста, лаҳзае карахт мондед, аз дилатон чӣ гумонҳое гузашт, ман донистам. Бинобар он, зуд тавзеҳ намудам:

– Дар ёд доред, се сол аз ин муқаддам дар рӯзнома мақолае нашр карда, ҳикояҳои беҳтарини Шуморо ба ҳеч баровардан хоста буд, хайрият, ки дигарон ноҳақии ӯро собит карданд.

– Ин ҳамаро кӣ гуфт ба ту? – Моту мабҳут аз ду дасти ман бо ду даст гирифтеду рост ба чашмонам чашм дӯхтед ва мунтазири ҷавоб тағйири авзои маро менигаристед.

– Чаро ба ман касе намегуфтаст?! – дар тааҷҷуб ба чашми Шумо нигаристам. – Бесавод нестам-ку! Мунтазам рӯзномаҳоро мехондам, ҳар он чӣ аз хусуси Шумо навишта бошанд, дар хотир дорам. Агар ноинсофе дар радифи адибони дигар номатонро зикр накунад, ман алам мекашидам. Афсӯс, ки ин қабил савдогарон дар адабиёт ҳам кам набудаанд. Шумо ба маслиҳати ман гӯш кунед: ҳамеша навиштаҳои мунаққиди эътимодбахша-

тонро хонеду ба навиштаҳои дигарон ҳаргиз нанигаред. Қавл диҳед, ки ба маслиҳатам амал мекунед!.. Қавл медиҳед?

Дар чашмони Шумо ашки миннатдорӣ гӯям ё меҳрубонӣ, чарх зад ва оҳиста аз чашмони ман бӯсидеду бо овози ларзон гуфтед:

– Ман дерест, ки… ба маслиҳати Шумо амал мекардаам…

…Баъди хатми мактаби миёна ман ба нияти таҳсили илм ба шаҳр рафтам. Агар росту дуруст гӯям, таҳсили илм бароям баҳонае беш набуд, маро дидори Шумо ба шаҳр мекашид. Дар илми филологӣ ман аллакай ба пояе расида ва қариб баробари муаллимони адабиёти мактабамон донишу фаҳмиш ҳосил карда будам. Мегуфтанд, ки ба ман фақат як дипломи мактаби олӣ лозим аст.

Дар донишгоҳ ҳуҷҷатҳоямро супоридаму дар хобгоҳ иқоматгоҳ гирифтам ва сипас аз пайи Шумо рафтам.

Дар таҳдари идораатон хеле интизор будам. Аз ину он пурсидам, ҳама мегуфтанд, ки дар ҳамин ҷо, бояд биёянд. Баъд як марди ғалчае аз он бино берун омаду аз вай ҳам Шуморо пурсидам. Пурсидаму ба бало дармондам. Марди беору шилқине будаст, Шумо кистед, ба он кас чи кор доред гӯён расо сарамро гаранг карду оқибат гуфт:

– Он кас дар боғи Варзоб нишаста, кор мекунанд, ман ба он сӯ равонаам… Агар хоҳед, ба наздашон мебарам.

Аз рӯйи гуфти он ғалча Шумо аз гармо гурехта, дар он ҷо ба кор машғул будаед. Дилам ба рафтан раҳ надод, зеро нигоҳи ин мард ба ман нохуш асар дошт. Дар деҳаи мо мардум ин хел касонро хоҳӣ ӯ мард, хоҳӣ зан аст – ғарнигоҳ мегӯянд. Ин қабилҳо бешарму беномус мешаванд. Аммо шавқи дидори Шумо маро ба рафтан ташвиқ намуд.

Он марди ғалча мошин доштаст, чун ман ба мошинаш нишастаму ба роҳ афтодем, аввал ба таърифу таҳсини ман чанд сухан гуфт, вале беэътиноии маро диду

музтарибона хандаи сохта намуд ва баъди лаҳзае пурсид:

– Шумо маро мешинохтагистед?

Гӯё ҳамин ки ба чӣ касбу кор машғул будани ӯро бидонам, рағбатам ба вай афзун мегашта бошад, ба дил умеди қавӣ савол кардани марди ғалча ҳайратовар буд. Ман ин қадар донистам, ки вай аз ҳамкорони Шумост.

– Не, ман дар ин шаҳр ҳеч касро намешиносам, – гуфтам ҷиддӣ ва қатъӣ, то ки дигар савол дода, сари маро гаранг накунад.

– Ман – нависанда…

Вай номашро гуфту маро ба хотир гузашт, ки дар маҷаллаву рӯзномаҳо ин номро дучор кардам, аммо навиштаҳояш ба монанди рафтораш ва нигоҳи гадоёна тамаъкораш диққати маро ҳаргиз накашида буд. Зотан, тинати мард дар муомалаи вай бо зан равшан зуҳур мекунад. Ин мард дар зиндагӣ ҳам ҳатман тамаъкору гадотабъ ва савдогармизоҷ будагист.

– Ман фақат як нафар нависандаро мешиносам… – гӯён номи Шуморо ба забон гирифтам. Баъд илова кардам: – Дигар нависандаро шинохтан намехоҳам. – Сипас узрмеез афзудам: – Ба дил сахт нагиред, буди гапро гуфтам.

Қисса кӯтоҳ, он ғалча маро ба боғи Варзоб бурд.

Ҳамкори Шумост гӯён ба мошинаш савор гаштаму баъд дар роҳ ба ваҳм афтодам, чӣ қадар талвосаҳо кашидам, напурсед. Аммо Шумо дар он макон набудаед. Баъд он мард афсӯсгӯён хеле вақт ба ман гӯё ҳамдардӣ карду сонӣ ба таърифи обу ҳавои он боғ шурӯъ намуд. Вай маро пайваста ташвиқ мекард, то ба боғ дароям, аз ҳавои боғ нафас бигирам, баъд зуд меравем. Ман даъвати ӯро қатъан рад кардам, аммо вай зиёда хирасарӣ мекарду аз дастам кашидан мехост, ки яку якбора ғазабам ҷӯшиду рост ба сари тосаш як мушти обдор фуроварданамро нафаҳмида мондам. Баъд ба сӯяш туф карда, ҷониби истгоҳи автобус рафтам. Ба гумонам, мардаки ғалча мушти

обдори деҳқондухтари қавибозуро як умр фаромӯш намекардагист. Агар бовар надоред, боре ӯро аз ин хусус пурсуҷӯ кунед, балки иқрор мекардагист. Не, фоида надорад, ин қабил касон номарданд, ҳақиқати ҳолро ҳаргиз мардона иқрор намекунанд.

Баъди ин воқеа чанд муддат ҷуръати ба идораи Шумо рафтан надоштам, ба дурустӣ агар гӯям, дидори он марди ғалчаро дигар таҳаммул надоштам. Ман дар пайроҳаҳои атрофи он бинои бошукӯҳ мегаштам, то Шуморо дучор кунам. Гумонам, агар дар роҳ пеш оед, аз рӯйи сурататон Шуморо мешиносам. Аз идораатон ҳазор ранг одам берун меомад, аммо дар он миён Шуморо ҳеч намедидам.

Оқибат, рӯзе ҷасорат гирифта рафтаму аз дарбони таҳи дари идора хоҳиш кардам:

– Он касро аз куҷо ёбам? Ман шиноси наздикашон… Аз деҳа омадам…

Мӯйсафеди дарбон ба куҷое занг заду рақами телефони Шуморо навишта гирифт ва онро ба ман дода гуфт:

– Ана ин рақами телефони хонаашон… Телефон кунед… – Ӯ телефони рӯйи мизро ба ҷониби ман тела дод.

Ҳолатам чунон дигаргун гаштаст, ки ҳатто дарбони пирро дар тааҷҷуб афкандам. Охир, ман аз ин пеш бо телефон сару кор надоштам, намедонистам, ки чӣ гуна рақам мечинанду телефон мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар назди бобои посбон ба Шумо чӣ мегӯям, чӣ гуна худро шиносо мекунам, гӯён дар ҳарос афтодам.

– Ташаккур… Ман… ман сонӣ телефон мекунам…

Ва шитобон аз он макон гурехтам.

Гашти пешин аз як телефони сари роҳ, ки дар атрофаш одам набуд, ба хонаи Шумо занг задам. Шумо ҳеч дар тасаввур оварда наметавонед, чӣ қадар изтиробу ҳаяҷон вуҷуди маро месӯхт, меларзонд. Бовар мекунед, чунон дилам аз сина берун ҷаҳам мегуфт, ки тарсидам ҳа-

мин замон ба замин меафтам. Ман аз гӯшаки телефон овози Шуморо шунидам, аммо ғолибан Шумо овози маро ҳеч намешунидед. Баландтар овоз додам, фоида надошт. Шумо: "Алло… Лаббай? Лаббай?.. " гуфтеду лаҳзае мунтазир истодед, сонӣ гӯшаки телефонатонро ба ҷояш гузоштед. Донистам, кадоме аз ин ду телефон вайрон аст.

Ҳеч аҷаб нест, ки Шумо ҳоло тафсилоти нахустин вохӯриамонро дар хотир надоред, аммо ҳар як нигоҳу табассум, ҳар як ишора, хар як сухани гуфтаю шунида як-як – ҳама дар хотири ман зиндаанд ва ҳаргиз фаромӯш намешаванд. Акнун, ки аз миён панҷ соли расо гузашт ва оташи муҳаббати Шумо ҳам балки хокистарнишин гаштагист ва ман ҳам эҳтироси монанди рӯдҳои баҳорон дамидаи ҷавониамро каме саришта карда гирифтаам, 15–20 дақиқа вақти азизи худро аз ман дареғ надореду ба сахтӣ бошад ҳам, боре тафсилоти он рӯзгоронро бишунавед.

Сипас аз телефони дигаре ба Шумо занг задаму аз гӯшаки телефон овози бардаму рӯҳболо ва қатъии Шуморо шунида, ба сахтӣ салом гуфтам ва нафас дар гулӯям печиду лаҳзае сухан гуфта натавониста хомӯш мондам. Якбора азмам суст шуд, аз хотирам гузашт: "Охир, адиби номдор куҷову мани бечора?! Хайр, китобашро фиристод, маро ба хондан ташвиқу талқин кард… Балки вай бо ҳама чунин муомила дорад… Ин чӣ густохӣ аст, ки мард даст диҳад, ман сахт аз оринҷи ӯ гирифтаам?.." Аммо Шумо номи маро шунида, бағоят хушҳол гаштеду бо ҳамин забони бастаи маро гӯё кушодед. Ба ҳар ҳол, аз овозатон ман чунин қиёс гирифтам, ки номи маро шунида, Шуморо хушҳолӣ рӯй дод. Боз ба дил гуфтам, ки чаро хушнуд набошад, ман аз кӣ камам? Ана, дар баробари дилработарин зебоёни шаҳр ҳам таъсири ҳусну малоҳати худро мебинам: пиру ҷавон аз рӯям нигоҳ - шонро наканда, аз наздам мегузаранду боз як ду бор ба

қафо баргашта аз пасам менигаранд. Дар ин синн кадомин духтар таъсири ҳусни худро ба атрофиён эҳсос намекунад?! Ман хуб медонистам, ки:

Дар шаҳр чароғи дилбаронам,
Ранҷи худу ганҷи дигаронам.

Баъд ман дар ҳамон ҷо – дар таҳдари Боғи ҳайвонот Шуморо мунтазир истодам. Ним соат барин вақт гузашт ё нагузашт, Шумо савори мошини ёқутранги худ расидед. Чолок аз мошин фуромадеду ҳамчунон дар шитоб қуфли дари онро бастед ва рост ба ҷониби ман қадам задед… Худоё, тавба кардам!.. Дили ман гӯё аз ҷояш кӯчиду омада, дар ҳалқам дармонд; нафасам дар гулӯ печид, овозам намебаромад, тобу тавони сар бардошта ба рӯйи Шумо нигаристан надоштам…

Ман ҳақиқати ҳоли худро фошофош ва рӯйирост, ягон ҷузъашро пинҳон накарда менависам, зеро аминам, ки дигар дар ҳаёт мо бо якдигар рӯ ба рӯ намеоем. Маро ба диёри дуре ба як тан хешовандамон ба шавҳар медиҳанд, дигар зарур нест, ки Шумо маро ҷӯед ва ё ман Шуморо диданӣ биравам ва ҳеч кас аз ин номаи беному бенишон ман кистаму Шумо кистед, ба таҳқиқ низ нахоҳад донист. Фаразан агар аз ман ранҷидаед ва дигар ёдам накунед ҳам, Шумо аз дилу дидаи ман намеравед… Ҳа, боз як сухани гуфтанӣ дорам, бигӯям, фаромӯш нашавад: Ҳеч аҷаб нест, ки ин номаи ман дар дили шумо ҳаяҷон ангезад ва хотироти хуфтаи шуморо, ки хеле дарднок аст, бедор кунад ва гарму часпон ғами худро ба рӯйи коғаз пошидан хоҳед. Азизам, хоҳишмандам дар ин амал шитоб накунед, зуд ба навиштан шурӯъ насозед. Суханонеро, ки замоне ба ман гуфта будед, ба ёд оваред: “Айёме, ки кас аз муҳаббат ва маҳбуби дилдодаи худ ҷудо мегардад, фавран ба навиштани дарди худ кӯшиш ба кор бурданаш хатост, зеро ҷароҳати дил ҳанӯз хуншор аст, ба

он даст задан нашояд”. Бигзор, ин дарди шумо ҳам кӯҳнатар шавад, қадре таскин ёбед ва ба ин маҳрумият андаке тан диҳед, сонӣ… худ идрок хоҳед кард, ки дигар мукотаба лозим нест.

Тафсилоти нахустин вохӯриамон ҳамчун як воқеаи дирӯза равшан дар пеши назарам, ҳар як қадамамонро мӯ ба мӯ дар хотир дорам. Ва дар дами маргам ҳам он рӯзгорон як бор аз пеши назарам мегузаранд… Нигоҳи шумо саропойи маро монанди дарзмоли тафсон лағҷида гузашту сипас гӯё дар рӯ ба рӯйи чашмонам қарор гирифт. Ба ростӣ, чашмони шумо барои занону духтарони зебо дигаргуна нигоҳе доштанд: гӯё либосро бурида гузашта, ба тани бараҳнаи кас менигаристанд. Аммо дар муомала шумо бениҳоят боназокат будед. Бештар бо нимтабассуми хаёлангез савол мекардеду ҷавоби маро бо тамкин, то ба охир гӯш медодед. Ман аз тобиши нигоҳатон пай мебурдам, ки гуфтаҳои маро ба чандин паҳлу гардонида, месанҷед, хулоса мегиред.

– Майли тамошои боғи ҳайвонот доред? – пурсидед Шумо, баъди он ки ҳар ду қариб ним соат гардиш кардему аз ҳар хусус гуфтугузор доштем.

– Ман паррандаю чаррандаи ин ҷоро тамошо кардам… Хайр, агар шумо диданӣ бошед, ҳамроҳ мешавам, – гуфтам ман рӯйирост.

– Не... Ин тавр бошад… Боз кӯҷои шаҳрамонро ба шумо нишон диҳам?.. Хайр, аввал ба ягон ресторани хуб рафта, хӯрок хӯрем чӣ? А? Чӣ мегӯед? – Баъди лаҳзае андешидан шумо боз пешниҳоди дигар кардед.

– Ресторан чӣ лозим, муаллим?! Ман серам… – гуфтам бо табассум, то ки даъвататонро паёпай рад карданам боиси малоли хотир набошад.

Аммо шумо хаёли ранҷидан надоштед, балки бепарво аз ваҷҳи ба куҷо рафтанамон фикратонро гуфта, аз ман маслиҳат мепурсидед.

– Мавзеи аз ҳама зебою лоиқи тамошо – дараи Варзоб аст… Ҳар як меҳмони азизро мо ба тамошои ин дара мебарем. Дигар ҷойи ба меҳмон нишон доданӣ надорем. Ҳарчанд ифтихорамон баланд аст, бояд ба ночор иқрор кунем, ки хеле камбағалем, аз ин рӯ бо он чӣ табиат додаст, қаноат мекунем… Дар пойтахт як иморати назаррабо нест, на бозор, на мазор, чунон ки баъзе меҳмонон мегӯянд, Душанбе деҳаи калон аст, – гуфтед ба дард абру чин намуда. – Мардум бехона, аммо шабу рӯз як милюн тонна пахта медиҳем, гӯён гулӯ медарронем!

– Деҳаи мо, аз ин меъёр оғил ҳисоб меёфтаст-дия! – гуфтам.

– Дар назари хориҷиён оғил ҳам не, – гуфтед Шумо ва сипас зуд мавзӯи гуфтугӯро дигар кардед. – Хайр, ҳоло Шумо меҳмони ман… Шумо нафақат меҳмони азизи ман, балки зиёдтар аз он… Рафтем, ба макони бобоёнамон, ба кӯҳсорҳо…

Ба ҷуз ризо илоҷи дигар надоштам, зеро зиёда аз сухан ва ё ҳаракати ба хоҳиши шумо хилофмонанд, худдорӣ кардан аз шарти адаб ва назокат буд.

Ман дар он айём ба амри тасодуф бовар мекардам. Агар муаллими адабиёт гӯяд, ки амири Сомонӣ бо лашкар Сабуктегинро барои пасанда кардани балвогарон намефиристод, хонадони Ғазнавиён арзи вуҷуд намекард, ман бовар доштам. Ё худ Паскалро мехондаму “Агар бинии Клеопатра андаке кӯтоҳтар мебуд, дунё дигаргуна сурат мегирифт”, гӯяд, ба ин амри адиби франсавӣ ҳеч шубҳа надоштам. Чунин мисолҳо дар таърих бисёранд, вале ман ба он ҳама сидқан бовар мекардам. Акнун медонам, ки тасодуфҳои камарзиш сабабгори воқеа намешаванд. Ба фикри ман, дар ҷодаи муҳаббату дилбандиҳо як андоза дасти қисмату толеъ ҳам ҷавлон мекунад. Вагарна ба ман чӣ шуд, ки дар мактаби деҳа мехондаму худро рафиқи ҳамкори шумо ва дастёратон мепиндоштам, тайёр

будам, ки дастнависҳои хомакии шуморо гаштаю баргашта покнавис намоям ё дар мошинка чоп кунам. Ман метавонистам, ки худам ҳам як чиз-ним чиз нависам, эҷод кунам, ба кори таҳқиқи адабиёт машғул бошам, аммо намехостам. Майлам бар он буд, ки дастнависҳои шуморо ба нашр ҳозир кунам, ба тартиб оварам, чунон ки Софя Андреевна ёвари Толстойи бузург буд. Агар аз шӯълаи шуҳрати шумо ламъае ба ман расад, қаноатманд будам… Шумо ҳоло ин гуна хаёлтарошиҳои бебоконаи духтари деҳотиро шунида, балки механдидед, рост не?..

Ман он рӯз дар паҳлуи шумо дар мошин нишастаму чӣ гуна атрофиён бо чашмони ҳавасбор бо мо менигаристанд, ҳеч пай бурда будед? Чӣ гуна хушбахт будам ман, шумо ҳеч огоҳӣ надоштед!..

Покизагию озодагии сару тан ва вуҷуди шумо, кабинаи беғубори мошинатон, гуфтугӯятон – ҳамааш маро мафтун мекард. Аз рӯйи асарҳоятон ман шуморо ҷавонмарди зиёда пуртамкину андешаманд тасаввур мекардам, вале он рӯз иқрор намудам, ки дар воқеъ аз пиндошти ман беҳтаред, шӯхгуфтору латифтабъ ва зеботаред.

Ба фикрам, он рӯз мо якдигарро ба диққат месанҷидем, аз ҳар як сухан, пешниҳод, табассум, ханда, аз ҳар як ҳаракат ва нигоҳи якдигар ба худ хулоса мебардоштем. Медонам, бе қилу қол ҳамроҳатон ба сайри дара равона гаштани ман шуморо андаке ҳайрон кард, аммо ман дигаргуна рафтор карда наметавонистам. Агарчи метавонистам сабабе пеш биёраму бигӯям, ки имрӯз ба дугонаҳоям таъкид накарда омадам, агар малолатон наояд, ягон рӯзи дигар, пӯла-шӯла… Вале чунин муомала, (сонитар инро хуб санҷидед) дар хулқу атвори ман набуд. Бинобар он, зоҳиран бебок ва гӯё бехиҷолат дар ошхонаи канори рӯд ҳамроҳатон нишаста кабоб хӯрдаму оби мева, бемалол бо шумо дар рӯйи хоросанги соҳил бо сӯҳбат нишастам. Дар хотир доред,

ба шумо аз ҳаёти худ чунон бо рағбат ҳикоя мекардам, гӯё мо бо ҳам чандинсола шиносон бошем? Баъд шумо аз бордони мошинатон либос ва кафши варзишӣ гирифта пӯшидеду гуфтед, ки ба кӯтали рӯ ба рӯ баромада меоед. Ин барои шумо як навъ варзиш будаст. Шумо магнитофони мошинро ба кор андохтед, то ман тарона шунида, дар танҳоӣ дилтанг набошам. Аммо ман боз як бор шуморо ҳайрон кардам:

– Ҳамроҳи шумо ба кӯтал бароям-чӣ? Натарсед, ман ба шумо бор намешавам, – гуфтам ман бо як навъ адои хоси духтарона шармида.

Шумо ҳайрониатонро моҳирона пинҳон кунед ҳам, ман донистам, ки он лаҳза аз дилатон чӣ гапҳо гузашт. “Ин духтар аз ҳеч бало намеҳаросад, метарсам, ки мабодо аз таҳи сад дор гурехта, ба чандин гӯлах алав мондагӣ бошад”. Тахминан чунин гуфтед. Ҳамин тавр не? Баъдтар худатон санҷидед, ки ман риёкорона хоҳишамро пардапӯш кардан наметавонам ва аз ин гуна гурбарақсониҳо безорам. Хоса, он рӯз, ки ба дидори шумо расида будам, сипоҳигарӣ кардан дар назарам аблаҳии маҳз менамуд.

– Охир… шумо либоси мувофиқ надоред… Бо ин чумчаяк чӣ хел ба кӯҳ мебароед? – гуфтед шумо ба кафшҳои нафису нӯгборики ман нигариста бо табассум.

– Пойлуч мебароям!.. – гуфтам ман бебок, лаҳзае наандешида. Баъд тавзеҳ намудам: – Ман дар пахтазор пойлуч кор карда одат кардаам. Мегӯянд, ки дар замин пойлуч гаштан барои саломатӣ нафъ дорад.

– Рост мегӯед, заряди электрикии вуҷуди одамро замин мегирад. – Инро гуфтеду хандидед шумо. Баъд илова кардед: – Яке мегӯяд – бараҳнагӣ нафъ дорад, дигаре мегӯяд – гуруснагӣ…

– Умуман, фақирӣ барои сиҳатӣ нафъ доштаст-дия, – гуфтам ман аз сари шӯхӣ бедард хандида он замон. –

Ҳайронам, ки барои чӣ ягон мансабдори камбағалро намебинам. Агар раиси колхоз, директори совхоз, раҳбари район ё вазири нодорро медидам…

Шумо гуфтаҳои маро лаҳзае бо табассум ба рӯйи ман нигариста гӯш доведу баъд ба нишони тасдиқ сар ҷунбондед ва ба чашмам нигариста, як навъ навозишкорона, балки меҳромез хандидед. Хандаатон он лаҳза ҷилвае аз ҳамфикрӣ, ҳайронӣ ва шодмонӣ буд. Баъд, шумо далер дасти маро гирифтеду гуфтед:

– Рафтем! ...

Ҳеч пай набурдед, ки чӣ гуна дасти маро гирифтеду вуҷудамро раъша гирифт?

Шумо дасти маро гирифтеду аз пайраҳаи борик ба ҷониби кӯҳ раҳ гирифтед ва ман гӯё ба ин амал кайҳо одат карда бошам, хомӯш ба шумо мувофиқат кардам. Аммо бехабар будед, ки он соат шумо дар кафи дастони худ дасти маро не, диламро фишурда мерафтед!.. Қалби бечораи ман он лаҳза яку якбора ба мисли мурғаки ногаҳон дар бом афтода чунон метапид, хаёл мекардам, ки ҳамин замон аз ҳуш меравам. Шумо вазъи маро намедидед, балки парвои фалак надоштед, намедонистед, ки дасти духтареро, ки ҳаргиз касе нафишурдааст, бори нахуст мефишоред… Барои духтари бедарду беҳис, балки ин кори осон бошад, аммо барои ман…

Баъдан ҳисси шаҳват ақли шуморо тира кард магар, ба чашмони ман ба гардану сари сина ва дигар узвҳои ман як навъ ҳарисона менигаристеду ким чӣ хел густохона лабханд менамудед. Маънии ин гуна лабханди шуморо идрок карда натавониста, он рӯз саргаранг будам.

Дар он айём хеле гӯл будаам, хомандешу содалавҳ ва билониҳоя хушбовар будаам, инро ман сонитар донистам. Маънии лабханди шуморо идрок накарда, ба шубҳа афтодам, вале хушҳол мерафтаму мерафтам… Акнун, баъди гузаштани солҳо нек медонам, ки шумо чаро он

рӯз асроромез лабханд мекардед. Ҳақиқати ҳолро ҳоло бигӯям, шумо шунавед: он рӯз ақидаи шумо аз бобати ман ҳар лаҳза дигаргун буд – гоҳ маро поку сода мешумурдед, вале дақиқае баъд гумон мекардед, ки ман як духтари аз ҳайси гӯлию гумроҳӣ ба бадгардӣ хӯ гирифта, балки сабукфикрам, вагарна ба шумо овезон намегаштам. Ҳамин тавр не?..

Бешубҳа, аз рӯйи рафторам он рӯз ҳар як марди солимақл чунин хулоса мегирифт. Охир, кадом духтари бамаънӣ ва поку мубарро рӯзи нахустини шиносоӣ бо як марди бегона ва ҳаргиз ноозмуда, боз зану фарзанддор ба кӯтали хилват меравам мегӯяд?! Аммо ман ин амали худро ба ёд оварда, имрӯз ҳам афсӯс намехӯрам, пушаймон нестам, хиҷолат намекашам. Фаразан, агар имрӯз кулли он саргузаштамро дигарбора аз сар гузаронданам лозим ояд, лаҳзае дудила нагашта, даст ба дасти шумо медодаму боз ба он кӯҳҳои дуродури осмонбӯс мерафтам... Маро муҳаббат раҳнамун буд, вале шумо ҳанӯз огоҳ набудед. Муҳаббати ҳақиқӣ иборат аз бӯсу канор ва лаззати шаҳват нест, охир! Он ба никоҳ ва дигар бурду бохт низ коре надорад...

Бале, ақли ман дар ҷояш буд, қабл аз ин аз ҳеч марде навозиш надида будам, саҳеҳтараш ин, ки дар дунё барои ман дигар марде вуҷуд надошт. Ман фақат муҳаббати шуморо муддатҳо дар дилу ҷонам парварда будам ва нек медонистам, ки дар умр дигар касеро монанди Шумо дӯст нахоҳам дошт, меҳри аввалу охир барои ман Шумо будед.

Агар дона ба замини ҳанӯз норасида биафтад, зоеъ хоҳад шуд. Тарси ман аз он буд, ки шумо ба дӯстдории ман тайёр нестед, мабодо, ки хато кунам... Сонитар ҳақиқати ин сухани маро худатон ҳам тасдиқ карда будед.

Албатта, он рӯз, дар он лаҳза шумо аз вазъи мансирф бехабар будед. Азбаски дасти бисёр занону духта-

ронро ба ин минвол бепарво дар кафи дастони худ гирифта фишурдаед, нармак-нармак навозишҳо кардаед, дили шуморо дасти ман камтар ба изтироб овардагист?

Албатта, ин гумони маро ба дил сахт нигаред, агар ғалат мекунам, қаблан маъзарат мехоҳам. Аммо лаҳзае ба ҷойи ман худро гузореду нигаред… Охир, умрам бино гашт, бори нахуст дасти маро марде дар кафи дастони худ гирифта мефишурд! Бори нахуст!.. Мо дар деҳа агар бо ҷинси мард даст дода вохӯрӣ кунем, фақат бо наздикону пайвандони худ… Кош, он рӯз ин маъниро мефаҳмидеду вазъи мани бечораро идрок мекардед!..

Он рӯз ман хайрият мегуфтам, ки шумо ба авзоъи ман бодиққат, зеҳн монда наменигаред ва ҳоли маро возеҳ пай намебаред. Он лаҳзаҳо чӣ тӯфоне дар вуҷуди ман бархостанашро агар медонистед… Ба фикрам, шумо мардон дар нисбати занҳо карахттаред, баъзан бедарду бепарвоед, худкому худбинед! Аммо ҳангоми ба каф қалам гирифтан, шумо зоҳиран, куллан тағйир меёбед. Дар ҳикояву қиссаҳоятон ба тамом дигаред: дилшинос, борикбин, рамузфаҳму дардошно… Аз ин таънаҳо наранҷед, чунон ки мегӯянд, бар дари хона ҳар саге шер аст!..

Мо саравал аз пайраҳаи регдав мерафтем. Реги гарму нарм пойҳои урёни маро гӯё молиш медоду навозиш мекард. Баъд пайраҳаи алафпӯш оғоз ёфт. Акнун алафҳои хордор кам-кам ба пойи ман мехалиданд, вале сабр мекардаму дардамро зоҳир намесохтам, баъзан поямро ба замин молида, хори саҳл дармондаро берун мекардам. Аммо гоҳе баночор рӯйи раҳ менишастаму хори ба поям дарун рафтаро гирифтанӣ мешудам. Шумо ҳам чолок дар барам менишастеду аз пойи ман хорро берун меовардед. Расидани милаҳои мӯйи шогирд ба муаллим, ки дар романҳои адибони гузаштаи Аврупо борҳо тасвир шудааст ва оғози муҳаббати анъанавии онон муқаррар гаштааст, он рӯз, ба гумонам, миёни ману шумо ҳам пай-

ванд меандохт. Ҳангоми хоргирӣ баъзан баробар механмидему ҷабин ва сару мӯҳои мо ба ҳам мерасид. Шумо пойи хорзадаи маро рӯйи даст дошта, хеле машғул мегаштед, вале бесӯзан хори шикаста ба осонӣ берун намеомад.

– Монед… Сонӣ мегирам... Худро азоб надиҳед… – мегуфтам ман ҳар замон аз хиҷолат даргирифта.

– Азоб мегӯед?! Ин пойи зеборо барои як бор навозиш кардан ними ҳаётамро бидиҳам, ки боз кам аст… Афродита гӯён гаштаанд мардумон, шумо – Афродитаи зиндаед!..

Аз ин қабил суханон ҳар қадар мегуфтед, ман “муболиға мекунед” гӯён механдидам, вале ҳароина шодмонии маро канор набуд. Хайр, худатон хуб медонед, дар синни ҳабдаҳ инчунин тавсифро ҳеч як духтари андаке хушгилу тозарӯ ба шахси худ хушомад ва тамаллуқ намепиндорад.

Чӣ ҷойи шубҳа, дар воқеъ ҳам, чашм доштам ва медидам, ки ҳар як узв аз узви дигарам зебою дилҷӯ, мутаносибу мавзун аст, баъзан дар муқоиса бо зеботарин духтарони шаҳри ҳуснободи шумо ба худ менигаристаму аз назокату малоҳате, ки табиат ба ман додааст, мамнун будам, аз худ ҳеч нуқсе ва норасоие намеёфтам.

Баъд роҳи мо аз санглох афтоду раҳ гаштани ман боз ҳам мушкилтар гашт. Аз рӯйи сангҳои тез по мондан маро азият медод. Ногаҳон шумо бо шӯхӣ маро сари ду даст озод бардоштед. Ман аз шарм, аз хиҷолат фарёде баровардаму кӯшиш кардам, ки аз дастатон раҳоӣ ёбам, аммо ба муқобили ин амал шумо маро ба тани худ ҷафс мегирифтед. Ман рӯйи дастони шумо почак мезадаму зорӣ мекардам, ки ба замин гузоред… Баъд… оташи лабони шумо ба лабонам рехту нафасгир гаштам, гӯё лаҳзае чашмонамро пӯшидаму аз ҳуш рафтам, хомӯш гаштам… Не, “хомӯш гаштам” на он сухани даркорӣ аст,

тамоми шодмонию изтиробам ба дарун заду гумонам, ки сонияе аз ҳуш рафтам.

Ҳамон рӯз шӯхию лаззати висоли мо аз ҳадди бӯсу канор берун нарафт. Ман ба тарзи қатъӣ ҳаваси шуморо монеъ гаштам:

– Фақат дар бистари никоҳ…

Он рӯзе, ки ин суханро мегуфтам, дилпур будам, ки шумо дар насиби манеду ман сайди шумоям. Амин будам, ки шумо ҳаргиз аз ман гузар карда наметавонед, зеро ҳеч духтаре ба чунин раъноӣ дар дунё шуморо ба мисли ман дӯстдор нест ва чунин зебоӣ дигар ҳанӯз аз модар назодаст. Бе ҳеч шубҳае, шумо он замон ба худбоварии ҷавонии ман хандидагистед… Худам ҳам имрӯз ба он ғурур ва дилпуриҳои ҷавониам механдам...

Ҳоло он муҳаббат ва он рӯзгоронро бе изтироб ба ёд оварда наметавонам, хотира ва тасвири он айём ҳар шабу рӯз чандин бор пеши назарам меояд. Бовар мекунед, маҳз ҳамин диду водид ва шӯълаи хотираҳо имрӯз боиси шодмонии ман аст. Охир, ман дигар мардеро ба ин тариқ дӯстдор набудам ва дигар дӯст нахоҳам дошт. Айёми муҳаббату хушбахтиҳои ман бо шумо гузашт… Аслан, зане, ки ба қисмати худ тан медиҳад, ақлманд аст, агарчи мардуми кӯтаҳназар аз бехирадӣ ба ин ҳукм тамасхур мекунанд. Чӣ илоҷ, даври мо бюрократ ва лаққиёни беҳударо аз ҳар давру замоне бештар ба рӯйи кор овард.

Қисмати ман ин аст, ки имрӯз ё аниқтараш ин шаб бемуҳаббат дар бистари никоҳ бояд бихобам… Аз як ҷиҳат, бовар мекунед, ки хурсандам. Хурсандам, ки ман ба ҳисси худ, ба майлу хоҳиш худ ғолиб будан тавонистам, аз ҷиҳати дигар ба ҳар ҳол, аламовар аст.

Агар зани аслан бебахти шуморо бештар дар мусибат мемондам, фарзандонатонро аламзада мекардам, магар дар умр ман осоиш ва комронӣ ёфтан метавонистам?!

Албатта, шумо хоҳед гуфт: “Зани ман аз ду сар бадбахт аст, бо касе, ки ӯро дӯст намедорад, ҳамзистӣ бадбахтии якумрист…” Медонам, аммо мехоҳам, ки аз ман домангир набошад, азоби виҷдон барои ман аз ҳар уқубате сахттар аст. Вақте ки ҳамсаратон ба суроғи ман омад, мо дуру дароз ҳамгап будем ва ӯ ашкрезон хоҳиш кард: “Агар маро дӯст надорад ҳам, бигзор, ки ба хотири фарзандонаш бо ман монад… Ту ба ман шафқат куну аз вай даст каш…” Чӣ гӯям, агар вай ба худ ҳаминро раво бинад… Ман ба марде, ки маро дӯст намедорад, як шаб ҳам ҳамболин намегаштам. Ин ҷавоне, ки ҳоло маро ба занӣ мегирад, дар ишқи ман девона аст, фақат ман ӯро шумо барин дӯст доштанам дар гумон.

…Дар тӯли панҷ соли дар шаҳр буданам чӣ қадар диду водид, чӣ миқдор рӯзҳои хушию хуррамӣ буданд – он ҳамаро мӯ ба мӯ ба шумо боз гуфтанамро ҳоҷат набудагист. Ману Шумо зану шавҳар набудем, аммо ҳеч зане бо шавҳари худ ин қадар хушбахту хушҳол набуд, чунон ки ман бо Шумо ва аминам, ки Шумо ҳам бо зани худ ҳаргиз чунин хушвақт набудед, чунон ки бо ман! Балки аз ҳамин сабаб баъди хатми донишгоҳ, чун суханамон бо якдигар бахя нахӯрд, ба кӯҳу дараҳои диловези Душанбе падруд карданам сахт мушкил гашт. Дар сари қаҳру ситеза, боре бо алам хитобан ба он диёри орзую муҳаббатам дар рӯзномаи худ навишта будам: “Шавад имсол хунин ҷӯйборат, Бало рӯяд зи кӯҳу марғзорат…”

Чӣ гӯям, ки шумо дар ҳар бобат ҷавонмард будед. Дар охир ҳам ҷавонмардӣ кардед, аммо чӣ кунам, ки ман наметавонистам, дигаргуна амал кунам… Не, ман сараввал аз садоқат ва меҳрубониҳои шумо навиштан мехоҳам…

Ёд доред, ки боре ба сайри Файзобод рафта будем, дар мағозаи ноҳия он ҷо боронии чармини гаронбаҳоеро дидем. Ман бо ҳавас ба он либоси дар мо расмшуда ва камёб нигаристаму шумо фавран гуфтед:

– Ку, як бор бипӯш.

– Чӣ даркор? Барои янгаам?

– Мебинам, барои кӣ мувофиқ аст…

Ман он бoрониро пӯшидам, мувофиқи қадду басти ман, шинам ва зебанда буд.

– Ба ҳеч зан чунин мувофиқ наомадаст! – гуфт фурӯшанда ва бо ҳамин як сухан номаълум оташи ҳасрати маро доман зад.

– Дигар аз танат дар наёр! – гуфтед, ба нишони писандидагӣ сарангуштатонро боло бардошта. – Гӯё маҳз барои ту дӯхтаанд! – Баъд ҳазломез илова кардед: – Наход ки дар дунё боз духтари дигаре қадду басти туро дошта бошад?! Не, ту ягонаӣ!.. Ҳайронам, аз куҷо андоза гирифта бошанд? Ку, бубин, моли кадом кишвар аст?..

Дар ҷайб пули зиёд надоштед, аммо бе ҳеч дудилагӣ масофаи қариб панҷоҳ километрро гузашта ба шаҳр рафтеду пулро аз касе қарз карда овардед ва он бoрониро барои ман харидед. Охир, қиммати он қариб моҳонаи яксолаи падари колхозчии ман аст.

Чунин меҳрубониҳо ва инояту дилҷӯиҳои шумо ба ман кам набуд, аз ваҷҳи ҳиммат ва ҷавонмардӣ ман аз шумо болотар касеро намедонам. Аммо аз тӯҳфаҳои гаронбаҳо ҳаргиз хурсанд набудам. Ҳар яке аз инчунин тӯҳфаҳои шумо гӯё ба забон меомаду ба ман мегуфт: “Ту маъшуқаи вай ҳастӣ!” Ман маъшуқа будан намехостам. Муҳаббати ман болотар аз ҳадди дӯстдориҳои муқаррарӣ буд ва ҳақ доштам, ки мукофоти арзандатареро сазовор бошам.

Агарчи шумо маро сидқан дӯстдор будед, солҳои аввал баъзан ба васвасаи шайтон медаромадам ва ба самимияти шумо шубҳа мекардам. Вале баъд аз як ҳодисаи дар айёми пахтачинӣ рӯйдода дигар ба меҳру вафои шумо тан надода наметавонистам.

Одатан, ҳар тирамоҳ донишҷӯёнро қариб ба мудда-

ти ду моҳ барои пахтачинӣ ба районҳо мебурданд. Ба деҳқон осон аст, баъди кори саҳро дар хона танашро мешӯяд, истироҳат, чою хӯроки дилхоҳашро мехӯраду кӯфтагиашро мебарорад. Аммо донишҷӯён баъзан бистсӣ нафарӣ дар клубу чойхонаи деҳа, синфхонаҳои мактаб ва ё дар шипангҳои бригадаҳо зиндагӣ карда, пахта мечиданд. Айёми сармои танги тирамоҳ ва аввали зимистон он зисту зиндагиро Худо ба саг нишон надиҳад, ки он ҳам ҷонвари вафодор аст: на василаи шустушӯи дуруст, на оби гуворои ошомиданӣ, на чою на хӯроки дилкаш, на хонаи гарм… Ҳар рӯз макароншӯрбои бемазза, агар баъзан палав пазанд ҳам, аз беҳунарии донишҷӯи аз ночорӣ ошпазиро ба зима гирифта он хӯрокро ба даҳан гирифтан мушкил буд. Хусусан, ки аз оби нопоку заҳролуди ҷӯйборон хӯрда, бисёр духтарону ҷавонон бемор мешуданд. Ба гумонам, ман соли аввал маҳз аз ҳамон обҳои заҳрогин ба марази зардпарвин мубтало гашта будам... Чӣ ҳоҷати гуфтан, худатон медонед, қариб ҳар сол аз фасли пахтачинӣ ягон маразе ба ман мечаспид, шумо аз сари киноя мегуфтед: “Боз чӣ “мукофот” овардӣ?” Ёдам меояд, соли аввали ба зардпарвин мубтало гаштанам хеле дар талвоса афтодед, басо ташвиш додаматон. Маро ба бемористони шаҳр оварданду шумо ҳар бегоҳӣ тӯрхалта дар даст дар паси девори беморхона ҳозир будед. Ҳамаи дилсӯзӣ ва ғамгусориҳоятонро як ба як дар хотир дорам. Духтурҳо ва ҳамшираҳо мегуфтанд: “Шавҳарат ё вазир-пазир аст ё савдогари калон, ҳама чизро барои ту муҳайё мекунад…” Ман дар ҷавоб механдидаму болида мегуфтам: “На вазир аст, на савдогар, сидқан дӯстам медорад!..” Ба моҳӣ нигаристани бемор фоида дорад гӯянд, шумо рӯйи ҷевончаи ман аквариум оварда мондед; ҳар рӯз шарбати сабзӣ, аксаран ҷавро ҷӯшонда, обашро меовардед, шикамбаи гов, лимӯ… Мардуми дорушинос ҳар чӣ

гӯянд, шумо онро барои ман ҳозир мекардед... Боз аз матлаб дур рафтам.

Чӣ гӯям, ки аслан ногуфтанам беҳтар аст, вале боядам гуфт. Ҳодисае, ки гуфтаниам, тирамоҳи соли сеюми таҳсилам рӯй дода буд. Гурӯҳи мо баъди пахтачинӣ шомгоҳон ба аробаи трактор савор аз пахтазор ба манзилгоҳ меомад, ки ногаҳон ароба аз рӯйи пули заҳбур ба поён лағҷид. Ман дар бемористони район ба худ омадам. Нахустин дархостам аз ҳамсабақон ҳамин буд, ки ба шумо занг зананду аҳволамро хабар диҳанд. Мехостам, ки дар лаҳзаҳои вопасини умр шумо дар барам бошед. Ман кӯрнамаку носипос бошам, агар дар умр он ҳама ғамгусориҳои шуморо фаромӯш кунам. Чӣ сон фаромӯш кунам, ки рӯзи дигари ҳодиса аллакай шумо дар сари болини ман ҳозир будед ва аз дидори шумо ҳоли ман худ аз худ беҳтар шуд.

Баъди ҳафтае маро ба бемористони шаҳр бурдед. Захми чашмам шуморо беқарор медошт. Духтурҳои гуногун диданд, санҷиданд, табобат карданд ва оқибат ба шумо ба тариқи дӯстона маслиҳат доданд: агар боре мутахассисони Маскав муоина кунанд, бе манфиат нахоҳад буд.

Як ҳафта ҳамроҳам ба Маскав рафтед. Аз дорую дармонҳои тавсия кардагии профессори масковӣ чашмам равшантар гашт, хеле беҳтар медидам, аммо шумо ҳеч таскин намеёфтед.

Баъд, тобистони ҳамон сол, чун айёми таътил фаро расид, шумо маро ба шаҳри Одесса бурдед. Дар он шаҳр як нафар профессори машҳур маро табобат карду баъди он шумо аз ваҷҳи чашмам андаке хотирҷамъ гаштед.

Ман ин ҳамаро аслан барои чӣ ба шумо менависам, ҳайронам. Бале, саргузаштамро мӯ ба мӯ дар хотир дорам. Ҳамчунон медонам, ки ҳоло аз чӣ каси наздикам якумрӣ ҷудо мешавам. Вале мехоҳам, ки шуморо боре ба

худатон боз намоям, мехоҳам ба симои худ имрӯз аз даричаи чашмони ман ҳам нигаред. Боз мехоҳам, ки бигӯям, чаро аз бахти худ даст кашидам? Ба хотири кӣ?... Худатон медонед…

Чӣ кунам, ки ман ҳамаи ин майда-чуйдаҳои саргузаштамонро лаҳзае фаромӯш кардан наметавонам. Бинобар он, аз шумо оҷизона хоҳонам: соате тоқат биёвареду ин навиштаҳои маро бихонед, аз рози даруни духтаре, ки аз рӯйи ҳавас не, бо умеди қавӣ шуморо дӯстдор буд ва як умр дар муҳаббати худ пойдор хоҳад монд, сарсарӣ нагузаред. Бузургони Шарқи қадим маро ба таъсири осори худ ҳамеша умедворӣ омӯхтанд, вале ман чунон ки дар сари шохи дарахти баланде бошам, мудом ҳаросон будам, ҳар лаҳза аз дилам мегузашт, ки ҳамин замон сарнагун меафтам ва оқибат афтодам. Чӣ қадар зӯр задам, то ба хоҳиши худ ғолиб бошам, аммо рӯзгор қонуну қоидаи худро доштааст, ки аз он гузар карданам мушкил омад. Файласуф Декарт мегӯяд: “Қоидаи ман чунин буд, ки зӯрозмоие бикунаму ба шахси худ ғолиб бошам, на ба қисмат, майлу хоҳиши худро тағйир кунам, на тартиботи ҷаҳонро”. Дареғо, ки ман на инро метавонаму на онро. Ҳамин оҷизӣ ва нотавонӣ маро муддатҳо дарун-дарун месӯхт, вале шумо ҳамеша дастгирам будед. Доимо мегуфтед: “Оё медонӣ, ҳамин бечорагии ту низ аз қудрату нерумандиат бармеояд?” Маро таскин медодед, ҳамин тавр не?..

Албатта, баъзан аз ин ҳоли худ ба худ ғазаб мекардаму суханони ҳазор сол пеш аз ин гуфтаи Ҳаким Фирдавсии Тӯсиро мехондам: “Зану аҷдаҳо – ҳар ду дар хок беҳ. Ҷаҳон пок з-ин ҳар ду нопок беҳ”. Аммо баъди лаҳзае боз ба худ мегуфтам: “Охир, ҳамон шоири бузург низ зодаи зани бечора  аст-ку! Муҳаббат ва дӯстдорӣ дар сиришти зан махлут аст…”

Акнун ба шумо бигӯям, дар тӯли панҷ соли таҳсил дар донишкада талабгорони ман кам набуданд, агарчи аксар ба арзи ниёзи худ ҷасорат намекарданд. Агар дар дили духтар ҳаваси марди дигар нест, ӯ ҳеч касро наменигарад ва ё нигарад ҳам, ӯро намебинад. Барои ман дар дунё дигар марде вуҷуд надошт. Аммо писараки заифақли кадом як мансабдори баландпоя аз камоли бефаҳмӣ аз пасам хеле муддат кашолаю овора гашт, савори “Волга” -ҳои ҳукуматӣ сари роҳамро мепойид. Оқибат, ӯ маро тарсондан хосту ба таҳдиду таъннӣ оғоз намуд. Бефаросатро чӣ ҳам гӯям, ман ба ҷониби вай боре шавқмандона нанигариста бошам? Аммо як нафар муаллими ҷавони донишгоҳ, ки дар шумори олимони соҳибэътибор буд, сидқан маро хеле талабгорӣ кард. Ба ҳамин монанд хоҳишмандон хеле буданд, аммо ҳеч яке дили маро андаке ба ҳаяҷону изтироб наоварда бошанд, чӣ кунам?!

Худатон медонед, ҳар тобистон, чун фасли таътил фаро расад, падару модар маро тӯй карданӣ мешуданд. Модарам аз равуои хостгорон ба ҷон безор гашта буд, ки солҳои охир мегуфт:

– Э, агар дилхоҳи худат бошад, бигӯ, хостгораш биёяд, туро бароварда бидиҳаму ҷонам ором бигирад. Шабу рӯзамон дар ғами ту мегузарад, дар деҳа ҳамсоли ту ягон духтар намонд: кӯру кар ҳам шавҳар кард, тоҷи сар ҳам…

Аммо ман, ба қавли Ибни Амин, “дар чист дар ин ҳодиса, девор кадом аст”, намедонистам.

…Хулласи калом, баъди хатми донишгоҳ ба деҳа омадаму падару модарро аз ҳавли пирдухтар гаштанам хотирпарешон дида, ба ҳоли онҳо раҳмам омад, дилам сӯхт. Хайр, расму одати халқамонро медонед – дар чунин ҳол хобу хӯри волидайн ҳаром аст.

– Ба ҳар касе маро мувофиқ медонед, тӯй кунеду би-

диҳед, ман розиам, – гуфтам ногаҳонӣ ва онҳоро ҳам моту мабҳут сохтам.

Балки шумо аз ин кори ман ҳайрон мешаведу мегӯед: “Ку он дили ҳассосу орзупарвари ту, он – ҳама афкори равшану донишу маърифатро чӣ шуд?!” Бовар кунед, қариб ними занон бе муҳаббати сидқӣ бо шавҳарони худ зиндагӣ мекунанд. Ба хотири ин, ба хотири он… Ман падару модарамро зиёда уқубат додан нахостам. Онҳо аз таънаю маломати мардум чунон метарсанд, ки ин ҳолро шумо – мардуми шаҳр, дар тасаввур оварда наметавонед.

Инак, волидайн имрӯз маро ба шавҳар медиҳанд. Дар ҳавлӣ аз субҳидам тараддуд, валвала, хулоса тӯй. Аҷиб аст, ки ман тамоман бепарвоям. Дар хонан дарун нишаста, ин номаро ба шумо менависам. Гӯё тӯйи духтари дигаре бошад. Имшаб маро бо “ёр-ёр” ба хонаи домод мебаранд. Агарчи хуб медонам дар дунё ба марди дигаре дил дода наметавонам. Шумо гумон мекунед, ки ман бадбахтам ва дар берӯзии ман худро гунаҳкор меҳисобед. Ман бадбахт нестам. Агар бе муҳаббати шумо, имрӯз аз рӯйи расму одати маъмула бошад, ки якеро ниму нимкора писандида, шавҳар мекардам, он гоҳ дар воқеъ, бадбахт будам. Ман дар ҳаёт лаззати муҳаббати ҳақиқиро чашидам. Ҳар як вохӯрӣ бо шумо бароям ид буд! Дар Аврупо чунин мешуморанд: “Муҳаббат даргузар аст, он бо ақди никоҳ хотима меёбад”. Аммо ман намехоҳам, ки муҳаббатам хотима ёбад. Ба ҳар ҳол, бо ҳамин хулосаи на чандон эътимодбахш худро таскин медиҳам. Шумо гуфтаи шоира Зебуннисоро андаке тағйир дода, ба ман мегуфтед: “Риштаи доноиат дар пойи ту занҷир шуд”, балки ин ҳукм дуруст аст. Ба ҳар ҳол хотир осуда доред, дар ин бобат гуноҳи шумо нест, шумо талаби издивоҷ намудед, вале ман розӣ нашудам. Шуморо боз як бор ҳайрон кардам. Чӣ кунам, ки ман панҷ соли расо шуморо ҳар мудом дар ҳайрат афканда

зиндагӣ доштам! Ҳамин тавр не? Шумо ҳаргиз чашмдор набудед, ки талаби издивоҷи шуморо ман рад мекунам. Акнун сабаби ин қарордоди худро ба шумо мегӯям: ман дар оташи бадбахтии зану фарзандони шумо гармӣ ёфта ва хушбахт буданро нахостам. Хушбахтӣ бояд ки беғилу ғаш бошад. Аз ин сабаб он рӯз ба шумо гуфтам:

– Маро дар никоҳи худ доред… Аммо аз ҳамсару фарзандонатон ҷудо нашавед… Дар ягон гӯшаи шаҳр иқоматгоҳе меёбам… Агар ҳафтае як бор хабар гиредам, ки бас аст.

Шумо аз ин пешниҳод тааҷҷуб кардед, ҳатто андаке дар ҳарос афтода гуфтед:

– Яъне… кабӯтари дубома?.. Не-е.... Ду зан доштан хилофи қонун аст… бо қонун шӯхӣ кардан намешавад…

– Хуб, маро зани худ наҳисобед… ҳамчун маъшуқа, маҳбуба… Ҳар чӣ гӯед.. Фақат бо ман ақди никоҳ кунед... – Ин охирин чораи имконпазир буд, ки ба шумо пешниҳод кардам.

– Ин чӣ хел мешавад?.. – гуфтед шумо ҳайрону малул ва сахт дар банди андеша дармондед.

Ман розӣ будам, ки ба шумо зани дуюм, сеюм, чорум ҳам бошам, фақат дар ин дунё шумо андаке ба ман ҳам тааллуқ дошта бошед. Аммо шумо аз қонун андешидед. Ба ростӣ, ман қонунҳои мамлакатамонро саҳеҳ намедонам. Хайр, ҳеч гап не, ман аз шумо ҳаргиз озурда нестам, агарчи нек медонам: “Оташе нест, ки охир нашавад хокистар! ”

Дигар ба шумо чӣ гӯям?.. Хайр, арӯсро оростанӣ меоянд… Ҳамеша хушу хуррам бошед…

Дил нест кабӯтар, ки ба ҳар бом нишинад,
Аз гӯшаи боме, ки паридем, паридем.

*Соли 1988.*

# МУБОҲАСА

Баъзан дар рӯзгор воқеаҳое рӯй медиҳанд, ки аслан воқеан казоӣ набошанд ҳам, вале кас онҳоро чӣ гуна шарҳ доданашро намедонад. Чун шарҳ додан наметавонад, дар ин миён худ чӣ гуна амал карданашро ҳам надониста саргаранг мешавад.

Ду моҳ қабл аз ин яке аз дӯстони наздикам дар хонаи мо меҳмон буд. Баҳс ба миён омаду ман ӯро ранҷондам. Албатта, ман гунаҳкорам, ин гуноҳро ҳаргиз ба худ намебахшам. Аммо аз бахшидану набахшидани ман чӣ суд, ки хишт аз қолиб кӯчид. Дар қадим бобоён касеро, ки меҳмонро ранҷондааст, чӣ маломатҳо гуфтаанд, медонам, аммо он ниёгон ғайбату бадгӯии меҳмонро дар ҳақи бегуноҳе чӣ сон тоқат овардаанд, намедонам. Ман мегӯям, ҳамон рӯз... не, саҳв кардам, ҳамон шаби бешарофат ғолибан аз вазъи геофизикӣ нохуш будаст ё тӯфони миқнотисию фишори атмосферӣ ба ҳам омехта сари маро гиҷ карданд. Вагарна маро чӣ ҷин зад, ки меҳмонро ранҷонам. Алқисса, ҳамин сабаби вобаста ба табиатро пеш оварда аз дӯстам Ашраф нияти узрхоҳӣ доштам, вале чунон ба хонаи Ашраф узрхоҳӣ рафтаму... ҳангам аз сар парид... Беҳтар он аст, ки воқеаро аз ибтидо то ба охир ба тартиб гӯям.

Мо телевизор харидему ҳамон шаби аввал дӯстонамон Ашрафу Зебогулро ба хона даъват кардем, то ин хушнудиро ба ҳам бинем ё ба қавли мардумони имрӯз он ашёи навро "бишӯем". Ба амри ин ният зану шавҳар ба бозор рафтем, барои дастархони зиёфат меваю кабудиҳои тоза, нуқлу туршиҳо, пистаю бодом ва ғайра харидем, сипас таомҳои гуворо сохтем.

Аммо ҳамон шаб ба Ашраф чӣ ҷин заду як баҳси дар гӯшаи хаёлҳо набударо сар кард ва маро аз карда

пушаймон сохт. Бешак, аз ман ҳам гуноҳ гузашт – одати баде дорам – дар мубоҳаса ҳаргиз ба кас гузашт намекунам. Ҳангоми мубоҳасаю мунозара дар рӯ ба рӯям кист, куллан фаромӯш месозам. Балки аз ман ҳам хатое рафт, бигзор, ки дигарон ҳакам бошанд. Ба ҳамин нийят ҳоло он баҳсро айнан нақл мекунам.

Ашраф марди панҷоҳсола аст. Қоматаш баланд бошад ҳам, устухонбандии нозук дошт, костюмаш ба китфони борикаш шинам афтода, чашмони хурдаш ҳамеша ба кас зиндадил менигаранд. Ӯ аслан марди содафеъл аст, баъзан дар назари ман як инсони лоубол ва бекина ҷилва мекунад. Ӯ мутолиаи ҷиддӣ надошт ва даъвии донишмандӣ ҳам намекунад. Аммо ҳамон шаб аз телевизор доктор Шарофзода аз ваҷҳи азиздошти имороти масҷиду мадрасаҳои хушсохти қадимӣ сухан гуфтанду Ашраф якбора ба бадгӯӣ ва ғайбати он донишманди маъруфи замона шӯруъ кард. Як-ду бор ба нармӣ гуфтамаш, ки хидмати ин марди бузургвор дар назди мардуми мо бениҳоят афзун аст, чунин бадгумонӣ дар нисбати ӯ аз инсоф нест ва ба ҳамин минвол. Вале Ашраф ҳамвора ҷаҳд мекард, то ман бовар кунам, ки доктор Шарофзода аслан як инсон худпарасту нотандеҳ ва дар муҳокамаи илмӣ беадолат аст, агарчи дар зоҳир ҳақиқатшиор ҷилва мекунад ва ғайра ва ҳоказо. Ман гуфтам:

Қадри мардумро шинос, эй мӯҳтарам,
То шиносанд одамон қадри ту ҳам.

Сипас афзудам: – Ба ман нигар, Ашраф, – оҳиста аз остинаш гирифтам, – агар доктор Шарофзода боре ба хулосаҳои ту эрод гирифта бошад, аз ӯ наранҷ, дӯстам, ба вай кина нагир. Дар миёни ин қадар савдогарони илм монанди Шарофзода се-чор нафари дигар муҳаққиқи соҳибназар ва ҳалолкору бовиҷдон дорему бас. Аз бадгӯии ту

ба он марди наҷиб ҳеҷ зиёну заҳмате нарасад ҳам, ту бо ин амали худ дар назари одамон санги худро паст мезанӣ. Касе, ки дидаюдониста сафедро сиёҳ гуфт, дар чашми одамон худро бебурд мекунад.

Ҳамсарам Саодат, ки ман ба шӯхӣ Садпанд лақабаш додаам, ин замон маънидор ба чашмам нигарист, яъне баҳсу мунозира оғоз накунӣ гуфт. Аммо ғолибан кор аз кор гузашта буд, ки Ашраф бо ҷӯшу хуруш ба исботи даъвои худ оғоз намуд.

– Барои чӣ гуноҳи ӯро нагӯям?! Хуб, донишвари маъруфест, аммо чаро мо аз камтарин марде пайғамбар метарошем? Шоири шаҳир ва олими заковатманд ҳам инсонанд, камбудӣ доранд. Ин одамон – ҳама дурӯяанд, ту ҷӯраҷон, фақат як рӯи ононро менигарӣ! Боре рӯи дигарашонро ҳам бубин! Ман ба Шарофзода ҳеҷ хусумате надорам, ҳаққашро мегӯям...

Албатта, Ашраф ҳам дар ҳузури занҳо мулзам будан намехост.

Чашми ӯ ин лаҳза ба чашми ман афтоду якбора аз гуфтан забон газид. Вай фикри маро аз нигоҳам хонд: “Хусумат дорӣ, ӯ туро замоне танқид карда буд...” Вале дақиқае нагузашта Ашраф дигарбора фикрашро ба сар ҷамъ оварду ба ман аз дигар ҷониб ҳамла оғоз кард:

– Албатта, эродаш ба ман ҷон дорад... Хӯ-ӯш... олими нағз... яке аз олимони зӯрамон... Хизматашро ман инкор карданӣ нестам. Рости гап, ӯ шогирдони лаёқатманд тарбия кардаст. Аммо мо як умр ин одамро таъриф кардем, айбашро ба рӯяш нагуфтем, дар натиҷа одами нағз, олими забардаст ҳам бехуд шуд. Нуқсони ӯро ҳам гуфтан лозим аст. Ту, ҷӯра, ҳам худатро мефиребӣ, ҳам дигаронро. Баъзеҳо ба гапи ту баринҳо бовар карда, фирефта мешаванд... Накун ин корро! – гуфт Ашраф дар фуроварди суханаш овозашро баланд сар дода.

– Хуб, гуноҳи Шарофзода чӣ будаст, ки мо намедидаем? Ба кӣ ноҳақӣ кардаст ӯ? Ба ҳаќи кӣ вай зомин гаштасту мардум бехабар мондаанд? – савол кардам ман ғазабнок дандон ба дандон фишурда. Ҳоло метарсидам, ки ҳамин замон аз даҳанам ягон сухани сахту дурушт мебарояду Ашрафу Зебогул меранҷанд, баъд Саодат ошуфтаю бедимоғ, якчанд рӯз маро бо суҳони маломат суда, аз гуфта пушаймон хоҳад кард.

– Айёми охир доктор хеле ва хеле тағйир ёфтаст, ту бехабарӣ! – гуфт Ашраф. – Ба сухани одамон гӯш кун, чиҳо мегӯянд, шунав.

– Одамон ҳамдиёри худро таъриф мекунанд! – гуфтам ман ба як навъ дарднок хандида. – Якеаш, ҳатто кӯрсаводеро ба ман ҳамчун офтоби навтӯлуъи илм маъруфӣ кардан хост, аммо зуд пай бурд, ки ман мақолаи он “нобиға”-ро хондаам ва фикру ақидаи худро дорам, зуд аз наздам гурехт. Албатта, одами беайб нест, Ашрафҷон, аз нуқсонҳо чашм пӯшидан хуб не, лекин зиёда хӯрдагирӣ ҳам аз инсоф не, – гуфтам ба нияти бастани дари баҳсу мунозара.

Зебогул нармакак фикри маро тақвияте карду гуфт:

– Одам бояд ки фақат ҷиҳати хуби дӯстонашро нигарад.

Саодат, ки дар ҳама ҳол мувозанатро мехоҳад, ба тақвияти фикри Ашраф сухане гуфт.

Телевизор ҳоло рақсу таронаҳои ҳунарварони ҷавонро пешкаш дошт, аммо касе ба сӯяш наменигарист.

– Дигар мавзӯи шавқовар нест магар? – Саодат ҳадафи баҳсро дигар кардан мехост. – Аз сӯҳбати шумо доим занҳо дилтанг мешаванд. Агар ҳунаре доред, моро хандонед, ханда барои сиҳатӣ нафъ доштаст. Агар ҳунари хандондан надоред, баҳсро қатъ кунед, мо концертро бинем.

– Майлаш. Лекин аввал ба Ашраф гӯед, ки Шарофзода барин инсонро минбаъд беасос сиёҳ накунад! – ба зӯъмӣ талаби худро пешниҳод кардам. Бешак, ман ба дурустӣ наандешида ин суханонро гуфтам. Гуфтаму худ бехабар чӣ ҷинеро аз кӯза раҳо кардам, ҳеҷ напурсед.

Ашраф хурӯсвор гарданашро дароз карда аз ҷо бархост.

– Маҷмӯаи дастҷамъи олимони донишгоҳ нашр шудааст, мегӯянд, ки Шарофзода мақолаи баъзеҳоро аз он баровардасту ду мақолаи худашро ҷо кардаст!.. Хӯш, магар ин аз инсоф аст? – гуфт ӯ тез-тез бо заҳрханда. Баъд ғолибона ягон-ягон ба рӯи ҳозирон нигарист.

– Ҷӯраҷон, ту эҳтимолан, он китобро ҳанӯз ба даст нагирифтаӣ ва намедонӣ. Маҷмӯа ба мавзӯи таҳқиқи Шарофзода доир аст, он боби илми адабиётро беҳтару амиқтар аз вай дигар касе таҳқиқу таҳлил накардаст, – гуфтам ман ҳам филфавр.

– Гап-дия! – гуфт Ашраф ба далели ман нописандона даст афшонда. – Хуб, чаро дар кафедрае, ки дар он мудир аст, ҳамдиёронашро ғун кардаст? Ҳар касе, ки ба вай ҳамфикр нест, ба ночор аз кор рафтаст. Кафедра ҳам мавзӯи вай аст? – Бетаъсир санади дигари худро пеш овард Ашраф.

Таваккалгӯиҳои ӯро қабл аз ин ҳам мешунидам, соддалавҳию саҳлгиридои ӯро низ медонистам, вале ба таъсири рафоқате, ки бо ӯ доштам, ин ҳамаро ба коҳилию бехабарии вай ҳамл мекардаму бедард механдидам ва ҳеҷ қаҳрам намеомад, баҳс намекардам. Аммо ҳоло чунин тӯҳмат ва кинаварии Ашраф ба шахсе, ки дар нисбати ӯ ману вай хеле ночизем ва беш аз ҳама дар сари ин ақидаи бебуньёд ва ғалати худ устувории рафиқам, зӯъмии ғайричашмдошти вай маро девона мекард. Ман худ дар зӯъмӣ тараф надорам, балки аз ин са-

баб зӯъмии дигареро тоқати дидан надорам.

– Чени даҳанат сухан кунӣ, намешавад? Кӣ ба гӯши ту ин қадар музахрафотро рехт? А?.. Медонам, кар шунидаашрову кӯр гирифтаашро сахт медорад, аммо ту шукр ва сад бор шукр, ки на карию на кӯрӣ, вале чӣ ҷин асар кардат, ман ҳайронам. Кӣ ба ту гуфт, ки Шарофзода дар кафедрааш ҳамдиёр ғун кард? Мардум, маҳз барои чунин айбҳои худро пӯшидан ва ё гуноҳашонро сабуктар сохтан дигаронро ҳам ба ин ҷурм муттаҳам кардан мехоҳанд, ту ба он бовар кардӣ?! – гуфтам ман бо сӯзу гудоз. – Мегӯянд, ки дар Теҳрон баъзе аз шоирони беҳунар шеъри бад мегӯяду сипас онро аз нотавонбинӣ ба шоири пухтагӯе нисбат дода овоза сар медодаанд.

– Гумонат, ҳама мардум дурӯғ мегӯянду фақат ту ҳақиқатгӯй?! – ба қоҳ-қоҳ заҳрханде зад Ашраф, сипас маслиҳатомез афзуд: – Ин тавр нашудаст, ҷӯра, ба сухани дигарон ҳам гӯш кун. Балки ин гапро аз ту донотарон мегӯянд... – гуфт вай асроромез сар ҷунбонда.

– Ягон одами бавиҷдон нагуфтаст, – гуфтам ман дилпур аз даъвии худ, вале зуд афзудам: – Донишманди бевиҷдон одам нест, меъёри одамият инсофу виҷдон аст. Ту ба далели ақл ва мантиқ коре надорӣ, ба мансаби касон нигариста суханашонро баҳо медиҳӣ.

– Ҳой, ба шумоён чӣ гап шуд?! – Саодат боз ба миён даромада баҳси моро хотима додан хост. Ин соат чашмонаш пуризтироб ба ман менигаристанду чиҳо намегуфтанд. – Хуб, яке бад мегӯед, дигаре нағз – ҳар яке дар фикри худ монед. Барои ҳамин айши худро талх кардан чӣ зарур аст?.. Бас. Ба дастархон нигаред, – гуфт вай илтиҷоомез гоҳ ба рӯи ман, гоҳ ба рӯи Ашраф нигариста. – Бигиред, Зебогул, аз самбӯсаи кадугин...

– Биёед, мавзӯи сӯҳбатро дигар кунед, – гуфт Зебогул ҳам хеле хиҷолатманд оҳ кашида. Аз оҳанги дурушти

суханони ман аллакай ранҷидани вай маълум буд.

– Не, истед. Маъзарат мехоҳам, Ашраф, – гуфтам ба оҳанги нармтар, андаке аз шастам баргашта. – Дар кафедраи Шарофзода нӯҳ ё даҳ нафар кор мекунанд, ман ҳамаро мешиносам. Дар он миён фақат як нафар ҳамдиёри уст. Ту ҳеҷ ба хонаи ин шахсе, ки ҳоло дар ҳақаш бадгӯӣ дорӣ, рафтаӣ? Не. Ман якчанд бор рафтаам. Доим дар рӯи мизи кории ӯ рахт-рахт мусаввадаи мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони ҷавонро мебинам. Ҳар якеи он аз як гӯшаи диёри тоҷикон аст! Шарофзода ҳамаро ба як чашм мебинад... Не, хато гуфтам. Саҳеҳтар аст агар гӯям, ки ҷавонони ранҷбару заҳматпеша ва ҳунарварро, сарфи назар аз он, ки онон аз кадом вилоятанд, меписандад, аз дасташон гирифта ба по рост мекунад. Тӯҳмат ба ин хел инсон!.. Ба ростӣ, чӣ гуфтанамро намедонам. Албатта, дар радифи шогирдони ӯ носипосони кӯрнамак ҳам буданд...

– Хуб, гуфтаниатро гуфтӣ? Акнун ба гапи ман ҳам гӯш кун, – гуфт Ашраф муросокорона табассум намуда. – Гумонат, агар чандин бор ба хонааш рафта, чояшро хурда бошӣ, киву чӣ будани ӯро аз дигарон бештар медонӣ? Ту ба фикру ақидаи худ ғарра гашта, аз дунё бехабар мондаӣ! Мардум дар ҳақи вай чиҳо мегӯянд, намедонӣ!.. Гӯш кун, агар ман ба ту суханони як марди бузургро гӯям, шояд бовар кунӣ? А? Рӯирост, дар ҳузури ҷамъ ин суханонро аз як минбари баланд гуфтанд! Шарофзода тазкираи шоирони пешинро тартиб додасту ба он китоб шеърҳои бобои худро ҳам дохил кардаст, ту медонӣ? Намедонӣ, ҷӯраҷон! – Тантана мекард Ашраф. – Агар ҳар кас навиштаҳои бобою момояшро ба тазкира дохил карда нашр созад, илму адабиёт шалғамшӯрбо мешавад-ку!..

Сараввал матлабро равшан идрок накарда лаҳзае саргаранг мондам.

Ба ман чунин намуд, ки дар мунозара боло омадани Ашрафро дида, чеҳраи ҳар ду зан ҳам шукуфон гашт, дар лабонашон табассуми қаноатмандӣ давид. Саодат дигарбора саъй намуд, диққати меҳмононро ба дастархон ҷалб созад. Аммо иштиҳо кайҳо кӯр гашта буд ва мо дастархон ва неъмати рӯи онро билкул фаромӯш карда будем, ки аз ин хусус аз ҳама зиёдтар Саодат ғуссаманд буд. Ман одати ӯро медонам, доим мегӯяд: “Баъди он, ки ранҷ кашида хӯрданию ошомиданиро тайёр мекунед, меҳмон хӯраду лаззат барад-дия!”

Баъд маро ба ёд расид, ки сухан ба мундариҷаи як тазкираи навсохт доир аст ва аз ин боб гӯё дар куҷое шаммае ишора карда буданд, вале ман он замон ба ҳарфи гӯянда эътибор надода будам. Ҳа, бале, навиштаҳои бобояш гуфтани Ашраф ишора ба ҳамон тазкира аст.

– Аз рӯи инсоф худат бигӯ: бобои доктор Шарофзода аз адибони маъруфи замони худ бошад, чаро осори ӯро ба тазкира дохил накунад? Ё аз ягон кас иҷозат гирифтанаш лозим буд? “Ё нашри осори бобои ӯро манъ кардаанд?” – Гуфтам ман ба нармӣ, ҳатто ба як навъ бепарво хамёза кашида.

– Ту аз қонуну қоидаи нашри осори пешиниён бехабарӣ магар? Осори олимону адибони гузаштаро ҳамту гирифта ба чоп намесупоранд. Ленин гуфтааст, ки дар ҳар як осори тамаддун ду навъи маданият дучор меояд, ҷараёни демократӣ ва...

– Барои ман ин суханон чунин маънӣ доранд, ки дар осори адибони пешин асосан, ғояҳои умумиинсонӣ ситоиш ёфтаанд, онҳоро нобуд кардан лозим не, баръакс, омӯхтан зарур аст, – гуфтам ман сухани Ашрафро бурида. – Бо китоби Фирдавсӣ ё Саъдӣ коммунистро ҳам тарбия тавон карду идеалисту калиталистро ҳам. Василаи тарбия бетараф аст.

– Бародар, охир, осори умумиинсонӣ гуфтанат хато, ин хел таъбир вуҷуд надорад! Ту дар мавқеи гуманизми абстракт қарор гирифтаӣ, ки ин аломати носолимии маънавии туст! – Дасташро шоф карда фарёд зад Ашраф чунон ки ӯро дар кӯчаи хилват дуздон ғорат карда бошанд.

– Боракаллоҳ!.. – гуфтам ман мад кашида. Дар овозам ва ваҷоҳатам тамасхур ошкоро ҷилва мекард.

– Осори адибону олимони гузаштаро аввал аз нуқтаю назари марксистӣ-ленинӣ омӯхта, баҳо додан лозим аст. Мо бояд аз осори пешиниён фақат ҳамон асарҳоеро, ки ба манфиати коргару деҳқони камбағал хизмат мекунад, ба худ бигирем. Адабиёт умумиинсонист гӯён ҳар чизро гирифтан хатост. То даме, ки ман дар платформаи марксистӣ...

– Дуруст, аз нуқтаю назари марксистӣ-ленинӣ баҳо додан лозим. Лекин ҳамаро зери шубҳа гирифтан нашояд. Ба гумонат осори бобои доктор Шарофзода ба кӣ хизмат мекунад? Ба осиёби капитализм об мерезад? Агар саҳв накунам, дар солҳои сию ҳафт ва баъд аз он ҳам ҳазорон касонро бо ҳамин гуноҳ нобуд карда будаанд.

– Ту суханро ба ҷониби дигар набар, ҳар як асари ба адибони гузашта тааллуқмандро сараввал таҳқиқ кардан лозим аст, агар мазмуну мундариҷааш ба идеологияи мо мувофиқ бошад, сонӣ нашр кардан даркор...

– Айнан ҳамон бюрократҳои солҳои сию панҷоҳ барин гап мезанӣ-е! Китоби нағз ҳамеша одамиятро ба накӯкорӣ ташвиқ мекунад. Идеология!.. Бо ҳамин хел суханон китобҳои қадимиро нест карда буданд... Баъдтар, дар солҳои ҳафтод ба ришвваситонӣ ва сӯиистемоли мансаб сарват ғун карданд... Мақсади мо сарватмандонро нест карда ҳамаро муфлису мискин кардан набуд, баръакс, дар мамлакат камбағалиро нест карданӣ будем, аммо нигар, ки...

– Э, бас кун-е! – гуфт Ашраф рангаш канда. Аз ларзидани дасту паридани мушакҳои рӯяш аён буд, ки вай ҳоло сахт дар ғазаб аст. – Сухани ёфтагит ҳамин: соли сию ҳафт, соли сию ҳафт! Инқилоб бе қурбонӣ намешавад! Гумонат ҳамаи он маҳкумон бегуноҳ буданд? Ҳаргиз!

– Бозсозӣ ҳам бе қурбонӣ намешавад гӯён, имрӯз туро ҳам ба ҳамон навъ таъбиду таъзиқ гирифтор мекарданд, сонӣ мефаҳмидӣ, ки он мазлумон бегуноҳанд ё гунаҳкор!

– Чӣ, маро муқобили бозсозӣ мепиндорӣ? – Чашмонаш аз косахона берун гаштанду Ашраф беихтиёр аз курсӣ бархост. – Ман боз мегӯям ва дар сухани худ устуворам: ғояи осори адибону олимони пешинро таъин накарда ба тазкира дохил кардан мумкин не! Ин ақидаи танҳо ман не! Он академику адибоне, ки ошкоро ин маъниро аз минбар гуфтанд, магар ту барин ақл надоранд?!

Ман аллакай аз зӯъмии Ашраф пай бурда будам, ки ин даъвиро ӯ аз забони кадом як шахси баландмартаба шунида, ҳоло онро сахт гирифтааст.

Занҳо ин бор ҷиддан ба гуфтугӯи мо монеъ гаштанд.

– Хуб, бас, ҳар ду ҳам дар ақидаи худ устувор будаед, ба таври худ ҳар яке ҳақ ҳастед, донистем! – Гуфт Саодат аз ҷо бархоста ва ба Ашраф як пиёла чойи гарм дароз кард. – Агар тамошо накунед, телевизорро бандам? Ё мебинед? А?

– Мо ба муборакбодӣ омадем ё ба маҷлиси баҳсу мунозара? Ин мардони мо аз гап сер намешаванд, – ҳамфикрӣ кард ба вай Зебогул.

– Ҳозир хотима медиҳем, як чизро муайян кунем. Илтимос, як лаҳза мудохала накарда истед, – гуфтам ман бештар ба ҳамсарам рӯ оварда. Сипас ба Ашраф рӯ оварда пурсидам: – Ту ба ман бигӯ, ки ҳамон тазкираро ҳеҷ

варақ гардондӣ? Осори ҳамаи он шоироне, ки дар он тазкира зикрашон омадааст, магар қабл аз ин таҳқиқу таҳлил ва нашр шудаанд? А?

– Албатта, – гуфт Ашраф ин бор ҳам таваккалан.

– Масалан, осори Шамси Табрезӣ кай, аз тарафи кӣ таҳқиқ ва интишор гаштааст ба ман мегуфтӣ. Кӣ онро аз нуқтаю назари...

– Барои ин кор... ба китобхона рафта кофтуков кардан лозим, дар он ҷо ҳамааш ҳаст, – гуфту Ашраф сухани маро бурид. Вай ин бор ҳам бепарво, худро гум накарда радди даъво мекард.

– Сипас, ҷӯраҷон, бигзор, ҳамон китобхона ояду бо ман баҳс кунад! Охир, ту китоб намехонӣ, ман аминам, ки ҳамон тазкираро боре ба даст нагирифтаӣ, варақ, назадаӣ!

– Чӣ, гумонат китоби Шамси Табрезӣ то имрӯз нашр нашудаст? – Ашраф имдодталабон ба рӯи ҳамсараш – Зебогул нигарист.

– Ашрафҷон, намунаи шеъри баъзе адибони ҳанӯз таҳқиқ нашуда ҳам, дар тазкира ҳаст, – гуфт Зебогул ба нармӣ ва меҳрубонӣ ба рӯи шавҳар нигариста.

– Ҳеҷ мумкин не! – қоил намегашт Ашраф. – Дар ягон мақола ё рисола ҷиҳатҳои прогрессивии эҷодиёти онҳо қайд шудагӣ. Вагарна ҳеҷ мумкин не...

– Масалан, осори Шоҳӣ, Ҳамзаи Арӯзӣ, Искофӣ, Мухалладӣ, Туғро, ки намунаашон дар тазкира ҳаст, кай таҳқиқ ва таҳлил шудаанд, аҳли илму адаб ёд надоранд, ҷӯраҷон.

– Агар ту ёд надошта бошӣ, сонӣ ҳама ёд надоранд нагӯй! Агар ин тавр бошад, нафаҳмида мондаанд, манъ кардан лозим буд. Таваккал гап задан нагир. Агар академик Шавкатзода адабиётро надонад, пас чӣ, фақат ту медонистаӣ-дия!

– Ту академикатро мону худатро бигӯ! Беҳуда ин тавр говтозӣ накун. Бе ту ҳам дар илму адабиёти мо инчунинҳо бисёранд.

– Ту худат ҳам аз даво гирифта гап мезанӣ! Шеъри Шамси Табрезӣ набошад ҳам...

– Хуб, ман ҳозир ба ту китобро меораму дар ҳузури янга даъвоямро собит мекунам. Ту дар ҷаҳли мураккаб вомондаӣ!

Ин суханонро гуфтаму аз ҷо бархостам ва ба хонаи дарун, ки барои ман вазифаи коргоҳу хобгоҳ ва китобхонаро адо мекард, рафтам.

Китобро ёфта баромадам, ки меҳмонон аз сари дастархон бархоста дар даҳлез кафшу кулоҳ мепӯшанд.

Мо дар таҳи дар бо ҳамдигар хеле сарду нохуш хайрбод кардем.

* * *

Аз миён ду моҳ гузашт ё бештар, ёд надорам. Ману Ашраф якдигарро надидем – аввал вай дар сафар буд, сипас ман аз паи муҳимме ба Самарқанд рафтам.

Боре, баъди бозгаштам аз сафар Саодат гуфт, ки фардо рӯзи мавлуди Зебогул аст, бояд барояш тӯҳфае пайдо кунему ба хонааш биравем.

– Вай моро хабар кард? – савол кардам. Аммо ҷавоби инкор гирифтаму малул гаштам. Маълум мешавад, ки Ашрафу Зебогул аз ман сахт ранҷидаанд.

– Ба рӯзи мавлуд одатан, хабар намекунанд, – эзоҳ дод Саодат. – Дӯстони наздик аз пеши худ бояд ки ба табрикаш раванд. Ба ҳамин баҳона озурдагӣ аз дилаш бароред, – гуфт Саодат қаблан маро дастур дода. Баъд дигарбора таъинот кард: – Хоҳишмандам, дигар бо ӯ баҳс накунед. Барои ҳақиқат бошад ҳам, дӯстонро наранҷонед. Ба сари шумо агар мушкиле ояд, Шарофзода не,

ҳақиқат ҳам не, боз ҳамин дӯстон ба мадад меоянд, ҳолат чӣ тавр гӯён мепурсанд. Кошкӣ, ҳамеша ҳақиқатро тарафдорӣ мекунад гӯён ягон кас аз атрофиён миннатдор бошад? Ҳоло ба ин мардум ҳақиқат даркор не, дониста бошед.

– Майлаш, ман дигар бо Ашраф баҳс намекунам, саҳеҳтараш, суханро бо ӯ дароз намекунам. Лекин... агар ба ягон шахси бегуноҳ ноҳақ тӯҳмат кунад, намедонам, ки хомӯш истода метавонам ё не. Барои аз он шахс манфиате ёфтан не, мефаҳмӣ, барои ҳақиқат... Барои ҳақиқате, ки, ба қавли ту, ба ҳеҷ кас даркор не.

– Ба ин усул пагоҳ-фардо аз ҳамаи дӯстон ҷудо мешавед, – гуфт Саодат чашмони пурандӯҳашро ба замин дӯхта. – Дониста бошед, ки онҳо дар ғайб якдигарро бад мекунанду агар бо ҳам рӯ ба рӯ гарданд, боз гӯё ёру бародаранд. Дар ин миён шумо кали мурдашӯ...

Садпанд дафтари панду ҳикмати худро варақ мегардонд.

Ману ӯ шомгоҳи рӯзи дигар тугмаи зангӯлаи дари Ашрафро пахш кардем.

Дар долон Ашраф маро канор гирифту хеле ба риққат омадам, Зебогулро сидқан табрику таҳнияти бисёр гуфтам. Зану шавҳар моро мисли ҳамеша ба меҳрубонӣ истиқбол карданду ба хона марҳабо гуфтанд. Аз хонаи калони онҳо валвалаи меҳмонони аллакай сархуш ба гӯш мерасид.

Мо ба хона ворид гаштему аҳли сӯҳбатро дида, лаҳзае дасту по хӯрдем. Саодат зуд худро ба даст гирифт ва маънидор ба чашми ман нигаристу пилки поёни як чашмашро номаълум бардошта ба ишора “дидӣ” гуфт, аммо ман нигоҳамро зуд аз нигоҳи ӯ гурезондам. Дар пешгоҳи хона, дар сари мизи пурнеъмат доктор Шарофзода мени-

шаст.

Мо ба тарзи шифоҳӣ бо меҳмонони Ашраф ҳолчӯӣ кардему нишастем. Сипас ман ба доктор Шарофзода рӯ оварда гуфтам:

– Домулло, саломатед, баофият? Хуш омадед... Ҷӯраи ман Ашраф як даҳон нагуфт, ки шумо меоед... Вагарна барвақттар омада аз сӯҳбати шумо баҳраманд мегаштем.

– Э, мулло Ашраф ҷӯраи шумоанд? – пурсид Шарофзода. Сипас афзуд: – Дӯсти мо ҳам. Афсӯс, мо надонистем, ки имрӯз рӯзи мавлуд будаст... Дар охири кор ба идора даромаданду гуфтанд, ки аз хонаи мо як пиёла чой хӯрда гузаред...

Саодат ҳаракат мекард, ки бо нигоҳаш маро бигирад, аммо ман чашмамро аз чашми розгӯи вай мегурезондам.

Чунон ки дар оғози ин қисса гуфтам, баъзан дар рӯзгор воқеаҳое рӯй медиҳанд, ки аслан, воқеаи казоӣ набошанд ҳам, вале кас онҳоро чӣ гуна шарҳ доданашро намедонад. Чун шарҳ додан наметавонад, дар ин миён худ чӣ гуна амал карданашро ҳам намедонаду саргаранг мешавад.

*Соли 1988.*

# КИТОБҲОИ КӮҲНА

Мо зи оғозу аз анҷоми ҷаҳон бехабарем,
Аввалу охири ин кӯҳнакитоб афтодаст.

*Калим*

– Ҳа, китоби қадимӣ имрӯз ба ҳама даркорӣ гашт... – гуфт ба як навъ оҳанги думчадор лаб ба сухан кушода амаки Патапат. – Одати одамизод ҳамин хел будаст: ҳар чизро хор кунад, ба он зор мешавад. Китоби қадимӣ ҳозир ба пули калон меравад, сирка барин ҳар қадар кӯҳна шавад, қиматаш зиёдтар мешавад... Аз шаҳр олимҳо омада буданд, ба ҳар як пора коғази ба хати арабӣ навиштагӣ, гӯё дунё ёфта бошанд, мечаспиданд. Ман, мулло, рости гап, дар вақташ ҳам мегуфтам, ҳозир ҳам мегӯям: китобҳои имрӯзаата намедонам, аммо дар китобҳои қадимӣ ягон гапи зарарнок нест, пеш гапи гандара дар китоб наменавиштанд, гапи ҳар як лаққира китоб намекарданд-дия. Ман ба ту гӯям, то инқилоб, дар солҳои аввали баъди инқилоб ҳам ҳар як ҷамоа масҷид дошт, ҳар масҷид мактаб дошт, дар он мактаб бачагони хоҳишмандон – бою камбағал баробар хонда, хату савод мебароварданд. Мо ҳам дар ҳамон мактаби кӯҳна хонда, барои одам чӣ кор савоб аст, чӣ гуноҳ, донистем... Мо – се додар будем, раҳматӣ додом фақат мана ба мактаб доданд. Ба пули чор ҷувол гандум аз шаҳр якта китоби дарсӣ харида оварда буданд. Баъдтар яку якбора китоб ҳам, мактаби кӯҳна ҳам зарар мерасонад гӯён валвала бардоштанд. Сонитар, аз хонаи касе китоби кӯҳна ёбанд, унсури зарарнок аст гӯён гаранг карданд. Ана, нигар, акнун он китобҳоро дар ба дар гашта мекованд. – Оқибат суханашро хулоса кард амаки Патапат.

Вай ғолибан гумон дошт, ки ман китобҳои кӯҳнаро

пайдо карда, сипас дар шаҳр ба пули калон фурӯхтаниам.

– Канӣ, газа зер кардем! – Вай ба абзори хари ман як назар карду бо ин таъбири аз солҳои дарози ронандагӣ одат гаштааш маркаби худро халачӯб зад ва мо ба роҳ даромадем. Вай лақаби "Патапат"-ро ҳам аз ваҷҳи чунин шеваи мошинрониаш гирифтааст.

Азбаски дар пайраҳаҳои танги кӯҳсор ду хар баробар қадам заданаш як амри муҳол аст, мо пешу қафо мерафтем.

Мардумони деҳоти кӯҳистон аксаран ба чор тарафи дунё парешон гашта бошанд ҳам, бо деҳаи бобоии худ ҳамеша алоқаманданд. Амаки Патапат ҳам баъди ба нафақа баромадан ба деҳа баргашта, кулбаи харобаи падарашро аз нав рост кардаст ва ҳоло айёми пириро ба боғдорию молдорӣ мегузаронидаст. Ба қавли худаш, вай дар шаҳр қариб чиҳил сол кор кардаст. Ва асосан, дар сари фармони мошин умраш гузаштаст. Фарзандонаш азбаски дар шаҳр ба камол расидаанд, дигар ба деҳа ҳеҷ одат накардаанд, падарро хабаргирӣ оянд ҳам, ба ночор ду-се рӯз меистодаанду бас.

Худи ман ҳам кайҳо ба шаҳр одат кардаам, тобистон аз магаси деҳа мегурезам, зимистон аз беҳаммомӣ.

Ин бор ба деҳа омаду гуфтанд, ки ғор пури китоб будаст, пӯсида нобуд гаштаст. Ин хабарро шунида ман ба назди яке аз кӯҳансолони деҳа – бобои Амон рафтам, ки ҳоло синнаш аз ҳаштод гузашта, гӯшаш вазнин бошад ҳам, ҳанӯз пирамарди баҳуш буд. Ба назди бобо омаданам боз як сабаб дошт: яке аз ҳамдеҳагон тахмин зада гуфт, ки амаки ҳамин бобои Амон дар замонаш олими китобдор буд, ҳеҷ аҷаб нест, ки китобҳои ғор аз он кас бошад. Бобои Амон ин тахминро тасдиқ кард. Вай дар он айём ҷавонмарди навқирон будаст, ҳамроҳи амакаш – табиби номдор Мулло Асадулло як нимишабӣ

ба ду хар китоб бор карда, ба ҷониби ғори дур аз деҳа, дар камаркаши кӯҳ воқеъ буда мераванду хурду бузург қариб сад китобро дар як камари ғор ҷо ба ҷо мекунанд ва пешашро бо сангу гил девор мезананд.

– Мардум шабошаб китоба ба хонақоҳ, ба масҷид, баъзе беинсофҳо ба оби рӯд бароварда мепартофтанд, – хавотиромез ба атроф нигариста пичиррос зад мӯйсафед. – Аз хона китоб барояд, ба бало мепечидӣ!.. Намедонам, аз китобу китобхон чи бад гузашт, ки аввал китобро чинда гирифтанд, сонӣ китобхондагиҳоро...

Бино ба қавли бобои Амон, ҳар ду дар ғор аз нимашаб то чоштгоҳи рӯзи дигар арақи ҷабин рехта, ин корро ба субот мерасонанду баъд барои аз шубҳа эмин будан аз кӯҳ ба харҳо ҳезум бор карда ба ҷониби деҳа мефуроянд.

Бобои Амон шавқмандии маро ба китобҳои кӯҳна пай бурда, ба гумонам, бори нахуст ин воқеаро ҳикоят мекард. Ба касрати пирӣ баъзе аз ҷузъиёти он воқеаҳоро ҳар боре ба навъи дигар баён менамуд. Аз хусуси баъзе ҳодисаҳои он солҳо сухан гуфтан намехост ё маҷмал ишорае мекарду бас. Ман пай мебурдам, ҳаросе, ки дар вуҷуди ӯ сахт ҷо гирифтаст, кори худро мекунад.

Он рӯз дар фуроварди сӯҳбат ман аз бобо рухсат гирифтам, то ба ғор бираваму китобҳои қариб шаст сол қабл аз ин пинҳон кардаи ӯро бубинам, агар илоҷи истифода набошад, варақҳои баъзе аз китобҳои нодирро акс гирам.

– То ин вақт китоб мемонад-о?! Хок шуду рафт, – гуфт мӯйсафед ба як навъ аламнок даст афшонда. Баъд зери лаб заҳрханде намуду афзуд: – Кадом соле буд... аз қабати девори хонақоҳ ҳам китоб ёфтанд, хабар дориё? Даст задан нашуд, – сар ҷунбонд мӯйсафед.

Бо вуҷуди ин ҳама, ман боре ба он ғор рафта, агар хок шуда бошад, хоки он китобҳоро бо чашми худ дидан

мехостам.

Азбаски роҳи ғор ба ман ноошно буд, аз амаки Патапат илтимос кардам, то дар ин сафар ба ман ҳамроҳ бошад. Аз як ҷиҳат, вай дар деҳа одами нисбатан дастхолӣ буд, аз ҷиҳати дигар, ба кӯҳбарой қувваташ мерасид, ҷиҳати сеюмаш, ӯ ҳамсӯҳбати хуб буд.

Мо боғоти деҳаро гузашта, ҳоло аз дараи кӯҳ мерафтем. Шаху зовҳои ду тарафи рӯд гӯё дақиқа ба дақиқа ба якдигар наздик мешуду дара тангтар мегашт.

Боғоти атроф ва пора-пора заминҳои юнучқа, ҷуворӣ, гандум, нахӯд коштагии колхоз ҳам дар қафо монд. Дар пеш чарогоҳи доманакӯҳ ва шаху зовҳои махуф ва ҳайбатангез ва баъд кӯҳсори сангин ибтидо мегирифт.

– Ба ман нигар, мулло, – амаки Патапат “тормоз, тормоз” гӯён ба гардани хар халачӯб зада гашти онро суст карду чун ман ба ӯ наздик расидам, сухан оғоз намуд: – Ин замина мебинӣ? – Вай бо халачӯбаш ба замини холие, ки чим баста, вале гирдогирдашро замоне аз санг тавора гирифта буданд, ишора дошт. – Ин замини ман буд!.. – гуфт амаки Патапат ба як навъ ифтихор ба таъкид сар ҷунбонида.

Ман ба маънии ин сухани ӯ ба дурустӣ сарфаҳм нарафтам, зеро имрӯз мардум ҳатто замини рӯидаричаашонро даҳан пур карда “замини ман” намегӯянд, зеро раиси колхоз метавонад ҳар лаҳза бо ягон сабаб ё баҳона онро аз вай бигираду тамоку ё зироати дигари ба давлат зарурӣ бикорад. Номи зироати ба давлат заруриро шунида, кӣ ҳақ дорад, ки манфиати шахсеро ҳимоя кунад?! Ана, аз ҳамин сабаб ман ба рӯи амаки Патапат дар нигоҳам савол назар афкандам. Сипас шӯхиомез гуфтам:

– Амак, руҳияи деҳқонӣ таъсиратон кардаст. Дар шаҳр “корхонаи ман”, “автобазаи ман” намегуфтед. Ҳозир одамон забонашон намегардад “ватани ман” бигӯян-

ду шумо...

– Э-э, ин ҷо гап ҳаст, мулло, ту “худояшро” шунидӣ, ҳолӣ “дод”-ашро ҳам шунаву баъд гап зан. Ман ҳам коллективист, дар пеши мардум ҳамсари кампирама агар “зани ман” гӯям, чӣ шавад, нагӯям, чӣ шавад, гӯён меандешам.

– Мазоҳ мекунед...

– Валлоҳи аъзам, ки... – Амаки Патапат дар зин якрона нишаста бо рӯи турш ба он қитъаи замин як навъ изтироболуда ва дарднок менигарист.

– Хуб, чаро ин санглох замини шумо, бигӯед охир, – гуфтам.

Пирамард ин саволро интизор буд, аммо аз чӣ бошад, ки ба он санглох нигариста карахт гашта буд. Баъди он, ки қитъаи санглох дар қафо монд, ӯ сухан сар кард:

– Солҳои аввали колхозӣ ризқу рӯзии хонадони деҳқон ба бист сотих замини рӯидарича вобаста буд. Дар ивази кораш колхоз ба ҳар як хонавода, асосан, бист сотих замин дода буду тамом. Агар аз ҳар як хонавода дар колхоз чор-панҷ кас кор кунаду ба умеди ҳосили бист сотих замин нишинанд, рӯзашон сахт буд. Дар деҳа зиндагӣ карда, дар колхоз кор накунед, намемонданд. Ана, аз ҳамин сабаб ман хонадор гаштаму рӯзғорамро аз волидайн ҷудо карда, ба ҳавлии кӯҳнаи амакам кӯчидам. Амакам гап-гапи колхозу қулоқро шунида, аз баҳри замину боғу ҳавлиаш гузашту бо аҳли аёлаш ба як деҳаи дур кӯчида рафта буд. Дар он ҷо аллакай колхоз ташкил карда пахтакорӣ мекардаанд, ҳеҷ кас ту кию куҷоӣ нагуфтаст. Агар дар деҳа мемонд, аздусар қулоқаш мекарданд, зеро ду сар модагов дошт, аспаш буд. Хулласи калом, ман рӯзғорамро ҷудо кардаму баъд аз раис ҳамчун хонадони алоҳида замин талаб кардам. Раис қариб як сол имрӯзу фардо гӯён гашту замин надод. Баъд ба сарам як фикр омад. Ин

ҷо чим бастагӣ як замини санглох буд. Аз кӯҳ санг ғелида фуромада, хоки заминаш наменамуд. Кошки обаш бошад! Замини беоб! Илоҷи аз сой об баровардан ҳам нест. Хуб чарх зада, пасту болояшро гаштам, раҷа кашидаму ана, баъд пеши раис рафтам. Ҳамон вақт раиси колхозамон Ҷавлон гуфтагӣ як ҷавонмарди содданамои дилсиёҳ буд. Он замонҳо қариб ҳар сол раиси колхоза дигар мекарданд, баъзан дар як сол ду-се бор ҳам нав мешуд. Замонҳои аҷоиб буд!.. Ҳолӣ навбати авлоди Самандар нарасида буд, инҳо баъди ҷанг, не, не, солҳои ҷанг ба сари кор омаданд. Вай Ҷавлон гуфтагем, аслан чӯпон ва хизматгори як бой буд. Савод надошт, бечора ба ҳуҷҷатҳо сарангушташа ба ранг молида зер мекард. Хулосаи калом, ба пеши раис рафтаму гуфтам, ки ҳамин замина ба ман диҳед. Ҷавлон ҳайрон шуд, девона-певона шудӣ чӣ, гӯён ба чашмам нигарист. Гуфтам, ки бе як порча замин рӯзам намегузарад, раиси пешин надод, ту ҳам имрӯзу фардо карда мегардӣ. Бидеҳ ҳамин замина, аз санг тоза карда корам созам, савоб аст.

– Сабр кун, додарам, – гуфт Ҷавлон маслиҳатомез. – Агар ҳозир ба ту замин диҳам, мебояд, ки боз ба шаш-ҳафт хонадони дигар диҳам. Замона носоз аст. Даррав замини колхоза толон кард гӯён, аз боло ба ягон бало пешрав мекунанд. Сабр кун, ягон илоҷ меёбам. Беоб аз он замини гуфтагит чӣ фоида?

– Раҳи об оварданашро мековам, ёфт мешудагист, – гуфтам. – Ҳу, таҳи зови баланд андаке кабудӣ мекунад, ачриқ рӯидагӣ, мековам, балки чашма мебаромадагист.

– Ана, ҳамин хел гапҳо катӣ розигии раиса гирифтаму ба кор сар кардам. Дар ҷавонӣ одам зӯраша ба куҷо сарф карданаша намедонад. Ҷавонони ҳозир қувваташона ҷои кор фармудан надоранд: барои киштү кори деҳқонӣ замин нест, молдорӣ кунам гӯянд, алафу чарогоҳ

нест, ҳазор хел қоида катӣ манъ кардаанд. Мошинат бошаду раҳи сози мошингардӣ надошта бошӣ, аз мошин чӣ фоида?! Дар шаҳр ҳам аҳвол ҳамин хел аст: ҳашт соат кори корхонара сарам-дилам ба поён расонида меоянду зӯрашона ба кучо сарф карданашонро намедонанд... Ҳозир ҳам дар рӯи ҳавлӣ ҳамсояҳои шаҳриам ғун шуда домино мезананд, шаробхӯрӣ мекунанд...

– Хуб, баъд чӣ шуд? Замин корам шуд охир? – Аз суханро ғоз дода, ба ҳар тараф бурдани амаки Патапат тоқатам тоқ гашту гапашро буридам. Ба дил гуфтам: "Ҳозир ҳамсояҳоятон шаробро дар хоби шабашон мебинанд!.. Воқеан, ҳеҷ аҷаб не, ба онҳо ҳам кор ёфт шудагист, – шароби дастӣ мекашидагистанд..."

– Саросема нашав, газа сар деҳ, мулло, – гуфт амаки Патапат, ки маънии ин суханаш харатро халачӯб зану тезтар бирон буд. Сипас пурсид: – Замин корам шуд мегӯй-ё? Гӯш кун: миёнро чунон бастам, ки ана-мана нагуфта санглох замин барин шуд. Ҳамаи ана ҳамин сангҳои тавораро аз ин замин якта-якта дастони ман чидагӣ! – гуфт пирамард ба қафо баргашта, сӯи сангдеворе, ки баробари қади каланддаста буд, ишора намуд. – Мековам, – санг, замина мегардонам – боз санг... Себораю чорбора гардонда сангашро чиндам, ҳамвор кардам, пал кашидам, аммо хокаш нест, регзор, гарди хок намонда об шуста рафтаст. Ана, сонӣ рӯи заминро як ваҷаб хоки девори кӯҳнаю нурии мол катӣ пӯшондам. Ҳазл не, дар он замон мошину ароба нест, агар буд ҳам, ку раҳ?! Ба ду хар нурӣ бор мекунаму боз як ҷуволро пур карда пуштвора мегирам. Ин заминро нигар, қариб як гектар аст! Дар танги тирамоҳ ба кор сар кардаму зимистони дароз хоку нурӣ кашондам. Яке мазоҳ мекарду ба ҳолам механдид, дигаре раҳмаш меомад. Халқ-дия... Хулласи калом, заминро ба киштукор мувофиқ кардаму аввали

баҳор тухмӣ пошидам. Як хел гандуми ҷойдории худамон буд, аз тухми ҳамон пошидам. Тухмиро пошида, мола кардаму аз паи обаш афтодам. Таҳи баъзе шаху зовҳо кабудӣ мекард, кофта дидам, нам ҳасту дараки об не. Харсангҳои калон баромад, дар он замонҳо динамит куҷо?! Дар деҳа мисрону болғаи калони сангшиканӣ ҳам ба ҳисоб буд – ду-се кас доштанд...

Аллакай замини ба киштзор табдил додаи амаки Патапат хеле қафо монда, ҳоло мо аз пайраҳаи танге мерафтем, ки як хар бораш катӣ ба сахтӣ аз он мегузашт. Самти дасти чапамон – ҷарӣ ва дар поёнтари он рӯд ҷорӣ буд, дар самти дасти рост шаху зовҳои баланд ба як тарзи ҳавлангез қомат афрохта, баъзан ба сӯи раҳ хамидаанд.

– Ана, ба тори сарат нигар, мулло, – бо халачӯбаш ба тор ишора кард ӯ. – Ҳу, мебинӣ, аз ёнаи шах ҷӯй гузаштагӣ? Дидиё? – Ин ҷӯйро ман сохтагӣ! – Сипас эзоҳ дод. – Дар он замон қубур бошад ҳам, дар шаҳр кулолгарон месохтанд, дар деҳа набуд. Камаркаши кӯҳ, катӣ ҷӯй кандам. Баъзе ҷойҳои паст ё шаху зовро се-чор метр сангдевор бардоштам ва дар рӯи он девор чим катӣ ҷӯй сохта об бурдам. Ана, нигар, аз таҳи зов санг чиндагӣ... Дар баъзе ҷо сутун монда аз чӯб нова сохта будам... Диди-ё?

Осори он ҳама ранҷу заҳмати айёми ҷавонии ин марди деҳқон дар воқеъ ҳам маро ҳайрон кард. Агар ин ҳамаро имрӯз бо чашмони худ намедидам, балки боварам намеомад, муҳобот мешумурдам. Наход ки инсон дар чунин як мулки фарох, барои як порча замин ин қадар уқубат кашад?! Доири азиздошти замин мо чӣ қадар гап мезанем, мақолаҳо менависем, ҳикматҳо мегӯем! Менависем!.. Кулли он гуфтаҳо дар баробари заҳмати кашидаи ин мард чӣ арзише доранд?!

Амаки Патапат раҳораҳ нав ба нав асари заҳмати худро ба ман менамуду эзоҳ медод, ҳикоя мекард, афсӯс

мехӯрд.

– Хуб, ҳосил чӣ тавр шуд? Расо давлатманд гаштагистед? – пурсидам дар охир.

– Э-э, мулло, дар ин дуньё об овардаю кӯзашикаста баробар мегӯянд, аммо кучо баробар?! Баръакс, каси об оварда хорӣ мекашад. Кору ҳунар катӣ ягон кас давлатманд нашудаст.

– Чунон ки Мирзо Бедил фармудаст: “Кисаи ҳеч кас надид пурӣ, то накард ихтиёр кисабурӣ” гӯед!

– Ҳақ асту рост! Дар замони мо туздҳои калон кисабурӣ намекунанду лекин... мансаб мегиранд... – Амаки Патапат ба нафрат даст афшонду сипас харашро халачӯб зад. – Хи, э, баттол!..

– Хуб, ҳосил нашуд ё ягон офат зад? Ё об нарафт?

– Об бурдам, гандум чунон ҳосил дод, ки... хаёлам, чашми мардум расид... – Пирамард лаҳзае тахтапушти худро халачӯб заду баъд гуфт: – Ман аз деҳа дур, дар дашт гандуми лалмии колхозро дарав мекардам.

Додои пирам, раҳматӣ дар деҳа хирмани ин заминро бод мекарданд. Ҳар касе, ки чоши гандумро медид, ҳайрон мемонд, мегуфтанд. Бемуҳобот, ҳар каси дидагӣ “ё тавба!” гӯён гиребонашро медоштаст. Бӯи гандумро шунида, раиси колхоз ҳам меояд. Чоши гандум ба бардоштан тайёр, додом пасмондаи хирмана ғалбер мекардаанд, ки раис “мондаҳо, ба чошатон барака!” гӯён аз асп фуромадаст. “Э, офарин, қандаша занад деҳқон!” гӯён гандума каф зада дидасту таъинот додаст:

– Ин гандума барои тухмӣ мондан лозим амак... Ҳа, як донаашро бечо накунед! Ман мегӯям, ина бурда ба анбори колхоз резанд, чанд чувол шавад, ҳамон қадар аз гандуми тухмии колхоз мегиред. Ҳозир дар анбор ғалла надорем, аввал плони давлатро буд кунем, сонӣ...

Хулосаи калом, “мо – ҳама як колхоз, як хонадонем,

ин гандумро нобуд кардан ҷиноят аст” гӯён хеле варсоқӣ хонда рафтаст. Фурсате нагузашта мудири анбораш чор бӯзбала катӣ омада гандумро ба ҷуволҳо бардоштаанд. Дар он замон ғингӣ кунеду рӯзатона бинед! Замин замини колхоз аст, об оби колхоз, аз дасти мо чӣ меояд?! Ба ҳар бало пешрав карда метавонистанд, “уклон” мегуфтанд, чапу рост мегуфтанду беному нишон гумномат мекарданд. Яку якбора одам ба мартаба расад, баъзан бехуд мегаштаст...

– Ана, аз касофати ҳамон хел касон имрӯз як мамлакати калони дуньё аз дигарон гандум мехарад, гӯшт мехарад, – гуфтам дар ғазаб.

– Хуб, дар ивазаш гандум доданд охир? – Лаҳзае баъд боз савол кардам.

– Ҳама гап дар сари ҳамин-дия! – гуфт амаки Патапат як оҳи чуқур кашида. – Беинсофӣ карданд, мулло... Агар раис инсоф медошт, сарамро гирифта аз ин диёр намерафтам. Инқилоб гӯён ноҷинсу нобакорон ҳам рӯи об баромаданд-дия. Дар он замон аз паст ба боло гуфта баъзан аҳмақтарин касон вазифа мегирифтанд. Раиси мо ҳам аз ҳамин хелаш буд. Имрӯзу фардо гӯён хеле овора карда гашту гандумро надод. Ба аламам тоб оварда натавонистам. Дар сари қаҳр “то ту раисӣ, оби ҳамин диёр ба ман ҳаром аст” гӯён як шаб пиёда кӯҳро гузаштаму рафтам. Дар шаҳр кор ёфта, побарҷо гаштаму сонӣ ба деҳа омада зану бачаамро кӯчонда бурдам. Хуфия омадаму шабошаб кӯч бардоштам, нафаҳмида монданд.

Амаки Патапат хомӯш гашт.

Ман саргузашти ӯро шунида, як навъ маъюс ва музтар будам, аммо фикран мунозираю муҳокама доштам: “Панҷоҳ-шаст солакак қабл аз ин бечора мардуми мо чӣ қадар очизу нотавон будаст!.. Давраи амирӣ не, баъди инқилоб-а! Агар ҳаку ҳуқуқашро медонист, пои он

раисро аз ҳаво меоварде... Ҳанӯз ҳам аз хӯи ғуломӣ наҷот наёфтаем. Барои як пула чизҳо худро дастхуши касу нокас мекунем, баъзан аз гуфтани сухани ҳақ меҳаросем, гоҳе аз ошӯб муқобили хорӣ мегурезем... Хайрияти кор, ки дар он замон деҳқон паноҳ ҷуста ба шаҳр гурехтан метавонистаст, сонитар аз ин имкон ҳам маҳрум гашта буд: дар шаҳрҳо паспорт ҷорӣ шуд, вале ба аҳли деҳа паспорт намедоданд. Бе паспорт ба куҷо меравӣ?! Вагарна деҳқонони нағз аз деҳа мерафтанду мерафтанд, он гоҳ заминро кӣ кишт мекард?! Ҳоли ҳам замин бесоҳиб, беғамгусор, бе амаки Патапат баринҳо хорӣ мекашад...”

– Хуб, баъд замин чаро нокорам гашт? – савол кардам ман агарчи медонистам колхоз ин заминро ҳаргиз дуру дароз истифода карда наметавонад ё ба сахтию зорӣ як-ду сол ҳосил мегираду баъд ҷӯяшро сел хароб мекунад ё офати дигаре мезанад, хулоса, барои ин хел замин чашми соҳибғайрате даркор аст.

– Нокорам нагашта чӣ мешуд?! Баҳори соли дигар нархи сабзию пиёзро напурсида, саросема тухмӣ пошидаанд. Баъд, вақти об расид, менигаранд, ки новадони ҷӯбинро бурдаанд, девори ҷӯй рахна ёфтаст. Аз беобӣ кишт сӯхта рафтаст, ҳосил нагирифтаанд.

Гӯшам ба суханони амаки Патапат маро дар тасаввур меомад, ки чӣ гуна ҷавонмарди деҳқон сангистонеро аз санг холӣ мекунаду замин месозад, санг бар санг ниҳода атрофи онро девор мегирад, то киштзорашро мол поймол насозад, баъд бо машаққатҳои азим ба ин як пора замини худ ҷӯи об меоварад, алафи бегонаи киштзорашро ягон-ягон мечинад, ба даст шишаи даҳонтанг дар гандумзор мегардаду ҳаканак ном ҳашараи зараррасони киштзорашро аз рӯи хӯшаҳои норасида мечинад... Баъд дарав мекунад, гандуми хӯшаҳояш тиллоиро банд-банд ғун оварда хирмани бошукӯҳе месозад. Барои хирманкӯ-

бӣ барзагов даркор аст, аммо фақат колхоз ҳақ дорад, ки барзагов дошта бошад, агар модагови колхозчӣ гӯсолаи нар бизояд, бояд ки ба ҳадди барзагови норасида, онро нест кунад. Амаки Патапат аз ночорӣ заминашро бо хари нимҷонаш шудгор карда, ба хирманкӯбӣ ҳам харро медарорад. Хайрияти кор, харро манъ накардаанд, ҳайвони пуртоқат аст, гӯшташ ҳарому кораш ҳалол. Сипас, падараш хирманро бо суруди "Майда-е, майда..." кӯфта, интизори бод чанд шабу рӯзро дар хирманҷо мегузаронад. Оқибат бод ҳам бармехезаду вай хирмани навкӯфтаро бод дода, коҳро аз дона ҷудо мекунад. Деҳқони пир бар чоши баланди гандуми тиллоранг менигараду хушнуд табассум мекунад, ба хирмани коҳ менигараду каф ба каф суда завқ мебарад – ин зимистон ҳам аҳли хонадони писар серу ҳам молаш!.. Аммо... ногаҳон раис меояд... Баъд гандуми барчошро дар пеши чашми пирамард ба ҷуволҳо бардошта мебаранду вай ба шохаи чӯбин такья карда ҳайрону малул мемонад...

– Канӣ, газа зер кун, мулло! – Гуфт ба якбора овозашро сар дода амаки Патапат ва ман аз банди хаёл ба худ омадам. – Мардум гап баровардананд, ки дар як кунҷи ғор китоб будаст... Аз рӯи гап, хешони Самандаров ёфтаанд... – Ҳоло ӯ бо овози паст, ба як навъ маҳрамона, ба чашми ман саволомез нигариста сухан мекард ва ғолибан донистан мехост, ки аз ин хусус ақидаи ман чӣ гуна аст. – Боз мегӯянд, ки дар хонаи аммаашон – Маҳтоб-кампир як сандуқ доштаанд, гумонам, пул будаст, ба куҷое дигар бурдаанд. Маҳтоб-кампир ба кадоме аз наздиконаш гуфтаст, ки аз боиси ҳамон сандуқ шабу рӯз хавотирӣ доштам, ба ҳавлии ҳамсоя гузарам ҳам, хотирпарешон менишастам. Кадоме мегуфт, ки ҳозир ягон гап хезад, ҳавлиҳои дуру наздик хешонашонро ҳам мекованд, рост будаст-дия!.. Мегӯянд, ки дар бонк пули калон намон-

даст, аз ҳамин сабаб ҳукумат дар ташвиш афтодаст. Пули калонро бист-сӣ соли охир мансабдорон ба дарун зер кардан гирифтанд, дар дасти давлат намондагист ҳам! – Вай заҳрханд намуду ба чашми ман нигарист. Ман ба нишони тасдиқ сар ҷунбондам. Амаки Патапат сухонашро идома дод: – Барои ҳамин онҳо дороиашонро дар кӯҳу ғорҳо руст карданианд... Ҳама ҳамин хел мегӯянд... Баъзеҳо шояд ягон лӯндаашро ёбем гӯён, аз сими ғафс асои оҳанин сохта, ба дар кунҷу камари кӯҳ асо ғутонда гаштаанд!.. – Худ ба худ қоҳ-қоҳ зад вай.

Чаро ӯ механдад? Наход ки маро ҳам аз ҳамон зайл хазинаковон пиндорад? Ё худ умедвор аст, ки он пулҳоро меёбад? Ба дар ҳол, хандааш таҳдор меомад. Ноҳақӣ деҳқони нағзро ҳам дигаргун мекунад. Касофати ноҳақӣ ҳамеша пои пас ҳам дорад...

Чаро вай механдад? Заҳрнок механдаду кинояашро зоҳир намекунад. Ноҳақӣ ҳамеша пои пас дорад. Ана, ҳамин деҳқони ҳалолкорро ҳам дигар кардаст, ба ҳама кор тамасхур мекунад, ба атрофаш ҳамеша пуршубҳа менигарад, ба ҳеҷ кас бовар надорад. “Ранҷбари рӯи чаҳон иттиҳод гуфтанду ба шаҳр рафтам, хостам, ки пролетар шавам, нашуд. Ана, акнун бачаҳо на деҳқонанд, на пролетар, як дарди ҳарина...” мегӯяд.

– Ин мегум, авлоди Самандаровҳо дар ду олам ба тарафи кӯҳ гузар намекарданд, чӣ шуд, ки якбора ба камаркаши кӯҳ – ба ғор рафтаанд? – Лаҳзае хомӯш рафту боз саволомез нидо баровард вай. – Одами пулдор дар кӯҳу камар номаъқул мекунадо? Ҳамту не? – Амаки Патапат аз ин гапу корҳо сирф бехабарии маро донад ҳам, ҳар замон савол мекарду ҷавоби маро шунидан мехост, мехост, ки ба ӯ ҳамфикрӣ изҳор намоям.

– Ҳайронам... – гуфтам оқибат китф боло кашида. – Ман хеле сол шуд, ки дар шаҳрам, аз гапу кори деҳа

бехабарам, амак. Хайр, ҳар замон мешунавам, ки ҳамаи ин авлод дар сари мансабанд, кордашон доим болои равған аст.

– Ҳа-а, инҳо хеле реша давонданд – дар район ҳам, дар шаҳр ҳам писару духтар, додарзодаю хоҳарзодаҳо-шонро ба сари корҳои нағз монданд. Пул бошад, ҳама кор осон будаст. Беҳуда намегӯянд, ки ҳақиқат дар осмон бошад ҳам, нардбонаш дар червон аст! Червон мегуф-танд, як замон пулҳои Николай пошшо буд...

– Ҳозир ба шалвори ҳамаи пулдорҳо кайк даромад, – гуфтам ман. – Воқеаҳои Узбекистонро шунидед?.. Аз-баски роҳи кору ҳунар катӣ давлатманд гаштанро бас-танд, луздию қаллобӣ мекунанд.

Амаки Патапат сухани маро нашунид ва ё шуниду эътибор надод.

– Қариб сӣ сол аст, ки Самандарови калонӣ дар мансаб аст. Мегӯянд, ки аз як миллён ҳам зиёд пул дорад, – изҳори андеша мекард вай. Ин тоифа расо мамлакатро хӯрданд-е!.. Аслан аз кордории ҳамин ҳукуматамон ҳам ҳайрон мешавӣ: охир, як кас агар як умр дар сари мансаб бошад, ҳар хел номаъқулӣ мекунад-дия! Агар ба майли халқ нигариста ба кор монанд, ҳар мансабдоре, ки гуноҳ кард, ба кори каланд гузарад, гап дигар буд. Э, тавба, – боз худ ба худ изҳори ҳайрат мекард амаки Патапат, – агар дар маҷлис гап задани раиси колхозамонро гӯш кунӣ, сӯфӣ мегӯӣ, гумонат, ин ҳақи гусола аст гӯён, шири говро намехӯрад. Раҳматӣ... аслан раҳматӣ ҳам набуда-гист, ба халқ хеле зулм карда буд, додои ҳамин Саманда-ров – Самандари Шапка дута гов доштагиҳоро қулоқ гӯ-ён молу ҳолашона мусодара карда саргардон карда фиристода буд. Сонитар мардум қолинҳои Деҳқонбою чойнику табақҳои чинии Мулло Кувватро дар хонаи вай дида, гаранг монданд. Ана, инҳо аз ҳамон замон

миёнашонро сахт баста, тиллои қулоқҳо катӣ мансаб гирифтанд, фарзандонашонро аз чанґравӣ халос карданд, ҳар мушкилашонро осон карданд. Э-э, дар як умри кӯтоҳаш одам чи корҳоеро намедидааст!.. – Баланд оҳ кашиду хомӯш монд амаки Патапат.

– Ҳозир ҳамаи он хатоҳоро ислоҳ мекунанд, – гуфтам ман.

Амаки Патапат ин бор ҳам сухани маро дастгирӣ накард. Ман ба рӯи вай нигаристам. Ӯ матлабро пай бурду хираханде намуд.

– Баргу пояи ғумойро медараванд... – гуфт рамзомез. Сипас эзоҳ дод: – Сахттар авҷ мекунад. Решакан кардан лозим, то дигар имкони сабзидан набошад... Кӣ ба пои худаш теша мезанад? Гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад мегӯянд.

Харҳо аз ҳоло аз пайраҳаи печ дар печ ба кӯҳ рост гашта, ҳоло ба сахтӣ пой мебардоштанд. Мо пиёда гаштем.

Ба рахти китобҳо даст расонидан мушкил буд. Ман дар шӯълаи чароғаки дастӣ сангдевори ба девори табиии ғор хеле монанд сохтаро чашм давондаму аз рахнаи он сар дароварда таҳ-таҳ китобҳоро равшан кардам. Қабл аз мо ба ин ҷо омадагон китобҳоро бардоштан хостаанд, вале варақаҳои пӯсида аз ҳам рехта коҳ барин парешон гаштаст. Ман ин пӯсидакитобҳоро, ки мардум титу пит сохта буданд, мисли коҳтӯда ба як сӯ кашида, аз муқова ва шерозаи чармини як китоби калон оҳиста бардоштаму бо эҳтиёт, чунон ки дар дастам мина ва ё бомбаи таркандае бошад, реза-реза по ниҳода берун баровардам. Китобро рӯи харсанге ниҳодему хостем, ки бикушоем, аммо варақҳо ба даст часпида мерехтанд. Аз мутолиаи пораҳои он чунин қиёс гирифтам, ки ин китоб тарҷумаи форсӣ ва шарҳу тавзеҳи китоби динӣ буд. Дар як варақ пораи

тавзеҳи сураи “Алҷурӯҳа қисос”-ро хондан тавонистам.

Сипас, мо бо ҳамин минвол се китоби дигарро берун овардем – девони Хоҷа Ҳофиз, рисолае доири илми нуҷум ва як китоби сеюмӣ, ки ҳаҷман хеле бузург буд, ғолибан ба илми тиб оид буд, зеро унвони он сутурда гашта бошад ҳам, аз вараќи сеюм ё чорумаш ба сахтӣ ин суханонро бихондам: “... ва ин китоб ҷамъ кардам, ки табибро андар ҳеҷ боб ба ҳеҷ китоби дигар ҳоҷат набошад ва ба сабаби бозгаштан ба китобҳои бисёр хотир пароканда нашавад...”

Ман ин порчаро дар ду сатри хаташ сутурда ва пора-пора хондаму дар банди андеша афтодам: “Аз рӯи услуби имло тозагӣ ва ноолудагии забон ин китоб, ки кулли қисматҳои илми тибро фароҳам кардааст, ғолибан дар асрҳои ёздаҳ, ҳеҷ набошад, дар ибтидои асри дувоздаҳ таълиф ёфтааст. Агар имрӯз ин китоби пӯсидаро ба алифбои нав баргардонему интишор намоем, қариб даҳ ҷилд қомуси тибби қадимӣ хоҳад буд. Хеле кам миллати дунё дар он асрҳо қомуси тиббӣ доштагистанд. Табибе, ки ин китобро дар даст дорад, ба вай дастури дигар лозим не мегӯяд-а!.. Афсӯс...”

Амаки Патапат ҳам, вақте ки ба маънии он сатрҳо сарфаҳм рафт, хеле афсӯсу надомат карду сипас гуфт:

– Ман барои як порча замин афсӯс хӯрда гаштаам!.. Ана, барои ин китобҳо кас афсӯс хӯрад, меарзад.

– Ба замин ҳам ҳайфи кас меояд, ба китоб ҳам, ба одамон ҳам... – гуфтам ман дар ғояти андӯҳ ғубори ба сару танам нишастаро афшонда. – Касе, ки китобро нобуд кард, оқибат мардумро ҳам нобуд мекунад мегӯянд, ҳақ асту рост.

*Соли 1988.*

# БӮЙГИР

Кӯҳсорон баҳору зимистон маро ба худ мекашад. Зеботар аз кӯҳсорон дар дунё ҷои дигаре нест. Дар ҳама ҷо якрангӣ ҳаст – дар саҳрову беша, дар баҳру дарё, бинобар он, хоҳу нохоҳ баъди муддате касро дилгир мекунанд, фақат кӯҳсорон аз якрангӣ эминанд. Ҳар як дараи кӯҳ чашмаю рӯди худро дорад, гиёҳу дарахти худ, ҷонварони муқими худ, ҳатто ҳавои махсуси худро дорад. Албатта, ин нишонаҳои кӯҳсорро на ҳар кас тафовут мекунад – аксари одамон дар кӯҳ оҳиста қадам задану ҳамаро дидану шуниданро фаромӯш кардаанд.

Ман аксаран рӯзҳои истироҳати худро дар сайру саёҳати кӯҳсор мегузаронам. Мошинсавор то ба Ҳушёрӣ ё Такоб мераваму баъд мошинро дар ҳавлии ягон нафар монда, пиёда ба сӯи кӯҳсор раҳ мегирам. Баъзан хеле дур меравам, то сӣ-чил километр роҳ мегардам. Сангу алафу паррандаву чаранда – бисоти кӯҳсор маро ҳамеша ба ваҷҳ меоранд, ҳамдамию ҳамнафасии онон маро шод мекунад. Баъзе рафиқону наздиконам дилбастагии маро ҳеҷ намефаҳманд. “Чӣ ҳаст дар кӯҳ?! Як худат мегардӣ, дилтанг намешавӣ?” мегӯянд. Ҳар киву ҳар чӣ гуфтаанд. Ба фикрам, кӯҳгардӣ ягон хислати фавқулодда нест. Боре дар кӯҳсор ман занбӯрбони ҷавонеро дучор кардаму соате бо ӯ ҳамсӯҳбат гаштам, ана, хислати вай касро ҳайрон мекунад.

Дар қариби Такоб, дар сари роҳ, дар буттазори канори рӯд раддаи кандуҳои занбӯрро дидаму гашти мошинро суст кардам. Ҷавони сиёҳмӯи олуфтасимое дар сари канду ба кор андармон буд. Гирди сараш занбӯрон виж-виж карда чарх мезаданд. Кандуҳо – ҳама тозаю рангзада, аён аст, ки аз колхозу совхоз не. Занбӯрбон ҳам ҷавони деҳотӣ барин набуд. Ҷавонони деҳа ба занбӯр-

бонӣ камтар рағбат доранд, махсусан, неши занбӯри колхозу совхозро барои 70-80 сӯм музди моҳона тоқат намеоранд. Ба ғайр аз ин, “аз оламу одам ҷудо, дар танҳоӣ дили кас зангор мебандад” мегӯянд.

Ман мошинро дар канори роҳ қарор додаму ба сӯи занбӯрбони ҷавон рафтам.

– Мондаҳо, додар! – аз масофаи ба тахмин бист-сӣ қадам овоз дода, ӯро аз омаданам бохабар кардам.

– Саломат бошед... – Ҷавон аз кораш сар бардошту лабонаш ба табассум моил, дар дасташ чорчӯбаи занбӯр, дар ҳайрат гӯям ё хатареро нигарон бошад, ба сӯи ман нигариста саргаранг буд. Ғолибан, вай сухане гуфтан мехост, аммо аз чӣ бошад, ки намегуфт.

Ин лаҳза монандаи донаи яхчае, ки аз абри баҳорон меояд, аввал занбӯре худро ба ҷабини ман зад, баъд дигаре дар мӯи сарам дармонда важжу виж сар кард. Сипас, яке дар ғазаб ба гӯшам неш зад, дигаре ба гарданам, ба чашмам... Ҳамлаи муттафиқонаи занбӯрон, ба қавли занбӯрбонон, маро лаҳзае “бирақсонду” сипас ба дарди ҷонкоҳи неши онон тоб наоварда рӯ ба гурез овардам. Занбӯрҳои хашмгин маро дунболагир буданд, паёпай неш мезаданд, аз шатар-шатар даст заниҳои ман мурда ба замин меафтоданд, вале шиддату шумори онон гӯё ҳеҷ кам намегашт. Ман худро ба мошин расондаму ҷонҳавлӣ ба кабина даромада дарро пӯшидам ва аз сару рӯям, мӯяму либосам занбӯрони дар ғазаб часпидаро зада фуровардан гирифтам.

Дар ин миён занбӯрбон ҳам расида омад. Вай ҳангоми ҳамлаи занбӯрон ким-чиҳо гӯён фарёд дошт, аммо дар он лаҳза ба гӯши ман сухани ӯ возеҳ намеомад. Ҳоло занбӯрбон аз сару гардани ман нешҳои дармондаи занбӯронашро бичинд ва пурсид, ки ҳолам чӣ гуна аст, сипас дасту гарданамро нигаристу пурсид:

– Дилатон беҳузур не?.. Саратон чарх намезанад?.. Ку баданатонро бинам. – Вай куртаи маро бардошта тахтапуштамро нигарист.

– Аз ҷои истодагетон “ҳой-ҳой” накарда тохта биёеду халос кунед, намешуд? – гуфтам ман гилаомез. – Ин қадар фарёд зада чӣ мегуфтед?

Занбӯрбон хандид. Вай як ҷавонмарди лоғари газгӯшт ва резаҷусса буд. Аз як назар маълум буд, ки вай аз мардуми ин атроф нест. Либосаш бетакаллуф, ҳама оддӣ, вале тозаю батартиб, ҳатто корҷомаи аз матои кабудфом дӯхтааш, ки дар кисаҳои сарсина ва паҳлӯяш дафтарчаю қалам ва баъзе асбоби занбӯрдориашро ниҳода буд, покиза, бе хаму печ, ба танаш шинам афтодааст. Дунболаи чашми чапаш холе буд, ки баробари хандаи чашмонаш гӯё механдид.

Ӯ се-чор неши вомондаи занбӯрро аз сару гардани ман гирифту баъд зуд бирафт ва рӯмолчаеро ба оби сард тар карда омад, сипас оби онро фишӯрду ба болои чашмонам ниҳод.

– Дошта бистед. Варамашро мегардонад. Агар ях бошад, боз беҳтар буд. – Баъд вай сабаби фарёдашро ҳангоми ҳамлаи занбӯрон эзоҳ дод: – Ман фарьёд зада гуфтам, ки рӯятонро бипӯшеду ба замин бишинед. Аммо шумо нашунидед.

– Он замон ба гӯш гап медарояд?!

– Ҳангоми ҳамлаи занбӯрон ягона илоҷи имконпазир ҳамин аст, – гуфт ӯ ба оҳанги маслиҳатомез.

– Барои чӣ фақат чашму рӯйро руст карда? Дасту гарданро газад, майлаш? Баъзе аз занбӯрони шумо аз болои курта ҳам газид!

Сару рӯи ман варам карда сарам мегашт, дилам беҳузур, ҳатто нафасгириам мушкил мешуд. Занбӯрбон аз вазъи ман дар ташвиш буд, гуфт, ки ҳатто аз неши як-ду

занбӯр ҳалок гаштани одам мумкин аст.

Сипас вай чолок бархоста рафту дар даст як чойник чойи ширгарм ва пиёла баргашта омад.

– Ду-се пиёла чойро дам кашед... Ташна набошед ҳам, хӯред, зуд заҳрро берун мекунад, – талқин мекард вай.

Ман аз дасташ пиёлаи чойро гирифта дам кашидам. Ҷавон чойникро пеши ман монду худаш ҳам рӯи харсанг нишаст.

Сипас дар ҷавоби ман гуфт:

– Ба чашми одам неш задани занбӯр хатарнок аст. Мегӯянд, ки як нафар занбӯрбон кӯр шудаст. Пардаи чашм нозук аст, шояд аз неши занбӯр пардаи чашм даридаст. Шумо аз ман наранҷед, ако, дар наздикии кандуи занбӯр тохтан, ҳаракати даст – ҳатто, занбӯрро ба изтироб меоварад. Агар ман тозам, маро ҳам тала мекунанд.

– Чӣ, ин исқот, соҳибаша намешиносад?

– Намешиносад, – хандид занбӯрбон.

– Охир, ман оҳиста мерафтам-ку! Давидагем не. Тала карду сонӣ гурехтам.

– Бӯи атр... Атр, ки задед, ба занбӯр наздик наоед!

– И-и...

– Дастатонро авлонҷ надиҳед! Боз занбӯрҳоро ба худ ҷалб мекунед. Мо занбӯрбонон, агар занбӯр неш занад ҳам, тоқат мекунем, дастафшонӣ ё ҳаракатӣ басуръат зоҳир намекунем.

– Наход ки ману шуморо ҳеҷ фарқ накунад? – ба сухани занбӯрбон боварам намеомад. – Дар таҳи дараш посбон дорад мегӯянду боз соҳибашро намешиносад?

– Ҳамин қадарашро тафовут мекунад, ки аз ман бӯи ба вай бегона ва ё нохуш намеояд. Аз шумо бӯи турши арақи бадан меояд, боз бӯи атри шипр, собуни ироқӣ...

Боз ҳасиби дудзада хӯрдаед, бӯи сирпиёз меояд... Занбӯр ин буйҳоро хуш намекунад. Аз чӣ бошад, ки намедонам, аммо бӯи атру собун ҳамеша онро ба изтироб меоварад. Ман ҳаргиз атр намезанам.

– Аҷиб, – гуфтам ман бештар аз ҳисси буйгирии ин ҷавон тааҷҷубам афзуда. Ба дил гуфтам: “Бӯи атри пагоҳӣ пошидаи ман то ин дам қариб ки намонд, ба чи усул вай фаҳмид?” – Расо бӯйгир будаед-ку! Атри “Шипр” задани маро бӯй гирифтед ё ҳамту гуфтед?

– Аз дасти ҳамин бӯйгириам дар ин кӯҳсор занбӯрбонӣ мекунам! – гуфт вай аз ин ҳунари худ ба як навъ норозинамо, гӯё маҳз аз дасти ин ҳунараш дар ранҷу азоб бошад. – Ман дар донишгоҳи олӣ таҳсили илм доштам, агар ду соли дигар тоқат мекардам, ин замон олӣ маълумот будам. Аммо дар толори пуродам нишаста натавонистам. Мардуми донишҷӯ ҳар балоро мехӯранд, аз бӯи нафасашон ман нафасагир мегаштам, аз бӯи пои арақину ҷӯроби ношуста ҳатто дилбеҳузурӣ доштам, баъзан хӯрдагиамро қай мекардам. Хусусан, аз нафаси бадбӯи баъзеҳо...

– Магар шумо худатон хӯрок намехӯред! – бо киноя савол кардам ман, вале занбӯрбон оҳанги кинояи саволи маро пай барад ҳам, ба як навъ содадилона, вале хеле ҷиддӣ ҷавоб гуфт:

– Мехӯрам, хӯрок нахӯрда мешавад?! Аммо ҳар чизро хӯрда наметавонам. Умуман, аз хӯроки кӯча ҳаргиз намехӯрам. Ҳеҷ набошад, бӯи пиёзи сӯхтагӣ дорад! Бӯи равғани доғ нашуда, карами мағор карда, э-э, ҳазор хел бӯй меояд.

– Хаёлам, ҳоли хонадор нашудаӣ, ҷӯра? – гуфтам худро ба вай наздик гирифта ба “ту-ту”. – Зан гир, занат дар хона дӯкони атторӣ мекушояд, ана сонӣ ба ҳамааш одат мекунӣ! Аз пешоби кӯдакон бистару бисоти хона

бадбӯ шавад...

– Одат кардан натавонистам... – Гуфт вай ва хиҷолатомез табассум намуд. Баъд нигарони тавзеҳ будани маро диду гуфт: – Ба як духтар андаке дилбастагӣ доштам. Тоқат наовардаму боре рӯирост гуфтамаш: “Ҷои он ки ин қадар рӯятро упою ғоза катӣ андова кашӣ, гӯшу гарданатро бишӯй, дандонатро тоза нигоҳ дорӣ, намешавад?! Тозагӣ ҳусн аст!” Духтар ранҷиду рафт. Чирки гӯшашро намебинад, милки дандонҳо заб-зард, пушти пошнааш сафолак бастааст, бехабар аст...

Ҷавон ба занбӯрҳое, ки аз тори сари мо тир барин бо суръат парида мегузаштанд, лаҳзае нигариста истоду сипас гуфт:

– Дар атроф ҳамин қадар гул аст, аммо ба фароғатгоҳи кӯдакон меравад! Камаш чор-панҷ километр меомадагист? А?

– Чӣ донистӣ, ки ба фароғатгоҳи кӯдакон меравад? – савол кардам ман. Аз ин сухани ӯ бӯи худнамои омаду тамасхур намудам. – Ё иҷозат пурсида мераванд?

– Шарбати гули ақоқиё меоранд... Бӯй кашед... – Ӯ ҳаворо ба бинӣ кашиду сипас гуфт: – Бӯи гули ақоқиё... Дарахти ақоқиё фақат дар боғи фароғатгоҳ ҳаст.

Ман бо ӯ баҳс накардам. Ҳушам ба духтаре, ки ҷавон аз ӯ алоқаашро буридаст, банд буд.

– Нағз гуфтӣ асли ҳусну назокат дар тани покиза аст. Ту бояд ки ба он духтар ба нармӣ мегуфтӣ, мефаҳмондӣ. Инсонро тарбия кардан лозим, вагарна аз бузина фарқе надорад.

– Агар покизагӣ дар сиришти кас набошад... – Ӯ даст афшонд, ки маъниаш омӯхтану ташвиқ кардан суде надорад гуфтанаш буд.

– Ба ту ҳам омӯхтаанд, вагарна занбӯрдорӣ дар зоти ту набуд-ку!.. – Ин суханро гуфта ба чашми ҳамсӯҳбатам

нигаристам. – Ёри бенуқсонро аз куҷо меёбӣ? Фақат айби касонро дидан – хислати хуб не, дар дунё одами бенуқсон нест.

– Барои чи занбӯрбонӣ дар зоти ман набудаст?! Як сайёҳи араб дар асрҳои ҳашт ё нӯҳ аз мулки мо гузаштанашро навишта будаст, хондам, ҳар сол ҳазорҳо хик асал мегирифтаанд. Дар “Сафарномаи” Носири Хисрав ҳам ҳаст.

– Додарам, агар ба ту сиру асрори занбӯрро наомӯхта бошанд, аз кадомин гул шаҳд овардани занбӯри ҳаворо чаро ту медонию ман не? – гуфтам ман хандон ба рӯи ҳамсӯҳбатам нигариста.

– Охир, бинии ман бӯйгир аст, очаам мегӯяд, ки саг ҳам ин хел бӯйгир намешавад. Ин хислати модарзод аст, касе онро ба ман наомӯхтаст! Аслан, ин бӯйгирӣ маро сил кард. Дар шаҳр миёни одамон кор карда натавонистам, донишгоҳро партофтам. Бовар мекунед, баъди тарки донишгоҳ дар шаҳр автобус мерондам, дар назарам, ҳамаи дуди мошинҳои кӯча рост ба ду сурохи бинии ман меомад. Гӯё тамоми рӯз аз дуду газ нафастанг будам.

Баъд, вай аз сабаби бӯйгирӣ азобу уқубати кашидаашро бо сӯзу гудоз ҳикоя кард. Дар ошхона хӯрок хӯрда наметавонистаст, ба мошини пуродам савор гаштан, дар маҷлисҳо нишастан – ҳама барои вай азобу уқубати азим будаст. Дар воқеъ ҳам, дар ҳама ҷо ба димоғатон бӯи бад ояд, дар ҳар қадам ҳавои вайрони чиркиниву кареҳ бошад, рӯзи кас сиёҳ аст. Ҳазл не, агар кас ҳам дар косаи карамшӯрбою ҳам дар самбӯса, ҳам дар нафаси рафиқи ҳамсӯҳбаташ, ҳам дар хонаи дӯсту ҳам дар гӯшу даҳани духтари дӯстдораш асари гандидану чиркинӣ ва беназофатиро дарёбад, ҳолаш табоҳ аст.

– Занбӯр чӣ хел, бӯй надорад? – Аз чунин хислати ӯ дар тааҷҷуб сар ҷунбонон савол кардамаш.

– Занбӯр ҳам бӯй дорад, аммо бештар бӯи хуш... – гуфт вай андешаманд лабханд намуда. Сипас боз афзуд: – Агар шамол аз боло бошад, ана, аз ҳамин сари роҳ биниамро ба тарафи кандуҳои занбӯр гардонда бӯ кашам, бӯи гули себарга, санҷид ё ювғон гуп-гуп ба димоғам мезанад, бехато мегӯям, ки занбӯр ҳоло аз кадом гул шаҳд мегирад. Кандуро мекушояму ба димоғам накҳати тамоми гулҳои кӯҳсор мезанад... Албатта, бӯи нохуш ҳам ҳаст. Масалан, агар ягонта занбӯрро зада кушед, ё лагадмол кунед, занбӯрон ба иттифоқ ба шумо ҳамлавар мегарданд, сабаб чист, медонед? – занбӯрбон шавқманд ба сухан даромада ҳоло аз ман савол мекард.

– Аз девона мепурсӣ – моҳ чанд аст! – гуфтамаш ба истеҳзо.

– Ҳамин ки занбӯреро куштед, он аз худ як бӯи махсусе медиҳад. Ана, ҳамин бӯй занбӯрони дигарро девона мекунад... Занбӯр бисёр ҷонвари озода аст, агар оила солим ва ба қавле, чор ишкелаш чоқ бошад, даруни кандуяш равған молида лесидагӣ барин покиза аст! Ман ба даруни канду як бор менигараму вазъи онро бехато медонам: шоҳаш ҳаст ё не, тухм мекунад ё намекунад, оила ягон касал дорад ва ё худ солим аст...

– Ҳой, занбӯрбон, ба ман нигар, ҳоли ман чӣ мешавад, сару рӯям варам кард! Фардо чӣ хел ба кор меравам?

– Шаб ях гузоред... Камтар спирт ё арақ хӯред... Гиред, чой хӯрдан гиред... – маслиҳат дод вай.

– Туро мешиносад-дия, намегазад! – Ба сару рӯи вай нигариста хитоб кардам. – Ҳа, воқеан, чашмбанд катӣ кор мекунӣ-а?

– Ман дар ҳавои нағз аксар бе чашмбанд кор мекунам. Ҳар рӯз чандинтоаш неш мезанад.

– Ҳар рӯз чандинтоаш? – Ба такрор пурсидам. – Соҳибаша намешиносад гуфтӣ-а? Аҷиб. Намедонистам. Ҳар

рӯз чандтоаш неш мезанад?

– Баъзан ба биста мерасидагист.

– Бисто? – Бо нобоварӣ сӯяш нигаристам. – Дард намекунад? Одат кардагистӣ, вагарна, бистояш мекушад!

– Одам ба дард ҳеҷ одат намекунад. Албатта, иммунитет ба кор медарояд, ҷои неши занбӯр варам намекунад, аммо дард мекунад.

– Агар моҳе ҳазор сӯм диҳанд ҳам, ман дар ҷои ту кор намекунам, – гуфтам қатъӣ, гӯё маро дар паҳлӯи ӯ ба кор даъват карда бошанд. – Ана, ҳамин зайл чаҳортааш неш занад, кандуяшро ба рӯд меғелонам!

– Барои ҳар як касбу кор ишқ даркор аст. Агар ишқ надоред, кор кардан намешавад.

Дар назари ман ҳоло кори ин ҷавон як навъ диловарӣ барин ҷилва менамуд. Вай аз он, ки дар нисбати дигарон бӯйро бештар ҳис мекунад, дар азоб аст. Қоидаи бозӣ дар ҳаёт ҳамин аст: ҳар кӣ дар нисбати дигарон агар бештар мебинад ё бештар медонад, зиндагиаш чандон осон нест...

*Соли 1988.*

# КӮҲНА ВА НАВ

Бо супориши идораи рӯзнома аз паи тафтиши мактуби Шукуфа ном ҷавонзан ба ноҳия омадам. Сараввал, аз рӯи қоида ба комитети партиявии район даромадам, сонӣ ба идораи рӯзнома рафта, аз ҳамкасбони инҷоӣ аз хусуси деҳаи Яккатут пурсуҷӯ кардам. "Деҳаи дурдаст, хушобуҳаво, заминҳои хуб дорад, лекин пешравии колхоз таъин не, одамонаш – қобил, саркашу аризабозаш нест", гуфтанд. Маълум буд, ки аз одамони ҳақталош безоранд.

Аз автобус дер мондаму ба сари чорраҳа баромадам. Баъди хеле интизорӣ ва аз паи мошинҳои раҳгузар тохтанҳо ба кабинаи як мошини боркаши фарсуда нишастам, ки аз он ба димоғ бӯи шиттаи мол мезад. Ронанда кунҷковона аз ман пурсид:

– Ба Яккатут моҳидорӣ меравед ё бо ягон кор?

– Моҳӣ бисёр аст? – барқасд ба ҷои ҷавоб савол кардам.

– Пеш мӯл буд... Ҳозир кам монд. Тӯр катӣ мегиранд. Сонӣ оби пахта фуромаду моҳӣ нобуд шуд.

– Колхоз меҳмонхона дорад? – боз пурсидам.

– Дар чойхона хоб мекунанд. Кор катӣ омадагӣ одам дар кӯча намемонад, меҳмон мешавад. – Баъди лаҳзае хомӯшӣ вай илова кард: – Чойхона, клуб – ҳамааш соз.

– Деҳа обод гӯед. Оби хӯрданиашон албатта аз ҷӯйбор?

– Ҳамин раҳа соз кунанд, аз ягон деҳа ками надорад. Агарчӣ аз район, аз шаҳр дуртар аст, лекин обу ҳавояш тоза, – зоҳиран, дар ивази зиёни аз шаҳр дуриаш инро илова кард мард. Вай кинояи маро нафаҳмид, ман ҳам дигар таъкид накардам.

– Гап ба дурӣ не, мошин бисёр аст, – дастгирӣ кар

дам ӯро. – Мактабаш чӣ хел? – Аз дур савол кардам.

– Нағз... Имораташ кори калон. – Ронанда ба назари имтиҳон бори дигар ба рӯям нигарист.

– Боғчаи кӯдакон чӣ? – ба мақсад наздик рафтам ман. – Мардум ба боғча кӯдаконашонро намедодагистанд? Дар шаҳр ҳамин ки бача ба боғча рафт, аз чанголи касалӣ халос намешавад. Дар деҳа чӣ хел?

– Боғчаи кӯдакони мо бад нест, дар хона кампири бачабон доштагиҳо ҳам кӯдаконашонро ба боғча мебурданд. Кӯдакон шеъру таронахонӣ мекарданд. Хаёлам, ҳозир кор намекунанд, бастагӣ. Вақти кори саҳро мекушоянд.

– Барои чӣ? Ҳама вақт кор кунад, хуб не?

– Кор мекард, қаҳри раис омаду руст кард. – Вай пай бурд, ки матлаби ман боғча аст. Чӣ сон донист – ба ман торик монд.

Ронанда дигар ба ин мавзӯъ дахл накарданӣ буд, вале дилаш беқарорӣ карду фурсате аз миён гузашта нагузашта боз ба сухан даромад.

– Як аврат мудир буд, мегӯянд, ки раис катӣ гапашон напухт. Сонӣ раис уро аз кораш холӣ карду ба ҷояш як духтарака монд, вай натонист. Боғча нашуд... Раис катӣ тую ман карда меша?! Дар республика ҳама мешиносанд, иззат мекунанд. Сӣ сол боз у раис, ин аврат чира медонад?.. Ҳақу ҳақиқат талаб дора... Ин гапо дар рӯи коғаз-ай!..

Ин аврати ҳақҷӯю ҳақиқатталаб Шукуфа буд, ки ман аз паи мактуби вай мерафтам. Раҳорах аз сӯҳбати марди ронанда ба худ итминон гирифтам, ки ӯ зоҳиран раисро ҷонибдорӣ кунад ҳам, аслан аз вай чандон қаноатманд нест, вале норозигиашро ҳаргиз зоҳир кардан намехоҳад.

Чоштгоҳи рӯзи дигар ба мулоқоти Шукуфа бирафтам.

Дар домани деҳа аз хишти хом иморат карда, андоваю пардозаш ба поён нарасида, кӯчида даромаданаш гувоҳи ҳол буд, ки зану шавҳари ҷавон серкоранд ва хешу тобори мададгар надоранд.

Маро ҷавонзани маллаdensi лоғарандом дар чеҳрааш табассуми шармзадагӣ, як навъ хиҷолатомез истиқбол карду марҳабо гуфт.

– Шуморо овора кардам... узр... – Кию чикора ва ба чи ният омаданамро шунида, вай аз шарм то ба нӯги гӯшҳои нафисаш сурх шуд. – Ташаккур... Гумонам мактуби маро ба ноҳия мефиристанду боз... ҳамон дегу ҳамон кафлес...

– Аз ин ҷиҳат бахтатон омад кард... Ё аз навиштаатон пушаймон будед? Ҳайрон нашавед, баъзеҳо ба идораи рӯзнома шикоят менависанду баъд зуд пушаймон мешаванд ва моро дар ҳолати ноҳинҷор мегузоранд. Аҷаб не, баъзеашон аз тарс, баъзеи дигар аз андешаи ину он... – Ба чашмони вай рост нигаристам.

– Надонам, – вай чашмашро аз чашми ман гурезонду китф боло кашид ва хаёломез табассум кард. – Ба хона дароед... Ё... ё ба хона даромадан мумкин набудагист? А?.. Рост, зиёфаташро хӯрд мегӯянд. Агар ягон тӯҳмати дигар начаспонанд...

Аён буд, ки Шукуфа аз қабили он ҷавонзанонест, ки ҳар чӣ аз дилашон гузарад, ба рӯи кас мегӯянд.

– Кӣ ҳаст?.. Ҳамсаратон ё падару модар ҳам нестанд?

– Он кас дар мактаб... Ҳамин замон меоянд, – гуфт вай ва сипас ба кӯрпачаи рӯи чорпояи айвон ишора карда гуфт: – Хайр, ана, дар ин ҷо, бишинед. – Хуб, алҳол дар айвон бишинем, – гуфтам ман.

Ба лаби катӣ айвон нишастам. Шукуфа аз рӯи одати деҳотиён зуд дастархон густурду чойдамкунӣ рафт.

Баъди он ки як пиёла чойи ӯро хӯрдам, бе ҳеҷ муқаддима пурсидам:

– Бо раис гапатон напухт-чӣ?

Вай аз хиҷолат сурх шуда сар хам кард ва узромез хандиду ба тасдиқ сар ҷунбонд. Сипас ба сухан даромаду тез-тез гуфт:

– Намедонам ин чӣ ҳол аст... Аҷаб не, гуноҳи ман бошад, лекин он кас одами калон, мебоист ба ин андоза кина намегирифтанд... Ҳайронам, чӣ кор кунам?.. Номам ба аризабозӣ баромад. Шавҳарам маломат мекунад... Аз кори ман хиҷил аст... Раис мехоҳанд, ки мо аз ин деҳа кӯчида ба дигар ҷо равем. Лекин ман намеравам... Охир, ба умед девори ин хонаро рост кардем. Дар ҳар деҳа хона сохта рафтан мегирем-чӣ?..

Ба қавли Шукуфа мардуми ин деҳа сухани раисро ҳаргиз дуто намекардаанд. Амри вай ба ҳадде воҷиб будаст, ки хато бошад ҳам, маъқул бошад ҳам, “хуб шудаст, раисбобо” мегуфтаанд, вале аз донистагии худ намемондаанд. Бо роҳбарон баҳсу ситеза беадабӣ ва зиёда аз он шаккокии беақлона ба ҳисоб мерафтаст ва онҳо низ инчунин густохонро хуш намедоштаанд. Ҳатто худи калонҳо баъзан мегуфтаанд: “Кори гуфтагиамонро иҷро накунӣ ҳам, “хуб шудаст” гӯй, намемурӣ”.

– Ман раис катӣ баҳс кардам, бачаҳо то ба кай бекат дар рӯи фарш хоб мекунанд, бе бозича, бе асбоби машқи таълим, бе меваю сабзавот, ҳатто баъзан бе хӯроки гарм монданашонро гуфта, ҳар замон мағал бардоштам, – гуфт Шукуфа тез-тез. – Дар колхоз зиндагӣ мекунему меваю сабзавот надорем! – Барои ҳамин сурху сафед шудем... Ба фикрам, сабаби носозиамон ҳамин аст. Ба ҳар ҳол, ман нияти дигаре надоштам. Оқибат, аз ин хунукназарӣ ба боғчаи кӯдакон дилгир шудам. Вақте ки як нафар мураббия ба кори дигар рафт, ариза навишта

хоҳиш кардам, то маро аз мудирӣ озод кунанду мураббия таъин намоянд. Як нафар духтарак омад, вазифаро супурдам, лекин аз чӣ бошад, намедонам, мураббия таъин накарданд. Баъди он, ки раиси ҷамоа имрӯзу фардо гӯён хеле вақт саргардон кард, бо шикоят ба район рафтам. Чораи дигар надоштам. Аз даводав, ба қавли шавҳарам, дар поям кафш намонд. Ба куҷо арз кунам, ҷавобашон таъин: "Мо фикри раиси колхозро ба инобат нагирифта наметавонем. Ба ягон колхози дигар ба кор равед, шумо барин мутахассис дар ҳама ҷо зарур..." Мудири маориф бошад: "Муаллима шав, катӣ шавҳарат кор карда мегардӣ", мегӯяд. Омӯзишгоҳи томактабиро тамом карда муаллим мешудаам! Дар шаҳр саргарми таҳсил аз зиндагӣ бехабар будаам... Бюрократ гӯям, суратҳои хандаовари мардони шикамкалону портфелдори сахт ба курсии мансаб нишастагӣ пеши назарам меомад. Саросар ба ботлоқи бюрократизм ғӯтида будаему ман бехабар...

Симои деҳа симои одамони онро акс мекунад. Аммо манзараи Яккатут дигар буду симои маънавии одамони он дигар. Аз як тараф – ҳавлию иморатҳои бошукӯҳ, автомобилҳои рангоранг, боғу роғи дилкушо, табиати зебою пок ва рӯҳафзо, аз тарафи дигар – бепарвоию бедардӣ ба атроф ва атрофиён, замонасозию тамаллуқпешагӣ, симои худро кам-кам гум кардани инсонҳо... нобоварӣ ба якдигар, беэътимодӣ ба қонун ва ҳокимият...

Ман се рӯз дар деҳа гаштугузор доштам ва фақат рӯзи чорум раиси колхозро дучор кардам. Дар хусуси вай сонитар. Ҳоло ҳаминро гуфтаниам, ки мардуми деҳа ба сӯҳбати ман берағбат бошанд ҳам, банда дар куҷо чорпанҷ кас ғун шаванд, "ассалому алайкум, мондаҳо, бародарон, аҳвол чӣ тавр?" – гӯён рафта, ба сӯҳбаташон шарик мегаштам. Деҳқонон аз киштукор, молдорон аз вазъи молу ҳол ва ему алаф, муаллимон аз таълиму

тарбия, хулоса мардум аз ҳар хусус сӯҳбат доштанд. Вале ҳеҷ кас ба моҷарои Шукуфа дахл намекард.

Рӯзи дуюми ба Яккатут омаданам буд, аз магазин баромада меомадам, аз қафоям як нафар ба ман шунавонда ба ҳамсӯҳбатонаш гуфт:

– Ин алғов-далғов мекунаву мерава, мо инҷада зиндагӣ мекунем, корамон ба ҳамин калоно меафтад, наход, ки мардак ҳамира нафаҳма?! Набоша, мо ҳам сиёҳу сафеда фарқ мекунем, забон дорем... ҳо, як гапое гуем, ки!..

Аз раҳам истодаму баргашта қафо рафтам ва бо табассум ба гӯянда рӯ овардам:

– Муросокории зарарнок... То кай ин хел зиндагӣ мекунед?.. А?.. Ба инсон ба ғайр аз нону ошу хонаву ҷой боз як витамини зарурӣ ҳаст – адлу адолат... Бе он инсон... – Ба ҳамин минвол хеле сухан гуфтам, гумонам дар дили ин касон ҳисси худшиносӣ ва иззати нафси инсониро бедор мекунам. Аммо дар ҷавоб яке аз онҳо гуфт:

– Э, мо гапи худамо... Шумо ба ин гапо эътибор накунед, меҳмон...

Ин гуфтаи онон чунон маънӣ дошт, ки ман бекора худро дилхун мекунаму сухан мегӯям, мардум ҳаргиз ба ман ҳамраъйӣ намекунанд, ба ин гуна иғвою шӯранагезиҳо фирефта намешаванд, балки аз шунидани матлаби ман кароҳат доранд.

Дар чойхона бо як нафар марди бурутғафс ҳамгап шудам. Вай чашми маро ба зиндагӣ кушодан мехосту дар сари ин ғарази худ вай хеле ҷаҳд намуд.

– Ариза гуфта аз ҳамин қадар раҳ овора шуда омадед-да, – аз рӯи надомат сар меҷунбонд вай. – Раис чӣ хел одам аст, мо медонем, аз мо пурсед. Ин одама то марказ – ҳама медонанд, ҳурмат мекунанд. Ҳазл не, сӣ сол боз раиси колхоз аст! Дар маҷлисҳо ҷояш мудом дар президиум.

Э-э, аслан ин халқ зулмпарвар аст, додар, одами мулоима хор мекунад... Ҳамин қадар сол колхоз пешқадам буд, байрақ мегирифт, ҳар рӯз дар рӯзномаҳо номаша калон карда менавиштанд. Хуб се-чор соли охир сохтакорӣ, маълумоти бардурӯғ, хариду фурӯш, туда-сюда гуфтанду корамон барор накард, ҳеҷ гап не, осиё ба навбат. Шукр, пешқадам набошад ҳам, колхозчиҳо розӣ. Ҳамту не? – бурутғафс ба рӯи ду нафар ҳамнишинонаш нигариста ҳамраъйӣ талабид, аммо ба ҷуз саҳл каллаҷунбонӣ аз онҳо садое набаромад.

– Хайр, одами кӯҳна-дия, муросо кардан даркор, – гуфт яке аз онҳо, ки зоҳиран муаллими нафақахӯр барин менамуд. Вай ҳам дар навбати худ ба нишони тасдиқ калла ҷунбонд. Аммо дар назар сарҷунбонии ӯ бараъло аз ночорӣ буд.

Субҳи рӯзи дигар аз чойхона баромада ҷониби идораи колхоз мерафтам, дар назди анбор се нафарро ҳамсӯҳбат дида, сараввал эътибор надодам.

– Ҳой, бародар, пештар бед канӣ, – сарҳалқаи онҳо, як марди шофбурут маро ба назди худ хонд. Аз дилам гузашт: “Дар деҳа ба ғайр аз раис дигар ҳеҷ кас ингуна ваҷоҳат ва овози омирона надорад”.

Пеш рафта, бо адаб ва нимтабассуми махсуси муошират салом кардам. Бурути сафеди ин марди миёнақад гӯё ях кардагӣ бошад, наҷунбид, нигоҳи пурвиқор ва сарду худбовараш нописандона шах шуда буд, теғи чашмони хурд-хурдаш аз болои сари ман гузашта ба куҷое дӯхтагӣ буданд ё ба ман чунин намуданд.

– Шумо дар колхоз чӣ кор карда гаштаед? – бо тамасхури ошкоро ба ман рӯ овард вай. – Кӣ ба шумо иҷозат дод? – Раис бо чунон оҳанге сухан мегуфт, ки гӯё ман дар ғайби ӯ беиҷозат ба хонааш даромада бошам.

Дар ҳаёти пурмоҷарои рӯзноманигорӣ ба ҳар хел касон дучор омадаам, аммо ҳеҷ яке то ба имрӯз маро ба ин минвол ҳайрон накарда буд. Охир, ман аз хориҷа наомадаам, фуқарои озоди ҳамин давлати Советиам, ки раис ҳам, вазир ҳам ходими он аст, ман ҳам...

Лаҳзае дасту по хӯрдам, вале зуд худро ба даст гирифтам. Гӯё ба гуфтаҳои ӯ беэътино, ботамкин худро шиносо кардам:

– Ман аз идораи рӯзнома... Аз паи тафтиши мактуби зане...

– Бе рухсат ҳақ надоред аз ин мардум гап гиред! Фаҳмидед? – гуфт вай бо тамасхури нописандона, сухани маро бурида. Мухбири рӯзнома ва ба ин кор таъинот гирифтанам авзои ӯро ҳеҷ дигар накард. Сипас, маслиҳатомез гуфт: – Колхоз соҳиб дорад. Агар ҳар кас омада бе пушт-пушт ба кор халал диҳад, мо сарҳисобамонро чӣ хел меёбем?! – Раис лаҳзае таваққуф карду сонӣ ба оҳанги андаке нармтар гуфт: – Ба колхоз омада, аввал раисро дидан даркор.

Ман ба вай фаҳмондан хостам, ки шикоят ба шахси худи ӯ оид аст ва дар ингуна маврид вай ҳакам будан наметавонад.

– Гапу кори ин ҷоро ман медонам! – зуд сухани маро бурид вай. – Ман ба колхоз ҷавобгарам! Партия, ҳукумат колхозро ба ман супоридаст, аз ман талаб мекунад, аз он аврат не, аз шумо не, аз ман! – Раис калимаи “ман”-ро чунон бошиддат талаффуз мекард, ки ман даҳонамро кушода лаҳзае ба оҳанги гуфтори вай ангал мондам. Калимаи “ман”-ро агарчи ҳама як хел менависанд, раис ба чандин ранг мегуфт, ба ранге мегуфт, ки онро навишта ифода кардан намешавад. Ман ба дил мегуфтам: “Ана, ба ҳамин монанд касони кундфаҳму худбовар, бемаърифат сардори деҳа, ноҳияву вилоятанд,

худро зиёии тоҷик пиндошта ҳамчун вакили халқи мо дар анҷуману кунгураҳои умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ ширкат мекунанд, сухан мегӯянд”.

– Ҳеҷ кас ҷавобгарии колхозатонро ба зимма гирифтанӣ нест... Лекин... идораи рӯзнома мухтор аст... яъне, ба шумо не, балки ба идораи болоӣ тобеият дорад... – гуфтам ман дар вазъе, ки аз изтироб нафасгир будам.

– Ҳақ надоред, додар... Ин гапу кори шумо дар пеши плони пахта як пул аст. Ба Партия, Ҳукумати ҷоноҷон пахта даркор, гӯшту тухм, меваю сабзавот даркор... Ман газитатона ба як пул намегирам.

Баъд чигуна барои фонди умумииттифоқӣ лимонро ба ҳавопаймо бурда бор кардани колхозчиёнро ҳикоят кард.

– Ман аз пеши худ не, бо супориши идора омадаам. Хоҳед-нахоҳед, шикояти Шукуфаро бояд санҷида нигарам. Фикри шуморо фаҳмиданӣ будам... Плон плон аст, аммо инсону қадри он, маънавиёт ҳам даркор аст, раис.

Ману раис ба сӯи идорааш рафтем.

Боз баҳс кардем. Ҳамаро инкор мекард. Дар охир тамоми гуфтаҳояшро ба ин минвол ҷамъбаст кард.

– Иззату ҳурмата намедонад, маҳмадоно... Боғчаро соз кард мегӯянд, – гапи беҳуда! Худаш соз набуд? Имораташро намебинед? Сонӣ, як боғча катӣ шиками халқ сер намешавад, бародар. “Нон бошад, суруд худаш мешавад”, гуфт раҳбарамон бобои Брежнев, худатон медонед. Ҳикмати ин суханро мефаҳмед?! Колхоз ӯҳдадорӣ дорад, аз мо Ҳукумат пахта, пилла, гӯшт талаб дорад. Аммо ин хел занҳо ба кори мо зарба медиҳанд, – раис Шукуфаро дар назар дошт. – Ин хел одам ба мо даркор не! Афлотун бошад ҳам, даркор не!.. Халқи мо аз инсони аризабоз безор аст. Вай кайҳо аз маърака берун гаштагӣ. Рӯирост мегӯям: дар колхози мо ба вай ҷой ҳам нест, кор ҳам...

Ман хостам ба раис фаҳмонам, ки агар ба воқеа

холисона нигарад, инчунин хулоса намебароварад, аммо вай якравона инкор кард. Дар охир маслиҳатомез гуфтамаш:

– Шукуфа ба шумо ҳеҷ даъвое надорад, дилаш ба кораш, ба кӯдакон месӯзаду бас. Монед, вай корашро кунад, агар ёрӣ намедиҳедаш, ҳеҷ набошад, ба вай халал нарасонед, кор кунад, раис. Ин хел кадри ҳалолкор, ба вазифааш ҷонсӯзро ёфтан осон не.

– Ана, колхозҳои бой, шаҳртақлид ҳастанд, чор ишкелашон чоқ – боғу полез доранд, боғчаашон кату пат дорад, се бор хӯроки гарм медиҳад. Кӯчида равад, беазоб, беташвиш кор мекунад. Мо ба мамлакат пахта медиҳем, бародар! Равад, ин ҷо – ҷои вай баринҳо не!.. Ҳар як хонадон кампир дорад, бачаҳои калонтар доранд, ба кӯдак нигоҳ мекунанд. Ин ҷо шаҳр не, ба ҳисоби миёна ҳар оила ҳафтагӣ бача дорад. Ба боғча эҳтиёҷ нест, мо ба номаш сохтем... Рӯирост мегӯям! Ба ягон колхози дигар биравад!..

– Сонӣ, ба он колхоз шумо барин раис ояд-чӣ? – гуфтам ман бепарво қисмати Шукуфаро андешида.

Раис қавоқҳои вазнинашро андаке бардошта ба рӯи ман ало нигаристу аз ин густохӣ ранҷидахотир даст афшонд. Ҳар як ғӯлаки чашми вай ба назарам як санги дупудӣ барин намуд. “Одами кӯҳн”а гуфтани одамон боз ба хотирам расид. Ҳайрон будам: чӣ тавр ба ин одам фаҳмонам, ки гап фақат дар сари кори Шукуфа не, балки усули кори худи вай, ки хеле кӯҳна шудааст, тасҳеҳ металабад.

Ин дам ба раис хабар доданд, ки котиби райком омад. Ману ӯ баробар аз ҷо бархостему дар таҳи дар ба котиб рӯ ба рӯ шудем.

Котиб баъди ҳолҷӯӣ раисро аз вазъи кору бори колхоз пурсон гашту ман аз хона берун рафтан хостам, вале

ӯ ба ишораи даст маро “шинед” гуфту баъд савол кард:

– Хӯш, рафиқ мухбир, ба чӣ натиҷа омадед?.. Шукуфаро дидед? А?.. Инҳоро оштӣ додед ё не? – Вай бо нимтабассум гоҳ ба рӯи ман менигаристу гоҳ ба рӯи раис. – Ба фельетон ҳоҷат намонда бошад, очерк менависед-дия!

– Не... Ин нафаронро оштӣ додан намешавад – наву кӯҳна...

Котиб “ҳим-м” гӯён шишаи рӯи мизро лаҳзае бо ангуштонаш нақора зад ва баъд бигуфт:

– Фельетон тайёр аст гӯед?

– Не, пирсолии раисро ба инобат гирифта, ин бор бо мақолаи танқидӣ қаноат мекунем-дия, – гуфтам ман ба шӯхӣ табассум намуда.

– Алҳол барои Шукуфа кори мувофиқ ёфтем: ӯро котиби ҷамоа таъин мекунем. Ҷавонзани бағайрат, ҳалолкор. Шумо ба ин кор муқобил нестед, раис? – Котиб инро гуфта ба раис рӯ овард.

Раис сархам менишаст. Дар ҷавоби саволи котиб – хеле сукут карду оқибат оҳиста сар бардошт ва норавшан китф боло кашиду гуфт:

– Ҳамин аврат катӣ гапи мо напухт, напухт...

– Агрономи беҳтарини районро фиристодем, то ки колхозро пеш барад, вале вай катӣ ҳам гапатон напухт, раис... Бояд рафтору кирдоратонро худатон ба таҳқиқ мулоҳиза кунед. Намедонам, ба шумо чӣ гап шуд?.. Ё монда шудед? А?.. – Котиб ба чашми раис чашм дӯхт. Раис нигоҳашро гурезонд. – Замон дигар шуд, одамон дигар шуданд... Ҳамин қадар сол ба хотири Анварбеков шуморо дастгирӣ кардем, бас аст.

Ба миён хомӯшӣ афтод. Якбора ғинғоси магасе, ки ба шишаи тиреза дармонда буд, ба гӯш расид. Раис оҳиста, ба як маром сар меҷунбонду бо қалами дасташ ба рӯи коғаз хат мекашид.

– Чӣ гуфтаниед? – пурсид вай оқибат бо овози ларзон сар аз миз набардошта. – Ба нафақа равам?.. Ташаккур... Лекин ман аввал як бор аз пеши касоне, ки хизмати маро медонанд... гузарам...

– Шумо беҳуда аз сухани мо меранҷед. Вақте расидааст, ки кори колхозро қатъиян бо усули дигар пеш барем, муомилаамонро бо мардум дигар кунем... Ин ҷарӣ дар пеши роҳи бисёр касон ҳаст. Бояд оқилона ба тарафи дигари он гузашт... Анварбековро аз кор гирифтанд, хабар доред?

Котиб сӯхтаю пухта хеле сухан гуфт, аммо ҳамаи он суханон ба нияти ҳамвор кардани суханони қабл аз ин гуфтагиаш гуфта шуданд.

Рӯзи дигар дар маркази район ба азми хайрухуш ба комитети партиявии район ворид гаштаму котибро мушавваш, ва парешонавзоъ дарёфтам. Ба дар ҳол, ӯ маро диду изтиробашро дар чеҳра равшан ҳувайдо намуд.

– Раис сактаи қалб шудаанд... Имшаб ба бемористон оварданд, – гуфт вай бе ҳеҷ муқаддима. Оҳанги гуфтораш далолат дошт: “Ману ту ҳам дар нохушии ба сари ӯ омада гунаҳкорем ва гунаҳкорамон мешуморанд ҳам”.

– Наход?! – гуфтам ман ғайриихтиёр аз ҷоям нимхез шуда. – Дина асп барин сиҳат буданд. Ба ҳар ҳол, дар назари ман хеле бардам намуданд.

– Э-э, додар, ман ин одамонро хуб озмудам, – гуфт вай ба аломати таассуф сар ҷунбонда. – Ин қадар ба мансабу вазифа дил мебанданд-а? – гӯё аз худ савол мекард котиб.

– Дигар шуғли дилбастанӣ надоранд, – гуфтам ман филфавр. – Сипас лаҳзае андешидаму гуфтаи худро тавзеҳ кардам: – Ғайри мансаб чӣ доранд ин касон? Агар

мансабашонро бигиред, ҳеҷу пуч мешаванд, ягон саг намепурсад, ки ӯ кист... – Ман ба якборагӣ аз гуфтан забон газидам, – охир, ин сухан аҷаб не, ба худи котиби мӯҳтарам ҳам расад. Боз ба дил гуфтам: – “Тир аз камон биҷаст, дигар пушаймонӣ суд надорад” ва суханамро давом дода гуфтам: – Колхозро, заводро, корхонаро, монед, ки мамлакатро ба ҳалокат мерасонанд, вале аз мансаб даст намекашанд. Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад...

Котиб сар бардошту лаҳзае ба рӯи ман мутаваҷҷеҳ буд, вале ҳарфе назад. Ман бисёр мехостам, ки сухане гӯяд, ба гуфтаҳои ман эътироз кунад, аммо вай шумхандае карду ҳеҷ нагуфт.

*Солҳои 1981–88.*

# ӮРО НАКУШТАНД, ВАЛЕ...

Тағоям дар ҷавонӣ, пеш аз он ки ин моҷароҳоро аз сар гузаронад, гӯё одами дигаре буд. Ноҳақӣ ва маҳбусӣ инсонро куллан дигар мекардаст. Дар хотири ман ҳамон симои ҷавонии тағоям сахт нақш гаштааст. Аз миён бештар аз сӣ сол фосила гузашта бошад ҳам, имрӯз агар бубинам, ки касе монанди вай нармак-нармак механдад ва ё ҳангоми ягон навъ нохушӣ болои биниаш гиреҳ мехӯрад, ба як бор дилам таҳ мезанад.

Тағоям он солҳо ҷавонмарди лоғарандом, навчаи рӯдароз, китфонаш борик бошад ҳам, дасту бозувонаш монанди оҳани тобхӯрда сахт, чашмони калонаш нигоҳи гирое дошт. Вай дар ҳамон синни ҷавонӣ аллакай метавонист, ки безарурат ба сухан даҳан накушояд ва агар лозим бошад, даъвояшро дар амал собит созад. Мегуфтанд, ки боре дар деҳа дар як сӯҳбат миёни ҳамдеҳагон вай гуфтаст, ки шоҳтут ва тути балхиро дар танаи як ниҳол баробар пайванд карда расондан намешавад, азбаски тути балхӣ шӯху зудрас аст, шохи шоҳтут дар сояи он мемонад. Аммо ҳамдеҳагон дар куҷое гӯё дар танаи як дарахт баробар сабзидани ин ду навъи тутро дида будаанд ва онро шафеъ оварда, даъвии тағоямро ботил кардаанд. Вай бо ҳамсӯҳбатон баҳсу талош сар накардаст. Мегуфтанд, ки ӯ баъди ду сол ба он касон тути ба ин усул пайванд кардаашро нишон дода, даъвояшро исбот кардааст.

– Маҳз барои исботи ҳамон суханат шохи тутро бурида аз нав пайванд кардӣ? – ҳамдеҳагон ангушти ҳайрат ба дандон газида аз вай пурсидаанд. – Хайр, як бор суханат набурид, ҳеҷ гап не.

– Не, ин тути сиёҳи хасак буд, ба як шохаш аз тути марворидак пайванд кардам, ба шохи дигараш – аз нав-

даи шоҳтут, – ҷавоб додааст тағоям. Сипас матлабашро тавзеҳ кардаст: – Мард бояд ба беҳуда сухан нагӯяд.

Ҳамон соле, ки тағоям аз деҳа рафт, ман бачаи дувоздаҳсола будаму у ҷавонмарди бистушашсола. Дар деҳа на фақат ман, балки ҳамаи бачаҳо, балки калонсолон ҳам аз кори вай хурсанд буданд, аз вуҷудаш ифтихор доштанд. Касе бо ягон муҳиме агар ба назди вай ояд, тағоям ҳама корашро ба як сӯ мегузошту аз паи иҷрои муҳими он кас буд ба боғашон мерафт, дарахташонро пайванд мекард, усули табобат ва ҳосилбандиашро маслиҳат медод.

Тағоям аз хурдӣ дар ишқи касбу кори боғбонӣ афтода, умри худро дар паи ин пеша сарф мекард. Афсӯс, ки колхоз ба боғдорӣ чандон ҳавасманд набуд. Меваи дарахтони панҷоҳ-шаст сол пеш аз ин бобоён биншонда парвардаро мечинданду касе дар ягон ҷо дарахте намешинонд. Нони шикамсерӣ набуд, дар замини рӯидарича деҳқонон ғалладона мекоштанд. Аз заминҳои беканори диёр пахтаро чида мефиристоданду барои ин мардум ғалла оварданро, эҳтимолан, фаромӯш карда буданд. Дар деҳа фақат тағоям дар замини рӯидарича боғ карда буд. Вай фақат дар байни ниҳолҳои наврас ҷуворӣ мекориду бас. Боғи тағоям мевазоре буд, ки тамошояш ҳаваси касро меовард. Ман орзу доштам, рӯзе дар деҳаамон чунин боғи хуррам месозам, агар колхоз замин надиҳад, дар ягон ёнаи кӯҳ хок кашонда, об кашонда чунин боғ месозам. Дар он айём бача будам, ҳанӯз аз бисёр гапу кори дунё хабар надоштам, сонитар донистам, ки ба замини ёбонҳо ҳам ягон зироат коштани инсон ҷиноят будаст. Аз деҳаи мо Хотам-чӯпон дар миёнаи шаху зовҳои касногузари дараи Ҷизмон дар як порча замин пинҳонӣ аз одаму олам нахӯди лалмӣ коридаст, кадоме онро ба раис хабар бурдаст, чӯпони бечораро суд кардан-

ду ба муддати се сол ҳабсаш намуданд.

Баъдтар колхоз боғи тағоямро ҳам гирифту шавқи боғдорӣ билкул дар дили ман хомӯш гашт. Дар ивази боғи ободаш ба тағоям як порча замини санглохи шӯразорро доданд. Вай сараввал бениҳоят рӯҳафтода буд. Мардум мегуфтанд, ки ба боғу боғдорӣ дасту дилаш сард гашт, дигар ба тарафи боғ-поғ наменигарад. Хайрияти кор, ин тавр нашуд. Баъди як-якуним сол тағоям боз ба худ омаду дар ҳамон замини санглох ҳам ба кор сар кард. Пасопеш сангашро чида хоку пору рехту баъд ба ниҳолшинонӣ сар кард. Аз миён се-чор сол гузашт ё бештар, ниҳолҳои себу зардолу, анҷиру анор, мурӯду ноку санҷид боз гул карданду бор оварданд, пасопеш чормағзу бодомаш ҳам нишона намуданд.

Тағоям он санглохзаминро ба боғи навбар табдил доду ногаҳон сарашро гирифту аз деҳа рафт. Бедарак рафт.

Мардум мегуфтанд ва борҳо ба гӯши худ шунида будам, ки тағоям дар кӯҳпояи мо мевафурӯширо кори айб мешумурд. Ҳатто ҳосили чормағзашро ҳам ба бозор намебурд. Ман худ гувоҳ будам ва на як бору ду бор, ҳамин ки тути боғаш пухт, тағоям ба ҳамсояҳо, ба ҳамаи хешу ақрабо, ба хонаи пирону дармондагони деҳа, хонадонҳои бесаробон сатил-сатил тут мефиристод, зардолу пазад, – зардолу. Аксари халқ тағораю сатили ӯро холӣ намефиристоданд – гандум пур карда ва ё ҳеҷ набошад, чаҳор-то нон андохта бармегардонданд. Пирон меваро хӯрда, дуои ҷони ӯро мекарданд.

Мегӯянд, ки тағоям ба хонаи ҳама мева мефиристодасту фақат ба хонаи раис ва боз ду-се нафар балохӯрони деҳа мева намефиристодаст. Агарчи борҳо пирони қавми мо ба вай маслиҳат додаанд, ки пеш аз хешу табор ба хонаи раис ва калоншавандагони дигар як сатил ду

сатил тут фиристонад, аммо тағоям гӯшашро ба карӣ мезадаст.

Қисса кӯтоҳ, ба қавли пирони деҳаамон, дар он офтобгардиш чӣ меваи ширину балаззате бошад, дар боғи тағоям дарахти он месабзид. Аз паи ҷустуҷӯи ниҳол мегуфтанд, ки бечора тағоям ба шаҳру диёри дуродур чандин борҳо саргардон рафта будаст. Ӯ айёми охир дар куҷо маро дучор кунад, китфонамро сахт дар оғӯшаш фишурда, аз сари меҳр мегуфт:

– Ҷиянам, шукр, ки калон шудӣ, тайёр шав, ту ҳам дар деҳаамон як боғи Ирам соз!.. Дар китоб навиштаанд, ҳар одаме, ки дар умраш чор-панҷ бех дарахти мевадор шинонда парвариш накард, ба ҳисоби инсони безурриёт аст. Эҳ, агар ҳар кас дар ин дунё чор бехӣ дарахтро ба воя мерасонд, олам боғистон мегашт!

Ман кори тағоямро ҳамеша ба завқи беҳудуд тамошо мекардам, ҳамин ки бекор мондам, ба боғаш мерафтаму ба корҳояш ёрӣ медодам. Ёдам меояд, ҳамон рӯзе, ки вай ин суханҳоро ба ман мегуфт, бо каланди калони ялаққосӣ замини бехи дарахтонро нарм мекарду ҳавзак месохт. Каландаш ба замини сахт чунон сабук меғӯтид, ки кас нигариста дар дилаш ҳаваси кор ҷӯш мезад.

Баъди боғи хуррамашро кашида гирифтани раис, ки сонитар онро аз номи колхоз ба иҷора ба яке аз наздиконаш бидод, мардум мегуфтанд, ки дасти ҷавонмард дигар ба кор намеравад, аммо ман медидам тағоям боз кор мекард. Дигар чора ҳам надошт.

Баъд, як субҳи тираи охирҳои зимистон тағоям ҷомаашро пӯшида, ду нонро дар миёнбанди гулдӯзӣ ба миён мебандаду аз хона баромада меравад. Вай бо ҳамин рафтан дигар ба деҳа барнагашт. Чаро вай хонавода ва наздикону пайвандонашро фаромӯш кард, чӣ шуд, ки аз

боғи диловезаш дил кандан тавонист, ҳеҷ кас намедонист. Аҳли деҳа ҳайрон буданд. Мардум сабаби ин воқеаро эзоҳ карда натавониста ҳар навъ тахмин мезаданд, хаёлбофиҳои шӯрангез, гумону пиндоштҳои берун аз ҳадди тасаввур ва басо шубҳаангез ғулғула мекарданд.

Сабаби ба деҳа барнагаштани тағоям якчанд сол номаълум монд.

Аммо сабаби аз деҳа рафтанашро ҳама медонистанд: кадоме аз ҳамдеҳагон аз сафари шаҳр ба тағоям чор дона ғӯлунги қандаки Хуҷандро меорад. Ғӯлунг ба тағоям бениҳоят хуш меояд, "Ғӯлунг не, ин ҳалвои тарку!" мегӯяд онро чашида. Одамон мегуфтанд, ки вай чанд муддат сифати онро гуфта адо намекардаст.

Оқибат, айёми гузар-гузари фасли зимистон, ҳанӯз аз сояравҳо барф нарафта тағоям ба роҳ меафтад, то ки баҳор нарасида ниҳоли зардолуи қандаки Хуҷандро ораду дар боғаш шинонад.

Мардуми деҳа одатан аз ҳар сару савдо зуд хабар меёбанд. Чунон ки мегӯянд, дар байни мардуми деҳа гап хоб намекунад. Инро ҳам мегуфтанд, ки тағоям барои овардани ниҳоли зардолуи қандак аз раис рухсат мепурсад. Ҳанӯз дар колхоз тараддуди киштукори баҳорон оғоз наёфта, аксар деҳқонон бекор бошанд ҳам, табъи раис нохуш будаст магар, ба сафари ӯ иҷозат намедиҳад. Миёни раис ва тағоям чӣ муколама гузаштанашро аз хешу табори мо ҳеҷ кас намедонад, ҳатто ҳамсараш ҳам огоҳӣ наёфтаст. Баъд мардум баъзе аз тафсилоти он гуфтугузорро қиёсан ва ба тахмин донистанду гӯшакӣ мерафт ва мо ҳам шунидем, аммо кадоме рост мегӯяду кадоме ғалат, тафовут кардан мушкил буд. Махсусан, суханони гӯшакиеро, ки ба шахси раис алоқаманд аст, кӣ дилу гурда дорад, ки ба миён дарояду ҳақиқат кунад?! Ҳанӯз таъсири воқеаҳои айёми

ҷанг ва баъди ҷанг аз лавҳи хотири одамон сутурда нагашта буд. Чӣ гуна раис наврасони понздаҳ-шонздаҳсолро ба ҷанг фиристоданаш, риши сафеди пирамардонро худаш дар сари сартарош истода тарошонда ба баталёни коргарӣ гуселонданаш дар ёди ҳама зинда буд, ҳеҷ яке аз он мазлумон баргашта наомаданд – ҳама медонистанд. Раис он солҳо дар деҳа худои азза ва ҷалла набошад ҳам, ҳар як амраш воҷиб буд. Розигии ӯро нагирифта ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки аз деҳа берун равад. Ба деҳоти ҳамсоя ва даштбозор рафтан мумкин буд, аммо ба шаҳру ноҳия рафтанӣ бошед, мебоист, ки ҳатман аз пеши раис гузаред. Бе маслиҳати раис тӯй ҳам намешуд, агар вай гӯяд, ки духтаратро ба писари фалонӣ бидеҳ, духтардор медод, агар не гӯяд, ҷавоби рад медод ба хостгорон, вассалом.

Тағоям сараввал аз раис илтимос кардаст, ки як ҳафта рухсат бидиҳад, то ба Хуҷанд рафта ниҳоли қандак биоварад, ки баҳор мерасад, баъди як-ду ҳафта дер хоҳад гашт. Раис дар ҷавоб тамасхур намудасту заҳрогин гуфтааст:

– Муш дар хонааш намеғунҷаду ба думаш каду мебандад!.. Қандак агар нахӯрӣ, намемурдагистӣ?! Ҳамин қадар сол мардуми ин се нова қандак нахӯрданд, рӯзашон гузашт, боз мегузаштагист. Рӯзи ту ҳам мегузарад. Бирав, аз паи кору бор шав... Фардо ба порукашонӣ баро!

Баъди ин суханони раис дар байни онҳо хеле гуфтушунид гузаштаст, мардум мегуфтанд, ки ҳатто суханони пасту баланд радду бадал гаштаст. Албатта, ҳақиқати ҳолро наздикони раис ва се-чор тан косалесонаш медонанд.

Дар охир раис гӯё гуфта будаст:

– Агар берухсат рафтӣ, “оби ин деҳа ба ман ҳаром аст” гӯён бирав, бача! Ҳа, дигар баргашта набиё!

Тағоям дар ҷавоб рӯирост гуфтаст:

– Охир, маро ғуломи зархарид барин ба ин колхоз баста мондаед, бе ҳуҷҷат ба куҷо равам? Агар як порча коғаз медодед, ки ман озодам, шодикунон мерафтам ва то шумо ҳастед, ин деҳаро ба ёд намеовардам!.. Ман рафта ниҳоламро биёрам, сонӣ ҳар ҷазое бидиҳед, розиам, раис. Охир мо ҳам инсонем... Инсофу диёнат доред ё не?!

– Не, саги дайду, агар меравӣ, дигар қадаматро ба ин мулк зер накун! – гуфтаст раис ба таҳдид ба замин пой кӯфта. – Агар меравӣ, дигар набиё!.. Ба занат ман шавҳар меёбам!..

– Э, равед-е, агар аз дастатон ояд, ба доратон овезед! – гӯён тағоям доманашро афшонда аз пеши раис берун равон: – Кӣ медонад, ҳоли ман ба зани шумо шӯ меёбам ё шумо ба зани ман! – гуфтаст.

Ба мо номаълум, зоҳиран, ҳангоми ин мунозара дар гирду атроф баъзе одамон будаанд, тадриҷан тафсили воқеа возеҳтар мегашт.

* * *

Ба ҳамин минвол тағоям аз деҳа рафту дигар барнагашт.

Хешу табор ҳайрон буданд, ки чаро номае навишта сиҳату саломатиашро маълум намекунад, чаро зану фарзанд ва дигар наздиконашро ба ёд намеоварад? Аз раис ранҷидаст, хуб, аз вай домангир бошад, хешу табор чӣ гуноҳ карданд?!

Мардум мегуфтанд, ки ҷавонмард агар дар сари ғазаб "рав-е, оби ҳамин деҳа ба ман ҳаром аст!" гуфта бошад, илоҷи омаданро наёфта гаштагист. Боз мегуфтанд, ки дар сари ғазаб ба рафтан рафту баъд ақлаш ба сар давиду донист, ки ба деҳа баргашта, то ин раис зинда аст, дигар рӯзи равшан намебинад, бинобар он, ҷавонмард аз

баҳри ҳама баромад.

Ду нафар аз мардони сафардида ба ҷустуҷӯи тағоям рафтанд, аммо дараки ӯро наёфта баргаштанд.

Баъдтар дар деҳа аз ваҷҳи бедарак рафтани тағоям ҳар замон ҳар хел гуфтугузор бармехост, ҳар як овозаи нав хешону пайвандони моро дар изтироб меовард. Яке мегуфт, ки тағоям ба як духтар ошиқи шайдо гашта дар шаҳр мондаст ва гӯё дар шаҳр ҳамдеҳаеро аз дур дидасту аз вохӯрӣ гурехтаст. Дигаре овоза мекард, ки тағоям ба ниҳолгирӣ рафтасту аз ҳукумат супориш гирифтаст, ки барои калонон як боғи мевазор созад. Боз мегуфтанд, ки гӯё вай дар Академияи илмҳо кор мекардаст, боғбони боғи калонтарини олимҳо будаст, дар он боғ таҷрибаҳо мекардаанд, навъҳои тозаву тезпазаки меваҳоро меёфтаанд, себи кирм намехӯрдагӣ кашф кардаанд, лимую афлесуну хурморо ба иқлими мо мутобиқ сохтаанд. Гӯё тағоям ҳам олими илми боғдорӣ будаст ва ҳоло буттаи чойро ба иқлими Тоҷикистон мувофиқ мекардаст. Боз мегуфтанд, ки вай дур рафтагӣ, дар Маскав кор мекунад, дар даҳ гектар барин гармхонаи бузург боғ месохтаст, ҳунари боғдориашро шунида ба ҳеҷ кас нафаҳмонда бурдаанд. Гӯё нома навишта нома гирифтанашро ҳам манъ кардаанд, кораш махфӣ будаст, аз ҷосусони хориҷӣ пинҳон медоштаанд ва ғайра.

Ҳар чӣ гӯянду нагӯянд, аксари мардуми деҳаи мо, махсусан мо – ҷавонон ифтихор доштем, ки ӯ дар Душанбе ё дар Хуҷанд, балки дар Маскав ба кори муҳими давлатӣ машғул аст. Бедарак рафта бошад ҳам, ман зимнан аз тағои худ ифтихор доштам, умедвор будам, ки рӯзе мерасаду вай ҳамчун як одами машҳур ва номдор дар деҳа пайдо мешавад ва сари ҳамаи мо ба осмон мерасад. Ана, он гоҳ раис ҳам питиррос зада ба дидорбиниаш меомадагист!

Баъзан ҳамдеҳагон дар ягон лозимомад – тӯй ё оши худоӣ тағоямро ба ёд меоварданду пирони деҳа ҳар навъ тахмин мезаданд:

– Солаш ба як ҷо расад, ба ночор ёди ёру диёр мекунаду баргашта меояд...

– Як фарзанд ва ду боғаш барои халқи диёр ёдгор аст, хайр, барои ҳукумат ҳам хизмат кунад...

– Агар меҳр катию ҳунараш катӣ дили ҳамон одамонро ёфта бошад, қандашро хӯрад! Хоҳу нохоҳ, агар аслат аз куҷо гӯянд, аз ҳамин деҳаи Шамолдара мегӯяд-ку!

Ба фикрам, дар деҳа аз ҳама бештар ман тағоямро ба хотир меовардам ва дар ҳама ҷо гӯш ба қимор будам, ки одамон дар ҳақи вай чӣ мегӯянд. Ман амин будам, ки тағоям бесабаб дар шаҳру диёри дур ин қадар айём намегардад, ҳатман ба ягон навъ кори муҳими давлатӣ машғул аст. Охир, як одамро аз деҳаи ҳамсоя дар ҷанг шаҳид гаштагӣ гӯён хати сиёҳ гирифта азо кушода будаанд, баъди ҳафт сол омадаст, дар разведка будаст мегӯянд. Ин одамон чӣ медонанд, балки тағоям ҳам...

* * *

Аз миён шаш сол гузашт. Фарзанди нахустини тағоям мактабрав гашт. Дигаронро намедонам, вале ману янгаам шому саҳар чашм ба роҳ, интизори тағоям будем. Албатта, хешу табори дигар ҳам дар сухан аз тағоям умедашонро набурида буданд, ӯро фаромӯш карда наметавонистанд, агарчи тадриҷан аҳьён-аҳьён ба хотир меовардандаш. Кӣ медонад, балки аз вай умедашонро бурида бошанд, аммо инро ҳаргиз зоҳир намекарданд.

Маро чунин дар назар меомад, ки ҳамеша як пораи дилам дар он шаҳрҳои азим аст ва имрӯз ё пагоҳ ман ҳам ба он тарафҳо меравам ва тағоям андаке хиҷолаткашон хушнуд маро истиқбол хоҳад кард.

Танги тирамоҳ буд. Дар боғҳо барги дарахтон шафақи шомгоҳон барин сурху зард гашта, деҳқонон охирин зироати бевақтӣ – сабзию шалғамро, баъди оби қавс расидан, канда дар ӯраҳо ҷо мекарданд.

Ногаҳон рӯзе чӯпонон аз кӯҳсор хабар оварданд, ки дар сари як чашмаи беном шахсе мурда будаст ва ё кушта будаанд ӯро, зери сангҳо устухонашро ёфтаанд. Ин хабарро шунида, бемуболиға қариб ними аҳолии деҳа – асосан, мардону бачагон пиёдаю савора ба он сӯ раҳ кашиданд. Ҳама мегуфтанд, ки он устухони тағои ман аст. Ман қариб ду соат давида, дар қатори аввалинҳо ба он макон расидам. Дар як селраҳаи хушк, канори чашма аввал сангтудаеро дидам, сипас дар таҳи сангҳо устухони одамро пай бурдаму лаҳзае карахт мондам. Як тӯбча дарахти зардолу ба болои устухони шаҳид баргҳои арғувонӣ мепошид. Ман оҳиста овоз баровардам:

– Не, тағои ман не, тағои ман дар шаҳр...

Атрофиён ягон-ягон ба рӯи ман нигаристанд, гӯё далели даъвӣ талаб мекарданд. Баъзеҳо оҳиста оҳи сард кашиданд. Онҳо сухани маро тақвият надоданд. Ман мехостам, ки ягон кас сухани маро дастгирӣ кунад, аммо ҳеҷ яке аз ҳозирон садое набаровард. Аз ин сукути даҳшатзой маро ҳолате рух дод, ки қариб фарьёд барораму ба гиребони он мардум овезам, ки чаро овозе намебароранд.

Баъд кадоме аз ҳамдеҳагон оҳиста, зери лаб гуфт:

– Кӣ медонад, балки вай набудагист... – Овози гӯянда чандон эътимодбахш набуд.

– Мӯзааш дӯхти усто Одина барин... – гуфт дигаре.

– Ҳа, аз чарми хоми худамон.

– Камарбандашро нигаред...

Бобои Ризо сар карду ду-се нафар сангҳоро ягон-ягон гирифта дар як канор ғун карданд.

– Нокасон хок партофта гӯр кардаанду борон хокро шуста бурдаст, – гуфт бобои Ризо, ки ҳоло ба бардоштани устухони марҳум сардорӣ мекард.

– Ҷояш нишеб, боз селраҳа будаст.

Баъд гилемкӯҳнаеро кушоданду он скелетро аз ҳам ҷудо накарда ба рӯи гилем ниҳоданд, сипас хоку хошоки таҳу рӯи онро бо каланд тарошида ба болои устухон рехтанд.

Қабл аз гилемро печондан бобои Ризо нишасту ҳамаи ҳозирон давра гирифта нишастанд. Бобо тиловат кард, ҳама хомӯш даст ба фотиҳа бардоштанд.

Як тӯбча ниҳоли зардолу, ки аз чор-панҷ танаи ба якдигар печида иборат буд, баргҳои шафақранги худро ба рӯи устухони мурда мепошид. Дар назар чунин меомад, ки дарахт ҳам ашк мерехт, қатраҳои бузурги ашки хунинашро мерехту мерехт.

– Тавба, дар ин кӯҳсор зардолу чӣ хел рӯидаст? – пурсид кадоме хитобан худ ба худ.

– Бечора ниҳол меовардаст... Ҳамон ниҳолҳо... – гуфт бобои Ризо боз як бор ба шохи ранги офтобзард гулгуни дарахт боз як бор ба диққат нигариста. Баъд андӯҳгин оҳе кашиду афзуд: – Ба баргаш нигар, зардолуи хасак не, пайвандӣ.

– Ҳа, инро нигаред, панҷ ниҳол аз як ҷо сабзидаст, – гуфт кадоме дар тасдиқи суханони пирамард.

Дар деҳа хешонамон ба ҳалоки тағоям азо кушоданду ба халқ худоӣ доданд. Ба таъзия пиру ҷавон, зану мард – мардуми бисёр омаданд. Раис ва наздиконаш ҳам омаданд.

Ман саргаранг ва як навъ карахт будам. Ҳеҷ боварам намеомад, ки тағоям мурда аст. Агар дар миён он чанд ниҳоли зардолу набошад, ману янгаам ба азо кушодан қатъиян роҳ намедодем. Янгаам ҳам мегуфт, ки

шавҳараш дар куҷо бошад ҳам, зинда аст, ин устухони вай нест. Вай мегуфт, ки тағоям ба сафар дар пояш ботинкаи кӯҳнаи аскарӣ рафта будаст, на мӯзаи дастидӯхти усто Одина.

Бо вуҷуди ин ҳама далел ва гувоҳии дил чӯпонҳо устухонҳоро ёфтанду аҳли деҳа, хешовандон гӯё умедҳои маро дар дил бикуштанд. Ночор ба қисмат тан медодам, ба худ мегуфтам, ки дигар тағоям дар ин дунъё нест, на дар Душанбею Хуҷанд, на дар Самарқанду Маскав... Гӯё ҳамдеҳагон ҳамроҳи он скелет умедҳои маро ҳам дар як гӯшаи гӯристони деҳаамон ба хок супориданд. Дар шаҳрҳои дур бошад ҳам, бигзор, ки тағоям бошад...

* * *

Баъди дафну азокушоӣ аз миён якуним сол гузашт, хешовандон сафедпӯшон карда, занҳо аз тан либоси мотамро партофтанд. Акнун ҳама ба қисмат тан дода будем ва ману янгаам ҳам ба дил иқрор мекардем, ки ғолибан он устухонҳои азизи мо будаст.

“Дар навмедиҳо басо умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст” мегӯянд, аммо аксаран ба ин ҳикмат бовар надорем, вале ин бор фоламон рост омад. Як шаб янгаам ба хонаи мо кас фиристода то зуд ба ҳавлиашон биравам, кори заруре пеш омадаст. Аз дилам гузашт, ки миёни хешовандон ягон моҷаро бархоста бошад ё ягон кори зурталаб пеш омад. Косаи оши кӯчаро монда аз ҷоям бархостаму шитобон ба ҳавлии тағоям рафтам. Янгаам барои баъзе кори мардона маро даъват мекард, вале ҳаргиз шабон ва ин оҳанг ба таъҷил нахоста буд. Овоз надода ба хонаашон даромадаму дар сари дастархон як нафар марди ношиносро дида, рости гап, ҳангам аз сар парид: “Наход ки хостгор бошад?.. Агар хостгор аст, чаро шабонгаҳ омадаст? Чаро ба назди хостгор мани

ҷавонро мегӯянд?” Янгаам дар ошхона ба чойҷӯшонӣ машғул буд.

Ману меҳмон салом кардем, ҳолҷӯӣ доштем, вале ман ҳайрон ба рӯи ӯ менигаристам, ҳеҷ ба ёд оварда наметавонистам, ки ин одам кист ва аз куҷост. Меҳмон одами ин атроф набуд. Ин лаҳза янгаам чойники чой дар даст аз дар ворид омаду чашмони вайро гиряолуд дида, бештар парешон гаштам.

– Аз пеши тағотон...

– А?..

Ба шумо дурӯғ, вале он ду нафар гувоҳанд, ғайриихтиёр аз ҷоям парида бархостаам. Меҳмон ва янгаам чӣ мегуфтанд, чӣ имову ишораҳо доштанд, ман медидам, аммо лаҳзае қобилияти идрокро гӯё гум карда будам... Баъди дақиқае чанд ҳушам ба сар омаду аввалбор ба худ гуфтам, ки ҳушёрам ё хоб мебинам ва ё ҷинну аҷина асарам кард... Янгаам аз авзои ман тарсида як дӯлча оби сард оварду ба рӯям бо мушташ ду-се бор шакароб заду ман ба худ омадам.

– Укоҷон, натарсед... Хурсанд шавед... Охир, фақат ману шумо умедвор будем, ки вай зинда аст. Барои чӣ тарсидед?.. Бовар намекунед? Шукр гӯед, хурсанд шавед... – Янгаам аз сари меҳру навозиш аз оринҷам гирифта дасти маро меҷунбонду худаш аз дида ашк мерехт.

– Додарам, тағотон шукр, ки зиндаю саломат аст... – Меҳмон чизе ба хотираш расиду ба ҷайбаш даст зад ва як сурати ба чандин қабат коғаз печондагиро бароварда ба дасти ман дод. – Ана, сураташро ҳам фиристод...

Аз акс як марди тахминан чил чилупанҷсолаи ришдор ба мо менигарист. Чун ману янгаам ҳар ду зеҳн монда ба он сурат нигаристем, нишонаҳои маҳбуби худро зуд дарёфтем: чашму бинӣ, абрувон – ҳама нишонаҳои тағоям буданд, аммо уқубат кори худро даст – ӯ бар-

вақт пир гаштаст.

– Ҳа, худашон... – гуфт янгаам маҳзун оҳе кашида.

– Аммо бӯи ин гапро набаоред... – гуфт оҳиста меҳмон. – Дар деҳа ҳоли ҳозир ягон ҷонзот зинда будани ӯро нафаҳмад! – таъкид дошт вай. – Агар пай баранд, ба тағоятон мушкил мешавад. Фаҳмидед? Ҳозир агар донанд, ки вай зиндаю саломат аз Сибир омадаст, ҳар илоҷе карда меёбанду нобудаш месозанд. Кам монд, ҳозир лаганди раисатон лаппидан дорад... Ҳамин ки кор пухт, тағотон ба деҳа меояд. Ана, камтар пул фиристод. – Меҳмон як даста пулро, ки баробари сурат аз ҷайбаш гирифта буд, ба пеши янгаам ниҳод. – Алҳол ҳамин... Зинда будани ӯро ҳам, ба ин ҷо омадани маро ҳам бояд ки ҳеҷ ҷонзоти дигар нафаҳмад! – меҳмон гаштаю баргашта таъкид дошт.

– Хуб, гап занед, тағоям ин қадар сол дар куҷо буд, чӣ кор карда гашт, ки ҳеҷ хату хабаре нагирифтем? – оқибат саволеро, ки дар нӯги забонам буду фурсат мепоидам, то бипурсам, ба забон овардам. Чунин қиёс гирифтам, ки агар напурсам, вай аз ин хусус ҳарфе назада хайрухуш карданист.

Меҳмон суханро дароз накарду мухтасар чунин гуфт:

Баъди он ки бо раис хархаша мекунаду аз деҳа меравад, ин нокаси бадкина аз ҷӯраҳои мансабдори дар ноҳия будааш хоҳиш мекунад, ки тағоятонро нобуд кунанд. Маълум аст, ки бо ҳамин ҷиноят чашми дигар шаккоконро тарсонда монданӣ будаст, вагарна дар байнашон чандон суханони сахт ҳам нагузаштаст. Онҳо аз паи ӯ меафтанд. Тағоятон қасди онҳоро пай мебараду ҳангоми бозгашт аз шаҳр бо як ҷавонмарде аз деҳаи Ангор ҳамроҳ меояд. Ҳар ду роҳро миёнбур карда кӯҳ катӣ мегузаранд. Дар қариби деҳаатон се нафар ба онҳо мерасанду дар гирудор он ҷавонмарди ангорӣ корд хӯрда

аз по меафтад, тағоятон ба кӯҳсор гурехта аз марг наҷот меёбад. Ӯ шабошаб чор фарсанг масофаро аз бераҳаҳо гузашта, пагоҳӣ ба милисахонаи район медарояду ҳимоятталабон арз мекунад, ки раиси колхоз дар қасди ҷони вай афтодааст ва ҳодисаро баён менамояд. Сардори мили-саҳои район ӯро ҳабс мекунад. Қисса кӯтоҳ, тӯҳмати ночаспон катӣ ту ҷосус, ту думи фалонию фалониҳо, "Қуръон" мефурӯхтай, ташвиқоти мазҳабӣ мекардай гӯён суд карда ба муддати шаш сол ба Сибир мефиристанд. Боз бечораро аз ҳуқуқи мукотиба маҳрум мекунанд. Ана, барои ҳамин бехату хабар рафт. Мисле ки, прокурор ба раис "нобуд кардемаш" мегӯяду гумном карда мефиристонад. Баъди шаш сол тағоятон баргашта ба диёр омада бошад ҳам, пинҳонӣ омадагист, охир, ҳамаи он душманонаш дар сари кор, боз ба ягон балои дигар пешрав мекарданд-дия. Вай дар шаҳр истиқомат мекарду ҳар лаҳза дар ҳарос буд. Аммо ба ин нокасон тан надод. Ҳар моҳ ба номи Сталин як дафтар мактуб навишта, онро аз ким-куҷоҳо ба почта партофта меомад. Аз ин тарафҳо ба марказ мактубро намефиристоданд-дия. Чанд бор ба Маскав ҳам рафта омад... Агар худашро ба шумоён маълум мекард, ин сагҳои ваҳшӣ ба сари шумоҳо ҳам ягон фалокате меоварданд. Тағотон бечора дар шаҳр ҳам хуфия зиндагӣ карда, ба тавассути мардикорӣ рӯз мегузарондаст: дуредгарӣ мекардаст, дар боғу полизи мардум ба кор машғул будаст, похса мезадаст...

Меҳмон дигар сухан нагуфт. Ду-се пиёла чой хӯрду бо як лаб нон тиккае аз тухмбирьён ва ба дастархон фотиҳа хонду бархост.

Баъди ин ҳодиса ман гӯё ар замин намегаштам, парвоз доштам. Аз он ки сабаби хушҳолиамро ба наздиконам гуфта, ин шодмониро бо онон ба ҳам дидан

наметавонистам, хеле сахт ранҷ мекашидам. Аммо дар рӯ ба рӯи зинда гаштани мурда, яъне ҳаёт будани тағои боғбонам ҳамин ҳам ранҷ аст ва ё мушкил аст?!

Баъди се моҳи ин воқеа як нимишабӣ худи тағоям ҳам ба тарзи хуфия ба хонаашон омада рафтаанд. Рӯзи дигар, баъди шабошаб рафтани тағоям янгаам бо таъину таъкиди зиёд ин хабарро ба ман гуфтанду хоҳиш карданд:

– Шумо ҳам шабҳангом аз хона набароед, агар касе ба шаб пурсида ояд, ҳаргиз даратонро накушоед, аз эҳтиёт камонро тирбанд карда хоб кунад гуфтанд.

* * *

Рӯзе аз рӯзҳо дар деҳа валвала бархост, ки ба колхоз аз марказ комиссия омадаст. Аъзои комиссия саравзал якчанд рӯз дар идора нишаста дафтарҳои ҳисобу китоби колхозро санҷиданд, баъд ба сари подаю рамаи моли реза рафтанд. Дар охир онҳо ба ҳавлиҳои аз харобазор ҳам харобаи аҳли деҳа, ба хонадони муфлисонаи онон даромада ҳолҷӯй карданд, дар ҳақи раис, доир ба зисту зиндагиашон саволҳо мепурсиданд. Кӣ ҳад дошт, ки ба маргам розиам гӯяд, раисро беинсофу бешавқат гӯяд? Мегуфтанд, ки аъзои комиссия баъзан аз даромадан ба кулбаҳои мардум меҳаросидаанд. “Дар куҷо хоб мекунед, дар куҷо хӯрок мехуред?” савол мекарданд онҳо дар як хона ҳашт-нӯҳ нафар зиндагӣ кардани одамонро дида. Онҳоеро, ки аз дасти раис бештар зулму тааддӣ дидаанд, бештар пурсуҷӯ мекарданд, аммо тарсу ҳарос забони ҳамаро баста буд.

Дар охир комиссия маҷлиси колхозчиёнро даъват карданду аз чоштгоҳ то вақти намози аср гап заданд, раисро аз гӯр гирифта ба гӯр заданд. Мардум дар умри худ бори аввал ин қадар фошгӯиро мешуниданду курта-

курта гӯшт мегирифтанд. “Оқибат гапу кори колхоз ба гӯши Сталинҷон расидаст!” гӯён дуои ҷони ӯро мекарданд. Ҳамон рӯз, дар ҳамон маҷлис раисро аз вазифа канор карданду барои тафтиши ҷиноятҳояш ба дасти прокурор супориданд. Дар он миён прокурори район ҳам ҳозир будаст, филфавр ба ду милиса амр кард, ки ӯро ба ноҳия расонанд.

Ҳамон бегоҳӣ тағоям ҳам омад. Дар ҳавлиашон хешу таборон, ҳақу ҳамсояҳо ғун омаданд. Ҳатто хабари омадани ӯро шунида аз атроф ҳам одамон омадан гирифтанд. Ҳавлиашон тамоми шаб гӯё тӯйхонаеро мемонд. Рӯзи дигар мол кушта ба халқ оши шукрона доданд,

Баъди ду рӯз ба деҳа хабар расид, ки дар роҳ раис аз дасти милисаҳо гурехтаст, биист гӯянд, гӯш надодаст, ӯро паррондаанд, ҳалок гаштаст.

– Нағмаи кӯҳна... – гуфт тағоям вақте ки ман ин хабарро ба ӯ гуфтам. – Бовар накун. Дар солҳои сиюм, баъди кушокушии даҳсола, “ин ҳамааш кори Ежов буд” гӯён ӯро паррондаанду ба ҷояш як ҷаллоди аз вай ҳам гузаротарро таъин карданд, ки ин ҳам кори ӯро давом дод. Ба ҷинояти раис ҳамаашон шариканд. То ки сирашон фош нашавад...

Ман дар он айём маънии бисёр суханони тағоямро намефаҳмидам. Тағоям аз ҳабс куллан дигаргун баргашта буд: ба атроф дилсард менигарист, як навъ бепарво, беалоқа, ҳатто ба боғаш ҳам. Ӯро накушта бошанд ҳам, руҳан аз мурда тавоффут надошт...

*Соли 1988.*

# САЛОМЕЯ

Ман аввалбор ӯро дар анҷуман миёни духтарон дида, ҳеҷ ба ёд оварда натавонистам, ки дар куҷо вохӯрдаам, вале амин будам, ки ҳамин замон пеш меояду салом мекунад ва филфавр ба хотирам мерасад, ки вай кист ва дар куҷо ин нигоҳаш ба дили ман мӯҳр барин нишастааст. Аммо духтар ба шахси ман сирф бепарво буд. Ман ду-се раҳ аз бараш гузаштаму аз наздик нигаристамаш, нигоҳҳои мо якчанд бор радду бадал гаштанд, аммо ӯ маро намешинохт. Ман зӯр зада, таҳхонаи ноободи ҳофизаамро таҳу рӯ мекардаму ба ёд овардан мехостам, ки ин нигоҳи ошнои чашмони хаёлмасти меширо дар куҷо ва кай дида будам. Дилам дар изтироби шадид метапиду мегуфт, ки вай ошност, аммо чӣ чора кунам, ки на ӯ маро мешинохт ва на ман ӯро ба ёд оварда метавонистам.

Се рӯзи маҷлиси китобдӯстон ба ҳамин минвол гирудори беҳосил гузашт. Ман андӯҳгин аз он будам, ки ҳофизаам билкулл хароб гаштаст ва бояд, ки фурсатро нагузаронида дорую давое кунам. Охир, ин чӣ дард аст, ки як духтари шинос се рӯз боз пеши назарам ҷилвакунон гардаду ман ӯро ба ёд оварда натавониста саргаранг бошам?! Ба деҳа мераваму ҳар саҳар шири навдӯшида мехӯрам ё…

Андӯҳи гарони маро боз боис ин буд, ки аз ҳофизаи худ дар миёни дӯстон ифтихоре доштам. Баъзан ашхоси замоне дар телевизор дидаам баъди чандин айём дар кӯча дучор ояд, мешинохтам ва ин амалро борҳо дар гувоҳии шарикон собит карда будам.

– Ба ту маслиҳати мо ин аст, ки ба кори ҷустуҷӯи ҷинояткорон бирав ё ба соҳаи ҷосусӣ ба кор гузар, зуд муваффақият меёбӣ, – мегуфтанд дӯстонам паси сар хорида ё ангушти тааҷҷуб ба дандон газида.

Ман мамнун аз амали худ механдидаму ҳазломез мегуфтам:

– Магар ба адиб ҳофиза даркор нест? Ман бояд тамоми илмҳоро бидонам, тинати мардумонро шиносам, гуноҳу савоби одамонро ба онон нишон диҳам. Шахсе, ки аз худ бехабар аст, аз кадомин ҷинояткор мемонад?

Дӯстон пешниҳоди худро бо чандин далел тақвият медоданд:

– Дуздон ва ҷинояткорон ҳоло дар урдуи душмани худ – ходимони адлия, ҳатто дар сояи амалдорон паноҳ гирифта, дар ҳимояти онон амал доранд…

Рӯзи охирини гирдиҳамоии китобдӯстон аксбардоре ширкаткунандагонро гурӯҳ-гурӯҳ акс мегирифт. Чанд тан аз шиносонам маро ҳам кашола кардаанду дар гирди мо гурӯҳи калоне ҳалқа заданд. Ҳамон духтари мешчашм далер назди ман омаду бо нигоҳи нарму махмалинаш гӯё ба рӯям ҳавре зада хоҳиш намуд:

– Устод, ман дар баратон биистам?

– Кош… Марҳабо… – андаке пешу қафо ҷунбида, ба вай ҷой додам ва барои давом додани гуфтугӯ савол кардам:

– Чеҳраатон шинос метобад… Шумо аз куҷоед?

– Ман аз Қистакӯз…

– Аз Қистакӯз? – беихтиёр овоз баланд кардам. – Ҳа-а… Саломея!

Духтари қистакӯзӣ аз вазъи ман ҳайрон буд. Охир, вай на Саломеяро медонисту на саргузашти маро. Ӯ чашмони шаҳлои Саломеяро дошт. “Наход, ки хешу ақрабо бошанд?” – мегуфтам ба дил…

Воқеа ба ин тарз рух зада буд:

Ман ҳамон сол ба давраҳои такмили ихтисоси сармуҳаррирони телевизион ба Маскав рафта будам. Баъди ҳаёти ором ва як навъ фориғболонаи Душанбе рӯзҳои аввал Маскав маро андаке саргарангӣ оварда буд. Мах-

сусан, бениҳоят шитобкории ходимони телевизиони марказӣ, беэътиноии атрофиён ба ҳамдигар, маҳорат ва ҳунармандии баланди рӯзноманигорон, анҷоми ҳирфаии вазоиф ва саводнокии муҳаррирону корбардорон, наворбардорону ровиён – ҳама ҳавасангез ва ибратомӯз буданд. Ман беором, аз фурсати танги таҷрибагирӣ ҳаддалимкон босамар истифода мекардам.

Аз пуркорӣ дӯстон ва шиносони москвагиро дидорбинӣ карда наметавонистам. Бинобар он ҳам, вақте ки як рӯзи таътилӣ, якшанбе, Иброҳимҷон маро ҷӯё шуда ба хобгоҳ омад, хеле хиҷил, вале ниҳоят хушҳол будам.

Иброҳим ҳоло ба таҳқиқи илми рӯзноманигорӣ пардохта буд ва дар аспирантураи дорулфунуни Маскав дар арафаи ҳимояи рисолаи номзадӣ такопӯ дошт.

Вазъи хобгоҳи мо барои меҳмондорӣ чандон созгор набуд, ки ин ҳолро Иброҳим зуд пай бурду гуфт:

– Ако, як гап гӯям?

– Чаро фақат якто? Ман омодаам садҳову ҳазорҳо сухани шуморо шунавам! – гуфтам ба ҳазл.

– Аввал ба яктоаш розӣ шавед: бед, ба хобгоҳи ман биравему як дегча палави тоҷикӣ пазем, дар сари деги зирбак чақ-чақ кунем.

– Чақчақ ё чақочақ?

– Не-не… мо мардум…

– Ба қавли як шикамбанда, табақро дидаму дилам шайдо шуд-ку! Иброҳимҷон, ин фикри олимона гӯям, кам аст, даҳоёна чӣ хел ба саратон омад?

– Дегу табақ ҳаст…

Ҳар ду дар шитоб масолеҳи палавро харида, ба сӯйи Ленинские Горы раҳ кашидем.

Иброҳимҷон дар ҳамон иморати бузургу бошукӯҳи дорулфунун, дар қисмати хобгоҳи олимони ҷавон ҳуҷраи алоҳидае доштаст.

Дар сари деги зирбаки балақ-балақ ҷӯшон нишаста,

ҳангома кардан хуш фароғате дорад! Ҳар замон порае гӯштро аз дег берун оварда, чошни гирифтанро чӣ расад! Аммо нигаред, ки баъзе рафиқони мо ба ҳамин оши шарикона ҳам назари холис надоранд. Якеро мудом, ки ошу ошпазӣ асабонӣ мекард, савол кардам гуфт:

– Монед ҳамин одатҳои шаҳриёнро!.. Фақат зирбак, палав…

– Чаро фақат зирбаку палав? Шумо қурутоб кунед, ба он ҳам шукр мегӯем, хурсанд мешавем.

Ман пай бурдам, ки он бечораро зидди мардуми шаҳр ё мавзеъҳои шимоли ҷумҳурӣ шӯрондаанд ва ӯ бесабаб ҳар он чӣ ба он мардум алоқаманд бошад, аз он кароҳат мекунад, бесабаб асабонӣ мешавад.

– Нонпазию ошпазӣ ҳам далели маданият ва тамаддун аст, ҷӯраҷон, чаро онро фаромӯш кунем?! Моро аз чойхона маҳрум карда дидӣ, чӣ гуна аз якдигар ҷудо кардаанд! – гуфтам дар охир ба тарзи гилагузорӣ.

…Қисса кӯтоҳ, вақте ки дар табақи калони сафолӣ ба расми тоҷикӣ палавро кашида, он лангари тобонро ба хона даровардем, пай бурдем, ки ҳар ду ҳам аз гӯшти зирбак шикам сер кардему дигар оши бисёр хӯрдан наметавонем.

– Ин қадар ош… Яктогӣ шиками иловагӣ медоштем… Ба қавли бобои раҳматиам, куфрони неъмат мешавад, – гуфтам ман ба нишони надомат сар ҷунбонида.

– Ҳамсояро гӯям? – гуфт Иброҳимҷон, ки зотан дар ҳама мушкил чорагар буд ва пайрави саволаш тавзеҳ дод: – Ҷавонмарди хуб аст, аз Олмони федерал.

– Чӣ ҳоҷати савол, бигӯед! Аз Олмон неву аз он дунё бошад, барои мо ош хӯрад, кофӣ аст!

Иброҳимҷон аз утоқ берун рафту баъди лаҳзае ҳамроҳи як тан ҷавонмарди қавиҳайкал, ки сабад барин риши ғулӣ ва малламайгунаш сари синаашро пӯшида буд, ба хона ворид гашт ва моро ба якдигар маъруфӣ намуд.

Нигоҳи орому пуртамкин ва оқилонаи Паул дар дили кас нисбат ба ӯ эътимод пайдо мекард. Вай сухан мегуфт, ош мехӯрд, савол мекард, механдид, вале дар сари ман андешаҳое ҷавлон доштанд, ки аз ифшои он кас хиҷил мемонад. Чӣ илоҷ, дар он айём ман ҳам монанди дигарон гумон доштам, ки дар Олмони федерал аксаран фашистон ва ниқорталабон маскан гузидаанд ва аҷаб не, падари ҳамин Паул ҳам бегуноҳонро дар конслагерҳо истинтоқ карда бошад. Таассуб он қадар ақли моро тира карда буд, ки ҳеҷ нуқси худро намедидем ва равнақу камоли дигаронро эътироф намекардем.

Агарчи дар аввал бештар Паул сухан мегуфту савол мекард, батадриҷ гуфтугӯйи мо даргир шуд. Баъд Паул ба табақи палави хушгуворе, ки нимагӣ ҳам хӯрдан натавонистем, нигариста гуфт:

– Ҳамдиёрон ҳастанд, гӯям?

– Бигӯ ҳатман. Даъват кун! – гуфтем ману Иброҳимҷон баробар.

Баъди берун рафтани Паул ман ба Иброҳимҷон ҳазломез хандида, гуфтам:

– Мо аз немис тарс надорем. Дар водии Вахш мо немису тоҷик ба ҳам печида кор мекунанд, зиндагӣ доранд ва забони ҳамдигарро чунон медонанд…

– Як ҷӯраи ман дар умраш немисӣ нахондааст, дар сафари хориҷа ба ҳайъати вакилони мо тарҷумонӣ карда буд, – гуфт Иброҳимҷон.

Паул ду нафар духтарро пеш андохта аз дар ворид гашт. Ҳар ду духтар қадбаланду мавзун буданд. Яке, ки номи худро Анна гуфт, духтари кабудчашми мӯйи зарринаш ба китф афтода, олмониназоди маҳз буд, аммо дигаре – Саломея духтари мешчашми гесувонаш дорчинранг, аз назари аввал маро дар шубҳа афканд. Ман аввалбор ба чашми ӯ нигариста, дар мардумаки чашмони вай тобиши ошноеро пай бурдам ва ба худ тахмин ги-

рифтам, ки дар рагҳои ин духтар хуни шарқиён ҷорист. Чун ӯ худро аз Австрия гуфт, ба гумони худ далел гирифтам, ки дар он кишвар аз мардуми шарқи ҳамсоя кам нестанд. Ақли ман чунин хулоса мегирифт, аммо дилам гувоҳӣ медод, ки ӯ ба ман наздик аст, қаробате дорад.

Духтарон ба хӯрдани палави тоҷикӣ ва ошомидани шарбатҳои Тоҷикистон саросемагӣ зоҳир накарданд; сараввал ба таҳқиқ пурсиданд, ки номи таом чист, чӣ гуна ва аз чӣ хел маҳсулот онро мепазанд ва ғайра ва ҳоказо. Дар ҷавоби ин гуна кунҷковии онон мо бо навбат аз аҷоиботи диёри азизи худ ҳикоят мекардем. Саломея хомӯш буд. Фақат як бор аз хусуси хонадомодӣ ҳикояти Иброҳимҷонро ба шеваи худ ба ҳамдиёронаш тавзеҳ кард.

Баъди он, ки хӯрданӣ хӯрда шуд ва ошомиданиро ошомидем, навбати оҳангу тарона фаро расид ва Иброҳмиҷон кассетаи таронаҳои тоҷикиро ба магнитофон гузошт.

Дур аз ёру диёр таронаҳои ватан ба кас дигаргуна таъсир мекунанд: гӯё тарона не, насими кӯҳсору водиҳои Тоҷикистон ба сар мевазиду дилҳоро ба хурӯш меовард. Мо мехостем, ки дӯстони немис низ аз оҳангу таронаҳои мо таъсир бигиранд, назокату нафосат ва изтиробу ҳаяҷони дили тоҷикро эҳсос созанд. Аз ин сабаб, мо бо навбат гоҳ байтеро ё нақаротеро аз тарона тарҷума мекардем, гоҳ оҳангеро шарҳу эзоҳ менамудем.

Чун ҳавои рақс омад, Иброҳимҷон ба меҳмонон рақси тоҷикиро намоиш дод. Ман Саломеяро, ки аз ин ҳама тоҷикписандиҳо дар назар нисбат ба ҳамдиёронаш камтар ваҷду шодмонӣ дошт, ба рақс даъват кардам. Вай ба рақси тоҷикӣ даст кушод, ҳатто як раҳ чарх ҳам зад ва сипас аз кори худ шармид ва ба ишорати сар маро даъват кард, ки ба таври маъмулӣ биրақсем. Дареғо, ки ин лаҳза Иброҳимҷон саргарми гуфтугузор буд ва чӣ гуна хиромон, аз рӯйи ҳама қоида ба рақси тоҷикӣ, боз ба рақси

махсуси занона даст кушодани Саломеяро надида монд. Утришдухтар паридани ҳанги маро пай бурду гуфт, ки дидед, чӣ гуна ман зуд рақс меомӯзам. Ман дар ҷавоб оҳиста хандидам. Чӣ гӯям, ки баъзан мардон дар ҷое, ки гиристан лозим аст, механданд.

Ман дасти Саломеяро гирифта ду-се раҳ чарх гаштам ва дар назди тиреза ба тадриҷ пойкӯбон ба чашму рӯяш аз наздик – аз масофаи ҳамагӣ 15-20 сантиметр ба диққат нигаристам, чунон ки дар чеҳраи вай нишонаи гумшудаеро мекофта бошам.

– Чаро ба рӯйи ман ба ин тарз менигаред? – пурсид Саломея бо нимтабассум ба қаъри чашмони ман нигариста.

– Яъне, ба ин тарз? – боз пурсидам, то ки барои ҷавоби саҳеҳ фурсати андешидан пайдо кунам.

Саломея китф боло кашид ва ба рӯйи ман чунон нигарист, ки аз ин нигоҳ ба якбора дилам таҳ зад: нигоҳи дилошӯби духтари тоҷик аз даричаи чашмони ӯ ба ман менигарист.

Баъд аз ин бо ӯ сухан мегуфтаму механдидам, нармак-нармак пойкубӣ доштам, вале хаёлам баҳру барро тай мезад: Шайх Саъдӣ бедарак нагуфтааст, ки "бани одам аъзои якдигаранд, ки дар офариниш зи як гавҳаранд", дар рагҳои мо хуни чӣ одамон ҷорист, кӣ медонад?!

Саломея аз вазъи парешони ман пай бурду безобита гашт. Вале ман чӣ гуфта, ӯро саргарм карданамро намедонистам.

Сипас барои машғул доштани ӯ саргузаштеро аз ҳаёти адибони номвар нақл кардам:

– Адиби нуктасанҷи рус Паустовский овардааст, ки дар соли 1922 дар шаҳри Кёлни тарафҳои шумо, дар як ошхонаи хилвати канорӣ се нафар адибони рус – Горкий, Бунин ва Леонид Андреев менишастаанд. Горкий бозие

сар мекунад ва ҳар се адиб бо навбат фақат якдақиқагӣ ба як тан ҷанобе, ки дар гӯшае танҳо нишаста, машғули хӯрокхӯрӣ будаст, менигаранду сипас ба навиштани симои ӯ оғоз мекунанд. Ҳар се беҳтар аз якдигар симои он ҷанобро бо сухан ифода мекунанд. Дар охир Горкий аз ҳамнишинонаш мепурсад, ки ин ҷаноб кӣ ва чӣ кора аст. Яке мегӯяд, ки тоҷир аст, дигаре тасдиқ мекунад, ки ин ҷаноб дузду террорист. Баҳс мекунад. Горкий ҳамнишинонашро ором мекунаду соҳиби ошхонаро даъват менамояд ва аз ӯ мепурсад, ки он ҷаноб киву чикора аст. Соҳиби ошхона ташвишомез мегӯяд: "Аз барои савоб, оҳисташар... Ин ҷаноб дузди машҳури Аврупо аст, ӯ ҳамеша дар ин ҷо хӯроки пешинро мехӯрад..."

Саломея сари зебояшро ҷунбонда хандае заду сипас бепарво савол кард:

– Яъне?.. Чӣ гуфтан мехоҳед? – Ва ман ба ҷавоби пурсишаш даҳон накушода, пайрави суханаш бигуфт. – Ман медонам, мардуми Шарқ ҳамеша аз дур сухан сар мекунанд ва ҳамеша бо рамзу истиора ва маҷоз...

– Чӣ гуфтанӣ будам? Ба гумонам, матлабам возеҳ барин аст: ман ҳам як қамчин нависандагӣ дорам ва каму беш одамонро мешиносам.

– Хуб, сипас бигӯед, ки ман кистам ва чикораам? Ҷосуси олами капиталистӣ? Ҳамин тавр не?

– Не, баракс, шумо одами худӣ барин... Шумо тоҷикед, ҳамин тавр не? – Ман бо тантана инро ба ӯ эълон кардам ва сипас ҷавоби тасдиқи ӯро чашмдор будам.

Саломея дасти хурду латиф ва зебои худро ба сари сина ниҳода ва андаке хамида хеле хандид. Вай зоҳиран ба мазоҳи ман механдид, аммо ҳама вуҷудаш аз он далолат менамуд, ки ӯ дарди худро аз ман пинҳон доштан мехоҳад. Ман нигоҳи ӯро гирифтан мехостам, вале вай баъди ин суханро шуниданаш ба чашми ман наменигарист. Ӯ оқибат эҳсоси худро саранҷом бахшиду ба ни-

шони таассуф сар ҷунбонд ва ба чашми ман нигариста гуфт:

– Дар тарафҳои мо олмониҳое ҳастанд, ки аз баъзе тоҷикони шумо сиёҳҷурдатаранд.

– Барои ман ранги пӯст эътибор надорад.

– Сипас, куҷои ман ба тоҷикдухтар монанд аст, ҳайронам? Ман дар Намоишгоҳ тоҷиконро дида будам, занону духтаронатонро низ дидаам, аммо ҳеҷ яке ба ман шабоҳат надоштанд.

– Нигоҳи чашмонатон… Сонӣ бӯятон…

Саломея қаҳ-қаҳ зад. Сипас бигуфт:

– Ҳеҷ чизро намефаҳмидаед.

– Агар шумо дурӯғгӯй набошед…

Ин суханро ба гуфтан гуфтам, вале ба рӯйи Саломея нигариста, аз гуфта пушаймон будам. Баъзан хислати мардуми хориҷиро намефаҳмед: аз як ҳарфи беҳуда ба ваҷҳ меоянду барои як пула гапу кор меранҷанд. Духтар бо чашмони ашколуд ба рӯйи ман озурдахотир, балки аз ин чунин ситами ногаҳонӣ ҳайратзада менигаристу миҷаҳояш пир-пир мепариданд. Вай зуд нигоҳашро поён гирифт, дасти худро аз дасти ман раҳо кард ва шитобон ба сӯйи дари баромад рафт.

Баъди рафтани вай ҳама лаҳзае карахт, ба рӯйи ман нигариста эзоҳ талаб доштанд, аммо ман боиси қаҳру итоби Саломеяро равшан идрок накарда, саргаранг будам. Возеҳ намедонистам, ки вай аслан аз “тоҷикдухтар” гуфтани ман ранҷид ва ё аз он, ки ӯро ба дурӯғгӯӣ муттаҳам кардам. Охир, дар сари шӯхӣ чиҳое, ки намегӯянд…

Баъд Анна ва пас Паул думболи Саломея рафтанду хеле вақт бедарак буданд. Табъи мо нохуш буд, ончунон ки ман аз хиҷолат ба рӯйи Иброҳимҷон наменигаристам.

– Ҳазлона дурӯғгӯй гӯям…

– Барои олмониҳо ин дашноми қабеҳтарин аст, – гуфт Иброҳимҷон, ки нисбат ба ман бештар бо хориҷиён

сару кор доштанаш аён буд.

– Гӯё аҳдномаи ҳуҷум накарданро инҳо нашикаста бошанд…

Хайрияти кор, Анна ва Паул Саломеяро пеш андохта аз дари утоқ ворид омаданду гӯё дар дилу дидаҳо якбора чароғ фурӯзон гашт.

Дӯстон ману Саломеяро бо тантана оштӣ доданд: мо дасти якдигариро сахт фишурда истодем, Анна ба навбат ба дастҳои мо бо дасташ мезаду ба лаҳни ғалатии худ “афсуни” русӣ мехонд: “Мирись, мирись, и больше не дерись…”[1]

Мо боз сари дастархон нишастему шириниву меваҷот хӯрдем, шарбат ошомидем ва лаҳзае гузашту бо якдигар беғубори озурдагӣ сухан мегуфтем ва механдидем.

Анна ва Паул боз ба рақсу пойкӯбӣ оғоз карданд. Ману Саломея дар назди тиреза берунро нигариста, гуфтугузорамонро идома медодем. Сараввал вай доир ба иқлим ва табиати Тоҷикистон, зиндагӣ ва машғулияти мардумон савол карду ман ҷавоб гуфтам. Пай бурдам, ки вай беш аз ҳама аз “колхоз” ба дил ҳарос дорад.

Дигар ман бо сад эҳтиёт, ҳар суханамро андешида қалъаи асрори духтарро номаълум ҳамлаҳо меовардам. Баъди он, ки аз Тоҷикистону тоҷикон, аз таърихи қадиму ҳаёти имрӯзи он дурру дароз сухан гуфтаму ҳикмату ривоят овардам, ба гумонам, оҳани ӯ нармтар шуд ва ба чашмони ман бо табассуми меҳромез менигарист. Ман фурсатро аз даст надода ду кафи сардакаки Саломеяро ба даст гирифтаму рост ба чашмонаш нигариста, бо як навъ эътимоди кулл ва қатъӣ гуфтам:

– Саломея, ту тоҷикӣ, азизам! Хоҳӣ, иқрор кун, нахоҳӣ, не, аммо ман аминам… Бидон, ки бори дигар дар

---

[1] Оштӣ шав, оштӣ шав, дигар ҷангӣ нашав

ҳаёт гумон аст, ки ба ҳамчу мане вохӯрӣ… яъне, ба тоҷике, ки дар симои ту ҳамнаҷоди худро бишиносад… Шояд ки ту аз аслу насаб, аз тӯбу тухмаи худ хиҷил бошӣ? А? Магар нангат меояд?..

Чашмони духтар пуроб шуданду сипас вай дар миёни ашк зӯран табассум кард ва хомӯш дасти маро гирифту оҳиста ба рақс даромад. Ман ҳам хомӯш ба вай мувофиқат кардам. Саломея барои пинҳон доштани қатраҳои ашки ба рухсораш шорида, танашро ба тани ман ҷафстар карда ва рӯяшро дар синаи ман панаҳ менамуд. Мо якчанд дақиқа хомӯш, ягон-ягон пой ҷунбонида, зарбаҳои қалби якдигариро гӯё гӯш медодем. Сипас духтар асари ашкро аз чашму рӯяш номаълум пок карду оҳи пурдарде кашид ва оҳиста ба чашми ман чашм дӯхту пурсид:

– Дар вилояти Ленинободи шумо Қистакӯз ном деҳае ҳаст?

– Бале. Ман дар он деҳкада будам ва на як бору ду бор. Ҳоло онро деҳа гуфтан наметавон, ба шаҳрак монанд аст, корхонаи консерви мева дорад.

– Падари ман аз ҳамон ҷост. Ӯ маро Саломат ном дода буд, – ин калимаи тоҷикиро духтар бо як навъ ҳаяҷону изтироб ва лаҳни ширини шеваи тоҷикони шимоли республика гуфт.

– Ному насабашон чӣ?.. Хешовандонашон медонанд?..

– Дигар савол накунед, чизе намегӯям! – Духтар сухани маро қатъан буриду сипас ба меҳрубонӣ ба лабам ангушт зад ва гуфт: – Падарам соли шасту ҳаштум аз дунё даргузашт. Вай ба халқу ватанаш ҳеҷ кори хиёнатомезе накардаст. Аммо васият кард, ки дар хориҷа мондаашро зинҳор фош накунем ва хешовандонашро ташвиш надиҳем… Ғолибан, вай баъди ҷанг дар асирӣ будагонро мусаллаҳ истиқбол карда, ба Сибир фиристонидани Ста-

линро шунида будаст…

– Э-э, он замонҳо гузашта рафтанд.. Ман хешовандонатонро хабар мекунам, фардо хонахез расида меоянд!.. – Шодмонии маро ҳадду канора набуд.

Саломея андӯҳгин ба рӯйи ман нигариста, ба аломати инкор сар ҷунбонд; дар лабонаш як навъ табассуми ғалатӣ медавид. Маро чунин намуд, ки вай ба ҳоли ман дилаш месӯзад ва ба содалавҳию хушбовариам раҳмаш меояд. Ман, баръакс, аз хавфу ҳароси беасоси вай малул будам.

*Июли соли 1987.*

# ДУНЁИ ҚАСОС

Ана, акнун ки ман дар дунёи равшан миёни одамон дар ҳаёт нестам, ҳама кас ғамхорию ғамгусорӣ баён доранд, барои ҷавонмарг гаштанам афсӯс мехӯранд, барои аз ҳоли ман бехабар монданашон надомат мекунанд. Бешак дар ин миён касоне низ ҳастанд, ки ба қавли модаршӯ ва дигар хешу табори шавҳарам бовар доранду маро ба ношукрӣ гунаҳкор мекунанд, мегӯянд, ки шавҳарамро хуш намедоштаам, аз тартиби хонаводаи пурбаракати вай қаноатманд набудаам, ба як ҷавонмарди дар овони мактабӣ дӯстдорам, дилкашолӣ мекардаам... Азизонам, охир қоидаи мардуми баинсоф ин аст, ки аз паси мурда фақат росту дуруст сухан мекунанду ҳақиқати ҳолашро мегӯянд. Дуруст аст, ки баъди ягон соли ҳамзистӣ аллакай дар синаи ман ба Фармон аз меҳру муҳаббат ному нишоне намонда буд. Аммо дил ба касе надодаам. Кош, ягон марди поку ҳалол дучорам мегашту ман ӯро дӯст медоштам ва дасташро гирифта, аз он кулбаи фалокатбори ту баромада ба ягон тараф мерафтам, Фармон! Аммо чи кунам, ки фарзандонамро ба ту монда, ҳатто ба хонаи падару модарам рафта наметавонистам. Ба муддати се-чор рӯз рафта омаданӣ бошам ҳам, онҳоро ҳамроҳам мебурдам.

Инсон ҳамаро баробар дӯст доштан наметавонад. Алалхусус, марде, ки ба пулу мол ё вазифаю мансаб дил додаст, ба дигар амали дунё – зану фарзанд, падару модар, хешу табор, касбу ҳунар хоҳӣ, нахоҳӣ, аз паси панҷа менигарад. Баъди он ки дар зиндагӣ дурӯягию мунофиқӣ ва пастию разилии туро дидам, баъди он ки аз макру фиреб иборат будани тору пуди ҳаёти туро озмудам, аз вуҷудат сахт дилмонда гаштам, аз қаробатат кароҳатам меомад.

Аз вазъи зиндагии ман камтар касон огоҳанд. Ҳоло аксар мегӯянд, ки ман худро оташ зада сӯхтаам. Намедонам, бачагонам чи гумон доранд. Пеш аз он ки ту ба ман дарафтӣ, онҳоро дар оғил руст кардӣ. Чи гуна ҳар се "очаамро назанед" гӯён бо дастаконашон дари занҷирбандро мекӯфтанд, то ба рӯзи қиёмат дар гӯши ман садо медиҳад.

Акнун, ки падарам омада фарзандонамро аз дасти ту гирифтаст, рӯҳам осуда гашт. Акнун қасоси он кӯдакони маъсумро аз ту мегирам. Гумонат мурдагон қасос гирифта наметавонанд? Коре кунам, ки барои кулли нокасон сабақ бошад ва ҳама гӯянд: алҳамдулиллаҳ, дунёи қасос вуҷуд доштааст.

Фармон, ҳеҷ ёдат меояд, ки чӣ гуна ман дар хонаи падар нозпарвард ва маҳбуби ҳама будам? Баъд аз хонаи падар хонаводаи ту бароям дӯзах буд, аммо ноилоҷ ба қисматам тан додам.

Ёд дорӣ, солҳои кӯдакиамон, дар ҳавлии мо писару духтарони амакам, холаам, аммаам ғун меомаданд? Ту дар он айём як бачаи камгапу хаёлбанд будӣ, аз ин ваҷҳ ман туро "Васвосӣ" лақаб карда будам. Фариштаҳо омин гуфта будаанд магар, бубин, ки оқибат васвосӣ гаштӣ. Гӯш кун, ман ба ту кулли он моҷароро бозмегӯям, зеро ту хотира надорӣ, то кӣ киву чӣ будани маро ва худро бидонӣ, чи гуна маро куштанатро аз рӯи ин ҳикоят боре дар тасаввур биёварӣ, Фармони бевиҷдону беимон!

Ман он соле, ки хонаводаатон аз деҳаи кӯҳсор кӯчида ба заминҳои навкорам рафтанд, духтараки дувоздаҳсола будаму ту ҷавонаки понздаҳсола будӣ, дар синфи ҳаштум мехондӣ. Он солҳо ҳар касе, ки кор карда, бештар пул ёфтан мехост, заминкушоӣ мерафт. Дар деҳа асосан, одамони қаноатпеша ва онҳое, ки ба обу хоки зодгоҳи худ сахт дилбастагӣ доштанд, монда буданд.

Кош, шумоён бо ҳамон рафтан гумном гашта мерафтед, хас каму ҷаҳон пок буд!.. Падару модарат ҳар бор ба сабаби тӯй ё азои хешовандон ба деҳаи қадим меомаданду дар хонаи мо се рӯз-чор рӯз меҳмон мегаштанд. Акнун онҳо худро аз мо – мардуми кӯҳистон болотар мегирифтанд. Суханашон, пӯшишашон, харҷашон далолат менамуд, ки дар нисбати ин одамон серпултаранд.

Сонитар шунидам, ки онҳо ҳар бор ба хонаи мо омада, ба гӯши падару модарам аз ваҷҳи маро ба ту нон шикастан нияти худро гӯшрас мекардаанд. Баъд ту ҳам омадурав шурӯъ кардӣ.

Бо вуҷуди ин ҳама, вақте ки додот, яъне, амакам расман маро хостгорӣ омаданд, волидайни ман "ку, фикр кунем, маслиҳат андозем" гӯён ҷавоб доданд. Вале додот: "Вақте ки ман талабгорам, ту, агар бародари манӣ, ҳақ, надорӣ духтаратро ба каси дигаре бидиҳӣ, расму одати халқро пешпо занӣ!" – гӯён он замон бо зарда аз хонаи мо рафта буданд.

Қабл аз ин ҳам ба гӯши ман мерасид, ки амаки Ҳаким якзайл ба додом таъкидан мегуфтаст: "Агар гилем мефурӯшӣ, ба хеши худ ё ҳамсояат бифурӯш, рӯзе мерасад, ки дар як канораш худат мешинӣ". Додом баъзе хислати бародар ва бародарзодагони худро медонистаанд, аммо илоҷи рад кардани талаби шумоёнро наёфтанд. Аз ҷиҳати дигар, маро ба ягон хонаводаи сирф бегона ва ноошно ба шавҳар доданро ҳам салоҳи кор намешумурданд. "Ба ҳар ҳол, амаку амакбачагони худат, сахту зор намерасидагистанд, андеша мекардагистанд", мегуфтанд. Ба ман чунин менамояд, ки он солҳо одамони деҳа аз якдигар дур, бегонасуроб ва нобовар будаанд. Балки нодорӣ ва мӯҳтоҷӣ одамонро аз якдигар дур мекардаст... Хулласи калом, ана, ба ҳамин минвол, баъди маслиҳату машварати дуру дароз падару модар маро ба ту нон

шикаста номзад карда буданд.

Айёми аввали ҳамзистиамон, аз ростӣ, чӣ одам будани туро ҳеҷ идрок накарда, саргаранг будам. Ту ҳам, ман ҳам, субҳи зудвақт ба кор мерафтему торики говгум ба хона бармегаштем. Мо фақат дар бистари хоб бо ҳам танҳо ба танҳо мемондем. Ман – дар пахтазор, ту аз деҳа дур – дар пахтамайдон. Баҳору тобистону тирамоҳ ба деҳқон на рӯзи истироҳат ҳасту на таътил. Фақат дар фасли зимистон як моҳ барин аз кор фориғ мешудаму ба аёдати падару модарам шитоб медоштам.

Ба ҳар ҳол, айёми ҳаёт будани падарат – амаки Ҳаким хонаводаи шумоён сомоне доштаст. Даҳлу харҷи хонадони калону сернуфус дар дасти амаки Ҳаким буд. Бе иҷозати вай аз аҳли хонадон ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки коре бикунад. Ҳар шом дар як деги калон хӯрок пухта, ҳама дар бинои мобайнӣ – дар хонаи падар, дар сари як дастархон нишаста тановул мекардем. Арӯсону духтарон ба иттифоқ бо пухту паз, саранҷоми дегу табақу ширу ҷурғот ва молу ҳол машғул гашта, ноаён соат ба дувоздаҳ мерасид. Мардон дар сари чойхӯрӣ сӯҳбату маслиҳату машварат доштанд. Мо фақат пеш аз хоб аз кор фориғ гашта, хона ба хона мерафтем. Хонаҳоямон ҳам дар гирдогирди ҳамин як ҳавлии калон девор ба девор афтода буд.

Амаки Ҳаким агар рӯмол харад, якбора панҷ рӯмол мехарид – барои се арӯс ва ду духтар, занаш дар ҳисоб набуд, зеро дар тӯли даҳ-дувоздаҳ соли охир либоси наву оҳорӣ пӯшидани ӯро касе надида буд. Калӯшу маҳсӣ, мӯзаи кориро ҳам ба ин минвол даста-даста меоварду ҳар кас ба пояш мувофиқашро интихоб мекард, агар ягон ҷуфташ ба пои ҳеҷ кас рост наояд, мӯйсафед онро баргашта ба дӯкон бурда медод. Ягона боронӣ ва камзӯли арӯсиамро ман то вақти ҳалокам эҳтиёт карда, дар тӯю

меҳмонӣ мепӯшидам.

Ҳама моҳонаашро оварда ба дасти амаки Ҳаким медоду агар пул даркор шавад, боиси харoҷотро гуфта, аз вай мегирифт. Орду биринҷ, равғану сабзавот, қанду чой – ҳама муҳиммоти хонаводаро худи мӯйсафед ҳозир мекард. Аксаран парвариши моли дар ҳавлӣ буда ва дигар корҳои хурду калонро низ вай ба зимма гирифта буд. Ман ва ҳамаи ононе, ки дар пахтазор ё алафзор машғули кор буданд, бегоҳӣ ба хона ҳатман бо як банд алаф дар сар меомадем.

То замоне, ки амаки Ҳаким саломат буд, ҳеҷ яке аз фарзандон ё арӯсон ҷуръати ин қоидаро вайрон карданро надошт. Ҳол он, ки шомгоҳон дар сари дастархон ҳама бо бачаю кача ғун мешудему дар хонаи калони мӯйсафед ҷои сӯзан задан намемонд. Ман моҳҳои аввали арӯсиам ҳайрон будам, ки ба ин гуна мағал асабҳои марди пир чи гуна тоб меоварда бошад. Аммо падаршавҳарам ба шӯру ғавғои набераҳояш хурсанд буд.

Мӯйсафед тақрибан ду моҳ қабл аз вафоташ, як шаби аёси танги тирамоҳ баъди хӯроки шомро хӯрда, ба дастархон фотиҳа хондан, буридани харбузаро ба Фармон ҳавола карду ба ду бачаи пурмағали авсунам ногаҳон “Хап шав-е!” гӯён фарёд кард. Хурду калон ба якборагӣ нафас ба дарун кашида хомӯш гаштанд, зеро то ба имрӯз пирамард ҳаргиз ба ин минвол ба бачаҳо сахт нарасида буд. Баъзан мо – падару модарон агар дилтангона ба сари кӯдакон фарёд кунем ё ягон торсакӣ занем, ӯ баръакс аз бачаҳо тарафгирӣ карда моро сарзаниш мекард.

Баъд амаки Ҳаким яку якбора ба аҳли хонадон рӯ оварду бигуфт:

– Минбаъд ҳар кадоме дегу табақатонро ҷудо кунед... Оча, – вай ба ҳамсараш хитоб кард, – ба ҳар кадоми

инҳо асбоби зиндагиашро ҷудо карда деҳ.

Ҳама хомӯш, лаҳзаи аввал ҳатто сар бардошта ба рӯи мӯйсафед нигаристан натавонистанд. Сипас, аввал ба чашми якдигар, сонӣ ба рӯи падар ва модар нигариста, маънӣ гирифтан хостанд: ҷиддан мегӯяд ё ба киноя?

– Ҳа, додо, чӣ шуд? Ба дилатон задем-о? Ё аз мо хатое гузашту шуморо дилгир кардем? – оҳиста пурсид писари калонӣ Ҳурматулло саволомез гоҳ, ба рӯи падар, гоҳ, ба рӯи дигарон нигариста. Баъд пайрави суханаш маъзаратомез бигуфт: – Худатон мегуфтед, ки хонаи бачадор бозор аст... бозорро хап кардан мешавад?!

– Не-е... Аз барои мағали бачаҳо не, ҳамту... – номаълум даст афшонд пиракӣ. – Ку, бинам, ба сари худ зиндагӣ кунед, – гуфт вай як навъ дардолуд ба рӯи аҳли хонадон нанигариста.

– Як даҳан мегуфтед, бачаҳоро дар хонаи дигар...

– Не-не, – сухани Ҳурматуллоро қатъ кард падар. – Ин не, он не, мисле ки пир шудаам... ё тоб-побам не... Ба гӯшам ҳеҷ чиз намефорад. – Пирамард ин суханонро канда-канда, дар ғояти маҳзунӣ гуфт. Ман пеш аз ин суханаш ба рӯи ӯ нигариста, тағйири вазъи пирамардро пай бурда будам. Бале, амаки Ҳаким он шаб ба ҳадде рӯҳшикаста буд, ки ман ҳаргиз ӯро ба ин сурат надида будам.

Сипас вай гову гӯсфандон ва дигар дороиҳои хонаводаро низ ба фарзандон тақсим кард. Гумонам, вай ҳеҷ якеро наранҷонд. Аммо худаш сахт ранҷур буд. Ранҷур буд, вале аз дардаш лаб намекушод, шиква намекард, хуб медонист, ки аз дасти шумо ҳеҷ чора намеояд. Аслан, агар ҳаққи гапро бигӯям, аз ҳамон соати тақсими мол ҳушу ёди ҳамаи шумоён ба молу ашё банд буду касе ба сӯи падар дуруст наменигарист, Фармон.

Амаки Ҳаким ҳариси пулу мол бошад ҳам, инсони

заҳматкаш буд. Аслан, аҳли кор ҳарис намешавад, балки ҳосили ранҷашро бештар қадр мекунад. Вай ба ҳамаи аҳли хонадон дилсахтӣ мекард, аммо ғамгусорию дилсӯзӣ ҳам менамуд. Чунон ки додом мегуфтанд, вай касро кушад ҳам, дар офтоб намепартофт.

Ҳамон соле, ки амаки Ҳаким аз дунё даргузашт, мо ду фарзанд доштем. Аз вафоти падарат чор моҳ гузашт е не, ёд дорӣ, Фармон ба сарат чи хел моҷаро омад? Саҳл монда буд, ки ҳабсат кунанд, аммо як нафар гувоҳ бимурду гуноҳат собит нашуд. Кош, вай намемурд. Ё вайро ҳам монанди мани шӯр... Ба ҳар ҳол, хеле пул харҷ кардӣ, хеле ташвиш кашидӣ. Аз кори нуқоти пахтаҷамъоварӣ рондандат. Хеле пахтаҷаллобӣ кардӣ! Тонна-тонна пахтаро аз яке зада, ба дигаре илова мекардӣ, бо даллолию миёнаравӣ навъи пахтаашонро боло мебардоштӣ, хулоса, аз ҳамон рӯзҳо ту ба роҳи бадбахтию беинсофӣ афтодӣ. Маҳз, дар ҳамон айём ту ба луқмаи ҳаром даҳан олудӣ ва дигар ба кори ҳалол даст задан натавонистӣ. Аз ҷазо эмин монданат ба сарат бало гашт, аммо инро ту намефаҳмидӣ.

Баъд аз он, ними замини рӯидаричаро хандақ кофтию хавоза гирифтӣ ва дар болояш целофан пӯшида, гармхона сохтӣ ва ба лимупарварӣ машғул гаштӣ. Баъди ду-се сол ниҳолҳоят ҳосил оварданд.

Ту аз пайдоят ягон пул ба ман намедодӣ ва боре се газ матоъ ё як кило қанд дар даст аз дар даромаданатро ёд надорам... “Рӯзгоратро як бало карда худат ҷунбон, ман пуламро ғун кунам, мошин мехарем, то мошинат набошад, лимонро пул кардан намешавад”, гуфтӣ. Сонитар баҳонаи дигар баровардӣ: “Ман барои тӯйи бачаҳо пул ғун мекунам. То ба кай тӯйи мардумро хӯрда мегардем, мо ҳам бояд тӯй диҳем...”

Бо сӣ-чил сӯм моҳонаи колхоз чи хел зиндагӣ меша-

вад, на ҳар кас медонаду мефаҳмад. Хайрияти кор, меваю сабзавот намехаридем: ҳосили ду-се бех дарахти ҳавлию полизи рӯидарича барои хонадон кифоя набошад ҳам, қаноат мекардем. Гандумро ҳам аз колхоз арзонтар харида гирифта, дар осиёб орд мекашидем, равған ҳам асосан, аз худамон – шири модаговро дар мошини ҷомашӯӣ гардонда, маска мегирифтам. Чанд раҳ хоҳиш кардам, ки барои ҷомашӯӣ як мошини дигар бихарӣ, гӯштро ба карӣ задӣ. Баъди кори саҳро шабҳо дастӣ ҷомашӯӣ мекардам, хамир карда дар танӯр нон мепухтам... Рӯзамон хушу нохуш мегузашт, аммо дили кӯдаконам баъзан конфету набот ё хурмою анор мекашид, "фалониҳо асал мехӯрдаанд, оча, мазаи асал чӣ хел аст?" мегуфтанд. "Ба ман мавиз биёр гӯям, дугонаам Ҳуснӣ ба ман ним сумка мавиз овардаст" гӯён духтаракам шодмонӣ мекарду дили ман лахта-лахта хун мегашт, Фармон! Чашми ту кӯру гӯши ту кар бошад, ман чӣ кунам?!

Солҳои аввал аз ин ҳол ёрои ба касе даҳан кушодан надоштам, ҳатто пеши додою очаам ҳам. Рӯзҳои аввали арӯс гашта ба ин хонаи фалокатбори ту омаданам додом дар ҳузури очаам ба ман сахт таъкид карда гуфта буд: "Духтарам, гапу кори хонадонатро аз забони ту на мо бишинавему на каси дигар!" Ана, бо ҳамин як сухан онҳо даҳони маро умрбод баста буданд.

Тадриҷан кор ба ҷое расид, ки аз ту нафратам меомад. Пасттарин ва фурӯмоятарин марди дунё дар назарам аз ту беҳтару ҷавонмардтар менамуд. Аммо чӣ кунам, ки илоҷи халосиро намедидам. Расму одатро пушти по заданам осон набуд... Онҳое, ки пушти по заданд, оқибат чӣ мукофот ёфтанд, ҳама медонанд.

Як бегоҳи зимистон, ту дар постгоҳ будӣ, муаллимаи фарзандон ба хона омаду ману вай то як поси шаб сӯҳбат кардем. Ҳарчад гӯям, ки миёни мардуми мо ҳеҷ

зане бе сабаби таъин хонаи шавҳарашро тарк намекунад, вай бовар надорад, механдад. Одами ин деҳоти мо не, раҳомад, расму қоидаи ин кӯҳпояро аз куҷо медонад?! “Мардон чӣ? Мардон ҳақ доранд?” мегӯяд. Гуфтам, ки мард ҳам бесабаб ба ҷудоӣ ҳақ надорад. Баъзе ҷавонони дар шаҳр хондагӣ “феълу хӯямон рост наомад” гӯён сабаб оварда, аз рӯи қонуну қоидаи ҳукумат ба ин мардум гапу кори навро омӯхтанӣ буданд, аммо радди маърака гаштанд: мардуми атроф ба ин хелҳо дигар зан надоданд, “ба занмурда зан те, ба занмонда санг те” гуфтанд.

Сонитар бо лимӯпарварӣ орзуи ту нашикаст магар, дар як лахт замини боқимондаи рӯидарича ба ҷои сабзавоти барои аҳли хонадон зарурӣ чормағзи заминӣ коштӣ ва ризқу рӯзии бачагонро бештар танг кардӣ. Ман аз ин ваҷҳ, ба модарат шикоятомез сухан гӯям, вай гуфт, ки ба кори мард мудохала хуб не, Фармон ҳар коре мекунад, барои ҳамин бачаҳои ту мекунад.

Он тирамоҳ ҳосили чормағзаки замини худ ва полизи дигаронро ҳам харида гирифтию ба тарафҳои Сибир рафтӣ ва маълуме, ки хеле пул дар ҷайб баргаштӣ. Ман аз ҳавои даҳонат пай мебурдам. Он рӯзҳо на фақат гуфтору рафторат, балки пӯшиданат ҳам тағйир ёфта буд. Як ҷомаи остараш аз пӯсти барраю абрааш аз мовути сиёҳ – чакманмонанд дӯзонда пӯшида, бар сарат телпаки қиматбаҳо буд. Занҳо мегуфтанд, ки шавҳарат савдогарони маскаврав барин шудаст, ба ту ҳам як чизним чиз меоварад охир ё не, аммо ман ба онҳо ҷавоби таъин надода, суханро ба ҳазл мебурдам. Мегӯянд, агар аз худӣ гила кунӣ, меҳри бегона меравад.

Замоне, ки чӣ инсоне будани туро бакул дарк кардам, кор аз кор гузашта ва аллакай модари се фарзанд гашта будам. Соддадилиро нигар, ки ҳанӯз ҳам аз ту умеди хайрият доштам, ақлат медаромадагист, ба худ меома-

дагистӣ мегуфтам ба дил. Аз ин умеди беҳуда муродам чӣ буд, худам ҳам намедонистам. Балки ба хотири се тан фарзандонамон худро мефирефтам, кӣ медонад. Фарзандони одамонро менигаристаму ба ҳоли бачагонам дилам месӯхт: сару либоси кӯҳнаи якдигарро пӯшида калон мешуданд, аз куртакӯҳнаҳои худам барояшон курта медӯхтам. Онҳо “канфету шакалод”-ро аз дасти бачаҳои дигар гирифта чашида буданд, моҳе як-ду бор хӯроки гӯштдор мехӯрданду бас. Ба модарат агар гӯям, мегуфт: “Мо дар замони бачагӣ соле як-ду бор гӯшт хӯрем, худамонро шоҳдухтар меҳисобидем. Бачагонро нозпарвар накун!..”

Ту аксар айём дар сафар, замони дар хона буданат ҳам, агар дар деги мо хӯроки болаззат набошад, ба хонаи модар ё бародаронат мерафтию таоми шомро аз дастархони онҳо мехӯрдӣ. Бештарин вақтат дар постгоҳат мегузашт. Ту ҳамроҳи як тан пири нафақахӯр посбонии минтақаи сохтмонро ӯҳдадор будӣ. Айёми дар сафар буданат, ба ҷоят он пиракӣ навбатдор буд ва ҳамин ки ба деҳа баргаштӣ, шабу рӯз ӯро ҷойиваз мекардӣ. Бинобар он, дегу табақатро ҳам ҷудо карда ба посгоҳат бурда будӣ.

Пай мебурдам, ки зану фарзанд ба дӯши ту бори ноҳинҷоранд, агар аз гапи одамон наметарсидӣ, гумонам, кайҳо моро аз хона мерондӣ. Меҳри пул дар дилу ҷони ту рӯзафзун хона гирифта, дигар андешаҳоро аз сарат берун карда буд. Ман шабу рӯз фикр мекардаму ба ин дард илоҷе намеёфтам, зеро ин дарди нав ба мардуми деҳоти мо ҳанӯз ноошно буд. Шабҳои дарози зимистон кӯдакамро алла мегуфтаму хомӯш мегиристам. Сонитар як дафтари ғафс ба дастам афтоду кулли саргузаштамро, дарду алами дар дилам бударо пешопеш ба он менавиштам, ба коғаз диламро холӣ карда, хеле таскин мееёфтам. Бачаҳо он дафтарро баъди ҳалокам ба дасти муфат-

тиш доданд, даҳан кушода ҳеҷ чиз гуфтан натавонанд ҳам, дафтарро доданд, то ки ходими адлия аз рӯи он ҳақиқати ҳоли модари сарсахташонро таъин кунад. Аммо дафтар ба парвандаи даъво надаромад, дар ғаладони мизи муфаттиш, миёни коғазҳо монд...

Фармон, боре ту дар сафар будӣ, модговамон аз ёбон касалманд омаду шаб ба зӯр ба корд расид. Нисфи гӯшташро ба ҳамсояҳо фурӯхтему нисфи мондаашро намаксой карда хушконидам. Аз пули гӯшти гов барои бачаҳо сару тан харидам, ба чилу ҳашт сӯм як мошини чокдӯзии дастӣ, хулосаи калом то ту омадан як пулаш ҳам намонд. Медонистам, ки ту омада, моҷаро хоҳӣ кард, бинобар он сухани мегуфтагиамро андешида гаштам. Акнун дар пахтазор рози диламро ба баъзе дустони ҳамдардам мегуфтам. Дигар ба руст кардани сири хонадон ҳоҷат набуд – мардум аз хусуси зиндагии мо огоҳӣ доштанд, киву чӣ будани туро ҳам, аз гумони мо бештару возеҳтар медонистанд. Баъзе дугонаҳоям маслиҳат медоданд, ки як-ду кори қалби туро дастак карда, фошат мекунам гӯяму тарсонам. Онҳо чакидафурӯшии туро дар назар доштанд, Фармон. Ҳар чӣ бошад ҳам ин маслиҳат ба ман хуш омад ё ба ҳар ҳол, боре онро озмудан хостам. Аз ваҷҳи гӯшти гов ба шӯр омада, бар сарам мушт бардошта будӣ, оташгиракро ба даст гирифта, ҷасур аз ҷоям бархостаму гуфтам, ки бас аст, тоқатам тоқ шуд, ба прокурор меравам, чакидафурӯшиатро фош мекунам, ку, бубинам лаҷоматро накашанд?! Ёдат меояд, ту чи хел якбора аз шастат гаштӣ?! Аз зиҳи дандон “ҳоло ҳамин хел бигӯ?! Ҳоло ҳамин хел бигӯ” гӯён заҳрханде кардию ба назди модарат рафтӣ. Ман, рости гап, чакидафурӯшии туро намедонистам. Агар баъзе дугонаҳоям ба ин маънӣ ишора кунанд, гумонам лимӯю чормағзакфурӯшиатро дар назар медоранд. Чакида чист, онро чӣ мекунанд, на-

медонистам. Пай мебурдам, ки ту кору боратро аз ман пинҳон медорӣ, огоҳ будан намехостам.

Ду-се рӯз аз миён гузашт, ту чунон вонамуд мекардӣ, гӯё миёни мо ҳеҷ сиру савдое нагузаштаст. Ман дар тааҷҷуб будам.

Як рӯз гусолаи мо ба боғчааш даромадаст ё не, бародарат Ҳурматулло бо таҳдиду дашном ба сари ман омад. Марде, ки ягон бор ба рӯи ман нигариста сухани сахт нагуфта буд, якбора “бар падарат лаънат, мурдори касофат” гӯён ба сӯи хонаи мо сангу кулӯх ғурронду ман ҳам паст наомадам, ду-се сухани обдор гуфтам: “Ба даҳанатон нигариста гап занед, падари ман шумо баринҳо катӣ аз хешу таборӣ ор мекунад, аммо қисмат будаст, ночор монд! Додаратона аҳмақ гӯям, шумо аз вай ҳам мегузаронед-ку!..” Фармони номард, ҳамон шаб онҳо туро тез карданду ба хона омада бачаҳоро ба хонаи очаат фиристодӣ ва дарро баста ба ман дарафтодӣ, ёд дорӣ? Аввал як раҳ напурсидӣ, ки аз миён чӣ гап гузашт. Ба худпарастии модару бародарат тараф набуд. Ҳайратам меомад, ки аз маъюбу маслух кардани ман муродашон чӣ бошад? Ба ту зани дигар гирифта додан наметавонистанд, пул надоштанд. Ҳамон шаб ваҳшивор, бераҳмона маро задӣ, нокас...

Шабошаб кӯдаконамро пеш андохта аз ҳавлии касофатборат берун рафтам. Бори аввал шабро дар хонаи бегона рӯз кардам. Момои Гулзира ба ҷароҳати сару рӯям тарлатта ниҳод, суханони оромбахш гуфта, таскинам дод, меҳрубониҳо кард. Ба қисмати сахтам лаънат гуфта, шаб то саҳар талх-талх гиристам...

Субҳи рӯзи дигар ба идораи ҷамоат рафтам. Мардони мо дили занро намефаҳманд: насиҳат гуфта аз раъям гардонданд. “Илтимос, келинҷон, ба гапи калон гӯш кунед, мо вай катӣ гапзанон мекунем, танобашро

сахтакак мекашем, дигар бор ин номаъқулиро такрор намекунад” гӯён марди қариб ҳамсоли додом дар сари сухани худ сахт истад, мани бечора чи кунам? “Агар як бори дигар Фармон ҳамин корашро такрор кунад, ман худам кафил, ба ман бовар мекунед ё не?” гӯён раис маро ба хона гуселонд.

Дигар аз ту умеди хайрият буридам. Қабл аз ин ҳам як торсакӣ-ду торсакӣ мезадӣ, як ду бор лағататро хӯрда будам, аммо ба хотири фарзандон аз гуноҳат мегузаштам. Дигар гуфтам, ки бо ту барин падар аз ду сар, бачаҳо мисли бепадаранд, сипас уқубати ман беҳосил аст.

Оқибат ба падару модар ҳам вазъи зиндагониамонро мухтасаран гуфта, ниятамро аз хусуси ҷудоӣ пинҳон накардам. “Сад бор, ҳазор бор розиам, ки дигар шавҳар накунам ва фарзандонамро бепадар ба воя расонам” гуфтам.

Баъди ин воқеа, ҳақиқати кори ман ин, ки худро пурра набошад ҳам, як қадар озод меҳисобидам. Дар ҳавлии ту зиндагӣ мекардам, аммо дилам кайҳо бо фарзандонам танҳо зистан оғоз карда буд.

Мардуми деҳа ҳоло аксаран аз вазъи хонадони мо хабардор будани худро пинҳон намедоштанд. Як бегоҳирӯзӣ ба мағоза рафтаму намаку қанду собун харидам. Мудири дӯкон биринҷ мефурӯхт. Гуфтанд, ки биринҷи хориҷии палавӣ аст. Мардум бист-си килогӣ мегирифтанд, дӯкондор ба ҳама расад гӯён, аз ин зиёд намедод. Пули ман бист кило як сӯ истад, ба панҷ кило харидан ҳам намерасид, метавонистам ду-се кило бихарам, аммо дар назди одамон аз зоҳир сохтани бепулиам шарм кардам. Дӯкондор вазъи маро пай бурд магар, ногаҳон ба ман рӯ оварда гуфт: “Ма, инро бар, халтаашро фиристон. – Вай ним халта камтар биринҷро ба ман дод. – Бист кило, бигиру бубар, пулашро аз Фармон мегирам.” Ӯ

қатъӣ халтаи биринҷро наздам гузошту ба кори худ машғул шуд.

Ба дил гуфтам, ки ин биринҷро танҳоӣ намехӯрам, ту ҳам мехӯрӣ, бачагонат мехӯранд, сипас агар пулашро диҳӣ, ҳеҷ гап нест. Ин бачаҳо фақат фарзанди ман нестанд-ку! Ҳоли бачагони бепадар беҳтар аст: аз давлат нафақа мегиранд ё аз падарашон алимент мерасад, аз ту фақат ришханду тамасхур ва мушту лагад.

Баъди он ки ба идораи ҷамоат даъватат намуданду сӯҳбат карданд, хеле вақт нафасат ба дарун заду ману бачаҳо се-чор моҳ аз дашному тааддӣ ва ғур-ғури ту амон ёфтем. Агар пештар фақат ҳангоми бенон монданамон рафта ба ночор як линга орд меоварда бошӣ акнун ордамон адо нашуда як линга орд, биринҷу макарон, якчанд метр матоъи кӯрпавор овардӣ, ба духтарат пойафзол харидӣ... Ин гуна тағйири авзоъ кардани туро медидам, аммо аз чӣ бошад, ки бепарво будам гӯё ба ман дахл надошта бошӣ.

Модарат ва бародаронат аз шикояти ман ба раиси ҷамоа аламнок буданд, дар сари ҳар сухан пичингу киноя мекарданд: пой баровардаӣ, қонундон шудаӣ, раҳи идораро шинохтаӣ!..

Ман медонистам, ки фақат шаклу шамоили ту одамсуроб аст, дилат, фикрат, кирдорат ҳайвони ваҳширо мемонад. Ту ва наздиконат гумон доштед, ки одамон киву чи будани шуморо намедонанд, аммо иштибоҳ менамудед, мардум зоҳиру ботини шуморо равшан тафриқа мекардаанд. Инсон ҳазор сайъ кунад ҳам, ботини сиёҳашро пинҳон карда наметавонистааст.

Бо ин ҳама, ман ҳеҷ гумон надоштам, ки ту рӯзе ҳамсари бо умед бо ту ба як болишт сар мондаро, модари фарзандонатро бе ҳеҷ гуноҳе мекушӣ. Ту аз тарси ҷазои кирдори сиёҳат, аз тарси ҷони худ маро куштӣ, медонам,

Фармон. Инсони ночиз ва буздилу тарсу дар ваҳшоният аз бераҳмтарин нобакор намемонад.

Чӣ кори ман ба ту алам карду баҳона шуд, акнун ба ту гӯям, гӯш кун: одамон агар мол кушанд, ба ман ҳатман хабар мефиристоданд, то бираваму гӯшт бигирам, баъзан чор-панҷ кило гӯшт мефиристоданд. Гоҳе чор-панҷ сӯмам дар мушт ба назди қассоб мерафтаму як кило гӯшт диҳед гӯям, вай гап назада се-чор кило гӯшти каму-стухонро баркашида медоду мегуфт: “Ту бепарво бош, келин, бару ба дегат андоз, бачаҳо бихӯранд, пулашро Фармон медиҳад” Бовар кун, ту ба хоки раҳи ин мардони ҳалол баробар намешавӣ, Фармон! Онҳо ба ман хитобан сухан мекарданду боре сар бардошта ба чашму рӯям наменигаристанд! Аз инчунин муомалаи одамон ту оташин будӣ, медонам, заҳратро чи гуна ба сари ман рехтанатро намедонистӣ.

Боре барои ҳамаамон дар косаҳо шӯрбо кашида овардам. Ту дар сари дастархон косаи маро бо чумча кофта дидию тухми мурғ барин як пора гӯштеро, ки дар хӯрокам буд, бардошта ба косаи худ андохтӣ ва гуфтӣ: “Зимистон ту дар саҳрои пахта кор намекунӣ-ку, баробари ман гӯшт нахурӣ ҳам, мешавад...” Боз чӣ ҳам гӯям ба ту?!

Ман хуб медонистам, ки ту бо ин ҳол дуру дароз тоқат намеоварӣ. Мехостам аз ту ҷудо шаваму се фарзандамро гирифта ба кӯҳсор – ба хонаи падар биравам, ки айёми охир ҳавлиамон монанди биҳишти воқеӣ хаёламро мекашид. Ҳамон рӯзе, ки захмин ба идораи ҷамоа рафтам, аз раис бисёр хоҳиш кардам, ки моро аз якдигар ҷудо кунад, аммо марди бедард дили маро нафаҳмид: “Агар ба ту шавҳар лозим нест, барои бачаҳо падар зарур аст, худписандӣ накун, бачаҳоро бадбахту берӯзӣ месозӣ гӯён” аз қасдам гардонд. Ҳа, боз гуфт, ки ман

кафолат медиҳам, дигар он аҳмақ ба ту тааддӣ намекунад, даст намебардорад...

Балки дар ин миён аз худи ман ҳам хато гузашт: мехостам, ки боз ба ман даст бардорию биравам пеши раис ва ӯ хати талоқи маро диҳад. Аслан, ту худат ҳам пай мебурдӣ, модару бародаронат ҳам ба тахмин медонистанд, ки ман дигар дар хонаи ту зистан намехоҳам. Шумо аз он ҳам огаҳӣ доштед, ки мардуми ин диёр ба ту дигар зан намедиҳанд.

Ҳамон рӯзи бадшавгун агар Шодобакамро ба духтур набарам, балки зинда мебудам, кӣ медонад. Не, аз қисмати шум кӣ гурехтан метавонад? Шодоб гулӯзиндонак буд, мани сарсахт кӯдакро бардошта, роҳҳои пурлойро афтону хезон гузашта, ба духтурхона расидам. Аз назди духтур баромадаму ба тарафи дӯкон тоб хӯрдам, чароғи хона сӯхта буд, лампочка харидани будам, ду-се кило макарон даркор, равған... Дар таҳдари дӯкони қассоб чор-панҷ касро дидаму донистам, ки Ораши қассоб мол кушта мефурӯшад. Ба дил гуфтам, ки бачаҳо як моҳ боз гӯшт нахӯрдаанд, тарафи зимистон қассоб аҳён-аҳён мол сар мезанад, як-ду кило гӯшт бигирам. Амаки Ораш асп кушта будаст, як кило гӯям, гап назада чор кило гӯшт баркашида доду мисли ҳамеша ба рӯям нанигариста “бирав, пулашро аз бахшидаат мегирам” гуфт.

Ба хона омада, ҳангоми ба дег гӯшт андохтан ба ёдам расид, ки ту гӯшти аспро намехӯрӣ. Донистам, ки ин бор аз алам мекафӣ. Ҳамин тавр ҳам шуд, Бегоҳӣ ба хона даромадию аввал гапгузаронӣ сар кардӣ. Ман дигар он арӯсаки сархам ва хомӯшу гапбардор нестам, медонӣ, агар ту мур гӯӣ, ман дард гуфтам.

Машғули ба оташдон алав даргиронӣ будам, чи гуна номаълум бачаҳоро ба оғил бурда руст карданатро нафаҳмида мондам. Ногаҳон тароша дар даст ба ман

ҳамлавар гаштӣ. То ки дар хона дармонда, зери мушту лагат намонам, илоҷе кардаму тохта ба рӯи ҳавлӣ баромадам. Ту бо тарошаи дастат ба сару рӯи ман мезадию ман зӯр зада бо оташгирак худро ҳимоя мекардам, аммо дасти зани оҷиз дар баробари дасти марди девонашуда чӣ қудрате дорад.

Сонӣ ба замин парчин гашта афтодам, ту тани ба лою хун оғӯштаи маро лагат мезадию ба гӯши ман фақат бо дастакошон дари оғилро кӯфта фарьёд задани бачаҳоям мерасид: "Додоҷон, очаамро назанед!" Зарбаҳои лагати туро аранг-аранг ҳис мекардам, аммо фиғони кӯдакон... аз ҳуш мерафтаму дар гӯшам садо медод.

Сипас модарат омаду туро аз сари ман дур андохт ва ҷисми маро аз замин бардоштан хост, вале ман аз ҷо бархостан як сӯ истад, чашмамро кушодан наметавонистам.

– Ваҳ, ман намурам, ин чи кори кардагит... ин намехестагӣ барин... Акнун чӣ кор мекунем?.. – пиразан дар талвосаи ҷигартоб ба сари ду зонуяш даст мезаду бо овози паст фиғон мебаровард. – Ба куҷояш задӣ, девона? Акнун чӣ мекунӣ?.. Духтур ҷеғ зан... Агар мурад, дар балои азим мемонӣ. Ин дафъа аз ҳабс халос намешавӣ... Ман чи кор мекунам... Ина зада маъюб кардай... – мегуфт вай паст-паст ва ба рӯи ман об мезаду хуни даҳону бинии маро бо латта пок мекард. – Бачагоната хап кун...

Шоми зимистон зуд торик гашта, ҳамдасти сири шумоён шуд. Зану бачаҳои бародаронат ҳам дар берун наменамуданд. Писару модар ҷисми маро кашола карда ба айвон даровардеду сипас аз паи машварат худ ба хона даромадед. Пиразан рафта ду писари дигарашро низ овард.

Баъди машварат ҳамагон берун омадеду модару бародаронат ба сӯи хонаҳои худ рафтанд. Ту ҷисми маро

кашола карда, боз ба рӯи ҳавлӣ ба ҳамон ҷое, ки афтода будам, бурдӣ. Ман ба худ омадам, чашмамро ба зӯр кушодам, аммо сарамро бардошта натавонистам ва ба маънии ҷунбуҷули ту низ қувваи сарфаҳм рафтанам набуд. “Бачагонам чаро хомӯшанд? ” – мегуфтам ба дил.

Сипас ту чобаи карасинро овардию ба тани ман карасин рехта гугирд задӣ.

Модарат ва бародаронат, ки аз дур – аз айвонҳои хонаҳояшон ба кори ту менигаристанд, баъди якбора забона задани оташ, баробар ба фарёд пеш тохтанд.

– Ҳой, сӯхт!.. Худашро сӯхт!.. Халос кунед!.. Худашро сӯхт!..

Бародаронат зану фарзандони худро, ки ҳама дар ҳавли ҷон ба берун тохта мебаромаданд, ба ақиб мегардонданд: “Нигоҳ накунед, фардо гувоҳ будӣ гӯён милиса пешандоз карда мебарадатон! Дароед!”

Мегӯянд, ки хуни ноҳақ, як рӯз не, як рӯз аз гиребони кас мегирад, аммо шумо – ҳамагон амин будед, ки аз мукофоти амал халосӣ меёбед. Кори дунё агарчи дар назар дӯлоб менамояд, низоми худро дорад.

* * *

Шуморо муяссар шуд, ки даҳони бачаҳоямро ҳам бандеду чашмони муфаттишро ҳам. Зоҳиран, гулӯи ходимони адлияро дуруст равған кардед. Хайр, аз прокуроpу муфаттиш чӣ ҷои гила, ба моли ту барин мурдорҳо ба ғайр аз онҳо кист, ки шарик шавад?! Вагарна чаро боре нагуфтанд, ки одами сиҳату солим, агар худашро оташ занад ҳам, дар як ҷо наҷунбида сӯхтан наметавонад? Барои чӣ кӯдаконро пурсуҷӯ накарданд... Дафтари хотираи маро бурданд, аммо ба навиштаҳоям чаро эътибор надоданд?.. “Фақат одами бекасу бепул ҳабс мешавад” гуфтанат ҷон дoштаст,

Фармон... Дар мамлакат давру даврони пул, мансаб, фиребу ҷӯрабозӣ, чӣ илоҷ?!

Албатта, ту фақат барои чор кило гӯшт маро накуштӣ, барои аз ту дилмонда гаштанам ва фикри ҷудоиам ҳам маро накуштӣ, медонам. Хавфи ту аз он буд, ки аз ту ҷудо мешаваму рӯзи дигараш аз хусуси чакидафурӯшиат хабар медиҳам. Ҳамин тавр не?.. Албатта, ман тахминан огаҳӣ доштам, ки ту чакида мекунӣ ва ба шаҳрҳои дур бурда мефурӯшӣ. Фақат пули чормағзак ва лиму катӣ даҳони ҷилавгиронро бастан намешавад ва ба ин тарикe, ки дорӣ пешхезию бодигӣ кардан ҳам намешавад. Баъзан бедона мегирам гӯён ҳафта-ҳафта ба саҳро гум шуданатро боис чист намедонистам. Сонӣ як одами милисасуроб, аммо марди либоси урфи пӯшидагӣ ду-се бор кофта омаду аз ман гап гирифт ва пай бурдам, ки ту назарбанд гаштаӣ... Тую модарат ин амалро аз ман пинҳон медоштед ва ман агарчи хеле ҷаҳд кардам, чакидаатро дар куҷо руст мекунӣ, пай набурдам. Таваккалан чи гуна хабар додан мешавад? Аслан, ҳоҷати хабар доданам набуд, идораҳои дахлдор аз сири ту огаҳӣ доштанд... Агар даъвои худро собит кардан натавонам, чи хел хабар диҳам, ҳой бефаҳми бетавфиқ?!

Хулласи калом, баъди ҳалок рӯҳам муддатҳо аз ситам, аз ноҳақӣ дар шиканҷа буд, ҳеҷ оромиш намеёфт. Соя барин пайваста аз қафоят мегаштам. Ман туро медидаму ту маро не.

Шаби ҷумъа дар хонаи модар ҳама ғун гашта, ба тамошои телевизор нишастед. То соати дувоздаҳ нишастед. Аз ҳама охир ту бархостӣ. Хоболуд аз остонаи модар берун қадам ниҳодию саратро ба болодарӣ чунон задӣ... Баробари аз чашмони ту шарора паридан ман ҳам ғайриихтиёр садо баровардаам. Ту лаҳзае карахт истодӣ. Ҳатто ҷуръати сар бардошта ба атроф нигаристан надоштӣ.

Оҳиста ба қафо баргаштию боз ба хонаи модарат ворид шудӣ. Тарсуи буздил, гумон кардӣ, ки ба сарат ман задаам!.. Модаракат зуд ба рӯят оби сард пошид, дар сарат дуо бихонд, ҳазориспанд дуд кард, аз гӯшҳоят кашид, ба тахтапуштат тап-тап зада эму дум кард. Фарзанд барояш азиз аст, ман ҳам модар будам, ба ман ҳам фарзандонам азиз буданд...

Ту дигар шабҳангом аз хона берун намеомадӣ. Навбати посбониат расид, писари бародаратро ҳамроҳ гирифтӣ. Баъд писаракро бифиристодӣ, то минтақаи сохтмонро хабар гирад, худат барои оташдон ҳезум гарифтан хостию ногаҳон ба чуқурие сарозер афтодӣ. Ман боз хомуш истодан натавонистам, гумонам қаҳ-қаҳ задам...

Бо ҳамин, мутлақан, кафгират ба таҳи дег бархӯрд. Туро рӯзи дигар ба беморхона бурданд. Намедонам кадомин духтури дунё ба дарди ту даво меёфта бошад?! Ба дарди виҷдон даво нест! Доруе нест, ки инсонро аз сазои нобакорӣ, аз мукофоти амал наҷот бубахшад.

*Соли 1987.*

# ТО СОЛИ ДИГАР

Имсол гузарад, соли дигар боз ояд,
То соли дигар умри ҷавон мегузарад.

*Аз осори лафзии мардуми тоҷик.*

Деҳа монанди қалъаҳои қадимӣ ба рӯи тали начандон баланде воқеъ афтода буд. Сокинони он кайҳо ба саҳрои Мирзочӯл кӯчида рафта, дар он тарафҳо замин кушода, хонаву боғу роғ карда, муқимӣ гаштаанд. Деҳаи пешин, ки асрҳою аср пурвалвала буд, имрӯз қариб холиву бекас аст... Ку, акнун онҳое, ки барои як лахт замин ё навбати об якдигарро бо каланд зада, дар сари марза кушта буданд, боре сар аз хок мебардоштанду медиданд, ки оқибати корҳо чи ранг аст!..

Сукунати деҳаи холиро ҳоло фақат шав-шуви оби рӯд, нағмаҳои мурғони хушхони ҳаргиз рам нахӯрда халалдор мекунанду бас. Соҳилҳои рӯдро буттаҳои худрӯи беду сафедор, олучаю дӯлона, зарбеду настаран ва алафҳои гуногун ба тарзи касногузар тавора гирифта, гӯё асрори ин обаки пурмағалро аз назарҳо пинҳон карданӣ буданд. Ба монанди садҳо рӯду рӯдхонаҳои дигари диёри куҳистон ин обаки оқибат дар нимароҳ гумгашта ҳам, номи худро надошт – онро бо номи деҳа "Сойи Сардор" унвон карда буданд. Рӯи пули бе ягон мех, аз болору ходаҳо бунёд ёфта аз камии раҳгузар кайҳо алаф рӯидаст. Аз он ки роҳи аробагард ба ин ҷо омада дакка задаст ва пулро ба ҳавсалаи тамом, хеле бадошт сохтаанд, пай бурдан мушкил набуд, ки ин роҳ ҳамагӣ ҳафт-ҳашт сол муқаддам гузаргоҳи серравуое будааст...

Садои ба ҳам бархӯрдани сатилҳо, чунон ки дар ин ҳолат мегӯянд, маро як қад паронд. Агар дар ягон гӯшаи холиву бекаси дунё бошед, шунидани ҳамин садои муқарра-

рии рӯзгори одамӣ низ шуморо бениҳоят хушнуд месохтаст.

Аз боло духтари қадрасе дар даст ду сатил ба сӯи чашмаи шаршарадори канори рӯд мефуромад. Аз дилам гузашт: “Дар ҳавлие чӯпоне зиндагӣ мекунад!” Боз аз худ пурсидам: “Аз мардумони мо бошад ё аз дигар деҳу ноҳия?..” Духтар ба ҷониби мошини кӯҳнаи ман, ки дар сабзамайдони соҳили рӯд буд, хира назар афканду ба ҷониби худам, ки рӯи сабзаву себаргаҳо ғелида будам, назари эътиборашро дареғ дошт магар, нимнигоҳе накарду ба сатилҳояш об гирифт ва ба қафо баргашт.

– Ҳой, духтари хуб, як нафас биистед, – ман аз ҷо бархоста, ба сӯи вай қадам ниҳодам.

– Гоҷигӣ накарда, рост ба раҳатон гузашта рафтан гиред! – Духтар ин бор ҳам ба сӯи ман назар нокарда, зери лаб ғурунгос зад.

Ғолибан вай маро аз қабили баъзе раҳгузарони беҳаё ва шилқин пиндошт, ки ин вақти сол дар ин мавзеъ бисёр пеш меоянд. Агар як лаҳзаи дигар беҷуръатӣ намоям, нопадид рафтани ӯро донистам ва дар шитоб сӯяш давидаму сари роҳашро гирифтам.

– Шумо чӣ хел одамед?.. Истед, як даҳан гап пурсам! – гуфтам маломатомез, балки озурдахотир аз рафтори ӯ. Аммо ба чашмони шӯху гирои духтар чашмам афтоду ғайриихтиёр табассум намудам. Росташро гӯям агар ба чашми вай нигарад, ҳар кас ҳам таноби даҳонашро саришта кардан наметавонад.

– Виҷ-виҷ накарда, ба роҳатон равед... Гапатонро рафта аз очаатон пурсед! – Духтар, агарчи қадамашро суст карда буд, табассуми бемаънии маро диду абрӯвони ситезакораш чин гирифт. Аз шеваи гуфтораш донистам, ки бегона нест, аз ҳамин деҳа, ману вай ҳамдиёрем, балки хешу табор бароем, ки медонад...

– Ҳой, фарзанди одамизод!.. Як даҳон гап пурсам...

Охир, ман бегона не... Аслан, аз ҳамин ҷойҳо, фарзанди ҳамин кӯҳпоя... Балки хешу ақрабо будагистем...

Ин суханон ба духтар таъсир кард: сатилашро аз даст намонад ҳам, лабханде заду айёрона чашмонашро кашида ба рӯи ман нигарист, сипас аз роҳаш бозистоду нигарони пурсиши ман гашт. Чашмони сиёҳу шӯхаш, абрувони борику сӯзнокаш, рӯи монанди себи навпухта сафеду сурхаш он қадар латофат ва назокате доштанд, ки бо тундхӯиаш ҳеҷ мувофиқат намекарданд.

– Ман... ҳамту... ба сайру тамошо омадам... Ватани бобоёнро бинам гуфтам... Бачагиам дар ҳамин ҷойҳо гузашту... акнун, баъди ақлашро шинохтан одам дигар хел менигарад... Ба гумонам, дар деҳа ҳеҷ кас набошад... шумоҳо будаед... Маро намешиносед? Ман ҳафт-ҳашт сол аст, ки дар шаҳр дарс мехонам...

– Э-э, шумо писари тағои Комил не? – духтар ба қиёс маро шинохту дар назар аз дуруштии бемавридаш хиҷил гаштагӣ барин намуд. – Ман нашиносам... Ношинос бесипос мегӯянд. – Вай сатилҳояшро ба замин ниҳод.

– Шумо духтари кӣ? Ман падаратонро мешинохтагистам...

Ману вай дақиқае чанд дар гуфтугӯ будем. Аз хавфи он ки мабодо духтар аз шавқмандиам ба шахси ӯ рамида зуд гурезад, се-чор қадам дуртар истода, зоҳиран бепарво гуфтугӯ доштам. Баъд, вақте ки рафтанӣ шуд, ба нею нестонаш эътино накарда, сатилҳои пурobро аз дастонаш гирифтаму то ба сари баландӣ бурдам.

– Гуноҳи мо – мардон аст, ки ранҷи занону духтарони деҳаро ҳанӯз ҳам кам накардаем, аз ин сад сол муқаддам ба чи сон бошад, ба ҳамон минвол мондааст, – гуфтам ҳангоми худо ҳофизӣ.

Духтар аз замин нигоҳашро набардошта, хиҷолаткашон гуфт: – Дар куҷо хоб мекунед? Дар ин гирду гӯша

дигар одам нест...

– Ман барои истироҳат омадам... чодир дорам... Лӯлиҳо барин як бор дар чодир зиндагӣ кунам...

– Ҳар кас ояд, ба ҳавлии тағои Низом мефурояд... Шумо ҳам бед, – гуфт вай ба тамкин чашм аз замин набардошта.

– Меравам. – Гуфтам ва нигоҳи ӯро гирифтан мехостам, вале вай чашмашро аз чашми ман мегурезонд. Хоҳу нохоҳ, вақти рафтан лабонаш ба табассуми ширине моил гаштанду дандонҳои садафинаш мисли ламъаи барқе як нафас дурахшиданд. Вай бирафт.

Ман аз тал поён шудаму дар сабзамайдон чодирамро устувор кардам, дегу табақ ва кӯрпаю болиштамро ба тартиб, ҷо ба ҷо ниҳодам. Дастам ба кор банд, вале хаёлан бо ин духтар гуфтугузор доштам. “Ғалатӣ, – мегуфтам ба дил, ҳамин қадар духтарони шаҳру деҳот маро ин қадар мафтун накарда, чунон ки ин духтар... Шавҳараш бошад?.. Агар издивоҷ накарда бошад, ба ҳар навъе дилашро меёбам... Ана, ин аст духтаре, ки дар орзуяш будаму дар хобу дар бедорӣ меҷустам...”

Ҳамон шаб то дами саҳар хобам набурд. Ба нияти беҳтар сохтани сиҳатии лангонам омадаму кай гумон доштам, ки дар ин кӯҳистон ба маризии дигар – дарди ишқ гирифтор мешавам!.. Ман одати дили худро нағз медонам, аз рӯи ҳавою ҳавас ба духтарон майл надорад...

Рӯзи дигар зиёда тоқат карда натавонистаму ба ҳавлии ҳамдеҳагон рафтам. Низом-бобо ном пирмарди ғайратманду даҳансахт бо ҳамсару писару духтару арӯсаш дар ин ҷо истиқомат доштааст. Онҳо моли як молхонаи калони колхозро саришта мекардаанд. Духтаре, ки маро хобпар карда буд, дар ҳавлии онҳо зиндагӣ мекардаст. Дегу табақаш ҷудо набошад ҳам, хонааш дар як канори ҳавлӣ, аз онҳо ҷудо буд. Дар кори молхона ва рӯз-

ғор баробари онҳо ҷунбуҷӯл карда, дар соатҳои бекориаш омада бо занҳо наменишастаасту ба хонааш даромада китоб мехондаст. Ҳамсари бобои Низом – Ҳикоят-хола дар ҳузури ман ӯро маломатгӯӣ мекард:

– Ҳай-вой-е-е, ин духтар аз китоб сар намебардорад!.. Ман мегум, ин қадар дилакота обу адо карда, бибиотун мешавӣ-чӣ? Охир, ту ҳам дигар занону духтарон барин дарзу дӯзата ёд гир, пухту пазата кун...

Ҳикоят-хола аҷаб пиразани хушфеълу дилфароҳ, баръакси ҳамсараш – Бобои Низом, ки аксаран сиркоҷабину ҷазабадор аст, ӯ хушҳолу базлагӯ буд. Вай, ба қавли худаш, ба ғайр аз шавҳари бедаҳанаш ба ягон бандаи худо сухани сахту дурушт намегуфт. “Аз дилозор худо безор аст, – таъкид мекард Ҳикоят-хола. – Ин шумгиёҳ (Вай ба ҳамсараш ҳар замон як лақаб меёфт!) пир гашту сонӣ андаке ба худ омад, дамаш паст гашт. Ҷавон буд, даҳонаш аз ин ҳам бефаровез буд. Мехча барин як ваҷаб қадаш катӣ деҳаро ба сар бардошта аррос мезад! На шарма медонист, на нангу номуса!.. Э, аз бало ҳам бад медидаму... – хаёломез даст меафшонд пиразан. – Чӣ кунам, ки дар пешониам ҳамин балонусха навиштагӣ будаст... Дар замони пеш духтари бечора ҳақ дошт, ки не, ман ба вай намерасам гӯяд?! Ин рӯдапо чор-панҷ танга пул, мол дошт...”

Азбаски мардон аксаран ба рӯз дар ёбонҳо ё ба кору бори дигари мардона машғул буданд, Ҳикоят-хола бештарин ҳангом ҳамсӯҳбати ман буд. Духтарон ва занони ҷавон дар ҳузури пиразан бо ман ба ҷуз салому алайк дигар сухани изофа намегуфтанд. Ҳикоят-хола урчуқашро ришта, соат-соат сухан мекард, саргузашти бештарин мардуми ин деҳаро ёд дошт ва аз гуфтан дилгир намегашт. Боре аз хусуси Бобои Низом сухан оғоз намуду аламеро, ки дар ҷавонӣ ба ӯ гузашта будаст,

гуфта, маддаи дилашро кафонд:

– Хонаи падар биҳишти ман будаст, аз дари ин ғӯлача даромадаму намедонистам, ки ба дари бало қадам зер кардам. Э-э, напурс, ҳеҷ напурс, бачам!.. Сару либоси арӯсиам дар таҳи сандуқ наву оҳорӣ бимонд-е!.. Ба ягон ҷо рафтан намемонад, на ба тӯй, на ба азо. Дар ҳар ду моҳ ё се моҳ як бор ба хонаи падарам мебурду бас. Худаш ҳамроҳам мерафт ва боз ҳамроҳаш меовард. Ҳамин хел бадрашки фалокат буд. Умри ҷавонама хазон кард ин дӯзахӣ!.. Баъд ӯ овозашро пасттар карда ба ман сари гӯшӣ мегуфт: – Бовар мекунӣ, нав арӯс шуда ба хонааш омада будаму агар ду рӯзакак ба ягон гӯристон баромада равад, оҳубарраи аз қафас берун рафтагӣ барин хурсанд будам. Валлоҳ, ки хурсанд мешудам! Ба ту дурӯғ, ба худо рост, ҳар соат хабари маргашро нигарон будам. Одамони нағз мурда рафтанд, ба ин гӯрсӯхта бало ҳам асар накард. Худо ҳам гулчин аст, сара карда нағзаша мегирад... Гоҳе хаёл карда менишинаму худ ба худ мегӯям, ки кори ҳамин Матлуба ҳам дуруст аст. Одами шум медидагиаш катӣ умри ҷавонаша хазон кардана, аз дунё ҳур гузарад, авлотар аст...

Вуҷуди ман арақи сард баровард. Матлуба – ин ҳамон нозанини аз ман дил бурда буд. Аз ин гуфтаи Ҳикоят-хола маълумам шуд, ки вай шавҳар доштаст ва хайрияти кор, ки ҳамсарашро дӯст намедоштаст.

Аз хусуси вай пурсуҷӯ кардани ман аз адаб набуд, бинобар он, дар омади сухан, ҳар чи Ҳикоят-хола бигӯяд, ба ҳамон қаноат мекардам.

Шому саҳар дар сари чашма интизор будам, ки кай Матлуба барои обгирӣ меояду панҷ дақиқа бошад ҳам гуфтугӯ мекунам, нигоҳи ташнаамро ба чашмони хумори розгӯяш медӯзам.

Баъди он ки ба дил иқрор кардам ӯро дӯст дорам, су-

сухан карданам бо Матлуба хеле мушкил гашт. Ҷуръатам намонд, забонам баста шуд, ақлам – хушк, кунд... “Хабари ман бирасонед ба мурғони чаман, ки ҳамовози шумо дар қафасе афтодаст!” гуфтани шоир беҳуда не.

Ба қавли Ҳикоят-хола Матлуба духтари дамдузду одамгурез аст. “Агар коре надорад, вай ба хоначааш медарояду рӯзи дароз китоб мехонад, аммо зиқ намешавад-е! – Изҳори ҳайрат мекард Ҳикоят-хола. – Гоҳе ба лаби сой мераваду хаёл мекунад... Кас намефаҳмад, дар дили ин духтар чи сир ҳаст...” Бобои Низом ҳукм мекард, ки никоҳи Матлуба бо шавҳараш сард афтодааст, баъди фарзанд ёфтан дилгарм мешавад.

Матлубаи хомӯш ва дамдузд ба назари ман баръакс, шӯх, ҳатто густоху бебок намуд. Боре пай бурдам, ки баъди аз ҳавлӣ берун рафтани ман роҳгардии маро тақлид карда кӯдаконро механдонад.

Ман шабҳо дар сабзамайдони канори рӯд, андаруни хаймаи калони чорнафара бафароғат мехобидам, саҳеҳтараш бедорхобӣ мекашидам. Бобои Низом ҳарчанд гуфт, ки “ба ҳавлӣ омада, дар рӯи бистар одам барин бароҳат хоб кун”, ман рад кардам. Ҳавои канори рӯд, осмони фарохи ситорабор, аз ҳама дилписандаш – сукунати ин мавзеъро ба ҳеҷ хушии дигар иваз намекардам. Мисли он ки дар хонаи худ бошам, бемалол, ба майлу хоҳиши худ дарою барой дошта, шом барвақт ба ҷойгаҳ даромада, бомдодон бо нағмаи нахустини мурғакон ва садои ҷонварони дигар бедор мешудаму дар оби сарди рӯд оббозӣ мекардам.

Баъзан аз хайма берун мерафтаму ба кӯҳ мебаромадам ва дамидани субҳро аз баландӣ тамошо мекардам. Дар пеши назари ман осмону замин, тамоми ҳастӣ камкам ҷома сафед менамуд. Аввал ягон-ягон ситораҳо хомӯш мешуданд, сонӣ паррандаҳо ба наво медаромаданд.

Бомдодон чаҳ-чаҳи мурғакон дигаргуна будаст. Ба ман чунин намуд, ки тамоми паррандагони ин водӣ ба якбора чаҳ-чаҳ зада, субҳи рӯзи навро табрик мегуфтанду сипас овози аспу хар, гову гӯсола, бузу бузғолаҳо боло мегашт.

Акнун соати ба об омадани Матлуба муайян гашта буд ва ман ҷаҳд мекардам ӯро гуселонида баъд аз паи моҳидорӣ ё саёҳати кӯҳсорон равам. Баъзан ману вай дар сари обгир даҳ-понздаҳ дақиқа ҳамсӯҳбат мегаштем.

Ҷавони соддадил будаам, ба вай аз орзуҳои худ, аз романтикаи кори рӯзноманигориам ҳикоят мекардаму ин духтари зираку баҳушро мафтун кардан мехостам. Матлуба аз ҳаёт тамаъи зиёд надошт ва бо ҳамин як сифати олиҷаноби худ аз ман баланд меомад. Вай хеле китоб хонда, доир ба ҳар соҳаи илму фан вуқуфе дошт, вале бо дониши худ ҳаргиз ба атрофиён тазъиқ намеовард.

Ба ин тарз – дар сари чашма бо Матлуба ба гуфтугузор печидани ман аз назари аҳли хонадони Бобои Низом пинҳон намонд. Касе сухане нагуфта бошад ҳам, аз нигоҳашон, муомилаашон рамуз гирифтан мушкил набуд, ки ин кор ба онҳо хуш намеояд. Боре аз ин ваҷҳ ба Матлуба ишорае кардам, вай дар ҷавоб гуфт:

– Ба дил нагиред... одамони қадим... Аслан, ақидаи онҳо хато не, маҳз аз ҳамин хел вохӯрию ҳингир-ҳингирҳо духтарон бебахт мешаванд, ахлоқи ҷамъият хароб мегардад...

Ман бо авзоъи ҳайрон ба рӯи Матлуба нигаристам. Во, аҷабо, чунин духтари пурмутолиа, ҳассосу озодфикр ақидаи феодалонаи ин одамони аз маърифат ва тамаддуни замон дурро тарафдорӣ мекунад!.. Ман чӣ гуфтанамро надониста сокит гаштам. Агар эътироз кунам, Матлуба барои исботи даъвои худ чандин мисол меовард. Мегуфт, ки нигаред, ҳеҷ яке аз духтарони батамкин бебахт ва беталабгор намонд...

Ҳамон рӯз ба вай эътироз накарда бошам ҳам, ба дил аҳд кардам, ки фурсаташ ояд, аз ин хусус ба Матлуба ҷиддан гуфтугузор хоҳам кард.

Чун сатилҳои пуроби ӯро гирифта, ҳамроҳаш то сари баландӣ рафтам, аз қафои зардолузор валвалаи бобои Низом ба гӯш расид:

– Ҳой ҷавонмаргон!.. Э, дар нохунат... Муред ҳамаат, да тухмат... Нарӯида рав... – Ғолибан, пирамард аз кучҷое омаду дар полиз гӯсола ё бузғолаҳоро дида буд, ки ба қавли Ҳикоят-хола овозаш то ба гӯши малак мерасид. Вай чунон суханони бепарда мегуфт, ки Матлубаро ранг канду бо ду кафи дасташ гӯшҳояшро маҳкам баста рӯи тавораи сангини боғ нишаста монд.

Мӯйсафед чун ба ҳавлӣ наздиктар расид, ба дашному хории ҳамсараш шурӯъ кард:

– Ҳой кампири ҷалоҷин!... Э, кай ту мемурию ман халос мешавам?! Э, дар қабри падарат... Э, ҳалқи додот...

Не, кулли дашному ҳақоратҳои ин марди пирро кас на тоқати шунидан дораду на имкони гуфтану навиштан.

Ҳикоят-хола андаруни хона ба коре машғул будаст магар, эҳтимолан, саросема, кафшашро монда, патакашро гирифта аз хона берун омаду бо овози хеле пасттар, вале ба мо, ки дар қариби ҳавлӣ, дар панаҳи дарахтон будем, шунаво, ба дашномҳои ҳамсараш ҷавобгӯён ҷониби полиз рафт.

– Ин қадар гулуята медарронӣ, ҳой, беимон!.. Сари тура хурад ҳамин полиз!.. Хабари маргат меомадагӣ рӯз бошад-о?! Чашмони туро хоки лаҳад сер мекунад!.. Э, оши ғамата хурам, ту беимона!.. – Аз шавҳари худ паст намеомад пиразан.

– Шавҳари шумо аз ҳамин хел зотҳо ҳаст?

Аз ин саволи ногаҳонӣ Матлуба якбора ба худ омад, маҳзун метавон гуфт, ки дардолуда лабханде заду гуфт:

– Не, ин хелашро худо нишон надиҳад... Аслан, лӯбиёву каду – лаънат ба ҳар ду, ин – сахту вай пӯк!

Вай дигар суханро тӯл надод ва сатилҳои пуробашро бардошту рафт. Сухани ман дар даҳонам монд. Мехостам, ки бигӯям, агар хола он замон номзадашро, ҳеҷ набошад, ба пурсуковишҳо озмуда, нағз шинохта, баъд интихоб мекард, ба ин минвол як умр афсӯс намехӯрд.

Ҳафтае ба ҳамин гуна сӯзу соз гузашт. Матлубаро ҳар рӯз дар сари чашма медидам, гуфтугӯ доштам, аммо бо ин вохӯриҳо қонеъ набудам. Мехостам, ки бо ӯ дар ягон гӯшаи хилват бафароғат нишаста, бафурҷа гуфтугӯ кунам, дарди диламро гӯям, рози ӯро шунавам. Аммо вай ба чунин вохӯрии маҳрамона ҳеҷ розӣ набуд. Аммо чакра чакида-чакида сангро ҳам сӯрох кардаст, ман ҳам хоҳишамро гуфтам-гуфтаму оқибат ӯро розӣ кардам. Вай гӯсолаҳоро ба канори рӯд чаридани мебараду мо дар он ҷо “тасодуфан” вомехӯрем.

Дар кӯҳистон ҳавзи сангинро гум мегӯянд. Гум асосан, дар рӯдҳои начандон бузург пайдо мешавад. Болотар аз чашма, дар миёни чакалакзорон гуми аҷибе будаст, ки мо дар канори он вохӯрдем. Оби рӯд аз баландӣ ба рӯи шахи бузурге рехта, ба мурури солҳо онро ба қадри се-чор ваннаи муқаррарӣ кофта, ҳавзи табиие сохтаст. Оби рӯд аз боло шаршара гашта ба гум мерехту кафкзанону хурӯшон аз як канори он ҷорӣ буд. Охири тобистон, об дар ғояти софӣ, хушбӯ ва хуштамъ. Дар қаъри гум камаре бед, ки аз он ҷо моҳичаҳо ҳар замон берун омада ин сӯ-он сӯ ҳаракат мекарданду хавотиромез боз пас гашта, баъзан паҳлуяшонро намуда, ҷилое дода боз ба он тангно дарун мерафтанд. Соҳилҳои рӯд чакалакзори анбӯҳ буд.

Ман рӯи харсанги тафсоне нишастаму Матлуба ба

танаи сафедори наврасе такя дода рост меистод. Чашмаш ба пардаи шаршара, андешаманд буд.

– Хуб, акнун бигӯед, ки... агар Ҳикоят-хола кию чӣ будани шавҳарашро пеш аз расиданаш ба вай медонист, дидаю дониста ба ҳамин мард зан мешуд?.. А? – Ман боз ба сари баҳси пеш аз ин дар миёни мо рух дода баргаштаму савол кардам.

– Кӣ медонад... – гуфт Матлуба бепарво кифт боло кашида. Сипас боз афзуд: – Ман зиёда вонахӯрда бошам ҳам, шавҳарамро медонистам, амин будам, ки ситораамон ба якдигар рост намеояд...

– Ғалатӣ... Дидаю дониста чаро расидед? Ҳам ҳаёти ӯро заҳрогин карда ва ҳам худро сарсон намудан ба шумо чӣ зарур буд?.. А?

– Гумон мекунед, ки ман бо шавҳарам ҷангу ҷанҷол карда, ба ин сӯ омадаам? Не. Бемор будам, духтурҳо гуфтанд, ки ҳавои кӯҳсор ба дарди ман даво аст... Намедонам ба шумо чи хел фаҳмонам...

Вай рӯяшро ба тарафи дигар гардонду хомӯш гашт. Баъд, аз шохи ар-ар навдаеро шикаста, ба рӯи харсанг чарс-чарс задан гирифт. Баргу пӯстлохи навдаи тар ҷудо шуда, ба ҳар сӯ мепарид. Бӯи талхаи сафедор ба атроф паҳн шуд. Ман гоҳ ба қомати мавзун ва китфу бозувони хушҳаракати вай, гоҳи дигар ба рӯи зебо ва гесувони тобдораш нигариста, аз ҳусну малоҳати дилрабои вай завқ мебурдам. Ҳайратам меафзуд, ки табиат чи гуна мӯъҷизакор аст, ин қадар мувозанату мувофиқият, рангу ҷило ва ҷозибаро ҳеҷ мусаввире ёфта наметавонад...

– Замони маро ба шавҳар доданашон зориҳо кардам, – аз дур сухан оғоз намуд Матлуба, – то сабр кунанд, ба суханам эътибор надоданд. Аз ҳар гӯшае маҳмадоное баромада, падару модарамро маслиҳат медод: “Духтар, ки ба қад расид, имрӯзу фардо накарда, тез ба

дасти соҳибаш супоред, ягон хел гапаш набаро-мада, аз хонаатон биравад, барои шумо давлати калон аст. Ин хел ҳусн кати ҳар як духтарро ҳам вайрон меку-нанд...” Норозигиамро дида, модарам гуфтанд: “Агар касеро хуш карда бошӣ, бигӯй”. Ба ҳеҷ нафар дилам об нахӯрда буд. Ягон ҷавони дилхоҳам пеш наомада бошад, чи кунам?! Хостгорон бисёр буданд, аммо ба ҳеҷ кадоме диламо об намехӯрд. Оқибат, “падару модар ҳаргиз ба фарзанд бадиро раво надидаст” гӯён маро тасаллӣ доданду ба як ҷавони ҳамдеҳаамон фотиҳа карданд. Аҷаб не, агар дар ҷои ман ягон духтари дигар буд, бо ҳамон хушу хушҳол зиндагӣ мекард. Аммо чи кунам, ки худо ба ман дил не, як балои азимро додааст... – Матлуба гунаҳ-корона хандид. Баъд, “ҳозир” гуфту дуртар рафта ба бо-лои шахи баланде баромада, ба атроф нигарист, ки гӯсо-лаҳо ба ҷониби полиз нарафта бошанд.

Матлуба баргашта омада, рӯи харсанг нишасту гуфт:

– Барои чи ман ҳамаи инро ба шумо мегӯям?.. Ин розро духтарон ба ҳеҷ кас намегӯянд...

– Агар ман барин дӯстдорашон бошад, бояд, ки би-гӯянд, – гуфтам ман ҳар чи бодо бод.

Матлуба ба як тарзи аҷиб ба рӯи ман нигаристу фавран нигоҳашро гурезонд. Сухане гуфтан хосту даҳон ҷуфт кард, аммо нагуфт. Мо хеле муддат хомӯш мондем.

– Хуб, баъд чи шуд? Давом кунед.

– Хайр, чи гӯям... Аз фотиҳа ду-се ҳафта гузашта буд ё не, барои обгирӣ аз дарвоза бароям, ҳамун... Арвоҳ барин дар сари роҳ мошинашро қарор додаст, даҳонаш-ро боз карда ба ҷониби ман механдад. “Гум шав!” гуф-таму аз роҳам ақиб гашта ба ҳавлӣ даромадам. Вай дуд-дуд карда бонг доду бо овози баланд таронакунон гузашту рафт. Минбаъд қариб ҳар рӯз ё рӯз дар миён ин ҳол такрор мешуд. Ҳамин ки аз кӯча бонги мошини

боркашу таронахонии ӯро шунаванд, хурду калон хандида, ба сӯи ман менигаристанд. Баъзе ҳамсоязанон аз рӯи ҳазл “Ҳа гӯй, Матлуба, домод фарёд дорад” гӯянд, баъзеи дигар лаб кач карда, тамасхур менамуданд, ба якдигар маънидор нигариста, писханд мезаданд. Сонитар ба гӯлию содагии ҷавон рӯирост механдиданд. Баъзе, ба монанди зани амаки Шодоб “Ҳа, боракаллоҳ, кам нашаванд домод!” гӯён мазаммат мекарданд.

Ман аз ҷоям бархостаму рафта, дар гӯшаи харсанге, ки Матлуба дар он менишаст, нишастам.

– Илтимос... дар ҳамон ҷоятон бошед... Мабодо, ки ягон кас... – Вай чунон ҷиддан хоҳиш кард, ки ҳоҷати рад кардани ҳарфи ӯ набуд.

– Ҳамаи инро шунидану дидан қалбамро мефишурд. Ҷои меҳр бастан номзадамро шуму бад дидам, рӯз аз рӯз ба вай нафратам меафзуд, дигар ба чашмам мисли бало менамуд, аммо буғзи диламро ба касе гуфта наметавонистам. Фаразан, агар гӯям ҳам, мардуми мо дардамро намефаҳмиданд, ҳамин ҳам гап шуд, духтар, танат сиҳату ҳолат хуб аст ё не, мегуфтанд ва бешак ба чашмам хавотиромез менигаристанд. Ба болои сӯхта намакоб, вай як бегоҳӣ ду нафар дугонаҳоямро фиристодаст, то ба баҳонаи синамо рафтан маро аз хона берун баранд, сухане заруре доштаст. Ман ҳатто ин даъвати густохонаро шунида, сараввал ба ваҳм афтода: агар падару модарам ва ё хешовандонамон шунаванд, чӣ мегӯянд?! Духтарон баргашта рафтанду баъди ним соат боз омаданд. “Агар наояд, нимта арақ мезанаму рост ба хонааш даромада меравам”, гуфтаст. “Биё, биравем, ягон гап доштагист”, гӯён дугонаҳо маро ба доштам, ки духтарон дар бари ман мешаванд, аммо онҳо гурехтанд. Ман аз шарм месӯхтам, аз қаҳр мекафидам... Кӣ медонад агар вай мард барин, як-ду сухани нағз мегуфт, таскинам медод, балки оташи

аламам паст мешуд, дар дили ман ҳам меҳраш реша мезад. Гапи ёфтагии домодшавандаро шунавед: чаро ман аз баъзе хешони вай рӯй напӯшидаам?! Дар ҷавобаш "Ту кор мекунӣ, бас, ман дар хона бишинам?" гӯям, киноям ошкороро нафаҳмид-е! Ин ба ман бештар аз ҳар таҳқире алам кард. Баъд, истинтоқи дигаре: чаро бегоҳӣ ҷуволи пахтаамро Ҷобир бардошта, то ба назди тарозубон овардаст?! Агар сире набошад, барои чи ҷуволи дигаронро нею ҷуволи маро меовардаст?! Дигар тоқат наовардаму рӯирост гуфтамаш: "Зоғе агар ёбад гуле, худро шуморад булбуле... Бигӯ, очаат омада ҷиҳозатонро аз хона бубарад..." Гуфтаму ба пасам нанигариста, ҷониби хона давидам... Боз падару модар монеъ шуданд. "Айб мешавад, духтарам, сари моро хам мекунӣ, фотиҳаҷудо аз талоқ намемонад..."Хоҳу нохоҳ ба қисмати сахтам тан додам... Хуб, фаразан, ӯро рад кардам, сонӣ ба кӣ мерасидам?..

Матлуба хомӯш монду аз ман чашмашро рабуда ва ба сӯи қуллаҳои кӯҳсорон нигариста, ба гумонам табассум кардагӣ барин шуд. Табассумаш талх буд. Зоғею доғе, кӣ гумон дошт, ки дар дили ин нозанини зоҳиран шодоб аз сад гулаш як гулаш ҳанӯз нашукуфта ин қадар дарду алам ҳаст?! Рост аст, ки ҳар як одам як олам аст ва ҳеҷ аҷаб не, агар бо ин олам шумо умрҳо паҳлу ба паҳлу зиндагӣ кунед, вале асрори дили ӯро нафаҳмида биравед... Вай ҳам монанди ҳамаи духтарон аз пирдухтар гаштан меҳаросид.

Баъди шунидани ин қадар саргузашти нохуш, ман бо кадом забон изҳори матлаб кунам, намедонистам. Боз фурсати гуфтугӯй даст медиҳад ё не. Шабу рӯзҳои охир гаштаю баргашта аз худ савол кардам қарордодам ҳамин – ман бе Матлуба наметавонам, аз як дидан ба вай дил бохтаам...

Ман аз кӯҳ як пора дурри кӯҳӣ ёфта, чанд муддат

онро сӯҳон зада, садбарги навшукуфтаеро таҷассум карда будам.

– Ин барои шумо, – онро ба дасти Матлуба дода.

– Ваҳ!.. Аз санги чахмоқ аст?

– Не, ин аз дурри кӯҳӣ... паи ситора мегӯянд-ку...

– Худатон сохтед?.. Ба ростӣ?.. – Матлуба ҳадяи маро чарх гардонда тамошо мекарду ман аз он ки гули сангин ба вай хуш омад, аз фараҳ ва шодмонӣ курта-курта гӯшт мегирифтам. – Ба ростӣ, худатон сохтед? – Бовар намекард вай.

– Ҳунар фаровон дорам... шумо ҳанӯз намедонед... – гуфтам ба шӯхӣ. – Хабар доред, ки шуморо... дӯст медорам?.. Ана, боз як ҳунарам!..

– Инаш муболиға... – гуфт бесаранҷом гашта. Вай гоҳ сурх мешуд, гоҳ сафед. – Ба гул бовар мекунам... инаш – ҳақиқат... Ман инро бурда пинҳон мекунам... хотира аз ин рӯз... Ҳикоят-хола агар бубинанд, шикаста ба шир меандозанд, – хандид вай.

– Барои чи ба шир меандозанд? – тааҷҷуб кардам ман.

– Баъзе шабҳои гарм шир турш мешавад гӯён, як мисқол барин меандозанд... – Аз хотири ӯ чи сиру савдое гузашту ба якборагӣ маъюс шуд, чашмонаш кашида гаштанд.

– Чиро фикр мекунед Матлуба?

– Як моҳ пештар аз ин, ҳамон язнаи таронагӯятон омада буд, ман як қӯша шохи ғурмро додам, то ба хона барад. Онро як чӯпонамон аз кӯҳ ёфта оварду ман аз вай илтимос карда гирифта будам. Чунон шохи ғалатӣ!.. Ҳалқа-ҳалқа печидагӣ, дарозиаш ҳам як кулоҷи расо меояд. Баъди се рӯз Бобои Низом онро ба қоши зин баста аз бозор омаданд. Ба як ҷарии сари роҳ партофта рафтаст!.. Бобои Низом бо ҳамин қадар дуруштию бедаҳаниаш аз вай авлотар не?.. Завқаш будаст, бепарво гузашта нараф-

тааст...

Ба Матлуба раҳмам омад. Далер бархостаму бо як ҷасорати ғайриоддӣ аз ду дасти вай гирифтам ва рост ба чашмонаш нигаристам. Лаҳзае ҳарду рост истода дастони якдигарро мефишурдему нигоҳҳо ба ҳам рехтаву омехта, зарабони қалби ҳамдигарро мешунидем.

– Ман... он шохро ба шумо... тӯҳфа мекунам ... Қабул мекунед? – гуфт вай бо меҳр ба чашмонам нигариста.

– Ба чашмонам молида-молида қабул мекунам... ва на фақат онро... ман шуморо аз ин ҷо мебарам Матлуба!.. – гуфтам тез-тез ба изтироб.

– Ман ба шумо муносиб нестам, – гуфт вай қатъӣ. Сипас эъзоҳ дод: – Шавҳар дидагиам... Синнам ҳам ягонсол калон... Ҳақ надорам... Одамон чи мегӯянд?..

– Кадом одамон?.. Одамон чи дахл доранд? Ман шуморо хушбахт мекунам... Кӣ ба хушбахтӣ ҳақ надорад?! Ҳамаи мо барои хушбахтӣ ба дунё омадаем...

– Ман лоиқи шумо нестам... Умуман, нағз не... Мардум боз маро маломат мекунанд, бачаро аз раҳ зад мегӯянд...

– Ин ҳарфҳои беҳуда Матлуба! Ман аз нигоҳи нахустин, аз дидори аввал дар сари чашма шуморо дӯстдор гаштаам!.. Аз ин ҷо меравем...

– Алҳол ҳамон шохи ғурмро ҳамчун хотира аз ман баред...

– Ман ҷиддан мегӯям Матлуба!

– Ман ҳам ҷиддан мегӯям... То як сол... Агар то як сол фаромӯш кардан натавонед, сонӣ... биёед...

– Дигар шарт надоред?.. Фақат то соли дигар?.. Имтиҳони дарозе...

– Ҳа... баъдан мебинем...

*Солҳои 1970 - 87.*

# ҒУРУРИ ЗАН

“Волга”-и ҳаворанге, ки паҳлуҳояш монанди катакчаҳои тахтаи шоҳмот ҳошия ёфта буд, аз шоссе ба самти чап тоб хӯрду ба дараи танги кӯҳистон ворид гашт. Роҳи ноҳамвору пурпечутоб сар шуд. Вусъати дара ба андозае буд, ки баъзан барои убури як рӯди начандон бузург, ки қариб ду осиёб об дошт ва як роҳи мошингузар танг меомад. Сабукрав гоҳ баробари оби рӯд ба қаъри дара фурӯ мерафт ва гоҳе мисли оҳу ба боло ҷаҳида, дар камари кӯталҳо мехазид, ба сахтӣ чархҳояш регу сангрезаҳоро ба қафо пош дода, мотораш бо фиғон ғурида баландиҳоро мегирифт.

– Истед! Нигоҳ доред! – Ногаҳонӣ садо баровард зане, ки дар курсии қафои мошин менишаст.

Мошин дар канори роҳ қарор гирифт. Ронанда бо тааҷҷуб ба зан нигарист. Вай дар чунин мавзеи хилвату бекас аз мошин фуромадани ӯро чашмдор набуд. Зан сабук ҷаҳида аз мошин берун шуду ба канори роҳ рафта, ба поён лаҳзае зеҳн монда нигарист. Сипас, боз гашта омаду сумкачаашро кушода, раҳкирояшро дод.

Зан торҳои парешони мӯяшро даври тоқии зардӯзиаш печонд ва аз бероҳа рост ба поён нишеб кард. Аз нишебии санглох бемалол, бо қадамҳои устувор фуромадани ӯро дида, тахмин кардан ҷойиз буд, ки ҷавонзан дар кӯҳгардӣ таҷриба дорад.

Дар соҳили рӯд, дар сояи чинор ду мошини сабукрав диққати ӯро ба худ кашида буд. Вале дар атроф ҳеч кас наменамуд. “Волга”-и Эҳсон аз ин се сол муқҳадам чӣ тавр бошад, тақрибан ҳамон тавр мондаст, – аз дил гузаронд Мастура. – Мисли пеш барои мошинсаворӣ вақт надоштагист?..” Вай давродаври мошинро гашта, дастаҳои дари онро кашида дид: қуфли дарҳо бастагӣ. Баъд даруни кабинаро нигарист. Либосҳо, китобу қуттиҳои

сигарет, боз ким-чӣ хел майда-чуйдаҳои рӯзгори мардон як-як аз пеши назараш гузашт.

Вай лаҳзае Эҳсонро бо Муҳиб муқоиса кардан хост, вале зуд аз ин нияти худ баргашт, худ ба худ хиҷолат кашид. Сипас дар оиначаи паҳлӯи дари "Волга" андоми худро нигариста, аз ҳусни худ қаноатманд табассум кард. Рӯйи сафедаш ҳанӯз пуртароват буд. Мӯйи хурмоӣ, чашмони шӯху гирои вай ҳанӯз ҳам дилошӯб. "Баногоҳ Эҳсон мошинро фурӯхта бошад-а!" Дастаи никелии дари мошин гӯё қувваи электр дошта бошад, Мастура бо шаст аз он даст бардошту ду-се қадам ақибтар рафт ва аз пеш гузашта, оҳиста ба рақами он нигарист.

Вай дар пайи ҷустуҷӯи соҳибони мошин ба ҷониби теппачае рафт, ки болодасти рӯдро аз назар пинҳон мекард. Ба болои тепа баромаду дар регзори канори рӯд, бадминтонбозии чаҳор тан ҷавононро дида, бозистод.

Мастура Эҳсонро шинохт, аммо се нафари дигар ба ӯ ноошно буданд. Ҷавонон саргарми бозӣ дар тори сарашон пайдо шудани ӯро диданд, вале эътибор надоданд. Эҳсон, мисле ки бо диққат нанигарист.

Эҳсоне, ки се сол пеш аз ин монанди ходаи пӯсткандагӣ қоқу дароз буду устухонҳояш аз ҳам резам мегуфт, ҳоло ҷавонмарди расо гаштааст. Офтоб хӯрда, пӯсти баданаш мис барин сурхча метофт.

– Ғами рӯзгор не, ташвиши зану бача не, ба ту осон аст… – гуфт Мастура зери лаб овоз баровارда.

Офтоб кам-кам ба қиём омада, ҳаво метафсид, аз теппаҳое, ки алафашон ранг гардонда буд, нолаи зиллаҳо меомад. Мастура зарраҳои арақи пешонӣ ва болои биниашро бо даструмол пок карду аз сумкачааш айнаки сабзашро гирифта, ба чашм гузошт. Ҷавонон саргарми бозӣ буданд. "Дид, шинохт, – худ ба худ розу ниёз мекарду алам мекашид Мастура, – ним соат боз дар тори сарашон байрақ барин истодаам. Агар кӯр нашуда бошад…" Вай

се-чор қадам пештар рафт. Дар ҳамин асно лаҳзае худро беқадру ҳақир дида хориаш омад. Матлаби худро, суханони ба Эҳсон мегуфтагиашро боз як бор аз дил гузаронд. Азбаски ҳоло азмаш заиф гашта буд, андаке ислоҳ ворид кард.

– Эҳсон!.. – Мастура аз ҳаяҷон овози худро нашунид, танҳо акси садои аз кӯҳ баргашта ба гӯшаш расид.

Ҷавонон якбора аз бозӣ боз истоданд. Аввал бо тааҷҷуб ба Мастура, баъд ба рӯйи ҳамдигар нигоҳ афканда, табассум намуданду ҳар яке араќи рӯяшро пок кард. Ғуборе, ки аз таҳи пойи онҳо бармехест, оҳиста парешон мегашт.

Сонӣ Эҳсон якта-якта қадам монда, ба назди ӯ омад.

– Туро кофта омадам, Эҳсон. Ба ту гап дорам, – гуфт Мастура бо ҳаяҷон ба рӯйи ҷавон нигоҳ накарда. Овозаш меларзид.

– Ба таҳи чинор рав, меравам.

Эҳсон чӣ гуна баргашта ба сари толоб рафт, чӣ гуна шустушӯ карда, либос пӯшид, худаш ҳам надонист. Пас аз се соли ҷудоӣ, имрӯз Мастураро дида, ӯро як ҳолати аҷиб рӯй дод. Ҷавон буд, ин нозанинро дӯст медошт. Мастура ҳам ба вай моил буд. Тӯй карданӣ буданд, аммо Эҳсон худаш розӣ нашуд. Рисолаи номзадӣ менавишт, баъди ҳимоя, хотирҷамъ гашта тӯй кардан хост. Мастура гоҳ-гоҳ ба хонаи ӯ омада, аз ҳолаш хабар гирифта мерафт. Баъд Эҳсон якмоҳа ба Маскав рафт. Аз сафар омада, ӯро наёфт. Дугонаҳои духтар гуфтанд, ки вай ба Муҳиб ном ҷавоне, ки дар курси охирини Институти хоҷагии қишлоқ таҳсил доштаст, ошиқи шайдо гашта, шавҳар кард. Баъд шунид, ки Мастура ҳамроҳи шавҳараш ба деҳа рафтаст.

"Хӯш, акнун Мастура чаро омада бошад? Чӣ гап шуд?.. Ҳеч дигар нашудаст. Мисле ки, зиндагиаш осу-

да... Ё худ пушаймон шуд?.. Не-е! Пушаймон шавад, аз шавҳараш ҷудо мешавад, аммо ба назди ман намеояд. Мурад ҳам, намеояд!" Дар оби соф акси худро дида, вай ҳис кард, ки баҳори умраш гузашта, таровати ҷавонӣ аз ӯ рафтаст. Ба ёди Эҳсон омад, ки чӣ гуна Мастура боре ӯро ба базми рӯзи таваллудаш хабар накард. Ҳол он ки ӯ тӯҳфае харида, интизор буд. Баъд ҳар ду дар соҳили кӯл вохӯрданд. Эҳсон ӯро бо рӯзи таваллудаш табрик гуфта, санҷоқи гиребон тақдим кард. Вай тӯҳфаро нагирифт. Гуфт, ки чунин тӯҳфаи гаронро намегирад. Илтимоси Эҳсон ҳеч асар накард. Пас ӯ бо қаҳр "агар нагирӣ, ба оби кӯл мепартоям" гуфт. "Ихтиёр доред, – гуфт Мастура нобоварона. Баъд илова кард: – Агар нигоҳ доред, фурсати тӯҳфа кардан мерасад". Эҳсон ҳам якрав буд, санҷоқи гиребонро ба оби кӯл ғурронд.

Ҳоло ҳамон духтари мағрур ва сангдил ба танаи чинор такя дода, хомӯш ба вай менигаристу хиҷолатмандона табассум мекард.

– Хӯш, кадом шамол ба ин тарафҳо парронд? – Эҳсон ба рӯйи ҷавонзан нигоҳ накарда, дари мошинро кушоду сачоқро ба дарун партофт ва ба курсии пеш нишаст.

– Аввал "салом" буд ё... – овози Мастура ларзид ва изтиробу озурдагиашро пинҳон дошта натавонисту рӯяшро гардонд.

– Мегӯянд, ки маънии "салом" дар луғат сулҳу оштӣ аст. Ман бо ту оштӣ гаштанӣ не. Аммо... кина ҳам надорам, – гуфт Эҳсон рӯ турш карда.

– Кина надоштанат нағз не... Наход, ки ин хел ҷавони безарда бошӣ?! Намедонистам, – гуфт Мастура парешонҳол. Сипас илова кард: – Хуб, ба гузашта салавот гуфтаанд. Кори тақдир аст, – чашмони зан бо ҳаяҷон ба Эҳсон дӯхта шуданд. – Аслан, гуноҳи худат...

– Бас, гап назан, илтимос, – сухани ӯро бурид Эҳ-

сон. – Ҳар чӣ буд, гузашт. Бигӯ, барои чӣ омадӣ?

Эҳсон инро гуфту бархоста бормони мошинро кушода, курсии мусофиратиро гирифту ба замин гузошт ва Мастураро ба нишастан таклиф кард.

Мастура намедонист ба чӣ навъ сухан сар кунад ва чӣ гуна ба сари матлаб ояд.

– Аҷоиб… Ҳеч бовари кас намеояд, ки ту вақти худро ба бозӣ сарф мекунӣ! – гуфт, вале аз ин беҳудагӯӣ хиҷил гашту ба тарзи “ҳангоми дудилагӣ ҳақиқатро гӯй” амал карду пурсид: – То ҳол, мисле ки, хонадор нашудаӣ?

– Ҳар як кор вақту соат доштаст, – гуфт Эҳсон бепарво бештар барои фурӯ нишонидани изтироби ҳамсӯҳбаташ. – Зандорӣ ҳам ӯҳдадории изофа барин…

Соли охирини таҳсил дар аспирантура буд. Эҳсон ягон вақти холӣ надошт. Фурсати хӯрокхӯриашро ба худ истироҳат мешумурд ва беш аз шаш соат ҳаргиз хоб надошт. Баъзан аз вохӯрӣ бо Мастура низ сар метофт.

– Ҳа, гап зан, чаро омадӣ?.. Натарс, калтак катӣ намеронам, – ҳоло бо ҳазлу шӯхӣ ба ҷавонзан ҷасорат бахшидан хост ӯ. – Шавҳарат ҷавони берашк будаст. – Сипас ба чашми Мастура нигариста савол кард: – Тинҷӣ, охир? Бубахш, ба назди мо одамон аксаран аз нотинҷӣ меоянд, одат кардаам…

Мастура сарашро пас афканду чашм аз замин набардошта, хеле муддат ба андеша фурӯ рафт. Эҳсон боз саволашро такрор кард, дилбардорӣ дод, ҳазлу киноёҳо намуд, то ки ҳисси бегонагӣ аз байн бардошта шаваду Мастура рози дилашро гӯяд.

– Намедонам, гӯям ё нагӯям? – гуфт ӯ ниҳоят сарашро бардошта бо авзои хеле ҷиддӣ ва ваҷоҳати андаке аламнок.

– Мегӯям гуфта омада бошӣ, гӯй-дия, – гуфт Эҳсон ин бор бепарво.

– Туро чун бародарам ба дил наздик гирифта ома-

дам. Мабодо, ки ба дилат андешаи дигар нагузарад. Ба ҳар ҳол, ман туро ба худ наздик меҳисобам. Шояд низ хато мекунам, намедонам…

Аз оҳанги ҳузнангези суханони ӯ Эҳсон матлабро пай бурда ва бепарво сухани занро буриду пурсид:

– Чӣ ҳодиса рӯй дод?.. Бо нафари наздикат мушкилӣ рух дод-чӣ?

– Э, напурс… Агар вақте маро дӯст дошта бошӣ, кина нагир, илтимос мекунам, зорӣ…

– Э, мон ҳамин гапҳоро!.. – Ин бор сахттар ва ба дуруштӣ сухани занро бурид Эҳсон. – Дӯстдорӣ… Муҳаббат!.. – заҳргин киноят дошт вай. – Барои ишқбозӣ наомадаӣ…

– Муҳиб ҳабс шуд, ана барои чӣ омадам... – Дигар овозаш ларзиду чашмони Мастура пур аз об шуданд. Вай аз сумкачааш рӯмолча гирифта ашки чашмонашро пок кард. Бехабар сурмаи мижгонашро ба рӯяш молиду Эҳсонро ханда гирифт. Дар як дам ҳалқаҳои чашми ӯ то ба абрувонаш аз таъсири ин изтироб сурх шуданд.

– Гуноҳаш вазнин – одам кушт. Аслан, вай бегуноҳ аст…

Эҳсон сараввал одам куштани шавҳари ӯро шунида, аз тааҷҷуб сар ҷунбонду ҳуштак кашид, баъди суханони бемантиқи Мастура лабханд кард. Албатта, ӯ ҳар рӯз аз рӯйи вазифа аз одамони гуногун чандин бор ин гуна даъвоҳоро мешунид, вале ҳеч гумон надошт, ки Мастураи ҳамадон ҳам дар ин бобат мисли дигарон соддалавҳ аст.

– Муҳиб қасдона назадаст. Онҳо ӯро куштанӣ омадагӣ… Баъзеҳо мегӯянд, ки илоҷи халосиаш ҳаст. Агар ту тафтиш мекардӣ… – Мастура илтиҷоомез ба рӯйи Эҳсон нигарист. – Ба талабат аз дуру наздик одамон меомадаанд… Хайр, илоҷи халосиаш ҳаст ё не? А? Ба ман росташро гӯю мон.

– Ту саросема нашав… Одам кушт мегӯӣ, одамкушро

аз ҳабс халос кардан магар мумкин аст?!

– Барқасдона накуштаст, нохост…

– Як ронандаи автомашинаро суд карданд. Пирамарде аз болои мошинаш парида ҳалок шудаст. Магар ронанда қасдона ӯро кушт ё ғаразе дошт?

– Албатта, боз ту беҳтар медонӣ. Лекин ҳама мегӯянд, ки Муҳиб гунаҳгор не. Гӯш кун, ман аз як сар гӯям: Муҳиб байтори колхоз буд. Ҳамон шабу рӯз ба гову гӯсолаҳо дору мегузаронд. Дар ферма Гуласал ном як духтари хешаш говдӯш буд. Як духтари бетолеъ. Ба як марди занмонда доданд. Бо шавҳараш ситорааш ҳеч рост наомад. Шавҳараш Туроб ном дорад, як марди бадзарфи худобехабар, шаб – бангию рӯз – ҳангӣ. Дар байни зану шавҳар чӣ гап мегузараду Туроб ба ферма омада занашро дошта заданӣ мешавад. Муҳиб ба миён медарояду Туробро тела дода аз дарвоза бароварда меронад. Ана, ба миёни ду касофат даромаду ба боло монд. Сонӣ Туроб ҳамроҳи додараш Раҳмон меояд. Муҳиб боз сари роҳашонро медорад. Туробро хурду калон – ҳама медонанд. Аз зани аввалинаш фарзанд наёфта ҷудо шудагӣ, аз Гуласал ҳам фарзанд надорад. Аз алам шабу рӯз арақхӯрӣ мекунад. Ана, сонӣ кор ба занозанӣ мерасад. Ду додар ба Муҳиб дармеафтанд. Занҳо ғавғоро шунида, давида меоянд. Ҳар ду ба Муҳиб дарафтода расо ӯро кӯфтаанд. Онҳо кӯбанд, ин нигариста мешинад-чӣ? Мушташ расидаст ё не, Туроб афтодаст, балки ягон хел дардаш гирифтагӣ, кӣ медонад?! Боз худаш аз ҷояш хеста рафта болои алаф дароз кашидаст. Гӯё ба додараш гуфта бошад, ки хунаш ба гардани Муҳиб. Намурда таҳтар рав, касофат!.. – Мастура бо авзои кулфатзада ба ин минвол дуру дароз ҳикоят кард, якеро сиёҳ, дигареро сафед сохт, фикри мардуми деҳа, ҳукми ҳар тарафро гуфту сипас маслиҳатомез пурсид: – Хайр, чӣ мегӯӣ?.. Буду шуди воқеа ана ҳамин.

Эҳсон дуру дароз дар андеша афтод. Аз рӯйи суха-

нони Мастура гуноҳи Муҳибро андоза гирифтан ғалат буд. Воқеа ба назар ҳамту оддӣ, ҳама гапу кор равшан менамояд, вале агар чуқур таҳқиқ кунед, ҳеч як амал тасодуфӣ нест, сабабе дорад. Масалан, чаро шавҳараш Гуласалро задані омадаст? Боз дар ферма? То ба хона омадани занаш сабр карда натавонист?.. Чаро ин хел сахт шӯридааст?.. Муҳиб аз тасодуф ба миён даромада ё…

– Ин воқеа ба назари аввал ҳамту, оддӣ намояд ҳам, хеле чигил дорад, Мастура. Фоҷиае, ки зан ба миён афтодаст, бегап намешавад. Таҳқиқи чуқур бояд.

– Барои чӣ ту ба одам бовар намекунӣ? Ҳама шоҳидон зиндаанд! Наход, ки ман дурӯғ гӯям?!

– Не, ту дурӯғ намегӯӣ… Таҳи гапро ҳанӯз ман ҳам, ту ҳам намедонем, дигар шоҳидони ин фоҷиа ҳам намедонанд. Аз ин рӯ ба назар оддӣ менамояд.

– Хуб, агар мураккаб аст, ба фикрат, ягон илоҷи халосиаш ҳаст ё не? Ана, ҳаминашро бигӯ.

– Дар ҳар ҳол, шавҳарат гунаҳкор барин. Баъди тафтиш равшан мешавад.

– Тафтиши онро худат ба зимма мегирӣ?

– Хайр, аҷаб не, ба ман супоранд. Кӯмаки ман ба ту ҳамин мешавад ки кӯшиш мекунам, ки ҳақиқат кунам. Ҳукмро суд мебарорад. Сонӣ “дард аз Худою гила аз ҳамсоя” нашавад.

Мастура чашм аз як нуқта наканда, як дасташ ба зери занахдон хеле вақт хомӯш монд. Баъд хаёломез гуфт:

– Албатта, аз рақиби худ қасдатро мегирӣ! – Чашмони тобноки ӯ алмосвор дурахшиданд.

Эҳсон гилаомез ба рӯйи Мастура нигариста оҳе кашид. Баъди лаҳзае таҳаммул кулфати ба сари ҷавонзан афтодаро пеши назар оварду заҳрашро фурӯ бурд.

Вай ҷузъбандро кушода, баёноти гунаҳгорон, шаҳодати гувоҳҳо, варақаҳои саволу ҷавоб, хулосаҳои озмоишу таҳқиқи тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба ҷинояти Муҳи-

бу Раҳмон вобастаро бори дигар аз назар гузаронду ба андеша фурӯ рафт. Дар як кунҷи дили муфаттиш шубҳае буд, вале ӯ онро ба ҳеч кас гуфта наметавонист. Гапи набударо баъзан луқма дода, ба даҳони гувоҳ ва ё гунаҳкор андохтан ҳамаро ба ғалат меандозад. Агар Муҳиб бегуноҳ ҷазо гирад, якчанд сол сахтӣ мекашад, аммо муфаттиш як умр дар азоб мемонад. Азоби виҷдон барин азоби ҷонсӯз нест!.. Раҳмон пас аз марг ба номи бародараш доғ задан намехоҳад. Гувоҳҳо бошанд, хайр, мурдагӣ мурду рафт, дигар зинда намешавад, қисматаш ҳамин будаст, акнун ба зинда ҷабр нашавад мегӯянд. Риштаи ҳаёти инсон канда шудаст!.. Ин гапи ҳазл не, гунаҳкор хатман бояд ҷазо бинад. Агарчи дар ин фоҷиа гунаҳкори асосӣ худи мақтул аст... Беҷазо мондани одамкуш ҳодисаи мудҳишест, ба гӯши ҳар кас ҳам сахт мерасад. Ҳаяҷон ва мутаассирӣ ба рӯҳи кас тазйиқ меоварад. Муфаттишу прокурор, раиси суд ва мушовирон, гувоҳҳо ва ҳозирон – ҳама дар зери тазйиқи он ҳодисаҳои мудҳиш баъзан аз ҳақиқати ҳол бехабар мемонанд. Бояд инро ҳамеша дар мадди назар дошт. Фарз кардем, Муҳиб маҷбур буд худро муҳофиза кунад. Вазъияти зарурати муҳофиза гуноҳи ӯро мебахшад. Хайр, барои аз ҳадди эътидол гузаштан андаке ҷазо мегирад. Лекин мардум ба осонӣ ба ин бовар намекунанд, одамкушро озод кард мегӯянд... Вазъияти муҳофизати ногузир на фақат ҳангоми ҳамла ва ё муштбардорӣ, балки ҳамин ки хавфу хатаре пайдо шуд, ба амал меояд... Сипас, сабаби ҳамаи ин фоҷиа тасодуф аст?.. Ҳеч бовари кас намеояд. Аксар ҳангом мо сабаби ҳодисаро ба тасодуф ҳамл мекунем. Ин ҳам як аломати коҳилӣ ва оҷизии идораи тафтишоти мост... Агар муфаттиш кор кардан мехоҳад, ба тасодуф ва норавшанӣ ҷо намемонад...

Фикру андешаҳои Эҳсон ҳеч поён надошт. Беш аз ҳама як савол шабу рӯз ӯро нороҳат мекард: “Оё Муҳиб хо-

лисона ба ҳимояи Гуласал бархостааст?..”

* * *

Баъди як моҳи суди Муҳибу Раҳмон рӯзе дар шаҳр Эҳсон аз говдӯшдухтарон Анорро диду дақиқае чанд ҳамгап шуд. Маҳз ҳамин духтараки лоғарандом асрори ишқбозии Муҳибу Гуласал ва кушта шудани Туробро гуфта, кӯргирехеро, ки се моҳи расо Эҳсонро саргаранг медошт, во намуда буд.

Ҳоло онҳо дар омади гап, аз мурофиаи суд сухан кушоданду Анор ба ёд овард, ки чӣ гуна шабҳо бо Гуласал ғайб задани шавҳарашро шунида, Мастура аз толори суд баромада рафт.

– Гумонам аз ман домангир аст, не, хайрият, ҳеч ранҷидагӣ барин наменамояд, – изҳори мамнунӣ кард Анор. – Мастура-апа, гуфтам, аз ман наранҷед, агар росташро нагӯям, як умр дарунам ба зардоб пур мегашт…

– Аҳволаш чӣ тавр? – Азбаски фурсаташ танг буд, сухани ӯро ба ночор бурида пурсид Эҳсон.

– Аҳволи Мастура? – боз пурсид Анор ва ишораи тасдиқ гирифту гуфт: – Ба шумо нагуфт-чӣ? Дигар ба деҳа наомад. Дар суд ҳам набуд, барои чизу чорааш ҳам наомад. Гӯё гуфтааст, ки агар Муҳиб одам кушта, даҳ сол ҳабс шавад ҳам, интизор менишаст, аммо ба марди ҳарому бевафо як рӯз ҳам зан намешавад. Хонаву асбобаш ҳам ҳаром аст, гуфтаст.

– Ҳа-а-а… Ин хел гӯед… Аҷиб, – гуфт Эҳсон аз ҳайрат ангушт ба манаҳ ниҳода. – Ба ғурури вай қоил мешавед… Аз ростӣ… – Худ ба худ гӯё ба Мастура ҳукм мебаровард ӯ.

*Солҳои 1973 – 87.*

# ЧИНОР-КАМПИР

Дар ин бинои кунҷакӣ наваду шаш хонавода зиндагӣ мекарданд. Агар дар миён Чинор-кампир намебуд, сокинони бино баъди кор дар хонаҳои танги худ дилтанг нанишаста, ба саҳни ҳавлӣ мебаромаданд, ҳамсояҳо ҳамгап мешуданд, аз ҳоли якдигар огоҳ мегаштанд. Аммо аксари сокинони бино хоҳиши дидори ин пиразанро надоштанд. Вай бемор будаст, вале ин розро ба ҷуз ҳамсояаш духтур Азиза-апа дигар кас намедонист. На раҳбарони идораҳое, ки шикоятҳои ӯро тафтиш мекарданд, на ҳамсояҳое, ки гоҳе аз моҷаро ва гоҳе аз беванолишҳои ӯ ҷабрҳо мекашиданд ва на духтараш, ки ба майли модар амал карда, ниҳоятан хонавайрон шуд.

Дар асл, номи пиразан чӣ буд, ҳоло ҳеҷ кас дар хотир надошт, ҳама ӯро Чинор-кампир мегуфтанд. Мегӯянд, ки ӯ чун чинор зимистону баҳор дар саҳни ҳавлӣ буд, кадоме “Чинор” лақаб доду боз ҳамин худаш ҳам ба ин ном одат кард.

– Пич-пич-пич, доим ғайбати Чинор, – дар саҳни ҳавлӣ агар ду занро ҳамгап бинад, фиғони вай мебаромад ва коре карда сӯҳбати онҳоро барҳам медоду сипас аз қафояшон сарашро бардошта ғолибона ғут-ғут мекард:

– Ин қадар инҳо г... маро тит мекарда бошанд?! Э, тавба!..

Вай аз ин канори ҳавлӣ ба он канор шитобон, гӯё аз паи коре мерафту баъд ҳарсосзанон дар харак менишаст ва пуршубҳа ба атроф менигарист: тирезаю айвончаҳои ҳар як хонаводаро алоҳида-алоҳида аз назар мегузаронд, агар бо ягон ҳамсоя чашм ба чашм афтад, ба сӯи он бечора чунон ҳақоратомез тез-тез менигарист, ки гӯё ӯ ҷинояти мудҳише содир кардаасту аз кирдораш фақат вай – Чинор-кампир хабардор аст ва ҳозир маъмурон

омада, дастонашро ба қафо баста, пешандоз карда мебурда бошанд.

Ҳар гоҳ агар аз хусуси вай сухан ояд, ҳамсояҳо рӯй турш карда, даст меафшонданд: "Монед ҳамин... дарди ҳаринаро... Ин хел одам кати аслаш салому алейк ҳам ҳайф, аммо чӣ илоҷ... Бадбахт духтарашро ҳам аз пояш кашола кард. Аслаш лубиёю каду..."

Ба ҳавлӣ сабукраве ворид гашту аз он ҷавонмарде берун омада, рост ба самти даҳлези ҳаштум равон шуд. Чинор-кампир, ки ин дам дилтангона дар харак менишаст, ӯро аз роҳ боздошт.

– Ҳой, писар, истед, – пиразан бардам аз ҷояш бархоста ба сӯи ҷавон кадам монд. – Охир, ҳамин сабилмонда мошинатона дар сари роҳ монда, худатон дароед, намешавад? А?.. Охир, дар ин ҳавлӣ худаш мошиндор кам не. Мо нафасгир шуда мурем?! А? Мурем?

– Дар кӯча мошинро бенигоҳбон мондан мумкин не! Ним соат кор дорам, рафиқам...

– Кор дошта бошед ҳам, мумкин не!.. Э, шумо маълумотнок барин-ку...

– Аломати манъ нест, барои чӣ беҳуда ғавғо мекунед? – дилтанг шуд ҷавонмард.

– И, тавба... Аломати манъ нест гуфта даромадан мегиред? А? Мо чанги мошини шуморо хӯрда шинем?.. А?

Хайрияти кор шуд, ин дам Чинор-кампир дар он канори ҳавлӣ се нафар ҳамсоязанҳоро дид. Яке аз онҳо зоҳиран тор кашида ҷомашӯӣ хушк карданӣ буд, ду нафари дигар бо шавқ ба вай чиҳое гуфта механдиданд.

– Равед ба раҳатон, дую дубора мошинатона дар ин ҷо бинам, худам ГАИ-ро ҷеғ мезанам, нумираша мегирад. Равед!

Соҳиби сабукрав ба ин осонӣ аз Чинор-кампир халос намешуд. Ба толеаш, пиразан он се нафар занонро

диду ҳушаш ба онҳо гир кард. Саҳеҳтараш ба вай чунин намуд, ки ҳамсояҳо ба ин ҷавонмард дарафтодани ӯро гуфта, тамасхураш мекунанд. Вагарна чаро механданд? Ягон кас дар ин ҷо маймунбозӣ надорад-ку?!

Вай монанди мардҳо ду даст ба пушт ҳалқа, якта-якта, бовиқор қадам монда, ба он сӯ рафт. Ду тан аз он ҳамсоязанҳо бо ӯ ногап, сеюмӣ ба ғайр аз салому алек дигар сухани ӯро майли шунидан надошт. Чинор-кампир чораи ба сӯҳбати онҳо шарик шуданро наёфту рафта ду-се қадам дуртар аз онҳо рост истода, худро ба ину он машғул сохт: бо нӯги кафшаш шишапораеро аз замин кофта бардошту аз девор берун андохт; ба шохи дарахтон зеҳн монд; сипас рафта қубури обро кушода дид. Об меояд. Нишаста даст мешусту гӯши вай ба сухани ҳамсояҳо вақф буд. Дар инчунин мавридҳо ба пиразан аз ҳама беш ду кори ҳамсояҳо сахт алам мекард: яке, агар онҳо гап поидани ӯро пайхас карда, бо овози паст пичир-пичир кунанд; дигаре бо овози баланд қаҳ-қаҳ зада ханданд. Ин гуна рафтор ҳамеша ӯро аз худ бехуд мекарду аксар бо ягон баҳона, ба қавли худаш, машмаша карда мегирифт.

Бегоҳирӯзӣ Чинор-кампирро аксар ҳамроҳи духтараш медиданд. Очаю бача саҳни ҳавлӣ ё кӯчаи атрофи биноро гардиш мекарданд ва ё дар хараки зери дарахтон нишаста, дилтангона ҳамёза мекашиданд. Онҳо ба хонаи ҳеҷ кас намерафтанд ва ба хонаи онҳо ҳам асосан, касе намеомад.

Духтари пиразан Руқия дер шавҳар кард. Домоди табъи дилашон ёфт нашуд. Гӯё дар аввал хушдорҳо бисёр будаанду Руқияҷон аз ваҷҳи бемории модар ба ҳеҷ кадоми онҳо рӯи хуш надодааст. Сонӣ дер шудаасту “ба ҳамин дарвеш” додаанд. Аксар маънии аслии ин ибораи ӯро, кинояи заҳрноки онҳо пай мебурданду ба Шариф-

ҷон раҳмашон меомад.

Домоди онҳо Шарифҷон, ки зотан ҷавонмарди соддафеъл, кушодадил ва бекинае буд, баъди вафоти зани нахустинаш ба қавли ҳамсояҳо “ба ин балоҳо дучор омадаст”. Ӯ дар яке аз колхозҳои атрофи шаҳр зоотехник буда, мудом газикро пур карда, меваю сабзавот меовард, Соле дута-сета гӯсфанд оварда мекушт, мурғу тухм – хонаводаро сад фоиз таъмин мекард.

Шарифҷон фарзандталаб буд, вале писарчаи ягонааш аллакай мактабрав гашта бошад ҳам, Руқия фарзанддор шудан намехост. Ҳамсоязанҳо баъзан таҳковӣ карда пурсанд, Чинор-кампир мегуфт:

– Э, монед, фарзанди ҳамун қишлоқии нокас чӣ фарзандӣ мекунад?! Аслаш, аз фарзанди ҳамин давру замона дасту дилатона шӯед. Ҳамааш як гӯр. Аз ягонтааш некӣ намебинед.

– Сипас вай аз он, ки чӣ гуна фарзанди фалону фалон касон ба падару модар хиёнат карданд, волидайни худро ба чӣ уқубатҳо пешрав намуд, хеле мисолҳо меовард, ҳикоятҳо мегуфт. Афкору ақидаи модар кам-кам ба Руқия таъсир мегузаронд.

Боре дар хараки зери дарахтон Руқияю Садаф – зани муаллим менишастанд, ки рассом Азимзодаю ҳамсараш гузаштанд.

– Чӣ хел ба якдигар меҳрубонанд... ҳаваси кас меояд, – гуфт Садаф аз қафои онҳо нигариста.

– Афту башараи вай зана бинед, дилатон беҳузур мешавад, чӯби оташков барин, – бо кароҳат лаб бурма кард Руқия. – Шӯяша одам тамошо карда сер намешавад, сурат барин. Бахт ба ҳамин хел мазангҳо механдидаст, – гуфт вай зани рассомро дар назар дошта. Оҳанги сухани вай ба он далолат мекард, ки рассом аслан лоиқи вай барин зани зебою нозанин аст, аммо зани ӯ беинсофӣ кар-

да, насиби дигаронро соҳиб гаштаст.

– Ба шӯи худатон чӣ шудаст?! – ҳасади ӯро пай бурда гапковӣ кард Садаф. – Хушқаду баст, хушфеъл, ёбанда. Фарзандӯстиашонро намегӯед!

– Фу... Ба бӯю тафи мол тоб надорам. Шӯйҳои одамҳо чӣ хел озода, дилкаш, агар аз пешатон гузарад, роҳат мекунед. Аз вай бӯи оғилу боз ким чӣ балоҳо мебиёд. Колхозчӣ-дия!.. Ба тақдир тан дода шиштам набошад, ҳамон лоиқи ман-чӣ?! Як бор ба ман нигареду сони ба вай...

– Қӯчқор барин писар ёфтед, хӯрдагетон дар пеш, нахӯрдагетон дар қафо, назанад, накӯбад, иззат кунад, боз чӣ мехоҳед?!

– Э-э, фарзанди ҳамон саҳроӣ чӣ фарзанд мешуд! – Оҳ кашид Руқия. – Генетика... Ба аслаш мекашад. Фарзандаш ҳам худаш барин бадбуриши қишлоқифеъл мешавад.

– Чиба ин хел мегӯед?! Ақлу хушаш ба ҷо бошад, афту андомаш чор кас медидагӣ. Боз чӣ мехоҳед? Фурсатро нагузаронед, ду-сета зоида гиред. Сонӣ пушаймон мешавед? Сол гузарад, ба ҷонатон намефорад мегӯянд. Модаратон дар баратон...

– Э-э, агар шӯи шумо барин шӯям мебуд, ман ҳам мехостам. Аз ин ислиқии гаранг фарзанддор шудан намехоҳам. Дилам намекашад. Ҳеҷ намекашад, – рӯй турш карда даст афшонд вай. – Тавба, ҳамин мардаки ман як ба ман не, ба модарам ҳам маъқул не...

– Ҳай-ҳай, ин хел нагӯед, шӯятон аз кӣ кам, Руқияҷон? – Дар изтироб лаб газид Садаф. – Хайр, дар саҳро кор мекунанд, ба ҳамон мувофиқ либос мепӯшанд-дия. Туфлии ғарч кати ба оғили мол ё замини пахта даромада намешавад. Барои ҳамин зимистону баҳор дар пояшон мӯза. Чангу хокашонро пок кунед, арақашонро шӯед, атр

занед, тозаю хушбӯй мешаванд.

– Э-э!.. – даст афшонд Руқия. Сипас аз ҷояш бархосту бо ду дасташ аз миёнаш дошта, бо фахр тану тӯши фарбеҳи худро дар пеши назари ҳамсӯҳбаташ ҷилва карда гуфт: – Ба ман як бор нигаред!.. Ман лоиқи ҳамон пири бебуришам? А? Шаш сол аз ман калон! Ҳазл не, шаш сол! Ман ҳам мехоҳам дигарон барин шӯям як марди хушрӯю дилкаш бошад, олим ё раҳбари ягон идора бошад, ба дасташ кашол шуда гардам. Ман аз кӣ кам?! Ба колхозчӣ – зани колхозчӣ, ба зиёӣ – шӯи зиёӣ даркор, гардам!

– Ин гапро нагӯед, дугона, – ҳамвора эътироз мекард Садаф. – Шавҳари як дугонаи ман дар як идораи калон кор мекунад. Агар вай дарди дилашро гӯяд, бовар намекунед! Зор-зор гиря мекунад, “модарам олимаълумот не гӯён ба як ҷавони дӯстдорам надод, уболи ҳамон ҷавони бечора маро гирифт” мегӯяд. Шӯятон ҷавонмарди бебаҳо, ба гапи ҳар кас фирефта нашавед. Ба шумо дасти он кас расиду фарбеҳу тозарӯ шудед!

– Канӣ фарбеҳ? – сухани ӯро буррид Руқия. – Ман на фарбеҳу на лоғар, миёна!

– Не, вақтҳои охир хеле фарбеҳ шудед. Бинед...

– Хайр, камтар сонҳоям... – Баъд ӯ сонҳои фарбеҳашро даст-даст карду аз он қаноатманд, балки бо фахр гуфт: – Як пайса гӯшт, ҳама айба пӯшт, мегӯянд. Зани қоку лоғарро мардон хуш намекунанд, – вай ҳирингос зада хандид.

– А-а, ба ростӣ? – бо тааҷҷуб ангушт ба даҳон бурд Садаф.

Ба сӯҳбати гарми ду ҳамсоя чашми бад расид магар, рӯзи дигар Садафу Руқия гиребонканӣ карданд. Писари ҳар ду ҷанг карданду Руқия тарафи писарашро гирифта, ҳарифи ӯро дошта securezaданӣ шуд. Бачаи Садаф гурехт. Ру-

қия аз қафои вай сангу чӯб андохта тохт, суханони бепарда гуфта, ҳавлиро ба сар бардошт. Садаф ғавғоро шунида, аз табақаи чорум поён фуромад. Руқия ба вай дарафтода, “ин писарат ҳам акояш барин ҷавонмарг мешавад”, гуфт. Писари калони Садаф як сол қабл аз ин дар фоҷиае ҳалок ёфта, доғи фарзанд ҳанӯз дар дили модар нав буд, бинобар он яку якбора алав гирифту даст заду аз гиребони Руқия гирифт.

“Одаме, ки марги фарзандро таъна мекунад, аслан одам не, агар одам шуморанд ҳам, вай ҳаргиз модар не”, гуфтанд ҳамсояҳое, ки ин моҷароро гувоҳ буданд.

Баъд аз ин воқеа Чинор-кампир ва духтараш расо ду сол хонаводаи Садафро ором нагузоштанд: ба идораи шавҳараш шикоят навиштанд, ки мардак занашро тарбия дода наметавонад; писараш авбош асту аз дасти вай ҳама ба дод омадаст; ба корхонаи Садаф рафтанд, ба мактаби писарак... Бар замми ҳамаи ин, ҳар бор дар ҳавлӣ писаракро бинанд, ба вай неш мезаданд: ба бачаҳои дигар эълон мекарданд, ки ӯ камақлу бефаҳм, девонамизоҷ, ким-чӣ хел дарди сироятӣ дорад ва ташвиқ менамуданд, ки бачаҳо ҳамроҳи ӯ бозӣ накунанд.

Бо ҳар хонаводае, ки ба ин бино аввалбор кӯчида омад, аз ҳама пеш Чинор-кампир шиносо мегашту унс мегирифт. Онҳо бехабар аз кию чӣ будани вай сараввал хеле ҳурматаш мекарданд, баъдан нархи сабзию пиёзро нафаҳмида ӯро тарафгирӣ ҳам менамуданд. Боре яке аз ин гуна навсокинон чунон таъзир дид, ки ҳамсояҳо то хеле вақт байни худ қиссаи ӯро гуфта, механдиданд. Воқеа ин тавр шуд: Писарчаҳо дар саҳни ҳавлӣ футболбозӣ доштанд. Чинор-кампиру духтараш мисли ҳамеша дар харак менишастанд. Пиразан остини набераашро лойолуд диду ӯро аз бозӣ боздошта, либосашро тоза мекард, ки тӯб ба назди онҳо ғелида омад. Наберааш онро

бо пояш зад, тӯб ба дарахт заду баргашт, дигарбора пой ғурронда буд, он ба пеши пойи яке аз бачаҳои аз паи тӯб даррасида афтод. Ногаҳон бо зарби ӯ тӯб рост ба сари кампир бархӯрд. Чинор-кампир ҷои он ки набераашро таъзир кунад, бо ғазаб аз паи тӯб давид. Бачаҳо диданд, ки ӯ тӯбро кафонданӣ аст, онро яке ба дигаре ғурронда, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Чинор-кампир бо ғазаб аз қафои онҳо давид. Ӯ сангу кулӯх ғурронда аз паси бачаҳо ҳавлиро гирд медавиду фарьёду фиғон бардошта ба ҳафт пушти онон дашном мефиристод. Пиразан ногоҳ пешпо хӯрд ё ягон хел дардаш гирифт магар, ба замин парӯ афтод. Домани куртааш то ба миён бардоштагӣ, чашмонаш беҷо, даҳонаш кафк мекард. Мардҳое, ки аз тиреза ҳодисаро менигаристанд, адаб нигоҳ дошта рӯяшонро тофтанд. Ду нафар ҳамсоязани бо пиразан ногап ҳам, ки ин дам дар саҳни ҳавлӣ буданд, аз вай рӯ гардонданд. Руқия то ки қасоси модарро гирад, бачаҳоро думболагирӣ мекард. Ин дам аз кӯчае ҳамон марди навсокин пайдо шуду ҳамроҳи як нафари дигар ба кӯмаки Чинор-кампир рафт. То ки чашмаш ба сонҳои урьёни пиразан наафтад, вай рӯяшро ба як тараф гардонда, дасти ӯро гирифту ба по рост кард. Руқия, ки ин лаҳза ҳарсосзанон ба сари модар расид, ӯро бо чӣ авзоъ аз замин бардоштани ин мардро дида, ба вай дарафтод:

– Чӣ, ин қадар ҳазар мекунед?.. Ба модари ман вабо нарасидаст-ку!.. Шумо барин озодақарқинҳоро...

Руқия он мардро аз гӯр бигирифту ба гӯр зад.

Мард лому мим нагуфт, бо ҳайрат ба рӯи Руқия назар афканду мулзам ва сархам қафо гашта ба хонааш даромаду рафт.

Шарифҷон аз рӯзҳои аввали домодиаш суханони ғайбатомези модарарӯсаш ва Руқияро аз хусуси ҳамсояҳо

шунида, табассум мекарду даст меафшонд. Вале ин кори ӯ ба Чинор-кампир, сонитар ба тавассути вай ба занаш ҳам хуш наомад. Шарифҷон ба афкору ақидаи онҳо доири атрофиён ҳеҷ шарик нашуд ва бо ҳамин дар ин хонавода бегона монд. Баъдтар модару духтар ба ҳар як нобарориашон аз ӯ шубҳа карданд. Солҳои аввали хонадорӣ "ту пулатро руст мекунӣ, ҳамаашро ба хона намебиёрӣ", гуфта ҷавонмардро ба шиканҷа мегирифтанд. Баъдтар Руқия ба колхоз рафта, музди мегирифтагии шавҳарашро фаҳмид ва аз раису парторг хоҳиш кард, ки таноби ӯро кашида монанд. Дили Шарифҷон аз ҳамсараш хунук шуд.

Як замон модару духтар овоза сар доданд, ки Шарифҷон дар ҳавлӣ бо ҳамсояҳое, ки душмани хонадони онҳо аст, дӯстию ҷӯрагӣ дошта, сири хонаи онҳоро ба кӯча мебарорад. "Ин домод не, каҷдуми таги бурьё, – мегуфт Чинор-кампир ба ҳамсояҳо шиква карда. Санг ба дари шикаста мезанад, мани беписар бо умедҳо домод кардам, ба ҷои писар гуфтам, ана, оқибат..."

Ин ҳам дарди бахайр буд. Рӯзе аз рӯзҳо Чинор-кампир валвала сар кард, ки домодаш ба гапи душманон даромада, ба ваю духтараш кинадор шудаст, ягон кори ҳол шавад, ӯро сахт доранд. Гӯё домодаш онҳоро заҳр дода куштанӣ будаст, ки аз ду мурғи овардагии вай бӯи дору меомадаст, таъми гӯшт ҳам талх будаст.

Шарифҷон ба хонааш дер-дер меомадагӣ шуд, биёяд ҳам, ба саҳни ҳавлӣ намебаромад, бо ҳамсояҳо зиёда ҳамгап намегашт. Вақтҳои охир бо Руқия ҳам гапаш намепухт. Беэътиноӣ, ғуруру худписандӣ ва ба ӯ беҳурматии зан ба дилаш сахт мерасид, аммо намедонист ба чӣ роҳ Руқияро аз ин васваса халос кунад, дар хонавода созгорӣ ва ҳамдилӣ ба миён орад. Модару духтар рӯзафзун ба муқобили Шарифҷон бадкинатару бешафқаттар мегаштанд, ҳар замон барои бадномии вай ягон гап паҳн

мекарданд. Кор ба ҷое расид, ки оқибат рӯзе Руқия ба занҳо эълон кардаст, ки Шариф заифақл аст, як қамчин девонагӣ ҳам дорад. Аз сумкааш ким-чӣ хел доруҳо ёфта-нашро гуфта, баъзе содалавҳонро ҳайрон кардаст. Гӯё шавҳараш ба онҳо кам-кам аз ҳамин доруҳо хӯронда нобуд карданӣ будаст.

– Модарам гӯянд, бовар накарда будам, – ҳасрат мекардаст вай ба ҳамсояҳо. – Ин мӯсафедҳо надониста гап намезананд... Ману модарамро кушта ба хонаю ҷой соҳиб шуда, сонӣ зани нав гирифтанӣ будаст, ин нокас. Кӯр шав, некии моёнро надонистагӣ одам кӯр мешавад...

* * *

– Руқия! Руқия!.. Ҳой Руқия!..

Собиқ ҳамсояи онҳо, духтур Азиза-апа аз роҳ бозистода, ӯро фарьёд кард.

Руқия ҳаросон дасташро аз бозуи ҳамроҳаш гирифт. Ҳамроҳаш ҷавони хушсурату хушлибосе буд, ки синнаш аз Руқия ҳафт-ҳашт сол хурд менамуд. Агар Руқияи бочкавор фарбеҳу лӯнда ба бозуи вай овезон шавад, кас гумон мекард, ки ҳозир миёни борики ҷавон ба ин бори гарон тоб наоварда, канда мешавад.

Руқия бо табассуми сохта ба сӯи ин зани батамкин ва ҳаракатҳояш қатъӣ рафт. Азиза-апа чӣ сире дошт, ки дар ҳавлӣ ҳама ӯро эҳтиром мекарданд. Руқияю модараш ҳам аз ӯ андаке кебида, муросоҷӯёна ҳамсоягӣ доштанд.

– Руқияҷон, ба шумо чӣ шуд? А?.. Як моҳ пештар дар боғ ҳамроҳатон як ҷавони дигар буд.... А? Кадом рӯз дар ресторан ҳам бо одамони нағз набудед. Ҷудо шудед?

– Ҳа, нашуд... Гум шав, гуфтам. Аз бӯю тафаш безор... Аз гови шохзан оғили холӣ беҳтар, мегӯянд, – Руқия бидиррос зада, суханони барои ин хел мавридҳо тайёрашро қатор кард. Аммо духтурзан гӯё фикраш ба

ҷои дигар банд бошад, ба суханони вай дуруст эътибор надода мешунид ва аз оҳанги сарҷунбониаш, нигоҳаш ва боз ким-чӣ хел ҳаракатҳояш аён буд, ки ӯро маломат мекунад.

– Э, садқаи афсӯс шавад ҳамон нокас, заб халос шудам, ҷонам ҳузур кард, – қаҳ-қаҳ зада хандид Руқия, вале хандаи сохта ва бардурӯғ ҳамоно қатъ гашт.

Азиза-апа як навъ тамасхуромез, вале дарднок ба ӯ менигарист.

– Не, бекор кардед, хоҳарам. Шарифҷон одами нағз, вай барин шавҳар ёфтанатон даргумон. Ба рӯятон гӯям, аз ман наранҷед: айби худатон. Ман ба шумо ҳамон вақтҳо гуфтанӣ будам, аммо ба хонаи нав кӯчидему шуморо дигар дучор накардам... Ҳозир шуморо дида, ба ёдам омад...

– Чӣ гап, Азиза-апа?

– Медонед, ман кайҳо боз мушоҳида мекардам... Модаратон бетобанд. Чандон дардашон хавфнок не, аммо...

– Чӣ хел? Бетоб?! – аз оҳанги сухани ӯ чунин маънӣ бармеояд: “Бетоб бошад, будагист, барои ҳамин ин қадар воҳима карда маро аз роҳ медорӣ?” – Дуб-дуруст гаштаанд-ку, Азиза-апа!

– Гӯш кунед, дардашон хавфнок не, лекин даво кардан даркор. Дигаронро нотинҷ мекардагӣ касал. Ба васваса монанд... Духтурҳо онро параноиди пирӣ мегӯянд. Одам ба шубҳаю васвасаҳои беҳуда меафтад... Шумо беҳуда ба гапи он кас даромада, рӯзгоратонро вайрон кардед. Афсӯс... Синнатон ҳам ба ҷое расид, писаратон калонак шудагӣ... Аз ҳама муҳимаш – шавҳаратон инсони хуб буд.

Лаҳзае ҳар ду ҳам хомӯш монданд. Руқия бо нӯги кафшаш асфалтро хат мекашиду рангаш гоҳ сурх мешуд,

гоҳ сафед. Вай аз замин чашм намебардошт.

– Агар илоҷаш бошад, оштӣ кунед, узр гӯед... – ҳамчун зан Азиза-апа ҳолати ин лаҳзаинаи Руқияро ҳис карда маслиҳат дод.

– Э-э... аллакай зан гирифт, – гуфт дар ҷавоб Руқия. Азбаски чашмаш пуроб буд, вай аз замин сар намебардошт.

– Ҳа-а... Э, афсӯс!.. Кори нохуш кардаед, хоҳарам...

Азиза-апа сардакак хайрухуш карду ба роҳаш рафт.

*Солҳои 1977-87.*

# ҲАСРАТ

Занҳо нисбат ба мардон осонтар бо ҳамдигар унс мегиранд ва зуд ҳамдарду ҳамроз мешаванд. Мисле ки ба мардон худбинию ғурур иҷозат намедиҳад, то зуд бо ҳам улфат бошанд. Баъзеҳоро агар ба гап гиред ҳам, суханатонро дастгирӣ намекунанд. Гӯё шумо бо ҳамин баҳона аз вай ягон чиз талаб мекарда бошед. Дар назари баъзеи ин касон чунин менамояд, ки агар аз майда – чуйдаи зиндагӣ сухан гуфта ханданд, оҳори он ҳама виқору азаматашон мерезад, гӯё инсони оддию қаторӣ ва бесиёсат ҷилва мекарда бошанд. Дар ҳар сурат, дар ин бобат ба салиқаи зан бояд тан дод ва ба фитрату фитнати онон таҳсин гуфт.

Имрӯз дар долони дарози духтурхона зану мард – хеле дардмандон мунтазири қабули духтурҳо буданд. Ман ба қабулгоҳи ҷарроҳ навбат гирифтаму оҳиста дар як гӯшаи хараки пуродам нишастам. Аз ҷайб рӯзномаро гирифта кушодам ва сараввал аз рӯи одат сарлавҳаҳоро нигаристам, сонӣ баъзе хабару мақолаҳои ҷалби назарро чашм давондам. Сипас, барои вақткушӣ яке аз мақолаҳои назарбанд кардаамро хонданӣ будам, ки аз паҳлу гуфтугӯи ду нафар зан диққатамро кашид.

– Хола, чӣ дард доред, чиба гиря мекунед?

Пурсанда ҷавонзани лоғарандоми шӯхчашме буд. Овозашро ҳам бо он далолат мекард, ки вай ҳеҷ ғами дунёро ба дили худ наздик роҳ намедиҳад.

– Э-э, напурс, духтарам…

Зани миёнсол, ки ба тахмин синнаш аз шаст беш набуд, бо дастрӯймол ашки чашмонашро пок карду оҳи бадарде кашид, пас ба нишони таассуф чанд бор сар такон дод. Баробари сараш тамоми вуҷуди вай гӯё ба ҳасрат албонҷ мехӯрд. Нишони таровати ҷавонӣ ҳанӯз аз андо-

ми вай батамом сутурда нагашта буд ва рӯю мӯяш, чашму абрӯяш гувоҳӣ медоданд, ки замоне зани соҳибҷамоле будаст. Ҳоло зан мусибатзада менамуд ва дам ба дам бо дастрӯмол ашки чашмонашро пок мекард. Ман рӯям ба рӯзнома, бо канори чашм онҳоро ба мушоҳада гирифтаму ғайриихтиёр гӯш ба гуфтугӯи ин ду тан вақф кардам.

– Барои наберачаам мегирям, духтарам. Як шӯрпешонӣ набереча дорам… Худам ятим калон шудам, медонам… – зани миёнсол дарду доғи дилашро ба ҷавонзани ноошно мегуфт. Вай ҳасрат мекарду чашмашро аз як нуқта наканда ҳамвора сарашро ба ду тараф мегардонаду надоматомез оҳ мекашид. – Худо гӯед, ки агар фарзанд диҳад, додою очааш катӣ диҳад.

– Ба очаю додош чӣ ҳодиса шуд? Барои чӣ набераатон ятим монд хола? – таҳқовӣ мекард ҷавонзан.

Зан лаҳзае дар банди андеша хомӯш монду сипас гуфт:

– Ҳамин ятимчаро ба кӣ монда меравам, гӯён гиря мекунам. Духтур захмама рентген катӣ диду аз ҳамон захми ганда – реши равон гуфтагӣ барин шуд. Ана, имрӯз боз мебинаду қоғаз медиҳад. Дина рӯзи мавлудам буд, ба ҳавлӣ ду писар, ду келин, духтару домод, додарам занаш катӣ, хоҳарам савғою саломи махсус катӣ омаданд. Сир надодам. Нагуфтам. Дилам нашуд. Чӣ хел карда ҳамин қадар хурсандира барҳам мезанед?! “Ҳа-ҳу” гӯён ҳамроҳашон пухтупаз кардам, нишастам, хандидам. Аммо аз дили ман чиҳо мегузашт, худо худаш медонисту халос. Ҳамара гуселонидаму сонӣ ба хонаи дарун даромада, ду соат барин гиря кардам. Гумон мекунӣ аз мурдан метарсам?.. Не-е! Ҳамин набераякама ба кӣ монда меравам гӯён аз гиря варам кардам. Духтар дорам, лекин гардам, духтар ба рӯи шавҳараш менигарад, чӣ мегуфта бошад мегӯяд; писар ҳам ин замон ба рӯи занаш менигарад. Ба-

чаи шӯр хору зор мешавад гӯён, месӯзам.

– Додою очааш дар куҷо? – ҷавонзан саволи худро боз такроран пурсид. Вай аз чӣ бошад, ки қисмати волидайни набераи ҳамсӯҳбаташро донистан мехосту бас. Маро гумоне аз дил гузашт, ки ҷавонзан аз ягон фоҷиа ва ё моҷарое огаҳӣ дорад.

– Э-э, шумо намедонед-чӣ? – гуфт зан шубҳаомез ба рӯи ҳамсӯҳбаташ нигариста. – Духтари ман сирка хӯрда мурд. Ҳама медонанд. Хурду калон гӯрсӯхта шавҳараша лаънат карданд, аммо чӣ фоида?! Зану марди маҳалла зор-зор гиристанд. Шӯрбахт духтар не, як фариштаи беозор буд. Дилу нияташ покиза буд, банангу баномус буд, аз ҳамин сабаб ба ин аламу хорӣ тоқат карда натавонист.

– Хола, ман аз фоҷиаи духтаратон бехабарам. Мо ба ин гузар ба қарибӣ омадем, – гуфт ҷавонзан. Сипас овозашро пасттар карда, аз ваҷҳи худаш чи сиреро ба ҳамсӯҳбаташ гуфт, ки ман шунидан натавонистам. Баъд боз ба сари мавзӯи сӯҳбат баргашту бо овози муқаррариаш савол кард: – Чӣ ҳодиса шуд, барои чӣ сирка хӯрд?

– Э-э, духтарам, напурс… – зан боз ба сарҷунбонӣ даромад. – Аслан, илоҳо, хонаи ҳаромхӯр сӯзад! Сӯзад! Боз мегӯям – сӯзад! Агар дар маҳалла дабдабаю дамдамаи ҳар кас аз рӯи кораш ё илму ҳунараш мебуд, олам гулистон мегашт. Хуб гӯй, духтарам, ҳақи гап ҳамин! Наханд. То ба сараш наафтад, одам намедонистааст… Аслан, тақдири сахташ рафтагӣ бошад, ман чӣ кунам?! Чӣ илоҷ? Ман вайро ба як ҷавони қобил, хеши дури худамон, очаю додош одамони бамаъни доданӣ будам, розӣ нашуд. Ҳамин худобехабара нағз диду мерасам гуфт. Дидаму ба дилам нанишаст, чашми сараш беҷо барин намуд. Сонӣ духтаракам кию чӣ будани он бадзота дар зиндагӣ фаҳмид, аммо ночор нафасаша ба дарун гирифт. Худкардаро даво нест. Нокас берӯзира баъзан озор

диҳад ҳам, ба ҳеҷ кас сир намедод. Хайр, то забони якдигара ёфтан ҳамин хел талху ширин мешавад-дия, гӯён гӯшама ба карӣ мезадам, чашмама ба кӯрӣ… Э-э, кадом як аламама гӯям?! Бечора духтаракам шаш сол хонд, дилакаша пур-пури зардоб карда дипломи духтурӣ гирифту-у… ана!.. – Зан бо алам ба сари ду зонуяш оҳиста, вале бо тааннӣ мушт заду сипас, сонҳояшро сахт-сахт тофта гирифт.

– Зиқ нашавед, хола, ҳар чӣ шуданӣ буд, шуд гӯед. Сӯхтан катӣ чӣ фоида?!. Шавҳараш чӣ хел одам буд? Аз куҷо?

– Э-э, шавҳар нашуда гӯристон шавад, номаш гум шавад… Инҷенер буд. Касофат дар заводи мошинтаъмиркунӣ кор мекард. Ёфти зану шавҳар барои хӯрдану пӯшиданашон мерасид… Бовар мекунед, ба шумо дурӯғ, ба худо рост, таррамарг бегоҳиҳо ба чойхонаи гузар баромаду авзояш рӯз аз рӯз дигар гашт. Ҳамон улфатҳояш сараша гардонданд. “Фалонӣ “Жигули” харидаст”, “Салими кафтарбоз “Волга” овардаст”, “Ҳакими хокрӯбаков қаср барин иморати бошукӯҳ андохтаст”, гӯён торафт авзояш беҷо, хаёлаш парешон мегашт. Ҳа, духтарам, ҳамон нокасон бачара вайрон карданд. Набошад, аз он ҷавонони таърифии кас ҳавас мекардагӣ набошад ҳам, ба раҳаш рост мегашт, ба касбу кораш саргарм буд. Ҳамонҳо катӣ шинухез карду дилаш ба касбу кораш хунук шуд. Пулдории мардуми дигара дида, моҳонааша назараш нагирифт. Мабодо ки ба дилаш сахт расад гӯён, гап назадам. Агар сухане гӯям ҳам, вай аз он ҷавонони ба маслиҳати кас гӯш медодагӣ не… Ниҳоят, як рӯз омаду “Агар ба моҳона нигариста бишинам, дар бист сол ҳам мошин харида наметавонам, ба кори дигар мегузарам” гуфт. Чӣ ҳам гӯям? Як хаёл кардам, – зан андаке таваққуф карду оҳиста ба гӯшаи чашмаш ба атрофиён нигариста гирифт.

Ҳама ба гапу андешаи худ саргарм буданд. Сипас, овозашро пасттар карду хам шуда ба гӯши ҳамсӯҳбаташ пичиррос зад: – Як хешбачаи дурамон ба хона як сандуқи оҳанин оварда монд. Ҳу, дар идораҳо ҳаст-ку, ҳамон хел. Чор кас ба азобе бардошта дароварда, дар таҳмон ҷой карданд. Мард чандин сол аст, ки мудири анбор, "Аз қафоям душман афтодагӣ, ба ҳеҷ кас бӯяша набаоред, чор-панҷ танга ёфтагема ба дастатон супурдам", гӯён болояшро пӯшонда рафт. Як бор омада кушоду нохост чашмам афтод – вай, мурам! – зан ангушти ишорат ба рӯяш гузошт… Сандуқаш таҳ-таҳ садсӯмаю панҷоҳсӯмӣ! "Дар дасти ҳукумат дигар пул намондагист" гуфтам. Номаш – Амриддин. Вай ҳам аз зоти ҳамон ҳаромхӯрон аст, набошад, аз куҷо ин қадар пулро меёбад? Мегӯянд, ки пештар, агар ягон давлатманд ҳақи сағиру кабира хӯрад, як умр ба номаш доғи лаънат мемонд, акнун ҳаромхӯр базаю анбор мегирад, мансабу обрӯ... Хайр, оқибаташ ҳисоб аст. Хаёл кардам, аз ҳамон Амриддин як-ду бастагӣ ба қарз пул гираму ба дасти домод дода гӯям: "Раведу мошинатона гиред, лекин касбу коратона партофта хор накунед!" Лекин он қарза сонӣ мани муштипар аз куҷо медиҳам?! Меҳнат катӣ ин қадар пул ёфта мешавад?! Аз ҳамин хел одамон қарздор будан ҳам намехоҳам...

– Хуб, сонӣ домодатон чӣ кор кард? – Ҷавонзан бетоқатона сабаби фоҷиаро фаҳмидан мехост.

– Ҳа, воқеан, сари гап чӣ буд?.. Ҳа, ба ҳамон кор ҳам хеле чиз харҷ карда сонӣ даромад. Аммо як сол кор накарда аз қафояш душман афтоду балохурҳо кори ин бачаро ба ҳабс оид карданд. Якта шалвораш дута нашудаст, ягон чиз ғун накардаст, беҳуда. Ин ҳам дар пешонии шӯри духтаракам будаст. Кош, мани сарсахт тура намезоидаму ин қадар азоб намекашидӣ!..

Зан лаҳзае хомӯш монду қатраҳои ашки дар сари

мижаҳояш ларзонро пок кард ва оҳи пурдарде кашид.

– Чор сол гирифт… Як рӯз духтаракам хабар овард, ки рухсати вохӯрӣ додаанд. Ба чор тараф давида, се-чор кило гӯшт ёфту пухта гирифт, самбӯсаҳои варақӣ кард. Сонӣ, як олам майда-чуйдара баста, шавҳараша диданӣ рафт. Бадзот дар ҳамун ҷо ҳам ба вай дарафтодаст: “Бе ман ту худата зебу оро дода гаштӣ”, гӯён аз чилликош ангуштаринҳои тиллоша гирифта ба даруни ҳавлии ҳабсхона ғуррондаст. Ҳалқаша аз гӯшаш канда гирифта, зери пошна монда майда кардаст. Ман ҳамон рӯз дар ҳавлӣ набудам. Бечора духтаракам хун гириста ба хона гашта омадаст. Мани сарсахт ҳамон рӯз дар хона шинам намешуд! ...Ана, сонӣ ба хона даромада ба ман хат навишта мондасту як шиша сиркара дам кашидаст. Навишта таъин кардаст, ки писаракаша хору зор накунам… Уф-ф... – Зан бо дарду алам як оҳи чуқур кашиду бо рӯймолча чашмони пуробашро хушк кард. – Шукр мегӯям… Шукр, кардам. Агар ҳамин писаракаш намебуд, ғами вай кайҳо мана дар лаҳад мехобонд. Ман баъди сари вай барои ҳамин бача зинда гаштаам. Як сӯм пул ёбам ҳам, як пора мато ёбам ҳам, ба сандуқ мепартоям. Калон карда, дари хонеша кушоям, сонӣ беармон мемурам.

– Ғам нахӯред, холаҷон, – ҷавонзан аз рӯи одат лаб ба таскини ӯ кушод. – Ба одаме, ки ин қадар умед дорад, ҳеҷ дард асар намекунад. Одамизод умед катӣ зинда.

– Аз даҳанакат гардам… – гуфт ӯ гирякунон канда-канда.

– Навбати кӣ? – дари утоқи духтур боз гашту ҳамшира дар таҳи дар истода ба ҳозирон рӯ овард.

Лаҳзае ҳамаи интизорон ба рӯи якдигарӣ нигариста савол карданду ҳайрон буданд. Як-ду нафар саросема аз ҷо бархостанд.

– Навбати ман… Навбати ман… – баъд зани миён-

соли пурармон саросема аз ҷояш бархосту худро ба дари кушода зад.

Ба ман чунин намуд, ки ҳамшираи шафқат ӯро аз қайди андӯҳи гароне раҳонид.

Ман дар даст рӯзнома шах монда будам. Ҳозирон бепарво рӯзнома мехонданд, файласуфона мутафаккир буданд ва ё аз ҳар хусус бо ҳам сӯҳбат доштанд: яке қонеъ аз он буд, ки мувофиқи андозаи пояш кафши баҳорӣ ёфтаст, дигаре саргарми ғайбат буд, сеюмӣ латифа гуфта сомеонро механдонд... Вале ба гӯши ман дигар сухани касон намедаромад. Ҳасрати ин зан маро парешон ва безобита кард. Бечора модар... Аз ду-се тан беғайрат домангир аст. Не, ман ба кӯтоҳбинии ӯ ҳаргиз намехандам, фақат аз соддадилиаш мутаассирам. "Агар дабдабаю дамдамаи ҳар кас аз рӯи кораш ё илму ҳунараш мебуд, олам гулистон мегашт", мегӯяд. Дар он маврид... Афсӯс, ин одамон ҳасрати ӯро нашуниданд.

*Июни соли 1981–87.*

# ПИРИЮ ҲАЗОР ИЛЛАТ

Гашти рӯз буд. Тафси ҳаво фуромада, сояҳо хеле дароз гашта буданд. Аз ҷониби кӯҳ насимаке аранг мевазид, вале он ҳам роҳи мумфарши тафсонро лесида гузашта, мисли тафбоди биёбон нафаси касро мегардонд. Бо вуҷуди ин, дами офтоб гашта буд ва дар роҳи мумфарше, ки аз ҷониби шаҳр қад-қади роҳи оҳан тӯл кашида, дар рӯ ба рӯи деҳа онро бурида мегузашт, ҳаракати мошинҳо меафзуд. Деҳа дар масофаи қариб ду километр аз роҳи шоссе, дар баландӣ воқеъ афтода буд.

Бобои Худойдод дар хараробаи кӯтак аз тарафи шаҳр хода меовард. Ходаҳои ғафсу борики бед, ки таротар пӯст канда, дар соя хушконидаанд, ҳоло дар офтоб ҷило медоду чашмро мебурд. Устои пир аз ин чӯбҳо гаҳвора месохт. Вай чӯби қарағайро барои гаҳвораи кӯдак ба кор намебурд – “мӯрт аст, сонӣ тез кирм мехӯрад” мегуфт.

Харароба ба фарози роҳи оҳан рост шуду раҳбон – ҳамдеҳаи усто, писари дӯсти бачагиаш Зуҳури ба лақаб Замини сахт – Чӯлӣ қариб дар пеши фуки хар ғавчӯбашро фуровард. Дар деҳа лақаби Чӯлӣ “Чулӣ-чулӣ” аст. Барои кушодадилию ширинмақолиаш ӯро чунин лақаб додаанд. Дар ин деҳа асосан, ҳама лақаб доштанд.

Бобои Худойдод, ки баъзеҳо оддиякак “Усто” мегуфтандаш, одати баҳудаю беҳуда ба касон изҳори хоҳишу талаб надошт, вале ҳоло дилаш аз ягон нохушие хабар дод магар, бетоқатона овоз баланд кард:

– Ҳой, Чӯлибой... гузарам, сонӣ бандӣ, чи мешуд, ҷиян?! – Ӯ лаҷоми харашро кашида, аробаро боздошту бо овози баландтар хоҳишашро такрор кард: – Сар те, гузарам!.. Ҳой, Чӯлӣ!..

– Ассаломалайкум... Тағоӣ, нағзакед? Тинҷед? – Аз

дур ҳолҷӯӣ кард Чӯлӣ, аммо ғавчӯбро набардошт.

– Ғавчӯбата андаке бардор, гузашта равам, – боз садо сар дод усто. – Ба гӯшат пилта ҷо кардӣ, Чӯлӣ? Ман ба ту мегӯям!

Масофаи байни онҳо аз даҳ-понздаҳ қадам беш на-буд ва Чӯлӣ суханони пирамардро возеҳ мешунид, вале ҷавоб намедод.

Раҳбон дасташро дар оби дастшӯяк шуст, сипас бафурҷа бо рӯмолчааш пок карду баъд пеш омад.

– Дар ришатон садқа, намешавад, – сар ба инкор гардонду ғурунгос зад Чӯлӣ. Авзоъаш гувоҳи ҳол буд, ки аз ин чунин хоҳишҳо дилгир аст. Вай пештар омаду ма-ломати радди хоҳиш аз хотири устои пир баровардан хост магар, бигуфт: – Дӯсти азизи додом, – шумо давлати ману сарвати манед, тағоӣ!.. – Чи хел дилам мешавад, ки аробаи шуморо зуд монам, ки гузашта биравед?! Дилам намешавад!.. – Чеҳрааш пур аз табассуми шодмонӣ ши-ринмақолӣ мекард Чӯлӣ.

Раҳбон кулоҳашро, ки аз ваҷҳи он хурду калони деҳа ҳазлу мазоҳаш мекарданд, ба пушти сараш лағҷонда монду бо табассуми латиф ба рӯи пирамард нигарист ва аз хаёлаш чи фикре гузашту мӯйлаби мошу биринҷашро даст молид ва лабханд намуд. Дар дасти чапаш байрақ-чаи зарди раҳбонӣ ба дастачӯбаш печондагӣ буд. Матои байрақча кайҳо аз чирку равғанҳо ба дастачӯбаш часпи-да буд магар, Чӯлӣ ягон бор онро намекушод. Ме-гуфтанд, ки агар Чӯлӣ ба истиқболи поезд байрақчаашро боло бардорад, худ аз худ афсун задагӣ барин шах меша-ваду мемонад, чунон ки дар ҳамон лаҳза агар гӯшашро буред ҳам, вай намефаҳмад. Ва дар воқеъ, вай байрақча-ашро монанди аскаре, ки дар посбонии фахрӣ истода бо-шад, шах шуда мебардошту нигоҳашро аз поезд лаҳзае намеканд. Ин вазъи ӯро баъзан бачаҳои деҳа тӯдакашон

омада тамошо мекарданду механдиданд. Чӯлӣ барои хандаю дилхушӣ байрақчаро ба ин минвол мебардошт ё аслан тарзи кораш ҳамин тавр буд, касе намедонист. Зотан, шӯхию ҷиддияти ин марди панҷоҳудусоларо тафовут кардан душвор буд. Аслан, касоне, ки бо гузашти сол ин гуна сифатҳои ҷавониро гум намекунанд, одамони некиродаанд. Чӯлӣ дар шумори одамони нағз буд, дар деҳа аз ваҷҳи зарифию ҳазлбозиаш ҳама дӯстдори вай буданд. Ӯро дар феълу хӯй куллан баръакси падараш мешумурданд.

– Кошкӣ, ин исқотат тезтар ояд... Ҳой, ба ман нигар, Чӯлӣ, хаёлам, ин поездат ҳоли аз Ҳисор нагузаштааст, ту ин қадар барвақт раҳи мардумро баста мешинӣ?

Дилтангона ғут-ғут кардани улфати қадимаи падараш ҳоло Чӯлиро бесаришта мекарду ба садои поезд гӯш ба қимор пирамардро ба сӯҳбат машғул мекард.

– Дилтанг нашавед, тағоӣ, кори дунё аз ду сар ҳеҷ адо намешудаст. – Чӯлӣ боз пештар омаду пирамардро ба сухан саргарм кардан хост. – Ҳамин қадар поездҳо қатор-қатор мегузаранд, лекин бори дунёро кашонда адо намекунанд. – Вай монанди аксари деҳотиён ба ҳамдеҳаи худ беистиҳола, дар назди мардум бо овози баланд сухан мегуфт. – Аввалҳо гумон доштам, ки поезд катӣ ҳамин зайл кашондан гиранд, баъди даҳ-понздаҳ сол санги ин кӯҳсори Тоҷикистон ҳам намемонад...

– Дараки поездат не, кушой, гузашта равам, – усто хоҳишашро боз такрор кард. Табъи ӯ мағшуш буд, ба гӯшаш гап намедаромад.

– Дар ришатон садқа, намешавад, агар шавад, ба ҷон мекушодаму шуморо интизор намекардам! – Ҷавоби Чӯлӣ ҳам дигар намешуд. – Охир, дар ришатон мурам, дилатона фарох доред!

– Э-э, на риши ман монад, на ҳамин кори ту!.. – Бо-

бои Худойдод дар ғояти дилтангӣ зери лаб ғурунгос заду даст афшонд.

Чӯлӣ атрофи пирамардро мегашту коғазу қуттича ва дигар хасрӯбаи ба ду канори роҳ афтодаро бардошта мебурду дар як ҷо ғун мекард.

Баъд, ин корро ҳам ба анҷом расонду байрақчаашро ба даст гирифта дар посгоҳаш қарор гирифт ва ба раҳи қатор нигариста, чашмашро раҳ бурд магар, аз як нуқта чашм наканда мӯйлабашро молидан гирифт.

– Ҳой, Чӯлӣ, ба ту мегӯям, пахта дуздидӣ магар? Дастат мудом дар мӯйлабат... Ана, ун шайтонароба ба таги ғавчӯбат гузашту рафт, кӯтаки ман ҳам мегузарад, қиёмат қоим намешудагист? А?.. Охир, ин кӯтакароба мошин не-ку?!

– Дар ришатон садқа, намешудагӣ кор... Ходаро ба чанд пул харидед?

– Пулашро нагирифт... Саркори пахтакорон будаст, як гаҳвора сохта медиҳед гӯён шишт.

– Хуб, агар пулашро мегирифт, чанд сӯм медодед? Ман ҳам барои вассаҷуфти шифти меҳмонхона хариданиам. Дар як ҷо дида, ҳавасам рафт, ба усули бобоҳо як иморат созам, – гуфт Чӯлӣ.

– Сӣ сӯм медодам... Боз ҳам худо медонад.

– Аз ҳамон чӯб чанд гаҳвора месозед?

– Худо медонад... – гуфт усто зери лаб тамасхур карда. Ӯ тоби шунидани чунин суханони содалавҳонаи шахсони аз шуғли дуредгарӣ бехабарро надошт. – Вақте ки дар шиками очаат будӣ додот занам сета мезоидагӣ барин гӯён мегашт!

– Гапи беҳудара монед, шумо нағз медонед, ки аз ин чӯб чанд гаҳвора месозед! Биллоҳи аъзам, агар худо надонад ҳам, шумо медонед. Шумо пиракиҳо пухтагӣ, надониста намехаред.

– Шаккокӣ накун, ҷиян, то инро мебурӣ, мекафонӣ, ба об хобонда мемонию қат мекунӣ, қасабаву қаскон метарошӣ, гул меканӣ. Эҳ-ҳе!

– Майдакорӣ гӯед... Дар дили кас шавқи ҳунар набошад, ба ин кори шумо ду рӯз тобу тоқат оварда намешавад, тағо! Илму ҳунар бемеҳру бешавқ намешавад мегӯянд.

– Ҳозир мешавад... Корҳо акс шуд, – гуфт устои пир абру чин намуда. – Як одамон олимам гӯён гаштаанд...

– Сад гӯед, ки бобоёнамон гуфтаанд, ки илму ҳунар катӣ деҳқониро фиреб карда намешавад, тағо! Касби шумо аз даҳан монда бошад ҳам, осон не.

– Хаёлат раҳи мардума баста шиштан катӣ баробар буд?! – Киноя кард бобои Худойдод. – Поезда дида, санги мазор барин шах шуда истодан осон аст.

– То ман ҳамин байрақамро набардорам, ку, ягон поездатон гузарад! Ана, – вай ба ду тарафи роҳ, ки мошинҳои боркашу сабукрав, трактору автобус, мотоциклу ароба қатор истода, мунтазири кушода шудани роҳ буданд, ишора кард, – ҳамааш ба як ишораи ман нигарон, тағой!.. Як рӯз як шофири вазир аст ё калони дигаре, надонистам, раҳро кушо, ман мегузарам гӯён расо хархаша кард, нашуд. Қоидаю қонун ба вай дахл надоштааст! Э, зората гуфтам... Хаёлаш барои хӯҷаини вай роҳи алоҳида бошад, қатори дигарон гаштан намехоҳад.

Бобои Худойдод ба шикояти Чӯлӣ бепарво, аз боби дигаре сухан оғоз намуд:

– Ба ман нигар, Чӯлӣ, мегӯянд, ки додот амбори гандумаша ба мита хӯрондаст? Рост аст? – Усто ҳазломез табассум менамуд.

– Рост мегӯянд, тағой, рост... – Чӯлӣ маломатомез сар ба тасдиқи гуфтаи усто ҷунбонду пештар омад. Сипас, лаҳзае пешонӣ хориду ба як навъ оҳанги маҳрамона,

бо овози паст гуфт: – Пирию ҳазор иллат мегӯянд... ба маслиҳати мо гӯш намекунанд, чи кор кунем?.. Даҳ-дувоздаҳ ҷувол гандумро гирифта, барои рӯзи танг гӯён дар амборчаашон зер кардаанд. Ҷуволҳо нам кашида пӯсидаст, ғалларо мита нобуд кардаст, – ба ночор иқрор мекард Чӯлӣ. – Агар гап занем, шумо ҳолӣ кӯдакед, ҳолӣ мӯрча нагазидаст мегӯянд. Э-э, баъзан як гапҳо мезананд, ки... Мо ба он кас душманӣ доштаам! Одами пир-дия, азоби каҳтии солҳои ҷанг аз ёдашон намеравад: “Агар ҳозир ҷанг сар кунанд, дар бадали як-ду моҳ ҳамаат аз гуруснагӣ варам карда мемуред, дар хонаатон ақаллан ба як ҳафта мерасидагӣ хӯрокворӣ надоред, мо дар аввали ҷанги Гирмон як ӯра-ду ӯра ғалла доштем, ба ҳар ҳол, бист сотихӣ заминамон буд” мегӯянд.

– Э, ба ман гуфт, ки арӯсак аз бахилӣ ба ҷуволҳои гандум об пошида, нам кашондаст, – мегуфт усто бо овози баланд хандон-хандон, чунон ки дар киштзори бекас бошанд, бепарво. – Гуфтам, ки Мулло Зуҳур, пир шудаӣ, ҷӯра, ақлата хӯрдӣ! “Не, – мегӯяд, – ту намедонӣ, инҳо – зану шӯ ба оши ман ягон чиз андохтаниананд...” Хандидам.

– Э, тағоӣ, дар пеши поҳотон мурам, бовар мекунед, ба шумо дурӯғ, ба худо рост, бачаҳо ош баранд, чумча катӣ даруни косаро кофта дида, “гир ошата бар, заҳр андохтагӣ барин” гуфтаанд. Занам гуфтаст, ки додоҷон, наход, ки ҳамин тавр гӯед, оши ин косаро дар пеши назаратон ман мехӯрам, шумо аз дег худатон ош кашида хӯред, аммо он кас “ту заҳрро ба кадом ҷояш андохтаӣ, ман чи медонам...” гуфтаанд. Занак чашмаш пури об баргашта омад. Пирию ҳазор иллат будаст, тағоӣ, хоки раҳатон шавам, ба дил намегирам, шумо ҳам аз гапи пасту баланди он кас наранҷед. Ба додаронам ҳам, ба зану бачаҳо ҳам ҳар мудом таъкид ба таъкид мегӯям, ки агар додотон

саг шавад, шумо сагбонӣ кунед, гуфтаанд азизонамон...

– Э, парво накун, Чӯлӣ, додота пул бардор-бардор дорад... Одамони қадим мегуфтанд, ки пулу мол баъзе пиракиҳора ба ҳар хел васваса меандозад. Ба сухани ман бовар кун, зар ҳамаро мебардорад, аммо зара ҳар кас бардошта наметавонистаст.

– Э, дар ришатон садқа, тағоӣ, шумо ҳам ҳамин гапро мегӯед!.. Ду додарам катӣ аз ҳамин хусус қариб рӯнобин будем. Гумони онҳо ман пулу моли додома соҳиб шуда, ба онҳо надода, худам хӯрданиам. Бовар мекунед, ман писари калон бошам ҳам, аз пули додом бехабарам! Барои зиндагӣ ҳам як сӯм харҷ намекунанд. Гумонам, пули зиёд ҳам надоранд, – оҳиста эътироз кард Чӯлӣ. – Додарҳо инҷинер, олимаълумот, мансабдор бошанд ҳам, бовар намекунанд-е!

– Агар намедонӣ, гап назан, Чӯлӣ, – ба эътироз зуд сухани ҳамсӯҳбаташро бурид усто. – Пули додота ман медонам!.. Додот тилло ҳам дорад. Ту чӣ медонӣ?! Бист сол геологҳо катӣ кӯҳ ба кӯҳ бекора нагаштаст. Ман шаст сӯм моҳона мегирифтам, вай – шашсад!..

– Ҳурмати ҳамин риши сафедатон, тағоӣ, росташро мегӯям: ман аз пули додом хабар надорам. Ба ман пулашон даркор нест. Халқ додаронама ба шӯр андохта, моро аз якдигар ҷудо карданианд...

Бобои Худойдод хандид.

– Э, мон-е!.. Додарони ту кӯдакони беақланд-чӣ?! Давлаташон ба худашон мерасад. Барои ҳамин додот ғами туро мехӯрад.

– Э, дар ҷонатон, охир, ман аз ҳаво гирифта гап намезанам. Бовар кунед... Ду бародар чунон зиқам карданд, чунон ғам доданд... ки ҳеҷ напурсед, амак! Акнун кам-кам гап чию кор чи пай бурдаанд.

– Ба ман нигар, Чӯлӣ, агар додот пулу давлаташа дар

ягон кунҷу камар гӯр карда бошад, мабодо, ки дар замин монда равад, кори нохуш мешавад. Ту бепарво нагард, дили додота ёбу ҷои пулашро донистa гир. Ё васиятнома навишта, дар сандуқ монда бошад? Хабар надорӣ? Оҳиста пурсуков кун, одами пир, мабодо ки худо накунад...

– Э, ман безорам! Монед, бародаронам пурсанду ба ҳамонҳо гӯянд. Ҳамин гапатонро ба додаронам гӯед, ҳамонҳо пурсанд, амак. Ба ман ҳеҷ чизи додан даркор нест.

Ин лаҳза аз пахтазори болодасти роҳ велосипедашро ба ятак гирифта писари Чӯлӣ – Ғайратҷон пайдо шуд. Азбаски роҳи оҳан ҳам, шоссе ҳам аз пастхамӣ мегузашт, Чулию Бобои Худойдод ӯро аз дур дида натавониста монданд.

Ҳоло Чӯлӣ авзоъи писарашро мушоҳада карду чашм аз вай наканда наздик расиданашро мунтазир истод.

– Тинҷӣ бошад? – гуфт вай, ки ғаразаш аз ин савол хавотирашро аз авзоъи писар ифода кардан буд.

– Авзоъи бачет парешон барин... – гуфт устои пир ҳам чашмони хираашро ба сӯи вай дӯхта.

– Ҳа, чӣ гап, Ғайратҷон? – Чӯлӣ бетоқатона ба ҷониби писар се-чор қадам рафту наздик расидани ӯро мунтазир нагашта савол кард.

– Бобом... бобома... тобашон не... А-а... шумора мепурсанд... Тозед... Тез оянд гуфтанд очаам... – Ғайратҷон суханонашро пора-пора баён кард. Вай номунтазам нафас мегирифт, аз сару рӯяш қатраҳои арақ ҷӯяк кашида ба поён ҷорӣ буд.

– И-и... – гуфт Чӯлӣ мушаввашхотир абру чин карда. Баъд, гӯё худ ба худ баёнот медода бошад, овоз баровардa гуфт: – Вақти мурданашонро ёфтаанд... Духтур омад? – Ӯ якбора ба писар рӯ оварда пурсиду баъди ҷавоби инкор гирифта гуфт: – Духтура намехоҳанд... Лекин

ҷеғ задан даркор буд.

– “Агар духтур ҷеғ занӣ, ман аз ту розӣ не”, гуфтанд ба очаам, – гуфт Ғайратҷон оҳиста, то ки ин розро каси бегона нашунавад, ба атроф хавотиромез чашм давонда.

– Ман ин постгоҳро ба кӣ партофта меравам?! Охир, ман дарбони ягон идораи бекора не, ин ҷо чорраҳа!.. Ба ҳар ду амакат хабар додед? А?

– Не, бобом шуморо мепурсанд... Фақат “Чӯлӣ, Чӯлӣ...” гӯён хобанд. Ҳамаашон гуфтанд, ки дар ҷои шумо ман истам, зудтар равед.

– Э, пости туро гург мехӯрад-чӣ?! Бидав тезтар!.. – Гуфт бобои Худойдод, ки то ин дам парешонхотир гоҳ ба рӯи яке, гоҳ ба даҳани дигаре нигариста меистод. – Бечора ба ду даҳан васият зор, ба роҳат чашмаш нигарон бошаду... Одами пир... Аҷал катӣ шӯхӣ карда мешавад?!

– Поста чи хел партофта равам?.. Сабил... имрӯз...

– Ҳой, Чӯлӣ, танат сиҳат. аст ё не?! Э, тура ба оши худоӣ ояд гӯён, хабар нафиристодаанд... Гапа мефаҳмӣ, падарат дар дами марг аст?.. Э, ту одамӣ ё..?

– Э, шумо чиро медонед, тағоӣ?! Ҳозир... агар як соат набошам, дар ин чорраҳа чӣ ҳодиса мешавад, медонед? А, медонед?.. Надониста гап назанед, тағоӣ!

– Э, дунё кунфаякун намешудагист, бидав!.. Охир, бача меистад-ку!

Ин лаҳза поезди боркаш гулдурросзанон ба чорраҳа наздик расиду сухани бобои Худойдод дар даҳанаш монд. Чӯлӣ тозон ба назди кулбаи раҳбониаш рафту байрақашро бардошта дар канори раҳ шах шуд.

Поезде, ки ҳама ба роҳаш гӯш ба қимор интизор буданд, замину замонро ларзонда, бо тарақу туруқаш муҳитро пур карда гузашт.

Баъди поезд гузаштан дақиқае аз миён гузашта-нагузашта ғавчӯби ду тарафи роҳ баробар боло шуд ва аз

ҳар ду самт мошинҳо ба ҳаракат даромаданд.

Бобои Худойдод бо аробааш аз раҳи оҳан гузашту дар ру ба рӯи кулбаи раҳбон таваққуф кард. Баъд чолок аз ароба фуромаду арғамчини харро ба симчӯби сари роҳ баст ва саросема ба назди Чӯлӣ рафт.

– Чӯлӣ... Дар ин ҷо ана, писаракат биистад ё агар не гӯй, ман ҳам ҳамроҳаш меистам, ту тез рав!.. Зуд бош, додар, тори чашми бемор канда шуд.

– Намешавад, тағоӣ... – гуфт Чӯлӣ дар қайди андеша зери лаб базӯр овоз баровардa. Баъд ба писараш рӯ оварду пурсид: – Ба амакҳоят хабар нафиристоданд?

– Намедонам, – гуфт Ғайратҷон китф боло кашида. – Додо, тезтар равед...

– Писарам, велосипедатро савор шаву зуд ба хонаи амаки калониат рав. Бигӯй, ки тоби бобом гурехт... тез равед... Ҳа, боз гӯй, ки додом дар постгоҳ, роҳро монда рафта наметавонистаанд. Агар дар хонааш набошад, ба янгаат гӯй, зуд ба корхонааш тилфон карда, ин хабарро гӯяд... Сонӣ, ба хонаи амаки хурдиат раву ба онҳо ҳам ин хабарро расон, тезтар биёянд, фаҳмидӣ?.. Эҳтиёт шав, канори роҳ катӣ велосипед ҳай кун.

– Ман дар ҷоятон меистам, додо, шумо равед, – гуфт Ғайратҷон ба илтиҷо ба чашмони падар нигариста.

– Э, ин додот аз хук ҳам бадтар будасту мо намедонистаем! – гуфт ғазаболуд бобои Худойдод.

– Зудтар рав, Ғайратҷон... Ту дар ин ҷо монда наметавонӣ... Як поезди дигар ҳаст, ҳамон гузарад, сонӣ...

Ғайратҷон дили нохоҳам велосипедашро савор шуду тез-тез пойзанон ба ҷониби шаҳр рафт.

Чӯлӣ лаҳзае сартаранг аз ҳодиса истоду баъд ба рӯи устои дар изтироб ба вай нигарон нигариста оҳе кашид.

– Парво накунед, амак, додом ҳолӣ бақувватанд...

– Ҷону ҷигари ҳукумат бошӣ ҳам, одамгариро аз даст

надеҳ, бача, охираш пушаймон мешавӣ, – гуфт устои пир бо овози ларзон дар ғояти андӯҳ. – Додота дигар намеёбӣ, ба як калима суханаш зор мешавӣ... Э, афсӯс, афсӯс.

– Э, тағой, тағой... Ман чи гӯям ба шумо... Гап задан осон аст... Мегӯянд-ку, дуди ҳар хонаро муриаш медонад.

– Э, ин не, он не, агар росташро гӯям, одамгарӣ надоштаӣ, ҷиян! – Ҳоло ғазаби усто ҷӯшида, ба Чӯлӣ хар чи суханони тундтару ҷонгудозтар гуфтан мехост. Мӯйсафед бо авзоъи гирифта пушт ба девор такя дода, сари ду зону нишасту ҷангангезӣ оғоз кард. – Афту башараи ту одамсуроб будаст, ман намедонистам. Худо накунад, агар додот ба дидори ту нарасида аз дунё гузарад, ҳамин чашми рӯз кӯрам кунад, ки дигар ба рӯят наменигарам! Э, фарзанд агар ту барин бошад, таҳи хок буданаш авлое!

– Ин қадар оташин нашавед, тағой. Дар ин ҷо як гап ҳаст... Акнун сири оила гӯён ба шумо нагуфтам. Хаёлам, додаронам ба сарвақти додом раванд...

– Ҳой, Чӯлӣ, ҳозир вақти ҳамин гапҳо аст чӣ?! Додарам равад, хоҳарам равад гӯён, ба якдигар таассуб карданат аҳмақӣ аст!

– Э, шумо намедонед...

– Э, садқаи гап шавӣ, ту ноҷинс! – Бобои Худойдод дигар тоқат карда натавонисту аз ҷо бархост. Вай қафои яктаҳашро афшонда-афшонда, ба сӯи аробааш мерафту Чӯлиро лаънат мекард, нафрин мегуфт.

– Сабр кунед, тағой... истед... ман ба шумо фаҳмонам...

– Гум шаве, кӯрнамак! Дигар рӯи ту мурдора набинам.

Усто ба аробааш савор шуд, ба илтиҷои Чӯлӣ эътиное накарда харашро сахт-сахт халачӯб заду ба роҳ баромад.

Чӯлӣ ҳайрону музтар аз қафои устои пир нигариста монд.

– Э, тавба кардам... – гуфт вай гиребонашро дошта худ ба худ. – Ба ин пиракӣ чи хел фаҳмонам... Охир, аз барои чор-панҷ сӯм пули додом ду додарам маро чашми дидан надоранд. Агар ҳозир ба сарвақти додом раваму мӯйсафед дороиашро ба ман супорад... сонӣ як умр рӯзам сиёҳ мешавад!.. Ба ростӣ, агар буду нобуди худро ба болои пули додом монда, ба онҳо гӯям, ки инро тақсим карда бигиред, аз дусар боз мегӯянд, ки ин кам аст, ту нисфи зиёдашро пинҳон кардӣ! Валлоҳи аъзам, ки айнан ҳамин суханро мешунавам! Байнамон ҷудоӣ меафтад... Амаки Худойдод ин тарафашро намедонанду гап мезананд... Хаёлам, додаронам ба сарвақти додом раванду аз ман домангир нашаванд. Агар нараванд, ҳам, хайр... Монад, дар таҳи хок ё мағзи девор монад ҳамон пулҳо...

*Солҳои 1982–87.*

# МОДАРИ РАНҶБАРИ МАН

Дар навбат истодаему ба тадриҷ пеш меравем. Имтиёзмандон, дар силки онҳо шахсоне, ки ягон хел шаҳодатномаи сурх, сабз ё кабуд доранд ва баъзан занҳои кӯдакдор, эътирози ҳозиронро ба шаттоҳӣ инкор карда, харид мекунанду қатори мо бетоқатанд, дилтангона пой мекӯбанд.

Оқибат, аз ҳамсафарони мо, як нафар марди миёнсоли лоғар, ки дар даст портфели фарсудае дошт, бетоқатона шӯрид:

– Ҳой, бародарон, ин чӣ гап?! – вай ба пештахта наздик рафта, баробар – ҳам ба рӯйи фурӯшандаҳо ва ҳам ба чашми харидорони имтиёзманд нигариста, хитоб дошт: – Шумо паси ҳам омада бигиреду мо – ин қадар одам даҳонамонро кушода биистем?.. Охир, набошад, як нафар аз навбатдорон бигирад, як нафар аз шумоён…

– Ҳой, муаллим… даҳаната пӯш! – аз байни имтиёзмандоне, ки дар пеш ғун омада буданд, як тан марди ғӯлаи чашмкалон сафедии чашмонашро намуда, бо ваҷоҳати тунд шӯриду бо ангуштони бодиринг барин ғафсу кӯтоҳаш ба девор ишора намуд. – Ана, ин қонуни Ҳукумат, бихон!.. Чашм дорӣ?! – марди солдида бетакаллуф ба марди ба тахмин 60–65-сола “ту-ту” гӯён хитоб дошт.

– Агар чашмат нагузарад, айнакатро бигиру ба чашмат мон… – гуфт дигаре ба тақвияти суханони ҷанговари аввалӣ. Баъд имтиёзмандони дигар ҳам муттафиқона ба он мард ҳамла оварданд.

– Вақте ки ман дар ҷанг хун мерехтам, ту пуштата ба сандалии гарм зада, мехобидӣ! – Як тан марди навчаи гардандароз ин суханонро гуфта, ваҳ-ваҳкунон хандид, вале таъсири суханашро ба атрофиён равшан эҳсос накард магар, баъд тааҷҷубомез, балки норозиёна ба рӯйи атрофиёни худ нигарист. Нигоҳи ӯ гуфтанӣ буд:

“Шумо – кулӯхҳои карахт, агар ба маънии лутфи борик пай набаред, гуноҳи ман чист?!”

– Ман?.. Ман дар сандалии гарм хоб мекардам?.. Эҳ, ба шумо чӣ гӯям… – марди портфелдор озурдахотир даст афшонд, сонӣ аз баҳри ду кило гӯшт гузашт магар, аз дари магазин берун шуд.

Вай ончунон дарднок ва озурдахотир сухан кард, ки “ман?” гуфтани ӯ хеле муддат дар гӯши ман ҷарангос зада, гӯё дам ба дам акси садо медоду ҳамвора беқарорам мекард. Ман чунон қиёс гирифтам, ки дар таҳи ин саволи вай аз азоби ҷанг, аз фоҷиаи марг ҳам даҳшатангез саргузаште ниҳон аст…

Ва ногаҳон барқ барин ба лавҳи хотирам зад, ки ду нафар муаллимони ҷавон солҳои ҷанг дар деҳаи мо чӣ гуна аз гуруснагӣ мегиристанду зориҳо доштанд, ки онҳоро зудтар ба ҷанг фиристанд.

…Ману модарам ба умеди модаговамон монда будем. Модарам ҳар шаб дари оғилро қуфл мекарданд. Ҳазл не, он солҳо дар деҳаи мо ҳамагӣ чор модагов монда буд. Ба ғайр аз ин, мебояд ба эътибор гирифт, ки он солҳо як модагови дӯшо барои хонавода аз ду марди коргар бештар манфиатбахш будаст. Мегуфтанд, ки зане хабари ҳалоки шавҳарашро, чандон насӯхтааст, чунон ки аз мурдани модаговаш.

Хонаи мо дар қафои ҳавлии мактаб воқеъ афтода буд. Пеш аз ҷанг падарам дар ин мактаб мудир буданд. Ман тафсилоти солҳои аввали ҷангро ёд надорам, зеро дар он айём хурдсол будам. Албатта, саргузаштҳои аламноки доири он солҳоро шунидаам, вале чунон ки мегӯянд, шунидан кай бувад монанди дидан?

Имрӯз ба қиёс тахмин мезанам, ки баҳори соли чилу чорум будаст. Дар деҳаи мо ғалла ёфтан аз ҳар мушкиле мушкилтар буд. Ҳар субҳу шом ба таҳи дарвозаи мо ду нафар муаллими ҷавон меомаданду модарам як косагӣ

шир медоданд, онҳо беҳол, харсангҳои таҳи деворро курсӣ карда менишастанду косаи ширро ошомида, баргашта мерафтанд. Аксар ҳангом медидам, ки онҳо бо модарам сухан мекарданду ҳунг-ҳунг мегиристанд.

Сонитар, баъди ақламро шинохтан, боре аз модар пурсидам, ки он ҷавонон чаро ин қадар мегиристанд?

– Аз азоби гушнагӣ мегиристанд, бачаам, – гуфтанд он кас худ ба худ сар ҷунбонда, машғули риштаю сӯзан ва дарбеҳи либосе. – Онҳоро аз шаҳр ба ҷойи муаллимони ба ҷанг рафтагӣ фиристода буданд. “Моҳонаамонро оварда диҳанд, пулатонро мегиред, ба мо ҳар пагоҳӣ як косагӣ шир диҳед, холаҷон”, гуфтанду рад карда натавонистам. Як моҳ гузашт, дараки моҳона не, ду моҳ гузашт, нест, ки нест. Баъд ба Шӯро (он замонҳо идораи ҷамоаро дар деҳаи мо “Идораи шӯро” мегуфтанд) супориш кардаанд, ки хӯроки онҳоро таъмин кунанд, аммо анборҳо холӣ, муш бозӣ карда мегашт, ғалларо аз куҷо гиранд? Колхоз то охирин пиёзашро ба давлат медод. Ду наврасаки шӯр гушна, пагоҳӣ як косагӣ шир медиҳам, бегоҳӣ – як косагӣ. Зор-зор гириста, тавалло мекунанд, ки онҳоро ба ҷанг фиристонанд, аммо намефиристоданд. Хайрият, оқибат чӣ кардаанду чӣ монданду аризаашон инобат гаштааст, як рӯз шодон омаданду гуфтанд, ки пагоҳ ба ҷанг мераванд. Хурсанд шудам, ки бечораҳо аз азоб халос мешаванд. “Агар зиндаю саломат баргардем, мебиёем, некии шуморо агар фаромӯш кунем, кӯр мешавем”, гуфта рафта буданд. Ман гуфтам, ки саломат боз оед, бас аст, ба ҳар чӣ додам, як не, сад бор розиам… Аз афти кор, бечораҳо дар ҷанг шаҳид шуданд-дия, ҳеч дарак нашуд, – гуфтанд модарам дардолуд оҳ кашида.

…Аз дили ман мегузашт, ки аҷаб не, ин шахси портфелдор, ки навбаташро партофту рафт, якеи ҳамон ду тан муаллимони уқубаткашида бошад, балки боз ӯро аз ҷанг гардондагистанду вай ба ягон ҷойи монанди шаҳрҳо

каму беш нондор афтода аз гушнагӣ ҷон ба саломат бурдагист. Имрӯз аксар бовар намекунанд, ки бист сотих замини рӯйидарича иборат аз ҳафт-ҳашт ҷон оиларо як соли расо чӣ гуна меҳӯрондааст!.. Дигар як пул даромад надоштанд, хоҳӣ як кас дар колхоз кор кунад, хоҳӣ се-чор кас!..

Уқубате, ки зимистони ҳамон сол ба сари хонадони мо омад, маро дар ёд аст. Азбаски то ба ҷанг рафтан додои ман дар шаҳр кор мекардаст, мо замини рӯйидарича надоштем. Фақат як гову гӯсола доштем. Аввали зимистон гӯсолаи модговамонро ба колхоз супорида, дар ивази он аз анбор андаке сабзию шалғам ва ғӯлинг гирифтем. Модарам гуфт, ки аз ҷаву гандум ному нишон нест… Ҳамон сол зимистон шадид омад, ман азбаски либоси дуруст ва пойпӯш надоштам, қариб ҳеч берун намебаромадам. Бачаҳои дигар ҳам дар берун наменамуданд. Он зимистон мо ҳезум надоштем, аммо модарам зуд ҳисоби онро ёфт. Дар як канори ҳавлӣ зинхонае доштем, ки аз айвони дарози як тарафаш кушода иборат буд. Пеш аз ҷанг мардум харакию аспакӣ равуо доштаанд ва агар аз дуру наздик меҳмонҳо оянд, аспу харашонро дар он зинхона қатор баста, дар охурҳо хасбеда меандохтаанд.

Ману модарам як рӯзи сармоӣ, ки хаёлам нурҳои офтоби бачакушак алмос барин бадани касро мебурид, танамонро бо кӯҳнакола печондем. Модарам таҳи як ҷуволи кӯҳнаи пашминро аз миёнҷо ва ду канораш бурида ба ман дод – пӯшидам, чакмани беостин шуд, миёнамро бо як пора арғамчин бастам, ба пой ва соқам ҳам латта печондам. Сипас, ҳар ду як гӯшаи боми зинхонаро кушода, хокашро поён андохтему се-чор болор ва ходаҳои онро гирифтем ва ба хона дароварда, аз нӯгаш пеш-пеш шикаста, сӯхтан гирифтем.

Мол ҳам, одам ҳам айёми қаҳтию гуруснагӣ тоқати сармо надоштаст. Он ҳама барфбозии бачаҳо бар асари

серӣ будаст, намедонистаем. Ҳамон зимистон чӣ қадар одамонро гуруснагию сармо аз пой афтонд, намедонистам, зеро мардум кам аз хона мебаромаданд, аз ҳоли якдигар ҳам камтар огоҳӣ доштанд.

Модарам ҷувол – чакмани маро аз болои камзӯлаш пӯшида, пагоҳӣ аз хона берун мерафту қариби бегоҳӣ як ҷувол хошоку реша гирифта меомад. Дар ёбонҳо ва боғу киштзорон хас ҳам намонда буд, аммо модарам хошокро аз даруни чордевори иморатҳои бекасмонда, пору перор фурӯ афтодагӣ мегирифтаст. Азбаски ба он харобаҳо мол надаромадаст, алафи хушкида муддате ба дарди мо марҳам шуд. Модарам он хошокро майда кӯфта, оби гарм пошида дар бухори гарм нигоҳ медошту намак пошида, ба модгов медод. ба ғайр аз ин, таш[1] катӣ лаби ҷӯю марзаҳои заранг барин яхбастаро кофта, решаи юнучқа, шатра ва қоқу меовард, ки онро худамон мехӯрдем.

Шалғам ба дилам зада буд, дигар ба сӯяш нигариста наметавонистам, аммо модарам мегуфт, ки шукр кун, ин ҳам адо шавад, чӣ мекунем, намедонам. Мо рӯз мешумурдему баҳорро интизорӣ мекашидем, сабза рӯяд, сонӣ намемурдем, мегуфтем, аммо ин гумон ғалат будаст.

Сонитар мардуми деҳа ба кӯҳсор рафта, ба кофта овардани решаи татрону мисковак ном алаф шурӯъ карданд ва модари ман ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуд. Ёдам меояд, шоху барги он гиёҳҳо андаке ба шоху барги бурсу арча шабеҳ буда, вале нарм, решааш равғандор буд. Одам онро ба азоб мехӯрд, аммо мол кафки даҳонашро шоронда, ба иштиҳо мехоид.

Барфи ғафсу замини яхи кӯҳро кофта, решаи татрону мисковакро кандан кори ҳар кас набуд, фақат мардону ҷавонон ва баъзе занҳои ночор монда ба ин кор даст мезаданд. Баъди он ки ду тан наврасон дар кӯҳ дар

[1] зоғнӯл

бӯрон монда, пуштвораи мисковак дар пушт ҳалок шуданд, модарам фақат рӯзҳои офтобии зимистон азми кӯҳсор мекард. Равуо ба кӯҳ ҳамагӣ ду-се соата роҳ бошад ҳам, аз бемадорӣ бечора модарам онро дар як рӯз мегузашт.

Модарам мегуфт, ки агар говамон аз гуруснагӣ бача напартояд, баъди якуним моҳ, охири ҳут ё аввали ҳамал мезояду бо ширу равғани худ моро аз чанголи гуруснагӣ халос мекунад. Ман аз хусуси он ки модговамон гӯсолаи нарина мезояд ё модина, чӣ гуна фаллаи онро маза карда хӯрданамон, ширу сарширি он, равғани маскааш – ҳар рӯз чандин маротиба модарамро пурсида безор мекардам. Ҳар бор модарам ба гов хӯрок доданӣ равад, ба эътирозаш эътибор накарда, аз пасаш ба сӯйи оғил медавидам.

– Ку, як бор дурусттар бубин, балки пистон фуровардагист? – зорӣ мекардам ӯро. – Агар наздик расад, ба дорахош шир меояд гуфтӣ-ку!

Модарам пистони говро даст зада медиду маъюс сар мечунбонд.

– Ҳолӣ дур… – Ва оҳе мекашид, ки дили мани шашсола ларзон мегашт. Баъд худро ба даст мегирифту барои таскини ман мегуфт: – Баъзан аз гуруснагӣ пистон нафуроварда мезояд.

Ёдам меояд, ки аввалҳо ман агар гурусна монам, ба модарам “нон те, нон ёфта те” гӯён херхаша доштам, агар ягон пора зағораи пинҳон кардагиаш набошад, соатҳои дароз “ҳунг-ҳунг” гиря мекардам. Баъд калонтар шудаму ақлам даромада будаст магар, “нон ёфта те” гӯён гиря намекардам. Дурусти гап ин, ки ман он зимистон рӯйи нонро надида, таъмашро начашида, ҳаваси онро фаромӯш карду будам. Пӯсти гӯсфанду гӯсолаи парерсолинаро ҳам тар карда, хӯрдем…

Рӯзе ман беҳол, дар кунҷи сандалӣ хобида “чӣ хӯрам?”

мегуфтам, модарам дар ҷавоб ғӯра-ғӯра ашк мерехту хомӯш мегирист. Баъд вай сару танашро пӯшиду рафт. Ӯ деҳаро дар ба дар гаштаст, аз онҳое, ки будамандтаранд, ягон ним пиёла равған ё як пиёла орди ҷав ё арзан қарз пурсидаст, аммо пайдо накардаст. Баъд раҳораҳ аз даруни чордеворҳо алафи наврезро чида омаду онро кӯфта, бо як мушт орди таҳи сурфа омехта, дар дег таф дод ва ҳар ду хӯрдем.

Як пагоҳии пурбарф модарам аз хона модговро хабаргирӣ баромаду баъди лаҳзае хурсанд аз дар даромад. Дар дасташ як зоғча патаррос мезад.

Дар пешгоҳи оғили мо хоначае буд, ки онро каҳхона мегуфтем. Дари он ба оғил кушода мешуд, ба берун як равзани хурде дошту бас. Дар сармои зимистон ду зоғча ба умеди дона аз он равзан ба каҳхонаи торик даромадаст. Азбаски модарам ба оғил даромада дари онро аз паси худ напӯшида будаст, якеи зоғчаҳоро доштасту дигараш парида бадар рафтаст.

Сараввал азми ман ин буд, ки зоғчаро ром мекунам, ба ин ният болҳояшро бурида кӯтоҳ кардам. Модарам ҳам ба ин нияти ман розӣ буд. Аммо рӯзи дигар гуруснагӣ маро маҷбур кард ё иштиёқи гӯштхӯрӣ, ба модарам гуфтам, ки онро кушта мехӯрем. Модарам як бор ба рӯйи ман нигаристу хомӯш андешида монд. Баъди лаҳзае ӯ гуфт:

– Надонам, зоғча ҳалол бошад ё ҳаром… Беҳуда куштани ҷонвар гуноҳ аст. Ман як бор аз муллоамакат пурсам.

– Тезтар рафта пурс, – беқарорӣ кардам ман.

Яке аз амакҳои падарам муллоимоми деҳа буданд, ки ҳавлиашон аз хавлии мо дар масофаи як санги фалахмон поёнтар, дар канори сой буд. Пор ман ба касалии сахт печида қариб ду моҳ бистарӣ будам, модарам он касро хабар карду омада, дар сари болини ман чорзону

зада нишастанд ва чашмонашон нимпӯш тасбеҳашонро шиқ-шиқ гардонда, қариб ним соат тиловат карданду “иншоаллоҳ, дуруст шуда меравӣ” гӯён бархостанд. Модарам ба он кас як шиша равғани маскаи доғкардагӣ дод. Мо барои зимистон се шиша равған доштем. Даҳанашро руст карда, ба гардани шишаҳо банд баста, дар мехи баланди девор овехта монда будем. Аз банди шиша гирифта рафтани он кас ҳанӯз дар пеши назарам.

Минбаъд ҳамин ки барф ғафстар бориду заминро сахт пӯшонд, ман ба каҳхона даромадани зоғчаю гунҷишконро интизор, баъзан дар ягон кунҷаки оғил наҷунбида, менишастам ва ё дар хона нишинам ҳам, ҳар замон каҳхонаро хабар мегирифтам.

Сармо мехурӯшид, барф меборид, аммо барфи ғафсе, ки замину замонро ду-се рӯзе яксон пӯшаду мурғакон дона ёфта натавонанд, намеборид. Тарафи офтобрӯяи талу теппаҳо ва ҷӯю пуштаҳо зуд аз барф холӣ мешуданд. Модарам мегуфт, ки Худо ҳисоби корашро дуруст медонад, ба ҳамин усул мурғаконро аз ҳалокат наҷот мебахшад. Ӯ мегуфт, ки Худо ба замину замон, гиёҳу дарахт, ҳайвони ваҳшию хонагӣ, паррандаю чарранда иноят мекунад, марҳаматашро дареғ намедорад, фақат бандагонашро фаромӯш кардагӣ барин ё онҳо гуноҳе содир карда, қаҳри ӯро овардаанду аз назараш батамом афтодаанд…

Баробари наздик расидани баҳор ҳоли мардум бадтар мешуд – алафи сабзи дар паноҳгоҳҳо рӯйидаро хӯрда, аз чӣ бошад, ки бисёр касон аз по меафтоданд.

Дар ҳамин айём аз шаҳр момоям, яъне модари модарам омаданд. Он кас аз модарам дида зеботар метофтанд. Баландқомат, сафедрӯй, шаҳлочашм, рӯяшон пуртароват. Пиразан ду кило барин орди ҷавро аз таҳи курта ба миёнашон баста (он солҳо дар роҳ барои ду-се кило ҷав ё арзан раҳзанон одамонро кушта буданд), гоҳ

савори мошин, гоҳ аробасавор ва баъзан пиёда, асозанон омадаанд. Аз рӯйи гуфташон момоям мактуби модарамро гирифта, бетоқат шудаанд.

– Хати қадимаамон катӣ ҳама гуфтаниҳоямро навишта фиристонам, ту онро хонда наметавонӣ. Одами хат мехондагию менавиштагӣ ҳам кам монд. Аз ҷанг ҷавонҳои бечора хат менависанд, падару модарҳо ба чойхонаи гузар баромада, пойида мешинанд, ки кай ягонта лотинихон ё урусихон пайдо мешавад. Бачаҳои мактабхон ҳарфро ба ҳарф ҷанг андохтан, катӣ хонда маънӣ бароварда наметавонанд. Мо баринҳо фақат ба ҳарфи арабӣ мехонанду менависанд… Хату қалами халқ ҳам дӯлоб шуда рафт…

Аслан, момоям ҳамчун намояндаи табақаи болои шаҳр ба ҷавони деҳотӣ шавҳар кардани модарамро намехостаанд, аммо падарам баъди таҳсили илм дар шаҳр кор карда, ба ҷӣ вазифае расидаанду бо модарам ҳамдил гашта будаанд.

Деҳа ба момоям ҳеҷ маъқул нашуд. Бегоҳирӯзӣ аз хона берун баромада, ба чор сӯ ғамангез ва дилгир нигариста гуфтанд:

– Ҳамин ҷойҳоро ҳам ҷой гуфта одамон зиндагӣ мекунанд-е!.. Хайр, ин одамон беилоҷанд, Худо ба инҳо сангистонро муносиб донистаст, – мегуфтанд он кас занҳои дар сар деги мис аз чашма обкашонро ишора карда, – аммо ба ту ҷӣ азоб буд?! Ношукриат гузашта будаст, духтарам… – Аз сӯзи дил фиғони момоям мебаромад.

Модарам алафи аз чордеворҳо чидагиашро андаке орд пошида таф доду аз он сето нони дегӣ пухт. Ба ғайр аз ин, момоям ду дона зағораи арзанӣ ҳам оварда буданд. Аз он модарам ба ман як лахт шикаста дод, чунон болаззат буд, ки то ба имрӯз таъми онро фаромӯш карда наметавонам.

Шаб хоби ман бурд, аммо момояму модарам гап ме-

заданду гап мезаданд, суханашон ҳеч тамом намешуд. Эзоҳи қариб тамоми воқеоти айёми охир ба сари хешу таборонамон омадаро, баъзеро бори аввал, баъзеро такроран он шаб ман аз забони онҳо шунидам. Аксари он гуфтаҳоро ман кайҳо фаромӯш кардам, аммо як тика гуфтугӯе, ки аз бобати пулу ашё буд, аз чӣ бошад, ки ҳеч аз ёдам намеравад.

– Аҳволи мо ҳам вазнин. Ба ҳар ҳол, ду писараш дар ҷанг гӯён картушка катӣ нон медиҳанду ҳамон катӣ рӯзамон як бало карда мегузарад, – гуфтанд момоям дар омади сухан.

– Аз чизу чораи ба пул мерафтагиат чиҳо монд? – оҳиста, дар омади сухан пурсид модарам. – Як чиз-ним чиз будагист-а?

Ҷавоби момоям, агар саҳв накунам, тақрибан ба ин минвол буд:

– Хокам мондагеш не!.. Худат хабардор будӣ, баъди сари падарат аз ҳар кунҷу камар меросхӯру даъвогар сар бароварда, ҳубдур[1] мана сил карданд-ку!.. Баъди як-ду соли сари он кас чӣ миқдор аз пайи мо афтоданд, чӣ қадар кофтанд, чӣ қадар пойиданд, э-э-э… – даст афшонданд момоям. – Палонҷҳо “ин зани хурдӣ, ҳар чизе, ки буд, дар дасти ҳамин аст”, гӯён ба ҳар бало маро пешрав карда, худашон молу манолашонро як мӯй намонда, руст карданд. Асбоби хонаро акаат ба шаробхӯрию хулусбозӣ дода шуда, саранҷом кард…

Аз ин хусус момоям он чунон суханро майдабофӣ карда, тӯл доданд, ки охири гуфтугузорро шунида натавонистам – хобам бурдаст.

Рӯзи дигар момоям ба ҳазор навъ далелу санад ба ташвиқи модарам шурӯъ карданд, то ӯ модговро фурӯшаду маро гирифта ба шаҳр кӯчида равад.

[1] басо

– Кӯчидан осон аст магар, оча?! – мегуфт модарам бо дард оҳ кашида. – Дегу табақ дорам, гилему палос дорам, кӯрпаю болишт… Охир, ин чизу чора худаш ғелида то шаҳр намеравад.

– Як бало карда то ба Ҷӯш расед, бас. Аз Ҷӯш то шаҳр мошин мешавад. Ҳар рӯз наравад ҳам, дар ду-се рӯз мерафтаст. Дар Ҷӯш ҳавлии ана, вай, падархондат – Усто Рӯзибой дар сари роҳ аст. Аз деҳаатон ҳар ҳафта ба бозори Ҷӯш мардум мераванд. Як чиз-ним чизи заруратро бо онҳо дода, фиристону модговатро ятак гирифта, писарат кати ба Ҷӯш рав. Дар бозори Ҷӯш модговатро фурӯшу ба мошин савор шавед. Як мошини сафеди амрикоӣ омада мерафтаст…

Момоям се рӯз дар хонаи мо истоданду саҳарӣ рӯзи бозор пиёда ба роҳ афтоданд. Модарам он касро то дашти Баҳорикор – қариб ду-се километр бурда, ба як мӯйсафеди харакӣ ҳамроҳ карда омад.

Баъди рафтани момоям модарам ба ҷунбуҷӯл афтод. Дегу карсону гуппӣ, табару теша, досу таш барин асбобҳои ба шаҳр намебурдагиро пешопеш ба сандуқҳои холӣ андохта қулф зад. Сонитар як бӯғча кӯрпаю болиш ва дар як ҷомадон косаю табақ, дегча ва дигар муҳимmоти хоса зарурии зиндагиро бо раҳгузарони савора ба Ҷӯш, ба хонаи Усто Рӯзибой фиристод.

Оқибат як саҳарӣ мо дару дарчаҳои хонаамонро қулф задему калидашро ба дасти амакам (ҳавлиашон девор дар миён буд) супорида, ба роҳ афтодем. Модарам пешопеш модговро ятак гирифта, ман аз қафо чӯби говронӣ ба даст равона гаштему ҳамсояҳо ба гусели мо аз хонаҳояшон баромада, як-ду сухани тасаллибахши амонбош мегуфтанд.

Аз рӯйи вазъи табиат, ҳоло тахмин мегирам, ки охирҳои моҳи феврал ё аввалҳои моҳи март мо деҳаро тарк кардаем. Замин монанди пӯсти гови ало – ҷое барфи

сафеду ҷое замини сиёҳ, ҳаво сард, дар паноҳгоҳҳои офтобрӯя сабза неш зада буд. Дар деҳа аз миёни вайронаҳо мардум бемалол барои хӯрдан ҷағҷағу қоқую шилха ва дигар хел алафҳоро мечиданд. Ҳар нафас аён буд, ки дар ким-куҷои ин дунёи васеъ ҷанг давом дорад.

Он солҳои беамон маро накушт, ба қавли модарам, шаҳр моро аз марг наҷот дод, набошад, ба ҷавзо нарасида, ман нобуд мешудаам. Инро бинед, ки замин ҳам, мол ҳам дар деҳа бошаду аз дасти гуруснагӣ ба шаҳр гурехта наҷот ҷӯй!... Баъд мегӯянд, ки замин – модар аст, пӯла-пӯла… Модар бошад ҳам, замине, ки халқ онро ҳаққи киштукор кардан надошт, модарандар барин буд – бепарво, бешафқат…

Ба ақидаи ман, аслан, мо аз дасти бераҳми гушнагӣ пурра ҷон ба саломат набурдем. Қаҳтӣ хеле умри моро кост, маъюбу дардманд кард, аммо барои ин мо ҳуҷҷат надорем... Агар ин тавр намебуд, модари ранҷбари ман ба рӯзҳои серӣ расида-норасида, ин қадар барвақт аз дунё намерафт. Захми ҷанг… захми замондорони бешафқат – дар тану ҷони ҳамаи мо ҳаст.

*Соли 1986.*

# ТОВУСИ МАСТ

Ҳамроҳонаш ӯро партофта рафтанд.

Вай аввал бо ситеза бар қасди онҳо аз рафтан сар тофт, гумонаш – бе вай намераванд. Аммо ҳамроҳонаш рафтанд.

– Дар куҷо, кадом номард ҳамроҳи духтар омада, сонӣ ӯро партофта рафтааст?! – Ҳоло Гулшан ин суханонро аз зиҳи дандон бароварда, бо алам пичиррос мезад. – Нокас!.. Беинсоф!.. Сволочь. – Абрувони тобдораш чин зада, лабони борики гулобиаш ба ҳам фишурда гаштанд. Аз ғазаб чашмони шаҳлои ӯ кашида гашта, дандонҳои ба ҳам фишурдааш ғиҷиррос мезаданд.

– Ҳаромхӯрони бевиҷдон, сабр кунед!.. Я покажу вам где раки зимуют!..

Онҳо имрӯз дар ин ҷо, дар сояи ин як тӯбча бед нишаста, кабобу шароб хӯрданд, рақсиданду суруданд, дар оби Варзоб оббозӣ карда, дар регзори соҳил ёзида, тани худро офтоб доданд. Дар охир, пеш аз ғуруб гапашон гурехт. Салим аз худ рафт, беҳаёию нописандӣ сар кард. Гумонаш вай ҳам Оиша барин бошад. Гулшан аз ин чунин беҳурматӣ ва худписандии Салим озурда гашту бо ситеза либосашро пӯшида ба роҳ баромад. Салим узр гуфт, сари роҳашро дошт, аммо вай аз қасдаш нагашт. Дар сари роҳи калон талош мекарданд, ки як “Жигули” даргузар бо ишораи Гулшан қарор гирифт. Аммо вай дар мошин дугонаи мактабиаш Хуморро дид ва ба ночор ба рӯйи Салим хандид ва ба сӯйи мошини қароргирифта ишора кард, ки аз роҳаш намонад, ки ӯ шӯхӣ мекунад. Агар Хумор вазъи ӯро пай бурда бошад, “Масту аласт дар сари роҳ бо ҷавонон кашокаш мекард…” гӯён ин шабу рӯз дар ба дар гашта овоза мекардагист, – гуфт Гулшан ботинан алам кашида.

Салим бо навозиш ба мӯйи вай даст бурд, мастона ҷӣ

суханони ошиқона гуфт, аммо Гулшан дилгирона ӯро тела дод, аммо Салими хирасар боз ба вай дарафтод. Гулшан пай бурда буд, ки Салим ҳам ӯро сидқан дӯстдор нест, ба вай хонадор шудан ҳам намехоҳад. Инро андешида Гулшани сармаст ба рӯйи ҷавон як торсакӣ заданашро ҳам, дар ҷавоб бетаваққуф як лагад задани Салимро ҳам нафаҳмида монд. Сипас, аз алам боз шароб рехта хӯрду пиёларо ба санг зад… Ӯ вақте ба худ омад, ки боз бо Салим кашокаш дошт: ҷавон меравем гӯён ӯро кашола мекард, вале Гулшан саркашӣ менамуд, Ойишаю Одина ҳам ӯро ба роҳ ҳидоят доштанд.

Баъд онҳо рафтанду ӯ танҳо монд.

– Гум шавед… дайдуҳои сакалту!.. К черту вас… – Гулшан дар ғазаб аз паси онҳо туф кард ва як-ду дашноми қабеҳи мардонаро ба забон гирифт.

Баъд вай дар танҳоӣ барои қадру эътибори аздастдодааш хомӯш гирист. Аз гиря вақте сар бардошт, ки шаб торик гашта буд. Гулшан миёни ду харсанги соҳил нишаста, ҳиққос зада, ашк мерехт. Дар атроф на чароғе, на садое. Фақат аз шоҳроҳ аҳён-аҳён садои мошин ба гӯш мерасиду шӯълаи чароғҳои он лаҳзае шаху зовҳоро палмосида мегузашт. Баъд вай ба роҳ баромад, аммо мошини дилхоҳеро дучор накарду боз ба қафо баргашт. Ба тарафи деҳа ҳам нарафт: мардуми деҳа ба духтари танҳо чӣ хел менигаранд, ӯ хуб медонад. Агар фаразан, ба хорӣ нанигаранд ҳам, Гулшан аз тарси сагони деҳа ба он сӯ қадам зада наметавонист.

Вай, ки ҳамагӣ чор-панҷ сол муқаддам аз ин худро хушбахттарин духтари дунё меҳисобид, ҳоло қариб ба аксари дугонаҳояш ҳасад мебурду аз бахти онҳо ба дил аламҳо дошт, дарун-дарун месӯхт. Махсусан, баъди он ки ҳамаи дугонаҳояш ягон-ягон шавҳар карданду соҳиби рӯзгору хонаву ҷо гаштанд, Гулшан беқарор гашт.

То ин ки торикию танҳоӣ ба дилаш ваҳм наафканад

ҳоло Гулшан зӯру ба зӯр дафтари саргузашти худро варақ мезаду варақ мезад. Вай рӯзҳои аз хато, аз хушиҳои лаҳзаинаи фиребо аламангези худро пеши назар оварда, ҳоло дарғазаб аз худ савол мекард: "Черт побери, чаро ман бадбахтам? А? Почему? Гуноҳам чист? Ну, ман аз кӣ кам?.."

Баъди мулоҳиза ва муҳокамаҳои зиёд вай иқрор кард, ки ба суханони падару модар беэътиноӣ намуд. Сонӣ ӯ донистан хост, ки хатояш кай, аз куҷо ибтидо ёфт. Вай дар пайи ин матлаб хеле воқеаҳоро пеши назар овард, дигарбора санҷида хулосаҳо бардошт, вале ҳеч намедонист, ки бетолеию бебарории мунтазам меваи як бех ниҳоли хато нест, балки самараи силсилаи саҳву хатоҳо ва беэътиноиҳо ба афкору ақоид ва расму тамоили умум аст.

Гулшан ҳанӯз ёд дошт, ки дар овони наврасӣ ва айёми ноболиғиаш агар хешу табор ғун меомаданд, мудом аз барои вай талош мекарданд: аммааш мегуфт, ки сафедии рӯйи Гулшан нусхаи рӯйи очааш аст, ӯро агар ба писараш арӯс накунад, армонаш нахоҳад шикаст; амакаш мушт бар сина мезаду ҳазориспанди ба оташ афтодагӣ барин аз ҷояш мепарид: "Канӣ, кӣ ҳақ дорад ба Гулшан даҳан занад?! Вай ба писари ман гаҳворабаст аст." Амма даъвои бародарашро ботил кардан мехосту мегуфт: "Ҳой, ақлатро хӯрдӣ, магар, писарат Гулшан кати ҳамсол аст, ба вай аз худаш чор-панҷ сол хурдро арӯс кун!" Аммо амак дасташро шоф карда, ба тундӣ даҳони ҳамаи умедворонро мебаст. Аммааш ӯро доим "товуси боғам" мегуфт, сонитар дигарон ҳам Товус, Товуси боғӣ мегуфтандаш.

Соле, ки Гулшан дар синфи ҳаштум таҳсил дошт, ӯро духтари зеботарини мактаб мегуфтанд. Эҳ, чӣ миқдор ҷавонакҳо аз қафояш кашола мегаштанд! Аз боиси вай аксаран дискотекаю шабнишиниҳо бо ҷангу ҷӯши

ҷавонон вайрон мешуд… “Ана, акнун, омада-омада ҳамон Гулшан, ҳамон Товуси шаҳрошӯб ба Салими лабкашол зор мондаст! Тфу!.. – мегуфту бехуд зери пояш санг аст ё чӯб лагад мезад вай. – Кӯр шав, гашта наомад номард! Э-э, аслан худам хато кардам. Аввал… Аввалаш аз чӣ сар шуд, дар хотир надорам… Ҳаминашро ёд дорам, ки дар синфи нӯҳум мехондам. Рустам кати мулоқот мекардам… Не, аз вай пеш Далер, сонӣ Қудрат кати ба Пистазори Боғи Ғалаба рафта будам, сонӣ Ҷовиди масчоҳӣ катӣ ба соҳилҳои Кофарниҳон… Хайр, инҳо ҳеч гап не, сонӣ ана, вай артист вохӯрду… ба киностудия бурд, туро ба кино мегирам гӯён сарамро гаранг карда гашт. Ҷавонмарди хушрӯй буд. Ҳамроҳ ба як колхози дур рафта, деҳқонон кати мулоқот карда будем. Бевиҷдон маро фиреб дода мегаштаст – занаш будаст. Занаш ҷиннинусха будаст, сволочь беҳуда маро шарманда кард: ба хона рафт, ба мактаб рафт. Омада, ба нағзӣ ба худам гӯяд – олам гулистон буд… Сонӣ… Сонӣ Артури дурага…

Ин ном дили Гулшанро ба монанди сихи тафсон сӯзонда гузашт. Вай оҳиста оҳи пурдарде кашиду дилтангона сарашро ба қафо андохт, мӯйи ғулии сиёҳашро, ки ба рӯйи китфонаш ҳамоил буд, бо ангуштонаш шона зад. Артур писари директори заводи шаробкашӣ – Абдуллозода, ҳамгузар, аз дӯстони бачагии ӯ буд. Ҷавони хушқадду баст, хушандом, хушлибос, хушҳол, хушмаишат, хулосаи калом, ҳамаи хушиҳои зиндагиро доро буд, яъне ҷавони дилхоҳи Гулшан. “Саги дайду, ду сол сари маро беҳуда гаранг карда гашт, илоҳо, мошинат кати чапаю роста шавию рӯзи равшан набинӣ, ман ҳам шунида, шодӣ кунам”, – гуфт вай ба дил ҳоло ӯро ба ёд оварда. Агарчи хотираҳои вобаста ба Артурро ба ёд овардан барояш аламовар буд ва ҳар боре ӯро сахт асабонӣ месохт, Гулшан ҳоло илоҷи аз он хотирот канораҷӯӣ надошт. Вай сафару сайёҳатҳои худро ҳамроҳи

Артур ба Искандаркӯлу дараи Ромит, ба Сойи палангон ва Қаротоғ ёд меовард, дар хонаи ҷавон ғун гашта, чӣ гуна то саҳар базм, рақсу таронахонӣ мекарданд, гаштаю баргашта дар пеши назар зинда менамуд. "Мурдор", вай кати гаштанамро дар маҳалла ҳама медонистанд. Сад бор қасам мехӯрд, ки ба занӣ мегирад.

Овора карда гашт-гашту сонӣ ба хизмати ҳарбӣ рафт, аз хизмат баргашту пичингу кинояи, баҳонаҳои намешударо баровард. Ну, конечно, мақсадаш аз ман халосӣ будаст. Сонӣ, рафту аз зоти модараш як духтари барзангиро овард. Черт, агар мошин медоштам, фурсат пойида, мезадаму ҳар дуяшро ҳам пачақ мекардам… Баъди Артур писари аммаам ҳам рӯй гардонд аз ман. Хок кашад! Гарданкӯтоҳу каллапачақ, бинӣ носкадуи бобом барин, боз нози он кас осмонро сӯз медиҳад! Сол – дувоздаҳ моҳ дар танаш як костюм, он ҳам як лабаш – овезон, як бараш – гурезон, масхарабози сирк барин! Худо гирадата! "Ҳафтоду ду миллат кати гашта баромаду акнун ӯро ман зан мекунам?!" гуфтаст. Хеш нашуда мур, ту феодал!..

Хиширроси бута ба гӯшаш расиду Гулшан ваҳмида ба поён нигарист ва дар масофаи бист қадам дуртар, дар лаби наҳр суроби ҷонвареро бидиду аз тарс дар ҷойи нишастагиаш шах шуд. Дар як лаҳза вуҷудаш, чунон ки мегӯянд, хоб буд, ба якборагӣ бедор шуд, маст буд, ҳушёр шуд. Он ҷонвар ҳам наҷунбида ба вай менигарист. Дурахши чашмони он ду лахча оташ барин дар шаби торик тобу тавони Гулшанро бибурд. Дасту поҳояш беҳол, забонаш карахт, гулӯяш ҳам бастагӣ буд. Аз дилаш гузашт: "Мабодо аҷина бошад-а… Аҷина нест гуфтан кати нест мешавад магар? Ё асабҳои ман тоб наоварданд…" Гулшан дар ин андеша андаке худро ба даст гирифту бо азобе овоз баровард:

– Ҳо-ой!..

Саги дайду будаст. Оҳиста ғурриду ба роҳаш рафт. Аммо вуҷуди Гулшан, гӯё табларза гирифта бошад, бетаваққуф меларзид. Вай акнун ба ҳар як сангу буттаи атроф бо ваҳм менигарист, ба садоҳои атрофаш бо диққати тамом гӯш медоду дилашро ба ҳарос меандохт.

“Ҳолӣ ҳам сари вақт аст, боз як бор ба раҳ бароямчӣ?” – худ аз худ савол кард вай. Сонӣ аз чунин вазъи худ ба таҳлука афтод: – Боз ҷиннӣ нашавам? Худ ба худ даст афшонда гап мезанам. Аз тарс ҷиннӣ мешаванд.

Ба роҳ барояму ба ягон нобакоре дучор гардам ё шиносе вохӯрад… Э, садқаи сарам, гап зананд, гап задан гиранд, лекин… агар ба мошини нокасе савор шаваму… Шомгоҳон як мошинро доштам, мошин қарор карда нокарда се тан ҷавонони шилқини беҳаё баробар аз кабин баромада, маро кашола карда ба мошин андохтан хостанд, ба азобе халос хӯрдам. Ин хел ҷавонон дар Варзоб аз ҳар чӣ бисёранд, аз ҳеч ҷинояту хиёнат рӯ наметобанд. Аз дур панаҳ истода менигарам, агар дар мошин ронанда танҳо бошад, тохта ба роҳ мебарояму даст мебардорам, қарор мегирад… Э, тавба, – оҳ кашид Гулшан, – агар ба кисаи бачаи тоҷик сад сӯм дарояд, честное слово, девона мешавад!..

Аз шоссе дам ба дам мошинҳо мегузаштанд, аммо Гулшан ҷуръати бархоста ба роҳ баромаданро надошт. Эҳсос мекард, ки аз торикию танҳоӣ дида бештар аз одамони нобакор метарсад. Вай боз ба дарёи хотироти худ ғӯтавар гашт:

– Аслан, маро уболи Рашид гирифт, – гуфт вай ғайриихтиёр пичиррос зада. – Бадбахт аз таҳи дил маро нағз медид, аммо назарам нагирифт. Дар синфи даҳ расо аз қафоям гашт, ба институт ҳам хабаргирӣ меомад, бо дигарон гаштанамро медиду боз меомад. Бечора саги вафодор барин, ҳеч қаҳраш намеомад, дилмонда намешуд. Ҳар чӣ хоҳам, ёфта меомад – туфлӣ, атр, курта… Баъди

донишгоҳро тамом карда, ба кор шурӯъ намуданам ҳам, як-ду бор омад. Охирин бор гуфт: “Гулшан, сад кас кати агар гаштагӣ бошӣ ҳам, ман туро нағз мебинам, ба ман рас, ҳаргиз таъна намекунамат, ҷавони дигар туро сахт ранҷ хоҳад дод…” Ҳеч дилам об нахӯрд, чӣ кунам?! Хайр, аслан безеб бошад ҳам, кӯр шавад, гӯён, ба ҳамон Рашид мерасидам, бад намешуд; касбу кораш дуруст, халқу атвораш – нағз, падараш – бадавлат… Вай худро лаҳзае зани хушбахти осудаҳол, модари кӯдакони рӯйгарм тасаввур намуду дақиқае чашмонашро пӯшида чунон бароҳат нишаст, ки ҳама оламро фаромӯш сохт.

Баъд аз боди сарди шабонгоҳон, ки ҳоло аз ҷониби кӯҳҳои пурбарф мевазид, вуҷудаш ларзиду хотир аз чанголи хаёли ширин барчид ва чашмонашро кушод. Шавшуви оби Варзоб, қур-қури қурбоққаҳо, чир-чири чирчиракҳо, ҳақ-ҳақи мурғи ҳақгӯй ба ҳам омехта ба гӯшаш боз омад, ки дар шаби сиёҳ навои пурасрореро ташкил медоданд.

Ногаҳ паррандае шуввос зада аз тори сараш паст парида гузашту қариб монда буд, ки Гулшан фарёд кунад. Дилаш таҳ кашиду чунон сахт-сахт тапидан гирифт, ки вай ғайриихтиёр аз ҷояш парида бархост.

Акнун ба атроф менигаристу аз ҳар сиёҳӣ метарсид. Вай аз дил гузаронд, ки агар гург ҳамла созад, чӣ мекунад – ба дарахт барояд ё худро ба об афканад? Ба ёдаш суханони Ҷоник расид, ки дар ин атроф тамоман гург нест, гуфта буд. Ба Ҷоник мӯйи кӯтоҳ маъқул аст, гӯён ҳамон сол мӯйи дарозашро бурида кӯтоҳ карда буд. Модар аз ин кори вай чандин вақт алам мекашиду такрор ба такрор мегуфт: “Ман мӯйи туро ба осонӣ ин хел кардам? Духтари мӯйдароз бошад, гӯён ба серкориам нанигариста ҳар ҳафта майдабофӣ мекардам. Пушаймон мешавӣ, ба он хел мӯй зор мегардию афсӯс, ки дигар намеёбиаш…” Худам ҳам он солҳо расо гӯлу гумроҳ будаам,

агар ҳамроҳи Ҷоник бошам, бо тоҷикон ба тоҷикӣ сухан кардан хушам намеомад, дар мошин агар пиразанон гап пурсанд, намедонам гӯён сар меҷунбондам. Баъзе касон писханд менамуданд, баъзе суханони маломатомез мегуфтанд, аммо ман гӯшамро ба карӣ мезадам. Аз ин ҷо болотар, дар таҳи деҳаи Беғайр бедзоре ҳаст, дар он ҷо чор тан як рӯзи дароз нишаста, расо "балдет" карда будем… Ба гапи очаам гӯш накардам-дия, гаштаю баргашта мегуфтанд: мардум кар не, кӯр не, медонанд, ки ту ба чӣ кор машғулӣ… Хайр, дигар духтарон ҳам гашта, санҷида шавҳар мекунанд-ку! – мегуфтам. Ҳамон рӯз дили Ҷоники балозадагиро фаҳмидам: Шуҳрат ман кати ба кӯҳ равон шавад, бепарво монд, рашк-пашк накард. Конякҳои французию сигорҳои амрикоиат аз сарат монад, дар охир гапи гуфтагиаш ҳар замон ба дилам корд барин мехалад: "Гуля, маро бубахш, ман хонадор мешавам, волидайн як духтари хешамонро номзад карданд". "Маро фиреб дода гаштӣ, номард? Ман аз кӣ кам?" гӯям, "Ба ман зане даркор аст, ки фардо модари фарзандонам гардад! Агар ҳамқадаҳ даркор бошад, албатта, туро мегирифтам!" – гуфт-а нокас! Савдогари ҳаромхӯр!..

Маҳтоб шом хӯрду торикӣ ғализтар гашт, ба ҳадде, ки Гулшан агар дасташро дароз кунад, ангуштонашро намедид. Дар роҳ равуои мошинҳо ҳам камтар шуд.

Гулшан каме шароб хӯрда, гарм шудан ва аз чанги ин андешаҳои рӯҳфишор лаҳзае раҳоӣ ёфтан мехост, аммо ҷуръат наменамуд, ки бархезаду бист қадам барин ба поён – ба лаби наҳр фуроояд. Дар соҳил, ба зери харсанги лаби об Салим чанд шишаро ба рег гӯр мекард. Ҳамаашро нахӯрдагистанд. Эҳ, Салим, Салим!.. Ту ҳам нокас баромадӣ. Умуман, дар ин дунё ягон марди кирои ҳаст ё не? Ё ба ман фақат ҳамин хел фиребгару қаллобон дучор меоянд. Ана, Салим партофту рафт… – Гулшан дар тасаввур овард, ки чӣ гуна ин лаҳза Салим бепарво

хуррак кашида хоб аст. – Ба ҳеч кас бовар кардан даркор не, ба ғайр аз падару модар дигар ҳеч кас ба инсон дӯст не, ҳамаашон сволочи…

Дили Гулшан мехост, ки бархезаду ба роҳ барояд, аммо як навъ карахтӣ ва сустие ӯро гӯё побанд карда буд ё худ ҳамин танҳоӣ ва бехалалиро пазмон гашта будаст магар, аз саргузашти худ дил бардоштан наметавонист.

Солҳои таҳсилаш дар донишгоҳи олӣ, ба ақидаи Гулшан, солҳои хушу пурбарори ҳаёташ буданд. Вале аз ин айёми дилписанди умр низ дар қалби вай афсӯсу надомати бепоён монд. Ҳар як рӯзи хушу ширини ӯро шоми талх – оқибати дилфишорест. “Чаро?..” Кадоме аз ҳамсабақон, эҳтимолан, Ҷаъфар буд, ҳо, Ҷаъфар ҳамеша мегуфт: “Касе, ки овони донишҷӯиро беҳуда гузаронд, ҳама дороиашро талаф дод”. Бачаи деҳотӣ бошад ҳам, калладор буд. Афташ бенур, чеҳрааш дурушт, чашмонаш чашми гӯсола барин. Рӯзи аввал ӯро дида, лӯлӣ гумон карда будам, “лӯлиҳои мо ҳам мехондаанд-дия” гуфтаам… Аксари духтарон дар донишгоҳ ҷуфти худро ёфтанд, фақат ман фиреб хӯрдаму… боз Нозигул. Ӯро Хусрав гирифту чор моҳ зиндагӣ кард ё накард, ҷудо шуд… Ман агар Сабури хушрӯю бодиро нею ягон ҷавони оддию самимиро хуш мекардам, ҳоло хушбахт будам. Чӣ қадар ҷавонони қавлу амалашон – яке ба нимнигоҳу нимтабассумам муштоқ буданд!.. Эҳ, агар ягон вақт аз Сабур қасосамро мегирифтам, дар дилам армонам намемонд… Бо ҳамин дастам чашматро кофта мегирифтам!.. – Гулшан аз ғазаб чунон дандон ба дандон ниҳод, ки дар даҳонаш таъми хунро ҳис карду ба худ омад. – “Падарлаънатӣ се соли расо домани маро бо чормағзи пуч пур карда гашту тобистон ба деҳааш рафта, хомӯшакак зан гирифта омад. Номард, агар ҳозир ба дастам меафтодӣ… Тиккаю пора мекардамат!” – Гулшан ғайриихтиёр сангеро гирифта чунон бо ғазаб ғурронд, ки гӯё онро ба сари

Сабур мезада бошад. Санг ба хоросанге бархӯрду оташак парид.

Сабур донишҷӯи аълохон, аз ҷамоатчиёни факултет буд. Қариб ҳар рӯз бо сабабе ё баҳонае Гулшанро даъват мекард, супориш медод. Ҳар ду ҳамроҳ ба маҷлису мулоқотҳои гуногун мерафтанд. Сонӣ, як бегоҳ аз пайи тафтиши хобгоҳ рафтанд. Дар бозгашт ҳамон шаб вай дилашро кушод. Сонитар, айёми дар колхоз пахтачинӣ шабе ҳамроҳи Сабур ба маркази деҳа, ба магазин рафтанду дер омаданд. Ҳасадхӯрон ҳар хел гап паҳн карданд... "Подлец!" Ҳар ҳафта ба хона меомад, ба падару модарам маъқул буд. Додом қатӣ шоҳмот бозӣ мекард, ҳама якҷоя ба кино мерафтем. Одамон моро ба ҳам дида, бо ҳавас аз қафоямон нигариста мемонданд. Бечора додом ҳамон вақт ҳам ғами маро мехӯрданд. Як бор дар роҳ Сабур ба ман эътибор надода, дуру дароз ба онҳо варсоқихонӣ ку-над, таъкид карданд: "Ҳой, ту чӣ хел хушдорӣ, охир, Гул дилтанг шуд-ку?!.." Баъди он ки Сабур хиёнат кард, барқасди вай гаштам. Ҷавонони аз вай зӯртар қатӣ гаштам. Сӯзу мур, гӯён гаштам. Э-э, об, ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷабу чӣ даҳ ваҷаб. Аз аввал нагаштан даркор будаст. Ин мардони мо мард нестанд, ҳама қаллобони фиребгаранд. Хаёлам, ба дастам туфанге диҳанду ҳамаашро якта-якта парронам.

– Рӯзи равшан надида мур, ту маро бадбахт кардӣ, Сабур, – гуфт Гулшан пичиррос зада. – Агар... агар... ягон рӯз ин зиндагӣ ба дилам занад, аввал – туро... Ҳа, аввал ба синаи ту корд мезанам...

Гулшан мехост худро аз қайди андешаҳои нохуш вораҳонад, вале риштаи андеша ва хотирот хоҳу нохоҳ боз ӯро ба ягон воқеаи нохуши ҳаёташ рӯ ба рӯ месохту ӯ баъди лаҳзае дигарбора худ ба худ бо шиносони собиқаш мунокиша мепайваст.

"...Баъди Сабур ҳам талабгорон кам набуданд, аммо

пачаќу пучуќ ҳамааш – намешудагӣ, – мегуфт вай худ ба худ. – Кирои шӯй гуфта ҳамроҳ ба кӯча мебаромадагӣ ҷавонон набуданд. Баъзеаш афту башараи дуруст дошта бошад ҳам, маданӣ, ҷавони ҳозиразамон не, баъзеаш гов барин бефаҳм, баъзеи дигараш гадои луб-луч. Фақат духтур одами табъи дилам буд…”

Гулшан якуним соли дар клиникаи Азизӣ кор карданашро ба хотир оварда, як оҳи чуқур кашиду сипас зери лаб гуфт:

– Кошки, ягон бало мезаду занаш мемурд…

Вай ҳоло аз ин чунин иқрори нияти шуми худ ҳеч хиҷил набуд, хавотирӣ намекашид, ҳозир буд хушбахтии ҳар як шиносу ношиносро барҳам занад, барои нокомиаш аз онҳо қасос бигирад.

– Ҳамаи ин одамон тайёранд, ки маро фиребанд, ғам диҳанд, бадном кунанд, сипас, чаро ман… Ҳозир ба роҳ мебароям у ҳар ронандае, ки дучорам мегардад…

Гулшан хаёлан чӣ корҳоеро саранҷом намедод!

Ӯро майли шаробхӯрӣ беқарор карду бархост ва лаҳзае рост истода ба атроф назар кард ва баъзе гапу кори имрӯзина ба хотираш расиданд. “Ҷавони бефаҳм будаст ин Салим, “ин қадар шиноси ту бисёр аст?” мегӯяд. Шиноси мӯл доштанам ба вай намефорад. Ман ту барин домани як зани чиркинро гирифта, мағор зада хоб накардаам!.. Агар шиносам кам бошад ҳам, ягон баҳонаи дигар мебаровард. Вақте ки зани доктор Азизӣ моҷаро бардошту аз беморхона ба “Ёрии таъҷилӣ” ба кор гузаштам, дар ҷойи нав, ба қавли модарам, “сарамро хам карда, вазнинакак” гаштам, лекин чӣ фоида дидам?.. Шарофат, Хайрӣ, Зебо магар нагаштанд?! Э-э, ин не, он не, толею пешонӣ!”

Гулшан тарсону ҳаросон ба регзори соҳил фуромад, вале ҳамаи шишаҳои шаробро холӣ ёфту димоғаш сӯхт. Баъзе лаҳзаҳои воқеоти имрӯза боз дар лавҳи хаёлаш

зинда гашту ӯ худ ба худ бо кароҳат даст афшонд, ангушташ ба харсанг сахт заду лаҳзае ҷонаш ба дард омад.

– Меравам… Номард наомад… Шавҳар-а! Ба тухми мард алав мондан даркор аст!.. Аслан, духтарони шавҳар кардагӣ чӣ хушбахтӣ ёфтанд?! Ана, яктааш – Назокат, ҳар рӯз оби чашмаш шашқатор резон, қаҳр карда ба хонаи додош меояд, шавҳараш баъди як-ду рӯз омада, бо узру маъзур боз гирифта мебарад. Манзура бо як хона кӯдакаш аз сари дегу оташдонаш берун нарафт. Шӯй гуфта, бача гуфта худашро ҳеч кард. Инкубатор шаву рав-е! Ман дар дасти мард як чизаки зебо барин барои макони ӯро зеб бахшидан ба дунё наомадаам. Чунон ки муаллими фалсафа мегуфт, ман – шахсияти комилам, қисматамро бо дастони худам месозам, ба касе мӯҳтоҷ нестам. Фақат… фақат як ҷиҳаташ маро ташвиш медиҳад: падару модар шабу рӯз дар ғами нокомии ман обу адо мешаванд. Вообще… агар ман мерасам гӯям, барои ман… аз баҳри ҳама чиз мебаромадагиҳо кам не! Плюну на эти интеллигентики и все!..

Гулшан бо ҳамин гуна андешаҳои бесару нӯг ва дарҳам-барҳам ба сари роҳи мошингард баромаданашро надониста монд. Баъд вай дар паси харсанги бузурги сари роҳ худро аз чароғи мошинҳо панаҳ гирифту мошинҳои ояндаро аз дур менигарист, ки дар кабина одам доранд ё не. Аммо муайян кардани мошинҳои холӣ осон набуд.

Оқибат, вай дар шӯълаи чароғи мошини рӯ ба рӯ кабинаи мошини боркашеро холӣ диду чолок сари роҳ баромад ва бо имою ишораҳои илтиҷоомез ронандаро ба таваққуф кардан водор намуд.

– Ба тарафи шаҳр меравед?.. Маро баред, – гуфт Гулшан баъди дари кабинаро кушодан бо истиғно овозашро маҳин сохта ва худро сари ду по устувор гирифта.

Вале ҳангоми ба кабина нишастан аз саросемагӣ як пояш ба пойи дигараш дармонд ва Гулшан якпаҳлу ба са-

сари дасти ронанда ғелид.

– И-и, эҳтиёт... – гуфт ҷавон дасту по гум карда. Баъд сари ӯро бардошту Гулшан рост нишаст. Ронанда мошинро ба роҳ дароварду пурсид: – Дар ин шаби сиёҳ чӣ тавр натарсида гаштаед?.. Ё хобатон бурда мондаст? – Ҷавон табассуми тамасхуромезашро пинҳон намедошт.

– Э-э, – чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста, даст афшонд Гулшан. Сонӣ росташро гуфт: – Ба ҳамроҳонам ситеза карда, нарафтам. Ҳангоми қаҳру ғазаб ақл мегурезад мегӯянд...

Ронанда ҷавонмарди ба тахмин сисолаи лоғарандом, малламайгуне буд. Гулшан дар равшании чароғи мошинҳои рӯ ба рӯ тоқии бар асари чирку равғани сар сип-сиёҳ гаштаи ӯро пайхас карду ба дил гуфт: "Агар занаш бефаҳм аст, ақли худаш ҳам намерасад магар, ҳамин тоқиашро ба бензини мошинаш тар карда гирад?! Ана, бо ҳамин афту андом ва ақлу фаросат ҳамин мардак ҳам зан дорад, бача дорад, аҳли хонадонаш ба роҳаш интизоранд, ба шаб занашро оғӯш мегирад, навозиш мекунад... – ба дил муҳокамаронӣ дошт Гулшан. – Занаш аз худаш ҳам чиркинтару бесомонтар ягон пачақу пучуқ будагист. Аммо вуҷуди ман, ки дар назокату латофат аз вараҳи гули садбарг намемонад... Э, ҳайфи ман, ҳайфи ман... Ҳайф гаштам... Ҳозир агар ба ин ҷавонмард гӯям, ки ман аз баҳри ҳама мебароям, ба ту мерасам, туро одам мекунам, ту ҳам аз баҳри ҳамаи наздиконат баро, чӣ мегуфта бошад?.. Албатта, ба покизагии ман бовараш намеояд. Агар донад, ки ман аз он хел духтарони кӯчагарду бадроҳа нестам, ҷон-ҷон мегӯяду..."

– Ситеза кати то ин вақт мондед?! – мегуфт ронанда нобоварона. – Не, ягон хел моҷаро... ё сабаби дигар... Дар шаб духтар дар ин хел ҷойи хилвату бекас бесабаб намегардад, – гӯён ҷавонмард шубҳа изҳор кард.

– Моҷарои чӣ? Ҳамту, гапамон гурехт, вассалом.

– Ҳар ҷое, ки шумо барин духтари хушрӯй бошад, ягон хел фитна бармехезад…

– Гап-дия – гуфт Гулшан хандида ва бо нигоҳаш истиғноомез ба ронанда теғ кашида нигариста. – Магар ман хушрӯям?

Ронанда бори дигар ба саропойи Гулшан зеҳн монда нигарист. Нури чароғи мошини боркаш ҳоло ба шаху зови канори роҳ афтода, акс мекарду хира бошад ҳам, ба кабина равшанӣ медод. Дар ҳамин равшании ночиз ҳам рӯю мӯйи Гулшан, чашму абру ва дасту бозувони мавзунаш бағоят дилрабо ҷилва менамуданд.

– Зебоӣ аз ин зиёд намешудагист… Худо аз ин ҷиҳат ҳамаашро додаст. Лекин… мегӯянд, ки духтари зебо аксаран бебахт аст. – Хулоса баровард ҷавонмарди ронанда. Ӯ дигар ба тарафи Гулшан нанигариста сухан мекард. Агар кас ба диққат авзои ӯро мушоҳада созад, донистан душвор набуд, ки вай ҳар лаҳза ба рӯйи Гулшан назар кардан, ба чашмони дилошӯби духтар боз як бор нигаристан мехоҳад, вале чӣ андешае ӯро аз ин кор боз медорад.

– Ман ҳам бебахтам? – Овози Гулшан чунон маъюс ва беҳол баромад, ки худ бебахтии ӯро тасдиқ мекард.

Ба миён лаҳзае сукунат афтод.

Чароғҳои шаҳр намоён шуданд. Душанбе дар поён монанди як табақ нур, як лаълӣ лахчаи фурӯзон ҷилванамоӣ мекард, чунон ки хуршед ҳоло дар домани ин кӯҳсорон ғуруб мекарда бошад.

– Чӣ гӯям ба шумо, ба ростӣ, ки намедонам, – оҳиста сухан оғоз кард ронанда. Сонӣ як раҳ ба рӯйи Гулшан нигаристу гуфт: – Албатта, ҳеч кас худро бебахт намеҳисобад, вале агар бо чашми дигарон нигаред…

– Дар чашми шумо ман бебахт баринам?! – истеҳзоомез киноя кард Гулшан. – Ҳиъ… Бадбахтии ману хушбахтии шумо…

– Пичинг накунед, ман худро хушбахт намеҳисобам.

– Аммо ман худро хушбахт мешуморам, – гуфт Гулшан қатъӣ. Вай мехост, ки бигӯяд: “Худо ба ман хусн додаст, ин худ хушбахтӣ нест? Ба ту бадбахт толеи хуш-ку нададаст, афту башараи одамиёнаро ҳам ҳайф дидаст”. Аммо инро нагуфт, саҳеҳтараш ин маъниро ба чи тарз ҳамвортар баён карданашро надонист. – Хуб, шумо чаро худро бебахт меҳисобед? Агар сир набошад, гӯед.

Лаҳзае ҳар ду ҳам хомӯш буданд.

– Пор ҳамсарамро гӯр кардам, – гуфт ронанда оҳи пурдард кашида, оқибат. – Се кӯдаки хурдсол. Калониаш акнун ба ёздаҳ қадам монд.

– Чаро хонадор нашудед?

– Осон не… Кӣ ба се кӯдак модарӣ мекунад? Духтарони хозирзамон?

– Хуб, кӯдаконро ба сағирхона диҳед.

Ронанда писханде карду ҳеч нагуфт.

– Маро намегиред? – Ногаҳон нимҳазлу нимҷиддӣ савол кард Гулшан ва ронанда бе ҳеч тааҷҷуб ба рӯйи вай нигарист, чунон ки ин саволро аз ӯ қаблан интизор бошад. – Намегиред? А?.. Ҳолӣ шавҳар накардаам… Духтарам.

– Нафаҳмидам: духтурам гуфтед ё духтарам? – Кинояаш аён буд.

– Ҳам духтурам, ҳам духтар, – қатъӣ таъкид карда гуфт Гулшан. Вай айёрона табассум мекарду таъсири гуфтаҳои худро ба ҷавонмард мушоҳада менамуд. – Чӣ, занону духтарони деҳаатон баъзан агар алам кашанд, шароб намехӯранд?

– Кабӯтар бо кабӯтар, зоғ бо зоғ, гуфтаанд, – гуфт ронанда ҳанӯз ҳам озмоишкорона ба рӯйи ҳамсӯҳбаташ нигариста. – Ба ман мувофиқи худам зан даркор аст, ба шумо мувофиқи худатон. Шароити зиндагӣ, расму одатамон фарқ мекунад…

– Чаро ман ба шумо мувофиқ нестам? – Гулшан маъюс савол карду мунтазири ҷавоби вай ба рӯйи ҷавонмард нигариста истод. Дар як лаҳза оҳанги қавӣ ва худбоваронаи гуфтори ӯ барҳам хӯрда буд.

– Хайр, ҳамту… – зери лаб ғурунгос зад ронанда. – Гуфтам-ку, шароит…

– Ман покизаам, бовар кунед, – гуфт Гулшан бо алам тез-тез. – Агар ба як ҷавони бевиҷдон бовар карда, умедвори вай гашта бошам, чӣ шудаст?! Ҳозир духтарони деҳаатон ҳам мегарданд. Ба ғайр аз ин, дар деҳаи шумо бо ин ҷавон гаштани маро ҳеч кас намедонад-ку?.. Ҳа, гап занед! Ман бар қасди як олуфтаи хушрӯ, хондагӣ, вале бевиҷдон ба шумо расидан мехоҳам.

– Чӣ гӯям ба шумо?.. – китф боло кашиду табассум намуд, баъд ҷабинашро хорид ҷавон. – Охир, ин кори намешудагӣ… Шумо намедонед…

– Намешудагӣ?.. Маро зан намекунед?! – бо тааҷҷуб мепурсид Гулшан, балки чандон саҳеҳ набошад, ваҳшатзада хитоб дошт ӯ.

– Э, шумо ғалатӣ будаед! – Гуфт ҷавонмард ҳанӯз ҳам истеҳзоомез табассум намуда. – Охир, шумо ба ин хел сайру гаштҳо одат кардагӣ. Тарки одат муҳол аст. Агар ин хел намегаштеду… фарзанддору шавҳар карда ҷудо мешудед ҳам, валлоҳи аъзам, ки мегирифтам… Аз ман наранҷед, духтари бадгард ҳеч зан намешавад, сари мардро хам мекунад…

– Бас кунед-е!.. Нигоҳ доред! – якбора хитоб кард Гулшан. – Мошинро манъ кунед!

– Не, қариб расидем… Ба истгоҳи троллейбус расем…

– Бас, нигоҳ доред! – Гулшан инро гуфту даст зада чанбари фармонро сахт кашид.

Мошин якбора равишашро тағйир доду якпаҳлу гашт ва ду чархи тарафи росташ андаруни ҷӯяки канори роҳ боз

каме роҳ гашту қарор кард.

Гулшан аз кабина фуромаду дигар ба ҷониби ронандаю мошин беэътино аз пиёдагард ба сӯйи истгоҳ равон гашт.

Ронанда аз кабина фуромаду лаҳзае аз қафои Гулшан нигариста истод. Акси шаъшааи шаҳри нурбор атрофро хира равшан мекард, вале ҷавонмард аз садои номунтазами кафшҳои Гулшан дарёфт, ки ӯ ҳангоми қадам бардоштан мекаловад.

– Поята рост доштан наметавонӣ, духтар, биё, барамат.

Гулшан ҷавоб надод.

“То истгоҳ аз қафояш оҳиста-оҳиста меронам”, аз дил гузаронд ҷавонмард. Сипас баргашта чархи ба ҷӯй афтодаи мошинро нигаристу ба нишони афсӯс худ ба худ сар ҷунбонд. Сонӣ вай ба сари чанбари фармон нишасту моторро даргиронд. Ӯ мошинро ҳарчанд пасу пеш ронд, чархи он аз ҷӯй набаромад. Ба ночор моторро хомӯш карду аз кабин фуромад ва ба ҷӯй санг партофтан оғоз кард.

Садои кафшҳои Гулшан дигар ба гӯш намерасид.

*Солҳои 1977 – 86.*

# ГАНҶИ ШОЙГОН

## 1

Онҳо ба Мирзочӯл аз дигарон сонитар омаданд.

Моҳи апрель буд. Колхоз ба киштукор шурӯъ мекард. Чун хонаи тайёр набуд, бо маслиҳати раис, бору бунаи худро муваққат ба як кулбаи похсадевори соҳибаш партофта рафтагӣ, дар ҳамсоягии бобои Шодӣ фуровარданд.

– Хуш омадед, фарзандонам, хуб кардед, – гуфт мӯйсафед ду даст ба пушт онҳоро ба сӯи он кулбаи вайрона раҳнамоӣ кардаравон. – Тоза кунед, рӯбучин кунед, мешавад, одам зистагӣ ҷой. Мо сараввал дар қамишкаппа зиндагӣ мекардем...

Ҳамсари Бобо-Шодӣ момои Холдона омада, Назокатро канор гирифту пурсупос кард, сипас ба рухсораҳои тару тозаи ӯ нигариста, таассуфомез сар ҷунбонд.

– Ҳайфи ин рӯякот духтарам, чиба ин тараф омадӣ?! Аз ин гармсери зормонда ҷӯби оташкоб мешавӣ. Хирвори зар диҳад, ки ба як пиёла оби кӯҳамон намеарзад.

Бобои Шодӣ дари кулбаи бесоҳибро кушода, онҳоро ба дарун ҳидоят кард.

– Ана-мана нагуфта, худатон як хоначаро рост карда мегиред. – Сипас мӯйсафед оҳиста ба худи Назокат шунавонда гуфт. – Лекин, духтарам, ин бахшидаат дар ин ҷойҳо реша намегирифтагӣ барин...

Назокат ба чашми пирамард нигаристу саҳл шонаашро боло кашида гуфт:

– Чиба ин хел мегӯед, тағо?.. Ба умед омадем... – Вай чашм ба поён гирифту андаке сурх гашт ва аз хиҷолат табассум намуд. Назокат ҳайрон буд, ки Толиб чи кор

кард, ки пирамард ин қадар зуд ӯро шинохтааст. Вай ҷаҳд кард, то худро ба тағофул занаду ин гуфтаро ҳамчун як сухани беасос фаромӯш кунад, аз лавҳи хотир сутурда партояд, вале натавонист.

Бобо аввалан ба Назокат раҳм оварда, ба расми дилсӯзӣ ва огоҳӣ ин суханро гуфт, вале зуд аз гуфтаи худ пушаймонӣ кашид. Назокат ба тавфиқи шавҳар умедаш қавӣ буд.

Ҳама ба даҳлез даромаданд. Ба димоғи Назокат бӯи рутубат расид. "Мисле ки заҳ кашидагӣ" аз дил гузаронд вай. Як хона ва даҳлези похсадевор аз хонаи одамнишин дида бештар ба оғил монанд буд: як забарравро гузоштаанду аз ду тараф шаштагӣ ходачаро натарошида монда, ба бомаш қамиш партофтаанд. Фаршаш-хок, девораш бо каҳгил андова кашидагӣ, вале поёни деворҳо шӯрхок зада, мерехт ва дар нисбати қисми боло тунуктар гашта буд.

Толиб аз дар сарашро дарун карда, ба хона як нигариста ва китф дарҳам кашида ба Назокат "чӣ илоҷ?" гӯён ишора карда саросема баромада, бо ёрии ҳамсояҳо борашонро аз мошин фуровард.

Толиб аслан ба ин чӯлу биёбон омаданӣ набуд. Аз деҳаи камзамини кӯҳсор ҳар хонаводае ба замини навкорам кӯч бандад, вай тамасхур мекард. Вале ҳамсараш Назокат шабу рӯз ӯро маломат мекард, ки умрашро ба корҳои беҳуда зоеъ месозад. "Агар қатори дигарон ба Мирзочӯл рафта кор мекардем... Ана, Некмурод се сол дар Мирзочӯл кор карда, номдор шуда рафт, миёнашро сахтакак баста гирифту ҳоло тоқиро нимта монда, "Волга" савор гаштааст..."

Об чакра-чакра чакида, сангро сӯрох кардагиаш барин шабу рӯз ташвиқу талқини зан ба Толиб асар карду ӯ ба муҳоҷират розӣ шуд.

Ҳамсояҳо лаќу луќи онҳоро дар як фурсат аз мошин фуроварданду дар рӯи ҳавлӣ паҳну парешон вогузошта, аз паи кору бори худ рафтанд. Толибу Назокат хонаю даҳлезро рӯфта, хокрӯбаи онро бароварданд. Толиб аз ҳавлии Бобо Шодӣ оҳак оварда, об кард, Назокат деворҳои хонаро оҳак зад, дару тиреза, фаршу шифтро пок кард, ҳама ҷоро тозаю дилкаш намуд. Сипас халтаю бӯғҷомаҳоро кушода, асбобу анҷоми рӯзгорашро як-як ба хона даровардa ҷой кард.

Толиб ба ӯ оҳак об карда доду аз рӯи одаташ номаълум ғайб зад. Фурсате нагузашта деҳаро давр зада омад. Ба мағоза даромад, ба идора сар халонд, дар чойхона сари як пиёла чой бо ду-се нафар ронандаҳо ҳамгап шуд. Ӯ вақте баргашта ба хона омад, ки Назокат ба таҳмон кӯрпа таҳ мекард.

– Э-э, то ин ҷойҳо ҷой мешавад, ки думи шутур ба замин мерасад. Чор атроф чӯлу биёбон. Дили кас ваҳм мегирад, – аллакай дилтанг буд Толиб. Вай маъюс паҳлу зад.

– Одам агар обод мекунам гӯяд, дар ду сол биҳишт барин мешавад, – гуфт Назокат.

– Радио ҳам шабу рӯз ҳамин хел мегӯяд, – гуфт ба киноя Толиб. Сипас зуд ба ҳамвор кардани ин дуруштӣ кӯшид: – Дар ин ҷо мош бисёр будааст. Ба Тошканду Ленинобод, Қӯқанду Фарғона аз ҳамин ҷо мош мебурданд, – хулосаи хабарҳои шуниданашро нақл мекард Толиб. – Дар заминаш мош нағз ҳосил медодааст. Замин бисёр, зӯратон расад, ҳар қадар хоҳед, коридан мегиред, мегӯянд, – ба Назокат хабар дод ӯ.

– Сабр кунед, саросема нашавед, – ба ҷевон чойнику пиёлаҳоро чидаравон эътироз кард Назокат. – Як сол-ду сол зӯр зада, дар колхоз кор кунед, обрӯ гиред… Сонӣ ҳамааш мешавад. Ҳозир боғу полизи худӣ ба ҳукумат маъқул

не, инро нагӯед!

– Ҳамту-куя, – гуфт Толиб бераѓбат.

Вай ҷавонмарди хушқаду баст буд. Онҳое, ки ӯро мешинохтанд, “э-э-э, шаклу сумот чизе бекора будаст” гӯён, даст меафшонданд. “Ҷавони бекина, дар ин замон ба касе озораш нарасад, шуд-дия!”, – исрор мекарданд баъзеи дигар. – Як мавиз ёбад, ҳамроҳи ҷӯраҳояш мехӯрад, дарёдилиашро намегӯед! Хайр, ин қадар доно шуда, аз таги дуньё даромадан чӣ даркор?!”

– Ба ман ягон кори чарх зада гашта мекардагӣ бошад, соз мешуд, – гуфт вай ба ҳамсараш. – Дар як ҷо зиёд истам, дилтанг мешавам. Ба давлат наѓз кор кунӣ ҳам, бад кор кунӣ ҳам – баробар аст, беҳтараш дили калононро ёфтан даркор...

– Акнун шумо бача не, камтар сахтиро ба худ гиред. Агар аз ҳоло пули калону кори осон ковед, боз дар се рӯз мисатон мебарод.

– Чӣ, гумонат ман барои сӣ сӯм моҳона аз субҳ то шом каланд мезанам? – Тамасхур намуд вай ва чашмонашро калон карда ба рӯи ҳамсараш нигарист.

– Ҳар ду ба як бригада даромада, кор мекунем. Ҳамин қадар сол ман ба гапи шумо даромадам, акнун шумо ҳам як-ду сол ба гапи ман гӯш кунед, – гуфт Назокат оташин гашта. – Аз кор ҳеҷ кас намурдааст, аз нанг мурдаанд...

– Ҳа, хуб шудаст, кор бошад кор-дия! – аз рӯи одаташ зуд розӣ шуд вай. – Аз кор маро натарсон... Майлаш, барои ту муфт кор мекунам! Барои як суханат...

– Даҳанкалонии беҳударо ҳам таҳ карда ба як сӯ монед! Акнун шумо бача не, одам аз ҳавои даҳан бебурд мешавад.

– Хуб шудаст, аробакаш тавба кард! – Толиб ба шаст ба сари синааш шаппотӣ зада артиствор ба тарафи

занаш таъзим карда монд. – Аммо кори бемузд маза надорад.

Вай ба монанди ҳамаи ҷавонони беирода ва фориғбол, асосан, гапдаро ва бекина буд. Зани зебою хушгил дошт, аммо бадрашк ва будгумон набуд. Ҳамчунон хуб медонист, ки Назокат духтари серхаридор буд ва ҳозир ҳам дар ҳасрати вай ҷавонони ҷигаркабоб кам нестанд. Ҳамаи ҷавонони деҳа бо навбат ба хонаи онҳо хостгор фиристода, толеашонро озмуда буданд. Бинобар он ҳам, вақте ки Назокатро ба вай нон шикастанд, аз ҳасад ҳамаашон “ваҳ!” гӯён ба пешониашон шаппотӣ заданд, баъзе хасисҳо “Гулдаста ба дасти лабкашол афтодаст!” гӯён ба вай неш ҳам заданд. Он бодичаҳо ба қавли Толиб, аз он бехабар буданд, ки “бахт агар силсилаҷунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад.” Ӯро падараш ба Толиби сағира дод. “Ман бо падари ӯ дӯст будам, қавл карда будем, ки ҳар ду қудо мешавем. Вай барвақт аз дунё гузашт. Акнун ман ҳақ надорам, ки оби чашми ин сағираро равон кунам. Умедвор аст”, гуфт. Ана ҳамин тариқ духтари таърифӣ насиби Толиб гашт. Дарвоқеъ, падар ба Назокат насиҳат карда гуфт: “ Духтарам, ҳама гап ба худат. Пешиниҳо гуфтаанд: “Зани хубу фармонбару порсо, кунад марди дарвешро подшо!..”

Ду соли аввали хонадорӣ Назокат Толибро ба ихтиёраш монд. Кор ба ҷое расид, ки ӯ якто-нимто ҷиҳози хона ва сару либоси арӯсии занашро ҳам фурӯхта сарфи арақу қимор кард. Дар айни авҷи майхорагии Толиб як бор Назокат бӯғчаашро басту қаҳр карда ба хонаи падар рафт. Аз шавҳараш батамом дасту дилашро шуст. Аммо падар як шаб ӯро меҳмон карду саҳарӣ ҳамроҳ гирифта овард. Баъд ҳардуро оштӣ дода, хеле насиҳат кард. Назокатро коҳиш карда, гуфт, ки “хонаро партофта, гурехтан аз дасти ҳар кас меояд! Ту ҳам рӯзғората соз, мардум ба-

рин зиндагӣ кун… Шавҳари дилат мехостагиро аз куҷо барои ту меёбем?! Худо нестем, ки созем. Ин ҷавонон дар кӯча моҳи беайб барин метобанд, духтарам...” Аммо гуфтан осон аст. Ҳар касе, ки сахту сусти зиндагиро озмудааст, талху шӯри онро чашидааст, хоҳад иқрор кард, ки ин рӯзеро, ки Назокат бо Толиби фориғбол ба сар мебурд, ҳар як зану духтари андаке соҳибидрок ва борикфаҳм тоқат оварда наметавонист. Камбағалӣ аз марг бадтар аст мегӯянд дар урфият, аммо камақлӣ аз он беш бадтар аст.

## 2

Онҳо таоми шомро хӯрданду бевақттар ба роҳ баромаданд. Телевизор консерти шавқовар медод. Толиб чору ночор ҳамроҳи Назокат равон шуд. Ҳоло ошуфта ва димоғсӯхта қадам мемонд. Аз дашт ба ҷои тафбоди рӯзона шаббодаи серун ҳур-ҳур мевазид. Овози қурбоққаҳо, чирчиракҳо ва дигар ҷондорони шаб ӯро бештар асабонӣ мекард. “Ғайр аз вақ-ваqи қурбоққа дигар чизе намешунавӣ”, мегуфт худ ба худ, ба ин ҳол ҳамсарашро гунаҳкор ҳисобида. Вай ба сӯи пахтазор қадам мезаду аз қаҳр дандон мехоид, дар дилаш бо Назокат (harxaша) мекард, барои ба занаш неш зада, аламашро баровардан баҳона меҷуст.

– Тфу!.. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд! Саг барин шабу рӯз медавад кас… Ба зинда бозор не, ба мурда мазор не! Тобистон мегузарад, рӯи меваро надидем! Деҳаи худамон биҳишт будасту қадрашро намедонистаем!.. Ношукриамон гузашт, – мегуфт вай заҳраш ҷӯшида.

– Ана, харбузаю тарбуз! Ҳоли ҳозир меваи ин ҷо харбузаю тарбуз-дия! – ба ҳамсари тундмизоҷаш тасаллӣ дод Назокат. Баъд боз илова кард: – Барои обод кардани биёбон омадем. Кор…

– Кор, кор, кор! Наход, ки умри одам фақат кор катӣ гузарад?! Кай роҳату фароғат мекунад? Кай? Сонӣ, ҷонаки ако, ба инобат гиред, ки дар ин ҷойҳо боғ намесозанд. Пахта зарур аст. Он боғҳои кӯҳпояро бобоҳоямон ба хуни ҷигар сабзондаанд.

– Ман, зан, сарам катӣ рафта, шабҳо фонус дар даст об медиҳам. Шумо бароҳат хоб мекунед-ку! Ниҳоят ҳамроҳи ман мерафтаед! Аз Содиқ ибрат гиред: шаби гузашта ду бор аз бистараш хеста, обашро хабар гирифта омад. Шумо дар хоби маст! – Назокат лаҳзае хомӯш монду баъд ба оҳанги дилбардорӣ гуфт: – Одам сабр мекунад. Баъди се-чор сол боғу бӯстон, бозору магазин – ҳамааш мешавад. Роҳи соз, мошин… – Сонӣ баҳси пешинашро ёд оварду илова кард: – Хайр, ҳозир фақат пахта дар madди аввал аст. Мегӯянд, ки мамлакат ба капиталистон мӯҳтоҷ набошад. Ҳамин тавр мондан намегирад.

– Ба ин ҷойҳои мошин ҳам тоб намеорад! Ҷаҳаннам! Ҳоло тамошо кун, зимистон ояд, тарматарӣ шавад, пой монда, аз хона баромада наметавонӣ.

– Оҳиста-оҳиста ҳамааш соз мешавад.

– Ҳи-ҳи-ҳи! – Толиб заҳрханда намуду баъд таронаи ҳазломезашро замзама кард:

> – Намур бузам, баҳор шавад,
> Сабзаю лолазор шавад.
> Чӯб ба нағора мебарем,
> Даст ба тағора мебарем.

Вақте ки ба шипанг наздик расиданду аз дур фонуси Содиқ намудор гашт, Назокат ба забон омад:

– Ин қадар лабу лунҷатонро овезон накунед, дилам танг шуд, – гуфт вай бо зарда. Сипас бо нармӣ илова кард: – Кори пахтазор ду-се моҳ сахт аст. Баъд, се моҳи зимистон бафароғат дам мегиред, ба сайру тамошо меравед. Ба шаҳр, ба кӯҳистон меравед. Мегӯянд, ки ба

истироҳатгоҳҳои Қриму Кафкоз рафтан мумкин, ба мусофират...

– Ҳиъ!.. Ба фикрат, ҷӯю каналҳоро кай тоза мекунанд?! Ба замин кай яхоб монда, кай шӯраашро мешӯянд, кай пору мерезанд, кай шудгор мекунанд?! А? – Бо киноя қатор кард вай. – Қрим! Кафкоз! Худатро таскин деҳ, ман одами асри бистам, ҷонам. Акнун гап кати кор буд намешавад.

– Ин корҳои майда-чуйда. Ба ин пахтазор як нигаред! – Назокат бо шавқ ба пахтазори бригада ишора карда, шавҳарашро аз андешаҳои ногувор раҳонидан хост. – Дирӯзакак ин ҷо шудгори қоқ буд. Акнун ғӯзааш ба миён мезанад.

“Чунон гап мезанад, ки гӯё ин пахтазор замини худаш бошад-е! Э, тавба, – ҳайрон буд Толиб. – Ё соддалавҳ аст ин Назокат, ё беақл... Ҳайронам...”

Онҳо ба шипанг расиданду Толиб бистари дар болои суфахок печонда мондаашро кушода дароз кашид. Назокат почаҳои пойҷомаашро боло бардошта ба сари об рафт. Ба тирҷӯ об сар доду сипас барои хабар гирифтани охири ҷӯякҳо пахтазорро давр зада ба домани қитъа рафт. Соате нагузашта оби ҷӯяҳоро хабар гирифта омада аз шипанг бандчаи коғазхалтаҳои аз селитра холишударо гирифт ва ба тирҷӯи навакак об сар додагиаш даромада, ба сари ҷӯяҳо як порагӣ қоғаз зер кард. Бо ин усул ҷӯяҳо обдавон нашуда, заҳ кашида, ба як маром об мехӯрданд.

То соати дувоздаҳи шаб Назокат бо об андармон шуд. Соати чоряк кам дувоздаҳ фонуси Содиқ аз тарафи қитъаи Найзор ба ҷониби шипанг наздик шуду ӯ Толибро бедор кард:

– Ҳой, хезед!.. Хезед, саратонро бардоред!.. Содиқ меояд. Фонусро гиреду поёни ҷӯякҳоро хабар гирифта биёед. Дар пастхамӣ об кӯл нашавад. Чаққонтар хезед! Ха-

бар гиреду баъд омада хоб кунед.

Баъзан Назокат ҳамаро ба шаҳбози хаёл месупурду аз дилаш чӣ ҳарфҳое намегузашт! Вай ҳам арӯси азизу нозпарварди ягон хонадони чор ишкелаш чоқ будан мехост, орзу карда буд, ки аз падаршавҳару модаршавҳар меҳрубониҳо бинад, сарафрозиҳо кунад. Аммо ҳоло мақсади ягонаи вай Толибро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, ӯро дар қатори мардум дидан буд.

## 3

Дар шипанги бригада ҳангоми тарбузхурӣ сӯҳбати агроном Баҳриддин, сандуқдори колхоз, ва обмони номдор Содиқ аз хусуси Назокату Толиб қӯр мегирифт.

– Ҳама кора занаш мекунад. Занаш – зани бебаҳо! – мегуфт агроном Баҳриддин. Дар оҳанги сухани ӯ нисбат ба Назокат мафтунӣ эҳсос шавад ҳам, ҳамнишинон инро ҳис накарданд.

– Валлоҳ, рост мегӯед! – сухани ӯро тасдиқ кард Содиқ. – Ба ҷойҳои шӯрхок пунбадона насабзидагӣ, пору рехта, ҳавола шинонду ниҳоли заминро дандон барин зич кард. Ҳисоб карда баромадаст, ки нисбат ба тунукниҳолӣ зичаш авло будаст! Э, вай Толиб парвои фалак надорад-е! Ба ҳамин синн даромада одама беғамаша акнун дидам. Капитализм ана, ҳамин хелҳоро ба кӯча бароварда мепартояд-дия!

– Занаш – тилло! – ба гап ҳамроҳ шуд сандуқдор, ки барои пардохти пули колхозчиён имрӯз ба бригада омада буд. – Ҳамин ки ягон кори бригада мувофиқи табъ нашуд, худаш ба назди раис меравад, ба парторг мегӯяд, илоҷе карда, корашро бурд мекунад. Вазнинакак, баъзеҳо барин ҳингир-ҳингир надорад, доим сараш хам, ба ғайр аз кору бор дигар сухани зиёдатӣ надорад.

– Кори ду каса як худаш мекунад, – гуфт Содиқ бо эҳ-

тиёт. – Толиб – як соя! Ҷонашро намекоҳонад.

– Тавба, ба ҳамин ландаҳур ин хел зан ҳайф-е, – Баҳриддин ин гапро ба гуфтан гуфту хавотиромез зуд хомӯш гашту ба тарбузхурӣ машғул гашт.

– Э, додар-е, ҳоли шумо ҷавон, пасту баланди дунёро надидаед. Мегӯянд-ку: “Ҳар ҷо гули лола буд, дар хок афтод, ҳар ҷо зани хуб ба марди нопок афтод!” – гуфт сандуқдор бо рӯмолча лабу даҳонашро пок карда.

– Агар ақлаш бошад, ҳозир ҳам сари вақт… Фарзанд надорад, – гуфт Баҳриддин. Ӯ дар ин бобат ақидаи Содиқу сандуқдорро фаҳмидан мехост. – Ягон рӯз мефаҳмад, ки ин ҷавон лоиқаш не, лекин дер мешавад.

– Албата, – мақсади ӯро фаҳмид сандуқдор. – Назокат ҳозир ҳам лоиқи як йигити кори калон. Малика барин зиндагӣ карданаш мумкин.

– Кай бошад ҳам, ба ҷонаш мерасаду аз баҳри ин Абӯтамбал мебарояд. Ишқ, муҳаббат дар ҷавонӣ эътибор дорад...

– Не-е, – ба ҳукми онҳо эътироз кард Содиқ. – Назокат аз он хел занҳои шумо мегуфтагӣ не. Қадри худашро нағз медонад, лекин шавҳарашро намепартояд. Ба ин Толиб ҳеҷ чиз надода бошад ҳам, аз зан толеъ додааст.

– Ҳоли ҷавон аст, ақлаш надаромадааст, – гуфт сандуқдор чашму абрӯ парронда. – Хаёлҳои ҷавонӣ мегузарад, баъд пулу мол хонаю ҷойро фикр мекунад...

– Ҳа, то кай ин катӣ сарсон шуда мегардад?! Сабр кунед, ҳоло ба ҷонаш расад… – дар ҳукми худ истодагарӣ кард Баҳриддин. – Агар хоҳам…

– Э, монед, ин хел нагӯед. Як хонаводаро хонавайрон кардан нағз не, – ба ӯ эътироз кард Содиқ ва сипас “омин” гуфту бархоста аз паи обаш равон гашту ба таъкид илова кард: – Аз ин кори шумо Толиб бадбахт намешавад, балки Назокат ҳам назокаташро аз даст медиҳад.

## 4

Шаш хонаводаи ҳамин сол ба ин ҷо омадагӣ бригадаи нав сохтанду ба он Толибро саркор таъин карда буданд. Назокат дидаю дониста хомӯш истода буд. Ӯ медонист, ки ҳамсараш ин вазифаро ӯҳда карда наметавонаду кор дӯлоб мешавад. Аммо эътироз накарда буд. Мехост, ки ба зиммаи ӯ масъулият афтаду кору бораш сомон ёбад. Вале аз ин кораш сонитар пушаймон шуд. Толиб бе иҷозати мудирият, бе шартнома бо колхоз ба як корейси шоликор аз поёноби пахтазор даҳ гектар замини шӯрхоки бекорхобидаро додаст. Дар аввали кор ҳеҷ кас ба замини шолӣ аҳмият надод. Шоликорон бо колхоз шартнома баста, дар ҳар бригада шолӣ корида буданд. Аммо сонитар дар байни мардум гап-гап шуд, ки Толиб заминро ба он шоликор фурӯхтааст. Инро шунида, Назокат алав гирифт. Ба аламаш тоб оварда натавониста, ба Толиб суханони сахт гуфт. Ин исноде буд, ки ӯро дарун-дарун месӯхт.

– Фурӯхтагем-не!.. Хайр, илтимос кард, бекор хобидаст, шӯрашро шӯяд, соли дигар пахта мекорем, гуфта додам, – гуфт Толиб.

– Бо кадом об шолӣ мекорад?.. Бо оби пахта! Агар об баризофа бошад, худи мудирият иҷозат медод, мекорид.

– Ман чӣ донам, хайр кор гуфтам.

– Дар ҳамин ҷо ҳам кӣ буданатонро маълум кардед! Ҳайфи номи мард!

– Ҳамин ҳам гап шуд! – аз ин гуфтугӯҳо пинаки Толиб вайрон намешуд ва ин ҳол Назокатро бештар оташин мекард.

– Шукр, бепул нестем. Тирамоҳ планро буд карда, боз пули калон мегирем... Ба умеди колхоз нашинеду шумо ҳам дигарон барин иморат кунед.

– Э-э, – даст афшонд Толиб. – Ҳамин ҷо ҳам ҷой аст,

ки дил баста иморат кунам?!

– Баҳона!.. Зимистонро дар ин вайрона чӣ хел мегузаронед? Шарм доред, мардум чӣ мегӯянд?

– Колхоз ягон бало мекардагист. Парво накун, худо-подшоҳ, ягон гап мешавад, – сипас вай байти машҳури доим тасаллибахшашро хонд: – “Ризқи ҳаррӯза мерасад аз ҳақ, ғами беҳуда мехӯрад аҳмақ!..” Ин ҳарфи ман не, як шоири бузург гуфтагӣ.

Баъдан дар байни мардум гӯшакӣ рафт, ки Толиб аз поруи маъданӣ барои пахта гирифтаашон ба шоликорон мефурӯхтааст. Назокат муддате ба чунон вазъе афтод, ки сар бардошта ба чашми ҳамкорон нигариста наметавонист. Вай пакар ва малул гашта, ба кор ҳам, ба рӯзгор ҳам шавқаш суст шуд, дасту дилаш сард гашт.

Дар ин миён Толиб майли мудири дӯкон шудан карду Назокати аз обрӯрезии вай ба ҷон омада ба ин ҳаваси ӯ зуд розӣ шуд. Ҳам колхозчиён, ҳам раҳбарон ҳама аллакай медонистанд, ки ба кори бригада аз Толиб манфиати казоӣ намерасад. Ба ғайр аз ин, Назокат ба кори савдо аз хурдӣ ҳавасманд будани ҳамсарашро медонист, бинобар он, ба дил гуфт, ки шояд кори табъи дилаш ӯро ба ифоқа оварад. Аммо ин фикр фақат як умедворие беш набуд. Дилаш мегуфт, об ба пастӣ медавад, Толиб дар муҳити duздону қаллобони гуногунтоифа ва пулу моли дастрас истодагарӣ карда наметавонад.

## 5

Баҳриддин дилпур буд, ки Назокат хоҳу ноxоҳ ба вай таслим мешавад. Вай ду-се бор дар пахтазор бо ӯ ҳамсӯҳбат гашту бо рамзу ишора матлабашро фаҳмонд, вале ҷавоби Назокатро нозу нуз ҳисобиду бас. “Хоҳу ноxоҳ ба дилаш алав афтод. Аз барои иззати нафс нозу нуз мекунад, – мегуфт ҷавон худ ба худ. – Ман кучоюо

Толиб кучо! Мансабам бошад, маълумоти олӣ дорам, ояндаам равшан. Қаср барин ҳавлии мӯҳташам дорам! Хайр, афту башараам ҳам дар чояш. Эҳ, Назокат, Назокат, ҳусну малоҳати ту, қадду басти дилошӯби ту ҳавлии маро зеб диҳад, меарзад! Худаш ҳам зан не, валло фаришта-е!.. Эҳ, раис розӣ нашуданд-да, агар Толибро экспедитор таъин мекардем, ду моҳ гузашта-нагузашта, саранчом мегашт. Ба дӯкон гузаронданаш ҳам соз шуд. Дӯкон ба сараш об мерезад. Вай, Ато ин гӯсоларо чунон боб мекунад, ки… Акнун дили Назоката ёфтан даркор”, мегуфту вай ба дил нақшаҳо мекашид, орзуҳо метарошид.

Сараввал Баҳриддин бо тӯҳфаи гаронбаҳое дили Назокатро ба худ гирифтан хосту дар ин бобат хеле фикр кард. Назокат, ачаб не, аз дасти вай тӯҳфаро нагирад. Иззати нафсаш раҳ намедиҳад. Баъд ӯ илочи ин корро ёфт: ба занҳои зарбдор мукофот медиҳанд. Чун раиси колхоз мариз буд, ҳоло ҳама кор ба дасти худаш. Баҳриддин аз раиси матлубот Ато хоҳиш кард, ки барои мукофот даҳто рӯмоли шоҳӣ ёфта диҳад. Вақте ки рӯмолҳоро ба дӯкони Толиб доданд, ба сари агроном тасодуфан нақшаи дигаре омад.

– Ҳозир вақти мукофот не… – гуфт вай ба Толиб, ки барои мукофот рӯмол гирифтанашро хабар медод. – Эҳтиёт кун, вақташ меояд, худам мегӯям.

– Дар дӯкон нигоҳ дошта наметавонам. Ногоҳ тафтиш кунанд… – узр овард Толиб. – Аз мағоза гиреду ҳар чи қадар хоҳед, нигоҳ доред.

– Хайр, ягон бало кун… гапаш набарояд, – гуфт вай асроромез чашмакӣ зада. – Эҳтиёт шав...

Толиб ба пулдории миллёндорони навбаромад бо ҳавас менигарист, баъзан ба онҳо тақлид кардан мехост, вале ин роҳи пурмакру дағо барои пои ӯ набуд, вай дар муомила хеле соддалавҳ ва зудбовар буд. Аммо кадомин

соддалавҳ кӯтоҳии худро иқрор карда, ки Толиб тан гираду ба худ иқрор кунад!..

**6**

Аввали тирамоҳ, яке аз рӯзҳои тафсони офтобӣ буд. Шаб андаке серунӣ оварад ҳам, рӯзҳо ҳаво аз саратон монданӣ надошт. Пахта саросар шукуфта, деҳқонон ба ғунучин тайёрӣ доштанд.

Баҳриддин аспро тозиёна зада ба тарафи бригадаи Назокат мешитофт. Аз он, ки гардани асп арақ карда буд ва савори он ба атроф беэътино, бошитоб асп меронд, метавон тахмин гирифт, ки кори бағоят зарур дорад.

Пахта сап-сафед шукуфта ва ҳоло ҳама барои бо мошин чидани пахта ҳозирӣ медиданд. Дар назди шипанг се нафар деҳқонон майдончаеро барои пахтахушккунӣ андоза мекашиданд. Баҳриддин лаҳзае истода аз кору бори онҳо пурсон шуд, як-ду маслиҳат дода саркорро пурсид.

– Назокат дар поён, ҳӯ-ӯ, дар қитъаи қамишдор, – гуфт мӯйсафеди андовакаш бо дасти лойолуда ба он сӯ ишора карда. – Тирчӯя мехобонад.

Баҳриддин ба он сӯ равон шуд. “Назокат саркори дуруст баромад, – мегуфт ӯ худ ба худ, ба пахтазори пурҳосил нигариста. – Аъзоҳояш иззат мекунанд. Калонгариро намедонад, баробарашон кор мекунад-да... Эҳ, ба ман расӣ, мемонам, ки дар офтоб сӯхта, каланд занӣ?! Ҳавлии манро гул кунонда мегардӣ!” – фикран ба Назокат хитоб мекард вай. – Табиат туро барои навозиш ва муҳаббат офарид, барои идомаи авлод...

Назокат тирчӯи аз байни замин гузаштаро бо каланд вайрон карда, ҳамвор месохт. Вай Баҳриддинро диду каландашро монда, бо рӯймолча арақи рӯю гарданашро пок кард ва дастонашро болои чашм соя

карда ба авзои агрономи омада истода нигарист.

– Ассалому алайкум, саркор! – Ба Назокат наздик шуду чолок аз асп фуромад Баҳриддин. – Мондаҳо!

– Саломат бошед, – гуфт Назокат бо шарм табассум карда.

– Ҳа, тирҷӯйиро вайрон мекунед?

– Мошини пахтачин бемалол гузарад охир.

– Дигар кас нест-чӣ? Ин кори вазнин, – дилсӯзӣ зоҳир кард Баҳриддин. – Ин гарморо бинед, ҳаво даргирифт-ку!

– Ҳама банд.

– Аз қадимулайём кори зан дигар аст, кори мард дигар. Ба мардон фармоед! Ҳа. Мо ҳолӣ шуморо боло бардоштанием, – гуфт вай густохона барои вохӯрӣ даст дода.

Ҳарчанд ки бо мардон даст дода вохӯрӣ кардани занҳо дар деҳа маъмул набуд, Назокат ночор даст дароз карду ҳис намуд, ки Баҳриддин дасти ӯро лаҳзае маънидорона фишурд.

– Назокатҷон, хона чӣ шуд, ҳоло ҳам дар ҳамон вайрона? – донад ҳам барқасд савол кард вай.

– Ҳа, вақт нашуд... Хайр, пахтаро чинем...

– Эҳ, ба шумо чӣ гӯям? – оҳ кашид Баҳриддин ва ба чашмони Назокат нигарист. Вай нигоҳашро гурезонд.

– Одам ҳам ин хел ба худаш душман мешавад-чӣ?

– Бас, агроном...

– Ана, аҳволи вай! Гапи навро фаҳмидед?

– Чӣ гапи нав? – Назокат бо таҳлука ба рӯи Баҳриддин нигарист.

Баҳриддин лаҳзае ба ифодаи ҳамдардӣ зоҳиран ғамгин ба чашми ӯ нигарист, бо надомат сар ҷунбонд.

– Чӣ шуд? – бо изтироб саволашро такрор кард Назокат.

Баҳриддин ин бор саросема нашуда бо тамкин сухан кард:

– Агар дар ин миён шумо набошед, ман заррае ғам намехӯрдам. Сазояш мегуфтам. Аммо ғами шумо – ғами ман... Медонед, шояд бехабар бошед?.. Имрӯз дӯкони Толибро мӯҳр заданд. Тафтиш.

– Хайр, чӣ? Тафтиш кунанд, – гуфт Назокат оҳи сабук кашида.

– Камомади зиёд доштагӣ барин, – Баҳриддин озмоишкорона ба тағйири авзои Назокат нигариста хомӯш монд. Баъди хеле сукут илова кард: – Боз рӯмолҳои барои мукофоти зарбдорон омадагиро обу лой кардаст, мегӯянд.

– Ғалатӣ… – гуфт Назокат бо андӯҳи гарон аз замин чашмонашро набардошта, дар ҳолате ки бо дастаи каландаш беихтиёр бозӣ мекард.

– Шумо барои вай насӯзед. Умри ҷавонатона барои як бефаҳм хазон накунед, – аз таъсири хабари овардагиаш ҳаво гирифта, ҷуръат пайдо кард Баҳриддин.

– Чанд бор ба шумо гӯям? Бас будагист! – якбора дар ғазаб гашт Назокат. Вай ба Баҳриддин чунон нигарист, ки хаёлаш бо нигоҳаш синаи ӯро тир барин сӯрох кунад. Сипас аз замин чашм набардошта дона-дона карда гуфт: – Ин суханро ба гӯшатон сурб барин об карда резед: кар бошад ҳам, кӯр бошад ҳам, бефаҳм бошад ҳам то зиндаам, ман аз они вай! ...Фаҳмидед? Агар дуруст нигаред, вай бо ҳамон гӯлию гумроҳӣ ҳамчун ҷавонмард аз шумо болотар аст. Пулу мол, осоишу фароғат, ояндаи дурахшонатон барои харидани ҳама чиз кор ояд ҳам, беҳуда саргардон нашавед, дили маро аз роҳ зада наметавонед.

Баҳриддин мушаввашхотир ба роҳи омадааш қафо гашта мерафт. Асп ба майли худ сар-сари воти пахтазор

якта-якта қадам мепартофту нӯги ғумойҳоро даҳан зада мегузашт. Баҳриддин дар сари об Содиқро диду асп худ аз худ дар баробари ӯ истод. Аз дили Баҳриддин гузашт, ки ҳамин ҷонвар ҳам ба кору бори ӯ одат кардааст.

– Ҳа, агроном, таҷанг менамоед? – авзои ӯро дида таҳқовӣ кард Содиқ.

– Э, ба ҳамин бечора Назокат мушкил шуд, – вай сабаби аслии бедимоғиашро моҳирона пинҳон кардан хост. – Мағозаи Толибро мӯҳр задаанд, тафтиш… – Баъд ҳодисаро батафсил гуфт.

– Э, ин бача аҳмақ будаст, – аз кори Толиб Содиқ ҳам алам кашида, даст афшонд. – Падарлаънат, агар ақлат бошад, хазинаи бебаҳо, тиллои асл дар дасти ту, дар ҳамон хонаи вайронаи худат!.. Худо ба ту ҳамин хел зан додаст, шукр кун!.. Э, ин зан, зан не, хазина, ганҷи шойгон-е!..

*Солҳои 1975– 86.*

# ПАЛОНҶИ ОХИРИН

Хабари аз дунё гузаштани зани Мирзо Сангинро шунида, мо – як гурӯҳ ҳамкорон ба таъзия рафтем. Аксари ҳамкорон аз вазъи хонадони ӯ огоҳӣ надоштанд. Дар он миён фақат ман медонистам, ки Мирзо ду зан дорад ва ҳоло бехабар будам кадоме аз онҳо фавтидааст. Ба ҳамроҳон, ки ҳама дар нисбати ману Мирзо ҷавонтар буданд, аз ин хусус ҳарф назадам. Аслан, чаро ҳарф назадам, худам ҳам намедонам. Зоҳиран, ҳамфикрию ҳамраъйии ҳамсолон барин ҳиссе маро раҳнамун буд.

Ман раҳорах то ба азохона расидан саргузашти рафиқи қадимам Мирзоро, қиссаи зангириҳои ӯро ба ёд меовардаму ба дил мегуфтам, ки охирин палонҷ, яке аз охирин ҷафодидагони анъанаи феодалиро ба хок месупорем, дигар дар билоди Тоҷикистон на палонҷҳо ҳастанду на дузанаҳо, оқибат аз ин одати нангин пок гаштем, дигар моро дар ҷаҳлу таассуби феодалона ва таҳқири зан таънаю маломат намекунанд. Ҳатто “палонҷ” ва “дузана” барин суханон аз луғоти зиндаи мо бардошта шудаанд. Айёми бачагӣ агар ба гуфтугӯйи занон гӯш медодам, миёни ду сухан “палонҷаш ин тавр гуфтаст”, “палонҷаш ин тавр кардаст” барин гапҳоро мешунидам. Ҳоло ба ҷавонон агар “палонҷ” гӯед, “плон” мепиндоранд.

Маро ёд омад, ки замоне Мирзоро аз ваҷҳи занмониаш ҳам, ба ҷурми зангириаш ҳам дар маърази муҳокамаи рафиқону ҳамкорон монда будем, ӯ ҷазо ҳам гирифта буд. Дар яке аз маҷлисҳо, ёдам меояд яке аз ҳамкоронамон ба ҳимояи Мирзо бархосту зани аввали ӯ Фотимаро хост, ки гунаҳкор кунад, вале Мирзо филфавр сухани он рафиқро бурида, ӯро дар таҳрифу тӯҳмат ба зани бегуноҳ муттаҳам карда буд. Ҳозирон механдиданд.

Он солҳо ману Мирзо ҷавонони навкору навқирон будем. Ӯ ҷавонмарди ҳалиму фурӯтан, бағоят шикаста нафс, дар фабрика инҷенери батадбир ва пухтакоре ба шумор мерафт. Ҳар коре, ки ба вай месупориданд, сидқан адо мекард. Ҳамкорон ба шӯхӣ мегуфтанд, ки аз замони ба кор омада рафтани вай соатҳоро дақиқ мекунем. Мирзо инҷенери донишманде буд, аммо ба ҳадде фурӯтанӣ дошт, ки дар ҳузури дигарон аз зоҳир кардани илму ҳунарҳои худ шармаш меомад. Аз ин сабаб бисёр ҳамкорон аз ҳунарҳои ӯ ғофил буданд. Мо забони немисиро об барин донистани ӯро тасодуфан, вақте фаҳмидем, ки ба корхона ду нафар меҳмонони хориҷӣ омаданду ба кори шӯъбаи вай рағбат зоҳир карданд.

Ман аз ин ҳусус андешида, тадриҷан воқеаҳои сию ду сол қабл аз ин рух додаро дар лавҳи хотир бедор мекардам. Он замон узви комитети иттифоқи касабаи корхона будам ва бароям супориш карда буданд, то шикояти ҳамсари Мирзо Сангинро санҷида, шаҳодат диҳам. Ёдам меояд, дар пайи ин супориш саравал бо додхоҳ – Фотима вохӯрда будам. Ӯ дар он айём бонуи 24-25-солаи сабзинаандом, мавзунқомат ва ситорагарме буд. Ду кӯдакаш дар сари зону, ӯ гирён-гирён арзи ҳол карда буд, ки Мирзои бешафқат фарзандонашро зиндаятим карда, ӯро талоқ додааст ва ҳоло қасди ба дигаре хонадоршавӣ дорад. “Мамлакат бесоҳиб аст магар, чаро вай ҳаёти ману фарзандонамро мешиканад, бадбахту сияҳрӯз мекунаду касе пишакашро пишт намегӯяд?! Боз дар як фабрикаи номдор инҷинер аст!.. Ин чӣ бедодӣ? Агар ҳукумат одилу ҷаббор бошад, падари дайдуро аз ин роҳ гардонад, ба сари фарзандонаш маҷбур карда биёрад-дия!..” – тақрибан вай чунин гуфта буд он замон бо сӯзу алам. Равшан буд, ки зан шавҳарашро дӯстдор аст, майли аз ӯ ҷудоӣ надорад, хиёнати ӯро низ бахшиданист. Ин гуна муҳаббати тафдори зани ҷавону хушандом ва кӯдакони

дӯстрӯю маъсумро пушти по задани Мирзо маро оташин карда буд, ба Фотима гуфта будам, ки мо то имконе ҳаст, дар ин бобат бетараф нахоҳем буд, ӯро маҷбур мекунем, ҷазо медиҳем, вай ҳақ надорад зани озоди тоҷикро ба чунин бешафқатӣ таҳқир кунад, даврони феодалону занҷаллобон абадан гузашта рафт, вай инро фаромӯш кардааст, маълум мешавад, ки дар шуури ӯ таассуби динӣ ва пасмондаи расму одати феодалҳо боқӣ будаст, мо бехабар будаем… Ман ба ин монанд хеле суханони дар он айём вирди забони нотиқон гаштаро гуфта, Фотимаро умедвор карда будам.

Ёдам меояд, он рӯзҳо Мирзо даъвои маро, ки бо шӯру ҳаяҷон иброз доштам, хомӯш, ҳатто дар назар бепарво гӯш карду баъд хирахандe намуд ва аз рӯйи одаташ муаммотақлид гуфта буд: “Ба ман нигар, ту инҷинерӣ, илми физикаро медонӣ, дар физика ҳар миқдоре, ки ба ҳадди беинтиҳоӣ мерасад, пучу бемазмун мегардад – ин як. Сониян, дониста бош, ки муҳаббатро қаблан ба нақша гирифта намешавад, ин газворбофӣ не, макаронсозӣ не… Муҳаббат маро ба таъхир дарёфт, аммо чӣ илоҷ?! Фарзандонро ба ман диҳад, тарбия мекунам…”

Ман ба рӯйи вай нигариста ба мазоҳ хандидам. Баъд хеле суханони сахту маломатомез гуфтам, ба сари инсоф овардан хостам, ҷаҳд доштам бо таҳдиду тадбир ӯро ба сари фарзандонаш бозоварам, аммо саъям беҳуда буд. Оқибат гуфтам, ки мо ӯро метавонем маҷбур созем, аммо вай ин суханро шунида, гӯё оташ гирифт. Суханони гуфтааш ҳанӯз ҳам дар гӯшам садо медиҳанд: “Худро чунон мегирӣ, ки ту фармондеҳу дигар ҳамаи одамон аскарони ту бошанд, ҳар як амру хоҳиши туро бегуфтугӯ иҷро кунанд. – Баъди лаҳзае сархам андешидан вай тару часпон боз гуфт: – Хоҳишмандам, ба ин ҷиҳати рӯзгори ман дахл накун. Ё маро милиса катӣ пешандоз карда ба идораи ақди никоҳ бурдан мехоҳӣ?..”

Охирин умедам – дилбохтаи вай – Гулбону буд. Вай дар мактаб муаллима будаст, ба мулоқоташ рафтаму поёни дарсашро нигарон истодам. Гулбону духтари газгӯшти латифандом буд, зоҳиран пурҳаракат ва саросема намояд ҳам, андешааш амиқу батааннӣ намуд. Нигоҳи пурмаънӣ ва дар сухан гуфтан тамкину пухтагии ӯро пай бурдаму тасаввури дар ҳаққи ӯ аз гумону тахмин пайдо кардам андаке бошад ҳам, бартараф гашт. Вай духтаре буд, ки аз камтарин гуфтугӯ ҳар як инсони ҳушёр ба ҳурматаш мекӯшид.

Гулбону матлаби маро аз ним ишора пай бурду чашмони гирояшро дафъан, якбора ба чашмам дӯхт ва гӯё аз гуфтугузор дар ин мавзӯъ хаставу дилгир бошад, оҳе кашид.

– Рафтем, ман бо чиҳил нафар шогирдон дар синфхона диққинафас шудам, раҳораҳ ҳар чӣ хоҳед, бигӯям. Аммо донииста монед, қаблан мегӯям: ҳеч коре аз дастам намеояд.

Мо ба кӯчаи аслӣ баромадему аз пиёдараҳ паҳлуи ҳамдигар мерафтем. Писаракону духтаракон дар паҳлуи муаллимаашон маро дида, шавқмандона бо ҳайрат ба сӯямон менигаристанд, ба якдигар пичиррос зада аз ин воқеа хабар медоданд.

“Фотима дугонаи ман аст, – гуфт Гулбону тақрибан бе муқаддима. – Ман ду-се сол аз вай хурд бошам ҳам, аз айёми мактабӣ улфатем, солҳои охир ҳолдону роздон будем. Фотима Мирзоро бениҳоят дӯстдор аст, муҳаббати ӯро ба ёд оварам, дилам реш мегардад... Онҳо чаҳор сол ҳамзист буданд, ду фарзанд доранд. Аммо Мирзо инро шунидан намехоҳад. Не, вай инсони дилсахту бешафқат не, ин тавр гумон набаред...”

“Шумо чӣ?!” – гуфта будам он замон бо тамасхур ва Гулбону лаб газида, абрувонаш пурчин хеле муддат хомӯш чашмаш ба замин роҳ гашта буд. Ин ҳолро ба ёд

оварда сонитар аз гуфта пушаймон шудам. Сонитар дарк кардам, ки ин сухан ба дили духтари некхисол бағоят сахт асар намудаст. Агар дар ҷойи вай ягон духтари шаттоҳ мебуд, “Чаро ман ба шумо суханамро ҳайф кунам?! ” мегуфту ба раҳаш мерафт, аммо вай дар он айём ин заҳри ҳалоҳилро фурӯ бурду баъди дақиқае чанд суханашро идома дод:

“Аммо Фотима ба шавҳараш бовар надорад. Агарчи Мирзо бо ҳеч зану духтари дигар сару кор надошт, аз вай ин корро чашм доштан ҳам хатост, дили Фотима пуршубҳа буд, гумонаш шавҳар ӯро ҳар шабу рӯз мефиребад. Ба Мирзо аз номи духтарҳо мактуб навишта, майли ошноӣ изҳор намуда, ӯро ба мулоқот даъват мекард, рӯзу соат ва ҷойи вохӯриро таъин мекарду сонӣ кӯдаконашро ба ҳамсояҳо вогузошта ба он макон мерафт, дар хилвате истода соатҳои дароз мунтазир меистоид, то шавҳарашро дар сари хиёнат бигирад. Овозашро дигар карда телефон мекард, э-э, боз чӣ найрангҳое, ки ба гуфтан забон намегардад. Айёми охир Мирзо пай мебурдаст, ки ин дасисаҳои ҳамсараш аст. Фотима бо ин ҳама қонеъ набуд, намедонам, чӣ васвасае дар сар дошт, ки ҳеч таскин намеёфт. Ӯ мудом аз ман хоҳиш мекард, ки боре дар ҳузури вай ба шавҳараш занг занам, бо ӯ ваъдаи мулоқот кунам. Сараввал ин хоҳиши ӯро инкор мекардам, вале ӯ ҳамвора исрор дошт. Боре бо ташвиқ ва тарғиби вай ба шавҳараш занг задам, ӯ дар ҷавоби ман ба тамкин гуфт, ки бо марди оиладор ин хел гуфтугузор ҳеч маънӣ надорад. Гумонам бо ҳамин Фотима оромиш меёбад, вале ҳайҳот! Ҳафтае аз миён гузашт ва ё бештар, ӯ боз маро хоҳиш кард, ки ба шавҳараш занг занам. “Ин ҳаромхиштаки гузаро аст, аммо ман ӯро ба даст мефурорам, дар сари хиёнат чунон мегирам, ки...” мегуфт бо алам. Ман ба Мирзо занг зада ҷиддан хоҳиш кардам, ки ӯро дидан

мехоҳам. Ба худ тасмим гирифтам, ки бо ин мард ҳамгап шавам, агар қавли занаш дуруст ояд, бо ӯ ҷиддан сухан кунам, вагарна ин зани бечора аз ғусса саҳл мондаст, ки девона бишавад. Дарвоқеъ, Фотимаро сиҳат гуфтан мушкил буд... Ба Мирзо аз аҳволи ҳамсараш ишора карда, зудтар ягон илоҷ сохтани ӯро хоҳиш карданӣ будам.

Бо Мирзо аз қадами аввал сӯҳбати мо қӯр гирифт. Вай аз таърих дарс гуфтани маро шунида, доири ин илм ва таълими он сухануне мегуфт, ки ман ҳаргиз аз каси дигар нашунида ва дар ягон китобе нахонда будам. Ӯ махсусан таърихи диёрамонро хуб медонист ва дар ин боб ман дар рӯ ба рӯйи вай оҷиз будам. Вай аз хусуси Зардушт, "Авесто", дастхатҳои кӯҳи Муғ, аз натиҷаҳои ҳафриёти солҳои охир бағоят шавқовар ва наву тоза ҳикоят мекарду мегуфт, ки фарзандони мо бояд аз таърихи диёр, аз ҳаёти бобоёни худ огоҳӣ ёбанд, мардуме, ки гузаштаи худро фаромӯш кардааст, ба он эҳтиром ва муҳаббат надорад, ба инқироз маҳкум аст. Мирзо аз ин хусус шеъреро ба хондан шурӯъ карду сонӣ якбора хомӯш гашт ва ба чашми ман рост нигариста гуфт: "Аз шеър дилгиред? Ҳамин тавр не?.. Ҳатто рангатон канд..." Ман табассум кардаму ночор сар ҷунбондам. Вай гуфт: "Дар мактаб ба дасти муаллими "шеърдӯсте" гирифтор будаед, вай ба шумо ҳифзи варақ-варақ шеърро супориш карда, шуморо аз шеър дилгир намудаст, ҳамин тавр не?" Ман боз ба тасдиқи суханони ӯ сар ҷунбондам. Вай дар суханаш идома карду гуфт: "Маро аз хори умумисароӣ дилгир карда буданд. Ҳанӯз ҳам хорсароёнро тоби дидану шунидан надорам. Ҳар як шахс шавқею завқе дорад, аммо муаллимони мо инро ба инобат намегирифтанд, гоҳе дарсхониро не, ана, ҳамин хел хорсароӣ ё оҳанпорағундориро ба мадди аввал мегузоштанд. Ононе, ки дар таҳсили илм миёнаҳол, вале дар ҳама кор ҳозиру

нозир буданд, аълохон ва пешқадам ба шумор мерафтанд. Ман фақат бо физикаи худ саргарм будам, бинобар он мудом маломат мешунидам, танбеҳ мегирифтам”.

Аз таҳдари музейи осори атиқа мегузаштем, ки ӯ маро ба тамошои осорхона даъват кард. Ин дам ба хотирам расид, ки Фотима маро дар қарибии боғ интизор аст ва аз ваҷҳи ӯ бояд ки бо Мирзо сухан кунам. Лаҳзае чанд ду неру – ду майл дар ниҳоди ман кашокаш доштанд... Чӣ кунам, ки хоҳиши Мирзоро он рӯз рад кардан натавонистам... Ба гумонам, ҳама кор ана аз ҳамон лаҳза сар шуд... – гуфт Гулбону гунаҳкорона нигоҳ аз замин набардошта ва лаҳзае сукут варзид. – Баъди ҳафтае боз занг задам. Мирзо занги маро муштоқ будааст, маломатам кард, ки бедарак рафтам. Хулосаи калом, мо тадриҷан ба сӯҳбату дидори якдигар ташнагӣ ҳис мекардем, дигар аз ҳам дур будан наметавонистем...”

Ман бо ҳаяҷон, бо тамоми эҳсоси хушбинонаи ҷавониам ба Гулбону собит кардан хостам, ки ин муҳаббат нест, пойдевори ин ҳисси латиф ва олиҷаноб бояд аз ҷӯйбори ростию дурустӣ, олиҳимматӣ ва инсонпарварӣ об хӯрад, он бояд аз ҳар олоише поку мубарро бошад, ба қоидаи ахлоқи коммунистӣ созгорӣ намояд. Шумо беинсофӣ мекунед, ин кори шумо ноҳақӣ, бешафқатӣ, шумо бар ивази сияҳрӯзии дӯстатон худро хушбахт сохтаниед... Гулбону дар ҷавоб он рӯз тахминан чунин гуфта буд:

“Албатта, агар бедардона аз канор нигаред, ба муҳаббат аз рӯйи ягон хел кодекси сохта назар кунед, ҳатман чунин натиҷа мегиред, – гуфт Гулбону маҳзун сар ҷунбонида. – Ба назари ман, агар онҳо умри худро бемуҳаббат гузаронанд, бадбахттарини бадбахтонанд. Тасаввур мекунед, як умр бемуҳаббат ҳамзист будан чӣ маънӣ дорад?! Ман як рӯз ҳам зистан наметавонам... Албатта, шумо баринҳо метавонанд...” Вай ба ман ҳам киноя мезад.

Ба ҳамин минвол, он солҳо мудохилаи мо – ҳамкорон бенатиҷа монд ва Мирзо ба Гулбону хонадор гашта буд. Кӣ медонад, балки ман ба онҳо, чунон ки мебоист, сухан гуфтан ва таъсир ангехтан натавонистам.

Онҳо чанд сол ҳамсарӣ доштанд, аммо фарзанд наёфтанд. Сонитар ба гӯшам расид, ки Мирзо бо зани аввалаш – Фотима оштӣ кардаст ва дар як ҳавлии калон ҳар ду палонҷ зиндагӣ мекардаанд. Боре аз ин ваҷҳ ҳамкорон боз Мирзоро дар маъразӣ муҳокама монданд, ҷазо гирифт, аммо ман дигар ба ин қабил моҷароҳо алоқаманд набудам.

* * *

Имрӯз ҳавлии Мирзо Сангин мотамсаро буд. Пайвандони ӯ ҷомаю тоқӣ пӯшида, миён баста азодорӣ доштанд, фарзандонаш “во, оча!” гӯён навҳаю фиғон мекарданд. Ман тасмим гирифтам, ки Фотима аз дунё гузаштааст. Мирзо асои мотам дар даст ҳар яки моро канор гирифта, ҳунг-ҳунг мегиристу китфамонро аз ашки сӯзонаш тар мекард.

– Маро фалак зад… дӯстонам, фалак зад… Чароғи хонадонам хомӯш гашт… офтоби ҳаётам рафт… – гӯён марди балокаш сар мезаду пой мекӯфт.

Махсусан, “очаҷони меҳрубонам, очаҷони ғамгусорам… маслиҳатгӯям, раҳбару раҳнамоям!...” гӯён дар фироқи модар гиристани ду тан ҷавонмарди ҷигархаста ҳамаро мутаассир мекард, дар чашми бисёр касон ашк метаровид.

То адои такфин мо соате дар сафи таъзиягӯён дар таҳи дарвоза будем ва ман дар ин миён аз як тан марде, ки аз рӯйи суханаш сокини ҳамин гузар барин намуд, эҳтиётан пурсидам, ки кадоме аз занони Мирзо вафот кардааст.

– Зани аввалааш… – гуфт вай зуд ва сипас сонияе дар андеша монд, вале филфавр сабабе ёфту қавли худро тақвият дод: – Намебинед, фарзандонаш чӣ хел гиряю нола доранд?! Мирзо аз зани сонӣ фарзанд наёфт.

Ин гуфтугузорро шунида, як тан марди ришаш мошубиринҷ рӯй ба ҷониби мо гардонду гуфт:

– Зани дуюмаш – Гулбону гузашт… Зани оқилаи меҳрубон, ҷони одам буд. Ҳашт нафар фарзандони Мирзоро аз модари зода азизтар ғамхорӣ ва тарбият мекард. Кӯдакон бетоб шаванд, ҳамроҳ, модари зода барин дар бемористон хоб мекард-дия!.. Истодаш дил буд, истодаш ақл буд…

Ин лаҳза тобутро бароварданду нолаю фиғони азодорон ба фалак печид. Пешопеши тобут фарзандони доғи онҳоро дида, аксари ҳозирон Фотимаро аз дунё даргузашта мепиндоштанд.

*Соли 1985.*

# ХОТИРАИ ЯК МУҲАББАТ

Поезди тезгарди Москва – Душанбе кайҳо ба роҳ даромада, иморатҳои шаҳри азим дар қафо монда бошанд ҳам, дар вагонҳо бесаранҷомӣ ва ҷобаҷошавии баъзе мусофирон давом мекард: дарою баро, ҷомадонкушоӣ, баҳсу “харҳаша”, ҷой иваз карда аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар кӯчидан…

То ҳамҳуҷраҳояш чизу чораашонро саранҷом бахшида, аз ҷунбуҷӯл фориғ шудан Наъно ба долон баромаду дар курсии назди тиреза нишаст. Ҷунбоҷӯли бисёру ташвишу тараддуди бепоёни баъзе ҳамсафарон ӯро дилтанг мекард. Вай, одатан, ҳангоми мусофират дар як ҷомадончаи хурд ашёву либоси заруриашро ҷой мекарду мебаромад ва дар бозгашт ба шавҳараш ва кӯдаконаш як-ду кило қандалоту тӯҳфаҳои хурд-хурд мегирифту бас. Ба бори зиёд ҳеҷ хушаш набуд, чунон ки дар зиндагӣ ҳам шукӯҳу таҷаммулро сарбории инсон медонист.

Ин лаҳза дар ҳуҷраи ҳамсоя магнитофон монданду оҳанги хушсадое ба гӯшаш расид. Наъно лаҳзае гӯшу ҳуш ба савти ноошно, вале дилнишин вақф карду пай бурд, ки ин ҳаво ба ӯ шинос аст, замоне дар куҷое басо шунида аст. Кай? Дар куҷо?.. Ӯ зуд ба ёд оварда натавониста дар тааҷҷуб буд, ки он замон дари ҳуҷраи магнитофондор андаке боз гашту филфавр зуд пӯшида шуд ва дар ин миён вуҷуди вай ногаҳон ларзиду дилаш ба шиддат тапидан гирифт. Ёдаш омад, ки ин таронаро Неъмат ҳам замзама мекард. Дигар ба гӯши Наъно ҷуз ҳамин оҳанг суханею садое намедаромад. Чашмаш ба дари он ҳуҷра вақф шуд. Пас аз курсӣ бархосту ду-се қадам пеш рафт ва дар таҳдари он ҳуҷра рост истода, номаълум ба овози сокинони он гӯш дод. Пасу пеш гашт, боз бинишаст, аммо дари он ҳуҷра во нашуда ва ӯ дар интизор

боз дар курсиаш нишаст. Чашмонаш нимво шуданду он ҳама воқеаҳои қариб бисту панҷ сол қабл аз ин рух дода дар лавҳи хотираш якояк зинда шуданд. Аслан, Наъно дар соатҳои танҳоӣ ба ёд овардани он хотираҳоро хуморӣ мегашт.

…Ҳамон сол вай номаи камол дар ҷайб ба нияти идомаи таҳсил ба Москва мерафт. Дастури қисмат будаст магар, ба поезди Душанбе – Маскав билеташ оварданд. Ҳанӯз ҳам равшан ёд дорад, чӣ гуна духтари ҳабдаҳсола буд, дар изтироб аз дари ҳуҷраи вагон ворид гашту дид, ки дар ду кати поёнӣ ду тан – як нафар ҷавонмарди лабғафси осиёгӣ ва як нафар зани миёнсоли аврупоинамо нишаста, ҳар ду дар пеши худ сачоқ кушода, хӯрок мехӯрданд. Наъно миллати занро возеҳ мушаххас карда натавонист. Ӯ салом гуфту як бор ба билеташ нигарист, баъд ба рақами катҳо назар афканду маъюсона оҳи сард кашид. Ҷойи вай дар табақаи дуюм буд ва ҳоло ба чӣ усул ба боло баромаданашро намедонист. Наъно амин буд, ки агар ин одамон кӯмак кунанд ҳам, ӯ ба боло баромада хобидан наметавонад, бинобар он, аз он мард хоҳиш кард: “Ҷойи ман дар боло будаст, бароюю фуро кардан наметавонам, ҷоямро иваз кунем-чӣ?” – тахминан ба ҳамин маънӣ хоҳиш кард вай.

“Э-э, хоҳари азиз… – гуфта буд вай мад кашида, бо кордчааш андармон, ба рӯйи ӯ нанигариста. – Ман худам ин ҷойро аз як бача ба зорӣ гирифтам. Ҳа, ман ҳам дарди миён, ана, вай номаш чӣ буд, ҳа, радикулит дорам. – Баъд боз чӣ баҳонаҳое оварду чораи ин мушкилро пешбарӣ кард: – Ҷомадонро ба боло мон, фақат шаб дар боло хоб мекунӣ, рӯзона, ана, дар кати мо нишаста, чақчақ карда меравӣ. Ана, мо қарта дорем. Қартабозиро медонӣ? Агар надонӣ, ман як-ду хел бозиро ёд медиҳам. Ин бозиро донистан зарур аст. Ана, ҳамин хел, ба як ҷое меафтӣ, даркор мешавад. Вақти хобат, парво накун, туро як

даста хас барин озод бардошта, ба катат монда метавонам. Биё, бишин, духтари зебо”.

Сари ин гуфтугузор буданд, ки аз дар як ҷавони лоғару рангпарида дар даст печаке ба ҳуҷра ворид гашт. Вай шармида, оҳиста бо гӯшаи чашм ба Наъно нигаристу ба салом гуфтан ҷасорат накард. Сипас, ба ҳамсафонаш нигариста, гуфт:

“Ба мо ҳамроҳи нав барин”

Ин бор вай бо табассуми содда ба рӯйи Наъно нигарист. Табассумаш самимӣ ва беғаш буд, ба як бор дили марду занро гӯё фараҳу шодмонӣ ва умедворӣ мебахшид. Ҷавон аз як назар вазъи корро пай бурду ба лафзи русӣ ба ҷавонмарди лабғафс хитоб кард:

“Бародарҷон, акнун ҷойи маро ба ҳамин духтар диҳед. Бубинед, ба вай аз шумо мушкилтар аст. Ману шумо мардем. Маро мебахшед, ки кӯдаки хурдсол барин зуд аз тӯҳфаи худ пушаймон гаштам. Хайр, худатон мебинед…”

“Ҳу, дар паҳлуят шинон, чақ-чақ карда меравед. Ҳар ду ҳам ҷавонед, маслиҳат кунед, китоб хонед. Дар поён вай дилтанг мешавад. – Марди лабғафс бесабаб ҳингиррос зада хандид. Наъно пай бурд, ки вай ба ибораи “дилтанг мешавед”, ба таври худ маънии дигаре дода ва ё доданист. – Шумо мактаб хондагӣ, варзишгар, – гуфт ӯ, аз чӣ бошад, ки хира табассум намуда. – Комсомол магар ҳамин хел мешавад?! Поён ҷойи ману, ана, ин хола барин одамон. Шарм намедоред, ки мани маъюб боло бароям…”

Баъд гуфтугӯ ба поён расид гуфтан хосту як рони мурғи пухтагиро аз табақи пургӯшти ба роҳи сафар гирифтааш бардошта, ба даҳон зад ва бо як ҳаракати лунҷу дандонҳо гӯшти онро покиза гирифту устухонашро берун овард.

“Баромадан метавонед? – пурсид ҷавони рангпарида беҳол ва маъюс ба Наъно рӯ оварда. – Натарсед,

осон аст.”

Наъно ба худ нобоварона, ба маънии “надонам” китф бардошту гуфт:

“Дигар ҳуҷраҳоро бинам, балки ягон кас иваз мекардагист.”

“Ба ман нигаред, – ҷавони рангпарида боз ба он марди лабғафс рӯ овард, – ба ин духтар мушкил аст, балки баромадан наметавонад, шумо – мард…”

“Ана, акнун ба ман ақл меомӯзӣ! Ҳай, бача, бача… Сад бор гуфтам, ки ба одами аз худат калонсол ақл наомӯз, Неъмат! ”

Сухани ӯ ба поён нарасида ҷавони рангпарида, ки Неъмат хитоб ёфт, ҷомадони Наъноро аз замин гирифту ба рафи боло ниҳод, сонӣ ҷаҳида худро ба қабати дуюм гирифту баъди ҷо ба ҷо кардани бор ба поён, ба духтар хитобан гуфт:

“Поятонро ҳу, ба он поймонак гузореду дастатонро ба ман диҳед… Шарм накунед, зари дастатон намерезад, – бештар барои ба духтар рӯҳ бахшидан хандид вай. Баъд калонгирона гуфт: – Дасти ман ҳам дасти ҳар касро намефишорад. Шумо духтари хубу бамаънӣ намудед…”

“Хайр, бас, бисёр манманӣ накунед, фаҳмидем” – гуфт Наъно бо итоби хоси духтарони ҳабдаҳсола ва мабодо наранҷӣ гӯён ишваомез ба чашми ҷавон нигариста хандид.

Ин амалро ӯ бар қасди ҷавонмарди лабғафс карданашро Неъмат пай бурд ва аз ин ҳамраъии духтар хушнуд гашт.

Неъмат бо ҷавонмарди лабғафс моҷаро ангехта наметавонист, вай тоқати диққати одамонро ба худ ҷалб карданро надошт.

Ҷавон чӣ гуна ҳангоми аз дасти духтар гирифта, боло баровардан аз шарму изтироб сурх шуд, аз назари Наъно дур намонд. Баъд онҳо ҳар яке дар кати рафмо-

нанди худ дароз кашида, рӯзномаю маҷаллаҳои Наъно овардаро як-як аз назар гузаронданд, баъзе мақолаҳоро мутолиа карданд.

Дар ин миён ҷавонмарди лабғафсу зани миёнсол хӯрокашонро хӯрданд ва аз он, ки зан пичиррос зада, фотиҳа хонду даст ба рӯй кашид, Наъно қиёс гирифт, ки ӯ мусулмон аст. Баъд аз шунидани суханони вай донист, ки он тоторзани содадилу содафеъл деҳотӣ аст.

Марди лабғафсу тоторзан ба сӯҳбат нишастанд. Сӯҳбати онҳоро Наъно аввал гӯш дод, аммо баъди соате худ ба худ гӯшаш ба овози онҳо баста шуду ҳушаш ба саҳифаи китоби сари дасташ банд гашт. Наъно соате мутолиа карду боз ба гуфтугӯйи онон гӯш дод:

“Дар Маскав духтаратон хона дошта бошад, бемалол тамошо мекардед-да. Хонааш хуб аст охир? Дар марказ аст? – як навъ хоболудона, бепарво мепурсид мард.

“Хона… Бечора як ҳуҷра дорад.”

“Баъзеҳо як хонача доранду нимашро ба иҷора медиҳанд… Агар ба иҷора додан хоҳад, ман…”

“Не, вай катаки мурғ барин як ҳуҷрача дорад…”

“Не, нагӯед, пули хуб медиҳам. Як бор ба духтаратон гӯед. Ман бародараш барин, ҳамроҳи шумо…”

“Не, вай иҷора намемонад. Шӯяш агар шунавад…”

“Шӯяш ба хориҷа рафт, гуфтед-ку!”

“Мерасонанд-дия.”

“Хешам буд, мегӯяд. Ана, ҳамроҳи шумо меравам. Ду моҳ меистам. Аз ман ба вай фоидаи калон мерасад. Минбаъд ман ба вай аз Ӯзбекистон як чиз-ним чиз мефиристам, пул монда меравам, вай ба ман баъзе чизҳоро мефиристонад. Худатонро ҳам розӣ мекунам, апаҷон. Агар хоҳед, баъди сайри Маскав шуморо ба Ӯзбекистон мебарам, ягон моҳ истода, роҳат карда меоед. Харбуза пухтагӣ. Ман – танҳоям, аз зану фарзандонам ҷудо…”

“Бас кунед, бародар! Шарм намекунед? – Неъмат як-

бора шӯриду ҳама бо ҳайрат ба сӯйи вай нигаристанд. – Ин чӣ масхарабозӣ?! Охир, ин хола модаратон кати баробар. – Баъд ба он зан рӯй оварду гуфт: – Пай намебаред, ӯ шуморо мазоҳ мекунад.”

“Ё тавба, ё тавба”, – мегуфт зан гиребонашро гирифта.

Наъно ғарқи ин андешаҳо атрофашро қариб фаромӯш карда буд, ки дари утоқи вагон, ки аз он савту суруд меомад, якбора боз гашт ва паёпай ду тан ҷавонмард берун омаданд.

– Бачаҳо, шумо аз Тоҷикистонед? – зуд наздашон рафта пурсид Наъно.

– Ҳо.

– Тоҷикед?

– Ҳо, тоҷикем. – Ҷавонон интизори ягон хабари фавқулода аз роҳи худ бозистоданду ба рӯйи вай дақиқтар нигоҳ биандохтанд.

– Ҳим-м… Ба ман таронаҳои тоҷикӣ хеле хуш меояд, – гуфт Наъно аз тааҷҷуби онон андаке худро гум карда. – Оҳангу таронаҳои тоҷикӣ хеле дилнишинанд.

– Дароед, гӯш кунед, – гуфтанд онҳо баробар бо табассум. – Кондуктор овозашро баланд накунед, мегӯяд, паст монда гӯш мекунем. Дароед, шарм накунед.

Яке аз онҳо хост баргашта дарро кушояду ӯро ба ҳуҷра дарорад, аммо Наъно ба идораи даст манъаш кард.

– Сонӣ, сонӣ, – гуфт вай ба миннатдорӣ сар ҷунбонда. – Баъдан медароям у гӯш мекунам…

Вай ба ҳуҷра даромандан мехост, аммо ин лаҳза дилаш чунон сахт тапид, нафас дар синааш танг дармонд, поҳояш ба ҳадде беҳол шуданд, ки ӯ оҳиста қафо рафта, дар курсӣ нишаст. Қабл аз ин ҳам, ҳангоми бо тоҷикон вохӯрдан ҳоли ӯ дигаргун мегашт, аммо ин бор ба Неъмат андаке монандӣ доштани яке аз ин ду тан ҷавонон якбора вуҷуди ӯро ба раъша овард. Нафақат қаду

басташ, балки нигоҳаш, шармида сухан карданаш, ҳатто овозаш ҳам монанд аст. Нисбати Неъмати ҳамонвақта ин ҷавон навчатар ва ҳайкалдор аст. Ана, ҳамин қадар фарқ. Мо – бачаҳои солҳои ҷангу гушнагӣ дар айни вақти камолот ғизои зарурӣ нагирифтем, бинобар он, нарасида ва дарднок гаштем, – мегуфт ба дил Наъно. – Ҷавонони имрӯз ҳама аз падару модарони худ як сару гардан баланданд. Агар дар ақлу тамкин, дар кору ҷаҳд ва одамият ҳам баланд мебуданд... Аз ҳама сиру савдои олам огоҳанд, аммо худро намешиносанд... Ману Неъмат то ба Маскав расидан дӯстони якдил гаштем, ҳатто бо ташвиқи ман Неъмат аз нияти инҷенерӣ даргузашт ва ҳуҷҷатҳоямонро баробар ба донишгоҳи тиббӣ супорида будем. Ҷавонӣ бо ҳамин хел таваккалпешагиҳояш аз фаслҳои дигари умр тафовут доштаст. Агар ҳамон вақт Неъмат ба ман гӯяд, ки аз баҳри тиб гузар кун, ҳамроҳи ман ба донишгоҳи техникӣ ҳуҷҷат супор, лаҳзае наандешида амал мекардам. Ишқи аввал ба ҳар ду ҳам илҳом ва рӯҳу қудрати бузург бахшид магар, имтиҳонҳоро супорида, ба донишкада қабул гаштем... Ҷамъи баҳоҳои Неъмат кам омад, вале аз хизмати ҳарбӣ баргаштанашро ба эътибор гирифтанд. Неъмат борҳо мегуфт, ки агар ба ту дилбастагиам намебуд, аз ин қадар имтиҳони шадид ҳаргиз намегузаштам. Воқеан, дар тӯли чор шабонарӯз китоби химияро пурра аз бар карда буд! Мо ҳаргиз аз якдигар ҷудо набудем. Аксари донишҷӯён моро зану шавҳар гумон мекарданд. Агар ман дар китобхона то дергоҳ монам, Неъмат хӯрок пухта, дар термос гирифта мемонд, баъзан ба истгоҳ баромада, роҳамро пойида менишаст. Миёни ману вай ҷудоӣ набуд. Агар шимашро дарзмол карданӣ шавад, ба хонаи ман даромада, тамоми либоси дарзмолаш шикастагиамро мебурду якбора дарзмол мекард. Чунон ба диққат дарзмол мекашид, ки духтарҳои дар ин кор борикбин

ҳам дида, аҳсант мегуфтанд.

“Миёни ману Наъно ҳеч сире нест, дӯстӣ ва қаробати ду тамаддун аст!”– мегуфт вай дар ҷавоби пурсиши дигарон бо чашмонаш хандида. Дар ҳамин гуфтаи шӯхиомези вай ҳам хоксорию шикастанафсии фитриаш эҳсос мешуд. Ишқи мо дар забони донишҷӯён афсона буд, тарона буд, барои яке достони ибратпазирею барои дигаре бахти ҳасадангезе буд. Вақте мариз будаму ба бемористон афтодам, аз падару модар ва наздикону пайвандон дуриамро ҳаргиз эҳсос накардам, зеро Неъмат ҳар бегоҳ дар таҳи тирезаам ҳозир буд. Ҳар бегоҳ!.. Чашмони интизори ӯро чаро ҳар бор бӯса назадам?! Чаро?.. Афсӯс мехӯрам, аммо аз ин надоматам чӣ суд? Ба қадри некию накӯкорӣ, ба арзиши муҳаббату меҳрубонӣ сари вақт бояд расид. Баъзан чунин менамоядам, ки ҳанӯз ҳам ман аз ӯям ва ӯ аз ман аст. Бе дилмонӣ, ба хулосаи ақл тан дода агар ҷудо шавед, ғалатӣ будаст. Ба ҳар ҳол, Неъмат маро хушбахт кард, вай дар синаи ман муҳаббати сӯзон ва бемислеро фурӯзон намуд, ки он тамоми ҳаётамро равшанӣ бахшид. Агар ишқи Неъмат намебуд, ман намедонам, чӣ инсоне мебудам. Бемеҳру бесӯзи вай, беёдаш, бехотирае аз он рӯзгорон… Бале, вай бо муҳаббати худ якумрӣ маро хушбахт карду рафт. Ҳоло ба дугонаҳоям гӯям, ки ҳар як тоҷики пеш омада ба ҷони ман миқнотис аст, оҳанрабо барин ба худ мекашаду чархгардон месозад, гӯё афсунам мекунад, бовар надоранд, механданд. Чӣ ҳам гӯям, онҳо лаззати муҳаббати ҳақиқиро начашида бошанд, тӯфони он аз сарашон нагузашта бошад, чӣ гуна донанд, ки он чӣ мӯъҷизаест?..

Ҳоло он ду тан ҷавонони тоҷик дар поёни вагон намоён гаштанду Наъно дарёфт, ки ҳатто раҳгардии ҳамон яке ба равиши Неъмат мемонад. Ӯ лаҳзае ҷавонро мулоҳиза карду ба дил гуфт: “Ҳамин ҷавон аз хешу пайвандони Неъмат барин менамояд. Бегона монанд меша-

вад, аммо ин қадар не. Бениҳоят монанд аст. Писари амак, писари хола, бародарзода, балки додараш бурдагист, аз хусусии додараш мегуфт. Ё худ, гуфта намешавад, писараш, бошад-а!.. Ғалатӣ, чаро ин қадар изтироб дорам, чаро вуҷудам барги бед барин меларзад? Додараш бошад ҳам, писараш бошад ҳам, охир ин бача Неъмат нест".

Миёни Наъно ва он ду нафар ҷавон ин бор табассуми ошноёна раду бадал гашт ва ҷавонон ҷазбан ӯро ба ҳуҷра даъват карданд.

Наъно лаҳзае дар таҳи дар рост истода салом карду вазъи манзили ононро нигарист ва сипас ба дарун ворид гашта, дар лаби кати яке амонат нишаст.

– Биёед, аввал шиносо шавем, – гуфт вай бештар барои тааҷҷуб ва ҳар хел гумони ҷавононро бартараф сохтан. – Исму насаби ман – Наъно Махарадзе, касбам – духтурӣ, миллатам – гурҷӣ, аммо аз Гурҷистон дур, дар вилояти Астархан ба камол расидаам ва ҳоло ҳам дар он ҷо зиндагӣ мекунам.

Овози магнитафонро паст карданд.

– Мо – ҳамаамон аз Тоҷикистон, – гуфт ба сифати сардор як тан аз чор нафаре, ки синнаш аз дигарон бузургсолтар менамуд. – Номи ман – Ҷамшед, ана ин – Рустам…

– Рустамча! – луқма дод аз боло ҷавони неъматмонанд.

Ҷавонон хандиданд.

– Дар назари ман вай хурд барин не, ҷавонмарди расо-ку! – гуфт Наъно филфавр аз рӯйи лутфу назокат ба сӯйи Рустами резаҷусса дилҷӯёна табассум намуда.

– Дар назари худаш ҳам вай Рустами паҳлавон менамояд, – боз ҳамон овози шӯх аз кати боло баланд гашту ҷавонон хандиданд.

– Нусрат, ҷоғата банд як дам, – ба муаррифӣ давом кард Ҷамшед. – Ана, он маҳмадоно – Нусрат, ана, ин хаппакаш – Умар.

– Хеле хуб, бисёр нағз. Номҳои шумо дар байни гурҷиҳо ҳам маъруфанд, – гуфт Наъно ба рӯйи ҳар яке бо табассум нигариста. – Агар аз кадом шаҳру район будани ин ҷавонони нағзро ҳам мегуфтед, ман аз рӯйи симои ҳар яке як вилояти Тоҷикистонро қиёс мекардам. Ба ғайр аз ин, дар диёри шумо дӯстону ҳамсабақони собиқи ман ҳастанд, балки ягонтаатон шинос бошед…

– Ману Рустам аз шаҳри Душанбе, Нусрат аз Хуҷанд, Умар аз Вахш, – гуфт Ҷамшед тез-тез.

– Ҳим-м… — Наъно лаҳзае дасту по хӯрду сухане гуфтан натавониста сурх шуд. Сипас бесабаб абру чин карду андешаманд ба нуқтае чашм дӯхт ва барои рафъи нафастангӣ ду-се бор паёпай чуқур нафас кашид.

– Камтар бетоб баринед-а?.. Ҳаво намерасад? – пурсид Ҷамшед ба нишони ҳамдардӣ. – Апаи ман ҳам ҳамин хел, агар тиреза пӯшидагӣ бошад, дилашон танг мешавад. Ба тамбур мебароед? Дар ҳавои тоза зуд мегузарад. Ман ҳамроҳатон мебароям.

– Не, лозим не, ташаккур, – сардакак миннатдорӣ карду бештар сурх шуд Наъно ва хиҷолатманд чашмонашро поён гирифт.

Ба ҳуҷраи онҳо даромада нишастанашро Ҷамшед ба тарзи худ тавзеҳ карданашро пай бурду изтиробаш дучандон афзуд. “Наход ки ман ба зани сабукпой монанд бошам? Чаро ин тавр гумон бурд? Неъмат мегуфт-а, баъзе мардони тарафи мо ба зан ташна, дар ин бобат “гушнамеъдаанд”. Ман модари ин Ҷамшед катӣ баробар будагистам? Агар баъди хатми курси дуюм бо Неъмат зану шӯ мегаштем, ин замон писарамон қариб вай барин буд… Ана, ҳамин хелҳо номи мардонро бо хоки сияҳ яксон мекунанд. Неъмат иззати нафси баланд дошт. Эҳ, Неъмат, ту неъмати ноёбе будаӣ, ман дер фаҳмидам. Баъди рафтани ту ҳар рӯз, ҳар соат ин ҳақиқатро идрок мекардам. Дар ҳама ҳолат, ошкору пинҳон озмудамат, ту

фаришта будӣ, ҷавонмард будӣ, Неъмат! Дар он айём ҳусну малоҳати ман ҳамаро девона мекард, аммо ту вазнин ва батамкин ба рӯйи ман менигаристӣ…”

Бешак, ҷавонон алҳол сабаби ба ҳуҷраи онон даромада нишастани ин ҷавонзани хушандомро эзоҳ карда натавониста, ҳайрон буданд. Агар ба дил яке ӯро зани ҳангоматалабу ишвафурӯш пиндорад, дигаре гарангнамои содадил мешумурд ва ба ҳар як сухану ҳаракати вай чашму гӯш буд.

– Бемалол бишинед. Агар хоҳед, таронаҳои нав дорем, – гуфт боз Ҷамшед ба як тарзи аҷиб сӯйи Наъно табассум намуда.

– Ташаккур. Майлаш, овози магнитофонро андаке баланд кунед, таронаҳои тоҷикиро пазмонам, – гуфт Наъно чашмаш ба нуқтае гиреҳбанд, ба ҷониби ҷавон нанигариста.

Наъно як дасташро ба занахдон такя дода, ба савту сози тоҷикӣ гӯш монда буд ва пеши назараш айёми муҳаббаташ бо Неъмат пора-пора ҷилвагар меомад. Вай ҳоло он хотироти худро гӯё хуморӣ гашта буд, балки нағмаҳои тоҷикӣ он ҳама таъсироти хуфтаро бедор карда, гӯё он лавҳаҳои дилангезро дигарбора ӯ аз сар мегузаронд. “Аҷиб аст, ки айёми хушбахтии инсон ҳамагӣ чанд рӯз аст ё ҳафтае, моҳест ё худ солест, аммо хотираи он як умр ба кас осоиш ва фароғат мебахшад, хушнудию қаноатмандӣ меоварад. Ин гуна хушбахтӣ рости гап, дили маро дар ҳарос меоварinternal, тарсам аз он буд, ки бо Неъмат зану шӯ гардему мабодо аз якдигар дилмонда шавем ва ҳамаи ин муҳаббату дилҷӯиҳо дурӯғ гардад, тамоми онро чун ҳарфи хато аз хотира сутурдан лозим ояд. Бале, ман гоҳе ба хушбахтии худ ҳасад мебурдам, гоҳи дигар метарсидам, ки он як умр ба ман насиб мекарда бошад ё не. Худ аз худ чунин менамудам, ки ман ба ин бахти бузург сазовор нестам, ҳеч кори савобе накардаам, ки он якумрӣ

ба ман насиб бошад. Аммо он якумрӣ аз ман будаст. Неъмат аз ман рафт, ман ҳам ба вай нарасидам, аммо муҳаббаташ якумрӣ монд… Магар ман зани хушбахт нестам?! Замин чархгардон аст ва ман ҳамеша аминам, ки дар як гӯшаи он Неъмат ҳаёт аст ва ӯ ҳар мудом маро ба ёд меоварад, ҳар лаҳза ба имдодам мерасад, метавонам ҳамеша худро дар паноҳи ӯ бигирам… Магар ман хушбахт нестам? Агар Неъмат аз ман мерафту муҳаббаташро ҳам аз дилам мебурд, маро бадбахту сияҳрӯз мекард. Ё аз ҳама бадтараш – агар бо ман мемонду муҳаббаташ ба ман намемонд… Падару модари ман ҳам, волидайни вай ҳам ба никоҳи мо розӣ набуданд, ба хушнудӣ рӯйи хуш надоданд. Ману вай – ҳар ду ҳам медонистем, ки аз издивоҷи мо ҳам волидайн дар ранҷу алам хоҳанд буд ва ҳам фарзандони мо уқубат хоҳанд дид. На тоҷики мутлақу на гурҷии комил будан азоб аст. Ба ҳар ҳол, дар он айём ҳамин тавр буд. Бинобар он, ман ба Неъмат гуфтам: "Ё ту бираву дар Душанбе ба таҳсили илм давом кун ва ё ман…" "Ту ташвиш накаш, ман меравам", – гуфт вай дар охир ҳам ҷавонмардона…"

Навори магнитофон ба охир расид магар, нағма қатъ ёфт ва Наъно аз баҳри хаёлот берун омад. Баъд вай ба сӯйи Нусрат табассум намуда, ба як бор аҷиб нигаристу пурсид:

– Фомилиат чӣ?

– Хусравов, – гуфт ҷавон ба рӯйи зан ҳайрон-ҳайрон нигариста.

– Як нафар ҳамсабақи ман буд – Неъмат Хусравов, аз пайвандони ту нест? Вай то курси сеюм бо мо, дар донишгоҳи Маскав таҳсил карда буд.

– Падари ман, – гуфт Нусрат ба тасдиқ сар ҷунбонда. Сипас ба рӯйи ҳамсӯҳбати худ нигариста ширин табассум кард. Вай интизор буд, ки ин зани бегона дар ҳаққи падараш боз чиҳо мегӯяд.

– Ман туро дидаму ба падарат монанд кардам. Барои ҳамин ба ҳуҷраатон даромадам. Ба дил гуфтам, ки ё додари Неъматӣ, ё писараш. Аҷиб... Ту барин буд... – Шуои хотира дар як лаҳза боз он айём ва он касонро дар манзари хаёли Наъно овард.

– И-и... Ёфтам! – ногаҳон бехуд хитоб кард Нусрат.

Ҳама ба рӯйи вай мутаваҷҷеҳ шуданду ҷавон шармида то ба нӯги гӯшҳояш сурх шуд ва аз кори худ хиҷил рӯяшро бо бистар пӯшид.

– Тезтар барор ёфтагита, – гуфт Ҷамшед.

– Мабодо шабушката ёфтӣ?! – гуфт Умар.

– Э, хап шавед, гарангҳо! – гуфт Ҷамшед дасташро нотиқвор бардошта. – Барор, чӣ ёфтӣ, Нусрат?

Наъно чун дид, ҷавонон байни худ ба ҳазлу мутоиба печиданд, бархост. Дигар ба ҷавонон гаронӣ овардан намехост.

– Нусрат, ту фарзанди дӯсти наздики ман будаӣ, – гуфт вай меҳрангез ба рӯйи ҷавон нигариста. – Биё, ба бачаҳо халал нарасонем, ба долон баро, аз кору бори падарат камтар ҳикоят кун.

Онҳо пасу пеш ба долон баромаданд.

Нусрат доири кору бори падару модар ва вазъи хонадонашон, додараку хоҳараконаш ба саволҳои Наъно гоҳ мухтасаран, гоҳе батафсил ҷавоб доду дар охир гуфт:

– Ман шуморо шинохтам... Дар пеши бачаҳо нагуфтам. Сурататон дар албоми падарам буд. Аз холи болои лабатон шинохтам. Модарам замоне сурататонро аз албом кандан хостаанду андаке як гӯшаашро дарронда-анд, падарам аз ин кори он кас сахт ранҷидаанд...

Наъно ашки дар чашмонаш ҳалқа задаро бо рӯмолчааш гирифту "хайр, сонӣ гуфтугӯ мекунем", гӯён дар шитоб ба ҳуҷраи худ даромад.

*Комарово, октябри 1985.*

# ЯК ЛАҲЗА

Миришкорро деҳа гӯед ҳам, мешаваду шаҳр гӯед ҳам. Ин қасабаи дар миёни боғот ғӯтидаро аз он сабаб деҳа гуфтан раво буд, ки қариб аксари сокинони он боғча ё як порча полизи рӯйидарича доштанд ва дар киштзори совхоз ё фермаи мол кор мекарданд. Ба шаҳр нисбат додани онро сабаб ин буд, ки солҳои охир кӯчаҳои он рӯзафзун мумфарш, пайраҳадор ва рост гашта, иморатҳои дуқабата, ҳатто сеқабата, мағозаҳои гуногун, ҳар гуна идораҳо пайдо шуданд ва корхонаи коркарди мева, ки шарбату консерв истеҳсол мекард на фақат симои деҳа, балки феълу атвору гашту нишасти одамонро ҳам дигаргун карда буд. Аз дарвозаи корхонаи коркарди мева ҳоло фарзандони он деҳқонони ба қавли баъзеҳо, даҳанялаю foriғбол чунон ҷиддӣ, ба шитоб мебаромаданд, ки ба саломатон ба зӯр, сар ҷунбонда алейк мегирифтанд.

Хушназар баъди хатми донишкада се моҳ боз дар ин корхонаи коркарди мева фаъолият мекарду дар ин деҳкада истиқомат дошт. Ӯро дар ин ҷойҳо шиносе ё хешу ақрабое набуд, бинобар он, бегоҳиҳо ҳузни танҳоӣ ба сараш соя мепартофту вай ба гаштугузор мебаромад.

Тарафи шом кӯчаҳо ва мағозаҳои деҳкада серодамтар мегаштанд. Хушназар аз дӯкони матбуот рӯзномаю маҷалла мехарид, баъд ба дӯкони китобфурӯшӣ медаромаду дар он ҷо дуру дароз андармон мешуд, китобҳои навро шитоб накарда варақ зада менигарист, бо мундариҷаашон ошно мегашт, баъзан як-ду саҳифаи китоберо мехонд ва агар ба рағбат оварад, мехарид.

Баъд китобу рӯзнома дар даст ба дӯконҳои дигар – ашёи саноатӣ, чарчинворӣ ва ғайра сар халонда мебаромаду аз пиёдароҳи кӯчаи калони деҳа рӯ ба поён раҳсипор мегашт. Ним соат барин қадам мезад ё не, пиёдароҳ ба охир мерасид ва баъди андаке хонаву иморатҳо ҳам

ақиб мемонданду вай ба ниҳолзоре мебаромад, ки дар замини байни ниҳолҳо пахта кошта буданд. Азбаски ниҳолҳои наврас ҳанӯз чандон соя надоштанд ва решаашон ҳам алҳол ба замин чандон панҷа назада буд, ғӯза нағз ривоҷ дошт. Дар ин ҷо соҳили ҷӯйбори калон ӯро хеле ба худ машғул медошт.

Баъзан вай аз назди нонвойхона даргузар дуто нон ҳам мегирифт. Гоҳе худи марди нонвой пули ӯро гирифта, пасу пеши ду нонро як-як нигариста, баъд ба ӯ дароз мекард, гоҳе духтари нонвой дар чашмонаш тааҷҷуби ошкоро, балки шӯхиомез такроран аз ӯ мепурсид:

– Дута?

– Ҳа, дута.

Хушназар одати бо диққат мушоҳада кардану дар хотир доштани симои одамонро надошт. Агар дар кӯча бе хилъату кулоҳи сафед ин марди нонвой ва ё духтари ӯро дучор мекард, бешак онҳоро намешинохт. Аз ин хислати худ вай баъзан дар ранҷ буд, ҳамеша хиҷил ва шубҳаомез ба рӯйи одамон менигаристу беқатъият сухан мекард.

Як бегоҳирӯзӣ воқеаи аҷибе рух дод.

Хушназар китобу рӯзномаҳояш дар таҳи каш калон-калон қадам зада, аз рӯйи одати доимиаш ба канори деҳкада баромада. Мисли ҳамеша вай нерӯю ғайрати аз кори завод изофа мондаи худро ба чӣ шуғле сарф карданашро намедонист. Агар дар деҳааш заводи шарбату консерв ё ба ин монанд корхонае мебуд… Хушназар дар тасаввур овард, ки он гоҳ ӯ ба чӣ кор машғул мегашт. Албатта, пеш аз ҳама, баъди кори корхона барои иморат пойдевор меафканд, таҳхонадор, барои мошин. Боғу полиз мекард, молпарварӣ… Махсусан, вай шавқманди харгӯшпарварӣ буд. Аммо кай иҷрои он орзуҳояш ба ӯ муяссар мешавад, ӯ ҳанӯз намедонист. Барои кор дар ҳама ҷо шароит нест мегуфтанд.

Ҳоло вай дар канори рӯд бо андешаҳои худ танҳо буд.

Атроф орому сокит, ба ҷуз мурғакони шохсор ҳеч ҷонваре сукунати ин ҷоро халалдор намекард. Аз тарафи деҳкада садоҳои гуфтугӯ, бонги мошин, баоси мол аранг-аранг ба гӯш ояд ҳам, ба асаб сахт намерасид. Вай аввал рӯзномаҳоро нигарист, баъд китоби навхаридашро ба хондан шурӯъ кард.

Аз миён чӣ қадар вақт гузашт, ӯ пай набурд. Азбаски ҳаво абрнок буд, хоса абрҳои сиёҳи баҳорӣ бар сари деҳоту боғот ва киштзорон паст фуромада буданд, Хушназар ғуруби офтобро ҳам пай набурд. Садои тундар ва ба рӯйи вараќи китобу рӯзномаҳо афтодани қатраҳои калони борон ӯро ба худ оварданд. Вай китобу рӯзномаҳои худро ҷамъ карду шитобон ба роҳ афтод, аммо нисфи роҳро нагузашта, дар кӯчаи асосии деҳкада, ки ин дам фавқулода холию бекас монда буд, борони шадид ӯро дарёфт. Хушназар таҳ-таҳи девору бому бомгӯшаҳо кӯлмакҳоро ҷаҳида-ҷаҳида мерафт. Ногаҳон дар хамгашт аз кунҷи иморате ҷаҳида баромаду духтаре бо шаст ба оғӯши вай афтод. Бо Хушназар рӯ ба рӯ, балки даҳан ба даҳан заду бо ханда чиррос зада, ба кӯлмак афтоданаш таъин буд, аммо ҷавон сахт ӯро оғӯш гирифт ва ҳар ду каловида, ду-се қадам рафта истоданд.

– Ваҳ, мурдам!.. – гуфт духтар қиқиррос зада. Сипас мисли мурғи ба дом афтода ҷавлон зада, худро аз оғӯши ҷавон халос кардан хост. – Э, чашматон дар куҷо?

– И-и… – гуфт Хушназар ғайриихтиёр ва табассум карду ба рӯйи духтар нигарист.

– Ҳой, сар диҳед акнун, бас, – духтар дар изтироб ба рӯйи ҷавон менигаристу лаби андаке хуншорашро бо дасти хурду сафедаш пӯшида буд.

– Муфт як бор бӯсидед-дия! Ҳолӣ нишон медиҳам, – вай муштчаашро нишон дода таҳдид карду гурехт.

– Агар пушаймон бошед, гашта ба ҷояш монам? – гуфт Хушназар аз қафои духтар ва лаҳзае саргаранг истоду

баъд лаби ҷароҳатнокашро молида ба роҳ даромада.

Гӯё моҳии бузурге якбора ба дасташ омада, аммо ӯро дар ғафлат ёфта, гурехта бошад, ӯ ҳам хурсанд ва ҳам маъюс буд. Вуҷуди гарму нарми духтар, бӯи кокулони боронзадаи ӯ ҳанӯз ҳам Хушназарро беқарор мекарданд, ҳар бор аз нав он ҳолро пеши назар оварда, қалбаш зуд зуд мезад. Махсусан, хушнудии духтар ӯро моту мабҳут карда буд. Аз чеҳраи ӯ нури хуррамӣ меборид, узв-узви вай механдид, аз нигоҳи махмалини навозишкораш як навъ хуррамии баҳорона метаровид. Бале, барои ӯ муҳимтарин бозёфти ин шоми боронӣ – ифодаи бениҳоят хушнудии чеҳраи духтар буд. Чунин хушнудии бепарво, мағрур ва махсуси ҷавониро ӯ бори нахуст бо тамоми вуҷуди худ эҳсос карда буд. Мувофиқати назокат, зебоӣ, шӯхтабъӣ ва хушнудии беғамона дар он лаҳза дар вуҷуди духтар ба ҳадди аъло возеҳ ифода ёфта буданд.

– Кӣ буд? Духтари кӣ? Аз куҷо? Исмаш чӣ?

Дили Хушназарро ваҳм гирифт, ки агар духтарро наёбад ва ё бинаду шинохта натавонад, чӣ мекунад. Бешак, кораш ё ҳавлиаш дар ҳамин миён аст. Ба назар чунин меояд, ки ӯро дар куҷое дидаам. Хоҳӣ-нахоҳӣ, дучор меояд, ман ӯро нашиносам ҳам, вай мешиносад, ҳамин ки шинохт, маълум мешавад. Агар сухан кунад, аз овозаш мешиносам, садояш ҳанӯз ҳам дар гӯшам… Он лаҳза саросема, аз шарм дуруст ба рӯяш нанигаристам. Духтари ғалатӣ, гӯё Худо гилашро аз хандаю лутфу шӯхӣ шӯридагӣ бошад. Меёбам ӯро, албатта, меёбам…

Дигар барои Хушназар кор ёфт шуд. Ҳамин ки соате фурсат ёфт, вай ба кӯча медавид ва ҳоло ба чашми ҳар як духтар зеҳн монда менигарист. Баъзе духтарон аз ин кори ӯ дарғазаб, ҷонибаш бад-бад нигариста мерафтанд, баъзеи дигар ба мазоҳи ӯ механдиданд.

Хушназар аз миёни ҷор-панҷ нафаре, ки ба духтари оғӯш гирифтааш монандӣ доштанд, духтари нонвойро

бештар ба ӯ шабеҳ кард, аммо ду бор нонгирӣ рафт, духтар ба вай беэътибор, авзояш гирифтагӣ, нон рост мекард. Хушназар ба ҷониби вай тез-тез нигарист, аммо духтар бепарво нонашро рост мекарду ду кокулаш дар чапу рости ӯ бозигарӣ доштанд.

Хушназар ҷавони зебосурат буд, рағбат зоҳир кардани ӯ духтаронро хуш меомад, баъзе аллакай бо забони нигоҳ шавқи шиносоӣ изҳор мекарданд. Аммо вай аз тоифаи ҷавонони шармин буд ва ҳамеша бо виқору тамкин дар рӯ ба рӯйи зеботарин зану духтар ҳам иззати нафси худро баланд нигоҳ доштан мехост. Ӯ ҳоло дар миёни духтарон фақат якеро, ҳамон шӯхи афсунгарро меҷуст. Аз чӣ бошад, ки қалбашро дар як лаҳза ҳамон духтар тасхир карда буд. “Барқ барин дар як мижа задан тамоми ин хирмани худписандиву сарбаландии маро сӯхту рафт”, мегуфт ӯ ба дил он лаҳзаро гаштаю баргашта пеши назар оварда. Дасти қазо буд ё амри қадар, ситора барин якбора парида, дар оғӯшаш афтодани духтар ва ҳамоно худро гум накарда, суханони шӯхиомез гуфтанаш, айёрона лабханд зада, ба рӯйи ӯ ҳаросон нигаристанаш аз пеши назари Хушназар ҳеч дур намерафтанд. Ӯ фақат ҳамон чашмони оҳувор ҳаросонро, ҳамон лабҳои шӯхи ширинтабассумро меҷуст. Чашмони зебо, хандаю табассумҳои дилрабо бисёранд, аммо суруре, ки чашмҳои вай доштанд, шӯхие, ки он абрувонро буд, Хушназар дар ягон духтари дигар надида аст. Ӯ тамоми зану духтари дар роҳи умр вохӯрдаашро, ки асосан, хешу табор ва ҳамдеҳаю ҳамсабақонаш буданд, ягон-ягон пеши назар оварда, гӯё бо пурбин аз наздик ба ҳар яке алоҳида, зеҳн монда нигарист, аммо ҳеч яке аз онҳо шеваю адои ин духтари хуштабъи дилу дидааш озодро надоштанд.

Ӯ як ҳафта мунтазам он духтарро ҷустуҷӯ кард, ҳафтаи дигар азмаш сусттар шуд, аммо ноумед нагашта

соатҳои бекориаш сайругашти худро дар кӯчаҳои деҳкада давом медод. Баъзан қалбашро абри ғализи ноумедӣ фаро мегирифту ба худ мегуфт, ки аҷаб не, он духтар аз ин деҳкада нест, балки аз ягон тараф ба меҳмонӣ омада бошад, баргашта рафтагист. Кош, ман мисли баъзе нафарон одамшинос бошаму шахси як бор дидагиамро пас аз чандин айём гузаштан ҳам шинохтан тавонам. Охир, он духтар агар ҳозир рӯ ба рӯ ояд ҳам, намешиносам, агар нахандад ё бо ягон коре худро маълум накунад, ҳеч намешиносам…

Аз нигоҳи баду таънаҳои духтарон тарсидаву ҳаросида вай ба рӯйи онҳо ҳоло duздида менигарист. Ӯ хуб медонист, ки аҳли деҳа ҷавонони бешарму баднигоҳро бадахлоқ мешуморанд ва чандон хуш намекунанд. Ба ғайр аз ин, Хушназар ташхис намуд, ки занону духтарони Миришкор шӯхтабиат, ҳозирҷавоб ва базлагӯянд, аз пеши забони онҳо ҳам метарсид.

Боре тарафи бегоҳ баъди дарою барой ба мағозаҳо ӯ ҷониби нонвойхона тоб хӯрд. Совхоз дар паҳлуи дарвозаи марди нонвой як ҳуҷраю як танӯрхона сохта, мардумро бо нони гарми танӯрӣ таъмин карданро ба ӯ вазифа кардаст, ки ҳамеша нони ӯ омода буд.

Духтар Хушназарро дида, кори дами дасташро монду пеш омад. Вай ба сӯйи Хушназар наменигарист.

– Дута нест, якта намегиред? Як бор якта хӯред, – гуфт духтар ва овозашро паст карда зери лаб, гӯё ба худаш мегуфта бошад, илова кард: – Намегиред?

Шӯхӣ ё мазоҳ будани сухани ӯро тафовут кардан мушкил буд.

Хушназар як нонро аз дасти духтар гирифту ба рӯзномааш печонд ва ба ҷониби Ҷӯйи Калон раҳсипор шуд.

Дар канори ҷӯйи пуроб вай барои нишаста ба об нигаристани худ ҷойи созе ёфта буд. Дар сояи се чанори қӯша кундаи сафедоре буд, ки атрофаш ҳама сабзаю

себарга. Оби ҷӯй дар ин ҷо гирдоб ёфта, чарх мезад, садо медоду баъд ба раҳаш мешитобид. Моҳичаҳо ҳамеша ба об нон партофтани ӯро гӯё мунтазир буданд, зеро ҳамин ки вай омада рӯи кунда нишаст, шалап-шалап карда, худро аз об берун андохта, ғолибан, ба дасти ӯ менигаристанд.

Хушназар ба рӯйи кунда рӯзномаеро паҳн карду нишаст. Баъд нони дасташро рӯйи сабза ниҳоду кафшҳояшро аз пой кашид. Сабза ба пойи урёни вай фароғат ва осоиши аҷибе мебахшид. Вай ба оби ҷӯй даст шусту хост нонро ба об партофта, тар карда хӯрад ва ба моҳиён дода, талоши онҳоро тамошо кунад. Ӯ аксар ҳангом як нонро дар ин ҷо бо моҳиён мехӯрд ва нони дигарро ба хобгоҳаш мебурд, ки он барои хӯроки шом ё пагоҳӣ, барои наҳорӣ шикастан даркор буд. Ҳоло вай нонро аз миёни рӯзнома гирифту ногаҳон навиштаҷоти онро дида, ғайриихтиёр овоз баровард: "Ҳа, шайтоне!.." Нонвойдухтар дар рӯйи нон бо пилтаи хамир "Гаранг!" навишта ва онро пухта ба ӯ додаст!

* * *

Рӯзи дигар Хушназар баъди кор ба нонвойхона рафту мунтазир истод, то дигарон нон гирифта раванд. Духтар мисли ҳамеша ба ӯ беэътибор авзояш ҷиддӣ нон рост мекарду падараш дар сари танӯр мепухт.

– Дута нони маро диҳед, – гуфт Хушназар бо нимтабассум, ин бор ба чашмони духтар маънидорона нигариста.

Вай нонро аз дасти духтар гирифту баробари пул мактуби сахт печондаашро ба дасти вай газонд.

Духтар дар изтироб, ҷонҳавлӣ дасти мактуб гирифтаашро поён карду аввал хавотиромез ба қафо ба падараш, сонӣ ба берун нигарист ва сипас бо ангушти ишораташ оҳиста чаккаашро молида, ба ҷавон бо ишора

аҷлат нест, девонаӣ магар, гуфт. Сонӣ забонашро баровардy рӯяшро бурма карда, Хушназарро мазоҳ намуд ва баъд паси даст афшонда гӯё магасеро меронда бошад, “акнун зудтар гум шав” гӯён ишора кард.

– Худаш… Худи худаш! – мегуфт Хушназар ва хушҳол худ ба худ табассумкунон ба тарафи ҷӯйбор қадам мезад. – Ба ҳар ҳол, як бор вохӯрданам даркор аст. Сонӣ хостгор мефиристам.

* * *

Баъди нонхариҳои зиёд, пас аз номаҳои пурсӯзу гудоз, баъд аз хоҳишҳои бисёру таваллоҳои дилфишор Хушназар як шомгаҳон бо нонвойдухтар дар канори ҷӯйбор мулоқот кард ва аввалбор онҳо аз забони ҳам номи якдигарро шуниданд.

– Номи ман – Хушназар.

– Ҳиъ… – Духтар ба номи вай ҳам хандид. – Номи ман хушку тар надорад, ҳамту – Хадича. Хайр, ман фурсат надорам. Фақат ду дақиқа меистаму меравам. Чӣ мегӯед, барои чӣ маро безор мекунед? – гуфт духтар бидиррос зада, тез-тез баъди шиносоӣ.

– Истед… камтар истед…

– Як бор ночор монда, мактубатонро гирифтам, шумо аллакай бехуд шудед. Агар додом мефаҳмиданд… – Инро гуфту таъиноти апааш ба ёди Хадича расид, ки мӯл гап назан, наздаш бисёр наист, гуфта буд. Хадича вақте ки сирашро ба апааш гуфта, аз вай маслиҳат пурсид, ӯ ба ҳамин минвол дастур дода буд. – Хуб, гапатонро гӯед.

Баъд аз ин вай хеле вақт хомӯш монд. Ба саволҳои Хушназар ба тарзи кӯтоҳ “ҳа” ё “не” гӯён ҷавоб медод, баъзан китф боло мекашиду бас.

– Номам маъқул нашуд? – гуфт Хушназар маҳзун ба чашми духтар нигариста. Баъд содадилона эзоҳ дод: – “Хушк” не, “хуш”, яъне “нағз”.

– Оббо! Ин қадар илма чӣ хел бардошта гаштед?!

Номи духтар – Хадича, аслан ба Хушназар ҳам нафорида буд. “Як номи одии аз даҳан мондагӣ, ҳозир якта-нимта кампирҳои фартут ин номро доранд. Афсӯс, агар номи вай Сайёра, Ситора, Парвин, Симин ё ба ҳамин монанд номи замонавӣ мебуд. Хадича! Ба ғайр аз ин, ба гӯши кас аввалбор “кадуча” барин мерасад. Аслан, гап дар сари номаш ҳам не… Вай он рӯз бо табъи шӯхаш дили маро бурд. Дарвоқеъ, исту бисташ лутфу ханда буд, шодмонӣ буд. Ку он шӯхӣ, ку он лутфу киноя?! Аз узвузви вай хандаю фараҳ меборид, намаки ҳуснаш ҳам ҳамон шӯхиаш будаст. Ғалатӣ, хислату хулқу атвор инсонро ин қадар дигаргун ҷилва доданашро на аз касе шунида будам ва на дар ягон китобе хонда будам. Ба ман ҳамон духтари шӯх даркор аст”.

– Ба ман нигаред, – гуфт оқибат Хушназар аз ду дасти духтар гирифта ба чашмони вай чашм дӯхта. – Шумо… ҳамон духтари… а-а-а…

– Нонвой! – луқма дод Хадича.

– Не, ман гуфтанӣ будам, ки шумо ҳамон духтари… рӯзи борон… а-а, маро… бӯсидагӣ нестед?

– Ман бӯсидам? – овозаш ларзида итоб кард Хадича ва чашмонашро бениҳоят калон карда ба ҷавон нигарист. – Шуморо? Ҳай, хобҳои ширин мебинед! Дар куҷо хоб карда будед?

– Не, не, ман бӯсидам, – гуфт ҳаросон Хушназар.

– Не, мебахшед, шумо ҳам набӯсидед!

– Хуб, ҳар дуи моро кӣ бӯсид?

– Очаатон бӯсид… – духтар аз густохии худ пушаймон, то ки дигар сухане ногаҳон аз даҳонаш набарояд, бо кафи дасташ рӯю даҳонашро пӯшида, як-ду қадам қафо рафту хиҷолат кашида, пушт ба ҷавон гардонда, сархам истод.

Инсон дар ҳама ҳолат, ғайриихтиёр симои аслии худ-

ро мегирад. Хадича ҳам бо вуҷуди эҳтиёткорӣ ва худдорӣ аз меҳвари атвори худ дур намерафт.

– Шуд, шуд, ёфтам, – гуфт Хушназар бо шавқ ба ӯ наздик рафта. Ёфтам! Он чӣ мекофтам, ёфтам.

– Ҳолӣ ҳеҷ чизро наёфтед, – гуфт духтар ба ҷониби ӯ нанигариста. – Ёфтан осон нест.

– Умр дар пеш аст, ҷони ширин, оҳиста-оҳиста ҳамаашро меёбам. Ҳафтаи дигар хостгорони ман ба хонаатон меравand…

– Гӯед, ки дурусттар бӯғча баста оянд. Миришкор духтари арзон надорад. Хусусан, барои шумо барин дарвеши ломакон, – духтар гӯё беҳазл сухан гуфта наметавонист.

– Писарашонро ба шумо тӯҳфа меоранд, кам аст?

– Шуморо? – Хадича чашмонашро калон карда якбора ба ҷавон рӯ овард. – Ба бозор барорам ҳам, касе ба як пули сиёҳ намехарад… Хайр, ман харидорӣ мекунам. Бечора, мусофири дар борон мондагира аз дар рондан нашавад, чӣ мекунем…

Онҳо хандон-хандон дасти якдигарро гирифта, ба сӯйи деҳкада равон шуданд.

*Соли 1985.*

# ҒӮРАМАРГ

*Ба хотираи Илҳоми noком.*

Дигар нерӯи ба по бархостанат набуд, беҳолу бетоқат дасту поҳоятро ба ҳар сӯ меандохтӣ, ба ҷисми ҷавонат ҳаво намерасиду аз нафастангӣ дар бистарат чаппаю роста мешудӣ, бемадор ғел мезадӣ. Ба ҳар вазъе хобидан хоҳӣ, ман зуд кӯмак мекардам. Дигар аз дастам коре намеомад, то дарди туро сабук кунам. Аз ин оҷизӣ дандон ба дандон мегазидам, муштҳоямро чунон мефишурдам, ки нохунҳоям ба кафи дастонам фурӯ менишастанд. Дили падар аз чашмони ҳазини ту дард мечиду бас. Оқибат, баъди талвосаҳои ҷонгудоз хобат бурд ва ман оҳиста кампалро болоят пӯшидаму садое набароварда, аз курсӣ бархостам ва нӯг-нӯги по қадам ниҳода, аз утоқи бемористон берун шудам. Дарро боз мондам, то агар бедор шавӣ, бохабар бошам. Баъд саросема долонро гузаштаму ба таҳи дар баромадам ва сигорамро оташ гирондам. Шитоболуд, паёпай чанд қуллоб кашидам, намедонам. Ғиреве ба гӯшам расиду баргашта даромадам ва дидам, ки ҳамшира шитобон ба палатаи ту даромад. Гӯё ҷон ба ҳалқам омад. Чӣ гуна ба сари бистари ту расидам, ёд надорам. Ҳамшира туро аз фарш бардошта, ба бистар мениҳод. Ба девона шуданам саҳл монд. Акнун ҳайронам, ки ба чӣ тариқ он рӯзҳо ман девона нашудаам...

Боз ба умед ба назди духтурзан рафтам, гуфтам, ки илоҷе созаду ранҷу уқубати туро камтар кунад, наход, ки ҳеҷ чорае набошад. Гуфт, ки боз як бор “пункция” бояд кунаду аз ҳароммағзи сутунмӯҳраат андаке бигирифта, муоина созад, то бидонад, ки вазъи ҳоли ту чӣ гуна аст. Ман гуфтам, ки бас аст, ба ҳоли ӯ раҳм оваред, чандин раҳ ин амалро кардед, аммо ҳеҷ манфиате наёфт. Ӯ боз

маро ташвиқ кард, умедворӣ бахшид.

Ҳайрону парешон ба сари болини ту омадам. Чӣ созам, сарамро ба кадомин девор занам, то азоби туро андаке бошад ҳам, кам кунам? Медонам, ту тобу тоқати пункцияашонро надоштӣ. Аммо ноумед шайтон аст, ман ҳанӯз ҳам умедвор будам, ки мӯъҷизае рух медиҳаду ту сиҳат меёбӣ.

– Илҳомҷон… Илҳомҷон… боз каме сабр кун, пункция кунанд… Шояд…

Ту саратро ҷунбонда, дар бистар печутоб хӯрдӣ.

– Не-не… Дадаҷон… намонед! – гуфтӣ беҳолона. Ҳатто чашмонатро кушода натавонистӣ. – Намонед, дадаҷон… Намонед… Даркор не…

– Ин тавр нагӯй… Азоб намекашӣ… Сиҳат меёбӣ.

– Намонед, дадоҷон… Майлаш, мурам…

Ин суханон дили маро теғ барин пора карда гузаштанд, аммо чаро он рӯз зории туро гӯш накардам?! Гӯши ман кару чашмони ман кӯр гардад беҳтар буд!.. Ин надомати ҷигартоб, ин афсӯси ҷонкоҳ маро як умр, то зиндаам сӯҳон мекунад, мағз андар мағзи устухони маро месӯзад. Охир, туро дарди бешафақат не, уқубати мо дар синни ҳаштсолагӣ ба марг розӣ карду ман чаро нафаҳмидам?! Ба марг тан додани пирони солдида як амри воқеӣ ва ҳукми табиист, аммо дар ин синн… Аз ҷони санг ҳам наъраи алъамон бармехезаду ман чаро нафаҳмидам?! Чаро?!

Дувоздаҳ сол аст, ки ин лаҳза… ва боз лаҳзаҳои бисёреро шабу рӯз чандин раҳ пеши назар меоварам, аз афсӯси ҷонгудоз танамро тофта-тофта мегирам, нимишабон он зории ту ба ёдам мерасаду мисли моргазида парида аз бистар бармехезам ва ба пешониам бо шаст шаппотӣ мезанам, додам бо фиғон ба гардунҳо мебарояду фарьёд мекашам: “Духтур! Ту чӣ гуна шабҳо хоб мекунӣ, духтур?!”

Имшаб ҳам маро аламу андӯҳи бениҳояте гиребон-

гир шуд. Чунон дилтанг будам, ки худро ҷой намеёфтам. Боз пеши назарам ту ва он духтурзани дилсахту худбовар. Ба худ гуфтам, ки фардо ҳатман ба суроғаш меравам, ӯро меёбаму мегӯям, ки… Чӣ мегӯям? Балки вай турову маро дар ёд ҳам надорад. Хуб, бигирам, ки гуфтаниамро гуфтам, чӣ фоида аз он гуфтан? Андӯҳу изтироби ман аз он кам нахоҳад шуд… Ақли фарзанди одамӣ ин қадар дер медарояд?!

Мегӯянд, ки Ҳотами Той дар роҳ мерафтаст, ногоҳ каждумеро дидаст, ки пешопеши вай шитобон аст. Аз пасаш рафтаст. Каждум якеро неш зада куштаст, баъд ба сурати мор даромадасту галабонеро заҳр задаст, сипас ба сурати духтари зебое мерафтаст. Ду тан бародарон дар киштзор машғули киштукор будаанд, духтар онҳоро ба ҳам ҷанг андохта, якеро бо дасти дигаре ҳалок сохтасту боз ба роҳаш давом кардаст. Ҳотам бо ғазаб сари раҳи ӯро мегираду мегӯяд, ки ту чи балой, ки корат ғаму кулфат аст. Ӯ мегӯяд: "Ҳотам, туро ҳанӯз умр фаровон аст, ба роҳи худ бирав. Ман аҷалам, кори худро мекунам. То ки одамон маро домангир набошанд, ин гуна амал дорам…" Аммо ман аз худ домангир набуда наметавонам. Аз хатоҳои худам, аз беҳамиятии Зиёи Зард баринҳо одамонро огоҳӣ додан магар зарур нест? Заҳри ин каждуми бемурувватро ман чашидам, намехоҳам, ки дигарон бичашанд…

Не, ман сараввал аз хусуси ту ҳикоят кардан мехоҳам. Чӣ гуна ту ба бозиҳои бачагонаи худ саргарм мегаштӣ, ҳанӯз пеши назарам меояд. Ту агар ба бозӣ сар кунӣ, тамоми дунёро фаромӯш мекардӣ. Машғули мошинчаҳоят хаёлан ба кучаҳо мерафтӣ, ба чӣ шаҳру диёри сабзу хуррам сафар мекардӣ, боре донистан мехостам. Кунҷковию шавқмандии туро ниҳояте набуд. Агар бозичаи навро ба ҷузъҳо ҷудо карда, як бор даруну беруни

онро бо чашми худ набинӣ, беқарор будӣ. Бинобар он, баъзан бозичаҳои навхаридамро ҷузъ ба ҷузъ аз ҳам ҷудо карда, ба ту медодам, ту онро медидӣ, бо ақли худ месанҷидӣ, сонӣ ҳамроҳат васл мекардем.

Ёдам меояд, боре аз боғчаат омадию сари мизи ман тақвими навро дида, ба сурати Пушкин чашм дӯхта пурсидӣ: “Дадаҷон, ин кӣ?” Гуфтам: “Пушкин”. Боз пурсидӣ: “Вай аз пушка мепарронад?” Гуфтам: “Бале, фақат вай аз пушкаи сухан мепарронад, шеъру тарона мепарронад. Қиссаи моҳигирро гуфта будам-ку, ҳамонро ӯ навиштааст”.

Панҷсола будӣ, ҳамроҳам ба сайри кӯҳсорон мерафтӣ. Ману ту даст ба даст якдигар аз оби рӯдҳо мегузаштем, сару танамонро харошида аз байни ҷангалҳои анбӯҳ мерафтем, баъзан ғеҷидаю ғелида дасту пойҳоямонро харошидаю тарошида ба ҷариҳои махуф мефуромадем, ба теғаҳои санглох мебаромадем. Баробари ман пиёда мерафтӣ, пиёда меомадӣ. Хастагиро намедонистӣ. Аз ту шикояте намешунидам. Мудом маро ба сафар, ба азми роҳҳои дуродур ташвиқ мекардӣ: “Ба тори ҳу, он тал бароем?” “Дар паси ин кӯҳ чӣ бошад?” мегуфтӣ.

Он сол аз ранҷи иҷорашинӣ дилгир гаштаму аз канори шаҳр иборат аз як хонаю як кафшкаш бӯстон-сарои якеро харидам. (Кош, онро намехаридам!!!) Он ҳавлича аз ободиҳо дар канор воқеъ афтода буд: роҳи хуби мошингард ва автобуси шаҳр тақрибан якуним километр дуртар аз он мавзеъ мегузашт, духтурхонаи наздиктарин ва боғчаи кӯдакон дар масофаи дуним километр роҳи пиёдагард воқеъ буд.

Ману ту ҳар пагоҳӣ ба сӯи боғча медавидему бегоҳирӯз ҳар ду пиёда оҳиста-оҳиста гуфтугӯкунон меомадем. Ёдам меояд, айёми фасли тобистон соати шашу ҳафт ҳам гармо паст намегашт, ту арақшор баробари ман қадам мезадӣ. Биё, бардорам гӯям, рад мекардӣ, аллакай аз

одамон шармат меомад. Худро барои ба дӯши падар нишастан калон мешумурдӣ. Боре меомадем, ки роҳи деҳаро мумфарш мекарданд. Ту шодона аз паси тракторе, ки мумфарш мекард, ба пеш давидию пешпо хӯрда, ба рӯи асфальти тафсон афтодӣ. Кафчаҳои ду дастат супсурх шуда, обила заданд, аммо гиря накардӣ. Каме дар ҳарос будӣ, гунаҳгору сархам ба чашмам наменигаристӣ, гумонат барои худсариат маломат мекунам.

Ман он рӯзҳо хушбахт будам, хурсанд будам, ки ту акнун мисли ман ломакон нестӣ, туро ҳавлии падар ҳаст. Чӣ будани хонаи падарро ҳанӯз ту намедонистӣ. Ҳавлии падар подоши бебаҳои фарзанди одамӣ аст, писарам! Дар кадом гӯшаи дунё бошӣ, нури чароғи он туро ҳидоятгар аст, шуои онро мебинӣ, вуҷудат аз он ҳарорат мегирад. Ин боми паст бурҷи баланди роҳнамои инсон аст, он туро аз ҳар ҷо монанди миқнотис ба худ ҷазб мекунад, мекашад. Кӯҳу дарёҳоро, биёбону шаҳрҳоро тай мекунию ба сӯи он мешитобӣ. Нури он ба ту нерую тавоноӣ мебахшад, хаёли он умеду осоиш меоварад.

Ҳамон сол зимистон хеле сербарф омад. Барфи замин аз зону болотар буд, аммо ҳамон рӯз боз тундбод мезаду барф меборид. Додараки дусолаат сахт бетоб гашт. Ман ӯро духтур бурдан хостам. Модарат гуфт, ки шояд кӯдакро дар бемористон бистарӣ кунанд, ман ҳам мераваму ҳамроҳаш хоб мекунам. Туро дар хона танҳо мондан наметавонистем, бинобар он, ҳама ба духтур равон шудем. Бекасӣ мушкил аст, писарам. Ночор дар он ҳавои нохуш ба роҳ баромадем. Ман киштзорони пурбарфро миёнбур карда, аз бераҳаҳо пешопеш, дар дастам додараки бетобат кампалпеч мерафтам. Тую модарат аз паи ман меомадед. Агар баъзан ба ягон чуқурии пурбарф поям лағҷида афтам, ту фиғону ғирев бардошта, мегиристӣ. Маро ба ҳоли ту дил месӯхту туро ба ҳоли ман. Дили

ман ҳанӯз ҳам месӯзаду месӯзад.

Додаракат кӯдаки дардманду нимҷон буд, аммо ту солиму бедард мерасидӣ. Ногаҳон ин дарди мӯҳлику дармоннопазир ба ту аз куҷо печид, ҳеҷ кас намедонист. Духтурҳо гуфтанд, ки сабаби ин иллат ҳанӯз ба ҳакимон маълум нест. Аммо ман медонам, сараввал ту аз тарс бемор гаштӣ. Не, гумони яқини ман ин аст, ки бешафқатии як одами манҳусро дидию аз оламу одам умеди хайрият буридӣ.

Наврӯзи навбаҳорон буд. Аз таҳи дарвозачаи мо киштзорон оғоз мегирифтанд. Ту ҳамроҳи амакат, ки он рӯзҳо дар хонаи мо меҳмон буд, саги занҷирбандамон Ҳушёрро гирифта, аз дарвоза берун рафтеду ба дарахте онро баста, назди он машғули бозӣ гаштед. Ногаҳон писари ҳамсоя ба наздатон меояду саг ба он ҳамлавар мешавад. Хайрияти кор, Ҳушёри занҷирбанд ӯро газида наметавонад, аммо писарак тарсида, гирён мешавад. Падари вай Зиёи Зард ном марди бешафқат меояду моҷаро мекунад ва туро монанди як банд ҳезум ба таҳи кашаш гирифта меравад.

Ман дар хона машғули мутоила будам. Ҳодисаро хабар карданду тозон аз пасаш рафтам, аммо кор аз кор гузашта буд... Ин марди ҷоҳил туро ба назди саги занҷирбанди худ бурда партофтаст… Шалворат тар, гирёну нолон, ранги рухат монанди дока паридагӣ… Ман ҳанӯз ҳам ҳайронам, ки замин чӣ тавр ин гуна нокасонро мебардорад?! Не, ман аминам, ҳама кори ҷаҳон низомею мантиқе дорад. Ӯ дар ин дунё сазои кирдорашро мебинад, надида намемонад.

Баъди ин ҳодиса ман он ҳавличаро тарк кардаму аз ҳамсоягии он ноҷинс гурехтам. Муддате аз миён нагузашту ту ба дарди заъфарма гирифтор гаштӣ. Ҳоло ёд надорам, кадоме аз рафиқонам гуфт, ки бача бар асари тарс

ҳам ба дарди заъфарма гирифтор мешавад. Кош, ман он суханро намешунидам! Балки ин даъво асосе на-дорад, аммо чӣ кунам, ки он як умр намакпоши дили реш-реши ман гардидааст. Аз ғам – ғам мезояду аз дард – дард, бар асари заъфарма дарди бедавое ба ту печид. Ту дигар бо тандурустию ҳаёти хуррами кӯдакиат падруд мекардӣ.

Давои дарди туро ҷуста остоне намонд, ки ман сар назада бошам. Ҳама маро таскин медоданду ба қисмат тан доданро ташвиқ мекарданд. Дӯстам, доктор Аъзам аз рӯзи аввал гуфт, ки бачаро уқубат надеҳ, ба ин дард ҳанӯз даво надорем. Ман он рӯз ӯро, ба ростӣ, бад дидам. Ба дил гуфтам, ки дилсахт будаст, аз духтуре, ки шубҳа насозад, бояд гурехт. Дареғо, ба маслиҳати дуруст гӯш накардаму туро ин қадар азият додам, писарам! Акнун ин гуноҳамро чӣ гуна ба худ бубахшам? Бахшидан наметавонам. Он чун захми носур ҳар шабе маро дар шиканҷа мегирад.

Ту мехостӣ модарат ҳамеша дар беморхона бари ту бошад. Аз тиреза мудом ба раҳи ӯ бо чашми интизор нигаристанат аз пеши назарам намеравад. Агар ман ба аёдати ту бе модарат, танҳо равам, ғамгин мегаштӣ, хоҳиш мекардӣ фардо модарат барвақтар ояд. Модари зор ҳоло аз назди он бинои бемористон ба азобе мегузараду сар бардошта ба он тирезае, ки аз он ту ба роҳаш мунтазир буда, интизорӣ мекашидӣ, нигаристан наметавонад. Вай интизор буд, ки ту андаке сиҳат ёбию ҳар ду акс гиронед. Ин армон дар дили ӯ абадан бимонд. Акнун ҳар гоҳе туро дар хоб мебинаду аз дастат гирифта равон мешавад: “Илҳомҷон, биё, рафтем, акс мегирем”, мегӯяд.

Андӯҳи модари ҷигархастаро канора набуд. Вай ба рӯи ту менигаристу рӯзафзун пеши чашмони ман шамъ барин об мегашт. Ту ҳамеша худро ба оғӯши вай меафкандию лаҳзае гӯё аз дарди ҷонкоҳ оромиш меёфтӣ.

Ҳатто ҳангоми аз ҳуш рафтанат ҳам мехостӣ дар оғӯши модар бошӣ, гӯё аз тани вай, аз бӯяш зӯру мадор мегирифтӣ. Модари бечораатро дар он айём ман чӣ гуна, бо чӣ сухан таскин бахшам, намедонистам.

Дар бемористон духтараке аз ду-се сол хурдтар ба ҳамин дарди ту гирифтор буд. Он шӯрбахт ягона фарзанди волидайн будаст. Синни падару модараш гувоҳӣ медоданд, ки онон дигар фарзанд намеёбанд. Ман мудом паи таскини модарат мегуфтам: “Нигар, ба онҳо аз мо ҳам мушкилтар аст. Шукри кӯдакони дигаратро кун…”

Дар воқеъ, ту аз ин одам пайгум нарафтӣ, додару хоҳаронат – ҳар яке як нишоне аз ту доранд, дар чеҳраи ҳар яке мо туро мебинем: чашму абрувони ту, шӯхиҳои ту, бозиҳои ту, суханони ту… Ҳамин такрор ва силсиладории рӯзгор моро неруи зиндагӣ мебахшад.

Баъд аз сари ту ман як ҳақиқатро фаҳмидам: аз ҷонгудозтарин андӯҳи одамӣ ҳам ягон лаби дунё каҷ намегаштаст. Чархи рӯзгор пайваста дар гардиш аст, ҳамаро радду бадал месозад, ҳеҷ чизе абадан устувор намемонад, ҳатто ғаму андӯҳ ҳам. Аслан, андӯҳи одамӣ дар муқобили Ҳаёт мисоли заррае хурду ночиз будаст. Дунё моҳирона аҷиб ва қоим сохта шудааст.

*Соли 1984.*

# ЗАҲРИ ТАНҲОӢ

Ягона хоҳар, хоҳари зодаам ба тӯйи фарзандаш маро хабар накард-а! Ба нияти тӯйи вай ман як бӯғча тӯҳфавор баста монда будам. Э-э, додару хоҳар ҳам, фарзанд ҳам, баъди калон шудан ҳаловату фароғати худро меандешидаанд. Чароғи ҳар кас ба сари худаш равшанӣ мекунад, мегуфтанд, маъниашро акнун фаҳмидам. Ана, хоҳару додари ба ҷон баробарам барои ду пул гапу кор аз ман рӯ гардонданд. Аввало, як бор муборак бошад, гӯён, ягонтааш аз дарам надаромад. Хайр, сонитар аз қаҳр мефуроянду меоянд гӯям, ҳамаашон ҷомаашонро билкулл чаппа пӯшидагӣ барин. Ана, дина Ороста писарашро тӯй карду ба ман хабар нафиристод. Додарам сару сардори тӯяш буд, вай ҳам як бор ба ёд наовард, “ҳой Ороста, барои чӣ апам нестанд?” гӯён як даҳан напурсид. Агар мепурсид… Барои ҳамин як додару як хоҳар ман аз модарандар, аз додом кам гап мешунидаму калтак мехӯрдам?! Ҳаминҳоро тарафгирӣ карда ман ба онҳо шум менамудам. Баъди шавҳар карданам ҳам, агар ду сӯм пул ёбам, як пора матоъ ёбам, ба дасташон мегазондам, “рав, ба сарат як тоқӣ хар, бигир, инро курта куну пӯш, ба модарандар нишон надода буру дӯз” мегуфтам. Э-э, фарзандонам рӯйи хотири модарро намекунанду аз додару хоҳар чӣ ҷойи гила?! Писарам – Шукрӣ ҳам занаш катӣ, духтарам – Маҳтоб ҳам шавҳарашу бачаҳош катӣ дар тӯйи холабачаашон будаанд, миён баста хизмат кардаанд, аммо ягонтааш барои чӣ очаам нест нагуфт. Дунё ана, ҳамин хел будаст. Фарзандонам, як бор ба ёд наовардед, ки ман барои шумо – ду зиндаятимро калон кардан чӣ уқубатҳо кашидам?! Падари гӯрсӯхта-атон, ба вай ҳам кина надорам, ҷавон буд, аз рӯйи ҳавас ба ман хонадор шуд, баъд, мисле ки, фаҳмид, ки дилаш ба ман об намехӯрад, шумоёнро бар сари ман партофту рафт, инҳо фарзанди мананд

гӯён як бор ба ёд наовард. Он замонҳо алимент набуд, ё бошад ҳам, мо намедонистем, фарзандонам. Бисту чорсола будам, кӯр набудам, кал набудам, ба худам мувофиқ шӯй ёфт мешуд, лекин шуморо хору зор кардан нахостам, иллату миннати додои ӯгайро накашед гуфтам. Яке дар гаҳвора, дигаре тетапоя будед, ба ночор дар хона нишаста тоқию ҷома медӯхтаму ҳар рӯзи бозор ҷонҳавлӣ фурӯхта меомадам. Ҳар бор то аз бозор ба хона омадан аз хавотирӣ сад бор мемурдаму боз зинда мешудам. Раҳи бозор мӯйи сиёҳи маро сафед кард, фарзандонам. Сонитар, мактабрав гаштеду ман рӯзона дар фабрика кор кардам, саҳарӣ кӯчаҳоро мерӯфтам, бепадариатон маълум нашавад, бачаҳои мардум барин хӯреду пӯшед гӯён ҷон мекандам. Дуруст аст, ки сад кунад ҳам, оча ҷойи додоро намегирад, аммо чи илоҷ, додотон аз гуноҳи ман ранҷида нарафтаст. Зани бенуру бесафо набудам, бемеҳри рӯйгиру мӯйгир набудам, ба рӯйи ягон марди бегона нанигаристаам. Бешавҳар мондам, аммо хешу табор, фарзандонамро дар назди ҳалқ сархам накардам. Ана, ҳамин хел бахти ман аз аввал нахандид, аз аввал толеам барор надошт, надошт. Аз модар барвақт маҳрум гаштам, уқубати модарандарро кашидам. Ҳа, ҳамин додараму хоҳарам аз модарандар калтак нахӯранд гӯён, гуноҳу хатои содиркардаи онҳоро “ман кардам, гуноҳи ман” гуфта, балогардон мешудаму зарбу лат медидам, ҳеч напурс, писарам. Хайр, он замонҳо гузашта рафтанд.

Тую хоҳарат ба навбат касал мешудед, баъзан сарамро ба куҷо заданамро намедонистам. Аз дарахт афтода дастат шикаст, сарат лат хӯрданашро ёд доштагистӣ? Беморхонаро ба сарам бардошта, бехуд дод задам: “Писари яккаю ягонаамро халос кунед! Зинда монад, духтур!” Ҳар касе як маслиҳат медод. Мардум агар ягон давоҷотро гӯянд, худамро ба теғу табар зада, онро меёфтам, писарам. Ана, ҳамин хел, ман туро танҳо калон кар-

дам, инро фаромӯш накун.

Мо – занҳо ана, ҳамин хел фарзанд гуфта, хоҳару додар, падару модар гуфта, месӯзему мепазем, аммо ба қадрамон намерасидаанд. Ҳатто фарзандони бо хуни ҷигар парвардагиам имрӯз маро нописанд карданду ман алам накашам?!

Чӣ хел бо дабдаба, бисоту ҳашамат катӣ духтар баровардану арӯс фуровардани одамонро медидаму барои худам либоси дуруст кардан наметавонистам? Як пора шоҳӣ ёбам ҳам, ду танга пулро аз рӯзгор сарфа кунам ҳам, ба нияти тӯйи шумоён ба сандуқ мепартофтам. Орзуям хонаю дари шумоёнро дида, осудан буд. Мехостам, хушбахтии шумоёнро бинам, гаҳвораи фарзандони шумоёнро ҷунбонда, дар як гӯшаи хонатон нишаста, дуои ҷонатонро кунам. Дигар орзуям набуд. Аммо дар пешонии шӯрам ҳамин ҳам набудаст. Хайр, аз Маҳтоб ҷойи гила не, духтар, дар таомули мо, алафи дари мардум аст, ба ҳар ҷое, ки афтод, илоҳӣ осояд. Додою очаи шӯяш дар сараш, ман ҳар замон рафта, меҳмон мешаваму меоям. Албатта, агар беписар бошам, маро кӯчонда, ба хонааш мебурд, дар як кунҷи ҳавлиаш пухтупазу дӯхтудӯзашонро карда мегаштам. Зарарам намерасид. Ана, аллакай қатор-қатор фарзанд ёфт, гаҳвораҷунбон даркор… Аммо, писарам, ба хонаи домод рафтанам кори хато буданашро ман ҳам медонам, Маҳтоб ҳам, бинобар он, аз ин бобат ҳар ду ҳам даҳон накушодаем. Аввало, наздикони шавҳа-раш бечора хоҳаратро забонкӯтоҳ мекунанд, “барои чӣ модарат писараш катӣ зиндагӣ намекунад?” гӯён ягон-тааш дар омади сухан пурсад-дия. Аз рӯйи одату таомули мо ҷойи модар хонаи писар аст, Шукриҷон. Ман ба номи ту исноди бад овардан нахостам… Аслан, ҳамааш аз он сар шуд, ки тую занат дар ҳавлии фақиронаи модар зин-дагӣ кардан нахостед. Ба ҳавлӣ чӣ расад! Агар ҳиммат кунӣ,

аз нав обод мекардӣ. Ҳа, ту мани шӯрро танҳо мон-да, ба ҳавлии хусурат рафтӣ, баъдтар аз корхонаат хона доданду зану шӯ ба он ҷо кӯчидед. Агар мехостӣ, ман дар ҳамон қабати шашум ҳам ҳамроҳатон зиндагӣ мекардам, зарарам намерасид, аммо занат рӯйи хуш надод, инро худат нағз медонӣ, Шукрӣ. Медонам, занат ба ин наздикиҳо фарзанддор шудан намехоҳад, вай сараввал хонда, олим шуданӣ будаст. Хайр, чӣ ҳам гӯям, албатта, агар зан шавҳару фарзанд нагӯяд, инҳоро агар аз дилаш канда партояд, олим ҳам мешавад, аллома ҳам, аммо ҳам ину ҳам он кори мушкил аст, хеле мушкил-дия. Ҳа, хоҳӣ-нахоҳӣ аз баҳри яктааш мебарояд ё ҳар дуяшро ҳам дуруст ба сомон намерасонад. Дигар гап не, писарам. Зане, ки ба шавҳару фарзанд меҳрашро бубахшид, ба кори дигар камтар фурсат меёбад, агар фурсат ёбад ҳам, кори вай барака надорад.

Мавриди гуфтан шавад, пешакӣ ба ту гуфтаниам: ҳавлича мероси ман аст ба тую хоҳарат, Шукрӣ. То даме, ки зиндаам, ба ягона одами бадасту пой иҷора диҳед, истиқомат кунад, аммо хароб насозад. Васиятам ҳам, маслиҳатам ҳам ба тую хоҳарат ҳамин: тобути маро аз ҳавлии Абдураҳим бароранду як бор ба гузари худамон, ба таҳи дари ҳавлиамон биёред. Тобути додою очам, бобоямро аз ҳамин ҳавлӣ бардошта будаанд. Ана, сонӣ, баъди гӯру чӯби ман, ҳавлиро фурӯшеду пулашро бо хоҳарат тақсим кунед. Писарам, ҳамаи ин якпула гап аст, ба гуфтан ҳам намеарзад, аммо метарсам баъди сари ман дар сари ҳамин ҳавлии сабил хоҳару додар мабодо, ки дилмонӣ кунед. Ин хел ҳодисаҳоро дар зиндагӣ бисёр дидам, бачаҳоям. Ёд дорам, аҳли гузар гуфта буданд, ки фарзандони Юсуф-қассоб манаҳи падарро набаста, ба хонаковӣ сар кардаанду оқибат ба якдигар даст ба гиребон шуда, кор ба хунрезӣ расидаст. Хешу табор ва ҳамсояҳо ғун омада, онҳоро аз чанголи якдигар халос карда,

менигаранд, ки дар айвон мурдаи падарашон шах шудасту манаҳаш набастагӣ. Худо шуморо аз ин хел бадномиҳо нигоҳ дорад, фарзандонам. Ин коре, ки ман кардам, сари шуморо ҳеч хам намекунад, аммо беҳуда модари зоратонро дилхун кардед, беҳуда!

Танҳоӣ дарди мушкил будаст, Шукрӣ, ман ба ҳамин синн даромада, акнун фаҳмидам. Ту намедонӣ, илоҳо, ин дардро набинӣ. Айёми охир шабҳо дар ҳавлии бекас хобам намебурд. Ҳар хел хаёлҳои ботил, васвасаҳои нохуш ба сарам омад, худ аз худ ваҳм мекашидам, баъзе шабҳо мижа таҳ намекардам. Як рӯз не, як рӯз дар ҳамин ҳавлии бекас мурда монаму шумо бехабар, мурдаам бӯй гирад, сонӣ дар миёни халқ чӣ хел сар бардошта мегардед, гӯён ваҳм мекашидам. Одати халқи моро худат нағз медонӣ, Шукриҷон, то ба қиёмат ин воқеаро ба рӯят таъна мекарданд. Занат-ку бешармтар, нангу номусро тафриқа намекунад, аммо ба худат сахт мерасид-дия. Маҳтоби бечора ҳам дар он маврид миёни хешу табори шавҳараш ҳеч мегашт.

Худо накунад, агар ҳамин хел шавад, одамон ҳатман гап мебароварданд: “Дар сараш шавҳараш набуд, ин зан биллониҳоя ба гуноҳ ғӯтида гаштагӣ будаст, дар ҷазои гуноҳҳояш Худо ба ғазабаш гирифтор кард, ҳолӣ мебинед, ки гӯр ҳам ӯро раҳ намедиҳад...” Хоки зани бевaю бесаробон тунук аст, Шукриҷон, ҳар кас ба даҳонаш ҳар чӣ ояд, мегӯяд. Ман як умр ҳамаи ҳаминро андешида, ҳар як сухани мегуфтагиам, ҳар қадами мебардоштагиамро сад раҳ меандешидам-дия. Худат нағз медонӣ, ҳар бор ба ҳавлӣ оӣ, гаштаю баргашта “Шукриҷон, бедарак нашав, ҳар замон хабар гир” гуфтанамро сабаб ин буд, аммо ту дуруст эътибор намекардӣ. Шом расад, худ аз худ маро ваҳм мегирифт, бинобар он, баъзан ҳамсояамонро тавалло мекардам, ки духтарчааш ҳамроҳам хоб кунад. Духтарча дилгарм шавад гӯён, шакалод мехаридам,

майизу себу нок… Қиссаҳо мегуфтам. Духтарча ба ман унс гирифт, аммо ба фикрам, очаю додош аз чӣ бошад, ки хавф кашида ӯро ба назди ман омадан намонданд. Кӣ медонад, аз очаю додо дилхунук мешавад гуфтан ё ягон гумони дигар? Балки барои танҳо монданам холаат – хоҳарам Ороста маро бебахт шуморидагист. Лекин ман худамро аз вай кам намедонам. Шукр, як писару як духтар калон кардам. Баъзан нишаста фикр мекунаму ба худ, мегӯям ки Ороста бадавлат аст, бинобар он, фарзандонаш ҳам дар сараш парвонаанд. Аммо ҳамин ҳам бахт шуд?! Ана, чиз катӣ духтарчаи ҳамсоя ҳам тайёр аст ҳар шаб пеши ман бошад. Не-е, маънии хушбахтии одам ин набудагист. Ба ҳар ҳол, ман дар назди халқ ҳам, Худо ҳам, рӯям сафед, қарзи модариамро адо кардам, бо дастранҷам ду фарзандамро ба камол расонидам, созу сомонашон катӣ хонадор кардам. Шукр, ки дузду мардумозор нестед, ҳақи мардумхӯр нестед, бадахлоқи беномус нестед. Барои мани модар, агар аз бобати фарзандам аз халқ лаънат нашунавам, хуб кор аст.

Як моҳ пештар, худат хабар дорӣ, дар маҳаллаамон Фаридунро электр заду ҷавонмарг шуд. Ҷавони ҳалиму беозор, ҳамеша мададгори мардум буд. Рӯзи азояш ҳама хун гиристанд. Як нафар холааш аз Ҳалқаҷар омадаст, рӯю мӯй меканду навҳа карда мегуфт: “Ҳамин ҷавони беозорро монда, электр писари шуми манро кушад, чӣ мешуд…” Ана, вай модари бадбахт аст, ман не. Ороста ба пулу молаш ғарра гашта, худашро хушбахт мешуморад. Кӣ медонад, дар бадали ризқу рӯзии чӣ қадар одамон вай соҳиби пулу мол шуд! Не, вай ин тарафашро фикр намекунад. Агар аз ҳақи дигарон нагирад, аз куҷо вай давлатманд мешавад?! Ҳар касе, ки бештар аз дигарон хушбахт аст, аз бахти дигарон андак-андак гирифтаст, вассалом. Кӣ медонад, балки ин гумонам чандон дуруст набудагист. Гумон аз имон ҷудо мекунад мегӯянд.

Баъди ин гуна қисмати сахте, ки аз хурдӣ насибам шуд, рости гап, ман дар ҳама ҷо ба одамони хушбахту давлатманд шубҳаомез менигарам. Дар маҳаллаамон ин хел шикамсеру мӯҳташамон кам нестанд. Бисёр дидам, бисёр озмудам. Балки ҳамонҳоро дида-дида, аз бахт дилмонда гаштаму худро хушбахт кардан нахостам. Бале, ман хушбахт будан нахостам, вагарна бахт дари маро ҳам кӯфта гузашт ва на як бору ду бор. Балки ту ба ақидаи ман розӣ намешавӣ, ин хел зиндагӣ кардан лозим набуд, мегӯӣ. Ҳа, ман умрамро, ба қавли ту, барои майда-чуйда харҷ кардам. Бештар кор кардаму ба фарзандонам вафодор мондам, ана, мағзи гап – ҳамин.

Одамон баъзан ҳаловату фароғати худашонро медонанду наандешида калон-калон гап мезананд. Рости гап, аз кори додараму хоҳарам озурда бошам ҳам, кӯтоҳназарии онҳо ба дилам чандон сахту ҷонкоҳ нарасид, аммо беандешагии шумо – фарзандонам теғи алмос барин аз ҷонам гузашт, мағз-мағзи устухонамро сӯхт. Агар як бор худро дар ҷойи модари танҳою муштипари худ монда, фикр мекардед, он гоҳ, фарзандонам, аз кори ман ҳеч озурда намешудед. Охир, ман ҳам одамам, ҷони ман аз санг не. Кордро аввал ба худат зан, агар дард накунад, ба дигарон бизан, гуфтанашон беҳуда набудаст. Агар одам худро ба ҷойи дигарон монда нигаристан тавонад, ҳақиқати бисёр кору бори дунёро сарфаҳм мешавад. Кӯрдилиҳои аксар одамон аз он аст, ки худро ба ҷойи дигарон монда наменигаранд, нигаранд ҳам…

Ана, акнун як сиреро, ки ҳаргиз ба шумоён нагуфта будам, гӯям, гӯш кунед: баъди ду-се соли рафтани падаратон дар раҳи бозор як ҷавонмард сари роҳамро гирифта гуфт, ки як даҳан гап дорам. Ман аз тарс бошад ё изтироби он, ки агар шиносон бо ин ҷавони бегона ҳамгап бинандам, чӣ гапҳое паҳн мекунанд, зории ӯро писанду эътибор надода, ба раҳам шитоб кардам. Хусусан,

ҷавонмарди хушрӯ, баадаб, олуфта буданаш маро бештар тарсонд. Гумонам ягон занбози гузаро бошад ва одамоне, ки ӯро бо ман ҳамгап мебинанд, "ӯҳ, ба чанги ин фосиқи бадахлоқ афтодаст", мегуфта бошанд. Дар ҳар гузар якта-дута ҷавони шалоими саги ҳарзамараз барин ба ҳар як зану духтар овезон ҳаст, ана, ҳамонҳо номи мардонро бад мекунанд. Ман медонам, аксари мардони гузари мо сар бардошта ба рӯйи зан нигоҳ намекунанд, вай изтироб накашад, гумони бад накунад гуфта, ба рӯятон нанигариста саломатонро алек мегӯянд. Аммо бе ҳамин якта-дута бадзод халқи олам қадру қимати мардони покдоманро намедонистанд. Ҳа, ҳама кори дунё маънию ҳикмате дорад, аммо мо бо ақли кӯтоҳи худ на ҳамеша онро сарфаҳм меравем. Як бор аз телевизор яктааш гуфт, ки дар замони қадим баъзе мардумон, агар мард мурад, ӯро бо пулу молаш, ҳатто ҳамроҳи занаш гӯр мекардаанд. Мардуми расо оқил будаанд, дуруст мекардаанд, гуфтам. Баъди сари мард пулу моли вай катӣ фарзандонаш беҳудаю беҳунар мегарданд, занаш ҳам, агар ҷавон бошад, сабаби вайронию носозии хонумони дигарон мешавад. Баробари мард гӯр кардани пулу мол ва зани ӯ бегап не. Ман мегӯям, ки ҳатто баъзе олимони номдор ҳам кашфиёти кардагиашонро бо худ ба гӯр мебурданд, балки дунё осудатар мегашт. Рост-дия, мегӯянд, ки як марди баҳушу ақлнок омада бомбаи атомро баровардаст. Баровардасту худаш аз дунё гузаштаст. Акнун бомбаи вай дар дасти одамони беҳуда! Бомба пул не, онҳо аз беақлӣ дар се-чор рӯз онро ба бод диҳанду мардуми ҷаҳон осуда нафас гирад. Ана, ҳамин хел, ба кору бори одамони қадим ҳеч нахандед, фарзандонам, ҷаҳд кунеду маънии кори онҳоро идрок кунед... Ҳа, гап дар ҳақи Абдураҳим буд. Номи ҳамон ҷавон-дия. Ҳафтаи дигар он ҷавон ба бозор рафта, ҷомаҳои маро харидорӣ карду гуфт, ки бед канортар бароем, ман пулашро диҳам.

Пулро доду изҳори мақсад кард. Аз гузари Мисгарон будаст, номаш Абдураҳим, касбаш дуредгарӣ, аз занаш ҷудо шудаст. Гуфтам, ки беҳуда саргардон нашавад, ман шавҳар намекунам. Ва ба қафоям нанигариста аз бозор баромадаму ба ҷониби ҳавлӣ давидам.

Абдураҳим қариб се-чор моҳ аз қафоям давид, занҳои маҳалларо миёнҷӣ кард, аммо ба шавҳар кардан розӣ нашудам. Ба вай дилам моил буд, аммо барои шумоён, фарзандонам, хостгории ӯро рад кардам.

Модаратон ба нодорӣ тоб овард, бешавҳарию бесаробонӣ ҳам миёни ӯро нашикастанд, аммо дар дами пирӣ танҳоӣ тоқати ӯро шикаст. Чӣ кунам? Натавонистам, мегӯянд, ки худо танҳоиро фақат ба худаш фармудаст.

Дар тӯли ин сӣ сол Абдураҳим якчанд бор хонадор шудаст, боз ҷудо гаштаст, хулласи калом, ҷуфти ҳамдилашро наёфта ба пирӣ расидаст. Баъзеҳо бо ҳамсари худ якдил набошанд ҳам, ба қисмат тан медиҳанду ба муросою мадоро зиндагӣ мекунанд, аммо Абдураҳим, эҳтимолан, аз он хел мардон набудаст, занаш катӣ бемуҳаббат, беякдилӣ ба як болин сар монда натавонистаст.

Ана, дар ҳамон рӯзҳое, ки танҳоӣ ба ман сахт асар мекард, қисмат боз маро ба вай рӯ ба рӯ кард. Ҳар ду ҳам зоғ барин танҳо, ҳар ду ҳам нафақахӯр, киштзорамонро даравида, хирманамонро бардошта, осуда ва ба ҳеч кас нодаркор барин. Рости гап, вай дар ҷавониаш ҳам, дар назарам марди ба ҳурмат кардан меарзидагӣ буд, ҳозир ҳам…

Баъди андешаҳои дуру дароз ман ба ӯ розигӣ додам.

Вақте ки мақсадамро оҳиста ба хоҳарам Ороста ва ба Маҳтоб гуфтам, ҳар ду ҳам маро ба девонагӣ маҳкум карданд, гуфтанд, ки дар охири умр моро шарманда накун, мардуми олам ба ин заношӯии бемаҳал механданд, мо дар байни халқ сар бардошта гаштан наметавонем.

Ман ҳозир будам боз барои осоиши шумо аз ин бахти қариб бароям нодаркор даст кашам, аммо танҳоӣ… Ба танҳоии ман дили кӣ месӯзад, кӣ ба ман ҳамдард мешавад? Ҳамаатон бо айшу фароғати худ саргармед, чаро ба модари бечора ҳамин як хушбахтии охиринро дареғ медоред?!

Агар ман сӣ сол қабл аз ин ба Абдураҳим шавҳар мекардам, балки ҳоло дар ҳавлии боҳашамат, миёни фарзанду набераҳо хушбахту хушҳол давру даврон доштам. Аммо он гоҳ аҷаб не, шуморо дилшикаста мекардам, як бахши муҳаббатамро аз шумо дуздида ба дигарон медодам. Мутлақан, меҳру муҳаббат ҳам асал барин будаст – бисёраш ҳам зарар доштаст, фарзандонам. Барои ҳамин ба қадри ман нарасидед.

*Соли 1984.*

# МЕҲМОН

Меҳмонӣ ҳам мизбонӣ ҳам барои ман озор аст, темор аст, асорат аст. Медонам, шумо аз ваҷҳи бузургдошти меҳмон олам-олам ҳикмати нағзу сара мегӯед, қиссаву ривоятҳоро шафеъ меовареду тасдиқ хоҳед кард, ки меҳмон аз падар азизтар, меҳмон аз ҳама пештар аст. Медонам, медонам, аҷдоди мо – ҳама меҳмондӯст, мусофирпарвар ва ғарибнавоз будаанд, аз ин хусус чӣ миқдор таълифоти нодир ба мо мерос расидааст, ҳисоб надорад. Мисле, ки иқоматгоҳи аҷдоди мо, хоса, манзили ононе, ки барои мо авлодон аз хусуси азиздошти меҳмон таълифоте кардаанд, духуҷраю сеҳуҷра набудаст. Шумо ин даъвои маро шунида бешак хоҳед гуфт, ки агар дил фарох аст, аз тангии манзил боке нест. Вале ман мегӯям, ки агар кафшам танг бошад, аз фарохии дунё чӣ суд?! Медонам, шумо – мардуми асри моро ба ҳикмату масал коре нест ва агар эътимод кардан нахоҳед, ба мантиқ ҳам эътиборе нест, бинобар он, саргузаштеро бароятон қисса мекунам.

Тобистони имсол яке аз пайвандони ман бетоб буд, ӯро ба бемористони Душанбе бурданд. Душанбе шаҳри заҳматпеша, шаҳри коргару ранҷбар, манбаи зиёибахши ҳунару истеъдод, бурҷи адлу инсоф аст, мо – ҳама ба ин иқрорем. Аммо хотири малоле нарасад, шахси мусофир аз меҳмонхонаҳои бошукӯҳи он ба ростию дурустӣ ҳуҷрае гирифта наметавонад. Ман дар миёнсарои меҳмонхонаи "Тоҷикистон" нишаста, ба худ меандешидам, ки вазъи меҳмонхонаҳо чаро дар ҳама ҷо якранг аст, ҳатто ин якрангӣ аз ному унвони онон оғоз мегирад. Дар Ӯзбекистон номи меҳмонхона ҳатман "Ӯзбекистон", "Тошканд", дар Украина албатта "Украина" ва "Киев", дар кишварҳои дигар низ ба ҳамин минвол. Ҳатто тартибу қоидаи иқомат ва дохили ин меҳмонхонаҳо ҳам бо якди-

гарӣ мислу ду қатра об монананд. Чаро ин якрангию якнавозӣ ба дили мардум назад, ман ҳайронам. Ё номи дигаре ёфтан наметавонанд? Ба як ошхонаи хурд “Фароғат” ном мегузоранд, аммо… Ман аз баҳри инчунин андешаҳои беҳудаю бебурд даргузаштаму дафтарчаамро кушода, нишони шиносони инҷоиамро ҷустам. Пас аз равам – наравами зиёде ночор ба хонаи як тан собиқ шогирди ба дил наздики худ раҳ гирифтам.

Ризо аз бемаҳал шабохун задани ман чунон хурсанд буд, ки маро биншонданӣ ҷой намеёфт. Ва дарвоқеъ ҳам дар хонаи вай барои нишастан мебоист, ки хеле вақт ҷой мекофтед. Ӯ дар хона меҳмон дошт ва на як тану ду тан ва на якрӯзаву дурӯза. Собиқ ҳамсабақаш бо зану фарзанди хурдсолаш ба ҳаводории нахустфарзандаш, ки имсол аз довталабони донишгоҳи олӣ будаст, (хайрияти кор ӯ дар хобгоҳи донишкада манзил гирифтааст!) дар хонаи ин бечора иқомат доштааст. Ин ҳолро фаҳмида, ман субҳи рӯзи дигар аз хонаи Ризо гурехтан хостам, аммо ӯ ба тарзи қатъӣ гуфт, ки аз ин кори ман сахт озурда хоҳад буд. Сонитар хиҷолати маро бартараф кардан хост магар, ки эзоҳ дод:

– Се тан neву чор тан меҳмон дорем, бо рафтани шумо ҳоли мо сабуктар намешавад. Аз хатми донишгоҳ сездаҳ соли расо гузашт, мову ин рафиқам якдигарро ҳаргиз ба ёд наоварда будем, – мегуфт ӯ бо овози паст, баъди он, ки Амину завҷааш ба сайри шаҳр рафтанд. – Пор тасодуфан ба деҳаи ӯ гузарам афтоду як шаб дар хонааш меҳмон будам, меҳмондорӣ кард. Ҳоло ӯ ду ҳафта боз дар ин ҷо иқомат дораду барои шумо – устоди азизам манзили ман танг аст? Агар танг гӯед, занҳо ва бачаҳоро ба ошхона ҷо медиҳему бароятон як хонаро тахсис мекунем. Бемалол дарою баро мекунед, ҳеҷ кас халал намерасонад. Фақат меравам нагӯед…

– Хуб, хуб… Ба зану бачаҳо кордор набошед, барои се мард ин як хона кифоя, – ӯро хотирҷамъ кардам, зеро медонистам, ки қавлу амали ӯ якест.

Дар урфи мардуми мо масалест, мегӯянд, ки меҳмон меҳмонро чашми дидан надоранд, соҳибхона – ҳар дуро. Ба ман зиёда иззату икром зоҳир кардани Ризо дар инчунин вазъият кори хато буд ва хоҳу ноҳоҳ ба иззати нафси меҳмони нахуст сахт асар дошт. Ин бегоҳ димоғошуфта, мисли мурғи курк хашмин, ба ҳама атроф кинадор барин туршрӯ менишаст, агар писаракаш ба ягон ашьё даст занад, ба тундӣ ӯро манъ мекард.

Ман як усули басе кӯҳнаву озмудаи ислоҳи инчунин вазъиятро медонам, тасмим гирифтам, ки бояд фавран он дурӯғи маслиҳатомезро ба кор барам. Ҳамин ки Ризо аз паи кори худ шуд, ба Амин гуфтам:

– Ризо аз ҷавонмардию олиҳимматии шумо мафтун аст. Расо меҳмоннавозӣ карда будед, ман он кас барин зиёфату обу таом карда наметавонам гӯён мулзам аст.

Ба чеҳраи заъфарони ӯ сурхӣ давид, гиреҳи абрувонаш кушода шуданду табассум дар чеҳрааш гул кард, ба ҳадде, ки лабонаш мудом во буданд.

– Ҳамин хел гуфт? – Чашмони ӯ барқ мезаданд. Сипас, ба як навъ ғурури содалавҳона, агарчӣ ман эзоҳ талаб надоштам, ба шарҳи меҳмондории худ шурӯъ кард: – Зиёфати калон накардаем… Ҳамту… Як гӯсфанд куштем, халос, – гуфт вай фахрашро бо хоксории зоҳирӣ пардапӯш карда.

– Гӯшти як гӯсфандро хӯрда бошад…

– Гап дар сари хӯрдан не, иззати меҳмон, – гӯён Амин фавран сухани маро бурид. – Одати деҳа ҳамин хел, “ба назди дӯсташ гӯсфанд кушт, чор касро гуфт”, мегӯянд. Агар ин корро накунем, аз маърака берун мешавем, одамони дуруст шуморо канор мекунанд.

Баъди ду – се рӯз сухан аз расму одати мардуми деҳа мерафт, ки вай ба қавли худаш “бехабар пӯкида монд”:

– Одати деҳа ҳамин: шумо гӯсфанд кушта, даҳ-дувоздаҳ кас одамшавандагони деҳаро даъват мекунеду як шаб обу таом медиҳед, сонӣ тамоми сол ба навбат онҳо ҳам ҳамин корро мекунанд. Дар як шаб панҷ кило гӯшт ба дег меандозеду дили чӣ қадар одамро меёбед. Албатта, арақаш вазнинтар аст, аммо чӣ илоҷ, агар шуморо канор кунанд, ба дил сахт мерасад.

Зану шавҳар – соҳибхонаҳо монанди ду мурғаки посӯхта ором надоштанд: субҳи барвақт барои меҳмонон ширчой мепухтанду ба кори худ мешитобиданд, бегоҳӣ, баъди аз кор фориғ гаштан мағоза ба мағоза давида, хӯрокворӣ меҷустанду вақти говгум дастҳо пурбор ба хона ворид мешуданд ва филфавр ба пухтупаз шурӯъ мекарданд.

Ман мехостам баъди як-ду рӯзи меҳмонӣ аз хонаи Ризо биравам, ба ин мақсад як баҳонаи эътимодбахш ҳам ёфта будам, вале медидам, ки ба ҷавони бечора тангдастӣ ҳамлавар аст, ӯро ба чанги мӯҳтоҷӣ вогузошта рафтан нахостам. Дарвоқеъ ҳайрон будам, ки ҳоли вай чӣ мешавад. Зану шавҳар рӯзҳои охир бештар аз картошкаву хамир хӯрок тайёр мекарданд, дар дастархон нони зиёдатӣ аҳён-аҳён мемонд. Ман ҷаҳд доштам, аз кӯча дасти холӣ ба хона наоям, аксар ҳангом нон, тарбузу харбуза, агар даст диҳад, гӯшту калбаса ё мурғ гирифта меомадаму мушкили онҳоро андаке бошад ҳам, осон мекардам. Ризо аз ин кори ман бештар алам кашиду гуфт:

– Хӯроки хонаамро чандон маъқул не барин-а, муаллим?

Амин ва завҷаи вай, ба гумонам вазъи тангайшии хонаводаро пай намебурданд ва ҳис кунанд ҳам, худро нафаҳмида меангориданд.

Дар ин миён ман дар авзои Ризо як навъ тағйироти нохушеро пай бурдам: вай канорачӯй мегашт. Райҳон пайваста ӯро сӯҳон мекард, ҷавонмард на ба чашми зан нигариста метавонист, на ёрои онро дошт, ки назди мо бишинаду лаҳзае фориғ аз ташвишу тараддуд сӯҳбат кунад. Вай ба ҳоҷатхона медаромаду дарро аз дарун баста, соатҳо рӯзнома мехонад.

Як пагоҳӣ дар ҷогаҳ бедор хобида, пай бурдам, ки зану шавҳар ношито нашикаста, ба кор мераванд. Шаб ба кисаи шалвори Ризо панҷсӯмиеро андохта будам, меёфта бошад? Даҳсӯмӣ ниҳодан хостам, аммо дилам гуфт, ки ба пули худаш будани он бовар намекунад.

Он рӯз ман ғарқи фикру андешаҳои гуногун хеле дер, ҳатто баъди писараки Амин аз ҷогаҳи хоб бархостам. Берун рафтаму ба варзиш машғул гаштам, сонӣ омада, риш тарошидаму шустушӯ кардам. Писарак пархаша дошт, ки ширчояш диҳанд, вале модараш аз ваза ба ӯ қандалот гирифта медоду мегуфт, ки конфет хуб аст, конфет бихӯрад, кӯдак бо ғазаб қандалотро ба девор меандохту ширчой талаб мекард.

Ба ҳоли кӯдак раҳм овардам, охир вай ягон неъмати фавқулодда камёб не, ширчойи доимиашро талаб дошт. Шитобон ба магазин рафтаму нон, шир ва равғани зард харида омадам ва ба завҷаи Амин гуфтам, то барои ҳамаамон ширчой пазад.

Ман ҳайрон будам, шабу рӯз фикр мекардам, ки ба чӣ усул Ризоро аз ин варта наҷот диҳам. Дар ҷайб пули зиёд надоштам, вале дӯстро дар инчунин ҳол партофта рафтан ҳам аз инсоф набуд. Ҳатто имрӯз вай бо Райҳон ҳам қаҳрӣ барин. Чӣ кунам? Чора чист? Наход, ки ин Амин бечораеро ба худкушӣ расонаду ман тамошобин бошам?!

Амину завҷааш имрӯз чор кӯрпачаи махмалини та-

ҳидеворӣ ва боз чанд майда – чуйдаи дигар харида омаданду аз рӯи одат камёбии махмал, зарурат ва бадоштии онро мегуфтанд, ки писарча бо тӯб шишаи ҷевонро зада шикасту табъи ҳамаро хира кард. Ризо лому мим нагуфта сархам аз ҷо бархосту шишапораҳоро бардошт, аммо Райҳон инони худдорӣ аз даст доду бо ғазаб гуфт:

– Э, ту худат чӣ хел бачаӣ, безорам кардӣ-ку!

Ин сухани ӯро шунида, завҷаи Амин даргирифт, ба аламаш тоб наоварда, ба писарак дарафтод, бача гурехт, зан бо алфози дурушту қабеҳ тираки ошро гирифта аз пасаш тохт. Амин дасти занро гирифта, ӯро таскин бахшид. Ризо ба ошхона, ба назди Райҳон рафта, ӯро маломат кард, аммо завҷааш бо овози баланд шӯр бардошт:

– Э, ба ҷонам расид! Як ҳафта пеш табақи чиниро шикаст, соати зангдорро афтонда, вайрон кард… Ба ман на остину на тирез… Равад ба меҳмонхона, бас аст… Додару хоҳарам омада, ду рӯз ба истиҳола меистанд…

– Бас, бас, айб аст, – зорӣ мекард Ризо. – Меҳмон аз дар медарояд, ризқаш – аз дарича мегӯянд…

– Ин афсонаро рафта, ба очаю бибиатон гӯед. Дар дастархон нонашон нею аз осмони ҳафтум гап мезананд.

Ҳоло Райҳон суханони дар хилват ба гӯши шавҳараш мегуфтагиашро ошкоро ба мо шунавонда мегуфт ва аз ин кори худ заррае хиҷил набуд, аммо Ризо девона мегашт. Изтироби ӯро дида, Райҳон бо нафрат тамасхур карду шавҳарро буздилу безарда номид, ин ҳам паст наомаду ӯро худбин гуфта, гирёнд ва оқибат дар ҳоҷатхона пинҳон шуд.

Ман ба рӯи ҳеҷ яке аз онон нигариста наметавонистам, зеро ба ҳамаи ин ташвишу изтироб худро гунаҳгор медонистам. Дарвоқеъ, агар ман набошам, балки ин одамон бо якдигар чандон тез намешуданд. Ё баръакс, аз ман шармида, ин қадар дуру дароз тоқат доранд, кӣ медонад.

Рӯзи дигар ман аз бозор масолеҳи палав харида, то аз кор баргаштани соҳибони хона як дег палави биринҷи девзираро дам карда мондам. Ошро хомӯш хӯрдему дар хонаи гарму танг нишастан мушкил омад, се тан мардон ба гаштугузор баромадем. Амин фурсати мувофиқ ёфту матлаберо, ки имрӯз гаштаю баргашта ба ман талқин кардан мехосту ҳамраъӣ намеёфт, ба Ризо гуфтан оғоз кард:

– Янга ҷудо бадҷаҳл будаанд, намедонистам. Шуморо дилтанг карданд. Хайр, ба дил нагиред, лағати харро хар мебардорад, лағати аспро – асп. Занҳои шаҳр ҳамин хел ба рӯи шавҳар медаванд. Баробарҳуқуқӣ – да! Хандаи сохтаи вай гӯшхарош буд. – Зан қонундон гардад, рӯзи мард сиёҳ шуд гуфтан гиред. Агар саҳл суст оед, инҳо ба саратон чормағз мешикананд. Э, садқаи занони деҳа шавам, шавҳарро пирашон катӣ баробар медонанд…

– Агар дар ин вазъият ба ҷои Райҳон завҷаи худатон бошад ҳам тоб намеовард, додар, – ман сухани дасисаҷӯёнаи ӯро буридам.

– Ризо, воқеан, Рафоатро мебинӣ? – Амин бо ин савол ба ҳамсабақаи худ рӯ оварду аз чӣ бошад, ки ҳангир-ҳангир хандид. – Афсӯс, ба ҳамон духтар хонадор нашудӣ, уболаш гирифтаст. Гоҳ-гоҳ мебинӣ охир?

– Аҳён - аҳён.

– Шавҳар кард? Шавҳараш чикора?

– Аз шавҳараш ҷудо шуд.

Баъд онҳо аз хусуси дар куҷо, ба чӣ касбу кор машғулӣ доштани собиқ ҳамсабақони худ, киро толеъ механдаду кӣ ноком аст, хеле вақт гуфтугӯ доштанду ман ба фикру хаёли худ банд будам.

Амин кори худро кард – ҳамон шаб Ризою Райҳон то як поси шаб дар ошхона тую ман карданд.

Баъд мағозагардии Амину занаш суст шуд, харида-

шон ҳам кам-кам ба ҳечу пуч расид, сонӣ тамоман қатъ ёфт.

– Хайр… Шаҳрро ҳам хуб тамошо кардем, – гуфт Амин оқибат шабе дар сари дастархон.

Мо ин сухани ӯро интизор будем, бинобар он, баробар оҳи сабук кашидем.

– Хуб магазин ба магазин гаштем гӯед, – гуфтам ман ба киноя.

– Ҳа, акнун мо баргардем ҳам мешудагист, – Амин гӯё сухани маро нашунида бошад, ба Ризо хитобан сухан мекард. – Писар аз ду имтиҳони асосӣ гузашт, – мегуфт вай баъди тухмбирёнро хӯрда, равғани табақчаро бо як пора нони охирини дастархон лесонда, ба даҳонаш андохтан. – Мо дар ин ҷо бошем ҳам, аздусар аз мо вай фоидае нест. Албатта, агар як порча полизамон намебуд, бемалол мегаштем. Имсол модагов субайд монд, набошад ин хел шаҳргардӣ куҷо? Дар хона се бачаро монда…

Ман ба дил шукр мегуфтам, ки сухани полизи ваю модаговашро бори охир мешунавам.

– Насиб бошад, ба тарафи мо ҳам меомадагистед, – гуфт ӯ дар охир ба Ризо хитобан. – Ризобек, ҷӯра, мо – мардуми деҳа одамони соддаем-да, ба кисаамон нанигариста харҷ кардему пул тамом шудаст. Бовар мекунед, шашсад сӯм катӣ омада будем-а! Э, ин шаҳр пул мехӯрдаст. Агар ту панҷоҳ сӯм ёфта надиҳӣ, мо аз ин шаҳр рафта наметавонем, ҷӯра. Хайр, қарз ба қиёмат намемондагист…

– И-и… – Амин суханашро тамом накарда аз гулӯи Ризо фиғон монанд садое баромад.

– Ҳеҷ гап не, бепарво ҷомадонро бастан гиред, ман як бало мекунам, – аз тарси он, ки мабодо аз қасдаш баргардад, зуд харҷи роҳи ӯро ба гардан гирифтам.

Баъди худоҳофизии Амин ман ҳам бо Ризо хайрухуш

кардан хостам, аммо ӯ боз як шаб хоб кунед гӯён ба азми ман монеъ шуд. Вале осоиши ононро дидан маро муяссар нашуд. Раъно аз кор бо чашмони сурху варамида, ғазабнок омаду Ризоро ба хонаи дигар даъват карда, дарро сахт пӯшид ва моҷарое сар кард, ки ҳар ду маро сирф фаромӯш карданд. Мешунидам, ки зан “маъшуқа” мегуфту пиёлаеро ба девор мезад, “Рафоат” мегуфту гулдонро ба фарш меғурронд.

*Соли 1984.*

## НАРДБОНИ РӮИ ЯХ

Агарчи кораш пешрав буд, Сайёр беқарорӣ мекашид, бештарин ҳангом таҷанг ва дилтанг менамуд. Ӯ гоҳе худ аз худ ба Тоҳир шиква оғоз мекард, ки ба қадраш намерасанд, имконаш намедиҳанд, вагарна метавонист чи корҳои муҳиммеро саранҷом бубахшад. Тоҳир ӯро таскин медоду мегуфт, ки ҳанӯз вай ҷавон аст, навкор аст, тадриҷан ғайрату қобилияташро пай мебаранд, хоҳу нохоҳ ҷамъият ба ҳар кас мувофиқи ҳунараш мақому мартаба медиҳад.

– Мувофиқи ҳунараш?! – заҳрханд мекард Сайёр ва ба инчунин хушбоварии ҳамкораш ба тамасхур сар меҷунбонду дардолуда механдид. – Содда нашавед, ако, агар тақдирҷунбон надоред, эҳ-ҳе-е! – Вай ноумед даст меафшонду сонӣ пайрави суханаш мегуфт: – Юнусӣ чӣ ҳунар дорад? Кулӯхест, ки агар ба дарьё андозед, нам намегирад, аммо ба сари мову шумо корфармо аст.

– Кори мудирӣ ҳунару қобилияти махсус мехоҳад, – гуфт Тоҳир, ки аз инчунин ақидаи ҳамкораш дар ҳаққи Юнуси некхисолу хамеша пуркор ҳайрон, балки ботинан хиҷил буд. – Барои ин вазифа нақшакашу меъмори забардаст не, балки шахси коргузору коршинос даркор аст. Ба гумонам, агар ману шумо дар заковату истеъдод аз Юнусӣ даҳ карат баланд бошем ҳам, ин кореро, ки вай анҷом медиҳад, ҳаргиз ӯҳда кардан наметавонем.

Тоҳир ба ҳамкораш ин суханонро мегуфту ботинан гуфтугузори дигаре дошт: “Ин бача соле ҳамроҳи мо кор накарда дар ҳаққи Юнусӣ чунин андешаҳои густохона дорад, сипас дар ғайб аз хусуси дигарон чиҳо гӯяд? Балки дар ҳақи ман ҳам...” Вале Сайёр ин лаҳза аз дили Тоҳир чи шубҳаю гумонҳо гузаштанашро ба фаросат дарёфт магар ё ба ин монанд хавфе бурду ба нияти ҳамвор кар-

дани суханони худ гуфт:

– Нақшакаши қавӣ лозим аст. Агар мудир меъмори забардаст бошад...

– Юнусӣ ҳунарманди пухтакор буданд. Солҳои охир машғули кори шӯъба, маҷлису машварат, ҳисоботнависӣ аз касбу кори асосии худ дур монданд. Агар нафар як сол қалам накашад, аз бод мебарояд.

Азбаски ҳоло Тоҳир ва Сайёр хеле ҷавон буданду пасту баланди зиндагиро намедонистанд, ба якдигар эътимоди комил доштанд ва ин боварӣ ҳанӯз рахна наёфта буд, бинобар он, онҳо ҳар як андешаю гумонзади худро беибо ба забон меоварданд. Ҷавонӣ бо ҳамин гуна эътимод ба дӯст, кушодагӯӣ, ҳамрозу ҳамдардиаш бо ёрон аз фаслҳои дигари умр фарқ мекунад. Аммо рӯзгор амон намедиҳад, ки инсон ин сифати хуҷастаи худро дуртар барад. Тоҳир ҳам ду-се моҳе аз миён нагузашта аз ваҷҳи чанд сухани вобаста ба дигарон ба Сайёр гуфтааш пушаймон шуд. Рӯзе Юнусӣ дар омади сухан, "одам камкам аз бод мебарояд" гӯён, ба он гуфтаҳо ишорат карду Тоҳир чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста саргаранг монд. Ӯ монанди баъзеҳо дар ин гуна вазъ изтиробашро пинҳон доштан наметавонист. Сурх шуд ва ба хотираш расид, ки Ализодаи пир рӯзҳои ба кор шӯруъ кардани Сайёр ҳамкоронро огоҳӣ дода гуфта буд: "Ин бача аз ҳеҷ усул даст намекашидагӣ барин, ман ин хелашро то ба ҳол надида будам." Боз ба ёд овард, ки Сайёрро Юнусӣ ба кор гирифта буд, аммо аз миён муддате нагузашта ҳама пай бурданд, ки раис ӯро пуштибонӣ мекунад. Одатан, ба гурӯҳи тарҳу нақшакашӣ ихтисосмандони кордида ва дар тӯли ҳамкорӣ озмударо ба кор сазовор мешумурданд. Аммо раис баъди се-чор моҳ кор кардани Сайёр пешниҳод кардаст, ки ӯро ба гурӯҳи нақшакашӣ гузаронанд. Дар идора хостаанд, ки ӯро ҳам шӯрои ихтисосу дараҷот

имтиҳон кунад, вале нақшаи пешниҳодашро аъзои шӯро ноқис ҳисобидаанд. Ин ҳам аз ходимони идора махфӣ намонд, ки раис қарордоди шӯроро шунида, тамасхуромез заҳрханда кардасту гуфтаст: “Агар ба ихтиёри онҳо вогузорем, дилашон чиҳое намехоҳад?!”

Ба ҳамин тариқ Сайёр, ба қавли ҳамкорон аз дару аз зинаҳо нагузашта, рост аз тиреза ворид гашта, ҳамкору ҳамнишини Тоҳир қарор гирифта буд. Бешак, аз рӯзҳои нахусти ҳамкорӣ Тоҳир пай бурда буд, ки рафиқи ҷавонаш дар боби тарҳандозӣ монанди ӯ бо майда-чуйда андармон намешаваду бо вазъи нахуст ошно мегардад. Сайёр мақолаю рисолаҳои заруриро саросема чашм медавонд, аммо вақташро сарфи ашколи кайҳо собитшуда намесохт. Бинокорон имрӯз аз ӯҳдаи чӣ корҳо мебароянду чӣ амалеро саранҷом дода наметавонанд ё ба он даст задан намехоҳанд, ба назар мегирифту мувофиқи имкони онон соддаву осон тарҳ мекашид. Ба вай чунин менамуд, ки бо суханони “идеал”, “эҷодкорӣ” одамон ягон навъ нуқсу гуноҳи худро пинҳон мекунанду бас. Ҳар бор аз шунидани ин суханон ӯро хамёза мегирифт. Аз ҳунари худ дар ин шаҳр ёдгоре гузоштанро агар орзу дошта бошад ҳам, он аз орзуҳои хеле нотаъин ва дури вай буд. Сайёр дар навбати аввал мақому мартаба пайдо кардан мехост, то ба ин васила асбоби зиндагиашро таъмин кунад. Дар ин роҳ ӯро ҳар як усул ҷоиз менамуд ва баъзан агар мавриди сухан ояд, мегуфт: “Ҳар касе тавонад, дарнамонад”.

Тоҳир дар тӯли қариб яксола ҳамнишинию ҳамкорӣ аз маслаку мароми Сайёр, аз баъзе андешаю омоли ӯ пай бурд, аз он ҳам огаҳӣ ёфт, ки ин ҷавон аллакай ба ҳамнишинии баъзе раҳбарон расида, дар тӯйҳои фарзандони онон хизматгузориҳо доштаст. Ӯ ҳеҷ намефаҳмид, ки рафиқи ҷавонаш чи гуна дар муддати кӯтоҳе ба онон ин қа-

дар маҳрамона қаробат пайдо кардааст.

Онҳо дар як утоқ, сари ду миз рӯ ба рӯ нишаста кор мекарданд. Сайёр баъзан оид ба кору бораш аз Тоҳир маслиҳат мепурсид, машварат мекард, баъзе нақшаҳои кашидаи худро аз назари вай мегузаронд, аммо ваҷоҳаташ возеҳ мегуфт, ки ин кораш сирф барои ҳусни адаб аст ва ӯ ба маслиҳату машварати дигарон эҳтиёҷманд нест.

– Чаро беҳуда саратонро гаранг мекунед? – мегуфт вай, накшаи минтақаи навбунёдро гаштаю баргашта аз ришта то сӯзан санҷидани Тоҳирро дида. – Аз ду сар нақшаи иморатҳои дигари ин минтақаро дигарон мекашанд. Меъморони навбати дуюми сохтмон хар чи мехоҳанд, мекунанд, орзую хаёлтарошиҳои шумо як сӯ мемонад. Дар асри мо аз рӯи қоидаи то аз дасти ман рафтану ба дасти соҳибаш расидан амал кардан даркору бас.

Ба ин тариқ дар хислати як фард махлут гаштани ҷаҳду ҷадали ҳавасангез ва кори ба назарфиребӣ монанд, Тоҳирро баъзан дар ҳайрат меафканд ва ӯ сабаби ин ҳолро ба ҷавонию беқарории Сайёр вобаста мекард. Сайёр ҳанӯз ҳам мисли он, ки ботинан аз чизе ба дард бошад, беқарор худро ба ҳар сӯ мезад, зудтар бо ҳама қаробат ёфта, роздон шудан мехост. Ҳамкорон ҳам дар адои вазифа ҷаҳди ӯро дида, дилҷӯиаш мекарданд. Дар он миён фақат нусхабардори пир Ализода шубҳаомез сӯи вай менигаристу дардолуда оҳи сард мекашид. Пирамард боре ба яке аз шогирдонаш аз хусуси Сайёр гуфтаст: “Ба рӯи тираю беситораи ҳамин бача менигараму баъзан ба худ мегӯям: агар қабат-қабат пӯсташро пиёз барин ягон-ягон канда партоед, оқибат дилашро меёфта бошед? Дил дошта бошад?”

Ҳамкорон ҳар чи гӯянду нагӯянд, Тоҳир бо Сайёр рӯзафзун унс мегирифту ин гуна суханонро аз хусуси вай ғайбати беҳуда мешумурд. Дар воқеъ, ҳамкораш ранҷ

мекашид, ҷадал дошт ва муддате аз миён гузашту асрори кори худро ба дурустӣ пай бурд.

Он рӯзҳо ҳар ду ҳамкор аксари ҳангом ҳамроҳ буданд: нимирӯзӣ ба ошхона мерафтанд, ба китобхона ва дӯкони китоб медаромаданд, баъди кор, дар ягон қаҳвахонае нишаста қаҳва ё як-ду дӯлчагӣ пиво мехӯрданду ба якдигар дарди дил мегуфтанд, баъзан аз ину он ҳасрат карда ғубори синаро берун меандохтанд.

Кӯшиши Сайёрро дар адои вазифа мудири шӯъба Юнусӣ ҳам ба ҳар васила тақдир мекард. Хонаи мувофиқи табъ ҷустуҷӯ доштани Сайёрро шунида, вай аз гузараш, ки ба идора хеле наздик буд, барои ӯ хонаи дилхоҳу нархи иҷорааш арзон пайдо кард.

Вале Сайёрро ҳамкорон хуш накарданд, ки накарданд. Эҳтимолан, сабаби ин нописандӣ аз кадом як ҷиҳат ба дигарон монандӣ надоштани вай буд. Мисли дигарон вай ҳам паи пешравӣ талош мекард, аммо дар ин ҷода усули ҷоизу ноҷоиз барои вай фарқ надошт.

Ногаҳон муовини Юнусӣ ба кори дигар рафт. Ҳамкорон ба ин вазифа Сайёрро пешбарӣ кардани раҳбаронро шунида, ангушти тааҷҷуб ба дандон газиданд. Агар поён будагон норозиёна “охир, вай дирӯз ба кор омад, ҳанӯз кор наомӯхтаст”, гӯянд, аз боло “гап ба синну сол не, ба собиқаи хизмат ҳам не, дар ин арса мӯяшонро сафед карда, вале мошшаро аз сутун ҷудо карда наметавонистагиҳо ҳастанд, мо бояд ба ҷавонони соҳибҳунар мадад кунем”, мегуфтанд. Баъд, овозаи гӯшакӣ рафт, ки мудири шӯъба ба номзади Сайёр розӣ набудаст, бинобар он, аҷаб не, худи вай аз вазифааш истеъфо диҳад ё тамоман аз кори идора биравад.

Сайёр муовин таъин гашт, аммо Юнусӣ аз кор нарафт.

Тоҳир хеле муддат боз нақшаи кохи маърифат ва иммороти минтақаи онро мураттаб месохт. Мехост, ки ин

кӯшки шодмонӣ ва саодатгоҳи ҳамдиёронаш ёдгори сазовори қалами вай бошад. Аммо чи кунад, ки тарҳандозию нақшакашии Тоҳир осон набуд. Сайёр агарчи зоҳиран бо ҷиддияти тамом ба ташвишу тараддуди ҳамкораш ҳамрайъӣ зоҳир мекард, ба дил ӯро тамохира дошт. Зеро Сайёр ба иҷрои супориш шӯруъ мекарду худро чунон мегирифт, ки ӯ дар сари талею мавзеи сохтмон зери пояш хобида аст. Тоҳир бараъкси вай, агарчи донишу маҳорат дошт, дар сари кор аксар ҳангом эътимодашро ба худ гӯё гум мекард, ба дастони қалам гирифтаи худ нобоварона менигарист. Баъд гаштаю баргашта ба он мавзеи сохтмони минбаъда мерафту рӯзҳояшро дар он ҷо мегузаронд. Боғу киштзор, марғзор ё деҳаеро, ки мебоист аз миён бардоранд, гаштаю баргашта чарх мезад, аз чор сӯяш гузашта менигарист, чунон менигарист, ки аз тамошояш гӯё ҳеҷ сер намешуд. Баъд сурат мегирифт, дар сари марзаву канори ҷӯйбори он бо пирон нишаста сӯҳбат мекард. Ҳар лаҳза аз дилаш мегузашт, ки дигар ҳаргиз дар ин ҷо марғзору ҷӯйбор нахоҳад буд. Вай худро гунаҳкор мешумурд ва барои ин ҷурми дилхарош гӯё аз сокинони собиқ ва имрӯзи он мавзеъ, аз туту чинор, полизу марғзорон гӯё маъзарат мехост. Не, Тоҳир ба монанди Сайёр ба ин ҳама аз баландӣ бебок нигариста наметавонист... Сонӣ вай ба назди геологҳо мерафт. Баъзан барои нигоҳ доштани даҳ бех чинор ё марғзори хурде андаке ихтисор кардани сохтмони он мавзеъро талабгорӣ мекарду бо раҳбарон хархаша оғоз менамуд. Сайёр дар дасти ҳамкораш аксар ҳангом китоби Хогард “Шаҳри боғистон”-ро дида, ба ҳоли вай механдид, вале ин тамасхури худро ҳаргиз зоҳир намекард.

Нақшаи қасри маърифат ба Сайёр писанд наомад. Вай ба нақшаи Тоҳир ягон эроди таъин баён накард, фақат гуфт, ки дар он ҳеҷ навӣ нест. Тоҳир ба завқу

фаҳмиши ҳамкораш андаке шубҳа пайдо карду бас. Вай аз Сайёр озурда набуд, аммо ҳамин гумони нохуш, “наход, ки бахил бошад?” – дили ӯро аз ҳазор айбгирию тӯҳмат бештар мефишурд. Пеш аз ин ҳам ба нақшаи вай ҳамкорон дар шӯрои бадеӣ эрод мегирифтанд, Тоҳир ба нақшааш ислоҳ медаровард, аз рӯи гуфтаҳои рафиқонаш тасҳеҳу такмил мекард, вале ҳеҷ кас то имрӯз ба ин тарз мункири ҳунари ӯ набуд. Аслан, Сайёр нақшаро нобуд кардан хост, аммо бехабар худро фош кард, дар назари ҳамкораш ба якборагӣ худро нобуд карданашро худаш ҳам нафаҳмида монд. Тоҳир, аҷаб не, баъди ин воқеа барои ҳалоки умедҳояш аз ин ҷавон андӯҳгин буд.

Ба нақша дар шӯрои бадеӣ эрод гирифтанд, аммо тақдир ҳам карданд. Вале Сайёр хомӯш буд. Тоҳир тааҷҷуб кард, ки чаро вай хомӯш аст. “Чаро намегӯяд, ки ӯ ба нақша эрод дорад, дар он ҳеҷ навӣ нест? – ба дил фиғон мекард Тоҳир. – Ё худ барои чи ба ман як даҳан ба ишора намегӯяд, ки он рӯз қимати аслии ин нақшаро идрок накард, нафаҳмид?.. Ғалатӣ. Вай қимати онро нафаҳмид ё донисту тан нагирифт, барори дигареро иқрор кардан нахост. Шояд ки ҳасуд бошад?!”

Сонитар Сайёр ба эҷоди дигар ҳамкорони дандонгузараш ҳам инчунин айбмонию хӯрдагирӣ оғоз мекард, вале равшан буд, ки муродаш аз даъво тасҳеҳу такмили он нақша не, балки бартарии худро ҷилва доданист. Баъд вай дар рӯзномаю маҷаллаҳо аз боби ҳунари меъморӣ мақолаҳо нашр мекарду баъзеро сафеду баъзеро сиёҳӣ зада, дар ин арса ба доварӣ шӯруъ намуд. Аз ҳамкорон ин ҳам пинҳон намонд, ки муроди Сайёр аз ин мақолаҳо боз ҳам худро аз дигарон баланд гузоштан ва бо васфгӯиҳои бебаркаш дили баъзеҳоро ба даст овардан аст.

Баъди муовин таъин гаштанаш Сайёр ба хонаи дигар гузашта буд ва бо Тоҳир дигар нишасту хез ва улфатӣ

надошт, аммо боре, баъди кор ӯро ба чойхонаи боғ кашола кард. Авзояш гирифтагӣ, табъаш коҳида менамуд. Аён буд, ки дигар рафиқе надорад, то дарди дилашро гӯяду таскин ёбад. Тоҳир ин гуна ҳоли ӯро пай бурду ба ночор мувофиқат кард.

– Пироне, ки гармию сардиро дидаанд, "шукр кун" мегӯянд, ки он беҳикмат нест. Ношукрӣ ҳам дард аст, додар, душманатон ҳам ба ин дард гирифтор нагардад, – гуфт Тоҳир ба оҳанги андаке дурушт калимаи "душманатон"-ро шиддатноктар карда.

– Шукр карда-шукр карда ба ҳамин ҳол расидем, – Сайёр норозӣ зери лаб ғурунгос зад. Ба ақидааш ҳамфикрӣ накардани Тоҳир ӯро бештар нохуш асар дошт, ҳатто ягон сухани сахт, кинояи талхе гуфтан хосту боз забон газид. Баъдан, пас аз хеле сукут чизи дигаре гуфт: – Ана, шумо ду фарзанд доред, синнатон аз сӣ гузаштаст, вале ҳанӯз ҳам дар як хоначаи танг...

Сайёр аз ин хусус хеле суханони дилсӯзу ғамгусорӣ гуфту оҳани ҳамроҳашро андаке нарм кард. Баъд, таноби суханро боз ба аҳли идора бурду раҳбарон ва доираи онҳоро мазаммат гуфт. Аз Юнусӣ сар карда то ба директори институт – ҳамаро бедонишу ҳунар, беинсофу бахил ва худписанду мутакаббир мешумурд. Вай ба кору рафтори дар назари дигарон маъмул ва оддӣ чунон тафсире медод, ки ба сирф нобакории он одамон ҳар кас ҳам бовар мекард. Аммо Тоҳир бовар намекард. Аз он сабаб бовар надошт...

– Баъзан аз ҳамин шаҳру диёр сар гирифта ба ягон тараф равам мегӯям, ако, – оҳиста шиква сар кард Сайёр. – Аммо аз дасти ин ҷоҳилони беҳунар ба куҷо мегурезӣ?! Дар ҳама ҷо ҳастанд. Мисле ки, дар қисмати мо ҳамин будаст...

Тоҳир раҳравон ба шикваи ӯ гӯш медоду аз дилаш

мегузашт: "Буз ҳам меноладу бузғола ҳам. Мо аз дасти ин бача ва ба вай монандҳо, аз дасти ҳомиёни инҳо додхоҳӣ мекунем, аммо инҳо чӣ?! Наход ки охирон кор ба дасти қаллобу нокасон монад-а?! Чаро ин нафарон ба якборагӣ ҳамаро соҳиб шудан мехоҳанд? Чаро инҳо шукр намекунанд?.."

– ...Ба шумо осон аст, шумо бо ҳар он чӣ медиҳанд, қаноатмандед. Рӯҳияи шарқиён...

– Додарам, шумо аҳён-аҳён ба чойхонаи гузаратон бароеду бо пирони маҳаллаатон ҳамгап шавед, – гуфт Тоҳир сухани ҳамроҳашро бурида. – Дар маҳаллаҳои мо чойхона ҳам нест...

– Яъне?.. Чӣ гуфтан мехоҳед, нафаҳмидам, – гуфт ин бор Сайёр сухани ӯро бурида. Баъд аз паси айнаки ғафсаш хира-хира ба рӯи Тоҳир нигариста мазмун гирифтан хост.

Сайёрро медонист, аз феъли вай чӣ бӯҳтону тӯҳматҳо ва чӣ радду бадалкориҳо бармеояд, нек огаҳ буд. Ба ғайр аз ин, Тоҳир аз инчунин гуфтугузор бо Сайёр даҳансӯхта буд. Аз он ҳам хабардор буд, ки ин бача, ки ҳоло дар рӯ ба рӯи вай касонеро нафрину дашном мефиристад, ки пеши онон ҳамеша даст ба сина аст, аз боғи падараш агар як қуттӣ мева оварад, онро ба зану фарзандаш дареғ мебинаду ба хонаи онон мебарад, думболи ягон хел либос ё дигар ашёи нодири ба онҳо зарурӣ ҳафтаҳою моҳҳо саргардон мегардад.

Баъди ошомидани се дӯлча оби ҷави сард Сайёр дар даъвои худ беш аз ҳамеша баланд омад:

– Дониста бошед, Тоҳирҷон-ако, агар ман худамро ягон кор кунам, хунам ба гардани ҳаминҳо! – тадриҷан овозашро баландтар сар медод вай ва атрофиён фиғони ӯро шунида, бо ҳайрат ба сӯи онҳо менигаристанд. –

Шумо одами наздикам. Дар миёни ин нокасони беҳунар ман фақат шуморо ҳамчун як тан марди фозил дӯсти худ мешуморам. Ҳа, фақат шумо ҳамсӯҳбати сазоворед, бо шумо сухан кардан меарзад! Бинобар он, рӯирост дарди диламро ба шумо мегӯям! Агар нагӯям, торс мекафам, ако, торс мекафам!..

Чунон ки мегӯянд, Сайёр ҳоло алав гирифта буд.

Авзояш он бегоҳ ба ҳадде мушавваш ва пуризтироб буд, ки ба ҳолаш вогузоштанро Тоҳир на аз қоидаи рафоқат медонист. Аз ин сабаб ӯро ба манзилаш даъват кард.

Раҳораҳ онҳо ба якдигар навбат надода сухан мегуфтанд, яке аз боғ, дигаре аз роғ – ҳар кадоме ду даст, чашму абрувон ва сару гардани худро ба ёрии забон ба кор оварда, даъвои худро собит кардан мехост. Тоҳир эҳсос кард, ки дар дили Сайёр аламе хона карда аст, аммо ҳоло ҳар қадар ҷаҳд кунад ҳам, ӯро ба гапу кори дигар машғул кардан наметавонист. Тоҳир нек медонист, ки агар касе ба раъйи Сайёр мухолифат кунад, вай ӯро ба ҳар васила бадном кардан мехоҳад.

Баъди он, ки дар хонаи Тоҳир онҳо боз сари дастархон нишастанд ва аз хӯрданиҳо хӯрданду аз ошомиданӣ ошомиданд, Сайёр маддаи дилашро кафонд:

– Ин палидак инсони бавиҷдон нест, мурдор аст! Бовар мекунед, вай дом андохта гирди зани ман мегаштаст?! Чанд бор дар ғайби ман ба хонааш рафтаст...

– Юнусӣ? – Ба гӯши худ бовар накарда Тоҳир боз пурсид. Таъсири оромибахши ғизою шароби имшабина дар як дам аз сари вай париду бо ду чашми кушода, ҳайратзада ба чашми ҳамкораш нигариста, лаҳзае карахт монд.

– Ҳамон хар, ҳамон пири беимон, ҳамон фосиқи ҳаромхиштак!

Тоҳир сар ба зер афканду бо ду даст ҷабинашро дош-

та дуру дароз хомӯш монд. Сайёр бетаваққуф ҳар гуна суханон мегуфт, вале ба гӯшаш дигар каломи вай намедаромад. Тоҳир андоми сафеду фарбеҳ, чашмони мешӣ ва нигоҳи ифодааш норавшани ҳамсари шарикашро пеши назар овард. Боре Сайёр дар сафар буд, ҷавонзан моҳонаи шавҳарашро гирифтанӣ омад. Ронандаи мошини раис дар ҳузури мардум бо вай шӯхию густохӣ оғоз карда, дасттобӣ менамуд. Ронанда агар аз сири он зан воқиф набошад, ба ин тариқ густохона амал намекард. Аммо Юнусиро чӣ бало зад, намедонам. Баъзан аз шиддати рашк инсон кару кӯр мешавад, сафеду сиёҳро фарқ намекунад, Сайёр ҳам балки ба кӣ дарафтоданашро намедонад.

– Ба ман нигаред, – ба рӯи ҳамсӯҳбаташ нанигариста, балки сарашро боло набардошта ба вай хитоб кард Тоҳир, – ба гумони ман Юнусӣ ин гуна инсон не. Андеша кунед, надонистаю нафаҳмида ин гапро нагӯед. Вай шуморо ба кор гирифт, аз гузараш хонаи соз ёфта дод. Хӯш... Барои телевизори рангин пул қарз дод. Дар бобати дастгирию ғамхорӣ ҳад надорад. Умуман, ин гапро дигар ба касе нагӯед, додарам. Одати мардон ин аст, ки ҳатто занро талоқ медиҳанду боз ҳам айби ӯро ба касе намегӯянд.

– Ман кӯр нестам, то аниқ надонад, кӣ аз ин хусус даҳан мекушояд? Фосиқони гузаро ана, ҳамин хел ба лаб кулӯх молида, сӯфинамо мегарданд. Ману шумо одамони соддаем, диламон рост аст, ако.

Тоҳир агарчи ҳеҷ намехост ба фосиқии Юнусӣ бовар кунад, вале даъвои Сайёр монанди ботлоқи ҷимҷима кам-кам ӯро ба худ кашид ва оқибат синаашро фишурда дилтанг сохт.

– Ҳайронам... Ҳеҷ боварам намеояд... Охир аз мардуми фосиқ ҳамчун аз песу махав ҳама ҳазар мекунанд, инро Юнусӣ нек медонанд! Чаро дидаю дониста худро

дар миёни ҳамкорон расвои радди маърака кардаст, ҳеҷ намефаҳмам, – ӯ худ ба худ китф боло мекашид.

Ин лаҳза Тоҳир мехост, ки бо мушти сахт гиреҳхӯрдааш ба андоми Сайёр сахт фурорад ва ин симои ҳоло монанди порутӯда ё кундаи пӯсидаи дарахти пӯк тираю карахтро бо тамоми нафрату ғазабе, ки ҳоло гиребонгираш гашта буд, лагадмол созад.

Сайёр нобоварии ӯро дида, ҳар чӣ барояш муқаддас буд, шафеъ меоварду савганд мехӯрд, гоҳ занашро нафрин мекарду гоҳ Юнусиро, сипас ҳар дуро ҳам ба офатҳои гушношунид гирифтор кардан мехост.

Тоҳир дигар ба дарду алами вай гӯё беалоқа, як навъ карахт ба рӯи пуризтироби шарикаш менигаристу чи гуфтанашро намедонист.

– Намедонам чи кунам?! Чи кунам? Чи чора? – Ӯ гоҳ ба синааш мушт мезаду гоҳи дигар ба сараш. – Ба кӯча мебарояму худро ба зери чархи мошин меандозам!.. Хунам ба гардани он мурдор! – оқибат ҷунуномез фарьёд кашид вай.

– Ҳаргиз... Ин корро накунед, додарам, ба як нафар ронандаи бегуноҳ ҷабр мекунед-а! – гуфт Тоҳир заҳромез писханд намуда.

Тоҳир инро гуфту "мазоҳро пай бурд ё не" гӯён ба чашми Сайёр нигарист, дар назараш нигоҳи ҷавон беҷо барин намуд. Лаҳзае дудила шуд – агар таъсири шароб бошад, ҳеҷ гап не, не, агар рӯҳист, он дарди даҳшатнок аст...

Тоҳир оҳиста бо баҳонае бархосту ба хонаи ҳамсояаш, ки духтур буд, кас фиристод. Ҳамон шаб духтур Сайёрро муоина карду Тоҳири бениҳоят парешон ва ошуфтаро таскин дода гуфт:

– Ҳеҷ гап не, хурӯҷи асаб. Мегузарад.

Ҳангоми рафтанаш духтур дар таҳи дар оҳиста ба

худи Тоҳир шунаво бигуфт:

– Бепарво бошед, ин дарди одамони ҳарису хомтамаъ аст. Сонитар ба васвасаи бузургманишӣ меафтад. Атрофиёнашро дарди сар дода мегардад...

Тоҳир, ки аз шароб сархуш буд, ин гуфтаҳои марди ҳаким аз як гӯшаш даромада, аз дигараш берун шуданд.

Тоҳир қариб як ҳафтаи расо ба рӯи мудири шӯъба Юнусӣ нигариста натавонист. Баъди ин воқеа агар мудир рӯ ба рӯ ояд, Тоҳир хаёл мекард, ки ҳозир аз гиребони ин марди солдида мегираду гуфтаниашро мегӯяд. “Наход, ки дар дунё дигар инсони ҳалол намонда бошад? – худ аз худ савол мекарду ботинан алам мекашид Тоҳир. – Агар ба Юнусӣ бовар кардан нашавад, аз дигарон ҷои гила нест, чунон ки баъзеҳо мегӯянд, олам вайрон гаштасту ман бехабарам. Баҳси “физикҳо” ва “лирикҳо” ҳамту гап не, мо ин миқдор кашфиёт – киштиҳои кайҳонӣ, зериобӣ, махсусан, транзистор ва компютер, ки инқилоби техникӣ аз онҳо оғоз гирифт, ба даст овардем, аммо агар онро ба дасти одамони нокас, худпарастони беви ҷдон диҳем, ҳаётро, инсониятро, табиатро, илму тамаддунро, ҳатто монед, ки худашонро ҳам бехабар нобуд мекунанд. Ба ман монад, бе киштии кайҳонӣ ҳам, бе транзистору компютер ҳам зиндагӣ кардан мумкин аст, аммо бе ҳақиқат, бе виҷдони пок, бе боварӣ ба инсон, ба ростӣ зистан мушкил аст... Агар мо аз фошофош гуфтани ҳақиқат тарсем, решаи маънавии мо пусидагӣ барин...”

Сонитар Тоҳир Сайёрро дар ру ба рӯи Юнусӣ дид, ки гӯё ҳеҷ воқеае рух назада бошад, бепарво, балки хушҳол нишаста гуфтугӯ дошт, механдид, ҳатто мисли ҳамеша ба мудир тамаллуқ мекард. Ӯро ҳолате рух дод, ки ҳам аз ин ду тан ва ҳам аз худаш нафрат кард. Тоҳир дар зиндагӣ бо мардумони накӯкор ҳам, нобакор ҳам дучор гашта буд, вале ҳоло бо онҳо ба чӣ тарз муомила

карданашро намедонист. Дилмонда, рӯҳафтода, узв-узваш пур аз нафрату ғазаб, пакару бедимоғ гашта буд ва дигар аз рӯбарӯшавӣ аз онҳо мегурехт. Андешаи роҳе ёфта ё илоҷе сохта зудтар аз ин одамон дуртар рафтан ба вай оромиш намедод. "Дар дунё бе дурӯғу фиреб, рост гуфтаю рост шунида, ҳаққи ҳалол, ба дурустӣ бо пешаи худ зиндагӣ кардан мумкин будагист", – мегуфт вай қаҳрогин мушташро ба миз сахт зада.

Юнусӣ авзоъи нохуши Тоҳирро пай бурд магар, боре дар танаффуси нимирӯзӣ ҳамроҳи вай ба ошхона равон шуд. Ҳанӯз аз идора сад қадам барин дур нарафта буданд, ки мудир сабаби ошуфтагии ӯро пурсон гашту Тоҳир гӯё ҳамин саволро нигарон бошад, пайрави суханаш ба вай ҳамлавар шуд:

– Намедонам ба шумо чи гӯям... забон ҳам намегардад, – гуфт вай ба рӯи ҳамроҳаш нигоҳ накарда адоватомез ва дилгир рӯ турш карда. – Худро ба вай бача дӯсту бародар меҳисобед... Аммо як гапи нохуш шунидам, гуфт вай канда-канда. Баъд, аз инчунин муқаддимаи худ норозӣ, балки ботинан хиҷил шуд: – "Ҳамин ҳам оғози сухан шуд?!"

– Тоҳирҷон, ману шумо ду-серӯза шиносон нестем. Чӣ ҳодиса рӯй дод? Пӯсткандаи гапро гӯед, шунавам, – тоқатӣ Юнусӣ тоқ шуд.

– Агар ба зани Сайёр хушдор бошед, худро ба вай дӯст гирифтанатон магар разилӣ нест?! – Ин суханон якбора монанди қатортири автомат аз даҳани Тоҳир париданд.

– Истед-истед... Кӣ ин гапро баровард? Кӣ гуфт? Аз кӣ шунидед? – Ранги Юнусӣ дока барин канд ва бо дастони аз изтироб ларзонаш оринҷи Тоҳирро гирифту ӯро аз роҳ дошт. – А? Кӣ гуфт?

Мисле ки, Тоҳир ин саволро нигарон набуд, лаҳзае

чӣ ҷавоб гуфтанашро андешида хомӯш монд. Сонӣ аз замин нигоҳашро набардошта, аллакай азмаш сусттар ва қатъияти каломаш дигаргуна, бигуфт:

– Худаш... Ҳатто ба ҷонаш қасд карданӣ буд...

Минбаъд ҳар ду ҳам хеле муддат хомӯш равон буданд ва ҷуръати онро надоштанд, ки ба рӯи якдигарӣ нигаранд. Юнусӣ аҳён-аҳён бинӣ мекашиду паси сар мехорид ва дами сард мекашид. Гиреҳ-гиреҳ оҷангҳо рӯяшро батамом бурма карда, ҳоло рози даруни ӯро аз чеҳрааш хондан мушкил буд.

– Ба сари ман бор кардани ин нанг ба ин бача чи даркор бошад? – гуфт вай оқибат оҳи пурдарде кашида. – Агар вазифаи ман даркор бошад...

– Ман гумон бурдам, ки ӯро ба ҳамин ният ба кор гирифта будаед-дия, – гуфт Тоҳир дилсахту густох ба рӯи Юнусӣ нигариста. Вай ҳанӯз ҳам амин буд, ки ин марди пир бо он зан муомилае доштаст.

– Андешида сухан кунед, мулло. Шумо кӯдак нестед, – гуфт Юнусӣ ин бор ғазабнок ба ҷониби ҳамроҳаш теғ кашида нигариста. Сипас, гилаомез сар ҷунбонду пайрави суханаш гуфт: – Ҳамин қадар ҷурме аз ман гузашт, ки рӯзҳои аввали ба гузари мо кӯчида омаданаш як нимрӯзӣ маро ба хонааш даъват кард. Ҳаво гарм бошад ҳам, дар берун нишастан намонду ба хона даровард. Фарши хонаро шуста, пардаҳои тирезаро пӯшида дар нимторикӣ нишастем. Ҳамсараш дастархон густурду нуқлу хӯрданӣ овард. Баъд ҳамроҳи мо нишаст. Рости гап, ман ба дил андаке ҳайрон бошам ҳам, эътибор надодам, ҷавонони имрӯз расми худро доранд. Соидҳо то ба китф урён, чоки гиребон ҳам... Хайр, ба ҳадде, ки дигар поён фуровардан имкон надорад... Нигоҳашон бешармона... Э, тавба... Ман шармида сар бардошта ба ҷониби он зан наменигаристам, бовар мекунед? Савганд хӯр гӯед агар, савганд

хӯрам? Баъди ин воқеа аз ошноӣ ва ҳамнишинӣ бо ин бача ва аз остони вай қадамамро кашидам. Даъват кард, узр гуфтам. Аз ин бобат феъли мардуми гузари мо ба ман маълум аст. Ҳа, аз бало ҳазар...

Тоҳир гӯш ба суханони Юнусӣ хомӯш қадам мезад, дар лабонаш табассуми заҳрогине чун нишоне аз нобоварӣ ва як навъ эҳсоси ҳазар, ки ба нафрат шабоҳат мекард, сайр дошт. Юнусӣ сӯхтаю пухта сухан мекарду ҳарсосзанон баробари ҳамроҳи ҷавонаш меомад. Аз шиддати қаҳру ғазаб бошад ё хиҷолат ва изтироб ӯ то ба буни гӯшу сару гарданаш сурх гашта буд.

– Ба қарибӣ соҳиби хонааш ба ман гуфт, ки... "а-а... ба хонааш вақту бевақт мардони номаҳрам даро-баро доранд, гӯед, хонаро холӣ кунад". Мани сарсахт аз рӯи дилсӯзӣ аз ин хусус ба вай ишора кардам. Гумонам бехабар бошад.

– Чӣ хел мардон? Кӣ будаст, нафаҳмидед? Вай мумкин беҳуда аз шумо гумонбар бошад?

– Э, таҳи гапро наковед, худаш медонад... Ману шумо надонистанамон беҳтар аст... Ҳу, ёд доред, як вақте шофербача рӯи рост дасттобӣ кунад, аз қаҳр кафам гуфта будем, вай аз сири инҳо огоҳ будаст. Ман медонистам: ин бача номусашро ба гарав монда, мақому мартаба гирифтанӣ аст. Аммо домани маро чаро ба домани олудаи худаш мебандад, ҳайронам. – Юнусӣ аз тааҷҷуб даст мекушоду китф боло мекашид.

– Ба ҳар ҳол, то ба имрӯз ба шумо маъқул буд-ку? – гуфт Тоҳир заҳрхандашро пинҳон карда.

– Додарам, аз мо нақша талаб мекунанд. Орзую ҳавасҳои шумо ба он талабҳо созгор нестанд. Вай ба имрӯз мувофиқат кардан метавонад.

– Ба имрӯз... – гуфт Тоҳир баъди хеле хомӯшӣ худ ба худ ба тасдиқ сар ҷунбонда – Ба фардо чӣ?

– Ба фардо? – Юнусӣ саволи Тоҳирро такрор гуфта ба нишони ҳамдардӣ ба рӯи мусоҳибаш нигарист. – Ализода гуфта буд-ку, аҷаб не, зери дасти вай кор кунед. Ин хелҳо шумо барин ҳунар, санъат намегӯянду нардбонро баланд мегузоранд.

– Ҳим-м... – Тоҳир паси сар хорида, ҳим-ҳимкунон хеле роҳ гашту баъд ногаҳон аз роҳаш бозистод ва аз остини Юнусӣ гирифта рост ба чашми вай нигарист. – Бигӯед, ки пояи нардбонро рӯи ях мондан мешавад? А? Мондан мешавад?.. Шумо дар минбар нестед, дар ҳузури раҳбарон ҳам не, росташро гӯед, мондан мешавад.

Юнусӣ мӯйлаби мошу биринҷашро даст зада-даст зада тамасхуре намуду сипас гуфт:

– Тоҳирҷон, ин зот пояи нардбонашро на фақат рӯи ях гузоштан метавонад, балки рӯи алав мегузорад, аммо намесӯзад! – мад кашида таъкид кард вай.

– Месӯзад, чунон месӯзад, ки... – якравона инкор дошт Тоҳир. – Фақат ҳунар мемонад. Аммо вай ҳунар надорад, фақат ҷаҳд дорад. Ҳунару беномусӣ дар як ҷо намешукуфанд, намешукуфанд.

*Соли 1984.*

## РАМИДА

Ҳамаи бачаҳои гирду атрофаш дада доштанд, фақат вай надошт. Аниқтараш, дадааш буд, аммо дар кучое аз ҳоли Муроду модараш бехабар зиндагӣ доштаст. Ин кори вай ҳар замон ба Мурод алам мекард. Бачаҳои дигар ҳамроҳи дадаашон ба бозору мағоза, ба сайри талу теппа ва боғи ҳайвоноту истироҳат мерафтанд, рӯзҳои таътилӣ ба ҷониби кӯҳсор сафар мекарданд. Ҷӯрааш Насим ҳамроҳи дадааш мошинсавор ба моҳидорӣ меравад. Як бор дадаи Насим ӯро ҳам бо худашон бурд. Аҷоиботи он рӯзро Мурод ҳаргиз фаромӯш намекунад. Он рӯз хушбахттарин рӯзи ҳаёти вай буд.

Бибиаш мегӯянд, ки чанд сол пеш аз ин, вақте ки вай хурд будаст, ҳар гоҳ Насим ба истиқболи дадааш "дадаҷон!" гӯён тозад, вай ҳам баробараш "дадаҷон" гӯён медавидасту амаки Каримро оғӯш мекардаст. Он солҳо вай чунон беақл будаст, ки "ман шуморо дада гӯям, майлаш?" гӯён бибии пирашро гаранг мекардаст. Ҳоло вай хурд нест, ба мактаб меравад, ҳама гапу кори дунёро медонад. Ҳар кас якто дада дорад, якто – оча. Очаю дадаро харида ҳам намешавад, фурӯхта ҳам, ба қарз ҳам гирифта наметавонӣ. Муаллима ҳамин тавр гуфт, бибӣ ҳам.

Бибиаш хеле пир шудаанд. Суханони пеш аз ин гуфтагиашонро фаромӯш мекунанд. Очаю дадаи ӯгай чӣ хел одам аст, чандин бор гуфта буданд, аммо ҳозир мегӯянд, ки очаат катӣ ба хонаи дадаи нав меравӣ. Дадаи нав – дадаи ӯгай не мегӯянд. Мурод нағз медонад: вай мард бегона аст, бегона, ки аст, ӯгай аст. Аз чӣ бошад, ки ҳамаашон ӯро гӯлу нодон меҳисобанд. Очаю дадаи ӯгайро Мурод нағз медонад. Чӣ қадар афсона хонд, эҳ-ҳе! Муаллима гуфт, ки афсона ба арчаи оростагӣ монанд аст, аслан дарахти ҳақиқӣ. Ман филми дадаи ӯгайро дида

будам. Сонӣ бачаҳо чунон саргузаштҳо гуфтанд, ки агар онро дар хоб бинед, метарсед. Дадаи ӯгай душмани бачаҳо аст. Хайрият, ки холааш аз ин хусус ба вай рӯйирост гуфтанд: “Агар дадаи ӯгай туро ранҷ диҳад, бархезу ба хонаи бибиат биё!” Ана, ин гапи дуруст. Рости гапро гуфтанд. Дигар ҳамаашон дурӯғ мегӯянд, аммо ҳеч сурх намешаванд. Боз муаллима мегӯяд, ки агар ҳар кас дурӯғ гӯяд, аздусар сурх мешавад. Гапи бекора. Агар бачаҳо дурӯғ гӯянд, ман аз чашмашон мефаҳмам...

Он рӯзҳо Мурод аз забони бисёр занон калимаи “ӯгай”-ро мешунид. Хешовандон, ҳамсоязанон аз сари дилсӯзӣ сари ӯро навозиш мекарданд, дилдорӣ медоданд, суханони тасаллибахш ва таскиновар мегуфтанд. Яке аз ҳамсоязанҳо ба бибӣ ҳикоя кард, ки дадаи ӯгай писаракеро ба сағирхона супоридаст. Дигараш духтаракеро се рӯз дар оғилхона бе обу нон гузоштааст. Сонӣ бибӣ ба Мурод таъинот дод: “Ба сухани очаат гӯш бидеҳ, аз амри вай берун пой нагузор, модар дӯсти беғарази одам аст, вай ҳамеша ғами туро мехӯрад, бачаам. Дадаи ӯгай ба ту ҳаргиз дӯст намешавад”. “Шикамба гӯшт намешавад, бегона дӯст” гуфтаанд.

Ҳамаи ин гуфтаҳо ба гӯши Мурод сурб барин нишаста, ӯро ботинан беқарор мекард. Вай ба хонаи падари нав ҳаргиз рафтан намехост, вале бибӣ ҳамвора талқин мекард, ки ин гапро нагӯяд, очааш меранҷад. Сонӣ Мурод ба дил аҳд кард, ки ба ҳавлии дадаи ӯгай рафта, ӯро таъзир диҳад. Дар ин бобат вай хеле андешид, қасоси ҳамаи бачаҳоро аз вай гирифтанӣ шуд. Мурод як шаб дадаи ӯгайро дар хоб дида, тарсида бедор шуд. Дадаи ӯгай дев барин ӯро бардошта, ба бом баровард. Мисле ки, аз бом ба поён андохтан мехост. Мурод таппончаи бозичаашро ба вай рост карда, ӯро тарсонд.

Сонӣ дар хонаашон тӯй шуд. Мурод ба ҳамаи бачаҳо қандалоту самбӯса бароварда дод. Очааш ба тан кур-

таи сафед пӯшида, ба сараш рӯймоли сафед андохта арӯс шуд. Мурод ҳамроҳи очааш ба мошин нишастан хост, аммо холааш аз дасти вай кашиду манъ кард. Сонӣ ҳамроҳи холааш вай ба мошини дигар савор шуд.

Мошинҳо аввал аз кӯчаҳои чароғони шаҳр гузаштанду сонӣ кӯчаҳои торик сар шуданд ва ниҳоят онҳо дар назди дарвозае қарор карданд, ки чароғаш равшан буд ва марду зани бисёре даробаро доштанд.

Мурод аз мошин фуромаду ӯро як марди лоғарандоми малларанг, мисли он ки ягон хеши наздик бошад, оғӯш гирифт. Вай зӯр мезаду ба ёд овардан мехост, ки ӯро дар куҷо дида бошад, вале ҳеч ба хотир оварда наметавонист. Марди малла дасти ӯро гирифту ба хонаи алоҳидае бурд, дастархон густурда, самбӯсаву кабоб овард, ба наздаш себу ангуру нок ниҳод ва пайваста бихӯр гӯён меҳрубонӣ мекарду аз ҳоли вай, аз таҳсилаш пурсон буд.

– Ана, акнун, Муродҷон, ҳамаамон дар ин ҳавлӣ зиндагӣ мекунем. Ман туро ба мактаби маҳалла мебарам. Чунон мактаби зӯр. Дур не, ба ҳавлиамон наздик, – мегуфт вай.

Аҷибаш ин буд, ки ин марди ношинос номи ӯро, дар кадом синф хонданашро, ҳамаи аҳли хонадони онҳоро медонист. Ҳар замон зане ё марде ба хона даромада, ӯро дар паҳлӯи ин мард дида, зеҳн монда менигаристанд, ба меҳрубонӣ табассум мекарданд, суханони нағз мегуфтанд, сонӣ аз марди малла доир ба ягон кор маслиҳат пурсида мерафтанд. Аз берун хурӯши доира ва таронаи занҳо ба гӯш мерасид. Бо вуҷуди ин, тӯйи очааш монанди тӯйи духтари ҳамсояашон – Дилбар базми артистдор нашуд, ҳофизу раққоса надошт.

– Ман барои ту дучархаи “Орлёнок” харида мондаам, фардо савор мешавӣ, – гуфт марди малларанг.

Мурод аз ҳайронӣ чӣ гуфтанашро намедонист. Ин мард кӣ бошад, чаро вай барои ӯ велосипед харидаст, боз

“Орлёнок”! Балки ӯро ба ягон бачаи хешаш монанд кардагист? Ё дадаи ӯгай ҳамин бошад?.. Не, ба дадаи ӯгай монанд не, дадаи ӯгай ин хел намешавад.

Ба хона марди миёнсоли дар танаш ҷомаи зирабеқасаб, дар сар тоқии чустӣ даромад. Вай мӯзаи хироми ялаққосиашро нишон додан мехост магар, дар кафшкаш рост истода, буруташро мемолиду ба рӯйи ӯ менигарист.

– И-и!.. Ин бача писараки келин? – баъди лаҳзае ба рӯйи Мурод нигаристан вай аз марди малла савол кард. Вале чашмаш ҳанӯз ҳам саропойи ӯро гӯё мепалмосид. Сонӣ ба вай хитобан гуфт: – Дадата сахт бидор! Кирои дада аст.

Сонӣ ба марди маллаfamous ранг рӯ оварду пурсид: – Ошпазҳо рафтанианд. Ба ҳар яке ҷомаю миёнбанд, бисту панҷсӯмӣ пул диҳем, кифоя будагист?

– Коре кунед, ки розӣ бошанд, – гуфт кӯтоҳакак марди малла.

Акнун Мурод аниқ донист, ки вай дадаи ӯгай будаст. “Ӯ, балое, кӣ буданашро нафаҳмонда, маро фиреб карданӣ! – вай зери чашм ба андоми дадаи ӯгай дуруст-тар зеҳн монда нигарист. – Афташ бебуриш, чашмонаш чуқуру бенур, даҳонаш даҳони қурбоққа барин то бехи гӯшаш. Мебинам, чӣ хел ту маро фиреб медиҳӣ?! Ман аз он бачаҳои гӯлу гаранг не”.

Тадриҷан меҳмонҳо рафтанду ҳавлӣ андаке сокит шуд. Сонӣ хешовандони дар хидмат буда ҳам якояк хайрухуш карданд. Дадаи ӯгай аз дасти Мурод гирифта, ӯро ба сӯйи иморати калон бурд. Вай лаҳза ба лаҳза сари ӯро ба навозиш молида мепурсид:

– Муродҷон, хобат омад? Хоб кардан мехоҳӣ? Онҳо ба хонаи боҳашамати тамом оростаю пероста ворид шуданд. Фурсате нагузашта холааш ва як зани дигар аз зери оринҷи очааш гирифта, ба хона даромаданд. Дар сари очааш рӯймоли сафед, сархам дар пешгоҳи хона рост ис-

тод, он ду зан ҳам паҳлӯи вай истоданд. Очааш ба ҳар як зани аз дар даромада, бо таъзим салом мекард. Занҳо баробар сухан мекарданд, дастархон меоростанд, давуғеҷ доштанд.

Мурод чашмонашро ба зӯр кушода ба онҳо менигарист. Падари ӯгай ин ҳолро пай бурду оҳиста ба гӯши вай гуфт:

– Муродҷон, хоб кун, хобат омад. – Сонӣ аз ҷояш бархост. – Биё, ба утоқи хобат барамат.

Мурод ба чашми очааш нигарист, вай бо забони нигоҳ гуфт: “Майлаш, бирав, хоб кун”. Сипас ӯ аз ҷояш бархост.

* * *

Рӯзи дигар баъди ношто дадаи ӯгай ба Мурод куртаю костюм ва туфлии нав пӯшонд, ба сараш тоқии нав дод. Мурод тӯҳфаи ӯро пӯшидан нахост, аммо очааш ишора кард, ки бипӯшад. Сонӣ дадаи ӯгай ба ҳавлӣ баромад ва коғазпечи равғании дучархаи навро канда, онро пок карду ба дасти Мурод дод. Мурод ин бор ҳам рад кардан хост, аммо дилаш ба велосипед кашол буд, бинобар он, зиёда нозу нуз накард.

– Лекин шарт ҳамин, Муродҷон: бо велосипед ба роҳи мошин намебароӣ. То шонздаҳсолагӣ мумкин не, милиса медорад, – гуфт дадаи ӯгай.

Вай ҳамон рӯз бо бачаҳои ҳамсоя ошно гашту дар таҳи дарвоза бо онҳо навбат бо навбат велосипедронӣ кард. Сонӣ бо даъвати онҳо ба кӯл рафт. Оббозӣ, велосипедронӣ ончунон ӯро машғул дошт, ки фақат тарафи бегоҳ гурусна монду ба ёдаш расид, ки бояд ба хона равад.

Дар хона очааш ӯро маломат кард. Дадаи ӯгай аз ҷониби ӯ ба модараш узр оварда, ором табассум мекард. Ба назари Мурод чунин менамуд, ки очааш аслан бо та-

лаби ин мард ӯро сарзаниш мекунад. “Айёра бинед, худаша мусичаи бегуноҳ гирифта табассум мекунад. Ман ҳамаашро медонам, кӯдак нестам”, – мегуфт вай ба дил. Аз сухани очааш маълум шуд, ки дадаи ӯгай ӯро пойида ба кӯл ҳам рафта омадаст.

Рӯзи дигар дадаи ӯгай ӯро ба мактаб бурд. Раҳораҳ оид ба интизоми мактаб ва маҳалла, аҳамияти дарсхонӣ, тарзи дар кӯча гаштан ва адаб нигоҳ доштан таъинот дод, гуфт, ки баъди анҷоми дарсаш ӯро дар таҳи дарвозаи мактаб нигарон хоҳад буд. “Се-чор рӯз, то хуб омӯхтани роҳ бурда меовардаст! Ӯ маро кӣ гумон мекунад, намедонам, – худ ба худ заҳрханд мекард Мурод. – Ҳозир агар хоҳам, хонаи бибиамро ёфта меравам. Агар бачаҳои ин мактаб нафоранд, ба мактаби худам меравам...”

Дар ҳавлии дадаи ӯгай ба Мурод аз ҳама беш очаи пиру хоҳари бадафту зақуми ӯ маъқул нашуд. Мурод агар ба асбобу олоти ҳавлӣ даст занад, пиразан дарҳол овоз мебаровард: “Ҳой, писарам, мон, дастатро мебурӣ, поятро мезанӣ, мешиканӣ...” Ба назар чунин менамуд, ки вай ғут-ғут накарда, нишаста наметавонад. Гӯё ман ягон чизро дуздида мебурда бошам, доим хавотир, аз ман чашмашро намеканад, дарун дароям ҳам, берун бароям ҳам, маро назорат мекунад. Албатта, дадаи ӯгай ба очаաш супориш кардагӣ. Агар як даҳан ба вай мегуфт, ки ба Мурод кордор нашавад, кампир ин қадар ғут-ғут намекард. Ӯгайи айёре! Боз худро ба гӯлӣ зада, дилбардорӣ мекунад: “Муродҷон, аз гапҳои бибикалон наранҷӣ, ин кас калони ҳавлӣ, ҳамаамон гапашона гӯш мекунем...” Ана, вай хоҳараш – Саломат, исту бисташ заҳр будаст. Ҳамин ки маро дид, “Канор ист, дар таҳи пой наҷӯл, бирав, ба гӯсфандон алаф деҳ, об деҳ, ба мурғон дон деҳ, дарвозаро кушода намон...” Гапаш ҳамин. Ҳатто як рӯз очаам дар кор буд, ҷангам кард. “Ту ин хел бачаҳои кӯчаро ғун карда ба ҳавлӣ набиёр, чашм-

ро хато дода, як чиз-ним чизро гирифта мебаранд” гӯён чашмашро чунон ало кард, ки хаёл кардам як тарсакӣ мезанад. Агар очаам дар ҳавлӣ бошанд, дӯғ намезанад, аммо агар он кас набошанд, беҳтараш ман ба чашмаш нанамоям. Очаам мегӯяд, ки ӯро ба шавҳар медиҳанд, сонӣ аз ин ҳавлӣ меравад. Кошкӣ, зудтар мерафт. Очаам гуфт, ки ӯро амма гӯям. Забонам намегардад. Вақте ки дар ҳавлии бибиам будем, аммаи худам ҳар замон омада, маро хабар гирифта, мерафт, шоколад меовард. Не, ман Саломати ҷинниро “амма” намегӯям. Дадаи ӯгайро ҳам “дада” намегӯям. Ҳаргиз намегӯям. Ҳеч, ҳеч...

* * *

Дадаи ӯгай – Абдурашид бефарзанд буд. Бо ҳамсари нахустинаш нӯҳ сол зиндагӣ карда, фарзанд наёфта буд. Зану шавҳар якдигарро сидқан дӯстдор буданд, дар тӯли ин нӯҳсола ҳамзистӣ ҳаргиз аз ваҷҳи бефарзандӣ ба якдигар сухани таънаомез нагуфтанд, вале ҳар замон норозиёна ғут-ғут кардани модаршӯ сабаб шуд магар ва ё ягон андешаи дигаре: ҳамсараш ба вай ҳарфе назада рӯзе ба хонаи модараш рафту баргашта наомад. Абдурашид аз чунин рафтори ӯ сахт ранҷид, алам кашид, вале ночор ба тақдир тан дод. Як сол, балки бештар аз миён гузашту вай ба модари Мурод – Барфӣ хонадор шуд.

Шиносоиаш бо Барфӣ хеле аҷиб ва тасодуфи маҳз буд. Абдурашид пас аз кор ба бозори “Баракат” даромада ду харбуза харид. Баъд ба қабати дуюм – ба магазини хӯрокворӣ баромад. Қатори навбатдоронро диду фаҳмид, ки ҳамин замон гӯшт медодаанд. Навбат гирифт. Аз миён ним соат гузашта-нагузашта гӯшти яхзадаи суфпечро ба фурӯхтан шурӯъ карданд. Аз рӯйи одати маъмула бенавбатгирандагон ҳам пайдо шуданд, телаву такон, ҳамҳамаю ҳайоҳу барпо шуд.

Абдурашид харбузаҳои ба тӯрхалта андохтаашро таҳи девор монда, ба ин ҳама валвала лоқайд менигарист. Чор-панҷ кас пештар аз ӯ ҷавонзане пиразанеро хоҳиш мекард:

– То навбатам расидан ман зуд рафта тухм гирам, шумо маро фаромӯш накунед. Ҳӯ, ана, ба он сумкаҳои ман ҳам нигаред, илтимос.

Сонитар адади бенавбатҳо зиёд шуд магар, навбатдорон шӯр бардоштанду тела-тела шадидтар гашт. Абдурашид як кило гӯшташро гирифта қафо гашту ба он ҷавонзани тухмгирӣ рафтагӣ рӯ ба рӯ шуд, ки навбаташ гузашта ва ҳоло навбатдорони қафо ба вай мункир буданд. Абдурашид ба миён даромаду бо изтироб ба одамон фаҳмондан хост, ки ӯ ёд дорад ин ҷавонзан тухмгирӣ рафта буд, аммо ҳеч кас шаҳодати ӯро инобат намекард. Ҷавонзан сурху сафед гашта, худро ба сӯйи пештахта мезад, мардум ӯро фишурда дур мекарданд. Абдурашид дар ғазаб ба он мардум ду-се сухани сахту ҷонкоҳ гуфту аз остини ҷавонзан кашид.

– Бед, ба ман гӯшт даркор не, ҳамин гӯшти маро гиред. Бо инҳо баробар нашавед.

Ҷавонзан сараввал аз гӯшт даст кашид, баъди исрори ҷиддии Абдурашид гирифту пулашро дод. Абдурашид сумка ва тӯрхалтаи пурбори ӯро дида, лаҳзае дудила биистод – кӯмак кунад ё не? Агар шавҳараш бошад, мабодо боиси ғавғо шавад. Сонӣ ба дил гуфт, ки агар шавҳараш мебуд, хариди бозорро ба ҷавонзан бор намекард.

– Боратонро диҳед, то истгоҳ барам, – Абдурашид ба ҷавонзан наздик рафту аз дасти вай борхалтаи вазнинро гирифтан хост.

Ҷавонзан неву нестон кард, вале Абдурашид бепарво аз дасташ борашро гирифт.

– Агар шавҳаратон фаҳмад, дилашро бад накунад... Лекин хариди бозор, асосан кори мардон аст.

– Хайр, ба зани бешавҳар айб набудагист, – сурх шуд Барфӣ ва ба сар то пойи Абдурашид чашм давонд.

Онҳо то истгоҳ ҳамгап рафтанду аз хусуси якдигар ҳар чӣ зарур буд, фаҳмиданд.

Сонитар Абдурашид зимнан ба воситаи шиносҳояш аз ҳамсояву ҳамкорони ҷавонзан гап гирифта, ӯро ба худ сазовор дониста буд.

Ҳоло вай бо ҳамсараш хушбахт буд. Кулли ташвиши Муродро ӯ ба зимма гирифт. Дарсу супоришоти хонагии ӯро месанҷид, падару писар шиму курта дарзмол мекарданд, ҳар шаб пойпӯшашонро чӯтка зада, ранг мемолиданд. Рӯзҳои шанбе аксар ҳангом ҳар ду, баъзан се тан барои харидкунӣ ба бозору мағозаҳо мерафтанд. Чун гузарашон ба мағозаи бозори “Баракат” меафтод, Абдурашид ба сӯйи Барфӣ асроромез менигаристу мегуфт: “Ба ин дӯкон ҳурматам зиёд аст”.

Абдурашид дар як гӯшаи ҳавлӣ соботе сохта буд ва дар он ҷо ду-се сар барраро парвариш мекард. Вай баъди кор аксар ҳангом ба парвариши гӯсфандон машғул буд ва ба ин кор Муродро ҳам ҷалб мекард. Боре Мурод гуфт, ки ба ҷойи ин гӯсфандони гаранг агар харгӯш мепарвариданд, вай дилтанг намешуд. Абдурашид як кунҷи соботро симтӯр кашиду баъди се-чор рӯз ду сар харгӯши хокистарранг овард. Шодмонии Муродро ҳадду канор набуд. Хушнудии ӯро дида, Абдурашид завқ мекард.

Барфӣ ҳамдастию ҳамоҳангӣ ва ҷунбуҷӯли онҳоро дида, дар дил аз толеаш садҳо бор шукргузорӣ дошт, мамнун ва масъуд меболид. Ӯ ҳамвора аз Мурод талаб дошт, ки Абдурашидро “дада” гӯяд, вале писар ба ин амри ӯ сар намефуровард.

Мурод тадриҷан ба Абдурашид унс мегирифт, гоҳо падари ӯгай будани ӯро сирф фаромӯш мекард, агар вай ду-се рӯз ба ягон тараф равад, дилтанг буд. Вале аҳён-аҳён дар банди андеша ғӯтавар мегашту дар тасаввур

овардан мехост, ки инчунин марди меҳрубону ҳалим чӣ гуна ӯро уқубат медода бошад, чӣ тавр ба сағирхона хоҳад ронд. Дар инчунин ҳангом ӯ маҳзун мегашт, ба атрофиён ошкоро бегонахӯӣ менамуд, инҷиқию дуруштӣ мекарду ба кӯча, ба назди ҷӯраҳояш мерафт.

Боре, дар сари инчунин вазъи нохуши вай, ки бо бибикалон гапгурезонӣ карда оташин буд, Абдурашид барояш кафше харида оварду Мурод дилгирона ба он нигариста "даркор не" гуфт. Абдурашид гӯё тағйири авзои ӯро пай набурда бошад, табассум карду гуфт: "Муродҷон, ин ботинка ҳозир мӯд аст, хориҷӣ, як бор пӯшида бин, агар хуш наояд, сонӣ ба ҷиянам Сосон мебарам". Модар аз гарданшахии Мурод хашм гирифту ӯро як тарсакӣ зад. Мурод қаҳр карду роҳи хонаи бибиашро пеш гирифт, Абдурашид то ними раҳ аз пасаш рафта, ӯро баргашта овард.

Аммо бори дигар, вақте ки ӯ бо дучархааш ба роҳи мошингард баромаду сабабгори ба ҳам бархӯрдани ду мошин гашт, дар воқеъ, худашро пинҳон карданӣ ҷой наёфт. Пиразан ва Саломат чунон шӯр бардошта, дашному нафрин карданд, ки Мурод дигар дар ҳавлӣ мондан натавонист.

Ҳамон бегоҳӣ дадаи ӯгай ва очааш аз кор омада, ҳодисаро шунидаанду дар як сумка наботу мавиз гирифта ба хонаи бибӣ омаданд. Очааш чунон коҳиш кард, янгам валвала бардошт, ки агар дадаи ӯгай намедошт, вай аз ин ҷо ҳам мегурехт. Хайрият, ки додои ӯгай ғазаби очаашро паст кард. "Ҳеч гап не, минбаъд ҳушёр мешавад, ҷанг накун. Ду гӯсфандро фурӯхта, товони мошинҳоро медиҳем. Гӯсфандонро худаш парварда калону фарбеҳ кард. Барқасд накардаст-ку!" – гуфт. Баъд ба ҳавлӣ омада, ба ҳамаи ҳавлигиён таъкид карда гуфт, ки касе аз ин хусус даҳон накушояд.

Умуман, бо дучарха кори Мурод ҳеч барор накард.

Баъди се моҳи ин ҳодиса боре вай велосипедсавор аз пайи нон овардан ба мағоза рафту то вай нон гирифта берун баромадан дучархаро дузд бурд. Занҳо оҳу воҳ карданд, аммо дадаи ӯгай ин бор “садқаи сар, ғам нахӯр” гуфт.

Баъд вай барои ӯ шасти моҳигирӣ харида оварду рӯзи истироҳат ҳар ду ба дарёча рафтанд. Маълум шуд, ки дадаи ӯгай ҳаргиз дар умраш моҳигирӣ накарда будаст. Мурод ба вай чӣ гуна кирмро ба чангак гузаронда, ба об андохтани шастро нишон дод. Мурод як рӯзи дароз давутоз карду ҳамагӣ чор дона ширмоҳӣ гирифт. Дадаи ӯгай бо завқ моҳигирии ӯро тамошо кард, сонӣ аз соҳилҳои дарё барои гӯсфандон як халта алаф гирифт.

* * *

Охирҳои моҳи май Мурод се ҳафта паёпай интизори рӯзи истироҳат буд. Абдурашид ба вай ваъда кард, ки ба кӯҳсор, чукричинӣ мебарад. Ду бор рӯзи таътилӣ омад, вале рафта натавонистанд – меҳмон омад, ким-чӣ хел кори зарур баромад. Ҷӯраҳояш ба вай мегуфтанд, ки онҳо агар ҳамин ҳафта ҳам наравланд, дер мешавад, сонӣ чукрӣ фақат дар кӯҳсори баланду дур мемонад. Мурод бетоқатона интизорӣ мекашид, рӯзу шабҳоро мешумурду нигарони рӯзи истироҳат буд. Дар сари дастархони шом ҳамеша мавзӯи гуфтугӯйи Муроду Абдурашид аз сафари кӯҳсор дур намерафт. Онҳо ба куҷо рафтан, субҳидам, соати чанд ба роҳ баромадан, чӣ тӯша гирифтан – ҳамаашро кайҳо гуфтаву шунида буданд, ҳатто Мурод борхалтаи сафариро кайҳо ба мехи даҳлез овехта монда буд. Гуфтугузори онҳо аз ин боб Барфиро ба ҳадде дилгир карда буд, ки аз хусуси сафар даҳон кушоянд, илтиҷоомез мегуфт: “Аз барои савоб, ягон сухани дигар гӯед”.

Аммо ба Мурод ин баҳор чукричинӣ насиб нагашт.

Рӯзи шанбе Абдурашидро аз корхонааш ба алафдаравӣ фиристоданду вай якуним моҳи расо аз хонадон дур гашт.

Бе Абдурашид Мурод дилтанг буд, сарҳисоби кору борашро намеёфт. Ҳатто як раҳ очаашро азият карду ду тарсакӣ хӯрд, сонӣ қаҳр карда ба хонаи бибиаш рафт. Воқеа ин тавр рӯй дод: Абдурашид барои Мурод шими ҷинс харида буд. Почаи шалвор ба вай дароз омад, Абдурашид онро бурида, барои Мурод мувофиқ карду гуфт, ки аз изофааш барояш кулоҳ медӯзад. Аммо зуд фурсат наёфт, баъд ба алафдаравӣ рафт. Мурод аз очааш талаб кард, ки аз он матоъ ба ӯ кулоҳ дӯзад. Модар гуфт, ки ин корро наметавонад. Аммо Мурод сабр кардан наметавонист, чӣ кор кунад, ҳамсинфонаш кулоҳи ҷинсӣ пӯшидаанд. Ана, барои ҳамин очааш дилтанг шуд.

Бибӣ сababи қаҳр карда омадани ӯро шуниду боз ба насиҳатгӯӣ сар кард. Ин қадар ин одамон насиҳатгӯиро нағз мебинанд! Гапу гапу гап, ҳеч дилгир намешаванд. Бачаҳои боғчаравак медонистагӣ гапҳоро сад бор гаштаю баргашта мегӯянду мегӯянд, дили кас ба кафидан наздик мерасад.

– Айб аст, Муродҷон, агар бо очаат номуросоӣ карданатро дадаи ӯгай фаҳмад ё ана, ун хоҳарашу модараш шунаванд, очаатро таънасор мекунанд, писарат ганда, ана ҳатто худат катӣ муросо накард мегӯянд. Очаат шӯрпешонӣ забонкӯтоҳ мешавад...

Бибӣ бо ҳамин суханон рӯзи дигар Муродро ба назди модараш гусел кард. Ин бор “дадаи ӯгай – дадаи ӯгай” гуфтани бибӣ, аз чӣ бошад, ки ба вай нохуш асар дошт, дар ҷавоби бибӣ ягон сухан гуфтан хост, вале намедонист, ки чӣ гӯяд, то ки ҳам бибӣ наранҷаду ҳам ин суханашро дигар нагӯяд.

Мурод ба ҳавлӣ баргашт, вале ҳавлӣ бе Абдурашид ғамангез ва дилгир асар дошт. Дарун даромад, берун ба-

ромад, аммо дилтангиаш бартараф нашуд. Сонӣ нишаста фикр кард – фикр карду аз ҳавлӣ берун шуд.

Мурод ба касе ҳарфе назада ба истгоҳ баромад ва ба автобус савор гашту ба автовокзали шаҳр рафт. Ба автовокзал қабл аз ин корафтода набошад ҳам, медонист, ки он дар қарибии кӯл аст, фақат як ё ду истгоҳ сонитар.

Мурод ба умед ба ҳамаи дарчаҳои билетфурӯшӣ якояк сар халонд, аммо ба вай билет надоданд, то ба автобуси Ёвон савор шавад. Ҳатто як зани бадҷахл ӯро ба милиса супурдан хост, аммо Мурод аз толор берун рафту миёни мусофирони бисёр паноҳ шуд. Ин лаҳза радиои автовокзал эълон дод, ки автобуси Ёвон омад. Мурод ба сӯйи он автобус давид. Ба автобус наздик расиду ногоҳ чашмаш ба Абдурашид афтод, ки борхалтаи сафарӣ дар пушт аз автобус фуромада, ба сӯйи истгоҳ мерафт.

– Дада... Дадаҷон!.. Дадаҷонам! – Мурод ғайриихтиёр фарёд заду аз паси вай тохт.

Фурсати як бор миҷа задан нагузашта, Мурод аз қафо ба вай расиду миёни ӯро сахт дошта, чашму рӯйи ашкбори худро ба пиҷаки вай молидан гирифт.

– И-и!.. Ҳой, ту кӣ?.. Э, дадата гум кардӣ, бача?

Марди монанди Абдурашид навчаи малларанг лаҳзае аз ин ҳол ҳангаш аз сар париду хам шуд, то рӯйи Муродро равшантар бубинад, сонӣ бо як даст сару китфи ӯро молида, навозиш кардан хост, аммо Мурод саҳви худро фаҳмиду якбора аз ӯ ҷудо шуд ва ба қафояш нанигариста гурехт. Ӯ дар фурсати як миҷа задан дар миёни мусофирон ғоиб гашт.

*Соли 1983.*

## ТАШНАГӢ

Офтоб аз паси лахта-лахта абрҳои сафед гоҳ рух менамуду гоҳ пинҳон мешуд. Ҳавои баҳор на гарму на сард, боди наҳиф араҷи ҷабинҳоро лесида, хушк мекард. Роҳи мумфарш, ки кайҳо мумаш рафта, чуқуриҳои беҳисоб пайдо карда буд, аз миёни киштзорон мегузашт. Ҷӯйбори хушки ду тарафи роҳро буттаҳои тути хасаке, ки барои пилладорӣ ҳар сол каллак мекарданд, таворасон пӯшида буд. Ғӯза аз миёни кулӯх, ҳоло сар бардошта, ҳоло себаргаву чорбарга буд. Дар киштзори самти чапи роҳ занону духтарон ғӯзаро каланд мекарданд, дар замини самти рост ду трактор ба кишт нурии маъдан рехта, ҷӯя мекашид. Баҳор, фасли кор, кори беисти деҳқонон баробари офтоб шиддат мегирифт.

Раъно ҳар замон кӯдакашро аз як даст ба дасти дигараш мегирифту дар банди фикру андешаҳои беҳисоби худ аз канори роҳ қадам мезад. Рӯмоли шоҳии косагулаш сурх лағҷида, ба паси сараш фуромада, фарқи сараш кушода буд, вале ӯ дар роҳи бекас аз ин ҳол парвое надошт. Вай ҳоло ба дил бо саркор, ки аз ваҷҳи имрӯз ба кор набаромаданаш фардо аз аввали рӯз валвала хоҳад бардошт, баҳсу737 харҳаша мекард: “То вақте ки кӯдакам сиҳат наёбад, ба кор намебароям. Ба пиразани ҳафтодсола монда рафтан мешавад?! Кошкӣ, аз кампирони бақувват бошад? Ҳар замон сарчархак, ҳар соат дилтапак. Бачаи бетоба ӯҳда кардан метавонад?! Мо ҳам ҳаққу ҳуқуқамонро медонем… Кӯдакам сиҳат ёбад, ман аз кор наметарсам. Пор баробари мардон ғӯзаро об додам…” Сонӣ аз дилаш гузашт, ки агар мошин медоштанд, шавҳараш як чойник чой хӯрданӣ вақт нагузашта кӯдакро ба духтур бурда меовард. “Э-э, пули як мошинро ғун кардан осон аст магар, шаш-ҳафт сол кор кардан даркор. То шаш-

ҳафт сол тӯйи писар пеш меояд. Хароҷоти тӯй сол аз сол зиёд мешавад. Бедардимиён пул меёфтагиҳо тӯйҳои дабдабанок мекунанду дигарон ба онҳо тақлид карда азоб мекашанд".

Аз қафо ғурриши мошин ба гӯшаш расиду Раъно аз роҳ бозистода, ба пасаш нигарист. Сабукравро саравал мошини кадоме аз ҳамдеҳагон ангориду даст бардоштан хост, вале мошин бо кадом як нишонаи номаълумаш ба вай бегона намуду аз ин ғарази худ даст бардошт.

Сабукрав аз назди ӯ гузашту чархҳояш дар пасту баланди роҳ ҳаллосзанон бист қадам барин рафту қарор гирифт. Баъд чангу ғубори раҳ фурӯ нанишаста, аз замин баромад ё аз осмон фуромад, дар рӯ ба рӯи Раъно Хуррам пайдо шуд. Дили Раъно ба якбор сахт-сахт тапид, дасту пояш беҳол гаштанд, дақиқае нафас дар гулӯяш печ зад, бо овози ғайритабиие ғут-ғут карда гӯё сухане гуфт ё пиндошт, ки гуфт, возеҳ намедонист. Аммо филфавр аз дилаш гузашт: "Барои чӣ омад? Наход тӯй шудани маро нашунида бошад? Тамоман омада бошад?.."

– Ассалом, Раъно… – Хуррам мисли пеш шармин табассум дошт, гӯё аз қади баландаш дар хиҷолат бошад, андаке хамида, ба ҳалимӣ даст ба сина ниҳода ҳолҷӯӣ мекард. – Ҳолат чӣ тавр аст? Падару модарат тинҷанд?.. Ин кӯдаки худат?

– Аз раҳ ёфтам.

Раъно аз шиддати изтиробе, ки вуҷудашро меларзонд, чӣ гуна ин суханони шӯхиомез аз даҳонаш баромад, ба чӣ тарз бо ҷавон салом карду ҳолҷӯӣ дошт, ба саволҳои вай ҷавоб дод, ҳеҷ дар хотир надошт. Кӯдакро саросема аз даст ба даст мегирифт, гиребони куртаашро рост мекард, рӯмоли сарашро пеш мекашиду нигоҳаш саволомез, балки мунтазири хабаре ё даъвое ба рӯи ҷавон мелағҷид. Аммо Хуррам ба рӯи оташи умедвории ӯ оби

сард бирехт.

– Биё, ба мошин савор шав, барамат.

Ӯ кӯдакро аз дасти вай гирифт ва сипас аз ҷабини тифл бӯсиду пурсид:

– Писарат чӣ ном дорад? – Баъд ҷавоби модарро нигарон нагашту аз кӯдак савол кард: – Номат чӣ, а, ҷавонмард? Бигӯ. И-и, ҷавони кап-калон шудию гап намезанӣ!

– Ба номаш чӣ кор доред?! – Раъно ҳоло изтироби вуҷудашро батамом фурӯ нишонд ва бо истиғно ба чашми Хуррам нигариста сухан мекард. Баъд бо овози паст, гӯё худ ба худ иқрор мекарда бошад, аламангез гуфт: – Дар деҳа ҷои Хуррам-амаки гурезаашро мегирад.

Ду нигоҳ монанди ду пора оҳанрабо сонияе ба ҳам омехтанд, печиданд, монанди ду танобе, ки тобашон мувофиқ афтодааст, ҳамриштаву ҳамтофта буданд.

Раъно баъди ба сабукрав наздик расидан фаҳмид, ки дар курсии пеш паҳлуи шавҳараш Дилбар нишаста будаст. Вай Дилбарро чашми дидан надошт, аммо ҳоло пас гаштан натавонист, ночор сар ҷунбонда, зери лаб бо ӯ салом карду сонӣ якбора бо шаст дар қафои вай нишаст. Хуррам кӯдакро ба дасташ дод. Баъд атри Дилбар ба димоғаш заду бо танаффур худро ба чап гирифт ва дар қафои Хуррам нишаст. Бо ин ҳама авзои ӯ гувоҳи ҳол буд, ки аз савор шуданаш ба мошин пушаймон аст. Раъно хушрӯй буд ва ҳоло мехост Дилбарро ошкоро нописанд кунад, “ту дар назари шавҳарат ҳам ҳаргиз баробари ман нестӣ” гӯяд. На фақат худаш, балки аз дилу ҷон мехост, ки хешовандони Хуррам ҳам, ки аслан аз арӯси хушкардаи вай хушнуд набуданд, ӯро ҳурмат накунанд, гузашта аз ин, мехост, ки тамоми аҳли деҳа ба вай рӯихуш надиҳанд. Вале лаҳзае аз миён гузашту Раъно аз ин қасди содалавҳонаи худ хиҷил буд, ба дил худро маломат мегуфт, ки хушбахтии дигареро чашми дидан надорад. Аслан, ин

ҳисси нохушбинӣ махсуси тарафайн буд, дар дили ҳар ду ҳам реша дошт, дар авзои ҳар ду ҳам соя андохта буд ва аз он даргузаштан барои ҳар яке баробари поймоли иззати нафси худ буд.

Ҳама хомӯш буданд. Агар сухане гӯянд ё саволеву ҷавобе ба миён ояд ҳам, ҳар яке хотир ба гуфтугӯи ботини худ баста буд. Ба сари фармони мошин нишасту аввалин андешае, ки ба хотири Хуррам гузашт, вазъи ин лаҳзаинаи завҷааш буд. Дилбар то вақте, ки хабари тӯйи Раъноро нашунид, ба деҳаравии ӯ бо ҳазор василаю баҳона монеъ мегашт. Баъди шавҳар кардани рақибаш вай андаке хотирҷамъ шуд, иҷозат дод, ки шавҳараш баъзан ба деҳа танҳо ояд. “Ана, имрӯз қасд кардагӣ барин… Э, тавба!” – мегуфт Хуррам ба дил ҳоло вазъи ҳар яке аз ин занҳоро андешида.

Хуррам сукути дилфишорро шикастан хост ва ба ин ният аз вазъи деҳа ва ҳамдеҳагон, тағйирот ва таҷаддуду навиҳо саволҳо кард, вале гуфтугӯ ҳамчунон даргир нашуд, зеро ҳар яке ботинан бо худ гуфтугузоре дошт, воқеоти гузаштаро дар тарозуи инсофу виҷдони худ бармекашид, дар куҷо чӣ хатое кард ва агар он саҳв рух намезад, ҳаёти ӯ ба чӣ тарз сурат мегирифт, меандешид.

Нигоҳи Раъно ҳар лаҳзае паси сари Хуррам мелағҷид. Нанигаристан наметавонист. Аз он, ки ҳаққи серӣ нигаристанро аз ӯ дуздид, ба Дилбар хашм мегирифт, аз кин тамоми вуҷудаш гӯё заҳрогин мегашт. Ӯ тасвири рӯзҳои гузаштаро такрор ба такрор ба неруи хаёл пеши назар оварда, менигарист ва ба худ мегуфт: “Хуррам маро дӯст медошт, фақат маро, аммо ин дайду моро аз якдигар ҷудо кард. Аслан, дугонаҳои худам сабаб шуданд. Намедонам аз дили рост ё аз бахилӣ мегуфтанд: “Э, вай ҳамшираи шафқат Дилбари танноз қатӣ гапзанон дорад, доим ҳингир-ҳингир” гӯён қаҳрамро оварданду вақте ки

Хуррам нияти хостгор фиристоданашро гуфт, рад кардам. Гаштаю баргашта омад, зориҳо кард, оқибат “агар ту маро нахоҳӣ, ночор аз деҳа меравам”, гуфт “чор тарафат қибла” гӯён хандидам. Рашк ақли одамро медуздидаст. Ин гаранг сабаби тундиамро намедонист, чаро аз ман рӯ тофтӣ гӯён як даҳан напурсид, ман ҳам нагуфтам. Ғурур иззати нафс иҷозат надод. Аслан, дилпур будам, ки ин ҳардамхаёл аз ман гузашта, ин ҳирҳиракро талабгор намешавад, бинобар он, каме азоб додан мехостам. Ҳамон рӯзҳо дар сари роҳ ин катӣ ҳамгап дида будам, дарун-дарун алав гирифта мегаштам. Сонитар Салима гуфт, ки ин танноз аз пагоҳ то бегоҳ аз тирезаи духтурхона кӯчаро нигариста менишастаст, ҳамин ки аз дур Хуррамро дид, сӯзани доругузарониро аз раги одамон кашида, корашро нимкора партофта, хилъати сафед дар тан, сап-сафедак, туфлиҳои нӯгаш ханҷар барин борику пошнабаландашро якто-якто шумурда ба замин зер карда, сари роҳ мебаромадасту инро ба гап мегирифтаст. Духтари шаҳрӣ, боз хондагӣ катӣ гапзанон кардан чӣ ифтихоре бошад ба ин ҷавонон?! Ҳавлии Салима дар рӯ ба рӯи духтурхона аст, ҳар бор бо чашми худ медидаст. Баъд аз ин ҷойҳо рафту гумном шуд гӯям, духтарон хабар оварданд, ки Хуррам аз вай мактуб мегирифтаст. Инро шунида, кадом духтар ба вай рӯихуш медиҳад?! Духтар ҳам иззати нафс дорад. Баъди ин кораш агар ман ба вай рӯихуш диҳам, ҳама кас мегуфтанд: “Шӯй гӯён мурдӣ магар, аз домани вай кашида мегирӣ? Пирдухтар шудагед не-ку!” Ба рӯям нагӯянд ҳам, аз пасам мегуфтанд… Хуллас, ҳамин хел ҷавони нағзу кордон худашро ҳайф кард. Дар деҳа агар мошину трактор вайрон шаваду дуруст карда натавонанд, аз паси Хуррам кас мефиристоданд. Мегуфтанд, ки садои маторро гӯш карда, бехато мегуфтаст, ки чӣ иллат дорад. Ҳафтаи гузашта

трактор дар мобайни замин вайрон шуд, ҳафт-ҳашт кас ғун гаштанд, устою устокорашон ҳам омад, аммо соз карда натавонистанд. Ҳама гуфтанд, ки қадри Хуррам гузашт. Ин бефаҳм маро гуфта, сарашро гирифту рафт. Агар касд ба қасд кор намекарду пешам меомад, барои чӣ аз ман ранҷидӣ, аз ман чӣ хато гузашт гӯён мепурсид, балки… Э, дар сурат алав, ин қадар чашмам ба пушти сари вай? Ин ҳирҳирак чӣ мегуфта бошад? Бадбахт, шӯят ба худат насибу рӯзӣ кунад. Хайр, дар дилам алам монд… Агар ин таннозро не, дигареро ба занӣ мегирифту духтардор мешуд, балки ягон рӯз қудо мешудам…”

Хуррам ҳам ин замон айни ҳамин воқеаҳоро меандешид, агар ба Раъно хонадор мегашт ва дар деҳа мебуд, зиндагиаш чӣ сурате мегирифт, дар тасаввур овардан мехост ва баъд ин ҳар ду занро аз ҳар ҷиҳат ба якдигар таққос мекард ва оқибат ин ҳама хушиҳо ва осудаҳолии рӯзгор барояш ҷои меҳри Раъноро нагирифтанаш аён мегашт ва ӯ оҳашро ба сахтӣ фурӯ мебурд. “Не, Дилбар агар ба сарам тоҷ гузорад ҳам, ҷои Раъноро намегирад, намегирад. Вай ҳамеша дар дилам. Баъзан бехуд мешавам, ба девонагӣ мерасам… Баъди ба шаҳр рафта омадан, ба хонаи Дилбар хостгор фиристодам, рӯзи тӯямон таъин гашт, рӯзе Раъноро дар назди нонвойхона дучор кардаму вай маломатомез гуфт: “Дар деҳа муносиби ту духтар ёфт нашуд магар, аз домани ун кашола гашта ба шаҳр меравӣ?” Гуфтам: “Духтар бисёр аст, лекин чӣ кунам, ки Раъно – яктаю ягона! Агар боз як Раъно мебуд…” Эҳ, мехостам ҳамон рӯз бигӯям: “Агар майлат будаст, чаро зориамро гӯш накардӣ, хостгор фиристонам гуфтам, рад кардӣ?” Аммо дигар ин суханон фоида надошт, аллакай кор аз кор гузашта буд. Дили ин духтаронро ҳеҷ кас фаҳмида наметавонад. Ду сол шуд Дилбар катӣ ҳамхонаем, аммо таҳи дили ӯро то ҳол намедонам,

ба ман торик аст. Хайр, чӣ илоҷ... Аслан, ман аз деҳа рафтанӣ набудам, лекин Дилбар гуфт, ки агар дар шаҳр истиқомат кардан хоҳам, зан мешавад. Агар ҳақи гапро гӯям, директор сабаб шуд. Не, сараввал Раъно сабаб шуд. Ҳа, сабабгори асосӣ – ҳамин Раъно! То қиёмат ман туро домангирам, Раъно! Агар ту маро ноумед намекардӣ, ҳаргиз аз деҳа намерафтам. Ту зиндагии маро вожгун кардӣ, маро аз решаам бурида ҷудо кардӣ. Сонӣ директор карданиашро кард...” Дигарбора дар пеши чашмони Хуррам он фасли баҳорон ҷилвагар шуд. Дар талу теппазорон сабза неш мезад. Ӯ дар лалмикор шудгор мекард. Баъд вайро ҳамчун тракторчии моҳир ва ба устою таъмиргар камэҳтиёҷ ба шабкорӣ монданд. Трактор дар гандумзори порина меғурриду теғҳои плуг хоки нарму намро ба як маром чаппагардон карда, ба як тараф хобонданаш Хуррамро фароғат мебахшид. Дар гандумзор хонаи калламуш зиёд будаст. Калламушҳои хонавайрон дар шудгор даводав доштанд. Баъд рӯбоҳҳо пайдо шуданду аз паси трактор гашта, ба калламушгирӣ шурӯъ карданд. Хуррам чароғи қафои тракторро баъзан фурӯзон мекарду сайдгирии рӯбоҳҳоро осон мекард. Худаш ҳам аз шикори ин айёрони гузаро завқ мебурд. Рӯбоҳҳо беҳарос думболаи трактори ӯ мегаштанд. Ин ҳолро шунида, дар деҳа ҳама ҳайрон буданд. Баъзе шаккокон ба қавли Хуррам бовар накарда, омаданду бо чашмони худ диданд. Ҳамкоронаш ҳайрон буданд, ки чаро рӯбоҳҳо ба трактори онон наздик намешаванд. Пирони деҳа ин ҳолро тавзеҳ карда мегуфтанд, ки кулли ҷонвар – хонагию ваҳшӣ одами беозорро мешиносанд, Хуррам ҷавони безарар аст. Хабари калламушгирии рӯбоҳҳо аз даҳон ба даҳон ба гӯши мудири совхоз ҳам расид. Мудир як бегоҳирӯз даргузар аз он мавзеъ мошинашро қарор доду аз ин хусус Хуррамро пурсон шуд ва баъд гуфт, ки шабҳангом ме-

ояд. Ҳамон шаб ӯ наомад, аммо шоми дигар пайдо шуд. Барои аз чанг эмин ёфтан болопӯши бризентӣ пӯшиду дар каф туфанги думила болои плуг лӯнда шуда нишаст.

– Рӯбоҳ мезанед? – ғарази директор равшан бошад ҳам, чӣ гуна ба вай эътироз карданашро надониста пурсид Хуррам.

– Ҳа, пӯсташ ба як улфатии қадрдонамон даркор будаст, дар шаҳр дида, таъин карда буд.

– Э, монед-е, ба шумо ин кор намезебад, мардум ҳар хел гап мезананд… Ҳамин ҳам кор шуд, – гуфт Хуррам, то директорро аз ин қасди бад боздорад.

– Ба одами аз худат калон ақл ёд надеҳ, бача, ақлат кунд мешавад. Ҳай кун, – гуфт мудир тамасхуромез писханд зада. – Аз ман ба ту насиҳат: то напурсанд, ба касе маслиҳат надеҳ, худатро хандахариш мекунӣ. Туро намедонам, аммо ман аз хандахариш шудан дида, мӯҳри совхозро аз даст медиҳам.

– Муаллимон гуфтанд, ки як калламуш дар як сол чорсад кило ғалларо нобуд мекардаст.

Директор аз ин сухан қоҳ-қоҳ заду ба Хуррам ишора кард, ки ба сари фармони трактор бишинад.

Хуррам аз ин мазоҳ ва нописандии мудир хиҷил буд, вале ночор ба кор сар кард. Ба вай чунин менамуд, ки ҳоло ба ин ҷонварон, ки эътиқод доштанду думболаи трактораш мегаштанд, хиёнат мекунад. Ӯ аз ин хиёнат алам мекашид. Трактор меронду ҳушаш бар он буд, ки чӣ гуна корро қатъ кунад. Кошкӣ, ҳамин дам ягон ҷои трактор мешикаст, вайрон мешуд ё чархи плуг мепарид… Чӣ кор кунам? Ё бо ягон баҳонае тракторро манъ кунам? Ҳамин замон рӯбоҳакон пайдо мешаванд. Ба ман бовар карда меоянду…"

Хуррам ба як қароре наомада буд, ки садои тир баланд шуд. Директор худро аз плуг ба замин андохту аз

паси сайд давид. Хуррам бехуду бехаёл тракторро аз ҳаракат манъ карду башитоб фуромад ва як сими чароғаки маторро барканд. Садои мотор номунтазам гашт. Сипас вай ба истиқболи мудир рафт.

Чун трактор плугро кашида натавонисту мотор хомӯш гашт, директор ғазаболуд худро аз плуг ба замин афканду аз гиребони Хуррам кашида, ӯро аз кабинаи трактор поён фуровард. Марди ҳайкалдори навадуҳаштмкилогӣ ӯро озод ба як дасташ бардошта ба замин ғуронду мисли абри сиёҳе дағдағаомез ба сари вай расид.

– Ҳозир, панҷ дақиқа фурсат медиҳам – тракторро соз мекунӣ! Тухматро аз ин мамлакат хушк мекунам, аҳмақ! Ҳе, сагбача! Шикамат аз нон сер шуд магар, аз поча мегирӣ?! Зуд, зуд соз кун! – Директор аз қаҳр кафам мегуфт ва ҳар каломи зишту қабеҳе ба даҳонаш ояд, беибо, овозашро сар дода, хорӣ мекард.

– Намекунам!.. Даркор бошад, худатон кунед, – гуфт Хуррам ду-се қадам қафотар рафта. – Ман барои пӯсти рӯбоҳи мепӯшидагиҳо кор намекунам.

Вай ҷомаашро гирифта ба китф партофту ба роҳ афтод.

Мудир ӯро дошт, бо телаву такон ба сари трактор бурд, аммо зӯран ӯро кор фармудан натавонист.

Баъди ин ҳодиса дигар ба Хуррам трактор надоданд. Директор гуфтаст, ки ба саҳро бароядку каланд занад. Хуррам бе трактор гӯё зистан наметавонист, ба кори дигар дасту дилаш намечаспид.

Трактори ӯро ба Самандари шатрама доданд. Ҳамон трактори се моҳи зимистон ба заҳмати зиёд таъмир кардаи ӯро ин бача дар бадали се ҳафта абгор кард. Сонитар мастомаст тозанда ба ҷарӣ париду худаш ҳам маъюб шуд, трактор ҳам бекора гашт. Баъди ин ҳодиса ҳам директор ӯро даъват накард. Хуррам чунин қиёс гирифт,

ки агар тамоми тракторҳои совхозро ҷазир кунанд ва ё дар киштзор ягон тан тракторчӣ намонад ҳам, мудир ӯро ба кор даъват намекунад. “Ду-се рӯз аз пушти мансаб ҳукм ронад, гапи ман – гап, амри ман – воҷиб гӯяд, бас, ин замин сӯхта, хокистар шавад ҳам “э, дареғ” намегӯяд”, гуфт ба дил Хуррам аз феъли мудир хулоса бардошта. Баъд тадриҷан ҳам аз деҳа, ҳам аз трактор дилсард шуд. Ба худ мегуфт, ки ба ҳар ҳол, дар шаҳр инсон ин қадар ба як кас мутеъ нест, соният, ин хел худписандонро дар шаҳр ба кори раҳбарӣ намемондагистанд. Мардуми шаҳр рӯирост миси ин хелҳоро мебароранд. Ба ғайр аз ин дар шаҳр кор бисёр, корхона бисёр, аз ин тарафи кӯча ба тарафи дигараш гузаред – корхонаи дигар. Не, ин хелҳо дар он ҷо давру даврон карда наметавонанд. Кран катӣ ҳам кор мекунам, булдозер қатӣ ҳам, таъмирхона доштагист. Ҳафтае, ду рӯзи истироҳат, моҳонаи кори калон, отпуск, мукофот…

Вай чор моҳи расо дар деҳа бекор гашту сонӣ бо даъвати Дилбар ба шаҳр равуо сар кард ва оқибат ба чанги вай дармонд. Сараввал чашмдошташ ин буд, ки бо Дилбар ҳамхона мешаваду муддате дар шаҳр кор мекунад, сонӣ ё хар мемирад ё шоҳ гуфтаанд, ба мудир ягон бало мерасидагист, он гоҳ ҳамсарашро ташвиқ мекунаду боз ба деҳа меояд. Аммо тахминаш хато баромад. Айёми ҳамзистӣ фаҳмид, ки Дилбар номи деҳаро шунидан ҳам намехоҳад. “Лойу гили ҷимчимаашро паси сарам бинам! – мегуфт вай бо нафрат деҳаро ба ёд оварда. – Ним сол даруни лойу гил, ним сол чангу хок, магас… Ар-ари гову гӯсолааш ба ёдам расад, ҳоло ҳам баданам меларзад. Шаҳри озодаро монда, кӣ ақлашро хӯрдаст, ки ба деҳа равад?! Қишлоқ барои қишлоқиён, шаҳр барои шаҳриён. Шукр, ки ҳар ду ҳам ҳунар дорем, бехонаву ҷой нестем. Одамон аз деҳа ба шаҳр омада наметавонанду ин кас

ношукрӣ! Ҳой, Хуррам – ако, дар шаҳр манзилгоҳ ва қайди истиқомат доштан бахти андак не!” – мегуфт вай ҳар бор агар Хуррам аз хусуси деҳаравӣ сухан кунад.

Сабукрав аз пули чӯбини ҷӯи калон гузашту ба кӯчаи деҳа ворид шуд. Дар ин ҷо ҳар як дарахту бутта, дару дарвоза, хурду бузург, марду зани деҳа ба Хуррам аз овони кӯдакӣ ошно буданд, бинобар он, ҳар бор ба деҳа ояд, дилаш дигаргуна метапид, гӯё аз сайёраи дигаре ба замин фуруд омада бошад, ба ҳар як шайъ гаштаю баргашта ҳарисона менигарист, даст ба сару китфи бачаҳо молида, онҳоро навозиш мекард, соқаву шоху барги дарахту буттаҳоро даст мезаду гӯё бо ҳамин ташнагӣ ва пазмониашро мешикаст. Дар инчунин ҳангом вай ба дил худро таскин бахшида, мегуфт: “Ман як дарду азоби шадидро ба уқубати сабуктаре иваз кардам. Издивоҷ бо Дилбар маро аз хорӣ, сарафкандагӣ халос кард. Мудир мехост ғурури маро бикушад, чашмдор буд, ки оқибат ба пояш сар монда, тавба мекунам…”

– Маро намефурoред? – гуфт ногаҳон Раъно аз қафо ва риштаи андешаи ӯро барканд.

Хуррам аз банди хаёл бурун омаду зери лаб хандид. Раъно гӯё аз андешаҳои вай воқиф бошад, асроромез маҳин табассум дошт. Хуррам дар канори роҳ мошинро қарор дод ва чолок аз мошин баромаду дари тарафи Раъноро кушода, кӯдакро аз дасти вай гирифт. Раъно аз мошин фуромад.

– Номат чӣ, паҳлавон? А? Намегӯӣ? – Хуррам кӯдакро навозиш мекарду ҳамвора мепурсид.

– Номаш – Хуррам, – гуфт Раъно оҳиста, ба ҳадде, ки Дилбар намешунид. Баъд рӯмолашро ба сар дуруст печид ва бо як навъ нигоҳи сеҳрангез ба умқи чашмони ҷавон нигаристу илова кард: – Деҳаамон бе Хуррам намонад гуфтам.

Вай кӯдакашро аз дасти Хуррам гирифт. Дастони ҷавон сонияе бо навозиш рӯи дасти вай лағҷиданд, онҳо ҳар ду ҳам лаҳзае дар изтироб чашм ба замин дӯхта, хомӯш буданд.

Агар тамоми маънии дар ин эҳсосу изтироб ва сукути онон пинҳонро дар расидани дастони онон мармузро бо сухан ифода кардан имконпазир мебуд, аз он достони пурдарде мураккаб аз ишқ, аз хато, аз ҳасрату нокомӣ ва ташнагии дидор навиштан мумкин буд.

*Соли 1983.*

## ЧАНГАЛУК

Бегоҳии говгум ба Вахш расидаму саросема ба умеди мошини раҳгузар ба сӯи чорраҳа давидам. Ҳамриштаи шаш-ҳафт нафар мусофирони дигар, соате ба мошинҳои даргузар дастафшонӣ карда, оқибат ҳамроҳи як тан ҷавонмарди зиёинамо ба кабинаи мошини самосвале савор шудем. Ин мошин маро ба колхози "Ҳаёти нав" набарад ҳам, аз наздики он мегузаштаст.

– Ман ба шумо гӯям, парво накунед, меҳмон, – ҳамсафарам дар кабина бафароғат нишасту хавотирии маро фаҳмидагӣ барин таскин дод. – Чор километр барин роҳ мемонад, пиёда чақ-чаққунон меравем. Чӣ гуфтед? – Вай бо чеҳраи кушод табассум мекарду зимнан саропои маро ба таҳқиқ менигарист ва ғолибан кию чикора буданамро фаҳмидан мехост.

– Ба кадом қишлоқ, ба хонаи кӣ меравед?

Ман дафъатан чӣ гуфтанамро надониста, лаҳзае дасту по хӯрдам, аммо ҳамсафарам худ ба кӯмакам расид:

– Ин колхози "Ҳаёти нав", ман ба шумо гӯям, хурду калон қариб понздаҳ деҳа дорад. Шумо ба кадом деҳа меравед? Агар махфӣ набошад?

– Ман... ман... ба маркази колхоз меравам, – гуфтам чӣ ҷавоб гуфтанамро надониста. Сипас эзоҳ додам: – Ба колхозатон бори аввал меравам. Ношинос ба мисоли нобино аст, мегӯянд... Балки медонистагистед... Хоҳару додарони якдигарро ёфтагӣ дар колхози шумо...

– Э-э, шумо аз хешони онҳоед? Аз Конибодом меоед?

– Не-е, ман аз Душанбе. Ба онҳо хешу таборӣ надорам. – Сипас бо ду сухан кию чикора буданамро фаҳмондам.

– Ҳа-а, ҳозир дар хонаи Фаридун ҳам, дар хонаи раис ҳам, тӯй аст.

Дар хонаи Фаридун тӯй буданашро медонам, аммо

ба тӯйи хонаи раис эътибор надодам. Аз дилам гузашт, ки мебоист киву чӣ одам будани раиси колхозро дарак карда огоҳӣ меёфтам. Баъзе рӯзноманигорон агар азми ба колхоз омадан кунанд, ҳафт пушти раиси колхозро кофта фаҳмида, қабл аз ин дар кучоҳо таҳсил кардану дар кадом вазифаҳо кор кардани ӯро қоривор аз ёд мекунанд.

– Хайр, ку, гап занед, аз саргузашти онҳо, дар хусуси падару модар ва хешу табори онҳо ягон чиз медонед? Якбора хоҳару додарон якдигарро ёфта хурсанд будагистанд -а?! – Ман ба умеди ягон хабари нав пурсуков сар кардам.

– Албатта, кӣ хурсанд намешавад?! Ман ба шумо гӯям, ин давлати андак-мандак не! “Доман пури зар кунию додар бихарӣ, он додари зархарид чӣ додар бошад?!” гуфтаанд. Худо яку якбора ба кас хоҳару додари зода медиҳаду хурсанд намешаванд?! Боз ҳам таҳи дилашро кӣ медонад? Ман ба шумо гӯям, ин Чангалук... Мебахшед, мо Фаридунро баъзан Чангалук ҳам мегӯем, – тавзеҳ кард ӯ. – Дар бачагӣ аз хар афтода, як дасташ чангалук шудагӣ. Албатта, ба рӯзнома таъриф карда нависед. Лекин ин суханони ман ба навиштани шумо дахл надорад. Рости гап-да. Ин ғайбат не, пурсед, ҳама мегӯянд. Фаридун одами нағз, коргар, аммо баъзе хислати беҳуда дорад.

Дар хусуси Фаридун ҳамроҳам ба дил дарде доштанаш маълум буд. Имон ба гумон насупорида, лоқайд ба кӯмакаш рафтам:

– Ба сахтӣ калон шудаст, бемуҳаббат, бенавозиш... Балки ба хоҳару бародар дар дилаш ҳеҷ меҳр набудагист? Ин дар Вахш, онҳо дар Конибодом калон шудаанд.

– Э-э, ман ба шумо гӯям, агар дил наздик бошад, ин гапҳо... – чашм хобонду даст афшонд вай. – Ҳама гап ба дил! – Вай лаҳзае хомӯш истоду сонӣ гуфт: – Ҳама ҳайрон мешудагӣ кор шуд. Э, тавба! – гаштаю баргашта изҳори ҳайрат дошт мард. – Баъзе касон ба заём ё лотарея

ҳазор сӯм буранд чӣ хел хурсанданд, ин Чангалук якбора бародар хоҳар бурид-а! Ман ба шумо гӯям, боз чӣ хел бародар?!

Манбашумогӯям (дар дил ба вай чунин лақаб додам) гиребонашро медошту сар меҷунбонд. Пай бурдан мушкил набуд, ки ин воқеа барои деҳаи аз шаҳр дур пешомади бениҳоят ғайриоддӣ аст.

– Хӯш, ку гап занед, ман кию чикора будани хоҳару бародарро намедонам. – Дарвоқеъ, ҳанӯз киву чӣ одамон будани бародару хоҳари ба ҳам расида ба мо маълум набуд ва мебоист аз ин хусус аввалбор рӯзномаи мо хабар кунад.

– Ман ба шумо гӯям, ҳамин раис... – ҳамроҳам ба чашми ман нигариста, лаҳзае таваққуф карду баъд ба таъкид гуфт: – Ҳамин раис ҳашт сол боз дар колхозамон раҳбар аст. Рости гап, марди одил, ҳалол, коргар, дар зарурат сахтгир, кордон, халқ қатӣ муомила карда метавонад. Аммо ин Чангалук чанд сол аст, ки таҳи пои ҳамин одама кофта ӯро сил кард.

– Барои чӣ? Сабабаш?

– Беҳуда!

– Ин хел носозгарӣ бесабаб намешавад. Ягон сабаб доштагист.

– Ҳама ҳайрон. Ба гирдаш тарафдор ғун кард, норозиҳоро киш-киш дода, раисро бадном кардан хост, маълумотнависӣ кард. Асп барин ҷавонмард дардманд шуд.

– Ягон мақсад доштагист.

– Гапаш ҳамин ки вай бегона аст, – ӯ бо дард хандид. – Барои чӣ ба колхози мо бегона раис мешавад?! Раиси пешин аз тӯби вай буд, дар сояи ӯ корди Чангалук болои равған буд...

– Ҳа, ин гапи дигар.

– Ҳамин раис ба сари худ ба колхоз наомадаст, аз рай-

он фиристоданд. Хайр, аҷаб не, бӯи хунаш кашида-гист. Рост не? Ман дар шаҳри Брест як марди тоҷики малларо дучор шудам, ҳар ду ҳам ба якдигар нигариста истода мондаем. Ҳол он, ки вай зоҳиран ба тоҷик не, бештар ба литвонӣ ё немис монанд буд. Баъд ҳамсафарам ба ман ҷафстар омаду овозашро пасттар карда гуфт:

– Ана, ман ба шумо гӯям, ҳашт сол боз ҳар ду – сагу гурба буданд. Пахтаро зиёд додем, раис ба орден пешбарӣ шуд, аммо ҳамин Чангалук аз болояш навишта корро вайрон кард. Ҳама орден гирифт, ба вай надоданд.

Ин қадар раисро ҷонибдорӣ кардани "Манбатугӯям" дар дилам шубҳа афканд.

– Фақат барои аз ин ҷо набуданаш? Не, хусуматгарӣ агар аз як тараф бошад, тӯл намеёбад. Раис ҳам моҳи беайб набудагист? – Ба ҳар ҳол, қаҳрамони очеркамро сиёҳ кардани ин мард ба ман нафорид.

Вай нобоварии маро дида, яку якбора хомӯш гашт. Дигар ба саволҳоям ҷавоб надод, худро ношунида ангорид. Ман аз гуфта пушаймон шудам. Ҷаҳд кардам ӯро ба сухан дарорам, вале суд накард.

Ӯ дар чорраҳае, ки чор сӯяш саҳрои кушод буд, мошинро боздошт.

– Ку, меҳмон, фуромадем.

Шаби нилобии торик, дар осмон ситора меҷӯшид. Ба атроф нигаристам – аз дуродур чароғҳои деҳа милтмилт метофтанд. Дар роҳ на мошине, на раҳгузаре. Ҳатто сараввал ҳеҷ садое ба гӯш нарасид. Баъди он, ки пиёда ба роҳ афтодем, тадриҷан вақ-вақи қурбоққаҳо, садои чирчиракҳо, ку-куи чаковак ва боз турфа-турфа садоҳои ошною ноошноро шунидам.

– Ман ба шумо гӯям, бародар, имшаб хоҳед – нахоҳед меҳмони ман ҳастед. То маркази колхоз хеле роҳ аст. Ҳавлии мо дар ҳамин наздикӣ…

– Мисле ки, дигар илоҷ ҳам надорам, – хандидам. – Бо як сухан ман шуморо ранҷондам, акнун меҳмон нашавам, аз дилатон бароварда наметавонам. Рости гап, аз кори Фаридун ҳайрон мондам. Дар хусуси вай ба рӯзнома навиштанӣ будам.

– Хайр, ба рӯзнома ҳама гапи будагиро наменависанд-ку, – маъзаратомез суханро ба шӯхӣ бурд вай. – Навиштан даркор аст. Ин гапу корҳо ба раҳи худ. Ба рӯзнома дар ҳаққи пахтакору механизатор, саркору чӯпонҳои мо бисёр менависанд, мехонем, медонем сухани хона ба бозор рост намеояд.

Ба деҳа наздик омадем: чароғҳо муайян, садоҳо аниқ гаштанд: дар пахтазори ду канори роҳ дуди мӯриҳои деҳа монанди туман паст шиновар буд. Аз қафо саворе ба мо расид.

– Ҳа, саркор, ассаломуалайкум, – ҳамроҳам аз роҳ истод.

– Меҳробӣ?

Савор шабкӯр будаст магар, дар торикӣ чунон хам шуда ба рӯи ман зеҳн монд, ки хандаамро ба зӯр доштам.

– Ин кас меҳмон, аз Душанбе, – шиносонд Меҳроб.

Саркор вохӯрӣ карду аспашро баробари мо ба раҳ монд.

– Дар барои Фаридун ба рӯзнома менавиштаанд.

– Ҳамин хел? – саркор ба рағбат ва назари имтиҳон дигарбора ба сар то пои ман чашм давонд.

– Дар хусуси хоҳару бародарон ҳар чӣ медонед, гӯед. То шумоён ягон чиз нагӯед, мо ҳеҷ чиз навишта наметавонем.

– Хайр, Фаридун дар пеши назарамон калон шуд… – Саркор аз хусуси чӣ гуна калон шуда, ба қатор даромадану ба хизмати ҳарбӣ рафтани Фаридун, баргашта омада, хонадор шудани вай хеле сухан гуфт. Баъд сухани ӯро буридам:

– Биистед, амак, бигӯед, ки раис катӣ чаро кашокаш доранд? – ба шӯхӣ хандида пурсидам. – Шумо саркор, аз решаи гап хабар доред.

– Хайр, ин гапҳои хонагӣ, мабодо навишта…

– Не, хотирҷамъ… Сухани менавиштагӣ дигар аст.

Саркор андаке таҷанг гашту ночор ба гап даромад:

– Ҷое, ки нафс ҳаст, хусуматгарӣ ҳаст-да. Фаридун-ку як васвосӣ аст, аммо шон ҳам ба колхоз се-чор нафар наздиконашонро оварда, ҷой карданду худро ба бало гирифтор карданд. – Саркор “шон” гуфта раисро дар назар дошт. – Деҳаро гардед, мардум мегӯянд.

Ӯ хеле сухан гуфт, вале дигар ҳама ба ман нодаркор ва ё гапҳои ба ҳама маълум буданд.

– Азбаски Фаридун дастёр буд, амакаш уна саробонӣ кард, аммо хоҳараку додаракашро бурда ба сағирахона супоридем. Он солҳо раиси ҷамоа будам, худам ба дастам бурда додамашон. Ба гардиши фалак он ду ба Конибодом афтодаанду савобталабе гирифта калон кардаст, хонондаст, одам шудаанд.

– Ана, ман ба шумо гӯям, як бачаи хеши дураш пор институтро тамом карда омад. Чангалук як соли дароз сари раисро ба дард овард, ки чаро ӯро сараграноми колхоз таъин намекунанд. Охир, ман ба шумо гӯям, сараграноми колхозамон бист сол боз кор мекунад. Хайрият, ба қарибӣ ғоибона институтро тамом карда, дипломашро оварду гиребони раисро аз дасти Чангалук раҳо кард. Ҳозир агар гӯед, ки як нафар гӯрков даркор аст, Чангалук албатта як ҳамқишлоқашро ном мебарад.

– Рост, рост, – оҳиста хандид саркор. Сонӣ ба тарафи мо хам гашту бо овози паст пичиррос зада гуфт: – Дар тӯйи Саиди Чӯпон менишастем, раиси ҷамоа гуфт, ки писари чӯпон дар таҳсил пешқадам будаст, аз донишгоҳаш ба идораи ҷамоа таҳсинномa омад. Чангалук даррав су-

хани шонро бурид: “Ин хел таҳсинннома ба Парда ҳам омада буд”. Таҳсинномаи даҳ сол пеш аз ин ба Парда омадагӣ дар ёдаш, аммо имрӯз омадагиашро бо дили сафед як даҳан муборак бошад намегӯяд-е!

Саркор хомӯш монд.

Дилам мехост, ки вай боз ба гап дарояд, вале ӯ хомӯш мерафт ва баракси вай Меҳроб қариб бетаваққуф сухан мегуфт. Бепарво, бо овози баланд, ҳар чӣ ба фикраш ояд, ошкоро мегуфт, мепурсид, механдид, дашном медод.

Аён буд, ки саркор аз тоифаи одамонест, ки ҳикмати “дареро накӯбӣ, даратро накӯбанд” - ро рӯзгори худ кардаанд. Вай ҳар як суханашро бо эҳтиёт, ҳамеша бо овози паст, ҳар замон хавотиромез ба атроф нигариста мегуфт.

– Шумо бисёр воқеаҳоро медонед, вале намегӯед, – гуфта бо ҳамин ӯро шерак кардан хостам.

– Хайр, чӣ гӯям?.. – гуфт вай оҷизона табассум карда. Ҳар ду то имрӯз якдигарро пешпо дода омаданд. – Ту – конибодомӣ, ту –зарафшонӣ гӯён сояи якдигарро аз девор метарошиданд. Аслан, ин иллат аз як артистбача ба инҳо гузашт.

Саркор боз хомӯш монд. Ман мунтазири эзоҳ будам.

– Ҳар замон аз шаҳр як артист меояд, ҷӯраи Фаридун аст, – гуфта Меҳроб ба ман асли воқеаро тавҳез кард.

– Худаш ҳунари дуруст надораду чоқам, обро лой карда, моҳӣ медорад.

– Қиссаи касалии Чангалукро гӯед, – сухани саркорро бурида хоҳиш кард вай.

– Э-э, гуфтанӣ бошӣ, худат гӯй, – саркор даст афшонду хиҷилзада табассум намуд. Сонӣ зери лаб ғут-ғут кард: – Ҳар чизро гап гуфта мегардӣ.

– Акаи Меҳроб, худатон гӯед, – хоҳиш кардам.

Шавқу рағбати аввалаи Меҳроб гум шуд. Вале ба да-

ҳони вай нигарон буданамро дида, ночор ҳикоя сар кард:

– Ман ба шумо гӯям, Чангалуки мо як вақте нотоб гашт. Духтурҳо гуфтаанд, ки дардаш ҷарроҳӣ металабад. Вай бархоста ба беморхонаи пойтахт рафт. Ба духтури он ҷо гуфтаст, ки дар ҳамин ҷо аз тарафи мо духтур – пухтур ҳаст ё не, бародар гӯед як бор маро бинад. Тафтиш карда гуфтаанд, рафиқи Чангалук, аз райони шумо дар ин ҷо ҷарроҳ набудаст. Чангалук "хайр, набошад" гӯён аз бемористон баромада омадаст.

– Ҷарроҳӣ накунондаст?

– Не.

– Кӣ ин қиссаро бофтагӣ бошад?

– Э - э, бовар намекунед? Ҳурмати нон – дурӯғ не!

– Ин маҳалгароӣ ба одами ҳалолкору ҳалолхӯр даркор не, – гуфт саркор ғарқи андеша худ ба худ даст афшонда. – Барои беҳунар, коргурезу муфтхӯр даркор аст.

– Як рӯз дар хонаи раис як гаҳвора дидам, агар бинед, як бори дигар бинам мегӯед, – аз рӯи одаташ "ман ба шумо гӯям", гӯён сухан сар кард Меҳроб. – Гул канда, қуббаҳо шинонда, расо ҳунармандӣ карда сохтагӣ. Рангу борашро намегӯед, гаҳвора не – гулзор! Як бор бинед, аз сари нав кӯдак шуданатон меояд. Дар як ҷо таъриф кунам, ба Чангалук нафорид – ба ман дарафтод. Гуфтам: агар ба ту хуш наояд, бирав, кӯдакатро дар ҳамон гаҳвораи чӯбаш нимтароши каҷу килеби бобоят хобон. Ман агар ин бор кӯдак ёбам, худо хоҳад, ба шаҳр меравам у аз ҳамон гаҳвора якта мебиёрам.

Лаҳзае ҳама хомӯш мондем. Хулосаи саркор ба назари ман саҳеҳ нанамуд, бинобар он, мехостам ба он тасҳеҳ диҳам.

– Ҳамшаҳригарӣ аломати оҷизӣ, нотавонӣ гуфтед, ки дуруст аст. Аммо ҳамон оҷизу муфтхӯрон одамони дурусти ҳунармандро ҳам ба доми худ мефуроранд.

– Хайр, ба гузашта салавот, – гуфт саркор, – ана, ҳар ду додару бародар, об ба лаби ҷӯй баробар гашт.

– Чӣ хел? Кӣ катӣ кӣ? – ба маънии сухани ӯ сарфаҳм нарафта ба рӯяш нигариста.

– Кӣ катӣ мешуд, охир раис катӣ - дия.

– Фаридун? – беихтиёр аз роҳ истодам. Ҳамроҳонам низ истоданд.

Лаҳзае бо тааҷҷуб онҳо ба рӯи ман менигаристанду ман ба рӯи онҳо ва чунин менамуд, ки якдигарро имтиҳон мекунем.

– Охир, ман ба шумо гӯям, раисамон Фарзон Ҳакимов ҳамин Фаридуни Чангалук катӣ додару бародар баромаданд-ку! – аз бевуқуфии ман Меҳроб ҳайрон буд.

– Не-е?!

Ман беихтиёр як ҳуштаки дуру дарози андаке ғамангез ва андаки дигар таассуфомез кашидам.

– Охир, домулло, ҳама гап дар сари ҳамин-дия! – гуфт саркор аспашро ба роҳ монда.

– Ман ба шумо гӯям, дар Конибодом будагӣ хоҳарашон ба рӯзнома эълон дода, ҳамин Чангалукро дарак карда ёфт. Сонӣ омад, ки ду додараш дар як колхоз гаштаанду якдигарро намешиносанд.

– Шуд, шуд… Аз аввал ҳамин гапро намегӯед?!

– Ман ба шумо гӯям, охир бохабаред гуфтаам – дар чеҳраи Меҳроб табассуми ширине гул мекард.

Маро чунон ҳолате рӯй намуд, ки гӯё бар дӯшам ҷуволи пур аз санг афтода бошад. Қадаме, ки пеш мениҳодам, дар назар ба қафо мерафт. "Дар ҳақи инҳо чӣ нависам?" – гӯён худ ба худ савол мекардаму нигоҳи пурмалоли муҳаррир аз назарам дур намегашт. Эй кош, фақат дасти ин Фаридун чангалук мебуд….

*Соли 1983.*

## ШИНОСОӢ

Аввалбор ин сухан дар шипанг ба миён омад.

Оғози фасли тирамоҳ, деҳқонон акнун ба пахтачинӣ шурӯъ карда буданд. Нимирӯзӣ чун ҳамеша занону духтарони пахтачин гурӯҳ-гурӯҳ ба шипанг омада, дасту рӯ мешустанд, бо ҳазлу шӯхӣ ва нағмаю мутоиба кӯфти корро мебароварданд. Аммо валвалаи шодмонӣ ҳар мудом бо наздик расидани Нусрат хомӯш мегашт.

Он рӯз ҳам ӯро аз дур дида, занону духтарон бо даруни пешгирҳошон дасту рӯ пок карданд ва ба чорпояи таҳи айвон баромада, сари дастархон нишастанд. Фақат се-чор тан духтарон бехабар аз Нусрат обпошӣ доштанд, вале занҳои калонсол онҳоро огоҳ карданд:

– Бас, духтаро… Нусрат меояд, нағз не.

Нусрат бордони мошинашро дар хирманҷой холӣ карда, ҳоло онро дуртар аз шипанг, дар сояи бед монда омад. Ӯ бо зану мард – ҳозирон сар ҷунбонда салом карду бо чанд тан занону мардони солдидаи бригада алоҳида-алоҳида ҳолҷӯӣ намуд.

– Аз ҳавлӣ хавотир нашавед, ако, – хабар дод духтари холааш Соро, – Шодигул янгем сари раҳ даромада, хабар мегиранд.

Шодигул ҳар нимрӯзӣ барои кӯдаки ширмакаш ба деҳа рафта меомад. Гоҳе вай ба ҳавлии Нусрат даромада, аз ҳоли писаракаш хабар мегирифту ба гӯсолаю барраҳои вай алаф медод.

Яке аз духтарон ҳазломез гап партофт:

– Нусрат-ако, мошинатон дар соя дам нагирад чӣ мешавад?! Хари амаки ман доим дар офтоб бастагӣ…

– Дар офтоб оҳанаш мулоим мешавад, намедонӣ?! – Бо авзои ҷиддӣ тааҷҷуб кард духтараки дигар, вале чашмони шӯху ростгӯяш густохона механдиданд. – Амаки ту

сояро ба занашон ҳайф медонанду харашонро ба соя мебанданд?!

– Мошини акои Нусрат нозук аст, офтоб мезанад, – ҳамовозӣ кард сеюмӣ.

Нусрат бо нимтабассум ба рӯи онҳо менигаристу бародарвор бо навозиш сар меҷунбонд. Дар фуроварди суханони духтарон ӯ гуфт:

– Фардо нисфирӯзӣ дар офтоб монда, ҳар сеи тура савор мекунам! Якбор дар оҳани тафсон нишаста кор кунед!

– Кошкӣ… Ҳаловат мекунем… Суратамон дар газетаҳо мебарояд! – фавран гап ёфта ба нишони хушнудӣ кафкӯбӣ карданд духтарон. – Пешгир кати трактора иваз мекунем! Иваз!

– Э, бигиред, аз ҳозир ин пешдоманро ба шумо супоридам.

Нусрат барои шустушӯ аз шипанг дуртар рафта, дар лаби ҷӯ нишасту лаҳзае ба акси худ нигариста, дар банди хаёл дармонд. Сонӣ фикраш ба хонааш ва писараш пайванд хӯрд. Ӯ рӯз мешумурд, ки кай дар деҳа боғчаи кӯдакон мекушоянду вай писарашро ба боғча мебарад ва бехавотир кор мекунад. Аз вафоти ҳамсараш қариб як сол гузашт. “Оши солашро медиҳам, – мегуфт ӯ ҳоло худ ба худ корашро раҷҷа кашида. – Тойина мекушаму ба халқ ош медиҳам. Ба ҳамаи хешу таборе, ки барои вай азодорӣ карда, кабуд пӯшида гаштаанд, як либосӣ матои тоза – атласу шоҳӣ даркор аст. Аз таҳи замин бошад ҳам, мееёбаму дар маросими сафедпӯшон пешашон мемонам. Қариб даҳ либосворӣ даркор аст. – Ҳа, азизам, иззататро то метавонам, ба ҷо меорам, лекин чӣ кунам, ки туро зинда кардан наметавонам. Ана, қариб як сол боз бе ту… Аз кор мераваму духтарат катӣ ҳавлиро об зада мерӯбем, саранҷом мекунем, молҳоро ҷӯшида, ширу ҷурғотро ҷо ба ҷо мекунем, хӯрок мепазем. Баъди шом бачаҳоро хобон-

да ҷомашӯӣ мекунам ё дарзудӯз. Чӣ илоҷ, ба дастам сӯзан нагирифта будам... Ба ман сахт мушкил кардӣ... Аввал модагова занони ҳамсоя ҷӯшида медоданд, ҳозир худам. Аз мазоҳи мардум парво надорам. Фақат бачаҳо дар мактаб духтарамонро таъна накунанд, шуд. Мегӯянд, ки ман дигар шудаам. Намедонам. Ба лабам ханда намеояд, инаш рост. Дар хона ягон бор радиову телевизор намондаам. Ба дил нағунҷад-чӣ! Ҳамсояҳо ҳам ба дили ман нигариста радиову телевизорашонро кам мемонанд. "Ҳамсоя азодор аст", гӯён аҳён-аҳён овозашро паст карда мешунаванд. Барака ёбанд, поси хотири туро медоранд..."

Нусрат дар оби ҷӯй шустушӯй мекарду ботинан бо ҳамсари марҳумаш гуфтугузор дошт. Як сол боз ҳоли вай ба ин минвол буд, дар сари фармони трактору мошини пахтачинӣ ҳам, дар хона ҳам ҳар як корашро ба ҳамсари марҳумаш маслиҳат мекард, аз кору бораш ба вай ҳисоб медод, қариб ки худ ба худ гап мезад. Баъзан аз ин ҳоли худ ба ваҳм меомад – мабодо девона шавад... Дигарон ҳам ба ин ҳол афтода бошанд?.. Вай ин саволро аз одамони кордида пурсидан мехост, вале худдорӣ мекард.

Нусрат дасту рӯи обшорашро бо рӯмоли миёнбандаш пок карду рафта дар чорпояи мардон, дар сари дастархон нишаст. Аз бозе ки ба пахтачинӣ шурӯъ карданд, барои нимирӯзӣ хӯрок мепазанд. Ин ҳам нағз. Вай як пиёла чойи кадоме аз нишастагон дароз кардагиро ҳӯрт кашиду як пора нон гирифта ба даҳон бурд.

– Ҳамин мегум, трактор чизи нағзу сабила чангу ғубораш намешавад, – ба сару рӯи Нусрат нигариста гап сар кард Шодии обмон. – Хусусан, то як-ду раҳ борон боридан...

– Ҳар як кор сахтӣ дорад, – гуфт обмони дигар Парда. – Обмонӣ кори осон аст? Шабу рӯз поят дар об...

– Нусрат, – Ҳасан-амак, ки то ин дам дар банди ан-

деша хомӯш чой мехӯрд, зонуи ҷавонмардро оҳиста нихта карду ба гап даромад, – додар, акнун ғам хӯрдан бефоида. Ба ту ду кӯдак катӣ мушкил аст. Мурда дигар зинда намешавад. Гуфтаниам, ки як ҷо – ним ҷоро бин, балки бева-чева ҳаст…

– Монед, амак, ҷароҳати дилам ҳоло нав аст. Ҳеҷ набошад, андаке кӯҳна шавад.

Нусрат як оҳи дарднок кашиду нигоҳашро боло набардошта, бо шилшилаи дастархон ба бозӣ машғул шуд. Ӯ ашкеро, ки дар чашмонаш ҳалқа зада буд, пинҳон кардан мехост, вале ин кор номумкин буд.

Ҳама медиданд, ки дар тӯли як соли баъди вафоти ҳамсараш вай хеле лоғар гашта, рӯи дарозаш боз ҳам, дарозтар, устухони ду рӯяш барҷаста баромада буд, гарданаш монанди думчаи мурӯд борик гашта, чашмонаш дар косахона нишаста, чуқур гаштаанд. Ҳасан-амак лоғару нимҷон шудани ин ҷавонмарди тануманд ва дар ҳама кор чирадастро медиду ботинан беқарор мегашт.

Ошпаз Ниҳол-хола дар рӯи лаълӣ чаҳор коса угро овард.

– Э, гапи бекорaро мон! – якбора ба қаҳр омаду дасташро ба ҷониби Нусрат шоф карда тунду аламнок хитоб кард амак. – Ҳамин ҳам гап шуд?! – Сипас оҳанги суханашро нармтар кард: – Ба кӯдаконат модар даркор аст. Духтар бемодар намешавад! – Сонӣ вай ба Ниҳол-хола рӯ овард: – Тавба, ба бева қаҳтӣ омадагӣ барин… Ҳарчанд фикр мекунам, дар ин атроф ягон зани сараш яла нест. Ту ягон касро таги чашм надорӣ? – Баъди ҷавоби инкор гирифтан Ҳасан-амак ба тахмин гуфт: – Ман мегум, ҳамун як ҷияни дури моён, духтари Садафмо дар шаҳр монда рафт. Як раҳ шунидам, ки аз шӯяш ҷудо шудаст. Агар сараш яла бошад, ҳаминро як раҳ бинемчӣ? А? – Ҳасан-амак азбаски фикри Нусратро фаҳмидан

мехост, лаҳзае ба рӯи вай нигарон истод. Нусрат сарашро боло намебардошт. – Як раҳ пурсуков кунам? А? Ба бачаҳот оча даркор аст…

– Э-э, вай… рост намеояд, – Ниҳол-хола косаҳоро якояк ба пеши мардон монду лаҳзае рост истода шубҳа баён кард. – Ягон ҷои дигарро бинед.

– Чира медонӣ ту?! Шумо, ҳамаатон ба айбмонӣ устоед!

– Вай ба рӯзгори Нусрат кор намеояд, – то ки ин гуфтугузорро духтарон нашунаванд, Ниҳол-хола овозашро паст карда, таъкидан гуфт. – Вай ба майли худаш гашта одат кард.

– Ба сараш афтад, тан медиҳад, – гуфт Ҳасан-амак даст афшонда. – Феъли зан ҳамин аст: агар белаҷом монед, худаша аз подшоҳ кам намедонад. Ман ба Нусрат ҳаминро гуфта истодаам: писарбача ба сари худ, афтодаю хеста одам мешавад, лекин духтарбачаро тарбия кардан даркор аст.

– Лекин вай намешавад, – Ниҳол-хола куҷоҳоро меандешиду суханашро бо ҳазор андеша хоида мегуфт. – Тан медодагӣ зан маълум аст.

– Ҳамин гапҳо чӣ даркор?! – гуфт Нусрат оҳиста сар бардошта. – Ҷароҳоти дилам ҳоло нав аст. Оши солашро надода, дар ин хусус гап задан ҳам айб аст.

– Фардо тӯй нагуфтаам-ку! Ҳоло то гапро пазондан ним сол мегузарад ё як соли дигар, кӣ медонад?! – гуфт Ҳасан-амак.

– Эҳ, шӯрбахт… Солаш ҳам омад, – гуфт Ниҳол-хола як оҳи бадард кашид. Сонӣ таъкид кард: – Ҳар зан – зан мешавад, лекин ба ду бачаякат оча даркор аст. Ҳар зан очагӣ намекунад, додарам.

Ниҳол-хола лаълиашро гирифта рафт.

– Ба ҳар гап гӯш карда, азоб кашида мегардӣ, – гуфт

Ҳасан-амак баъди рафтани Ниҳол-хола. – Гандааш ҳам дари хонаатро кушода мешинад-ку! Усунаш нақора дар дасти худат. Ман очаашро дида, як бор гапзанон кунам, ку чӣ мегӯяд.

Аз ин гуфтугузор чор моҳ гузашт. Пахтаро чида супурданд. Ҳосили полезҳоро ҳам ғундоштанд. Дар рӯзи солгарди вафоти занаш Нусрат ба мардуми деҳа оши сол дод. Ҳарчанд пирони қоидадон гуфтанд, ки марҳума – ҳамсарат сағира дорад, харҷи бисёр ҷоиз не, Нусрат гов кушт, бо ҳама иззату эҳтиром сафедпӯшон кард.

Баъди ду моҳи сафедпӯшон Ҳасан-амак ба василаи модараш Дилбарро аз шаҳр ба деҳа ҷеғ зада, матлабро ба ӯ фаҳмонданд. Нусрату Дилбар якдигарро диданӣ шуданд.

Дар бораи Дилбар Нусрат аз атрофиён ҳар навъ сухан мешунид. Мардон мегуфтанд, ки “андаке ба худаш бино мондагӣ бошад ҳам, духтари дилҷӯ буд, хонаи як йигитро обод мекард, афсӯс, ки ҳайф шуд”. Ба занҳои деҳа вай ҳеҷ маъқул набуд: “Як ваҷаб-як ваҷаб нохунҳои ҳаромаш катӣ чӣ хел хӯрок мехӯрад, чӣ хел кор мекунад? Э, тавба… – гуфта гиребонашонро медоштанду ин хелҳоро набинаму нашунавам гӯён паси гӯшашонро мекашиданд. Мабодо ки ба ин ханданду ягон нафар аз фарзанду пайвандонашон ба ин кӯй афтад. – Кабудии болои чашмаша намегӯӣ?! Ба миҷаҳош як ман – як ман ранг молида, аҷина барин шудаст-е!..” Нусрат ана, ҳамин ҷавонзанро бояд ба хонааш оварад. Боз аз хусуси ахлоқаш ҳар хел гап мезаданд. Гӯё дар хобгоҳи фабрика зиндагӣ мекардасту дар он ҷо ҳар шаб зану мард якдигара бағал гирифта мерақсидаанд. Нусрат ба ин гапҳо чандон бовар надошт, вале аз Дилбар батамом дилаш ҷамъ набуд. Бинобар он, ба василаи як-ду тан дӯстони наздикаш аз ҳаёти

Дилбар дарак кард. Гуфтанд, ки хотир ҷамъ дор, саратро паст намекунад. "Ду фарзанди маро бо меҳр ба воя расонад, ман – розӣ. Ин навбат барои ҳамин ду кӯдак хонадор мешавам", мегуфт вай ба ҳама наздиконаш.

Он шаб Дилбар оростаю пероста ҳамроҳи холааш ба хонаи Нусрат омад. Нусрат пешакӣ бачаҳоро ба хонаи алоҳида фиристода, таъинот кард: "Хомӯш шинед. Ман холаҳояшро сонӣ ба наздатон мебарам. Боодоб бошед". Ӯ хуб медонист, ки онҳо на фақат ба мулоқоти вай, балки манзилу макон ва тарзи зиндагии ӯро диданӣ меоянд. Аслан, ин корро наздикони арӯсшаванда иҷро мекунанд, аммо Дилбар қабл аз тӯй бо Нусрат вохӯрда, ҳамгап будан хосту бо ҳамин баҳона макону манзили ӯро диданӣ шуд. Ба эътирози падару модараш гӯш надод, гуфт, ки пинҳонӣ ҳамроҳи холааш meраваду меояд.

Дар хонаи калон, ки вазифаи меҳмонхонаро низ иҷро мекард, се тан сари дастархон нишастанд. Дилбар мӯзаи пошнабаландашро аз лой пок карду аз пояш накашида, ба болои кӯрпача баромада нишаст. Аз ин кори вай Нусрат боғоят малул шуд: "Гапи мардум рост будаст, ин бадбахтак расму русуми моро пушти по задагӣ барин… Кӣ ба хона кафшу мӯза катӣ медарояд?!" – аз дил гузаронд вай.

Сӯҳбати онҳо сараввал ҳеҷ қӯр нагирифт. Холаи Дилбар ҳарчанд кӯшиш дошт, вале сухан ба ҳам намепечид.

Аз чӣ бошад, ки дар пеши назари Нусрат фақат бо мардон оғӯш гирифта рақсидани Дилбар ҷилвагар буд. "Аз ҳур барин зан ҷудо мондам, акнун рӯзам ба ҳамин афтод…" – мегуфт вай дар дил Дилбарро бо ҳамсари марҳумаш муқоиса карда. Баъд вай бо зӯри ирода ин хаёлҳои мағшушро аз сари худ дур карду ба меҳмон нигариста, аз рӯи илтифот табассум намуд.

Дилбар ҳанӯз ҳам ашёву асбоби хонаро санҷида менигарист.

– Э, ба рӯи якдигар нигоҳ карда нашинед, гап занед, – холаи Дилбар яхи сарди хомӯширо шикаста, онҳоро ба гап мегирифт. – Шумоён ҳабдаҳсола не-ку!

– Даррав чӣ гӯем, охир? – гуфт Дилбар бо шарму адои зебое. – Бесухан ҳам одам якдигар катӣ гуфтугӯ мекунад мегӯянд.

“Ба ҳар ҳол, шарми зан намурдаст. Ё худашро ҳамин хел шармин мегирад, кӣ медонад? Аслан, хеле бадгумон шудаам, хуб не. Надида, надониста дар ҳақи як кас… Аз куҷо ин қадар бадгумонӣ дар дилам хона кардаст, ҳайронам”.

Нусрат бо ҳамин андешаҳои дарҳам-барҳам ба меҳмонҳо чой рехта медод, ба пурсиши онҳо ҷавоб мегуфт ва гоҳе якбора барои пинҳон доштани андешаҳояш ё узри бадгумониаш, ба рӯи онҳо нигариста, табассум мекард. Сонӣ аз табассумҳои бемаънии худ кароҳат карду якбора авзояш ҷиддӣ гашт.

– Аз ин мурабботон бӯи тарбуз меояд… бӯи гул ҳам, – мурабборо чашида, таҳсин кард холаи Дилбар. – Чунон бамазза…

– Кӣ пухта бошад? – пиёлаи мурабборо ба таҳи бинӣ оварда бӯй кашиду шумхандае намуд Дилбар.

– Ангура хуру боғаша напурс мегӯянд боғбонҳо.

– Ҳозир боғаша пурсиданӣ омаданд-дия, – холаи Дилбар ба канда шудани риштаи сӯҳбат имкон намедод.

– Гуфтанд-а, духтарон мудом дар гирди ин кас парвона, – гуфт Дилбар чашмони сиёҳашро бо итоб гурезонда.

Нусрат саросема ба эзоҳ шурӯъ кард:

– Дар вақти ҳаёт будани марҳума… янгаатон ҳамроҳ мепухтем. Имсол барои бачаҳо худам пухтам, – вай аз хи-

ҷолат то нӯги гӯшҳояш сурх шуд.

– Хайрият… Дар деҳаи мо ҳам як марди бо дасту по пайдо шудаст, – гуфт Дилбар бо шавқ ба рӯи Нусрат нигариста.

Овози вай монанди садои булӯр ё тори сахт кашидагии рубоб ҷарангос мезад. “Овози занҳои деҳа аз шамолхурӣ аксаран хиррӣ, гирифтагӣ, ҳатто духтарони ҷавон ин хел овоз надоранд…” – ба дил тааҷҷуб мекард Нусрат.

Бо ҳамин гӯё ҳисси бегонагӣ андаке аз миён бардошта шуд. Нусрат аз бобати рӯзғордориаш ҳикоя кард. Сонӣ сухан ба сари он кӯчид, ки кадом навъи анорро чӣ гуна дар реги хушк монда, то баҳори дигар расондан мумкин аст ва ҳоказо. Аҷаб не, суханони вай ба ин занҳо ҳеҷ даркорӣ надоштанд, вале ҳар ду ҳам чунон вонамуд мекарданд, ки ин ҳама таҷрибаи рӯзғордории вай ба онҳо ҳазор зарур аст. Нусрат марди зиндагӣ буд ва монанди ҳамаи ин қабил одамон соддагӣ ҳам дошт. Ҳамин буд, ки аз гап гап баромаду вай ин ҳунарҳои худро ба меҳмонҳо нишон додан хост. Дилбару холааш ҳамроҳи вай анбори меваю сабзавот, анборчаи махсуси ғалладона ва дигар лавозимоти зиндагии ӯро аз назар гузаронданд ва ба тартиби кори вай таҳсин хонданд.

Нусрат обхӯраки барои молҳояш сохтагиашро ба ҳар касе, ки ба ҳавлиаш медаромад, нишон медод. Ба ин ду зан ҳам онро нишон надода истодан наметавонист. Вай дар тақлиди обхуракҳои молхонаи кадом як совхози пешқадам барои ҳар як мол дар охури он обхурак монда буд. Мол фукашро ба он мондан ҳамоно лапари он паст гашта, роҳи об кушода мегашт ва аз чобаи калони дар девор будагӣ то сер шуда аз обхӯрак сар бардоштани мол об меомад.

– Ман ба пеши говатон намеравам, метарсам, – гуфт

Дилбар ва бо ҳамин шасти Нусратро андаке гардонду ҳуши ӯро ба худ овард.

– Ҳа, хуб, шумо наздик наравед, – оҳиста сар ба зер афканд Нусрат. Сонӣ шердилтар гашту гуфт: – Оҳиста-оҳиста ёд мегиред.

– Не, ман аз гов метарсам. Говатон ба худатон насиб кунад, ман пешаш намеравам, – гуфт тез-тез Дилбар. – Баъди ягон сол духтаратон меҷӯшидагист?

– Дар деҳаи худамон калон шудед-ку, ин қадар аз осмони ҳафтум гап мезанед?! – оқибат киноя кард вай.

Дилбар номаълум лаб бурма кард, яъне бо ҳамин соддагӣ киноярo бин мегуфт. Холаи Дилбар маънидорона ба Нусрат нигариста, чашм хобонд, яъне эътибор накун, беҳуда гап мезанад мегуфт.

– Ман зиндагии шаҳр ба одат кардаам, айб намекунед, – гуфт Дилбар сарашро узромез ба як тараф хам карда. Овози вай ҳоло маҳину дилнавоз буд.

"Овозаш дар як дам бирешим барин гашт-е! Гумон мекунӣ ҷону дилата молиш дода мегузарад. Ин ҳам ҳунар аст, аз дасти ҳар зан намеояд. Дуруст мегуфтаанд, ки зани беноз – оши бепиёз..." – ба меҳмонон гӯсфандонашро нишон дода, гап мезаду аз дил мегузаронд Нусрат.

Дилбар мӯи ҷингилаи барраҳоро молида, хеле вақт бо онҳо андармон гашт. Нусрат ба рағбати вай бо шавқ нигарад ҳам, холааш дилтанг буд, беором пой кӯфта "бас, рафтем" мегуфт.

Онҳо боз ба хона даромаданд. Дилбар ин бор ба пӯстаки дар таҳи дар партофтагӣ зеҳн монда нигаристу пурсид:

– Шумо, мисле ки, пӯстро ош дода метавонед? А?

Нусрат бо тааҷҷуб ба рӯи ҷавонзан нигарист. Балки ин савол аз бом тароша афтодагӣ барин ногаҳонӣ буд, сараввал гумон кард, ки ба вай дахл надорад. Сонӣ, нигаро-

ни ҷавоб ба рӯи вай мулоҳиза кардани Дилбарро дида, аввал китф дарҳам кашиду сипас канда-канда берабт гуфт:

– Занҳо… пӯст ош дода… пӯстак медӯзанд-ку… – вай сабаби чунин бевуқуфии ҷавонзанро фаҳмидан хосту бо навбат ба чашми онҳо нигарист. Гумонаш дар таҳи ин сухан маънии дигаре ҳасту фаҳми ӯ намерасад. – Ҳамаи занҳои деҳаи мо пӯст ош медиҳанд.

– Ҳа, воқеан, аз ёдам баромадаст. Пӯстин ҳам медӯзанд? А?

– Баъзан… Барои мӯйсафедон медӯзанд. Дар ҷои мо ҳеҷ кас пӯстин намепӯшад.

– Рангаш ҳамин хел, пӯстак барин сафед? – ба тавзеҳи ӯ беэътибор боз пурсид Дилбар.

– Не, барои пӯстин пӯстро ранг медиҳанд. Пӯсти анор катӣ… Ё як хел алаф ҳаст, сиреч мегӯянд, решаи ҳамон катӣ ранг мекунанд. Дорчинранг мешавад.

Дилбар ба сухан даҳан ҷуфт кард, сонӣ шармида ишваомез хандид, рӯяшро тофту баъд ба чандин печутоб гуфт:

– Ба ман ҳам пӯстин карда медиҳед, охир?

Вай инро гуфту худ ба худ гӯё хиҷолат кашида рӯяшро бо кафи дастонаш пӯшид ва ба Нусрату холааш лаҳзае пушт гардонда хомӯш истод. “Ҳама кораш хушрӯ, ба худаш зебанда. Тарбияи шаҳр дигар хел аст”, – аз дил гузаронд Нусрат.

– Пӯстин хоҳед, пӯстин мекунем. Лекин дар деҳаи мо занҳо ҳаргиз пӯстин намепӯшанд-ку! – Нусрат мисли пирони хунукхӯр ба пӯстин печидани Дилбарро лаҳзае пеши чашм оварду хандид.

– Ман пӯшам, расм мешавад-дия.

– Мардуми мо ба ҳар чиз тақлид намекунанд, анъана, расму одатамон сахт аст. Шумо ҳам ночор сар мефуроред.

– Баръакс, ман аз қафои худам дигарҳоро мебарам! – гуфт вай қатъӣ.

Нусрат ва холаи Дилбар сар бардошта ба рӯи якдигарӣ нигариста натавониста сукут доштанд.

“Ҳавлиаш аз чароғи электр чароғон, молхонаю алафхонааш, ҳатто боғаш ҳам чароғ дорад, айнан, ҳавлии шаҳриҳо барин, – ин лаҳза аз дил мегузаронад Дилбар. – Кошкӣ, ҳамин ҳавлӣ дар шаҳр мебуд. Холаам беҳуда намегуфтааст: “Агар духтарам мебуд, ба Нусрат дудаста бароварда медодам. Духтарони ин замон синнаш калон гӯён ноз мекунанд, бачааш ҳаст гӯён назарашон намегирад, додоҳошон маҷбур карда наметавонанд”. Хайр, чӣ чора, хоҳам-нахоҳам, рӯзғор сохтанам даркор. Ба гуфти очаам то кай овора мегардам? Дар шаҳр дугонаҳоям мегуфтагистанд: “Мур, охир зотатба кашидӣ, боз ба қишлоқӣ расидӣ! Туро одам кунем гӯён беҳуда ҳамин қадар зӯр задем…”

Ин дам аз дили Нусрат мегузашт: “Ку, бинам, ин танноз ба Алӯлаку Булӯлак маъқул мешавад ё не? Агар бачаҳоро бо меҳр ба синааш зер кунад, ман – ғуломи ҳалқабаргӯш, ҳар чӣ хоҳад, иҷро мекунам…”

– Ҳоло ман ба шумо Алӯлаку Булӯлакамро нишон надодаам.

Вай бархосту дари хонаи бачаҳоро кушода, онҳоро ба назди меҳмонон даъват кард.

– Ку, биеёд, бачаҳоям, холаҳош бинанд.

Бачаҳо шармида берун омаданд. Писарак ҳаросида, худро ба қафои хоҳари калониаш, ки ба тахмин даҳсола буд, мекашид.

Баъди ишораи холааш Дилбар бархосту бачаҳоро як-як оғӯш гирифта бӯсид, вале бӯсаҳояш бардурӯғ буд, сару рӯяшонро бо навозиш сила кард, ким-чӣ суханони дилнавоз гуфт, аз киссааш конфетҳо бароварда дод ва дар

охир аз рухсораҳошон пучида монд.

– Номҳошон ғалатӣ будаст, – изҳори тааҷҷуб кард холаи Дилбар. – Алояку Балояк…

– Наход? – ҳайрон шуд Дилбар ҳам. – Алӯлаку Булӯлак номашон?

– Не… Номашон Фаришта ва Фаридун аст. Давлати ман, сарвати ман ана, ҳамин ду кӯдак аст.

Дилбар боз ба бачаҳо даровехту аз хусуси машғулияти онҳо гап пурсид. Чашми холааш чун чашми вай афтод, оҳиста ба таҳсин сар ҷунбонд.

– Дилбар… Биё, зуд маслиҳатро кунеду сонӣ равем. Ман ҳардуро шинос кардам, барои ин куртаи шоҳӣ… – гуфт вай ба даҳлез баромада.

Нусрат матлабро нафаҳмиду ба Дилбар нигарист.

– Хуб, мебинем, – гуфт Дилбар бо як навъ оҳанги истиғно охири суханро шиддатнок карда. Баъд чашмони калон калонашро бо ноз гардонд. – Ҳоли шартҳои ман зиед… Мабодо якбора шунида тарсед, сонӣ чӣ кор меку нем?!

Нусрат саргаранг, балки саволомез ба рӯи Дилбар нигарист. Нигоҳи ӯ мегуфт: “Аз ман боз чӣ мехоҳед?”

– Бед, дароем, – Дилбар оҳиста дасти Нусратро гирифт. Нусрат аз изтироб ба қафо нигарист. Холаи Дилбар ҳамроҳи бачаҳо ба ҳавлӣ баромада буд. Фақат баъд аз ин вай дар дасташ дасти хурду маҳини занро эҳсос кард. Гӯё вай даст не, балки чӯҷаяки нав аз тухм берун омадаро гирифта бошад, онро бо эҳтиёт медошт. “Синнаш ба бисту ҳафт расида бошад ҳам, дастонаш бе оҷинг, сахтакак… Аҷоиб…” – аз дил гузаронд Нусрат. Аз шиддати ҳаяҷон дар ин як дақиқа дили ӯ чунон метапид, ки садои онро равшан мешунид. Сонӣ якбора ӯро ҳолате рӯй дод, ки гӯё ба зани каси дигар даст дароз карда бошад, хиҷил гашт, аз сустиродагии худ ба қаҳр омад.

– Шарти ман бисёр аст, ҷони ширин… Мегӯянд-ку, кори осон лаззат надорад! – гуфт Дилбар бо истиғно тоб хӯрда.

Ҳоло вай дар рӯ ба рӯи Нусрат чунон наздик рост меистод, ки торҳои перешони турраи пешониаш ба рӯи ҷавонмарди мерасид. Вале бо ин наздикӣ овози вай ба гӯши Нусрат гӯё аз дур мерасид.

– Ҳаёти ман, буду нобуди ман ба шумо насиб карда будаст, Дилбар… Боз чӣ мехоҳед?! – гуфт вай хотирпарешон ба рӯи зан табассум карда. Ӯ гумон дошт, ки Дилбар ҳам монанди дигар занҳо фалон қадар курта кун, тӯи бошукӯҳ гузарон мегӯянд.

– Ман на ба кори саҳро мебароям, на ба кори ферма! Ба ман аз идораи колхоз ё ҷамоа ягон кор меёбед. Китобхонаи мактаб бошад ҳам, мешавад.

Ин пешниҳодро ҳаргиз нигарон набуд, бинобар он, Нусрат якбора ошуфта ва парешон шуд.

– Мебинем, – гуфт баъди хеле хомӯшӣ паси сарашро хорида. – Агар ҷои холӣ бошад…

– Сонӣ… шарти асосӣ: ману шумо ҳоло ҷавонем. – А-а… боз умеди фарзанд доштагистед? А?.. Рост не?.. – Дилбар аз ин суханони гуфтааш хиҷолат кашида, лаблабу барин сурх шудани Нусратро дида, худро шармзада вонамуд карду сарашро поён афканд.

Ба миён сукунати гароне афтод. Сонӣ Дилбар сарашро боло набардошта тез-тез гуфт:

– Холаам фарзанд надоранд. Бечора ба садои кӯдак зоранд… Агар писаратонро ба он кас диҳем… Агар розӣ бошед?.. Холаи худам, аз ман зиёдтар меҳрубонӣ мекунанд… – Дилбар ягон бор чашмашро бардошта ба рӯи Нусрат нанигарист, вагарна авзои Нусратро дида, суханашро қатъ мекард.

– Ман шуморо одам гуфтаам… – Нусрат инро гуфту

дарро кушода бо шаст ба берун баромад.

Дилбар аз қафои ӯ нигариста ҳайрон монд.

– И-и, ин касро бинанд… Таҳи гапа нафаҳмида… – ба берун ба назди холааш баромада, изҳори ҳайрат мекард Дилбар.

– Рафтем… Вай ҷавобата дод, – гуфт холаи Дилбар ба роҳ афтода. – Дигар башараашро набинам гӯён бирафт. Фарзандонаш – ҷону дилаш. Инҳоро ту пушти по зада, чӣ хел ба вай зан мешавӣ?! Худо агар одама занад, аз дили одам меҳру шафоатро мебардоштаст, – роҳ мерафту беором ғут-ғут мекард ӯ.

*Соли 1982.*

## МУЛОҚОТ

Меҳрӣ ба мулоқоти Хушвақт мерафт, вале аз ин азми худ норозӣ, дили пургумон, хоҳам-нохоҳам қадам мезад. Хотираш аз он ваҷҳ парешон буд, ки мабодо мисли порина боз фирефта гардад. Вай савганди худро ёд меоварду бештар хиҷил мешуд. “Чаро рад накардам, ҳайронам. Ин Хушвақт маро афсун кардагӣ барин...” – мегуфт вай ба худ аз кардаю нокарда хавотир.

Соли гузашта буд, вай дар умраш бори нахуст ба мулоқоти ҷавоне рафту аз карда пушаймон гашт, дилмонда шуд ва қасам хӯрд, ки дую дубора ин бебасариро ҳавас намекунад. Мулоқоти ронандаи “Волга”-и директори фабрикаашон Хуршед дар дили ӯ ба ҷуз кароҳат таъсироти дигаре наниҳод. Аммо имрӯз Меҳрӣ ба рағми савганди худ, хилофи дастури падару модар, ки “касе, ки хоҳони ту аст, бигзор, ба мо муроҷиат кунад” мегуфтанд, ба мулоқот ризоият дод. “То ин вақт ба ҳар як ҷавони “гапдор”, ба худи ҳамин Хушвақт ҳам борҳо “дар сар ҳаваси муҳол дорӣ” гӯён ба раҳам мерафтам-ку, – аз пайраҳаи камодам қадам мезаду ба худ меандешид Меҳрӣ. – Чӣ кунам, дигар илоҷам набуд. Агар ин бор ҳам нописандӣ кунам, Хушвақт меранҷид... Кӣ медонад, балки духтарон бо ҳамин усул, “наранҷонам” гӯён, бадном шуданашонро нафаҳмида мемонанд. Не, Хушвақт аз он хел ҷавонони ҳарзахаёл не, ба духтарон шилқинию беадабӣ намекунад. Баръакс, шармин, аз сӯҳбати духтарон мегурезад. Сонӣ, вай ҳамту, аз рӯи ҳавас вохӯрданӣ нест, чӣ сухани заруре дорад... Як сол боз дилкашол аст, аммо рӯй кафонда дурусттар гап зада наметавонад. Ду ҳафта боз раҳама мепояд, “як дам истед, гап дорам” гӯён ҳамроҳам рафтан мехоҳад, аммо дар роҳ шиносҳо бисёранд, бинобар он, ягон баҳона ёфта, аз қасдаш мегардонам.

Хуршеди шатрама ҳам худашро ошиқи сӯхта кабоб гаштагӣ барин мегирифт, соли дароз аз қафоям кашола буд, аммо ба мафтунии вай ҳеҷ бовар надоштам. Ҳамту, як бор фаҳмам гӯён ба мулоқот рафтам... Гумонаш ман ҳам аз духтарони кӯчагард бошам, яку якбора дасташро ба китфам партофту оғӯш гирифтан хост, аммо як тарсакӣ хӯрду ба худ омад...

Ҳоло Меҳрӣ ғайриихтиёр ҳамон китфашро, ки дасти Хуршед расида буд, бо кароҳат афшонд. Сипас, номаълум ба худ ларзиду ба раҳаш шитобид. Мулоқоташ бо Хуршед монанди як ҷароҳати носур ҳар боре, ки ба ёд оварад, табъи ӯро нохуш мекард.

Вай дар гулгашти бекас Хушвақти дарозро ба роҳ нигарон диду ғайриихтиёр қадамашро суст кард, балки худ бехабар аз роҳ истод. Ба атроф нигарист – ҳеҷ кас набуд. Як банди гесӯяшро, ки ба пеш афтода буд, даст заду лаҳзае хаёл кард. Дилаш сахт-сахт метапид. "Аҷоиб, ҳангоми ба мулоқоти Хуршед омаданам дилам тахт, бепарво будам-ку... Аз ростӣ, ин Хушвақти хаппак ба дилам алав андохтагӣ барин. Агар ин ҳам ба умеди бӯсу канор маро ба ин ҷо ҷеғ зада бошад, чӣ мекунам?.." Меҳрӣ дасти арақноки Хуршедро ба ёд оварду гӯё олудагиеро пок мекарда бошад, боз даст ба китфаш бурд. "Не, Хушвақт вай барин не. Худо накунад, агар ин ҳам вай барин бошад, чӣ гӯям?.. Э, гуфтан катӣ чӣ суд? Ба як бор заҳри дилро мерезӣ, лекин... умеди мурдаатро чӣ мекунӣ?! Духтарон мегӯянд, ки дар сари ҳамаи ҷавонон ҳамин як савдо – бӯсам, оғӯш кунам. То ба доми худ гирифтан аз шеъру шоирию фалсафаи ҳастӣ сухан мекунанд... Наход, ки Хушвақт ҳам аз ҳамон тоифа бошад?! Агар ин ҳам аз ҳамон хелҳо бошад, умедамро меканам, тамом. Агар Афлотун бошад дам, дигар ба сухани ҷавоне гӯш намекунам!.. Эҳ, Хушвақт, коре карда

умеди маро барбод надиҳӣ, шуд. Охирин умедам. Бори дигар барои ман мулоқот нест. Ҳамааш ба ту вобаста аст...”

Хушвақт ӯро диду ба истиқболаш омад. Меҳрӣ аз пиёдагард бист қадам дуртар маҷнунбеди кокулафшонро диду дар сояи он мунтазир истод – ҳар чи бошад ҳам аз назари одамон панаҳтар аст.

Изтироби дили Хушвақт ҳам зоҳиран кам набуд.

– Ин гул... барои шумо... – ҷавон гулдастаи аз гулҳои рангоранг бастагиро ба ӯ дароз кард. Нафасаш дар гулӯ печида, овозаш меларзиду суханаш берабт меомад.

– Ташаккур, лозим набуд, – гуфт Меҳрӣ лоқайд табассум карда. Вай як-ду сухани ҳазломез гуфтан мехост, вале забон газиду ба худ гуфт: “Ҷиддӣ бояд буд”.

Оҳанги сухани вай сард ва бетарафона буд. Тарбузи ҷавон гӯё ба якборагӣ аз бағалаш афтод – вай маъюс ва пакар шуд. Онҳо хомӯш монданд.

– Чӣ гуфтан мехостед, гӯед, гӯшам ба шумо, – Меҳрӣ инро гуфта бо нимтабассум ба чашми ҷавон нигарист.

– Хайрият, омадед, Меҳрӣ... Кӯки чашмонам канда шуд!.. – Баъд ҷавон якбора гӯё ҷон гирифт. Аз хурсандӣ лабони вай боз гашта қариб ба гӯшаш мерасид. – Намеоед гӯён, хавотир будам... Хайрият. Фолам нек омад... Акнун дилам пур...

– Ман ба вохӯрӣ омадагем не, – аз эҳтиёт пешгирӣ кард Меҳрӣ. – Ҳамту, узр гуфта гузаштаниам. – Вай бо як навъ адои дилбарона, ки ба ҳазлона будани суханони гуфтааш далолат мекард, чашмонашро ба ноз гардонд.

Нигоҳи гоҳе шӯху гоҳи дигар мушавваши духтар ба атроф буд, вай бо дили ларзон ба ҳар як соя менигарист, ба ҳар як садою шарфа гӯш ба қимор буд. Меҳрӣ намехост, ки ӯро дар ин ҷо бо ҷавоне танҳо ба танҳо бинанду сонӣ дар байни шиносҳо “бо йигитҳо мегардад” гӯён ово-

за кунанд.

– Зудтар гӯед, вақти ман танг... Чи мегӯед, гӯед охир!

– Дар сари кор гӯям ҳам, мешуд, лекин... дар дилам армон намонад гуфтам... Як бор вохӯрем...

– Агар духтар ҳар як талабгор катӣ мулоқот кунад, дасту ба даст карда гардад, хуб аст? Ҳамин хел духтара худатон зан мекунед? Не-е! – Меҳрӣ сар ҷунбонду ба завқ хандид. – Аммо дилакатон мехоҳад, ки духтари мардум катӣ дасти ба даст дар кӯчаҳо гардед! Не-е?.. Ё ба шумо ҳамон... духтарони кӯчагард маъқул аст?

– Не, Меҳрӣ, онҳо ба раҳи худ...

– Ба фикрам, ягон ҷавони бамаънӣ, ин хел духтарро хуш намекунад. Агар хуш кунаду ошиқи шайдо шавад ҳам, дер ё зуд дилаш мемонад, ҳамту не?

– Мо онҳоро “бешарму беадаб” мегӯем, онҳо моро “феодали қафомонда” мегӯянд. Аз ростӣ, баъзе ба ману шумо баринҳо тамасхуромез менигаранд. – Гуфт Хушвақт аз он ки мавзӯи гуфтугӯ ёфт шуд, ба дил шодӣ карда.

– Гумонашон мо қафомонда-дия, – заҳрханд кард Меҳрӣ. – Онҳо равшанфикр, пешқадам...

– Дидед, Меҳрӣ, сухани ману шумо аз як ҷо мебароянд, – ба шавқ омада, каф ба каф судани Хушвақт Меҳриро ҳушёр кард.

“Кӣ медонад, балки худашро сӯфӣ тарошида, ин ҳам маро боваридан мехоҳад. Овора нашав, бача, маро фирефта наметавонӣ”, – аз дил гузаронд Меҳрӣ.

– Рафтем. Як бор, фақат як бор дар ҳаёт, илтимос... Не, нагӯед, Меҳриҷон... Ба тал бароем... Шаҳрамонро дар ғуруби офтоб аз баландӣ нигарем... Яъне, ба офтоби ғуруб а-а... савганд хӯрем... Савганди садоқат...

– Ҳиъ. Аҷоиб!.. Ғуруби офтоб, тӯлӯяш ҳам зебо будагист-а? Осмони ситораборашро намегӯед! Рафтем, зудтар!.. Зери лаб писханд кардани Меҳриро Хушвақт фаҳмид,

вале якбора маъюс гашта, ҳатто андаке рангаш кандани ӯро дида, ҳайрон шуд.

– Ман аз дили соф... сидқан...

– Ташаккур. Ман ҳолӣ на ба офтоб савганд хӯрданиву на ба маҳтоб... – Меҳрӣ ба мазохи ӯ оҳиста хандид, вале хандаи ӯ дарднок буд.

– Маро беҳуда азоб надиҳед, – ҷавон бо чашмони кашида, теғ кашида ба Меҳрӣ нигарист. – Шумо беҳуда ба ман бовар надоред. – Сонӣ, баъди тӯй ин хел вохӯрӣ намешавад.

Хушвақт тааҷҷуби духтар ва китф дарҳам кашида, хандидани ӯро дида, дилаш андаке таскин ёфту дубора дар хоҳиши худ исрор намуд:

– Ман... ҷиддан як бор, фақат як бор бо шумо вохӯрдан хостам... Ин ҳам бахт аст, як хотира аст... Сонӣ ба ёд оварда мегардем, Меҳриҷон.

– Ғалатӣ, – боз китф дарҳам кашид Меҳрӣ. – Ману шумо ваъдаи талбарой надоштем... Ё ягон бор чунин қавлу қасам кардам?..

Меҳрӣ ҳоло гумон дошт, ки Хушвақт аз дигар ҷавонон пухтатар амал дорад, қасди бадашро моҳирона пинҳон медорад. “Ҳа, тал ҷои хилвату бекас аст... Хобата рафта ба оби дарёи калон гӯй, номард... Аз одами хаппак тарс, гуфтанашон бегап набудаст...”

Хушвақт шубҳа ва нобоварии Меҳриро медонист. Дарвоқеъ, авзоъи духтар ҳоло ба фиребхӯрда монандӣ дошт.

– Хуб, бед, ҳу, ана, дар он харак мешинем. Дар панаҳи кокулони маҷнунбед!.. – Ба сӯи харак ишора кард Хушвақт.

– Романтика!.. Ҳамаи орзуятон ҳамин аст? – писханд кард духтар. Сипас, ба оҳанги ҷиддӣ гуфт: – Барои шумо ифтихор аст, ҷавони нағз, аммо ба номи духтари бечора

доғ мезанад. Одати халқи мо ҳамин аст.

– Э-э, урфу одати кӯҳна, – даст афшонд Хушвақт.

– Ҳар чизе, ки урф аст, бешак кӯҳна аст, аз имтиҳони замонҳо гузашта аст. Халқ одати зарарнокро нигаҳ намедорад.

– Охир, ҳамту нишастан айб набудагист? – аз гӯлуи Хушвақт гӯё ба ҷои овоз фиғоне берун баромад.

– Барои духтар айб аст. Ман агар мард мебудам, духтари бо ҷавонон дар харакҳои боғ нишастагиро ҳаргиз ба занӣ намегирифтам. – Меҳрӣ инро гуфту қиқиррос зада фиристод. Сонӣ гуфт: – Илтимос, маро ташвиқ, накунед, суханатонро дар ҳамин ҷо гуфтан гиред.

Ҳар ду чашм ба замин дӯхта дуру дароз хомӯш монданд. Меҳрӣ бо нӯги кафшаш ба замини нам хат мекашид.

– Ман ният доштам дасти шуморо гирифта ба тал бароям у ҳар ду дар гувоҳии офтоби ғуруб аҳду паймон кунем, ба вафодорӣ савганд хӯрем... Сонӣ офтобро гусел карда баргардем. Шумо ба кас бовар намекунед, – гуфт ҷавон маъюс, чашм аз таҳи пояш набардошта.

– Ба ман нигаред... – гуфт ногаҳон Меҳрӣ ба чашми ҷавон нигариста. – Савганд ба офтоби ғуруб... Ин чӣ маънӣ дорад?.. А?.. Охир ин... аз “Қуръон”-ку... “Гувоҳии ғуруби тирафом, гувоҳии шаб ва ҳар шайъе, ки он зинда медорад...” дар сурае буд... Шумо...

– Э, не-е, шумо ҳам... расо кони шубҳа будаед-ку!.. Ман калимаи шаҳодатро намедонаму... – ҷавон чунон малул гашт, ки ба вай ҳатто раҳми Меҳрӣ омад.

Ҷавон пурсид: – Тарҷумаи Қуръонро доред?

– Ба тал рафтан шарт не, – изтироби ҳоли ӯро дида, шӯхӣ сар кард Меҳрӣ. – Фардо шумо ҳам аз тирезаи хонаатон нигаред, ман ҳам аз қабати чорум офтоби ғурубро нағз мебинам. Ё худ... аз ҳама хубаш – ба боми ана, он

иморати дувоздаҳқабата бароед! – Меҳрӣ қаҳ-қаҳ заду майнаҳои дар шохи чинор нишаста якбора париданд. Ду мусичаи дар гирди онҳо гаштагӣ ҳам, ба ҳаво боло шуданд.

– Дарвоқеъ, дуруст мегӯед, чаро аз аввал ба хотирам нарасид? – Пешниҳоди ҳазлонаи духтар ба Хушвақт писанд афтод. – Як ҷӯраам ҳамроҳи арӯсаш баромаданашро мегуфт.

Меҳрӣ аз таҳи дил завқида хандид.

– Ман ҳамроҳатон мебароям нагуфтаам-ку!

– Ҳамроҳам мебароед!.. Суханамро... дар ҳамон ҷо мегӯям...

– Ман ҳазл кардам, Хушвақт.

Содагии ҷавон ҳоло дар дили ӯ ҳисси шавқат барангехта буд.

– Меҳрӣ... Ман барои маслиҳати ҷиддӣ шуморо даъват кардам... – гуфт ҷавон озурдахотир ба рӯи духтар нанигариста.

Ҳар ду ҳам дар қайди андеша лаҳзае ба замин чашм дӯхтанд.

Онҳо саргарми гуфтугузор ба назди иморати дувоздаҳошёна расиданд ва лаҳзае истода, ба боло нигаристанд. Иморати бузурги бетонӣ ҳам гӯё бо садҳо чашм ба онҳо менигарист. Дар айвончаю тирезаҳои он ҳеҷ кас наменамуд. Дар се-чор айвонча гул парвариш кардаанд, дар чор-панҷтоаш ҷомашӯӣ овехтаанд. “Агар дар ҳамаи айвончаҳо гул парваранд, ин бино дар назарҳо чунин мудҳишу сангин наменамуд”, – гуфт Меҳрӣ дар дил бо соҳибони айвончаҳо хархаша карда.

– Одамон моро бинанд, девона мегӯянд, – гуфт Меҳрӣ.

– Не, ҳеҷ кас намебинад.

– Аз куҷо медонед? А?.. Кӣ катӣ баромада будед боз? –

савол аз паи савол қатор мекард духтар.

– Бори аввал мебароям... Ҳурмати нон, бовар кунед... Э, кони шубҳа будаед. Ин хел бадгумон нашавед.

– Ягон духтари як бор чашмакӣ занед, аз оринҷатон дошта метохтагиша ёбед! – гуфт духтар зуд димоғ тоб дода.

Вай бо зарда ва итоби хоси духтарон аз Хушвақт рӯ тофту ба ҷониби кӯчаи калон нигарист.

– Ҳамин замон офтоб ғуруб мекунад... – гуфт Хушвақт бо андӯҳ ва аз қафо ба вай наздиктар омад.

– Шумо бароед... Ман дар ҳамин ҷо меистам, – Меҳрӣ ҳамоно бо итоб ба ҷавон пушташро гардонда меистод.

– Илтимос... – ба зорӣ сар кард ҷавон.

– Ошиқи бепула – кораш зорӣ мегуфтанд, бекора илтимос чӣ даркор, – Меҳрӣ ҳоло ошкоро ҷавонро ба тоб мегирифту тоқати ӯро санҷидан мехост.

– Э, аз ростӣ, чӣ гӯям... Ғазаби худо будед!.. Чӣ кунам, ки шуморо дӯст медорам. Маҷбурам як умр тоқат кунам.

– Ҳиъ... Дар дил ҳавасҳо дорам, дасти норасо дорам! Агар боз як бор ман катӣ вохӯред, тавба макунед!

– Меҳрӣ, офтоб меравад... Шумо маро ранҷонданӣ...

– Хуб, мебароему фақат ду дақиқа меистем. Дигар маро гаранг намекунед, – бидиррос зада инро гуфту Меҳрӣ рӯй ба ҷониби Хушвақт овард.

– Хуб, ба чашм.

Онҳо ба сӯи бино рафтанд. Меҳрӣ зимнан атрофиёнро мушоҳида дошт.

– Агар дар он ҷо одамони бад бошанд, чӣ мекунем?

– Одамони бад ба он ҷо намебароянд.

– Аз куҷо медонед? А? Пинҳон накунед, дурӯғгӯ душмани худо...

– Э, тавба!.. Охир, гуфтам-ку, ҷӯраҳоям баромадаанд...

Онҳо пасопеш поғундаҳои ба тарзи симпеч чарх зада боло рафтагиро гузаштанду ҳарсосзанон ба боми иморати баландтарини шаҳр баромаданд.

Офтоб ғуруб карда буд, домани гулгуни осмон мисли сӯхтори азим шаҳрро ранги оташин мезад. Аз рухсораҳои гарми Меҳрӣ гӯё гулоб мечакид. Онҳо лаҳзае рӯ ба шафақ рост истода, онро тамошо карданд.

– Чӣ манзараи зебое, – оҳиста изҳори мафтунӣ кард Меҳрӣ.

– Рӯи шумо барин, – гуфт Хушвақт аз шафақ чашм наканда, – софу покиза...

– Бас-бас... Хуб, ана офтобатон ҳам, гувоҳатон ҳам рафт, – ба маънии "чӣ мегӯӣ?" Меҳрӣ ба чашми Хушвақт нигарист.

Ҷавон оҳиста аз дасти духтар гирифт. Меҳрӣ ба худ ларзиду сараввал хавотир ба атроф нигарист, сонӣ хост, бо як такон дасташро халос кунад, вале қуввае номаълум ба ин иродаи ӯ монеъ шуд. Миёни ангуштони сахти ҷавон дасти вай гӯё як сар гуле буд навшукуфта. Мехост ин дасти сахт ҳар чӣ сахттар дасташро фишорад... Баъд вай аз ин майли худ ваҳм кашид. "Вой, ман мурам, ин чӣ гап, девона-певона шудам магар?! Духтарон бо ҳамин усул бераҳа мешудаанд-дия! Аввал дастатро медоранд, сонӣ..."

Вай зуд дасташро аз дасти Хушвақт раҳо кард. Баъд маломатомез гуфт:

– Фиреб карда то ҳамин ҷо баровардед-е! Ман ҳам гӯл...

– Ҳоло истед... – гуфт Хушвақт бо ангушти ишораташ саҳл ба лабони духтар расида. – Ман суханамро гӯям... Не, аввал як бор фикр кунам...

Хушвақтро як ҳолати пурҳаяҷоне рӯй дод. Ӯ хомӯш ба чашми духтар менигаристу нимтабассум дошт, аз дилаш чиҳо мегузашт, худаш медонисту бас.

– Чашмаки ту – чашмаки ман карда меистем? – гуфт Меҳрӣ.

– Магар нигоҳи инсон забон надорад? Ман аз чашми шумо рози дилатонро мехонам, – гуфт Хушвақт чашм аз чашми маҳбубаш наканда.

– Алифбои чашми ман хоно будаст, лекин...

– Баръакс... Хати кӯҳнаи арабиамон барин хонданаш мушкил, печ дар печ, ҳар кас хонда наметавонад. Фақат ман...

– Аробаи холиро гирифта мегурезед! Хондани шумо ҳам, хондани ман ҳам... баъди тӯю никоҳ маълум мешавад. Ин гапҳо – ҳама пеш аз тӯй нақора аст.

– Шумо... чӣ гӯям... ба одам бовар намекунед... – гуфт Хушвақт.

– Надонам, – гуфту китф боло кашид духтар.

“Ҳамин китф кашида, “надонам” гуфтанаш хам зебо, бетақлид, махсуси худаш, ӯро дилҷӯтар мекунад. Баъзеҳо барин ба ҳунармандҳои телевизион тақлид надорад. Эҳ, дар пояш нишаста, тамоми шаб то саҳар мижа таҳ накарда, ӯро тамошо кунам ҳам, сер намешавам. Бовар намекунам, ки ин фаришта ба ман моил бошад...” – аз дил мегузаронд Хушвақт.

– Эй, офтоб!.. – ногаҳон ба сӯи шафақ даст дароз карду фарёд зад вай. – Ту гувоҳи муҳаббати ман бош!.. Ту кафили саодати Меҳрии азиз шав... Моро ҳамеша аз норостӣ, аз олоиш пок дор, офтоби ҳаётбахш!.. Мо ҳар саҳар баробари ту аз бистари хоб бархоста, ба рӯи ҳамдигар, ба рӯи ту, ба рӯи ҳама мавҷудоти олам табассум мекунем... Мисли ту бо рӯи кушод ва завқи беҳудуд механдем...

Меҳрӣ, ки дар аввал бо даҳани во тааҷҷуб мекарду ба рӯи ҷавон менигарист, якбора баланд хандид. Баъд ҳар ду дуру дароз хандиданд. Агар табъи одам, дили вай

ба ханда ояд, бе ҳеҷ сабаб хандиданаш осон будаст.

– Чаро намепурсед? Балки ман пеш аз ин бо ягон кас ҳамин хел мулоқот кардагистам? – гуфт ногаҳон Меҳрӣ густохона ба чашми Хушвақт нигариста. Вай аз ин савол ду мақсад дошт: аввало, дили ҷавонро фаҳмидан мехост, ки муҳаббати ӯ ҷиддӣ аст ё ҳамту, ҳавас; дигаре, гуноҳашро қаблан гуфта, таънаи минбаъдаро пешгирӣ мекард.

– Медонам, Меҳрӣ, – гуфт Хушвақт чашмаш ба поён сар набардошта. – Ман аминам, ки ягон кори сари маро хам мекардагӣ рӯй надодаст.

– Аз китфам дошту як тарсакӣ хӯрд. Тамом.

Хушвақт ба чашми вай бо меҳр нигариста, сар ҷунбонду ба таҳсин чашм хобонд.

Аз зинапоя сари бачаяке намуд ва зуд поён шуд. Сонӣ садои ҳуштак баромад. Ғолибан, дар зинапоя чорпанҷ тан бачаҳо мепоиданд. Меҳрӣ беқарор шуд. Аз он сӯ садои бачаҳо баланд шуд:

– Э-э!.. Лайлию Маҷнун!..

– Маҷнуни девона!..

Хушвақт ба сари зина рафт, вале ҳеҷ касро наёфт.

– Рафтем... Ман меравам... – гуфт Меҳрӣ, ки ин дам аз хиҷолат ду рӯяш месӯхт.

– Ҳозир... Як дам... Охир ман мехостам...

– Гӯед, чӣ мехоҳед? – гуфт духтар дар рӯ ба рӯи вай истода. Ин бор оҳанги гуфтори вай ситезаомез буд.

Хушвақт дақиқае фикр карду гуфт:

– Мехоҳам шумо ҳамеша, ана, ҳамин тавр дар рӯ ба рӯям бошед... Барои ман аз ин бахти баландтар нест. Шумо офтоби ман, монанди офтоб ҳамеша ба рӯям хандон бошед...

– Боз чӣ?.. Дигар гап надоред? Ҳамааш ҳамин?

– Боз чӣ гӯям?.. Охир... Ман шуморо дӯст медорам!

Аз ин қимматтар, аз ин муҳимтар чӣ гӯям?

– Ҳар як булҳаваси дайду ҳозир гапашро аз ҳамин сар мекунад, – овози вай изтироболуд меларзид.

Меҳрӣ ба сӯи зинапоя қадам монд.

– Аз қафои ман кашола нашавед!..

– Меҳрӣ, хоҳиш дорам, як дам истед... Гӯш кунед... – Хушвақт саросема аз қафои вай омад.

Онҳо пасопеш аз зинапоя поён шуданд.

Дар роҳ Хушвақт бо изтироб аз дасти духтар гирифт, вале вай бо ғазаб таконе доду дасташро аз дасти ҷавон халос карда, ба роҳаш давом кард.

– Меҳрӣ... Ман хабардор карданӣ будам, ки ... Хоҳед-нахоҳед, хостгор мефиристам...

– Чӣ-ӣ? – Меҳрӣ қадамашро суст карду ба рӯи Хушвақт нигарист.

Хушвақт ба духтар баробар шуду аз паҳлуи вай равон шуд.

– Фардо бегоҳӣ... падарам ҳамроҳи ду-се пайвандони дигар ба хостгорӣ мераванд... Падару модаратонро огоҳ кунед гуфтанӣ будам.

– И-и, ин чӣ нағма?! Аз бом тароша афтодагӣ барин... – Чини миёни абрувони духтар кушода шуду чашмонаш беихтиёр хандиданд. – Кӣ ба шумо хостгор фиристон гуфт?

– Охир... Охир, худатон “дар ин хусус ба ман гап назанед, беҳуда, ман падару модар дорам” гуфта буед-ку?

– Хуб, чӣ шудаст?.. Ман хостгор фиристонед нагуфтаам...

Ҳоло вай барқасд худро ба гӯли заданаш маълум буд. Дурахши чашмонаш, табассуми лабонаш рози даруни ӯро фош мекарданд.

Онҳо хеле роҳро хомӯш гузаштанд. Ба Меҳрӣ чунин менамуд, ки дигар суханҳо ҳама зиёдатианд. Дарвоқеъ,

барои вай сухани аз ҳама асосӣ гуфта шуд. Вай ин дам агар сухане шунидан хоҳад, боз ҳамон суханро такрор шунидан мехосту бас. Бинобар он, баъди хеле роҳро гузаштан пурсид:

– Кӣ меравад гуфтед?

– Хостгорӣ... Падарам, амакам, тағоиам...

– Мошини “Волга”-и сафед катӣ оянд-а!.. – Меҳрӣ инро гуфту аз хиҷолат хандид ва зуд рӯяшро бо ду dасташ пӯшида ба қафо баргашта истод.

– Беҳуда хиҷолат мекашед, Меҳрӣ, – гуфт Хушвақт бо табассум аз китфи вай дошта. – Орзу айб не!

– Ҳазл кардам, э гаранг, – вай дасти Хушвақтро оҳиста аз китфаш гирифт.

Оҳанги маҳрамона ва навозишкори сухани ӯ ба як бор дили ҷавонро ба туғьён овард. Умраш бино шуда, вай ингуна сухани дилнавозро бори аввал мешунид. Сухани дар асл дурушту оддӣ ба ин тариқ рӯҳбахшу дилбардор садо доданашро ӯ акнун эҳсос мекард. Ва нахустин бор ин духтари зебою саркаш худро ба вай чунин наздик мегирифт.

*Соли 1982.*

## ДАКАНГ

Дар тарафҳои мо одатан, бачаҳои бебоку ғайратмандро таҳсин карда, хурӯс мегӯянд. Хурӯси даканги ҳамсояи мо Мунира-хола аз ин ҷиҳат комилан ба номаш мувофиқ буд.

Дар байни махлуқоти олам Даканг худро чӣ мепиндошт, ба мо пинҳон буд, вале аз гашташ, аз савлату ғурураш тахмин задан мумкин буд, ки худро аз ҳеҷ ҷонзот кам намедонад. Вай пару боли сурху норанҷӣ дошта, нӯги думаш ба сиёҳӣ моил буд, бениҳоят азимҷусса буда, пою панҷаҳои ғафсу тавоное дошт. Сари мағрури вай бо тоҷи оташинаш аксаран баланд буд ва чашмони сурху шӯхаш ба атроф аҷаб зирак ва бебокона менигаристанд. Парҳои гардани вай монанди тиру камон ба чандин ранг медурахшиданд. Думи бошукӯҳашро намегӯед!

Хурӯс аз ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас биме надошт. Ҳатто ба муқобили мардони чӯбу санг ба даст мусаллаҳ бебокона рост мерафт. Боре вай бо тӯдаи мурғон аз зери тавора раҳ ёфта, ба полизи мо даромада баҳузур ковоков мекард, ки хабар ёфтам. Ман ҳай-ҳайгӯён аз дур кулӯх ғурронда ба тарафи вай тохтам. Гумонам, хурӯс дар мулки дигарон, боз дар сари гуноҳ аз кас меҳаросад. Вале Даканг сар бардошта, оҳиста қийғос зада, мурғонашро аз хатар бохабар карду худаш болҳояшро каме поён гирифта, ҷангҷӯёна рост ба ман рӯ ба рӯ омад. Ман дигар ба пеш рафтан ҷуръат накарда, кулӯх ғуррондам. Даканг ба сӯйи ман тохт. Ман қафогаштаравон ӯро кулӯхборон мекардам, вале хурӯси нобакор чунон моҳирона чап медод, ки сангу кулӯхи ман ба вай намерасид, расад ҳам, мисле ки, вай дардро ҳис намекард. Мурғон аз тавора гузашта берун рафтанду баъд хурӯс, ҳанӯз ҳам бо ду боли андаке овезон, норозиёна қут-қуткунон аз таъқиби ман даргузашт ва якпаҳлӯ-якпаҳлӯ раҳ гашта, аз пайи онҳо рафт. Даканг дар ҳавлии Мунира-хола комилан фармон-

равоӣ дошт. Агар ба каҳ ем омехта ба пеши гов монанд, аввал хурӯс мурғонро оварда сер мекарду баъд гови бечора ба тағора наздик мегашт. То ҷиғелдонашро сер карда, аз сари охур дур рафтани онҳо гов норозиёна пуфу куф карда сар меҷунбонду бас. Албатта, гов ба хурӯс ба осонӣ сар нафуровардааст. Харашон ҳанӯз ҳам хурӯс ба охураш наздик ояд, ду гӯшашро ҷафс карда, пушташро гардонда, бо ҳамин гӯё "набиё, вагарна қӯшлагат мезанам" мегӯяд, вале Даканг аз таҳдид метарсидагӣ бало набошад-чӣ!.. Сагро намегӯед! Саги Мунира-хола Зирак чӣ хел саг аст, ҳама медонанд – аз як нигоҳи ваҳмангезаш дили кас шуввӣ карда мерезад. Ана, ҳамин саги калон тоби бо ин хурӯс рӯ ба рӯ шудан надорад. Зирак аз ҳамаи ҳайвоноти дигар бештар Дакангро хуш намекунад. Ҳатто ҷеғи онро шунидан намехоҳад. Нимишабҳо агар хурӯс ҷеғ занад, саг хобу холуд ғишингос мезанад, ҳасратомез фиғон бармекашад. Рӯзҳо агар дар сари роҳаш хурӯс бошад, Зирак таққӣ аз роҳ бозистода, лаҳзае фикр мекунад, сонӣ аз бало ҳазар гӯён, раҳашро дигар месозад.

Даканг ба кӯча баромада, бо бачаҳои хурдсол ҳам бедодгарӣ дошт. Дар дасти бача пораи нонро дида, қу-қу-қу гӯён гирди вай чарх мезаду як илоҷе карда, нони ӯро аз дасташ мегирифт ва дуртар бурда, мурғонро зиёфат мекард. Худаш намехӯрд, гоҳе нӯл зада, ба мурғон нонро реза карда медод. Баъд, то ки мурғон бехавотир нон хӯранд, атрофро посбонӣ мекард. Аммо ҳаққашро гуфтан даркор аст – Даканг кӯдаконро дӯст медошт. Агар ду бача даст ба гиребон шаванд, филфавр қут-қут-кунон ба сари моҷаро меомад ва кадоме дар ин муқобала фаъолу зӯрнамо тобад, ёлашро хезонда ба вай таҳдид мекард, ҳатто ҷаҳида бо болаш мезад.

Овозаи зӯрию далерии Даканг ба дуру наздик паҳн гашту аз ҳар тараф хурӯсбозон омада, харидорӣ ҳам карданд, вале ҳамсояҳо ба фурӯхтани он монеъ шуданд. Як

нафар хурӯсбози гузаро нархи онро ба дусаду панҷоҳ сӯм баровард. Мунира-хола дигар худдорӣ карда натавониста мулоим гашт. Аммо ин бор ҳам, хайрияти кор, ҳамсояҳо ғун шуданду савдоро вайрон карданд. Хусусан, Саркор-амак сахт истоданд. Он кас Даканг катӣ расо ҷӯраи наздиканд. Доим аз киса ягон чиз баровардa вайро зиёфат мекунанд.

– Сесад медиҳам гӯяд ҳам, надиҳед! Раис меҳмони аз марказ омадагиро ба ҳамин кулбаи шумо барои чӣ овард?! Аз айвони шумо маҳ надидаст! Барои ана ҳамин хурӯс! Ду марди баобрӯй-а! – Ман гӯсфанд кушта чеғ занам ҳам, намеоянд, – гуфтанд он кас ба Мунира-хола. Он кас бесабаб номи раисро ба миён наоварданд. Баъди ин сухан Мунира-хола агар ҳазор сӯм диҳанд ҳам, ба фурӯхтани хурӯс ҷуръат намекунанд-дия!

– Рост, рост, ин ҳам ҳусни деҳа-да, – ба гап ҳамроҳ шуд Ҷаббори шофёр. – Ман аз сафар меоям, ҳар бор аз дур сафедорҳои Ҷӯи калонро бинам, дилам гум мезанад! Дар ҳар вилоят мегардам, аҷоибу ғароиби бисёрро мебинам, лекин ин хел хурӯс дигар нест. Дар ҳар ҷое хурӯси ба ин монандро бинам, валлоҳ ки аз роҳ истода, як дам менигарамаш. Лекин онҳо куҷою ин!.. Ба ҳар ҳол, хурсанд мешавам. Даканг аз пеши назарам мегузарад. Деҳаамонро дидагӣ барин мешавам. Рости гап-дия, агар дар деҳа ҳамин Бобои Наҷоти ришсафед набошад, сафедорҳои Ҷӯи калон ё ана, Даканг ва боз як-ду чизи дигар набошад, дар ошамон намак набудагӣ барин... Рости гап... Монед, зеб дода гардад! – хоҳиш кард вай. – Пули ҳамин катӣ бой намешавед, бе ҳамин пул камбағал ҳам намегардед.

Дар ҳақиқат, хурӯси Мунира-хола тамошое дошт! Сару гардани бошукӯҳашро рост дошта, ба тамоми ҷонзоти дунё бо виқор, балки тамасхуромез, ким-чӣ хел баробароҳанг ва каҷ-каҷ нигаристани он, худро ҳамчун

соҳиби мутлақи ин атроф ҳис карданаш ҳар касро ба ваҷҳ меовард. Овозашро намегӯед! Софу ҷарангосӣ ва бағоят дароз. Пирони деҳа мегӯянд, ки вай шабҳои бӯронии зимистон ҳам вақтро хато намекунад. Аввал Даканг чеғ мезадасту сонӣ хурӯсҳои дигари деҳа ба вай ҳамовозӣ мекардаанд. Боз мегуфтанд, ки ин хурӯс ҳаргиз чеғи бемаҳал надорад.

Як пагоҳӣ ман гувоҳи воқеаи аҷоиб будам ва ғайриихтиёр ба ҳамлаи Даканг гирифтор гаштам. Офтоб як қади найза баланд гашта буд. Говамонро ба пода ҳамроҳ карда меомадам. Пешопеши ман ҳамшираи шафқат Ҳабиба-апа мерафт. Ҳабиба-апа ду моҳ пештар тӯй шуда, ба гузари мо омада буд. Аз рӯйи одат, ҳамчун арӯси нав ҳамеша сару либоси оҳорӣ мепӯшид. Ин пагоҳӣ ҳам дар танаш куртаи атлас, чунон ки очаам мегӯяд, алав барин дармегирифт. Ногоҳ Дакангро дидам, ки қут-қуткунон ба сӯйи Ҳабиба-апа метозад. Ҳабиба-апа хурӯсро дида тарсид! “Э, вой!.. Киш-киш, э, исқот!” гӯён худро аз як тарафи роҳ ба тарафи дигараш мезад, вале Даканги шум аз вай ҷудо намегашт. Ман дар як миҷҷа задан дар байни Ҳабиба-апаю хурӯс қарор гирифтам. Ба миён даромадани ман ба Даканг нафорид магар, шикоятомез, баланд-баланд қут-қуткунон ду-се қадам қафо гашту баъд ёлашро як ваҷаб хезонда, ба рӯям чунон ҷаҳид, ки агар чап намедодам, рост чашмамро меканд.

– Рӯхунук чанд рӯз аст, ки раҳи маро мепояд, – гуфт Ҳабиба-апа шикоятомез ба занҳои ҷамъ шуда. – То аз ҳамин ҷо гузаштан дилам гуп-гуп мезанад. Намедонам, ман ба вай чӣ бадӣ кардам? Дирӯз ҳам то лаби ҳавз аз қафоям тохт.

– Ин хурӯс девона шудагӣ барин, – гуфтам ман ҳангоми девонагӣ ба ҳар як ҷонвари пеш омадагӣ ҳамла кардани ҳайвоноти касалро ба хотир оварда.

Бо шунидани ин сухан ранги рӯйи Ҳабиба-апа дока

барин канд: – Наход?.. А? – Лабонаш пир-пир парида, дар изтироб ба ҳозирон нигарист вай. Чашмони ҳаросонаш гӯё аз ҳар яке алоҳида-алоҳида дархост дошт: ин тавр набудагист, гӯед, ки ин гап нодуруст.

– Не, натарсед, келин, – ҷавонзанро ҳамсояи дигари мо – Робия-хола таскин дод. – Одати хурӯс ҳамин хел аст, намедонед-чӣ? Ба матои рангин ӯч мешавад. Хурӯс ранги сурхро махсусан нағз мебинад.

Ин суханонро шунида, аз ҳама пештар ман ҳайрон шудам. Як-ду рӯз шинам ҳам, хезам ҳам, ин хислати аҷиби Дакангро мегуфтам. Ба бачаҳо гуфтам, ба модарам гуфтам, додом аз кор омаданд, ба он кас гуфта, сабаби ин хислати хурӯсро пурсидам. Ба ашёи рангин фақат Даканг не, аксарияти паррандагон вобаста будаанду ман бехабар. Додом гуфтанд, ки дар кӯҳсор, бо чодири қуроқи рангин кабкҳоро ҷалб карда, сайд мегиранд. Чодири рангиро дида, кабкҳои хушилҳом ба даври он ғун мешудаанд.

* * *

Даканг баъди як соли ин воқеа ҳалок шуд.

Зимистони ҳамон сол, пеш аз ҳалокаш, вай бо шағол дарафтоду хеле зарбу лат хӯрда, пакар гашта буд. Ҳама мегуфтанд, ки шасти хурӯс гаштагӣ барин. Як шаби сармоӣ шағоли гуруснае ба мурғхона медарояду ба Даканг рӯ ба рӯ мешавад. Зираки гаранг дар кадом каҳхона ё ҳезумхона масти хоб будаст магар, хурӯси шӯр бо дарранда тан ба тан хеле ҷангидаст. Мурғхона аз пашми шағолу аз пати хурӯс пур гаштаст-е! Оқибат тапар-тапару қийғоси мурғонро шунида, Мунира-хола бел дар даст омадасту шағол ба зӯр пояшро кашола карда гурехтаст. Зимистон гузашт, баҳор расид. Охирҳои баҳор Мунира-хола ба зери мурғи чипораш тухм монду он бист чӯҷа баровард.

Чув-чуви чӯҷаҳо, қут-қути очамурғ аз саҳар то шом ба гӯш мерасид. Ман баъзан ба пеши тавораи боғ омада чӯҷаҳоро тамошо мекардам. Сонӣ, як рӯз Даканг гурбаи моро пешандоз карда, ба ҳавлиамон гузашт. Агар гурба саросема худро ба хона намезад, ба ҳай-ҳайи мо гӯш накарда, хурӯс онро лахта-лахта карданаш як амри воқеӣ буд.

Баъди берун рафтани Даканг ман гурбаро маломат кардам:

– Гурбаи бефаҳм! Ба ҷойи чӯҷадуздӣ муш гирӣ, мемурӣ?! Дар анборча як ҷуволи дуруст намондаст, ҳамааш сӯрох-сӯрох, дилашон чӯҷа мехостааст! Аҳмақӣ ту! Як бори дигар рав, Даканг чашматро канда ба дастат медиҳад.

Баъди як ҳафтаи ин ҳодиса хурӯсро дар назди катаки чӯҷаҳо мурда ёфтанд. Монанди як тӯб атласи рангин ором хобидани ӯро ҳеҷ дар тасаввур ғунҷонда наметавонам. Дуртар аз он море мурда афтодаст. Очамурғ чӯҷаҳояшро аз он ҷо дуртар бурданӣ буд, вале чӯҷаҳо ба сӯйи мори мурда гарданчаҳояшонро дароз карда менигаристанду чув-чув доштанд. Баъд, яке аз чӯҷаҳо кам-кам ба мор наздик шуду тарсон-тарсон оҳиста онро нӯл зад ва ҳаросон худро қафо гирифт. Сонӣ дигаре ҷасуртар гашта ба мор нӯл зад, сипас сеюмӣ...

– Офарин, Даканг! – гуфтам ман беихтиёр овоз бароварда. – Хурӯси ҳақиқӣ буд! – Ва ба умеди он ки ҳозирон маро дастгирӣ мекунанд, ба атроф нигаристам.

– Агар ин хел шуданашро донам, мефурӯхтам, – гуфт Мунира-хола бо афсӯс.

Амаки саркор аз зери бурут табассуми маънидоре карданду қафогаштаравон кинояомез гуфтанд:

– Чӣ кор кунам, додои пирам пагоҳ-фардо мемурад гӯён, ман ҳам ба як табақ сабӯс ивазаш кунам?..

*Соли 1980.*

## ОМАДУ РАФТ

*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

*Хайём*

Кулол дар мундӣ об хӯрдагӣ барин, Усто Равшан як умр барои мардум иморат сохт, вале пеши хонаи худро айвон пӯшида натавонист. Гоҳ чӯби даркорӣ набуд, гоҳ – фурсат, гоҳи дигар – ҳавсалаи иморатсозӣ. “Барои иморат кардан дили қавӣ даркору умеди дароз”, мегуфт ӯ. Зотан, дар ин бобат мардуми тоҷик тараф надорад. Зан намегирад, асп намехараду аввал иморат месозад. Ӯзбекҳо бесабаб намегӯянд: “Тоҷик бой бӯлса, том соладӣ”. Аммо вай ҳаргиз давлатманд нашуд. Ҷавон буд, шабу рӯз кор карда, пайдояшро сарфи хонадоршавӣ сохт: девори ҳамин ду хоначаро бардошт, хароҷоти тӯи зангириашро омода кард. Аз хонадориаш як-ду сол нагузашта, пасопеш додару хоҳарони аз падар барвақт ҷудо гаштагиаш ба камол расиданду дари хонаи ҳар якеро кушодан ба зиммаи вай афтод. Дар тӯли чор-панҷ сол вай сар шуда, ин қарзи бародарии худро ҳам адо кард, нони ҳар кадомеро ба дасташ дод. Ана, сонӣ... Сонӣ артелу колхоз ташкил шуду вай, асосан, барои колхозҳо аробасозӣ кард. Турнақатор писаронаш ба пой даромада-надаромада мурданд, фақат ҳамин духтаронаш нонхӯру куртадаррон мешуданду, ғами хӯроку пӯшоки онҳо пеш баромад. Не, фарзандони вай нозпарвард набуданд: ҷояш омад занашу се духтараш як кафшро бо навбат пӯшида, зимистонро мегузаронданд.

Баъд ҷанг сар шуд. Усто Равшан як хона ҷонро ба қавли худаш ба худо супурду ба ҷанг рафт. Сад сол аҷал борад ҳам, аҷалаш расидагӣ мемирад гуфтани пирон бесабаб набудаст. Вай аз борони тиру теғ гузашт, чор сол

марг соя барин ҳамқадаш буд, вале сиҳату саломат ба хонааш баргашт. Ба хона омад, вале ҳеҷ бовараш намеомад, ки вай зиндаю саломат омадааст. Се-чор ҷои баданашро тир лесида рафт, аммо безиён. Теша задагӣ барин дар ҳар ҷои бадан захмаш монду бас.

Баъди ҷанг аҳвол чӣ буд, ба ҳама маълум – шикам сер бошад, хушбахтӣ буд. Сонитар, акнун оҳам боло мешавад гӯяд, дар сари кор ба пояш пойтеша заду маъюб гашт. Усто Равшан аз ҳамон воқеа инҷониб аз одами пургап қимоб гаштагӣ. Лаққӣ аҷали мӯйсафед аст. Ҳамин ки ягон кас дар назди вай суханро ғоз дод, усто гӯё ягон чизашро гум карда бошад, аввал ҷайбашро мекобад, сипас сараш гаштагӣ барин оҳиста қафо гашта меравад.

– Одами лаққӣ касофат аст, – мегӯяд ӯ мухтасар. Баъд ба ҳамсӯҳбати аз саргузашти вай бехабар эзоҳ медиҳад: – Як марди лаққӣ дар пешам нишаста, ҷоғ зад-ҷоғ заду поямро пойтеша гирифт.

Замона тинҷ шуд, дар шаҳру деҳот серию пурӣ барқарор гашт. Фарзандони усто пасопеш ба камол мерасиданду ташвиши хонаю дари онҳо ӯро бесаришта мекард. Ба замми ин, оҳиста-оҳиста касбу кори вай аз равнақ монд: ба колхозҳо дигар ароба даркор нашуд. Мӯрча барин ҳама ҷоро мошину трактор зер кард. Он солҳо колхозҳо ба аъзоёни худ нафақа намедоданд. Усто Равшан андаке дасту по хӯрд, вале зуд ҳисоби корашро ёфт: шабе дар хоб марҳум падараш ба вай гаҳвораи мунаққашеро нишон дода, маънидорона ишора кард. Устои пир аз ҳамон рӯз ба гаҳворасозӣ шурӯъ намуд. Вай аз рӯи шартномаи артел ҳафтае ду гаҳвора сохта медоду моҳе ҳафтод сӯм музд мегирифт. Эҳ, барои чӣ қадар кӯдакон ӯ гаҳвора сохт! Тоҷикон гаҳвораи кӯдакро азиз медоранд, шикастан, сӯхтан уболи сахт мегӯянд. Бо як гаҳвора қатор-қатор фарзандонро ба раҳ медароранду вақте ки

даркор нашуд, ҳатман онро ба ягон ҳоҷатманди дигар медиҳанд.

– Дар шаҳр баъзе ҳамадонҳо ба ҳамин гаҳвора ҳам ало нигаристанд, – мегуфт усто ба ҳамсӯҳбатонаш. – Мероси бойҳо будаст, намедонистаем. Ба бача ҳам зарарнок будаст. Э, тавба, фасли зимистон, барои хушк кардани парпечи як кӯдаки бегаҳвора чанд сандалӣ даркор, ҳисоб карда бошанд ё не? Яктааш аз гаҳвора рӯ тофта, барои кӯдакаш катча харидаст. Як ҳафта нагузашта, хонааш чунон бадбӯй шудаст, ки одами даромадагӣ нафасгир гаштаст. Оқибат занаш омада гаҳвора фармуд. Хайр, ин хелҳо ҳам дарди бахайр, гапи бефаҳм алам намекунад, аммо баъзе духтурҳои дубдуруст ҳам ба гаҳвора ало менигаранд. Дасту пои бачаро бастан хуб набудаст! Хӯш, бача агар рост хоб кунад, беҳтар аст ё дуқату сеқат хобиданаш дуруст? Сараш пачақ мешудаст!.. Охир ин гуноҳи гаҳворaю гаҳворасоз не-ку! Барои дӯнг нашудани пушти сари бача занҳо ба таҳи болишти онҳо тахтача мемонанд. Ба сари дӯнг тоқӣ нағз намешинад, мегӯянд.

Гаҳвораҳои сохтагии вай зеби ҳар хонавода шуд. Нақшу нигори он, дастаи кандакориаш, қуббаҳояшро одамон бо завқ тамошо мекунанд. Хоҳишмандон то ҳол меоянд, интизоранд, ки пирамард зудтар сиҳат ёфта барои навзоди онҳо гаҳвора созад. Усто ба се-чор тан шогирдонаш ҳунарашро омӯхт, аммо ҷавонон ба раҳи худ рафтанд. Ду-се тан аз паи дигар касбу кори даромаднок рафтанд, ду-се тан “барои артел мешавад-да” гӯён хому хатал кор мекунанд. Ҳунарро хор кардан даркор не, аз ин кори худ оқибат пушаймон мешаванд, аммо инро намефаҳманд. Албатта барои артел фарқ надорад, гаҳвораи кандакории ман ҳам, чорчӯбаи нимтарошидаи онҳо ҳам баробар аст. Дар ин миён ҳунар аз байни халқ гум мешаваду меравад, барои ҳамин дилам алағда аст. Дар хонааш

Ҳасани нонвой гаҳворапӯши махмалинро бароварда нишон дод, ки ранги гаҳвораи артел зада ночиз кардаст… Аз кори ҳамкасбон ман ҳиҷил мондам. Хайр, навбати ман гузашт, дигар аз ин дард халос хӯрданам даргумон аст. Ҳа, акнун ба марра расидам. Фарзандон, набераҳо амон бошанд...

Усто Равшан як ҳафта боз дар бистари беморӣ хоб карда, ҳамаи ин гапу кори рӯзҳои гузаштаро ба хотир меовард, ба роҳи умри худ такрор ба такрор нигариста, воқеаҳо, одамон, қонуну қоидаҳо – ҳамаро хаёлан аз пеши назар мегузаронд. Ҳоло вай як ҳафта боз ба даст теша нагирифтааст. Устои пир ба дастони шахшӯлу дурушташ нигариста, фикр мекарду фикр мекард.

Бо амри духтур, ба назди вай қариб ҳеҷ касро раҳ намедиҳанд. Аз ҷояш бархостану дасту рӯй шустан ҳам мумкин набудаст. Хайрият, ба беморхона набурданд. Духтур расо якравӣ кард, аммо вай қатъиян сар кашид. Солам бо як ҷо расидагӣ, агар бимирам, дар назди фарзандонам бимирам, гуфт.

* * *

Имрӯз аз саҳар дили усто Равшан буғз кардагӣ барин ғаш дорад.

Бомдод барвақт, аз хоб бедор шуду ба пойгаҳи хона фаромада, бо оби хунук таҳорат кард, дасту рӯй шуст. Намози бомдодро хондан хост, вале мадораш нарасиду ночор омада, дар сандалӣ нишаст. Хона хунук, тирезаҳо ях бастагӣ наққошӣ барин. Оташи сандалӣ ҳам таҳи хокистар мондаст. Ӯ хам шуда хокистари онро ба як сӯ гирифтан хост, вале худдорӣ кард. Баъд термосро аз токча гирифта чойи гарм рехта мехӯрд, ки ҳамсараш аз хоб чашм кушоду дар сандалӣ нишастани ӯро дида, фиғон баровард:

– Чӣ хестед? ... Охир духтур хоб кунанд гуфт, надониста намегӯяд. Дилашонро хун карда мегӯянд-мегӯянду шумо аз донистагии худ намемонед. Ба гапи духтур гӯш накарда ягона писаратонро аз даст додем, ҳамин сабақ нашуд? Агар сари вақт ба духтур мебурдем… Аз гулӯзиндонак ҳеҷ бача намемурдаст, – гуфт пиразан аз бистар бархоста рӯмолашро ба сар баста.

– Эй оча, ҳамаша дар пешонии ман, ана, дар ин ҷо навиштагӣ бошад, чӣ чора?! – мӯйсафед дасташ катӣ ба пешониаш зад. – Кӣ аз қисмат гурехта халосӣ ёфтаст?!

– Қисмат гуфта ҳеҷ кас худашро аз бом намепартояд.

– Парво накун, оча, – гуфт усто бо нимтабассум ва ба рӯи ҳамсараш зеҳн монда, дурудароз нигарист. – Ман умрамро дидам, аз зиндагӣ ҳар чӣ насибам буд, гирифтам… – Ӯ лаҳзае сукут карду сипас илова намуд: – Кошкӣ, ҳамаи шумо ба синни ман медаромадед.

– Э, ин қадар чӣ дидед? – даст афшонд пиразан. – Меҳнати дунё катӣ гузаштагӣ умр ҳам умр аст? Хуни ҷигар катӣ фарзанд калон кардед, акнун роҳаташро бинед-дия. Ана, Олимбою Ҳалими Ҷазза аз шумо калон, моку барин давида гаштаанд.

– Шукр кун, оча, шукр гӯй.

Пиразан ба андоми мӯйсафедаш нигариста, ботинан андаке осуда шуд. “Сип-сиҳат барин-а, одами дидагӣ ҳаргиз касал намегӯяд, – мегуфт вай худ ба худ. – Касали ганда бошад, одам ин хел хандида мешинад-чӣ?! Рангу рӯяшон ҳам суп-сурх. Э-э, духтур ҳам одам-дия, авлиё шуд-чӣ!”

* * *

Баъди наҳорӣ шикастан фурсате аз миён нагузашта ҳамшираи шафқат омаду ба усто дору гузаронд. Усто

Равшан мисли ҳар рӯз ба кори вай беэътино менигаристу бепарво ҳазлу шӯхӣ мекард, базлагӯӣ дошт. Ҳамшираи шафқат ҳангоми хайрухуш таъкид кард:

– Дардатон рӯ ба беҳӣ овардааст. Лекин баъзан ин дард касро фиреб медиҳад, бобоҷон. Аз ҷоятон нахезед, наҷунбед. Ба наздатон камтар даро-баро кунанд.

Баъди рафтани ҳамшираи шафқат хабари ба беҳӣ рӯ овардани ҳоли усто ба гӯши атрофиён расиду пеш аз ҳама ҳамсояи девор дар миён – Маҳмудбек, ки мудом вазъи сиҳатии ҳамсояашро пурсон буд, як пиёла асал дар даст дар таҳи дар пайдо шуд.

– Ассалому алайкум…

Ҳамсари усто зуд баромада, ба саломи меҳмон алек гирифта, ҳолҷӯӣ кард.

– Амаки усто камтар беҳбудӣ ёфтаанд гӯён шунидаму аз хурсандӣ дар хона истода натавонистам. – Маҳмудбек пиёлаи асалро дароз кард. – Хайрият, хайрият… Очаи бачаҳо ҳамин хел гуфту хурсанд шудам.

– Ҳа, шукр, имрӯз андаке беҳтар. Ҳоло мадори хестан нишастан нест…

– Ҳой, Маҳмудбек! – аз дарун овози гирифта ва беҳоли усто баромад. – Дароед, ҳамсоя… Э, дидор ғанимат-е!

– Э -э, ин хел нагӯед, Усто-амак, – Маҳмудбек ночор аз дар сар даровард. – Хайрият, хайрият… Э-э, дуб-дурустед-ку! Инҳо расо воҳима кардаанд, – вай аз дар даромаду дар пойгаҳ истода хам шуду дасти пирамардро фишурда вохӯрӣ кард.

Ҳамсоя дар нишастан таъҷил намекард ва пайваста истиҳола дошт, вале хоҳиши беморро рад карда натавонист. Пиразан ҳам ночор хомӯш монд.

– Бед, домулло, бед гузашта шинед, – усто меҳрубонӣ мекарду ҳамвора ба меҳмон аз гирди сандалӣ ҷой нишон медод.

Пиразан зуд ба пешгаҳи сандалӣ кӯрпачаи нав андохт.

Баъди меҳмонро шинонда, хуш омадед гуфтан, пиразан пуштнокӣ роҳ гашта, дар байни ҳолпурсию ҳолҷӯии меҳмон ва бемор оҳиста аз дар баромад. Аз миён лаҳзае нагузашта вай баргашта омад, дастархон густурду дар рӯи сандалӣ нону мавиз ва қандалоту мураббо монд.

Маҳмудбеку усто Равшан як чойникча чойро нӯшида, хеле чақ-чақ карданд. Усто аз сӯҳбати ҳамсояаш чунон хушнуд буд, ки чанд бор қоҳ-қоҳ хандида, занаш ва духтаронашро хавотир кард.

Баъди рафтани ҳамсоя духтари кенҷаи усто ҳамроҳи модар ба ҳузури падар даромаду баъди салому ҳолҷӯӣ гуфт:

– Дада, ин хел сахт нахандед, раги дил нозук аст, мегӯянд.

– Парво накун, духтарам. Агар соати умри одам адо гашта бошад, аз ҳисоби умри кӣ мегардад?

– Ҳамин тавр аст, лекин эҳтиёт ҳам шарт.

– Писаратро наовардӣ? – якбора абрӯи усто Равшан чин гирифт.

– Овардам. Дар берун, барфбозӣ мекунад.

– Ҳа, хайрият, – таскин ёфт мӯйсафед. – Агар намеовардӣ, ба роҳат гардонда мефиристодам.

– Ваҳ, ин қадар… Шукр, понздаҳ набера доред-ку!

– Меҳри ҳар кадоме алоҳида. Меҳри вай дигар хелтар… дар ҷигари ман реша дорад, – гуфт устои пир андешаманд.

Хоҳари усто мисли ҳаррӯза омада, дар хонаи дигар менишаст. Вай аз янгааш аҳволи бародарашро пурсид ва себу анори барои бемор овардагиашро дода рафт. Усто Равшан чандин сол боз бо хоҳараш қаҳрӣ аст. Хоҳар, қариб бист сол қабл аз ин, боре дар сари хархаша ӯро бепи-

сар гуфта таъна карда буд. Баъд пеши акояш чандин раҳ узр гуфт, вале усто дигар ба рӯи вай нанигарист. Аз он гап ин ҷониб хоҳару бародар ногапанд. Агар хоҳараш бемор шавад, усто ҳамсарашу духтаронашро бо навбат ба хонаи вай фиристода, ғамхорӣ ва меҳрубонии худро дареғ намедорад, вале худ ба рӯи хоҳар наменигарад ва ба саломи ӯ алек намегирад.

– Хоб кунед, дада, – хоҳиш кард духтар, аммаашро гуселонида омада. – Шумо як моҳ бояд аз ҷоятон нахезед. Як ҳафта хоб накарда, ин хел чақ-чақ… Аммаам омада аҳвол пурсида рафтанд.

– Дарди пояш азоб надодаст? – аз вазъи сиҳатии хоҳараш пурсон шуд усто.

– Не, дуруст.

– Ба вай гӯй: доим чой хӯрда гардад. Чойники чой аз пешаш канда набошад.

Аз берун овози марде ба гӯш расиду аз хонаи дигар ҳамсари мӯйсафед берун шуд. Пиразан дар ҷавоби пурсуҷӯи он мард аз хусуси сиҳатии усто мегуфт:

– Шукр, имрӯз андаке дуруст, хеста нишастаанд. Духтур нахез гуфтагию… Дароед, – гуфт кампир нӯгизабонӣ, вале дар даъвати худ исрор накард. Равшан буд, ки ӯ ба назди бемор даромадани меҳмонро намехоҳад, вале ночор аз рӯи одамгарӣ, илтифот мекунад.

– Хайр, як бинам.

Азбаски як гӯшаи хонаи дигар вазифаи ошхонаро адо мекард ва лоиқи бегонагон нишон додан набуд, барои меҳмон дари хонаи беморро боз як бор аз берун кушоданд.

Салимбои ҳаммаҳалла аз дӯстони ҷавонии усто Равшан буд. Солҳои охир бар асари пирӣ андаке серҷоғтар гашта ва аз ин ҷиҳат усто аксар ҳангом аз сӯҳбати рафиқаш мегурехт. Агар дар чойхона се-чор тан нишаста бо-

шанд, ҳамин ки Салимбой омада, лаҷоми суханро ба дасташ гирифт, ӯ бо ягон баҳона оҳиста аз ҷо мехест ва аз паи кору бори худ мерафт. Бемор ҳоло ӯро дида, аз таҳи дил хурсанд шуд.

– Салимбой, бед-бед, дароед, дароед, ҷигарам.

– Ассалому алайкум…

– Эҳтиёт зарур-дия, – гуфт пиразан бо овози паст ба меҳмон, – бисёр ба гап нагиред, амри духтур…

– И-и, рангу рӯй хурӯс барин-ку! Росташро гӯед, сечор рӯз ба келин худатонро эркаю азиз карданӣ шудед-а?! – ширинмақолӣ мекард Салимбой.

Вай аз дар ворид гашту аз қафояш боди тунду барфолуд ба хона зад. Меҳмон бафурҷа барфи сару танашро дар пойгаҳ истода афшонд, сухангӯён калӯшашро кашиду дар по маҳсӣ ба сӯи бемор хам шуда, вохӯрӣ кард. Сипас ду дона анори дастовез овардагиашро аз бағал гирифта, ба рӯи сандалӣ гузошт ва ҳарсосзанон як кодоки онро пур карда нишаст.

* * *

Тарафи шом аҳволи Усто Равшан ногаҳон бад шуд.

Ду духтараш аз деҳа хабаргирӣ омада, як соат пеш рафта буданд. Духтари кенҷааш писарчаашро пешандоз карда, ба хонааш равона буд. Пиразан ними мурғи аз дирӯз мондагиро ба дег андохта, барои бемор мурғшӯрбо мепухт. Вай аз паи наздиконаш бачаҳоро тозонд. Соате аз миён гузашта-нагузашта ҳама дар сари болини бемор ғун шуданд.

– Канда шуд… Канда шуд… – гуфт мӯйсафед бо дард даст ба болои дилаш ниҳода. – Ҳа… аниқ фаҳмидам… канда шуд…

– Сад бор гуфтам, худатонро эҳтиёт накардед, – бо чашмони пуроб фиғон баровард пиразан.

Духтари хурдӣ ҳамроҳи духтур аз дар ворид гашт. Ҳар як чашми вай як коса об гашта, аз изтироб гоҳ ба андоми падар менигарист ва гоҳи дигар ба чашми ҳозирон ва аз симои хатари пеш омадагиро фаҳмидан мехост.

– Э, духтарам, беҳуда инҳоро овора кардӣ… Умре, ки дода буд, адо шуд. Умри кӣ катӣ мегардам?!

– Э, монед, дада, ин хел нагӯед.

Духтур баъди муоина ба ҳамшираи шафқате, ки ба амри ӯ нигарон рост меистод, фармуд ба бемор дору гузаронад.

Ҳангоми рафтан вай ба пиразан ва духтари усто, ки гуселаш мекарданд, оҳиста гуфт:

– Тайёриатонро бинед…

Дар сари болини бемор фарзандон ва хешу ақрабои наздик ғун шуданд. Яке падарро дилбардорӣ дода, умедворӣ мебахшид, дигаре хомӯш ашк мерехту бо азобе фарёдашро дар сина нигоҳ медошт, сеюмӣ Салимбойро лаънат мекарду худро маломат.

– Шукр… ҳазор бор шукр… – изҳори қаноатмандӣ кард усто. Сонӣ ба наздикони худ рӯ овард: – Ҳаво хунук… Хайр, гӯрам кофтагӣ… Ковонда… гӯрковро розӣ карда будам… Мекушоянду бас… Фарзандонам… пулу мол надорам… Ҳамин як қолинро ба Теша – қассоб диҳед… чорсад – панҷсад медодагист… Харҷи гӯру чӯб… Дар ҳавои хунук… мушкил шуд…

– Розӣ шавед, – фирқ-фирқ гириста, даст ба китфи бемор молид пиразан.

– Ҳазор бор… розӣ… Аз ҳама… ҳамаатон як бар даҳ… розиам.

– Ако… акоҷон… – хоҳари усто аз ҷояш бархоста ба сӯи бемор наздиктар омад. Вай бад шудани авзои акояшро шунида, расида омада буд.

– Барака ёб, – гуфт усто ба зӯр сар ҷунбонда ба сӯи

хоҳар.

Мӯйсафед хомӯш гашт. Дақиқае дар хона сукунате фурӯ афтод, ки чиқ-чиқи соати андаруни ҷевон равшан ба гӯш расид. Баъд бемор боз ба гап даромад:

– Хоб дидам… Ба худам аён буд... Асп маро гирифта андохт... Медонистам… Афсӯс ҳаво носоз омад… Ҳаминаш мушкил шуд… Шабҳангом… овоз бароварда, ҳамсояҳоро безобита накунед… Уф-ф…

Мӯйсафед калима гардонду оҳиста ба тарафи рост паҳлу гашт. Вай чунон, ки зиндагӣ мекард, номаълум, беоҳувоҳ аз олами ҳастӣ чашм пӯшид. Занҳо ҳанӯз бехабар буданд.

– Ба худашон маълум буд, – гуфт домоди калонӣ. Баъд аз дақиқае чанд сукунат ӯ дасти фотиҳа ба рӯй кушода боз оҳиста овоз баровард. – Ёдашон ба хайр, ба рӯи аҷал хандида-хандида рафтанд-е. Ин кори ҳар мард не. – Миҷаҳои ашколуди ӯ пир-пир мепариданд.

Занҳо бо даҳшат ба рӯи ӯ нигаристанд. Вай хомӯш дар пойгаҳ сари ду зону нишаста, бо гӯгирдчӯбче ба замин хат мекашиду аз асрори ҳастии инсон ва омадурафти ӯ меандешид.

*Соли 1979.*

# МУАЛЛИМИ САХТГИР

Баҳори он сол ба дашти беоби Ёвон бори аввал пунбадона коштанд. Ғӯза кайҳо себаргаву вале аз об дарак набуд. Баъзеҳо ба раддаҳои беҳудуди сабзгун – гули заҳмату умеди худ нигариста, хавотир буданд: “Аз ростӣ, оби Вахш меояд ё обро надида, мӯза кашидем?” – мегуфтанд.

Ба канали нав, одатан, обро ҳамту, иму ҷим сар намедиҳанд. Ид мешавад, рақсу бозӣ, мукофотдиҳӣ, вазъгӯӣ мекунанд. Ҳоло мардум ба вазъгӯӣ ончунон одат кардаанд, ки дар тӯй ҳам, дар азо ҳам, то аз рӯйи коғаз бурро хатро хонда тавонистани худро собит накунанд, гӯё рӯзашон намегузарад.

Ман ба ин ҷо ба муносибати ҳамин тантана омадам. Вале ногаҳон Шодиро дидаму дар дили ман аз шодмонӣ асаре намонд.

Дар баландӣ истода ғарқи тамошои канал ва даҳанаи нақб будам. Дар пешгоҳи он ҳарфи М-тамғаи метросозони Москва медурахшид. Дар масофаи ҳафтуним километр аз зери кӯҳ нақб канда, оби паси Боботоғро аз як гӯшаи биёбон берун овардан, дар ҳақиқат, қиссаҳои пешини бибию бобоёнро ба ёд меовард.

Ҳоло ҳама кори асосӣ саранҷом ёфта, коргарон бо трактор лавозимотеро, ки дар нақбканӣ ба кор бурдаанд, аз мағзи кӯҳ кашонда, берун меоварданд. Обе, ки аз даруни нақб ҷорӣ буд, чархҳои тракторро қариб гӯр мекард. Ин оби Вахш не, оби қаъри кӯҳ аст. Ҷавони навчаи лоғарандом, дар тан корҷома, дар по мӯзаи резинии соқаш баланд чолокона банд-банд тахтаву оҳанпораҳоро ба чангак андармон месохту кран онро бардошта, дар соҳил ҷамъ мекард. Ҳаракатҳои ҷавон ба ман ошно намуд, худи ӯро низ гӯё мешинохтам, аммо аз дур афташро равшан тафовут намекардам. Аз теппа

фуромада, ба ҷониби вай наздик рафтам. Хандаҳои соддалавҳонааш, поймониҳои такаббуромезаш ба Шодӣ монанд... Шодӣ! Худаш!.. Ана, вай ҳам маро дид... Зеҳн монда менигарад... Аҷиб, шамоли тақдир одамро ба куҷоҳое намебарад!

– Шодӣ!.. – наздик рафтаму даст бардошта овоз додам.

Маро дида вай лаҳзае карахт шуд. Сипас, маъюс табассум намуду дасташро боло бардошта "Салом" гуфт.

– Баъди кор биё чақ-чақ мекунем... Ҳозир нағз не...

Ҷӯраи солҳои бачагиам дар ин ҷо маҳбус буда, чунон ки мегӯянд, хидмати маҷбурӣ мекардаст, вале ман намедонистам. Ҳоло ӯро дида, агар гӯям, ки ҳайрон шудам, на он маъниро медиҳад. Лаҳзае дасту поям бемадор гашт,чӣ гуфтанамро надониста забон хоидам. Вай андаруни канал, ман дар соҳили баланд – ҳар ду аз изтироб хомӯш будем.

– Ягон чиз даркор бошад, гӯй, – хоҳиш кардам.

– Ташвиш накаш, ҳеҷ чиз даркор не... Фақат дидори шумоён...

Вай табассум намуд ва бо меҳр ба рӯйи ман нигаристу хомӯш монд. Посбон ба исрор талаб дошт, ки ман аз соҳил дур шавам.

Не, ба ҳар ҳол, ин Шодии пешин не. Агар ҳамон Шодии пешин мебуд, "ягон сони гӯсфанда пухта биёр, як дег палави сергӯшт кун, палава ёд кардам, арақ гир" мегуфт. Ғалатӣ...

Вай бо трактори худ ба нақб баромада рафту ман парешонхотир ба қафо баргаштам.

"Сазои хулқу атвори бад... – мегуфтам худ ба худ. – Аз карда пушаймон метобад. Ақлаш даромадагӣ барин..."

Даврони бачагию наврасии мо бо ҳам гузашт. Даҳсоларо ҳамроҳ тамом кардем. Баъд ман аз пайи таҳсил ба

шаҳр омадаму вай дар деҳа монд.

Хурд будем. Он солҳо ҳавлии Шодиино дар шафати ҳавлии мо буд. Ҳамеша ҳамдам, бозӣ мекардем, ҳамроҳ ба мактаб мерафтем, аз пайи гову гӯсола, алафу ҳезум медавидем. Рост мегӯянд, ки Исо ҳам ба роҳи худ, Мӯсо ҳам. Бесарии вай як зарра ҳам ба ман сироят накард. Баъди ин гуна таҷрибаҳо чӣ гуна ба қонуни ирсият бовар намекунӣ?! Росташро гӯям, баъзан аз касофати вай ман ҳам дар маломат мемондам. Бинобар он, очаам мудом таъкид мекарданд, ки вай катӣ камтар бозӣ кунам. Лекин ҳамроҳ бозӣ накарда мешавад?

Боре сазои ба суханони модар беэътиноиамро дидам. Воқеа ин тавр рух дод: дар қарибии боғи мо полизи колхоз буд. Нигоҳбони он бобои Орзумурод ҳар гоҳ ба боғи мо ояд, ягон ҳандалаки хушбӯ меоварду маро шод мекард. Он солҳо мардум дар замини рӯйидарича харбуза намекориданд. Ғалла танқис буд. Ба мардуми деҳқон пул аз он ҳам танқистар буд. Ҳеҷ кас моҳона намегирифт, на дар пирӣ нафақаю на дар беморӣ... Дар ивази 20 сотих замини рӯйидарича аҳли оила дар колхоз кор мекарданд. Бе паспорт ба куҷо гурехта меравӣ?! Ана, аз ҳамин сабаб ба замине, ки корам аст, хоҳ лалмӣ, хоҳ обӣ, ғалла мекориданд. Колхоз барои полиз хеле кам замин ҷудо мекард... Ҳамон рӯзи нохуш ману Шодӣ дар боғи мо, ки як гӯшаи ҳамон замини рӯйидаричаро ишғол мекард, машғули бозӣ будем. Намедонам, гап аз куҷо бархосту вай барои харбузадуздӣ ба полизи колхоз рафтанӣ шуд. Ман инояти бобои Орзумуродро ба хонаводаамон ёд оварда, дар ин хиёнат ба вай шарик нашудам. Чун ӯ ба ҷониби полиз раҳ гирифт, ман ба даруни ҷӯйи обкандаи чуқуре даромада пинҳон шудам.

Дар он айём чӣ донам, ки агар кас бетарафона ҷиноятеро гувоҳ бошад, низ гунаҳкор аст.

Ногоҳ валвалаю ҳаёҳуе бархосту бача набошам, боз

ҳам худдорӣ карда натавонистам ва сар бардошта, оҳиста ба тарафи ошӯб нигаристам. Манзарае, ки дидам, ҳеч фаромӯш намешавад: Шодӣ харбузаи калоне дар даст ба ин сӯ медавиду аз қафо, дар масофаи чил-панҷоҳ қадам бо ҳаёҳу бобои Орзумурод ӯро дунболагир буд... Ман ин ҳолро дидаму саросема сарамро поён гирифтам, вале кор аз кор гузашта буд: Шодӣ гурезон харбузаро ба назди ман ғелонду рафт...

Вақте ки бобои Орзумурод омада, дар сарам рост истод, ба ҷуз шармандавор аз ҷо бархостан дигар чораам набуд. Мӯйсафед тамоми заҳрашро ба ман рехт. Суханоне гуфт, ки агар мор шунавад, пӯст мепартофт. Рост мегуфтаанд: харбузаро хом кандана, сари деҳқонро бикан.

Ҳамин қадараш кам набуд, ки мӯйсафед боз ба хонаамон рафта, воқеаро ба модарам гуфтаст. Бегоҳирӯзӣ гӯсолаву се бузғоларо пеш андохта аз дарвоза дароям, модарам дар сари оташдон будаанд, тарошае ба дасташон афтоду бо он маро чунон заданд, ки он шаттаро ба ёд оварам, то ҳол тахтапуштам виҷиррос зада, дар танам мурғак медамад. Аз беадолатии модарам сахт ранҷидам. Як шабонарӯз аз хона таом нахӯрдам. Аввал пурсиш, баъд кушиш-дия! Бобои Орзумуродро солҳои сол чашми дидан надоштам.

Ба Шодӣ бало ҳам назад. Баръакс, фардояш шӯру фиғони маро тақлид карда мазоҳ намуд. Бобои Орзумурод ба модараш гуфта бошад ҳам, Ҳаёт-хола ҳаргиз ба писараш сахт намерасад. Зани аҷиб буданд – нармдил, беозор, гапбардор, фориғдил... Ҳеч нашунидаам,ки вай ягон бор ба Шодӣ, ақаллан дӯғу пӯписа карда бошад. Бо ҳама ҳамин хел, мулоимгап, нармдил. Мо – бачаҳо ҳавас мекардем, кошкӣ модари ҳар яке ҳамин хел мебуд... Беақл будем...

Шодӣ сол аз сол дар бадкирдорӣ ном мебаровард. “Шодӣ не, ин ғаму кулфат аст”, мегуфтанд одамон. Ёд

дорам, боре модараму Ҳаёт-хола ба таъзияи кадом як ҳамдеҳаамон рафтанд. Ману Шодӣ дар ҳавлии онҳо будем. Дар сояи тути калони балхӣ бибиаш ғир-ғир чарх ришта, суруди ғамангезеро замзама мекард. Мисле ки, пиразани ҳафтодсола писари дар ҷанг бедарак рафтагиаш – падари Шодиро боз ба ёд оварда буд магар, ашки рухсораҳои пурочингашро дам ба дам ба нӯги остини дарозаш пок мекард.

Ин дам аз кӯча нидои аттор баромад. Он солҳо атторҳо ранг, қулф, сӯзан, тугма, шаба, чангаки моҳидорӣ барин майда-чуйдаҳоро аз шаҳр харида, деҳа ба деҳа гашта қиматтар мефурӯхтанд. Рӯзе, ки аттор меомад, барои бачаҳои деҳа ид буд. Ҳар кас ягон чиз мехарид: писарбачаҳо – ҳуштакчаҳои сафолӣ, дорбозак, духтарон – сӯзан, ҳалқа, илқ, занҳо – ранг, зок, зиҳи пойҷома ва ба ҳамин монанд чизҳо.

Ману Шодӣ саросема ба сӯйи аттор давидем. Чангаки моҳигириро дидему ҳаваси моҳигирӣ моро беқарор кард. Аммо барои чангакхарӣ пул надоштем. Дар он айём пул на фақат дар ҷайби бачаҳо, балки дар кисаи аксар мардони деҳа ҳам ёфт намешуд. Аммо мушкиле набуд, ки садди майлу хоҳиши Шодӣ бошад. Вай “ҳозир” гуфту тозон ба ҳавлиашон рафт ва фурсате нагузашта, куртаи мардонае дар бағал берун омад. Аттор куртаро пасу пеш гардонда диду писанд кард, вале ба рӯйи Шодӣ бо шубҳа нигариста гуфт:

– Бача, боз бе рухсати очаат овардӣ?

– Не-е!

– Ку, рав, бигӯ очаат ояд.

– Э, шумо чӣ хел одам, гиред-дия!.. Очаам ба меҳмонӣ рафт. Худаш гуфта буд, ки инро дигар касе намепӯшад.

Ин лаҳза хоҳарчаи Шодӣ – Фароғат аз дасти бибиаш гирифта аз ҳавлӣ берун омаду ба сӯйи аттор шитобон

расид.

– Ана, куртаи додом, бибиҷон!.. Ман гӯям, шумо бовар намекунед... – бидиррос зад духтарак куртаро аз пеши аттор бардошта.

Куртаро дар назди аттор дида, фиғони пиразан баромад.

Шодӣ ба Фароғат суханони таҳдиду таҳқиромез гуфту аз он доира дуртар рафт.

– Ҳой, балонусха... Куртаи писаракам-а! Нарӯйида рав, ту шумқадам... Садқаи падар шав!.. Барои ҳамин худо ба ту уна ҳайф дид.

Вай бо алам хеле суханони ҷонгудоз гуфту куртаро аз дасти Фароғат гирифта, бо қомати хамида ба сӯйи ҳавлӣ равон шуд. Шодӣ аз ин кори хоҳарашу бибиаш изо кашиду беҳаётар гашта, ба пиразан дарафтод. Сараввал куртаро аз дасти бибӣ гирифта гурехтанӣ шуд, вале натавонист. Баъд аз алам ҳавлиашонро сангборон мекард, ки модараш расида омад. Ҳаёт-хола сababи моҷарои ӯро фаҳмид ва зуд аз кучое пул ёфту барои Шодӣ чангак харид ва нархашаи ӯ пасанда гашт.

Шодӣ солҳои мактабӣ ҳам тавфиқ наёфт. Вай қобилияти хуб дошт, аммо ҳаргиз дар хона китобу дафтарро ба даст намегирифт. Ҳар он чӣ аз муаллим мешунид, каму беш дар хотир медошт ва онро боз гуфта аз муаллим баҳо мегирифт. Агар аз роҳи худсарию бетамизӣ намерафт,балки одами дуруст мешуд...

Аз бонги ногаҳонии мошин як қад парида, худро ба канори роҳ гирифтам. Замини зери поро ларзонда “Белаз” гузашт. Ронанда ба ҳоли ман хандид. Ман ҳам хандидам.

Бе ҳеч мақсад, ғайриихтиёр мерафтаму мерафтам. Инро пай бурда, ниҳоят аз роҳ истодам. Истодаму баргашта ба сӯйи чорраҳае, ки он ҷо мардум интизори мошинҳои раҳгузар буданд, рафтам.

Ҳоло ба кадом сӯйи ин дашт назар кунед, сруру тантанаи фардо эҳсос мешуд. Гурӯҳ-гурӯҳ одамони аз атрофу акноф баҳри тамошо омадагӣ бо шавқ даҳани нақб ва наҳри навсохтро менигаристанд. Дар ҳама ҷо байрақу хитобаҳо, ошхонаву дӯконҳои сайёр...

Намедонам, дар синфи шаш будем ё ҳафт, ғолибан дар синфи ҳафт мехондем, ки ба мактаби мо аз шаҳр муаллимае омад. Ӯро мо дар зиндагӣ ҳаргиз фаромӯш намекунем, зеро вай сабабгор гашт, ки сонитар бисёр бачаҳои деҳаи мо таҳсилро давом доданд, касбу ҳунар омӯхтанд. Чашми моро ба олам, ба зиндагӣ ҳамон Солеҳа Каримова кушод. Ҳар як сухан, ҳар як кори вай барои мо ибратбахш, зебо ва ҳавасангез буд. Писару духтар – ҳама мафтуни вай будем. Муаллима барои мо ҳам рафиқи мӯнису сирдон, ҳам устоди сахтгири иззатманд – хулоса як олами нави таҳ ба таҳ асрор, хирад, ҳунар, ҳусн ва назокати одамӣ буд. Вай ҳам донишманд, ҳам дарзӣ, ҳам пазанда – хулоса, кони ҳунар буд. Ба духтарон бофтану дӯхтанро омӯзад, ба бачаҳо аз усули муомила, назокати адаб сар карда то оростани дастархону ақоиқи назофат, тариқи меҳмонию мизбонӣ, расми хонадорӣ ва ободу зебо доштани макони истиқоматро меомӯхт.

Шодӣ ӯро низ биозурд. Биозурду сипас худ батамом радди маърака шуд: рӯзе муаллима ба синф ворид гашт ва пас аз салому алек ба курсӣ нишаста ҳозиру ғоибро санҷидан хост, вале курсӣ яку якбора пора-пора гашта аз ҳам рехт. Муаллима ба рӯйи фарш афтод. Вай аз хиҷолат буд ё аз дард ба рӯйи ҳеч кас нанигаристу лангон-лангон аз синфхона берун шуд. Чашми духтарон об гирифт, бачаҳо аз ғазаб дандон ба дандон мефишурданду аз аламми оҷизӣ сар намебардоштанд.

Аксари онҳо дар он айём аз Шодии ҷангара ба дил ҳарос доштанд.

– Ба падарат лаънат... Мур, ту, пес... – яку якбора Маҳрам сар ба остин ниҳода гириста сар дод. – Гум шав, нокас!..

– Агар ягонтаат даҳон кушоӣ, аз ман гила накун! – аз ҷо бархоста мушташро гиреҳ карда ба аҳли синф ва асосан, ба Маҳрам таҳдид кард Шодӣ. – Даҳаната аз тахтапуштат мекушоям, Таппак!.. – Вай духтари Назари Чӯпон Маҳрамро “Таппак” мегуфт.

– Агар ҳозир ба мудир рафта нагӯям, ман – одам не! Ту ин курсиро мондӣ, – Маҳрам бо чашмони ашколуд аз ҷо бархосту аз синф берун рафтан хост.

– Бишин, Таппак! – Шодӣ сари роҳи ӯро гирифт. Азбаски Маҳрам ба мактаб аз молхона меомаду мудом аз танаш бӯи ширу ҷурғот ба димоғ мерасид, ин лақаб ба вай часпида буд. – Ку, як бори дигар гӯй!.. – Шодӣ бо ситез мушташро ба таҳи манаҳи духтар бурд. – Чунон гирифта ба девор мезанам, ки...таппак мешавӣ! – аз лутфи дурушти худ завқида, қоҳ-қоҳ зад вай, вале ба хандааш ҳеч кас ҳамроҳ нашуд.

...Касе маро чеғ зад магар ё ба гӯшам ҳамин хел даромад, дақиқ надонистам. Сар бардошта ба атроф нигаристам – ҳоло ҳама ба ҳар тараф рафта, дар гирду пеш ҳеч ҷонзоте набуд. Дар он сӯйи канал бачаҳои Ёвон ба харҳо кӯзаву офтобаҳоро баста аз пайи оби гуворо ба сӯйи чашмаҳои домани кӯҳ мераванд. Имрӯз бачаҳо бори охир барои об мераванд. Фардо аз ин канал, аз оби Вахш мехӯранд.

Боз овоз баромад. Ин дафъа аниқ шунидам – овози зан. Бист-сӣ қадам дуртар аз ман дар канори роҳ ду мошини самосвал меистод. Аз таваккал ба ҷониби мошинҳо қадам задаму аз паси яке аз онҳо қиқирросзанон Гулсифат баромад.

– Дар ҳамин ҷо ҳам ту ғарқи фикру хаёлӣ?.. Э, ту ҳам одам барин ягон рӯз ҳушёр мегардӣ ё не? – гуфт вай

бо чеҳраи хандон ба сӯйи ман аз дур дасти вохӯрӣ дароз карда омада.

– Фикру хаёл куҷо, ҳамту... – гуфтам аз хиҷолат чӣ гуфтанамро надониста. – Ту дар ин биёбон чӣ гум кардӣ?

Мо салому алек ва аз якдигар ҳолҷӯӣ кардем.

– Ба чӣ кор омадӣ?–Ва ҷавоби маро нигарон нашуда пайрави саволи худ гуфт: – Тантана менависӣ? Мардони майдон ё диловарони Ёвон? А?

Гулсифат ҳам аз ҳамсинфони мо. Ман аз бозе, ки ӯро мешиносам, одаташ ҳамин: ягон гапро мепурсаду тоқати ҷавоби шуморо шунидан надорад. Шумо ба ҷавоб даҳан кушода-накушода, вай аз ҷойи дигар савол мекунад.

– Писардор шудаӣ, муборак... Чӣ ном додӣ? – боз пурсид вай. Ман номи писарам ва мақсади омаданамро гуфтаму сипас аз ӯ пурсидам:

– Ба ман нигар, аҳволи Шодӣ чӣ хел аст, бохабарӣ?

– Ҳабс шуд-ку, ҳоло дар зиндон будагист, – гуфт вай ва якбора маъюс гашт. – Чаро якбора Шодӣ ба ёдат омад?.. Дар ҳамин дашт рӯята ба қибла гардонда Шодиро фикр мекардӣ?

– Не, Гул... Ист, ки ту ба ин ҷо чаро омадӣ?

– Мусулмонӣ ба шикамсерӣ, гуфтаанд. Се-чор дӯкону ошхонаи районро овардам. Гапи хушк ба гӯши кӣ мефорад?! Гумонат рӯзномаи ту барояд, офтоб мебарояд, вагарна на пахта мерӯяду на мол мезояд. Ҳамту не?

Кинояи ӯро бо табассум гузарондам. Вай кори рӯзноманигоронро гапи хушк ва беҳуда мешуморад.

Мо дар хусуси ҳамдиёрон, ҳамсинфон, кору бори худамону наздиконамон хеле гапзанон кардем. Чун сухан ба сари мактаби деҳа кӯчид, Солеҳа Каримова боз дар пеши чашмам ҷилвагар гашт.

– Ба ман нигар, Гулсифат, муаллима Каримова ҳоло дар куҷо бошанд?

Вай чашмонашро калон карда ба тааҷҷуб чунон ба рӯйи ман нигарист, ки авзоаш баръало мегуфт: “Бача, тани ту сиҳат аст ё не?”. Дар муқобили рӯйи лоғару борикаш чашмонаш зиёда калон намуданд. Дарвоқеъ, Гулсифат ҳеч фарбеҳ нашуд. Ҳама ҳайрон буданд,ки ӯ бо вуҷуди ин қадар дарёдилию ҳуштабъӣ, чаро тортанак барин дар бадан як пайса гӯшт надорад. Кораш нағз, рӯзгораш осуда, хулоса чор ишкелаш чоқ. Мисле ки, аз хӯрок парҳез дорад, қомати зебояшро эҳтиёт мекунад. Дарвоқеъ, фарбеҳии зан бештар қабеҳ менамояд.

– Имрӯз ба ту ягон гап шудагӣ, поймапой гап мезанӣ. Чаро хаёлат парешон? – гуфт вай баъди лаҳзае ҳайронӣ ба чашмони ман нигариста.

– Ҳеч, – гуфтаму табассум намудам.

– Каримова аз мактаби мо рафтанду дар Себзор ҳам гапашон бо директорашон напухт магар, ба кори дигар гузаштанд. Боре дар мошин дучор шудаму як дам гапзанон кардем. Ҳамаро ном ба ном пурсиданд. Чаро аз муаллимӣ рафтед гӯям, даст афшонданд. Худашон ҳам пушаймон барин. Хайр, худат медонӣ, одами ростдил ҳоло рӯзаш сахт аст.

– Ба халқ чизи аз ҳама зарурӣ аввало нон, баъд аз он мактаб, – гуфтам ман суханони дар кучое хондагиамро ба ёд оварда.

– Ҳеч кас ба ин шубҳа надорад.

– Рӯзҳои шанбею якшанбе хона ба хона мегаштанд. Очаам аз саҳар “бибиотуни айбчинат меояд” гӯён, ба рӯбучин сар мекарданд. Чӣ қадар маслиҳат, машварат... Худро ба одамон бегона намеҳисобид... Ёд дорам, очаи маро маломат карда буд, то ки вақти гиряи кӯдак гаҳвораро сахт наҷунбонад... Аммо баъзеҳо ба хонаашон рафтани ӯро хуш намекарданд. Сагашонро кушода мемонданд, медонӣ?.. Ҳурмати нон... – гуфтам ман бо сӯзу гудоз.

– Муаллими ҳақиқӣ буд... Ҳайфо, ки бо замона мувофиқат карданро намедонист.

– Ҳаёт-хола ҳам омаданашро намехост, рӯйи хуш намедод, муаллима пай мебурд, аммо домани Шодиро сар намедод.

– Куҷо пай намебурд! – эътироз кард Гулсифат. – Ҳамаашро медонисту худашро ба гӯлӣ мезад.

– Ин тавр бошад, чаро ба Шодӣ ин қадар андармон буд? Барои таъмири хонаю ҳавлии онҳо ҳашар ташкил карда буд, ба хонааш мебурд, китоб медод: бо кӯшиши вай Шодӣ одамсуроб гашт, ҳатто момои Гулсуми бекасро дастёрӣ мекард...

Лаҳзае фикру андешаҳои ҳар ду ҳам ба он солҳои наврасӣ пайванд хӯрда, хомӯш мондем.

– Азбаски очааш доим тарафи писарашро мегирифт, бечора муаллима ба бало монда буд, – хандид Гулсифат. – Шодӣ ягон номаъқулӣ кунад, додхоҳон ба хонаи муаллима мерафтанд, гӯё фарзанди вай бошад... Э - э, Шодӣ набуд, вай дар ҳақиқат ғаму кулфат буд. Аз куҷо гапи ӯро сар кардӣ? – аз ин гуфтугӯ дилгир шуд Гулсифат.

– Баъди аз мактаби мо рафтани Солеҳа Каримова Шодӣ расво шуд. Хусусан, Маҳрами бечораро хеле азоб дод. Бачаи шум буд, – гуфта ба Гулсифат ҳамфикриамро баён намудам.

Маҳрам аз ферма ба мактаб харсавор меомаду харашро дар қуруқи лаби сой ишкел зада мемонд. Шодӣ дар танаффус пинҳонӣ рафта, ишкели харро кушода сар медоду баъд духтари бечора ҳафт километр роҳро пиёда мерафт...

– Оби ганда ба хандақ, ана оқибаташ, – гуфт Гулсифат андӯҳгин абру чин намуда. – Аз мукофоти амал гурехта намешавад! Дузд ба дузд вомехӯрад, ғар ба ғар...

– Аҷаб не, вай одами нағз мешуд... – гуфтам, аммо ин дам ҳамаи далелҳоям дар бобати одами нағз шудани

Шодӣ ба назарам ночиз ва беасос ҷилва намуданд. Баъди лаҳзае хомӯшӣ гуфтам: – Ҳозир Шодиро дидам. Дар ҳамин ҷо будаст...

Гулсифат ғайричашмдошти ман як қад парида, ба рӯйи ман нигарист, лаҳзае ин гуфтӯгуро чашмони мо идома доданд: ман бовар кардам, ки солҳои охири мактабӣ мафтунии Шодӣ ба Гулсифат, ҳар чӣ бошад ҳам, дар дили духтар асаре доштаст.

– Суханро аз ҳамин сар кунӣ, намешавад?! Гоҷиатро бас накардӣ!.. аз даққиюнус сухан сар карданат барои ҳамин Шодӣ буд?! Хайр, чӣ илоҷ, ба бадбахтии  Шодӣ ҳеч кас гунаҳгор не, айби худаш, – гуфт Гулсифат ҳаяҷони худро андаке фурӯ нишонда. – Агар худи кас одам шудан нахоҳад, ҳеч кас ӯро одам карда наметавонад.

Ҳар ду ҳам дақиқае чанд хомӯш мондем. Ман ботинан ин гуфтугӯро давом медодам: Ба фикри ман, дар ин бадбахтӣ танҳо худи Шодӣ гунаҳгор не, – мегуфтам ба худ. – Фақат як худи модараш ҳам  гунаҳгор не. Бале, хурду калон –ҳама. Дар пеши назарамон дузду авбош, коҳилу кӯрнамак ба воя расид, ҳеч кас ба таври қатъӣ ба вай монеъ нашуд. Аз хурдӣ умри вай бекор мегузашт... Ҳаёт-хола тарафи писарашро мегирифт ва ё дӯғу пӯписаи бардурӯғ мекарду бас. Баъди як воқеаи нохуш дили аксар ҳамсояҳо ба модари писар хунук шуд, аммо боз гунаҳкор беҷазо монд. Шодӣ дар оғилашон гурбаи ҳамсояро дошта, ба болояш карасин рехта оташ мезанад: гурбаи оташгирифта ба ҷониби ҳавлии соҳибаш мегурезад ва ҳангоми таоми шоми хонавода худро аз тиреза ба хона меандозад. Носири якдаста аз хавфи сӯхтор худро ба болои гурбаи машъалвор оташгирифта меандозаду бо як дасти аз ҷанг амон мондагиаш онро дошта, боз бештар маъюб шуд...

Ҳаёт-хола ҳар боре, ки ба хонаи мо меомад, модарам баъзе кирдорҳои Шодиро аз рӯйи дидаю шунидаашон

гуфта, “Сари вақт аст, пеши роҳашро гиред”, мегуфтанд. “Абе, дугонаҷон, ҳоли бача-дия. Бе падар, сағир калон шуд. Дили сағираро озурдан гуноҳи азим аст, мегӯянд. Дилам намешавад, ки гапи сахт гӯям. Калон шавад, ягон рӯз ақлаш медарояд. Бачаҳои шӯх ҳам калон шаванд, вазнину солор мешаванд”, – мегуфт модари ӯ дар ҷавоб.

– Тағоияшу очааш ба ин ҷо дидорбинӣ омадаанд, аммо Шодӣ ба наздашон набаромадааст. "Ман оча надорам”, гуфтаст. Сонӣ амакаш омадаст, – гуфт Гулсифат андешаманд. – Шодӣ гуфтаст, ки очаам наояд. Маро ҳарчӣ кард вай кард: тухми мурғи ҳамсояро дуздидам, манъ накард, ба сагаш сӯзан додам, як шаппотӣ назад, ана, оқибаташ...

– Ғалатӣ... Боварам намеомад, ки Шодӣ чунин рафтор кунад ва аз ӯ ин гуна суханҳо барояд. Кӣ ба ин минвол чашми ӯро кушода бошад? Кӣ? А? – гуфтам ангушти ҳайрат ба лаб бурда.

– Зиндагӣ... зиндагӣ ҷонам, Солеҳа Каримова не, – гуфт Гулсифат дар поёни сухан. – Зиндагӣ муаллими сахтгир аст... Мегӯянд, ки дар ҳамин ҷо китоб хонда, донишманд шудагӣ...

Дар пеши чашмони ман қомати баланди Шодӣ ҷилва намуд, ки ӯ аз паси мо менигарад. Беихтиёр ба қафо нигаристам. Кран ба мисли фили бузург бо хартумаш тахтаву оҳанпораҳоро дарза-дарза бардошта, ситезаомез дар соҳил ғарам мекард.

*Солҳои 1973 –79.*

# ОҒОЗ

*Ишқро огоз ҳаст, анҷом нест.*

*Саъдӣ.*

Офтоб акнун як қади найза баланд гашта буд.

Ромиш гӯсолаҳоро ба марғзори канори дарёча овард. Ҳоло онҳо аз алафи тоза сар намебардоштанд. Вай ба болои тахтасанге нишасту ба соҳили муқобил чашм андохт: болои талу теппаҳоро ҷангали анбӯҳ пӯшида буд. Фақат аз ҳар ҷо-ҳар ҷои ин махмали сабз шаху зовҳо сар бароварда буданд. Ана харгӯшаке аз ҷангал давида баромаду дар сабзамайдони соҳили рӯд лаҳзае бозистод, ба ду пои қафояш рост шуда ба атроф назар кард… Ларзидани пойҳои онро Ромиш равшан дид. Бозе худро ба дарахти канори рӯд заду дар чангаш гунҷишкеро чириққос занонда парида рафт.

Ромиш имрӯз танҳо аст. Субҳидам ҳамкораш Сабо хоҳиш кард:

“Имрӯз ман рафта наметавонам. Кори зарур дорам… Як худат ӯҳда мекунӣ?.. Ҳеҷ набошад, то пешин? А?”

“Э, рафтан гир, хавотир нашав. Хурд нестам-ку!” – гуфт вай дар ҷавоби ӯ.

Сабои чашмсабз ва Ромиш дар мактаб ҳам ба якдигар меҳрубон ва наздик буданд. Баъзе бачаҳо мазоҳ мекарданд, духтарон таъна менамуданд, аммо ба дӯстии онҳо ҳеҷ чиз халал расонда наметавонист. Сабо духтари хушрӯй не, аммо бенур ҳам не. Лекин ба Ромиш ҳусни вай не, ҳамту худаш маъқул. Баъди ба омӯзишгоҳи наққошӣ рафтанаш Ромиш аҳд кард, ки ба Сабо мактуб навишта, рози қалбашро боз кунад, аммо ҳеҷ ҷуръат накард. Сонӣ тасмим гирифт, ки ба таътили тобистона меояду албатта розашро ба Сабо мегӯяд, дигар таъхир кардан мумкин не. Сабо аз вай ноумед гашта бо як

ҷавони дигар қавлу қасам карданаш мумкин. Ана, таътилот ҳам шурӯъ шуду вай ба деҳа омад. Аммо ҳоло фурсати ин ҳарфҳо не – модараш маризанд. Сабо чӣ фикр мекунад: дар хона модараш бемору ин ҷавон чӣ хаёлҳое дорад! Сонӣ … ҳоло барвақт… вақти ин гапҳо не, – мегуфт вай худ ба худ. Ман акнун ҳабдаҳро пур кардам. Сабо аз ман як сол хурд… Эҳ, тезтар очаам сиҳат шуда, ба по мехестанд. Ҳозир апаам нигоҳубин мекунанду ман ба ҷои вай Сабо катӣ гӯсолабонӣ мекунам. Таътил ба охир расад, баъдан чӣ мешавад?

Ӯро дар деҳа ҳоло ҳамчун домпизишк мешинохтанд. Воқеае рух доду Ромишро ба ин касб муаррифӣ кард: Нағмагари думоҳа аз юнучқаи нав сер шуда, варам карду қариб, ки мурад. Ромиш ба тарафи молпарваришгоҳ давид, аммо дар он ҷо гуфтанд, ки байтор нест. “Гӯсола дар ҳоли мурдан аст, чӣ кор кунам?” гӯяд, мудир китф дарҳам кашида гуфт: “Аз дасти ман чӣ меояд, писар, ман духтур набошам”. Ромиш ба хунсардии вай ҳайрон шуд. Ба молу мулки колхоз баъзеҳо бепарвоӣ мекунанд, вале то ин ҳад фориғбол буданро надида буд. Баъдан вай шитобон ба сари гӯсола расид. Нағмагар дар дами ҳалок буд. Ҳамроҳи Сабо зуд оташ равшан карду дами кордашро ба он дошта, аз уфунат пок сохт ва шиками варамидаи гӯсоларо шикоф кард. Бодро бароварду ҳам шикамба ва ҳам пӯсти Нағмагарро бо сӯзани ба алав доштаи Сабо бо риштаи оддӣ дӯхт. Сипас гӯсоларо то шом баста нигоҳ дошт, то ки такон нахурад. Ғайриимкон, вале гӯсола сиҳат ёфт. Ҳоло дар русто аз наққошии ӯ ҳарф занед, даст меафшонанд, аммо дар хусуси ҷарроҳии вай хурду бузург ба таҳсин лаб кушода, “дасташ сабук будаст, худо умраша диҳад” мегӯянд.

Ромиш баъди он ки нишаста, андаке нафас рост кард, бархосту марғзорро давр зада донистан хост, ки

чару ҷӯи гӯсолаҳо ногаҳон афтода маъюб мешуда на-бошад. Дар пеш – сой, ду тараф бо шаху зов – қалъабанд. Гӯсолаҳо аз ин марғзор фақат қафо гашта берун рафта метавонанду бас. Вай ана ҳамин роҳи қафоро гирифта, дар сояи зарбед қарор гирифт. Асбобу анҷоми рассомиро кушода, бо сиёҳқалам ба кашидан шурӯъ кард. Ҳоло дар маҷмӯаи наққошиҳои ӯ хеле лаҳзаҳои дилчаспи чарогоҳ акс ёфтааст. Вай соли аввали омӯзишгоҳро ба итмом расонида, алъон донишомӯзи соли дуввум ҳаст. Албатта, тасвирҳояш ҳанӯз хом, мазмунан рангин ва амиқ не. Шояд замоне рассоми моҳир шавад, шӯхии ин гӯсолачаҳои шайтонро мукаммал тасвир мекунад. Чунон наққошӣ кунад, ки ҳар кас бинад, ба димоғаш бӯи марғзор ояд, баоси гӯсолаҳоро баръало шунавад.

Бо таҳдид ба Алмос пуфу куф кардани Майдаяки думсафедро тамошо кунед! Саг монанди баҳодуре, ки шӯхию густохии кӯдакро тамошо дорад, бо як ваҷоҳати аҷиб ба гӯсолача нигариста ғур-ғур мекунад. Ғурриши саг дар ин гуна мавридҳо таҳдидомез нест, балки мисли оҳанги лабханд ва ё ҳазлу навозиш дошта аст. Ана, Олуфта шабеҳи аспи пойга гирдогирди марғзор метозад. Одати вай ҳамин тавр аст, баъзан худ аз худ бесабаб, баъзан ягон ғурмагас газад, аз аламаш ба тохтан сар мекунад. Олуфта ном гирифтани вай беасос нест: ҳамеша худро покиза нигоҳ медорад, танашро лесидагеш – лесидагӣ. Сағриҳояш ҳамеша шона задагӣ барин.

Наздики нисфирӯзӣ сояе рӯи қоғаз лағжиду Ромиш сар бардошта Саборо дар канораш дид.

– Оҳиста омада, тарсондан мехостӣ?

– Дилу гурдаата фаҳмам гуфтам… Уф-ф… Накофтагӣ ҷой намонд, – Сабо оҳиста ба рӯи харсанг нишаст. – Нохост ба ёдам расид, ки ҳамин ҷора таъриф мекардӣ. Ин қадар барвақт баровардӣ? Гуфтам-ку баъди дуртар

рафтани пода барор, – мисли мошини чокдӯзӣ тез-тез ба ҳарф даромад Сабо.

– Ҳаво тасфад, гӯсолаҳо алаф намехӯранд.

– Ромиш, самбӯса мехӯрӣ? Гир, самбӯсаи кадугӣ, – Сабо як даста самбӯсаи қоғазпечро ба рӯи санг монду наздиктар омада, ба расми кашидаи ҷавон зеҳн монд.

– Сонӣ… – Ромиш бо лаҳне гуфт, ки мисле ба корам дахолат накун, буд.

Сабо гӯсолаҳоро аз офтоб ба соя, ба ҷониби бедҳои соҳили рӯд ронд.

– Тезтар! Ба соя гузар! Офтоб мезанаду мемурӣ! – бо гӯсолачаҳо гуфтугӯ мекард вай. Алмос хомӯш думболи вай мерафт.

– Меомадам, дар роҳ Зафара дидам, – баргашта омада ба сухан даромад Сабо. – Вай имсол мактаба тамом кард, акнун ба шаҳр рафта хонданӣ. Мегӯяд, ки кош ба ҷои Ромиш бо ягон баҳонае ман ҳамроҳат кор мекардам. Гуфтам, ки Ромиш бо ягон баҳона не, ба кори зарурӣ банд аст. "Э, медонем, – мегӯяд, – кор – баҳона". Бачаи аҷоиб-а? Камтар худаша таъриф кард, росту дурӯғи шунидаашро ба худаш часпонда хеле гап зад, "ҳа-ҳа" гӯён гӯш кардам. – Сабо ба авзои писарак зимнан зеҳн монда, менигарист. Ӯ мехост бифаҳмад, ки ҳарфҳои ӯ ба Ромиш чи гуна таъсир дорад.

Ромиш чизе нагуфт. Ӯ тарҳи марғзор, кӯҳ ва гӯсолачаҳои бозингарро рӯи қоғаз меовард. Сабо гоҳ ба наққошии Ромиш ва гоҳе ба чеҳраи ҷавон нигариста, беист ҳарф мезад.

– Имтиҳони шумо ҳам сахт будагист-а? Ту аз ҳамааш аъло гирифтӣ ё чор ҳам дорӣ?

– Дорам, – аз кораш сар набардошта ғурунгос зад Ромиш.

– Ман ҳам дута чор дорам, – яктааш аз физика, ди-

гараш аз нақшакашӣ… Ромиш, ту баъди омӯзишгоҳ ба Академияи рассомӣ меравӣ-а?

– Намедонам.

– Меравам гӯй, ин қадар хоксорӣ накун!

– Модарам – бемор… Дасттанҳо. Кор карданиам. Агар илоҷаш мебуд, ғоибона мехондам.

– Хайр, сиҳат мешаванд, нигарон набош, – монанди бузургсолон дилбардорӣ кард Сабо. Баъди онияе аз ҷои дигар ҳарф шурӯъ кард: – Зафар ба институти политехникӣ ҳуҷҷат супоридаст. Як шиносашон будаст, ваъда кардаст, ки кумак мекунад.

– Шарм накарда ҳамин хел гуфт? – Ромиш бо таассуф сар ҷунбонд. Вале ин дам аз дилаш гузашт, ки мардум вақтҳои охир аз ин қабил корҳо хиҷил не, баръакс, ифтихор мекунанд.

“Агар ба Ромиш малол нашавад, гашти рӯз, тафси ҳаво гардад, чарх зада, ба наздатон меравам”, гуфт. Ман гуфтам, ки биё, омадан гир.

– Аҷоиб, барои чӣ ман аз омадани вай малол мешудаам?!

– Намедонам. – Кӯтоҳ ҷавоб дод Сабо. Сипас зуд аз боби дигар сухан сар кард: – Ман ҳоло ба як қарор наомадаам. Намедонам ба хондан равам, ё дар ферма кор кунам?.. Агар ту дар шаҳр бошӣ, ман ҳам рафтанӣ.

– Аҷоиб… – абрувонашро чин кард Ромиш, вале дигар ҳарфе назаду худ ба худ китф дарҳам кашид.

Ҳоло вай дар рӯи қоғаз бо сиёҳқалам акси сагро мекашид. Агарчи Алмос ин дам дар канори рӯд гаштугузор дошт, Ромиш сурати онро дар рӯи харсанг, чашму гӯшаш ба ҷониби гӯсолаҳо тасвир мекард. Саг гӯшҳои кӯтоҳ буридагиашро сих карда, гӯё хатареро эҳсос карда бошад, ба ҳамла омода буд. Аммо авзояш, хушҳол барин.

– Саги хатар пайбурда ин хел намешавад.

– Ҳа-а…– Ромиш як чашмашро нимкоф карда ба ак-

си кашидааш бо диққат нигаристу сар такон дод.

Баъд ба ислоҳи тасвир шурӯъ намуд.

– Очаатро духтур дид охир? – пурсид духтар баъди шумурдани гӯсолаҳо.

– Чӣ гуфт? – баъди он, ки Ромиш бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд, боз савол кард Сабо.

– Ба қарибӣ аз ноҳия духтурҳои калон меомадаанд. Онҳо бинанд, сонӣ ба беморхонаи шаҳр мефиристонем, гуфтанд.

Ба миён сукут афтод. Абрувони борику теғдори духтар гиреҳ шуд, дар чашмонаш асари андӯҳ падидор гашту дилтангона оҳе кашид.

– Очама мебаранду таҳсили ман ҳам сар мешавад… Апаам, танҳо, – гуфт Ромиш.

– Шабҳо ман ба наздаш рафта хоб мекунам.

– Ба гуфтан осон. Додою очаат иҷозат медиҳанд-чӣ?

– Мемонанд.

Аммо аз оҳанги суханаш фаҳмидан душвор набуд, ки барои иҷозати волидайн мебояд хеле талош кунад.

Сабо бархосту гӯсолаҳоро аз назар кард.

Се гӯсолача ба болои шахи баланде баромада “мерақсиданд”. Сумҳояшонро сахт-сахт ба санг кӯфта, думҳоро сих карда, гоҳ ба навбат, гоҳе ҳар се баробар ҷастухез кардани онҳоро дида, беихтиёр хандаи кас меомад. Ба таври худ гӯё мусобиқа мекарданду дар рақсу ҷастухез маҳорати худро намоиш медоданд. Боз саҳнаи ёфтаашонро бинед! Як шахи баланде, ки рӯяш ба қадри як суфа ҳаст ё не! “Ҳамин лаҳза яктоаш парида меафтаду маъюб мешавад”, дар дил гуфт Сабо ва бархоста ба он сӯ рафт. Алмос ҳам хомӯш аз қафои вай равон гашт.

Сабо аз тарафи боло ба гӯсолаҳо наздик мешуд, ки ин дам Ромиш ӯро боздошт.

– Аз боло нарав! Аз ту рамида худаша ба поин меандозад. Аз поин ҳай кун, – маслиҳат дод вай.

Сабо ба таҳи зов рафту дастонашро афшонда "чу-чу" гуфт, Алмос бо таҳдид "ак-ак" карду гӯсолачаҳо бо раҳи баромадаашон аз шах фуромаданд.

Қурси офтоб рост ба фарқи сар меомад. Гармии рӯз ба авҷаш расида буд. Гӯсолаҳо тӯда-тӯда гашта, худро ба соя мезаданд. Шайтонаку Қашқа соя наёфта, сарашонро ба панаҳи санг ҷо карданд. Алмос бо даҳони бозу забони овезон ҳалқак мезад.

Ромиш ва Сабо гӯсолаҳоро ба тарафи болооби рӯд, ки дарахтони соя дошт, ронданд.

* * *

Баъди пешин онҳо гӯсолаҳоро ба ангори назди Кафтархона бурданд. Азбаски замини ин ҷо обӣ аст, баъди дарави гандум ангор серпечак, воту лаби ҷӯйҳо алафзор буд.

– Сабо, ҳушьёр шав, – таъкид кард Ромиш, – поёни ин ангор нахӯдзор будаст. Нохудогоҳ гӯсолаҳо гузашта, нахӯди пухта расидаро ба замин яксон накунанд.

Сабо аз ӯ дуртар сари санг нишасту таронаеро бо овози паст тараннум мекард:

> Дарьё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад?
> Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?..

Насим мӯйҳои аз зери уребча ҳалқа зада баромадаи ӯро ларзонда бозӣ медоронд. Вай имрӯз кокулонашро ҷамъ карда, бо уребча ба пушти сараш баста буд, ки дар натиҷа рӯяш пурра бо тамоми латофат дар назар ҷилва мекард. "Пӯсти сафеди рӯяш дар офтоб ҳам сиёҳ намешавад, – худ ба худ гуфт Ромиш. – Аҷабо, чашмонаш шишаи сабз барин кап-кабуд. Умуман, дар деҳаи мо кабудчашмон бисёранд. Мӯяшон хурмоию чашмонашон ё сабз, ё обӣ… Ҳафтаи гузашта, шаби ба осиё гандум бурданам, Сабо ба хонаи мо омада, ҳамроҳи апаам ҷомашӯӣ

кардаст. Соатҳои дувоздаҳи шаб аз осиё омада, табъам хира шуд. Ҳаминаш кам буд! Бачаҳо фаҳманд, чӣ мегӯянд?! Зафар баринҳо шунаванд, “э, вай занаш барин, шабҳо рафта хоб ҳам мекунад”, мегӯянд. Шояд, барои ин кор аз додоюю очааш гап шунидагӣ барин… Ба ҷои апаам ман ба гӯсолабонӣ бароям, чӣ қадар ғур-ғур карданд, ҳатто ба молхона рафтанд… Кадом аз рӯзҳо аз дасташ пиёлаҳоро ба ҷӯй сар додаст, очаш ҷанг кардаанд, гуфтаанд, ки ҳуши ту духтар дар ҷояш не, бирав ба хонаи ҳамун бача дарою шин…”

* * *

– Ромиш, барои чӣ сурати мана намекашӣ? Фақат кӯҳу дарахт, сагу гӯсола… Ягон бор акси мана каш. Ё намехоҳӣ? А? .. Эҳ, агар ман рассом мебудам…

– Чӣ кор мекардӣ?

– Сурати тую Алои Хаппака дар як ҷо мекашидам. Ҳар ду ба ҳам монанд, дамдуздед.

– Ягон рӯз наққошӣ мекунам… Усто шавам, – Ромиш инро гуфту гӯё нафареро фиреб карда бошад, худ ба худ хиҷолат кашида сурх шуд. Сониян аз мавзӯи дигар ҳарф боз кард: – Момои Гулсум ҳоло ҳам танҳо зиндагӣ мекунанд-а?

– Ҳа. Колхоз ёрӣ мекунад. Худашон ҳам бақувват, рӯзаш катӣ дар полизашон ҷунбуҷӯл мекунанд. Ҳосили сабзию пиёзашон чунон нағз!

– Ҳазл не, модари Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ!

– Мардум ба шӯхӣ худи он каса қаҳрамон мегӯянд.

– Ман ягон бор рафта, сураташона кашиданӣ. “Модари қаҳрамон” ном мемонам… Аммо шарм медорам.

– Ту аз ҳама чиз шарм медорӣ. Намедонам, агар ягон духтара дӯст дорӣ, чӣ кор мекунӣ? – Сабо аз сухани гуфтагиаш хиҷолат кашида, рӯяшро бо дастонаш пӯшида

хандид.

– Агар нағз бинам, сураташа мекашам, – гуфт Ромиш рӯяшро аз вай гардонда, машғули рангомезӣ. Баъд илова кард: – Шояд наққошӣ карда бошам…

– Канӣ, ба ман як намой, – хоҳиш кард Сабо бо шӯхӣ. – Гӯй, вай кӣ худаш? А? Сурати кира кашидӣ?

– Инаш – сир… Ба ҳеҷ кас намегӯям.

– Хайр, гӯй, илтимос. То нагӯӣ, намемонам, – бархоста наздик омад Сабо.

– Э, рав-е! Шухӣ кардам! Ҳазлро намедонӣ?

– Қасам мехӯрам: ба ягон кас гӯям, ҳар чӣ шавам!

– Ҳеҷ кас не! Фаҳмидӣ? Сурати момои Гулсума мекашам.

– Не, росташа гӯй, боз кира? – Сабо ба асаби вай расида, мӯқаламро аз дасташ гирифт. – Аввал гӯй…

– Бас кун, ман ҳазл кардам, – Ромиш зарфи шишаиро гирифту оби рангини онро холӣ кард ва барои оби тоза овардан ба тарафи рӯд равон шуд.

Сабо аз қафои вай нигариста, дар хаёл монд.

– Рӯзе сурати худата мекашам, – дуртар рафта гуфт Ромиш. Вай бо як табассуми шармгинона асроромез ба духтар нигаристу қадамашро қавитар гузошт.

– Ман рухсат надиҳам-чӣ? – гуфт Сабо ишваомез, аммо Ромиш сухани ӯро нашунид ва ё фаҳмида бошад ҳам, ҷавобе надода ба раҳаш идома дод.

Ӯ зарфи шишаиро шуста ба он оби тоза гирифту ангорро давр зада ба тарафи нахӯдзор гузашт. Се-чор гӯсолаи ба нахӯдзор наздик рафтаро қафо ронду худ ба тамошои нахӯди навпухта саргарм шуд.

Сабо ба саргармии ӯ нигариста, тааҷҷуб мекард: “Гӯё нахӯдро дар умраш бори аввал медида бошад, зеҳн мондани уна нигаред”, – тааҷҷуб мекард духтар.

Аз он тарафи сой ду нафар бачаи қад-қади об дар

даву тозро дида, сараввал Сабо эътибор надод. Бачаҳо дар рӯ ба рӯи Сабо қарор гирифтанду ба болои харсанге баромада бо ҳар гуна ишораҳо фарьёд карданд:

– О-о-ми-и-н!

Чӣ гуфтани онҳоро фаҳмидан намешуд.

Баъди он ки чанд бор сайъ карда, матлаби худро фаҳмонда натавонистанд, бачаҳо маслиҳат карданду баробар фарьёд заданд:

– Ро-о-ми-ишш!

Ромиш бо изтироб пештар давида рафт.

– Ҳо-о-о!.. Чӣ гап?..

– Баландтар фарьёд кун, – саросема шуд Сабо.

– Чӣ-ӣ? – Ромиш боз пештар рафт.

– Очаат... данд... – бод ба гӯши онҳо чанд ҳиҷои но-тамомро овард.

– Чӣ-и?

Бачаҳо бо маслиҳат “як-ду-се” гӯён, баробар фарьёд карданду матлаб равшан гашт.

– Биё-ё-ё!.. Очаатро мебаранд! – Бачаҳо ин се калимаро такрор ба такрор мегуфтанд.

– Сабо, аз гӯсолаҳо бохабар шав!

Ҳанӯз Сабо ба сухан даҳон боз накарда буд, ки Ромиш дур рафта буд. Вай аз сангу буттаҳо ҷаҳида, мисли бод ба ҷониби деҳа мерафт. Бачаҳо ҳанӯз ҳам фарьёд доштанд. Сабо муддате аз думболи вай нигариста истод. Сипас як оҳи сангине кашиду гӯсолаҳои ба ҳар тараф парешон гаштаро ғун кардан гирифт.

Гӯсолаҳоро ҷамъ карду ба соя рафта муддате ғамгин нишаста буд, ки Зафар пайдо шуд. Сабо аз омадани вай мамнун, мушкили ба сари Ромиш омадаро гуфт.

– Хеле ҳам ҷои хилватро ёфтед, – сухани Сабоthe аз хусуси бемории модари Ромиш ва имрӯз ба бемористони ноҳия бурданашонро бурид Зафар. – Сабо, ту, ба назарам, рӯз аз рӯз хушрӯтар мешавӣ!.. Ё ба чашми ман аз

ҳама хушрӯй менамоӣ, намедонам… Ягон сир ҳаст… Ман худам ҳам ҳайрон… – Зафар бо ин суханон ба Сабо чафстар нишаст.

– Ин чӣ қилиқ?!. Чӣ гап?.. Э-э… – ҳайрон шуд ва дасту по хӯрд Сабо. – Усунтар шин! Шарм намедорӣ?!

– Шармаш чӣ?.. Ҳиъ… Шарм дар бозори чарм…

– Ҳой, маст-пастӣ-чӣ? – чашмони Сабо калон-калон гаштанд. – Хез, дуртар шин!.. Э-э, шарм… – Сабо бархоста, аз ӯ дуртар нишастанӣ шуд, аммо Зафар аз дастӣ ӯ гирифт.

– Ромиш катӣ… Ромиш катӣ шарм намедорӣ?! Чӣ, ман аз вай камам?

– Ин чӣ гуфтагет?

– Э-э, худатро ба нодонӣ назан!.. Кӯр не ман, ҳамаашро медонам.

– Чира медонӣ?! – ранги рӯи Сабо мисли дока сапсафед шуд.

– Ҳа, хайр, мон… Ман ту катӣ чанг карданӣ наомадаам. Баръакс… Биё… аз ман наранҷ… Сабочони хушрӯ… – вай боз ба духтар наздик рафт.

– Ҳа-а… Ана, гап чӣ!.. – чашмони Сабо кашида шуданд.

– Ба дилат нагир. Ман… тура нағз мебинам… Барои ҳамин… Худат медонӣ, – Зафар сари роҳи Сaборо гирифту бо дастонаш аз ду дасти духтар маҳкам дошт.

– Сар те! – бо ғазаб теғ кашида, ба вай нигарист Сабо.

Зафар даҳонашро боз карда, табассум карду дасти ӯро сахттар фишурд.

– Сар те!.. Дод мегӯям! – Сабо худро такон дода, дасташро аз дасти ҷавон раҳо кардан хост.

– Дод гӯй… Худат шарманда мешавӣ, – хунсард табассум карда дасти ӯро раҳо намекард Зафар. – Хайр, биё

мешинем, – ӯ Сабоpo оғӯш карданӣ шуд, аммо духтар ӯро тела дод.

– Алмос!.. Алмос! – фарьёд кард вай.

Саг дар як сония аз куҷое ҳозир шуду бо нигоҳи савол ба чашми духтар нигариста думашро такон медод ва гӯё гуфтан мехост: “Бифармо, чӣ хизмат?” Зафар аз тарс худро ба қафои Сабо гирифта буд. Ҳарчанд, ки саг ба вай беэътибор буд, ҷавон аз саги бузургҷусса ҳаросид ва дастони духтарро раҳо кард.

– Канӣ, тезтар! – Сабо ба вай амр кард. – Бо кадом раҳ омада бошӣ, ҳамон раҳ катӣ… думата хода кун!

Сабо баъди рафтани Зафар хеле вақт хомӯшу пакар ва бедимоғ нишаст. Қалбаш ноором ва авзояш хиратабъ буд, чӣ кор карданашро намедонист.

Вақте ки рӯз гашт карду вай чизу чораашро ғундошта, асбобҳои Ромишро ҷамъ мекард, лаҳзае наққошиҳои ӯ диққаташро кашид. Ногаҳон… Ин чӣ? Дар байни наққошиҳо акси худи вай… Хандида менигарад… Як гесӯяш ба пеш афтодагӣ… Дар чашмони Сабо ашк таровид. “Дӯст медорад”, гуфт вай зери лаб бо чашмони ашколуд табассум карда.

*Солҳои 1973-78.*

# ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

Аз саргузашти рӯзҳои бачагиам бисёр воқеаҳоро ҳикоя кардаам, аммо ин ҳодисаро ҳаргиз ба ёд овардан намехоҳам. Вале чӣ кор кунам, ки он мудом дар нӯги забонам, шабу рӯз дар сарам ҷӯлидагеш, ҷӯлидагӣ. Мисле ки, то онро нагӯям, маро аз ин шиканҷа халосӣ нест. Агар гуфтанаш осон мебуд, кайҳо онро мегуфтам, лекин... Ҳар як кори чигил ана ҳамин хел “лекин” дорад. “Лекин”-и ин воқеа як сири намегуфтагӣ. Ҳар сире, ки онро ба кас гуфтед, сир нест. Хуллас, имрӯз ман ин сирро гуфта, аз бори гароне, ки қариб чоряк аср ба дӯши дили бечораам бардошта гаштам, халос мешавам. Хато ва гуноҳ ҳаргиз виҷдони одамиро осуда намегузорад: гӯй, барои чӣ руст мекунӣ гуфта, дилро харошидагеш, харошидагӣ. Ман аз гуфтани ҳақиқат, ҳарчанд ки бисёр талх аст, наметарсам ва шарм ҳам намекунам. Одати ман ҳамин аст: ҳама гапро бояд гӯям. Агар баъзе чизҳоро нагӯям, он ҳам бесабаб не: ё ҳамон воқеа ба гуфтан намеарзад, яъне, ҳақиқати ба мардум нодаркор аст ва ё чунон ки Шайх Саъдӣ овардааст, рост фитнаангез ва зарарнокест, ки аз гуфтан ногуфтани он авло. Қисса кӯтоҳ, он саргузашти нохушамро мегӯям. Ба ҳар ҳол, он ба ман сабақи зиндагӣ гашта буд.

Аввал бояд гӯям, ки дадаам он солҳо ҳозира барин пири хушҳолу чақчақӣ набуданд. Ман агар дадаам гӯям, шумо як марди хода барин дарозу лоғар, чашмонаш дар косахона шиштагӣ, коркун, камгап ва хеле ҷиддию вазнин, ҳатто аз ҳад зиёд ҷиддиро пеши назар оред. Инро ба ман бачаҳо ҳам мегуфтанд. Онҳо ҳаминро ҳам таъна мекарданд: “Дадаат одами бадҷаҳл барин” мегуфтанд. Аммо ман хуб медонам, ки дадаам ҳеҷ гоҳ бадҷаҳл набуданд, фақат кам механдиданд, ҳатто ки қариб намехандиданд. Сабаби кам хандиданашонро худам ҳам намедо-

нам. Балки солҳои баъди ҷанг талабот аз мардумон ҳамин хел буд, кӣ медонад? Барои намозу рӯза, барои хатна кардани бачаашон баъзеҳоро ҷазо медодаанд-ку! Тағоии очаамро барои он ҳабс карда будаанд, ки дар хонаашон китоби кӯҳнаро нигоҳ медоштаанд.

Он солҳо дадаам бегоҳӣ аз кори саҳро димоғашон гирифтагӣ, хастаю шалпар меомаданд. Қавоқашонро накушода болои кундаи ҳезумкафонӣ амонат менишастанду як бор уф кашида мондагиашонро мебароварданд. То дӯғоб оварда додани очаам бо мо саволу ҷавоб карда, якду супориш медоданд. Баъди дӯғобро дам кашидан, каландашонро гирифта ба замини рӯйидаричаамон мерафтанд. Дар он ҷо то шом кор мекарданд. Очаам мегуфтанд, ки ҳамин як порча замини рӯйидарича хонаводаи моро ба по рост медорад. Албатта, ман он солҳо маънии ин гапро дуруст намефаҳмидам.

Аслан, чандон хурд ҳам не, дувоздаҳсола будам. Ҳанӯз дуруст каланд зада натавонам ҳам, дигар корҳоро нағз ӯҳда мекардам: киштро об додан, ба молҳо алаф овардан, хошок даравидан, аз кӯҳ ҳезум овардан. Ҳатто ду-се бор додарам катӣ ба осиёб ҷуворӣ бурда, орд карда омадам. Додарам – Салим он солҳо дар синфи сеюм мехонд. Ман аълохон гуфта баъзан аз худ мерафт. Ҳар чизе биёранд, вай нағзашро мегирифт. Каҷу килеб сурат мекашиду рассом мешавам, мегуфт. Доим дар кисааш ангишт ё бӯр, тахтасангҳои сари роҳро кажу маж хат кашида, пур мекард. Ҳатто сурати Алопарро дар санг оҳан катӣ канд, он сурат дигар намеравад. Баъди Алопарро аз даст доданамон Салим ҳар бор ҳамин суратро нишон дода, ба ҷароҳати дили ман намак мепошид.

Худи Салим бачаи бад не, аммо гоҳ-гоҳ зӯъмию якравӣ дорад. Азбаски ӯ харобу лоғару рангпарида аст, очаам баъзан аз ман пинҳонӣ ба вай саршир медиҳад. Гурбаи шум барин чанд бор аз хонаи дарун саршир хӯр-

да, лабонашро лесида баромаданашро дидам. Бо вуҷуди ин, думчаи мурӯд барин гардани борикаш, каллаи ошкаду барин калонашро базӯр дошта истодааст. Амакам мегӯянд, ки биниашро кашӣ, ҷонаш мебарояд. Қувваташ нест, пуф кунед, меғалтад.

Рӯзе ману Салим ба кӯҳ барои ҳезум рафтем. Аз хонаи мо кӯҳ дур не, агар пиёда, бебор равед, яксоата роҳ аст. Сагчаамон Алопар ҳам афтону хезон аз қафоямон рафт. Сагча ҳанӯз хурд буд – думоҳа ё семоҳа. Вақти таваллуди онро намедонем, чунки мо онро аз лойхандақи қафои идораи колхоз ёфтем. Чунон ба лой ҷӯлидагӣ буд, ки чӣ махлуқ будани онро дониста намешуд. Ҳамсояамон Гулсумхола онро "бачаи шағол барин" гуфтанду очаам ҳам ба фикри он кас шарик гаштанд:

– Аз кадом гӯр ёфтӣ, гӯрков? Охир ин шағол...

– Ман не, Салим ёфт, сонӣ ман даромада гирифтам, – аз эҳтиёт ба ин гуноҳ шарик будани додарамро гӯшзад кардам. Кӣ медонад, кор оқибат чӣ ранг мегирад? Баногоҳ ягон гап хезад, гуноҳро тақсим кардан хуб аст. Аълохонӣ ва нимҷонии Салимро дар назар дошта, ҷазоро сабуктар мекунанд ва ё тамоман мебахшанд.

– Агар ин бачаи шағол бошад, шаб очааш кофта мебиёду якта ҳам мурғ намемонад, – тарсонданд очаам. Баъд ба ҷонвари дир-дир ларзида истодагӣ раҳмашон омад магар, гуфтанд: – Ба пеши бобот бар, ку бинанд, чӣ махлуқ аст. Холаи Гулсум бачаи шағол гуфтанд, гӯй.

Ман он ҷонварро бардошта, ба тарафи ҳавлии бобоям давидам. Салим аз қафоям метохт. Ҳавлии бобоям дур не, дар он дасти сой, пеши замини рӯйидаричаамон.

Бобоям дар офтобрӯ ҷули харашонро дӯхта менишастанд. Он кас ҷонвари ёфтагиамонро пасу пеш гардонда диданду гуфтанд:

– Кучукбача-ку.

– Ура, кучукбача! – Ман онро гирифта сӯйи ҳавли-

амон тохтам.

Салим бо фиғону ҳаёҳу аз қафо омад, ки сагча азони вай аст, чунки онро вай ёфт. Мо аз ин хусус зуд ба сари муросо омадем: сагча аз ҳардуямон. Медонистем, ки аздусар онро ду ҳис карда намешавад ва ягонтаамон аз он даст намекашем. Ҷое, ки ба ғайр аз муросо дигар чора нест, талош бефоида буданашро мо нағз медонистем.

Сагбачаро дарҳол шуста пок-покиза кардем. Ало будаст, Алопар ном додем. Ҷонвар аз гушнагӣ қариб ба мурдан расидаст. Мо аз лойдон гирифта ҷойи он, ки хӯрокаш диҳем, ба муқаррар кардани зоту зурриёти он машғул будем. Бечора чунон ба ширу нон дарафтод, ки...

Баъд барои Алопар дар ҳавлӣ аз сангу лой хонача сохта, ба тагаш пахоли мулоим андохтему аз болои пахол як порча пӯстаккӯҳна партофтем.

Ману Салим ба куҷо равем, чӣ кор кунем, Алопар ҳамроҳ буд. Афтону хезон мерафт, агар бишинем, мешишт, тозем, метохт, баъзан аз ягон чиз хурсанд, баъзан аз рӯбарӯшавӣ бо ягон ҳайвон дар тарсу ҳарос. Ҳамроҳи мо Алопар ҳам кам-кам калон мешуд.

Як моҳ нагузашта вай одамони атрофамонро аз бегонагон фарқ мекард. Агар аз ҳамсояҳо касе ё хешу табори наздик ба ҳавлӣ дароянд, як-ду бор аккос зада, моро хабардор мекарду бас. Не, агар ягон одами бегона ё ба вай ношинос дарояд, то аз хона баромада “хап шав” нагӯем, ором намешуд. Алопар ҳатто молҳои моро аз моли бегона фарқ мекард. Ҳар бегоҳӣ чун рама омад, модагов ва чор бузи мо ҷудо шуда ба ҳавлӣ медаромаду моли сиёҳ ба сари мехаш, моли реза ба қӯтанча мерафт. Агар ягонта мол қоидаро вайрон карда, ба тарафи дархона ва гӯшаи ниҳолу гулзор гузаштанӣ шавад, Алопар валвала сар мекард. Махсусан, агар ба ҳавлӣ моли бегонае дарояд, то онро аз дарвоза берун наронад, Алопар ором намегашт. Аккосзанон, баъзан тарсону ҳаросон аз

қафои он мол метохт, таҳдид мекард, зорӣ менамуд, то ки зудтар аз ҳавлӣ барояд. Шаби аввали як сар гӯсфанди ҳисорӣ харидanamon саги бечора шаби дароз хоб накард, хавотир буд. Гумонаш, ин моли бегона моро фиреб дода ба ҳавлӣ даромадасту қасде дорад, нимишаб ё вақти саҳар, ҳангоми хоби ғафлати мо ягон нобакорие карданист.

Алопар ба очаам бағоят маъқул афтода буд. Хусусан, баъди як воқеа ғамхории он кас ба сагча афзуд, ҷонвараки дастнигарро назарашон гирифт ва ҳароина ҷонибдорӣ мекарданд. Воқеа ин тавр рух зад: он солҳо дар деҳаи мо на электр буду на яхдон. Мо ҳатто номи яхдонро нашунида будем. Не, хато кардам, бибиам ҳикоя карда буданд, ки пеш аз инқилоб ва колхозӣ дар деҳа баъзе давлатмандон ва ҳалвопазон таҳхонаи чуқури зеризаминӣ кофта, зимистон дар он барфро ғун мекардаанду аз болояш хок мепошидаанд. Он барф дар тобистон кам-кам об шавад ҳам, тамом намегаштаст. Таҳхонаи барфдор вазифаи яхдонро иҷро мекардаст. Ба ғайр аз ин, дар саратон аз барфи он яхобу яхмос, ҳалвою нишаста месохтаанд... Сари суханам чӣ буд?.. Ҳа, дар деҳаи мо он солҳо на яхдон буду на электр. Дӯкони гӯштфурӯшӣ ҳам набуд. Одати мардуми мо чунин аст: ҳар хонавода ягон буз ё гӯсфандашро кушта, гӯшти онро хушк карда мегираду муддатҳо воситаи дегҷӯшӣ месозад. Очаам барои дам наоварда хушк шудани гӯшт онро намак зада, шабҳо шаддавор ба чӯб мегузаронданду дар шамолгаҳ меовехтанд... Шабе аз шамоли сахт як лахти калони гӯшт канда гашта ба замин афтодаст. Алопар то саҳар дар сари он пораи гӯшти ба замин афтода посбонӣ карда, гурбаҳоро раҳ надодаст. Саҳар очаам аз хоб хезанд, Алопар дар назди гӯшти афтодагӣ фукаш ба рӯйи ду пояш, аз гӯшт чашм наканда менишастаст. Очаамро дида, ба назди он кас тохтаст, баъд ғишингос зада боз ба сари гӯшт рафта воқеаро фаҳмондаст. Аз таҷрибаи солҳои дароз мо медо-

нистем, ки агар Алопар набошад, аз гӯшти ба замин афтода ному нишон намемонд. Ҳатто баъзе гурбаҳои ганда ҷаҳида гӯштро аз тор гирифта мебурданд.

Алопар саги боақл буд, аммо ман беақлӣ карда онро аз даст додам. Аслан, аз даст доданам беақлӣ не, баръакс, пионер бояд ки айнан ҳамин хел амал кунад, мегӯянд муаллимон. Хайр, рости гап, андаке аз ман ҳам гузашт... Барои ин то ҳол виҷдонам маро гоҳу бегоҳ дар шиканҷа гирифта, азоб медиҳад. Ман дигар саг напарвардам. Сагу сагбача гӯянд, Алопар ба ёдам мерасаду дар як дам вуҷудам таб мебарорад.

Ҳамон рӯз ману Салим арғамчину табарча гирифтему ба кӯҳ ҳезумкунӣ рафтем. Алопар ҳам ҳамроҳ буд. Мо ду пуштора ҳезуми хушкро баста, акнун ба роҳ медаромадем, ки аз пушти ёлаи кӯҳ рамаи колхоз баромаду ду саги хирс барин барзангӣ аккосзанон ба сӯйи мо тохтанд. Аз тарс саросема ҳар ду ҳам ба як дарахти арча баромадаем. Бечора Алопар дар бехи дарахт тарсону ларзон, беҷуръатона ак-ак карда, он ду балоро пешвоз гирифт. Мо бо доду фарёд чӯпонро ба ёрӣ чеғ задем.

Сагҳои рама бо фукҳои ғафсу ваҳмангези худ Алопарро бӯй-бӯй карда диданду мисле ки, боварӣ пайдо карданд, ки ин ҷонварак аз авлоди гург ё шағол не, бо он шӯхию бозӣ оғоз намуданд. Аз ҳаракатҳояш маълум буд, ки Алопари шӯр чандон рағбати бозӣ надошт ва аз ҳазлу шӯхиҳои онҳо метарсид, илоҷе ёфта канортар гурехтан мехост, аммо он ду хирси барзангӣ ду-се ҳаллос зада, сари роҳи вайро мегирифтанд.

Хайрият, чӯпон расида омаду сагҳоро аз сари мо дур андохт. Ману Салим аз дарахт фуромадем.

– Ягон дуогӯятон аз таҳти дил дуо мекардаст... Ба шарофати дуо... ин арча будаст, – изҳори мамнунӣ кард чӯпони якдаста.

Бинии ин марди навчаи сурхрӯ айнан ба мисли мин-

қори уқоб хамидагӣ буд.

– Набошад, исқотҳо нагазанд ҳам, сахт метарсонданд.

– Барои чӣ нагазанд, мегазанд, – гуфт Салим, ки ашки чашмаш ҳанӯз хушк нашуда буд. Ман акнун пай бурдам, ки ҳангоми ҳамлаи сагон вай фарёд зада гириста будаст.

– Бачара намегазад. Агар худат кордор шавӣ, гапи дигар ё ба мол расӣ... – чашми чӯпон ба Алопар афтоду онро баҳ-баҳ гуфта доштанӣ шуд, аммо сагбача нияти ӯро пай бурду дур гурехт.

– Ҷеғ зан, сагата як бинам, – хоҳиш кард вай. Баъд гуфт: – Зотӣ барин.

Ман Алопарро доштам. Вай дандонҳояшро гиз карда, таҳдидкорона ар-ар мекарду чӯпонро наздик омадан намемонд. Аммо даҳмарда ба вай эътиное накарда чанг заду аз ёли Алопар бардошт. Сагча ғишингос заду бо ғазаб ба чӯпон дарафтод ва аз чанги ӯ раҳоӣ ёфта он сӯ гурехт. Баъд ҳимоятҷӯёна ба назди Салим рафту кинахоҳона ба тарафи чӯпон ак-ак задан гирифт.

– Сагбачаро ба мо те, пеши сагои мо калон шавад, – гуфт чӯпон ба ман хитобан бо як оҳанги омирона.

– Худамон ҳам калон мекунем, – гуфтам ман бепарво ва ба содадилии чӯпон дар дилам хандидам.

– Ҳайф мекунӣ. Саг – саги рама. Миёни мардум вайрон мешавад. Ма, – вай як панҷоҳсӯмии сабзро аз кисабағалаш бароварда ба ман дароз кард.

– Не-е, даркор не, – гуфтам ман хиҷолат кашида. Ба ман чунин намуд, ки панҷоҳсӯмиро дида, чашмам сиёҳӣ зад. Ташвишомез ба рӯйи Салим нигаристам. Вай гаранг барин ба даҳони воз ба чӯпон менигарист.

– Гир. Ту боз дигараша меёбӣ. Дар қишлоқ чӣ пур, сагбача пур. Ина ба рамаи колхоз те. Ту пионер-ку!.. Шарм намедорӣ?

– Не, ман ба шумо дигараша оварда медиҳам, – бе қатъият сухан гуфтанамро худам ҳам ҳис кардам. Ба панҷоҳсӯма дилам кашол буд, ҳатто метарсидам, ки чӯпон мабодо аз нияташ гашта, онро ба кисааш андозад.

– Ана, ма, гир... Инаш барои додарат, – чӯпон ин дафъа аз ҷайбаш як сисӯмии сурхи шараққосиро барөварда ҳамроҳи он панҷоҳсӯмӣ ба кисаи ман андохт. Дигар эътироз баён накардам. – Бихез, ту дор, ман баста мегирам. Пионер бояд ки ғамхори моли давлат бошад...

Ман Алопарро доштам. Чӯпон чолокона бо чилбур онро басту ба фукаш ҳалқа гузаронд. Сипас, ба тапар-тапару ғишинг-ғишинги сагбача эътиборе надода бардошта бурд.

Сагча чунон вовайло бардошт, чунон чингос зада аз мо мадад мехост, ки ман тоб оварда натавониста, рӯямро гардондаму хостам гӯшамро ба карӣ занам, аммо муяссар намегашт. Зории Алопар аз дуродур ҳам ба гӯшам мерасид.

Фарёди имдодхоҳонаи он аз миён солҳо гузашта бошад ҳам, то ҳол дар гӯши ман садо медиҳад ва диламро мефишорад.

Ман он рӯз аз ин муомила хурсанд будам. Ҳазл не, ҳаштод сӯм-а! Албатта, пули он солҳо беқурб буд, аммо дадаам рӯзҳои ид ҳам идипулӣ гӯён ба мо ин хел пули калон насодаанд.

Ба роҳ афтодему дарҳол бо Салим пулро тақсим кардем. Ба вай – сисӯмии сурх, ба ман – панҷоҳсӯми сабз, рангаш қурбоққаи нақшин барин. Мо ба ин пулҳо чиҳо хариданамонро ҳам маслиҳат кардем.

– Аттор ояд, ман чангаки моҳидорӣ мехарам. Боз аз шофёрҳо якта гупсари резинӣ мехарам. Сонӣ, дам мекунаму ба оби сой партофта, ба болояш савор то худи ҳавзи Ҷонварсӯз меравам, – гуфтам ман.

– Не, ман ба ин пул қалами ранга мехарам. Сонӣ,

чунон суратҳое кашам, ки даҳоната кушода монӣ! – нияташро изҳор кард Салим.

Вай сисӯмии сурх дар даст, гоҳ онро аз чашмаш дур, гоҳе наздик оварда менигарист, баъд ба монанди байрақ ба сараш баланд мебардошт.

– Ман савори гупсари резинӣ ба осиё ҳам меравам, ба ҳезум ҳам.

– Ҳой каллагаранг, чӣ хел аз поён ба боло меравӣ? Оби сой ба поён мебараду сонӣ аз обпар чунон гирифта мезанад, ки хари бобом барин парча-парча мешавӣ!..

Ба пули Алопар чиҳо хариданамонро раҳорaҳ расо муҳокима кардем, аммо ин гуфтугузор ҳеч ба диламон намезад.

Ҳамин ки ба ҳавлӣ наздик расидем, диламонро як хавфи номаълум оҳиста-оҳиста туман барин зер кардан гирифт. Аз ваҷҳи Алопар як тарафи диламон торик буд.

– Алопара ба чӯпон доданата агар дадаам фаҳманд, тура мекушанд! – Оқибат Салим худдорӣ карда натавонисту буғзи дилашро кушод.

– Барои чӣ? Мо барои рамаи колхоз додем! Чӯпон гуфт-ку агар дар рама калон шавад, саги ҳақиқӣ мешавад... Мумкин Алопари мо ягон вақт рамаро аз ҳамлаи гургон халос кунаду сонӣ... сонӣ ном барорад. “Ин саг аз куҷо?” – гуфта пурсанд, номи моро мегӯянд. Сонӣ Раисбобо мумкин ба мо таърифнома диҳанд. Ба мактаб омада, дар пеши саф... Ин кори ҳазл не. Лекин ҳозир ин сира бояд ба касе нагӯем.

– Ту ба чӯпон гуфтӣ, ки сагча аз ҳардуямон?

– Ҳа... Худат дидӣ, ба ҳар дуямон пул дод-ку!

– Хайр, агар ин хел бошад, барои чӣ пула ба кисаи ту андохт?

– Ҳамту, андохт. Сонӣ, ҳар ду тақсим мекунанд гуфта...

Аз он ки Алопар рамаи колхозро посбонӣ мекунад, Салим ҳам ба ваҷҳ омад. Вай чунон ба ин гап часпидаги-

рифт, ки тайёр буд ҳозир рафта аз дадаам барои ин корамон шодиёна гирад.

– Лекин ҳушёр шав, мабодо аз даҳонат барояд... Дадаам ин гапҳоро нағз намебинанд. Ҳозир дар ин хусус гап намезанем. Агар пурсанд, мегӯем, ки аз паси мо ба кӯҳ рафт, сонӣ чӯпон дошта гирифту ина барои рама диҳед, гуфт, додем, мегӯем. Пул гирифтем нагӯй, ҷанг мекунанд. Агар надиҳед, шуморо аз пионерӣ мебароранд гуфт, мегӯем.

Салим розӣ шуд.

Аз ваҷҳи пул табъам ночоғ буд. Пушаймон будам, ки чаро пули чӯпонро гирифтам. Хоҳ-нохоҳ, агар рӯзе дадаам фаҳманд, ҷанг мекунанд.

Дар ҳавлӣ аз наомадани Алопар аз ҳама пеш бибии пир хабардор гаштанд. Сонӣ очаам пурсиданд. Мо воқеаро, чунон ки маслиҳат карда будем, гуфтем. Очаам бо қаҳр даст афшонданду рафтанд. Ман ба рӯйи бибиам нигариста, дараҷаи гуноҳамро фаҳмидан хостам, аммо фикри он касро ҳаргиз дониста намешавад: ягон оҷинги рӯяшон намеҷунбад.

Ман андаке хотирҷамъ гаштам. Баъзан калонсолонро фаҳмида намешавад: барои арзан барин гуноҳатон замину осмонро ба ҳам мезананду аз гуноҳи калон чашм мепӯшанд. Шояд, аҷаб не, дадаам аз ин кори мо хурсанд бошанд?.. Ё мумкин қаҳрашон омадагисту лекин ба хотири Раис-бобо моро ҷанг накардагистанд? Раис-бобо агар фаҳманд, ки барои сагча моро ҷанг кардаанд, мегӯянд-дия: “Барои моли колхоз як кучукчаатро дареғ доштӣ?! Одамон дар ҷанг ҷон доданд, хун рехтанд...”.

Аз байн як моҳ гузашт. Дили ман тамом таскин ёфт. Аммо ногоҳ Салим корро расво кард.

Ҳамон рӯз ман таъинот гирифтам ба осиёб як ҷувол ҷуворӣ бурда, орд карда биёрам. Ба Салим фармуданд, ки барои молҳо аз лаби сойҳо алаф даравида орад. Да-

даам саҳарӣ супориш доданду ба кор рафтанд. Бобояму очаам ҷуволи ҷувориро ба хар бор карда доданд. Ман ба болои бор савора ба роҳ афтодам. Салим бошад “ман ҳам ба осиёб меравам” гуфта хархаша кард. Очаам розӣ нашуданд. Салим ғишингос зада аз паси хар равон гашт. Сонӣ аз думи ҳайвон сахт дошта кашида истоду нагузошт, ки хар раҳ гардад. “Сар те” гӯям, сар надод. Дар дастам химчаи тар буд, дарозу борик, саҳл ба сараш расондам ё не, вай аз алам мушт барин санга аз замин бардошту ба сари ман зад. Хун чашма барин ҷорӣ шуд. Очаам тохта омада маро аз хар фуроварданду ба хона бурда хобонданд, ба ҷароҳат зуд намад сӯхта зер карданд.

Салим ба ким-куҷое гурехта рафту бо ҳамин то ба шом гум шуд.

Дадаам аз кор омаданду воқеаро фаҳмида, пеш аз он ки ба сари полез раванд, ба боми зинхона баромада Салимро чеғ заданд:

– Салим!.. Ҳой, Салим!.. Салим!..

Дар ин хел мавридҳо овози дадаам монанди раъд гулдуррос мезад ва аз тарафи сой акси садо медод. Фурсате нагузашта Салим пайдо шуд.

– Ҳозир ҷазоята мебинӣ! – гуфтам ҳамчун мазлуми адолатхоҳ бо андаке овози озурда. Вай аз замин чашм набардошта омаду дар рӯ ба рӯйи дадаам гунаҳкорона истод. Дадаам хомӯш ба сар то пойи вай нигариста, барои бетамизиаш ҷавоб талаб доштанд. Аммо Салим гардани дарозаша ба дарун кашида хомӯш буд. Ҷазои ҳасадхӯр ва нобинам ана ҳамин гуён, дар дил шодӣ кардам.

– Ҳа, гап зан! – дадаам суханашонро аз зиҳи дандон бароварда, бо ғазаб ба тарафи вай як қадам монданд.

Дадаам моро назананд ҳам, чунин ваҷоҳаташон басанда буд, ки дигар он номаъқулиро такрор накунем.

– Вай... вай Алопара... а-а, ба чӯпон фурӯхт, пулаша

гирифта... – ногаҳон канда-канда эълон кард Салим.

Нафаси ман ба дарун заду на ба рӯйи дадаам нигаристам, на ба тарафи Салими хоин.

– А-а? Чӣ? – дубора пурсиданд дадаам.

– Чӯпон аввал панҷоҳ сӯм дод... сонӣ... сонӣ боз... сӣ сӯм...

Салим суханашро ба поён нарасонда "ҳаққашро" бигирифт. Аз падар як торсакии обдор хӯрданашро ба гумонам худаш ҳам нафаҳмида монд.

– Нокас!.. Дар зоти мо иғвогар набуд, ту аз куҷо ин "ҳунарро" ёд гирифтӣ?!

Салим бо фиғон аз ҳавлӣ берун рафт.

– Чӯпон... чӯпон... гуфт, ки... ту чи хел пионерӣ... ин сагча а-а.... барои рамаи колхоз...

Ман худро сафед кардан хостам, вале падар гӯш кардан нахостанд.

– Ноҷинс!.. Гум шав, афтата набинам!.. Агар дӯстатро фурӯхта бошӣ, ягон рӯз модаратро ҳам мефурӯшӣ!..

Падар ба рӯйи ман чунон бо қаҳру нафрат нигаристанд, ки агар ин лаҳза замини зери поям кафад, рост худро ба роғи он меандохтам. Ҳурмати нон, қасам ба ҷони ҷавонам, агар як не, даҳ торсакӣ зананд, аз ин хел нигаристанашон сад раҳ авлотар буд. Чунин нигоҳи падарро ман дигар ҳаргиз надидам. То ба ҳол, агар нигоҳи ҳамонрӯзинаи он касро ба хотир оварам, баданам виҷиррос мезанад.

Баъд аз ин воқеа ман як ҳақиқати оддиро дарк кардам: табаҳкориро бо нияти нек пардапӯш кардан кори беҳуда будаст. Аз ин мебарояд, онҳое, ки мулкеро хароб карда, мо онро наҷот додем, мегӯянд, як рӯз не, як рӯз рӯсияҳӣ мекашанд.

*Соли 1976.*

## ГӮШТИГИРӢ

Дар миёнаҷои давра аз кундаю ғӯлаҳои яклухт гулхани бузурге афрӯхта буданд. Оташ баъзан баробари ду қадди одам баланд гашта, ҳезум часар-часаркунон ба атроф шарораву лахча мепарронд. Шӯълаи гулхан атрофро равшан карда, рӯйи одамони дар қатори пеш нишастаро метафсонд. Онҳо гоҳ бо як даст, гоҳ бо дасти дигар рӯяшонро аз ҳарорати сӯзони оташ панаҳ мекарданд, аммо ҷойи тамошобобро аз даст намедоданд.

Давродаври гулханро ҳамвор карда, рег пошидаанд.

Дар сафи пеши давра, асосан, пирону даҳанкалонони деҳа ва меҳмонони аз роҳҳои дуру наздик омадагӣ нишаста, чой менӯшиданду сӯҳбат мекарданд. Дар байни онҳо роҳбарони колхоз, идораи ҷамоат ва ноҳия ҳам буданд. Дар ақиб дигарон – мардон, ҷавонону бачагон, дар ду-се ҷой тӯдаи занону духтарон нишаста, ҳама интизори шурӯъи гӯштӣ буданд.

Саркор баъзеҳоро ақибтар шинонда, майдонро барои гӯштигирон васеъ карду аз ҳозирон гаштаю баргашта мепурсид, ки Комил-полвон ҷаро бедарак аст.

Саволи саркор даҳан ба даҳан гузашта, ба гӯши полвони ин дам ба тӯда ворид шуда расиду ӯ аз торикӣ овоз баровард:

– Тақсир, мо дар ҳамин ҷо!

– Э, дар куҷо гум шуда гаштед? Ҳама ба шумо нигарон, – саркор ба сӯйи овоз муроҷиат кард.

Дар ақиби издиҳом каллаи калон ва пешонии фарохи Комил-полвон намудор шуд.

– Ҳой, полвон, имшаб гӯштӣ буданашро намедонистед-чӣ?!

– Соати ҳашт, баъди ҳама рафтан як мошин беда оварданд, – бо овози баланд сабаб меоварад ӯ. – Ночор

ҳамроҳи ронанда фуровардаму ба ғарам зер кардам... Як бор ба тӯйхона даромада, муборакбод гуфта бароям? – иҷозат хост вай. Матлаб аз ин “муборакбод гуфтан” хӯроке хӯрдан буданаш ҳам ба саркор ва ҳам ба дигарон равшан буд.

– Муборакбодро дар ҳамин ҷо мегӯед. Барои шумо ошро ба ҳамин ҷо меоранд. Саркор ба ҷониби тӯйхона фарёд кард: – Ҳой, Абдувалӣ, барои полвон дастархон!..

Комил-полвон аз сафи пеш, дар канори се-чор нафар мӯйсафедон нишаст, ки пирони обрӯманди деҳа буданд ва хурду бузург дар ҳар боб ба адолати онҳо шубҳа надоштанд ва дар воқеъ ҳам, ин нафарон аз ҳар гуна таассуб пок буда, ҳамеша дар баҳсу талош ва дигар маъракаи ин мардум ҳакам ва довари боэътимод ҳисоб меёфтанд.

Саркор ду нафар писарбачаҳои ҳафтсоларо аз байни бачаҳои довталаб пеш бароварда, қабл аз он, ки ба талош андозад, барои гӯштии имрӯза аз кӯҳансолони давра фотиҳа пурсид.

– Пирон даст диҳанд, арвоҳ мададгор шаванд, афтодаро замин бардорад, афтондагиро... – яке аз он пирон, ба ин минвол хеле суханони дуо гуфту бо тантана ба фотиҳа даст кушод: – Оми-ин!..

Ҳама даст ба рӯй кашиданд. Баъд саркор он ду бачаро, ки мисли хурӯсчӯҷаҳо ҳар лаҳза омодаи ба якдигар ҳамлакунӣ буданд, ба гӯштӣ андохт.

Гӯштигирии бачаҳо ғалатӣ аст! Онҳо мисли калонсолон такаллуф ва худнамоӣ надоранд, барои озмудани ҳамдигар тӯлонӣ чарх намезананд. Бачаҳо, ҳамин ки даст ба камари якдигар расонданд, гарму ҷӯшон талош мекунанд. Ана, кайҳо афтонд!.. Писараки афтида ҳунгос зада ба гиря шурӯъ кард. Саркор бо нигаронӣ ӯро ҳолҷӯӣ кард:

– Чӣ шуд, канӣ?.. Куҷоят?.. А?.. Бигӯ? – вай дасту

пойи ӯро бо дастонаш ламс кард, ки мабодо зарба нахӯрда бошад.

– Га... гар... гарданама ханҷолид...

– Ҳеҷ гап не, канӣ?.. Э, барои ҳамин ҳам одам гиря мекунад? Айб аст... Ма, – саркор ба вай ҳам як худнавис ҳамчун подош дод.

Ду нафари дигар дар майдон талош доштанду боз чанд нафар довталабони кучак камар баста, омодаи ба гӯштӣ даромадан буданд. Кадоме аз ҳарифон ғолиб меояду бо вай бояд гӯштӣ гирад, барои ин ғайратмандони хурдсол фарқ надошт.

Комил-полвон аз талоши бачаҳо чашм наканда, пиёлаи чойи кадоме дароз кардаро ҳӯрт мекашид. Чойи сабзи талх ба меъдаи холӣ чандин таъсири хуш надошт магар, ҳар дам ба атроф нигариста, фаҳмонданӣ мешуд, ки дастархон наовардаанд. Аммо чашму гӯши ҳама ба гӯштигирон банд, ба назди полвон дастархон овардан ба ёди касе намеомад. “Сабили ишкам расо танбӯр навохтку!” – гуфт вай худ ба худ. Баъд боз ба умед ба самти тӯйхона нигарист. – “Раҳматӣ падарам, мегуфтанд-а, нонро пеши по назан. Аз гӯштӣ дер накунам гуфта мастобаи занакро нахӯрда омадам, уболаш гирифт. Нона пеши по за-дан намешавад... Ба ишками гушна гӯштӣ ҳам завқ надорад. Хайр, меовардагист, фаромӯш накунад шуд...”

– Канӣ, полвон, чӣ шуд, чӣ мегӯед? – Ногоҳ саркор ду нафар гӯштигири ба паҳлӯ афтодаро боздошта, ба ӯ рӯ овард.

– Ҳалол шавад. Дубора, – ҳукми худро гуфт полвон. Садои вай мисли ҳарвақта қатъӣ ва салобатнок набуд.

Навбати гӯштӣ тадриҷан аз хурдсолон ба наврасон мегузашт. Гӯштигирии наврасони 14-15 сола хеле ҷиддӣ ва арзиши тамошо аст. Ҳиммати тӯйдор ҳам бад не. Саркор мукофоти ғолиб – як дастгоҳи аксбардориро аз қуттиаш берун оварда, ба мардум нишон дод ва сипас,

онро ба дасти полвон дод. Одатан, баранда ҷоизаашро аз дасти полвон мегирад. Комил-полвон ғилофи чармини онро даст-даст карда диду фикр дошт, ки қимматаш чанд пул бошад. Ин Бахтиёр як умр ба кори сиёҳ даст назад, таҳсил накарда бошад ҳам, корчалон баромад, – мегуфт вай ба дил бобати соҳиби тӯй андешида. – Як даҳ соли охир дар райпо, ба мағозаҳо мол медиҳад. Дӯкондори деҳа мегуфтаст, ки аз ҳар қуттӣ арақ як дона-ду дона ба худаш мегирифтаст, аз чойи нағз ҳам, аз дигар чизҳо ҳам. Баъд дӯкондорҳо ҷуброни онро аз мо мебаровардаанд...

Ду тан наврасон уқобвор ба ҳам дарафтоданд. Комил-полвон як-ду сол аз инҳо калон буд ё не, дар тӯйи арӯсӣ бо як ҷавони дар гӯштӣ номдор гашта талош карда, ӯро афтонду номи “Полвон”-ро гирифта буд. Ҳамон вақт соҳиби тӯй ба вай граммофон дод. Он вақт граммофон дар ҳар деҳа якта ё дута буду тамом... “Э - э, дастархон овардан аз хотирашон рафт. Саркор ҳам як бор нигоҳ намекунад, ки ишора кунам. Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна!.. Ҳамдам-қассобро чӣ фалак задаст, дирӯз ба нася як кило гӯшт надод-е. Ягон бор гӯшт гирифта, пулашро надода намондаам-ку! Аз баҳри насяфурӯшӣ баромадаст!.. Гӯшт – танқис, бозораш тез-дия. Кӣ дар ҷайб доим пули нақд дорад?! Ин ҷо ба ту шаҳр аст-чӣ?.. Эҳ, канӣ, ҷавонтар бошаму аз ин гӯштӣ як гӯсфанди фарбеҳ гирифта барам. Дар охир, барои полвонҳои калон гӯсфанд ё қолин будагист? Бе ин намешавад... Билоохира, ба ман ҳам, як вақте полвон буд, гуфта чизе шавгун медиҳанд: калӯш ё ягон яктаҳи чит...” Полвон оҳиста оҳи бадард кашид.

Ба ҳамин тариқ, ӯ чашм ба гӯштигирон фикр мекарду фикр мекард. Ҳарчанд сайъ кард, аз қайди ин андешаҳо баромада, лаҳзае бо атрофиён ё гӯштигирии бачаҳо машғул шавад, аммо натавонист. Ба гӯшаш гап намефо-

рид. “Наход, ки ба тӯй гурусна омада, гурусна равам? Э, ин қадар дабдабаю дову дастгаҳатро ба сарам занам! Ошу нонат бошад ҳам, хешу табор, ёру дӯсти дурустат набудаст. Дар ин хел вақт наздиконаш аз омадаю равандагон хабардор шаванд-дия! Ҳамин ҳам кор шуд!.. Ин не, вай не, Бахтиёр ҳам калонҳоро мешиносад. Ба ҷойи ман раис омада шинад канӣ... Барои дилёбию дилҷӯӣ тӯй мекунанд... Ягон мансабдор ояд, “хуш омадед” гӯён дар гирдаш мечарханд... Ҳамин ҳам мардӣ аст?! – Ӯҳ, Рауф ҳарифаша бардошт!.. Ҳа, ана, ба сари зону гирифт. Парто зудтар!.. Ҳа, бале!.. Тавба кардам, ҳеҷ кас гумон надошт, ки ҳамин шатрама одам мешавад. Чунон бесар, чунон айғоқ буд, ки ба замин занед, ба осмон меҷаҳид! Дар шикамаш як рӯдаи рост надошт. Аз дасти ин на полизи мардум дар амон буду на арғамчини мол. Ба қавле, аз ганда пӯст меканд, аз нағз – пӯстин. Ба сарбозӣ рафту одам шуда омад... Суфра овардан аз ёдашон рафт... Ҳозир агар ба ҷойи ман нафари ба инҳо нафъаш мерасидагӣ ояд, ҳамааш тохта меомад... Аслан, барои халқ тӯй намедиҳанд, барои раису роҳбарон...”

Наздики ду-дуввуним соат гӯштӣ гирифтанду тадриҷан навбати паҳлавонони номдор расид. Ҳама медонистанд, ки аз деҳаи Яккатут Мурод ном паҳлавони маъруф барои бо Сангин гӯштигирӣ омадааст. Сангин паҳлавони номдори ин гирду атроф, шогирди Комил-полвон, умеду ифтихори вай аст. Комил-полвон шогирди бисёре дорад, аммо Сангин комилан дигар аст. “Паҳлавонӣ ба вай мерос. Аҷдод - аҷдодаш паҳлавон гузаштагӣ. Комил-полвон раҳматӣ бобои ӯро дар хотир дорад, мисли як фил қувват дорад, мегуфтанд. Тахтапушташ ба замин норасида аз гӯштӣ баромад, аммо лаънатӣ мӯҳтоҷӣ ӯро маъюб кард. Мегуфтанд, ки Хӯҷамуроди аллоф як иморати дакаданг сохта, барои шаҳсутуни айвонаш аз сойи Ҷизмон як дарахти

чормағзро ғалтондаст. Роҳи кӯҳ танг, улав намегардад. Чор йигити ҳузарб ду рӯз овора шуда, ғелондаю кашола карда, сад қадам барин овардаанду бас. Хӯҷамурод, замин хабар накашад, одами айёр буд, мегӯянд. Рӯйирост аз паҳлавон илтимос накардааст. Андешидааст, ки ноҳудогоҳ маъюб шавад, дар пеши мардум умрбод рӯсиёҳ мегардад. Бинобар он, овоза сар додаст, ки агар ҳар кас ҳамон ғалачӯбро биёрад, як пуд гандум медиҳад. Паҳлавони камбағал инро шунида, дар зарфи як шаб танаи дарахти чормағзро оварда, ба назди дарвозаи бой партофтаст. Аз ҳавлии бой то ҳавлии усто дусад қадам мебарояд ё не, ғалачӯбро бурданӣ шаванд, ба ду барзагов ниёзманд шудаанд. Мегуфтанд, ки ана, пас аз ҳамон воқеа паҳлавон дигар ба худ наомад, қоматаш рост нашуд. Бархе мегуфтанд, ки вай маъюб шудагӣ, баъзеи дигар чашм расид, мегуфтанд. Боз кӣ медонад, ман раҳматиро аранг-аранг ёд дорам, – мегуфт худ ба худ андешида Комил-полвон. – Дар рагу пайи Сангин қуввати бобояш ҳаст. Ман ба вай нозукиҳои ҳунарамро ёд додам, боқимондааш ба худаш вобаста. Сангин дар аввал як авҷ карду сонитар танпарвар шуд. Мисле ки, маишат, сониян, сабилмонда шароб шасташро гардонд... Дар як дастархон дуто нону мева ҳам наоварданд-е!.. Ҳе, ноумедҳо! Агар ош тамом шуда бошад, нону чой ҳам нест-чӣ?.. Арвоҳ занад...”

– И-и-и, полвони яккатутиаш ба майдон баромаданӣ-ку! Э-э, вай ин Тоҳирчаро меафтонад... Мурод – Мурод мегӯянд, ҳамин будаст-дия. Хело ҳам бӯзбала-ку! Ҳар як кафаш бел барин-е! – гуфт мулло Норӣ дар ақиб нишаста даҳонашро ба таҳи гӯши Комил-полвон наздик карда.

– Ҳа, сахттар чангол занад, қабурғаи Тоҳирчаро канда мегирифтагӣ барин, – Комил-полвон ҳам ӯро назараш гирифт.

Комил-полвон ҳаракатҳои Муродро мушоҳида карда, ӯро аз ҳар ҷиҳат писандид. Паҳлавони ҷавон ҳанӯз шармин буда, ба сухан даҳон кушояд, хиҷолат кашида, сурх мегашт. Хоксору батамкин буданаш аён. Ҳа, мағрурию худнамоӣ надорад.

Вақте ки вай бо Тоҳирча ба талош шурӯъ кард, Комил-полвон эҳсос кард, ки меҳмони паҳлавон ҷавони бақувват буда, ҳанӯз аз қудрату тавоноии худ бехабар аст. Вай баъди он ки ҳарифашро ду-се бор афшонда дида, зӯри ӯро санҷид, дилпурона ба вай наздик рафт. Тоҳир ҳам қувваи ӯро фаҳмиду ана, худашро дур мегирад. Дуруст. Агар ба зери бағали Мурод афтад, вай бо вазни худ инро беҳолу бемадор мекунад.

Паҳлавонон чунон ба ҳам дарафтоданд, ки саркор аз хавфи он ки ногаҳ ҳамдигарро ба оташ назананд, мудом дар тарафи гулхан меистод.

Тоҳирча Муродро хеле арақшор кард. Мурод ҳар қадар сайъ карда ӯро ба чапу рост меандохт, аммо бенатиҷа буд. Тоҳирча ба ҳарифи худ сахт такя партофта, монанди кундаи чанор ноҷунбону маҳкам меистод. Аз байни издиҳом овозҳои таҳсин баланд мегашт.

– Сахт ист, Тоҳир!

– Ту аз вай кам нестӣ!.. Нони трактор ҳалол аст!..

Полвон авлоду наҷоди Тоҳирчаро ҳам хуб медонад: "Падараш як одами лоғари нимҷон. Паҳлавонӣ ба Тоҳирча аз тӯби модараш мерос аст. Тағояш полвони забардаст буд. Як йигит буд, ки аждаҳо мегуфтед. Афсӯс дар ҷанг нобуд шуд..."

Комил-полвон таърихи гӯштӣ ва гӯштигирони 30-40 соли охирро дар кулл нағз медонист. Вай замони наврасиаш гӯштигирии тағои ана ҳамин Тоҳирчаро дида буд. "Дар як тӯйи бузург тақрибан тамоми полвонҳои шӯҳратманди гирду атроф ҷамъ шуданд. Тағои Тоҳирча –

Абдусамад дасташ омад карду ягон-ягон шаш полвонро афтонд. Як номарди дигар – Ҳафиз ҳам даъвои полвонӣ дошт. Мардум шӯру ғавғо бардоштанд, ки ӯ ба майдон дарояд. Ночор ба майдон даромаду бо Абдусамад даст ба миён шуд. Абдусамад, дар ҳақиқат, полвони зӯрдаст, ҷавонмард ва тандеҳ буд. Ҳамин ки Ҳафизро ба сари сина бардошта, ба замин заданӣ шавад, ин номард аз андоми нозуки полвон гирифт. Абдусамад аз зӯри дард бо қаҳр ӯро чунон ба сари синааш фишурд, ки аз даҳану бинии Ҳафиз хун омад. Ҳафиз пеш аз ин ҳам дар як маъракаи дигар бо сари зонуяш ба шиками ҳарифаш зада, сабабгори сару садое гашта буд. Бахше аз одамон, ки он лаҳза аз номардии Ҳафиз хабаре надоштанд, ба тарафгирии вай бархостанду қариб деҳодеҳи калон сар зад. Қаблан дар тӯйҳо ба гӯштию бузкашӣ ҳар як қавм йигит ҷамъ карда, дар бағал гурзу калтак, теғу шашпар мерафтанд. Баъзан тӯйҳои бузург бо хунрезию мотам тамом мешуд. Ҳар як деҳа, ҳар як қавм орият гуфта ҷон медоданд-е! Аҳмақира бинед!.. Ҳукумат ҳамаро ба тартиб оварда, хуб кори савоб кард... Аммо равнақи гӯштӣ ҳам аз миён рафт. Давраш гузашт. Он хел тӯйҳо ҳам нест, он хел полвонҳо ҳам. Ҷавонҳои ин давр се бор талош кунанд, нафасашон танг мегардад. Ҳамааш аз сигор, аз шароб. Баъзе йигитҳо ба сӣ даромада-надаромада чарбу мебанданд. Одам фарбеҳ, ки шуд, аз вай полвон намебарояд...”

– Маҳкам ист, Тоҳир!

– Ҳа, дастакотба садқа!..

Шӯру садои мардум Комил-полвонро аз банди хаёлот ба худ овард.

Ҳеҷ чашмдошт набуд, ки Тоҳирча Муродро ин қадар хаста мекунад. Аз ҳозирон ин сирро аксаран мутаваҷҷеҳ нагаштанд, аммо мардони гӯштӣ дида мақсади Тоҳирро фаҳмиданд. Вай барои ба замин афтондани ҳа-

рифаш сайъ намекард. Худашро аз ӯ канор гирифта, имконият намедод, ки талош зуд яктарафа гардад. Мурод бошад ҳамвора мекӯшид, ки зудтар ӯро парт кунад. Қасди Тоҳир ҳам ҳамин – ӯро хаста кардан буд, то ки ба дӯсташ, ҳамдеҳааш Сангин роҳату осон шавад. Сангин кайҳо тағйири либос карда, омодагӣ медид.

– Парво накун, Тоҳир, Сангин дар ҳамин ҷо! – фарёд кард кадоме барои ба Тоҳирча дастгирӣ ва рӯҳ бахшидан.

“Чойникҳои чойро дам ба дам бурда мебиёранд, аммо аз дастархон хабаре нест. Ё ба саркор як ишораи бурут карда фаҳмонам-чӣ? Зишт аст охир, мардуми давру бар чӣ мегӯянд? Саркор аз худаш дониста гӯяд, ҳарфи дигар. Ҳавоси вай ҳозир ба гӯштӣ. Мисли ман кулли рӯз ғарам зер кардааст-чӣ?.. Хайр, ҳеҷ гап не, як шаб-дия. Мардум рӯза медоранд-ку! Аз тӯй нарасад, гила накун, гуфтаанд...”

– Мурод, телба нашав!.. – кадоме аз меҳмонон мақсади Тоҳирчаро эҳсос кард магар, ҳамдеҳаашро огоҳ кард.

Қийғоси аҳли маърака баланд гашт. Мурод оқибат Тоҳирчаро ба сари сина бардошту пойи ӯро аз замин канд ва як бор давр гардонду зад. Гӯё замин кӯчида бошад, аз издиҳом наъра бархост:

– Ӯ-ӯҳ!..

– Қандата зан! Мошоллоҳ!..

– Ҳалолат бод! – гуфт Комил-полвон ҳам зери лаб ба таҳсин сар ҷунбонда.

Пирамардони атрофаш ҳам ба таҳсин лаб кушоданд.

– Ҳалол... Ҳалол...

– Беғилу ғаш гӯштӣ гирифтанд!

– Ҳаққи ҳалол!.. Қанд занед!..

Мурод пеш омада радиои инъомиро аз дасти Комил-полвон гирифт. Вай дар ҳолате, ки тунд-тунд нафас мегирифт, чолок онро гирифту бурда ба дасти яке аз наздиконаш дод. Мурод баъди каме ин тараф-он тараф роҳ гашта, тапиши қалбашро паст кардан, рафта дар канори ҳамдеҳагонаш нишаст. Ду нафар ҷавони бӯзбала ба молидани дасту пойи ӯ машғул шуданд. Дигарон ба сӯйи ӯ хам шуда, маслиҳати як марди миёнсолро гӯш мекарданд.

Сангин аз гӯшае оҳиста ба майдон даромаду маърака лаҳзае сокит гашт. Ба назари одами бегона чунин менамуд, ки ӯ гӯё вазъ мегуфта бошаду халқ барои сухани вайро шунидан ором шудаст. Сангин бо кафи даст чашму рӯяшро аз дуду аз гармии оташ панаҳ карда, оҳиста майдонро давр гашт. Ҳар нафаре, ки ӯро бинад ҳам паҳлавон мегуфт. Навча, синафароху камарборик, дасту бозувонаш мисли оҳани тобхӯрда, чеҳракушод – хуллас бо тамоми ҳастиаш мегуфт: паҳлавони ҳақиқӣ манам! Ҳама бо шавқ ба қаду басти ӯ зеҳн монда буданд. Сангин, аз рӯйи одат, давраро чарх заду омада дар рӯ ба рӯйи Комил-полвон дузону нишаст ва аз устоди худ фотиҳа пурсид.

– Ҳаросон нашав, дасти ман не, дасти бобоям, гӯй... Пирон мададгор шаванд... – Комил-полвон даст ба рӯй кашиду лаҳзае ба чашми Сангин нигарист. Баъд ба сӯи ӯ хам шуда, бо овози паст гуфт: – Ба ман нигар, ҳой... аз вай сабилмонда хӯрдагӣ барин менамоӣ... Чӣ ҷин зад ба ту? И-и... Охир масҷид... И-и... Э, пир занад тура...

– Камакак зарар надорад, тағо... Бачаҳо намонданд...

– Номаъқул кардӣ!.. Гӯштина мурдор накун! – Якбора ба шӯр омад Комил-полвон, аммо садояшро баланд накард.

– Э, парво накунед!.. Ҳозир мебинед...

– Гарданат мешиканад! – Гуфт полвон ситезаомез

сар ҷунбонда. – Бас, оҳиста аз майдон барою ҷомара каш! – Суханашро аз зиҳи дандон баровარда амр кард ӯ. – Ягон сабаб биёру дафъаи дигар мегирам гӯй ё рӯйирост гӯю мон: камтар шароб нӯшида будам, устодам рухсат надоданд.

– Тавалло мекунам, рухсат диҳед... Маро беобрӯ накунед... – илтиҷо кард Сангин.

– Не, намешавад... Масҷид... – боз мақоли ҳангоми қаҳр мегуфтагиашро ба забон гирифт полвон.

– Хуб гӯед, охир... Мурам ҳам, аз ин намеғалтам... Ман ба номаш лаб тар кардам...

Комил-полвон лаҳзае дудила шуда ба рӯйи шогирди худ нигариста монд. Ин лаҳза мӯйсафедони дар канораш нишаста ба сӯҳбат ҳамроҳ гаштанд:

– Як зарра нӯшида бошад, ҳеҷ гап не, полвон...

– Ҳозир ҳамаи ҷавонҳо мехӯранд...

– Ба гапи ман бовар намекунед? – исрор мекард Сангин.

– Бовар кардан катӣ... – қадре мулоим гашта ғурунгос зад полвон. – Ҳамин ҳам кор шуд!.. Шарм кун...

– Дилпур бошед...

Атрофиён тӯл кашидани гуфтугӯйи устоду шогирдро дида, ба сӯйи онҳо чашми шавқ дӯхта буданд. Сангин барои ба дигарон сир боз накардан лабонашро моил ба табассум намуд. Баъди бо ишораи сар бархез гуфтани устодаш ӯ баланд шуду довталабона майдонро давр зад. Нидоҳои таҳсину офарин баланд шуданд:

– Ҳа, баракалло!..

– Кам нашав, додар!.. Саломат бош!

– А ҷонат гардам, сари моро паст накун!

Комил-полвон гурусна буданашро фаромӯш кард ё худ баъд аз гузаштани вақти муқаррарии хӯрокхӯрӣ иштиҳош кӯр шуда буд. Ҳоло ҳушу хаёлаш ба гӯштӣ. Шаш сол боз ӯ гӯштӣ намегирад. Ҳамсолонаш аз майдон

баромаданду вай ҳам ночор гӯштигириро канор гузошт. Бо ҷавонон гӯштигирӣ хуб не. Аммо ҳар боре, ки Сангин ба майдон дарояд, тамоми узвҳои бадани Комил-полвон ба ларзиш медарояд. Мисле ки ҳозир худаш ба майдон медаромада бошад. Дили одаткарда балои ҷон будаст.

Сангину Мурод – ду тан қавитарин паҳлавонони ин маросим ба ҳам дарафтоданду атроф ба якборагӣ сокит гашт. Фақат чарс-чарскунон сӯхтани кундаҳои бед ва гурс-гурс пойкӯбии паҳлавонон ба гӯш мерасиду бас. Аҳли маърака нафасашонро ба дарун кашида, саҳнаи асосии гӯштигирии имшабаро тамошо мекарданд. Ин талош аз он ҷиҳат ҳам талоши бағоят муҳим буд, ки ҳар ду паҳлавон ҳам то ҳол аз касе мағлуб нашуда буданд. Ин гуна гӯштиро дидан ва шоҳид будан ба ҳар кас муяссар намешавад ва онҳое, ки гувоҳи мағлубияти паҳлавони пушташ замин налесида буданд, як умр ин воқеаро хотира карда, ба авлодон ҳикоят мегӯянд.

Сангин аз кӯфтагии Мурод истифода кардан хост магар, яку якбора ҳарифи ношиносро хуб наозмуда, ҳамларо шурӯъ кард. Аз ҳуҷумҳои Сангин Мурод саросема шуд. Мардум ба қувваи ҳамдеҳаашон дилпур шуда, ба ғулғула андозӣ ва офарингӯӣ сар карданд. Мурод паҳлавонвор истодагарӣ дошт ва ҳангоми ором шудани ҳарифи худ ду даст ба камари ӯ мунтазири ҳамлаҳои нав нафас рост мекард. Сангин, одатан, чусту чолок ва босуръат гӯштӣ мегирифт. Бинобар ин, ором ва бафурҷа чарх гаштани Мурод ба вай намефорид.

Комил-полвон ҳамлаҳои бебарори шогирдашро мушоҳида карду нафасгирии ноҳамвори ӯро пай бурд ва оҳиста, зери лаб “оббо” гуфту ба афсӯс ба зонуяш шаппотӣ зад. Баъд худ ба худ, аммо ба доварони паҳлӯяш шунаво зери лаб гуфт:

– Нагуфтам, ки арақ кори ина кардагӣ!..

Шиддати ҳамлаҳои Сангин кам-кам паст гашта, ҳоло

ду паҳлавон монанди ду барзагови шох ба шох ниҳода, аз миёни якдигар дошта, ором чарх мезаданду фақат аҳён-аҳён ҳамдигарро такон дода мемонданд. Одатан, паҳлавонон ё барои озмудани усули якдигар ва ё ҳангоми монда шудан ин тариқ гӯштӣ мегиранд.

Расул-бобои андовакаш аз ақиб хам шуда, ба гӯши Комил-полвон гуфт:

– Инат аллакай арақшор гашт, ҷиян...

Пирамард пас аз сонияе чанд илова кард:

– Худат миёната бастан гир.

– Ман кайҳо бас кардагӣ, тағо.

– Ҳеҷ гап не, дар зарурат... Барои обрӯйи халқамон...

– Рагу пай хунук шудагӣ. Бекора чӣ даркор, – даст афшонд полвон.

Аммо ӯ эҳсос кард, ки дар таҳи дилаш майле ба гӯштӣ ҳасту, аммо забонаш инкор мекунад. Пай бурд, ки аз ақиб, аз паҳлӯ ҳамдеҳагони солдидаю рамузи гӯштигириро мефаҳмидагӣ, ҳоло ба сӯйи вай менигаранд. Паҳлавонон баъди тақрибан бист дақиқа талош кардан ҳар ду ҳам арақшор гаштанду саркор бо иҷозати доварон ба онҳо танаффус дод. Муроду Сангин камарбанди ҳамдигарро сар дода, ҳар яке ба назди тӯдаи худ рафта, дар пеши давра нишастанд.

Комил-полвон хотирпарешон менишаст. Шогирдаш ӯро announcing нописанд кард, ба ҳарфаш гӯш надода, ба гӯштӣ даромад. “Шогирд тарбия карда натавонист”, мегӯяд халқ. Усули гӯштиро ёд додан кам аст, одаму одамгарӣ, ҷавонмардию тандеҳиро ҳам ёд додан даркор. Ҷойи маро гирифт, акнун метавонам бо хаёли роҳат аз майдон бароям, гуфта будам. Лаънат ба шароб, арақ рагу пояша сӯхтааст... Э-э-э...”

Сангин ба саркор чизе гуфту рафта, сарулибосашро пӯшидан гирифт.

– Наход?! – беихтиёр хитоб кард полвон. – Ҳай, аф-

сӯс... Нотандеҳӣ кард... Расми полвонҳо ин тавр набуд...

– Гап зан, Комил-полвон!.. – Расул-бобо аз қафо заҳрханда кард.

Саркор ба назди доварон омада маслиҳат пурсид:

– Сангин мегӯяд, ки “дуранг”. Тобаш набудааст. Насиб бошад, ягон бори дигар мегирем мегӯяд... Хӯш, шумо чӣ мегӯед? – Вай як-як ба чашми доварон нигарист.

Пирони солманд маънидорона ба чашми якдигар нигариста, сар ҷунбонданду чӣ гуфтанашонро надониста, ба Комил-полвон рӯ оварданд. Полвон ба чашми онҳо нигариста натавонисту сарашро хам кард. Ин дам гӯё ҳама ба вай нигариста мегуфтанд: шогирди ту нотандеҳӣ кард!

– Насиби Муродро диҳед... – гуфт вай чашм аз замин набардошта.

– Хайр, ба Сангин ҳам чизе бидиҳед, – илова кард яке аз мӯйсафедон.

Дигарон дар тасдиқи ин ҳукм сар такон доданду саркор аз ҷояш бархост.

Комил-полвон норозӣ даст афшонду оҳиста худро ақиб кашид ва аз байни мардуми бо ғалоғула бархостагӣ гузашта сари хам аз маърака баромада рафт.

*Соли 1974.*

# БОБО

Ман ҳамроҳи бобоям ба деҳа меравам. Бобоям пиранд, ман ҳоло бачаам. Бо вуҷуди ин сӯҳбати мо гарм аст.

Баъди як соли ба шаҳр кӯчиданамон дадаам ба ҷанг рафтанд. Чаҳор сол дар ҷанг буданд. Дар тӯли ин солу моҳҳо рӯзе набуд, ки ман деҳаамонро ба ёд наоварда бошам. Аз боғҳои мевазору сою чашмасорон, аз рамаҳои бузу гӯсфанду чарогоҳҳои сабзу гулпӯши он, аз одамони дилкушодаву ҳимматбаланд ва хушҳолаш бо муболиғаҳои зиёд ба дӯстони шаҳриам ҳикоя мекардам. Ман деҳаамонро пазмон будам. Модарам мегуфтанд, ки дадаат аз ҷанг баргарданд, мо боз ба деҳа кӯчида меравем. Дадаам дар номаашон ҳамин хел навиштаанд. Дар ҷанг деҳаамонро хоб медидаанд, оби чашмаро хоб медидаанд. Боз бӯйи хирмани навкӯфтаи гандум ба димоғашон мерасидаст. Зиндаву саломат аз ҷанг баргарданд, аввал ба деҳа рафта, ду кафашонро пур карда, аз чашма об менӯшидаанд.

Ниҳоят он рӯз ҳам расид: падарам аз ҷабҳа мустақим ба деҳа рафтанду падарбузургамро фиристоданд, ки аз шаҳр моро кӯчонда баранд. Модарам аввал ҳайрон шуданд, ки дадаам чаро рост ба назди мо наомада, ба деҳа рафтаанд.

– Аз баъзе шиносони инҷойияш дилмонда барин, – гуфтанд бобоям.

Ман ба маънии ин хел суханони он кас дуруст сарфаҳм намеравам.

Ана, ба ҳамин тариқ, ҳоло ману бобоям ба деҳа равонем.

Дашти ҳамвору якранг ва бе долу дарахт ақиб монд. Мо ба домани кӯҳҳо расидем ва якбора ба дараи кӯҳ, ки шав-шуви оби сойчае хомӯшии онро халалдор мекард, даромадем. Дар ду тарафи роҳ кӯҳҳои баланд ва шаху

зовҳо соя андохта буданд. Паррандагони бешумори ин ҷо, ки чириқ-чириқ, чув-чув садо мебароварданд, аз чӣ сабаб бошад, ба ман бегона намуданд. Гунҷишкакони сабзу нилобӣ, сурху зард дучор мешуданд, ки ман номашонро намедонистам. Онҳо чӯҷаи парида наметавонистагӣ барин аз як шох ба шохи дигар ҷаҳида, маро фирефтан мехостанд.

Мисле ки, паррандагон ҳам ба мисли мо – бачаҳо баҳорро бесаброна интизорӣ мекашанд. Баҳор наомада, онҳо парида меоянду хомӯшии зимистон мераванд. Умуман, агар ба хониши паррандагон бодиққат гӯш кунед, мефаҳмед, ки онҳо ба сари худ, беҳуда чаҳ-чаҳ намезананд. Ана, гӯш кунед, яке бо дигаре ҳамовозӣ мекунад, дар ҷавоби фарёди яке дигаре садо медиҳад. Ҳо, ана, дар он ҷо ҷамъ шуда, бо ҳам баҳсу хархаша мекунанд. Баъзан, аввал ду тан ором нишаста, сӯҳбат мекунанду баъд ба манша мегузаранд.

Гоҳо дар осмон калхоте пайдо шуда, ором чарх мезанад. Ба синфи пурғулғула гӯё муаллим даромада бошад, паррандагони атроф якбора хомӯш мешаванд.

Ҳоло ману бобоям ба деҳа меравем. Вақти ба шаҳр кӯчиданамон ман хурд будам, ба мактаб намерафтам. Дар деҳа хешу таборамон бисёр, аммо ман аз ҳама зиёдтар ҳамсояамон – амаки Хушвақтро ёд дорам. Марди миёнақади ситорагарм, бурутдор буданд. Амаки Хушвақт ба мо хеши наздик набошанд ҳам, ба қавли модарам, бо дадаам дӯсти ҷонӣ будаанд. Он кас баъди кор аксар вақт бо ман андармон мешуданд. Ман гаҳвораи духтарчаашонро меҷунбонидам ва дар ивазаш аз он кас қандалоти коғазпеч мукофот мегирифтам, ки онро дар деҳа “гижбил” мегуфтанд. Амаки Хушвақт боре аз сой ба ман гулмоҳӣ дошта доданд. Ёд дорам, рӯзе бодбаракпарронии бачагони бузургсолтарро дида, “бодбарак сохта медиҳӣ” гӯён, модарамро хеле азият додам. Амаки Хушвақт

ба ман бодбарак сохта доданд. Он солҳо мудири дӯкон буданд. Мегӯянд, ки ҳоло он кас одами калон шудагӣ... Дар ҷойи дигар хона сохта, аз ҳамсоягии мо рафтагӣ.

Роҳ печутоб хӯрда, бештар ба даруntари дара медаромаду деворҳои он ба сӯйи мо ҷафстар мешуд. Ба боло нигоҳ кунам, ба назар чунон менамуд, ки гӯё қуллаҳо чун сутунҳо ба китфи худ осмонро дошта истодаанд. Диламро ваҳм зер мекард. Кошкӣ, зудтар аз бағали хилвати ин кӯҳҳо баромада, ба ягон деҳа ё ҳадди ақал ба манзили чӯпонон мерасидем. Ман бо халачӯб ба гардани хар зада, онро аз роҳ боздоштанӣ шудам, то ки аз бобоям, ки бо хари сустпойи худ хеле ақиб монданд, дур наравам.

Гашти харро суст кардаму чӣ гуна бо дадаам вохӯрданамро пеши назар овcovardанӣ шудам: Бузургсолон аз ҷанг омадагиҳоро оғӯш гирифта, вохӯрӣ мекунанд. Ман дадаамро андаке дар ёд дорам. Рӯзи ба ҷанг рафтанашон маро боло бардошта, дар саҳни истгоҳи қатор бо модарам гуфтугӯкунон, худо ҳофизиашон дар ёдам мондааст. Баъд аксашонро фиристоданд. Ман одамро аз аксаш шинохта наметавонам. Акси падари Олимҷонро дар хонаашон борҳо дида будам. Аммо як саҳарӣ, вақте ки ба мактаб мерафтам, он кас ҷомадон дар даст дар раҳ пеш омаданду нашинохтам. Агар мешинохтам, тозон ба холаи Назокат хушхабар мебурдаму шодиёна мегирифтам. Ҳар хонаводае, ки чашм ба роҳ аст, барои шодиёна чизе пинҳон карда дорад... Дадаам нишону медали зиёд гирифтагӣ. Ҳар бор дар мактубашон ордени нав гирифтанашонро менавиштанд. Агар дар шаҳр мебудем, ман ҳам бо дадаам ба кӯча мебаромадам, бачаҳо дида ҳайрону ҳасудӣ мекарданд.

– Бобо, дадаам ордени бисёр доранд-а? – ба ақиб нигариста, аз бобоям, ки ба мушкилӣ ба хари ман расида омада буданд, пурсидам.

– Ҳа, рӯзи омаданаш сари синааш пури орден буд.

Баъд, ба фикрам гирифта монд.

– Ба куҷо гирифта монданд?

– Ба ягон ҷо пинҳон кардагист-дия.

– Ордена руст намекунанд, ҳама овехта мегарданд-ку!

– Ҳӣ... Ҳар бор шишта хезад, шутури зангӯладор барин ҷарангос занонда гардад?

Ман ба ришханди бобоям ҷавобе нагуфтам.

– Ордени Ленин ҳам доранд?

– Аз ҳар хелаш буд.

– “Ситораи тилло” надоранд?

– Доштагист. Муаллимони мактаб омада буданд, дадата дар қишлоқ аз ҳама пурорден гуфтанд.

– Шояд “Ситораи тилло” надоранд, қаҳрамон нашудаанд. Шумо намедонед. Аз гузари мо як нафар қаҳрамон шуда, “Ситораи тилло” гирифта буд, ҳукумат ба вай ҳама чиза бепул дод. Хонаи нав дод, гов дод.

Хари бобоям боз ақиб монд. Худашон пинак меранду харашон ақиб мемонад. Хайрият, ки хар пинак намеравад, набошад ҳоло чандин бор ба замин ғелида, пешониамон қашқа мешуд. Ба хар мушкил, ҷонвар як умр дар азоб: савор мешаванд, хала мекунанд, бор мекашонанд, баста мемонанд...

Курраи хари ман дар деҳа мондааст. Ҳоло ҷонвар бе халаву шатта ба пасту баланд нигоҳ накарда, йӯрға мекунад. Хари бобоям пиру коҳил, фақат бо зарби халачӯб роҳ мегардад. Бобоям мегӯянд, ки аз зарбаи халачӯб пӯсташ чунон ғафс шудаст, ки акнун ба вай шатта таъсир намекунад. Бобоям ҳоло харро ба ҳоли худаш монда, чашмонашон нимпӯш, сурудеро замзама мекунанд. Хар буттаҳои сари роҳро даҳан зада, хоҳам-нахоҳам по мемонад. Бобоям одами аҷибанд. Ба корҳои он кас гоҳ қаҳри одам меояд, гоҳ механдад. Модарам мегӯянд, ки он кас одами қадим, сахтиву сустии бисёр дида, кӯфта шудаанд. Ба пириашон нигоҳ накарда, дастёри беминнати хурду

калони деҳа будаанд. Одамон ҳар чӣ гӯянд, хуб мегуфтанд, одати не гуфта, касеро ранҷондан надоштанд.

– Бобо, тезтар ҳай кунед! – тоқатам тоқ шуду фарёд кардам.

Он кас овози маро шунида, ба сӯям як назар партофтанду харашонро халачӯб заданд. Баъд ба ман расида омада "Чӣ гуфтӣ?" гӯён пурсиданд. Гӯшашон вазнин шудаст, овозро мешунаванду чӣ гуфтани касро нафаҳмида, ба чашми одам нигоҳ карда мемонанд, гӯё аз чашми кас сухани гуфтаи ӯро фаҳмиданӣ мешаванд.

Рӯбоҳе аз селраҳа баромада, ба сӯйи мо сарашро гардонда ду-се бор нигоҳ карду бехавотир ба кӯҳ рост шуд.

– Бин, рӯбоҳ! – дида истода бошам ҳам, бохабар карданд бобоям.

– Бобо, дар ин кӯҳ гург ҳаст? – оқибат саволеро, ки қалбамро мехарошид, ба забон овардам.

– Ҳаст ҳам гап шуд! – шояд саволи ман беҷо буд, ки бобоям табассум карданд. – Ҳоло дар поён, дар сари роҳ турбатро дидӣ? – Бобоям ба ақиб ишора карданд. – Турбати як сарбоз. Порсол зимистон гург хӯрд, – мисле ки ягон узвашон, андомашон ба дард омада бошад, бобоям рӯ турш карда, хомӯш шуданду баъд аз таҳти дил оҳ кашида монданд.

Дили маро ваҳм зер кард. Аммо амиқтар фикр кунам, гапи бобоям ба ҳақиқат рост намеояд. Сарбози сурхи аз ҳама зӯрро, аз ҳеҷ кас наметарсидагиро гург мехӯрдаст! Бобоям филм намебинанд-дия.

– Гург сарбозро хӯрда наметавонад! –эътироз кардам ман. Ба ҳар як даъвои он кас розӣ шавам ҳам, ба ин сухан тан дода наметавонистам. – Сарбоз фашистро мепаронаду аз гург метарсад?!

– Чӣ, сарбоз шох дорад? Вай ҳам бандаи худо-дия!

– Агар вай сарбоз бошад, гургро мепаронд. Сарбоз не!

– Туфангаш набудаст. Ханҷар доштаст.

– Нагуфтам! Бемилтиқ бошад, вай аскар не!

– Хайр, ба гумонат вай кӣ буд? – бобоям бо истеҳзо ба ман нигаристанд.

– Ман чӣ донам? Аммо вай сарбоз не! – Сарбози сурхро ин хел паст задани он кас ба ман намефорид.

– Хайр, ба ҳар ҳол, аз ҷанг меомадаст, – қадре паст фуромаданд бобоям.

– Чаро танҳо ба раҳ баромадаст? – Чунон ғамгин будам, ки овозам ба гӯшам бегона расид.

– Дар рӯзи равшан-а! – Бобоям саволи маро нашуниданд.

– Аз ҷабҳа омада, дар маркази ноҳия улав наёфта, пиёда ба роҳ баромадаст. Дар роҳ аз пешаш Исмати номарасон баромада, хоҳиш кардааст, ки аз роҳ баргардад, не гуфта, худравӣ кардаст. Гургон аз пайи Исмат ҳам тохтаанд, аммо аспаш халос кардаст. Ба аспаш расида натавонистаанд. Сарбозбача, раҳматӣ, ҷавони базарда будааст, аз раҳаш нагаштааст. “Фашистро бурда ба хонааш монда омадаму аз тарси гург аз раҳ гардам? Не-е! Бепарво бошед, ханҷар дорам”, гуфтаст. Ин не, он не, аҷал расидагӣ, – бобоям бо дард боз оҳе кашиданду “ё оллоҳ” гуфта монданд. Баъд халачӯбро аз гиребонашон дароварда, тахтапушташонро хориданд.

– Баъд чӣ шудаст?

– Чӣ мешуд, бечорара гург хӯрдаст. Устухонҳояш мондаст. Гург ҷомадонашро ҳам тика-тика кардаст.

– Бо ханҷараш назадаст охир? – Акнун аз ҳад зиёд ба даҳшат афтода, харамро аз паҳлӯи хари бобоям мерондам.

– Қарибиҳои намози дигар аз ноҳия мошин катӣ одамон омада мебинанд, ки дар таҳи кӯҳ як гург дароз-дароз уллос мекашад. Мошин наздик меояду гург мегурезад. Нигаранд, ки устухони одам, ҷомадон ва як гурги

дигар мурда... Вақте ки гургон дармеафтанд, ҷавонмард башаст якеашро ханҷар мезанаду теғ ба устухони гург дармонда, дигар онро кашида гирифта наметавонад. Гурги дигар аз қафо гирифта, бечораро аз пой афтондаст. – Пас аз каме хомӯшӣ бобоям боз илова карданд: – Устухонҳоша дар як халта ғун карда ба хок супурданд.

Акнун ин макон ба назари ман ниҳоят шум ва даҳшатангез гашт. Дилам мехост, ки мурғе шуда парвоз кунаму дар як мижа задан аз ин дараи бехосият берун равам. Саволҳои бисёре қалбамро мефишурданд, аммо аз пурсидан ибо мекардам. Фаҳмидан мехостам, ки гургҳо ба мо ҳам ҳамла карда метавонанд ё не? Гоҳе ба назарам чунин менамуд, ки дар паси ҳар як сангу ҳар як бутта гурге роҳи моро мунтазир аст.

– Шумо аз ин роҳ ягон бор шабона гузаштаед? – Беихтиёр савол медиҳаму метарсам, ки боз ягон ҳодисаи даҳшатнокро нагӯянд.

– Ягон бор гуфтӣ? – Мисли ҳамеша бобоям аввал саволи маро такрор пурсида, баъд аз дур ҳарф оғоз мекунанд. – Як замонҳо аз ин раҳ одам на шаб гузашта метавонист, на рӯз. Макони дузду раҳзан буд. Аз инқилоб ду сол ё се сол пеш амакамро дар ҳамин раҳ барои ним пуд гандум дуздон кушта, ба чоҳ партофта буданд. Э, аҷаб замонҳое буд. Дар Миёнкол чоряккорӣ карда, каму беш ризқу рӯзӣ ёфтам, аммо илоҷи ба хона овардан набуд. Ба маслиҳат сари зимистон кӯчида, ба он тараф рафтем. Зимистона дар ҳамон ҷо гузаронда, сари баҳор боз ба деҳа омадем.

Бобоям ба хаёл рафта, хомӯш шуданд.

Ман дадаамро пеши чашм оварданӣ шуда, ҳар қадар кӯшиш кардам, нашуд. Фақат қомати баландашон дар ёдам. Баъд дар хаёли худ дадаамро ба ягонтои он мардоне, ки аз ҷанг омада буданд, монанд карданӣ шудам. Не, ин ҳам нашуд. Агар баъзеи онҳо монанди дада-

ам лоғару қадбаланд бошанд ҳам, ба он кас шабеҳ набуданд. Чаро монанд набуданд, намедонам. Модарам мегӯянд, ки дадаат аз бехобӣ ба ҷанг рафтанд. Як бор он касро духтурҳо гардондаанд. Пичингу таънаҳо шунидаанд, ба тӯҳматҳо гирифтор гаштаанд. Сонӣ дадаам аризаи довталабӣ додаанд. Аризаашонро рад кардаанд. Дадаам такроран ариза додаанд. Баъди ин ҳодиса хобпар шудаанд, шабҳо хобашон набурда, печутоб хӯрда мебаромадаанд. Оқибат дархосташон қабул шудасту ба ҷабҳа рафтаанд.

– Ҳо, дар таҳи зов сиёҳира дидӣ? Ғор аст, – бобоям бо халачӯби худ ба камари кӯҳ ишора карданд. Аз ҳамин ҷо ба ғор даромада, аз болои деҳа мебароӣ. Деҳа дар ақиби ҳамин кӯҳ. Мо кӯҳа чарх зада меравем.

Дар таҳи зови ваҳмангез сиёҳие ба назар мерасид, ки аз раҳ даҳани ғалбер барин менамуд.

– Даҳанаш хурду аммо дохилаш, торафт васеъ шудан мегирад, – бовар накардани маро дида, шарҳ доданд бобоям.

– Шумо ягон бор аз ин тараф ба он тарафаш гузаштаед?

– Не, ман нагузаштаам, аммо ҳамин тавр мегӯянд. Даруни ғор торик, роҳ гашта намешавад. Солҳои инқилобу босмачигарӣ буд. Ман баҳору тобистон дар кӯҳ кор мекардам. Шудгор мекардам, тухм мепошидам, гандум медаравидам, хирман мекӯфтам. Аз баландӣ ба деҳа роҳ гирифтани камондоронро аз дур медидаму як ғарамча алафи хушка алав мезадам. Мардуми деҳа дудро дида, бо асбобу анҷому васоилашон, бо фарзандҳояшон дар ҳамин ғор паноҳ мебурданд.

– Душман ба ғор даромада наметавонист?

– Ғайбдон шудаст-чӣ! Роҳи ба ғор мебурда чап, рафтан осон не. Даруни ғор торику ноҳамвор.

– Агар душман шабона ояд, чӣ кор мекардед?

– Шабона – осон... Ҳамин ки ба деҳа даромаданд, мардум дар торикӣ тез ҳисобашона меёфтанд... Аммо як шаб дар таҳи дари Намоз гуфтагӣ ҳамсояамон ногоҳ панҷ нафар савора дар китф милтиқу қаторвазна пайдо мешаванд. Намоз ҳамон шаб дар хона набудаст. Сардори даста овозаи ҳусни духтари уна шунида ошиқ гашта будаст. Духтараш ҳам духтар буд-дия, дар рӯзи равшан агар ногаҳон рӯ ба рӯ ояд, парӣ мегуфтӣ. Берӯзӣ ҳусни худодод дошт. Ин хел ҳусна хосияташ кам мегӯянд. Ана, баъд дар ҳасрати ҳамон духтар волидайнаш абгор шуданд. Ғами ҳамон духтар катӣ рафтанд.

– Саворaҳо шаб омада чӣ кор карданд, аввал гӯед.

Бобоям ҳамеша ҳамин хел: ҳарфи гуфта истодаашон мемонаду як нӯги онро гирифта ғоз медиҳанду ғоз медиҳанд. Хайр, хушрӯ будаст, ҳамин ҳам гап шуд.

– Саворaҳо аз асп нафуромада, “Як коса об барор” мегӯянд. Зани Намоз об барорад, рад мекунанд. “Аз дасти Санам об хӯрданӣ омадем, Санам об барорад” гӯён, талаб мекунанд. Номи духтар Санам буд. Аз дасти вай обро гирифта менӯшанду худашро ба асп савор шав мегӯянд.

– Баъд чӣ шуд?

– Чӣ мешуд, духтар ҳам, саворaҳо ҳам бедарак шуда рафтанд... Ҳа, воқеан, ба қарибӣ аз духтар хабаре ёфтанд: дар Мирзочӯл бачаю качааш катӣ саломат будаст. Ба сардори саворaҳо расида будаст.

Монанди аксар пирамардон падаркалонам низ ҳикоёти саргузашти худ, ҳодисаҳои дидаву шунидаашонро дӯст медоранд. Ба хотири он ки ман шунавандаи хубам, дилгир нашуда гапашонро гӯш мекунам, баъзе нозу нузи маро мебардоранд. Кунҷковона ҳар гуна савол диҳам ё ба ҳарфашон розӣ нашуда, баҳс кунам, намеранҷанд. Агар аз ҳад гузаронам, “Оббо, маҳмаддоное! Хайр ҳеҷ гап не, гаҳ аз пир, гаҳ аз мурид”, гуфта мемонанд.

Роҳ қад-қади сой торафт боло мерафт. Кӯҳҳои ин ҷо пур аз буттаҳои хордори каҷҷак, ҷо-ҷо бодом ба назар мерасид. Мо харҳоро ба ихтиёри худ мондем. Бобоям мегӯянд, ки хар роҳи як бор тай кардаашро ҳаргиз фаромӯш намекунад, дар шаби торик ҳам раҳгум назада меравад.

– Бобо, гург харро мехӯрад, аммо ба асп зӯраш намерасад-а?

– Баъзе аспон гургро мекушанд. Ба чашми худ дидаам.

– Не-е?! – тааҷҷуб кардам ман. – Асп гургро кушт?

– Кушт, кушт. Аввал қӯшлагад зада, майиб кард. Гург гурехтанӣ шуд, лекин асп намонд, газида-газида кушт. Асп ҳам асп буд-дия! Акнун ин гуна аспҳо намонданд.

– Хайр, гӯед, ки ба ҳамин аспҳои мо зӯраш мерасад ё не? – “Аспҳои мо” гуфта ман аспҳои колхозу идораҳоро дар назар доштам, ки он солҳо дар ҳама ҷо кор мефармуданд, аз аробаи нон то ғаллаи ба ҷабҳа мефиристодагӣ ҳама чизро бо онҳо мекашонданд.

– Ба зӯрӣ зӯраш намерасидагист, аммо мехӯрад исқот. Ҳар сол зимистон се-чор аспи колхозро мехӯрад.

– Чӣ хел, зӯраш нарасад ҳам, мехӯрдааст! Гапатонро кас намефаҳмад.

– Зӯраш намерасад, аммо мехӯрад! Гург фиреб медиҳад. Гургон аспро аз гала ҷудо карда, ба ягон баландӣ мебаранд. Ҳамин ки асп аз баландӣ ба поён сарнишеб шуд, гург аз думи асп сахт кашида, сонӣ якбора сар дода мефиристад. Асп ба шиддат парчин шуда меафтад. Ҳамин ки афтод, дигар имкони бархестан надода, тала мекунанд.

Акнун мо аз тангнои кӯҳ раҳоӣ ёфта, ба водӣ баромадем. Баъд заминҳои лалмӣ, аз паси он боғу киштзорҳо пеш омаданд. Дар сари роҳ ҳар ҷо-ҳар ҷо тутҳои каллаки

пир монанди пирони қадхамидаи асобадаст гӯё ба роҳ менигаристанд.

– Ишш!.. Иш-ш! – Харашон аз роҳ истода-наистода бобоям худашонро зуд ба замин партофтанду харро пеш андохта, ду-се халачӯб заданд.

– Ман ҳам фуроям?

Дили нохоҳам пурсиданам аз овозам ё оҳанги суханам маълум шуд магар, бобоям:

– Ҳай кардан гир, – гуфтанд. Баъди андаке илова карданд: – Ман ин раҳро пиёда гузашта, мӯям сафед шуд. Як вақтҳо ду пуд гандум дар пушт аз шаҳр пиёда меомадам. Устухони мо ба меҳнат сахт шуд. Ҳоло ҳам кор накунам, ҳаракат накунам, пиёда нагардам, наметавонам, аз касал бадтар мешавам. Нафасам кӯтаҳ шуда, сари синаам дард мекунад, сарам вазнин мешавад. Мисле ки, тану ҷони одам ҳам қонуни Ҳукумати Шӯроро фаҳмидагӣ барин. Ҳар кас кор накунад, намехӯрад мегӯянд-ку!

Мо аз назди молхонае мегузаштем. Ду саги монанди хирс калон ва бадҳайбат ба сӯямон давида, моро саросема карданд. Бобоям пой ба замин кӯфта, бо таҳдид “хап шав!” гуфтанду сагҳои наздик омада истоданд.

Дар сари чашма, ки марғзоре буд, ду-се аспи кишанзада мечарид. Ба димоғ бӯи порую арақи ҳайвонот мезад.

– Бобо, говатон чандта? – пурсидам.

– Гов надорем, писарам. Говро кайҳо ба колхоз супорида будем, – маъюс иқрор карданд бобоям. Баъд шарҳ доданд: – Зимистони парерсол на ба худамон як ҷав хӯрданӣ монд, на ба гов як пар каҳ. Ба колхоз дода, камтар ҷаву картошкаву сабзӣ гирифтем.

– Чаро тобистон алаф нағундоштед?

– Тобистон аз хона дур будам. Ҳамаи хирманҳои Коризи болоро ман бод кардам.

– Аз хирман чаро гандуму ҷав наовардед?

– Боракалло! – Ба содалавҳии ман хандиданд он кас.

– Охир хирман – хирмани колхоз-дия!

Бобоям харашонро аз роҳ боздошта, бори онро, ки ба як сӯ каҷ шуда буд, рост карданд. Баъд расида омада, ба бори хари ман зеҳн монданд:

– Ба тарафи рост камтар зер кун.

Боз ҳар ду хомӯш монда, ба фикру хаёли худ банд шудем. Ман бобоямро, ки баҳор аз паси ҷуфтронҳо ба замин тухм мепошиданду баъд тобистон хирманҳоро паси ҳам кӯфта, бод мекарданд, пеши назар овардам. Пеши назар овардам, ки чӣ гуна тамоми алафҳои марғзорро дигарон медараванду барои гови бобоям чизе намемонад.

– Бобо, говатон гӯсола надошт? – Ба ақиб рӯ гардонида боз пурсидам.

– Колхоз гӯсолааш катӣ баркашида гирифт.

– Чӣ хел баркашида гирифт? – Ҳайрон шудам ман.

– Ба тарозуи калон монда, баркашида гирифт. Сонӣ, ба ҳар килоаш ҳисоб карда, ба мо ҳақ дод. Мудири анбор Ҳосилкаҷова чӣ хел ҳисобу китоб кард, худаш медонаду худо.

– Шумо говатонро сер карда, баъд баред буд, ё гурусна бармекашад?

– Баъзеҳо ҳамин хел ҳам карданд, – хандиданд бобоям. – Доштагӣ дег-дег атолаи оби раббано хӯронда, баъд бурд. Ба авлоди мо ин хел корҳо намефорад. Худо аз ҳалолаш диҳад.

Бобоям чоруқ дар по бардам, чолок қадам монда меомаданд. Пиёдагардии он касро дида, ман ҳам аз хар фуромадам. Рӯз гашт карда, акнун аз ҷониби кӯҳ шамолаки сард мевазид. Замин, ки ҳоло кӯрпаи барфашро партофта, ба назари ман луч менамуд, гӯё аз сардӣ меларзид. Сабза нав медамид, гоҳ-гоҳ бойчечаку сияҳгӯш ба назар мерасид. Дар рӯйи шаххҳои паҳн-паҳни сари роҳ аз оби борон кӯлмакчаҳои беҳисоб пайдо шудаанд. Мисле ки

касе сангҳоро мисли сӯрохи ангуштпона, баъзан аз он калон, баъзан аз он хурд, гоҳе дӯлча ва ҳованча барин кофта, об пур кардааст. Ман ҳамаи ин аҷоиботи табиатро тамошо мекардам, аммо як тарафи ҳушам ба дадаам банд буд. Модарам мегуфтанд, ки дадаам аз ҷанг баргардад, кор мекунанд, мо ҳам хуб зиндагӣ мекунем. Дадаам чӣ кор мекарда бошанд? Аҷаб не, одами калон шаванд, он кас хондагӣ-ку. Агар раис шаванд, нағз мешавад. Бачаҳо – ҳамаашон аз писари раис метарсанд, бузургсолон ҳам метарсанд. Одам кадом мактаба хонад, раис мешавад?

– Бобо, дадаам ҳам раис мешаванд?

Бобоям ба гапи ман хандида монданду гапназаданд.

– Хайр, гӯед, чӣ хел одам раис мешавад?

– Бахташ омад кардагӣ мешавад.

Бобоям майли сӯҳбат надоранд. Ба гапзанӣ хушашон наояд, ҳамин хел ягон чиз мегӯянд. Агар ман раис шавам, ана ҳамон раиси "Фрунзе" Раҳимов барин мешавам. Ҳама ҳурмат мекунанд, "ҷони одам" мегӯянд. Ба хурду калон баробар, ҳамаро бо як чашм мебинад, гуфта таъриф мекунанд. Ин чӣ гуфтагиашон бошад? Боз Раҳимов колхозро худаш сохтагӣ будаст.

– Бобо, тирамоҳ колхози шумо ҳам харбузаю тарбуз медиҳад?

– Хока.

– Моён як бор аз полези колхоз харбуза duздидем.

– И-и! – бобоям бо табассум ба ман нигаристанд. – Дар деҳаи мо дузд нест. Ҳар кас дуздӣ кунад, бурда зиндон мекунанд.

– Барои харбузадуздӣ ба зиндон намебаранд.

– Тухмдузд – шутурдузд мешавад мегӯянд. Касе, ки дар бачагиаш харбуза дуздад, калон шавад, гов медуздад.

– Худатон ҳеҷ дуздӣ накардед?

– Не.

– Қасам хӯред.

– Хайр, дар бачагӣ мева-чева duzdида бошам, дуздидагистам.

– Аз полези колхоз ҳеҷ чиз надуздидед?

– Не-е! – Бобоям шубҳаомез табассум карданд.

– Дурӯғ мегӯед! – Аз табассумашон фаҳмидам. – Харбуза дуздидагистед? Гӯед, бобо.

– Мон ҳамин хел гапҳоро.

– Не, гӯед! – Исрор кардам ман. – Чӣ метарсед, гӯед. Ба ҳеҷ кас намегӯям. Қавли пионер якта.

Бобоям хандиданду баъд ба гап даромаданд:

– Хайр, аслаш, ин дуздӣ ҳам набудагист? – Баъд гӯё худ ба худ мегуфта бошанд: – Яқинан, агар дар ин дунё иқрор нашавем, дар он дунё ноилоҷ иқрор мешавем, – гуфтанд. – Парерсол, баҳор ду моҳ то ҷавпазӣ рӯйи нонро надидем. Аввалин хирмани ҷави колхозро кӯфтем, бод кардем, ба нӯҳ ҷувол бардошта фиристодему ду кас аз пасмондаи хирман ду кило-ду кило ҷав гирифтем. Ҳамон ҳам сангрезадор буд... Баъд кадоме хабари инро ба раис расондаст. Як вақт моро ба идора ҷеғ заданду камтар дӯғу пӯписа карданд: одамон дар ҷанг хун мерезанд, барои ватан ҷон медиҳанду мо ин ҷо зиёнкорӣ мекардем! Ба кадом осиёби душман об мемондем... Ҳеҷ кас аз худи вай намепурсад, ки чор соли ҷанг мардум ҷояш омад, як пора карбос наёфт, ки ҷойи айбашро пӯшида, аз хона берун барояд, зану духтари ту аз куҷо куртаву лозимии оҳораш нашикастагию обаш начакидагӣ мепӯшад?

Мо саргарми гуфтугузор ба роҳи аробагард баромаданамонро надониста мондем. Акнун роҳ аз байни боғҳо, қитъаҳои хурд-хурди заминҳои корам мегузашт. Роҳи аробагард қад-қади сой тӯл кашида, монанди ресмони чигил тоб хӯрдаву печида боло мерафт, боз чарх зада поён мефуромад, лаҳза ба лаҳза моро ба деҳа наздик

мекард. Дар боғҳо дарахти олуча сап-сафед гул карда буд. Дар тирагии бегоҳирӯзӣ байни дарахтони ҳанӯз саросар сияҳшох ягон-ягон дарахтони навшукуфта ба шохашон чарбу кашидагӣ барин. Не, арӯс барин... Арӯсро бо чодири сафед печонда ҳамин хел мебиёранд.

– Ана, ин ҷо понздаҳ сол пеш як нишебии санглох буд, – бобоям ба қитъаи замини дар тарафи рости роҳ воқеъбуда ишора карда, ба ҳарф задан даромаданд. – Солҳои аввали колхозӣ буд, бо дасти худ онро замини корам кардам. Дар ин ҷойҳо то як пора замин ҳамвор шудан, шири аз модар хӯрдаи кас аз бинӣаш меояд. Ҳамаи санги ин тавораро (бобоям ба тавораи начандон баланди аз қайроқсангҳои хурду калон чидагӣ, ки он заминро аз роҳ ҷудо мекард, ишора мекунанд) аз ҳамин замин чидам. Хар катӣ хок кашондам. Ҳар сол чӣ қадар пору мерехтам! Эҳ-ҳе! Ҳар ҷо-ҳар ҷояшро ӯра барин кофта, банд-банд хошок партофта гӯр кардам.

– Барои чӣ?

– Пӯсида, хок мешавад, заминро бақувват мекунад. Ку вай қуввату вай ғайрат? Акнун одамон ба замин меҳр надоранд. Замин соҳиб надорад... – Бобоям боз ким-чиҳо гуфта, ба сӯйи он замин менигаранд. – Нисфи заминро, ки хароботар буд, юнучқазор кардам, ба нисфи дигараш кунҷит корида, даҳ синтир кунҷит гирифта будам! Ана, акнун боз нокорам шуда рафт. Эҳ, ба чӣ машаққатҳо ҷӯй канда, об оварда, ана ин тутҳоро шинонда, пайванд кардам. Афсӯс...

Бобоям агар аз киштукору деҳқонӣ ё замину боғдорӣ сухан сар кунанд, ба ҳеҷ кас навбат намедиҳанд, ҷоғашон метафсад. Ман дилтанг мешаваму баъд ба суханашон гӯш намекунам, ба фикру хаёли худ банд мешавам.

Ногаҳон аз хамгашти роҳ ду савор баромад. Ҳар ду ҳам савори аспҳои чун аспи сарлашкарҳо оростагӣ, ҳар ду ҳам мардони фарбеҳ...

– Баргардон! – Бо изтироб амр карданд бобоям. – Аз раҳ барор!

Аз овози пуризтироби бобоям ман тамоман дасту по хӯрдам.

Мо харҳоро ба канори роҳ бароварда, истодем.

– Ассалому алайкум! – Гуфтанд бобоям даст пеш гирифта сархам.

Дар ҷавоб яке аз саворон, ки аспи сафеди зебоеро савор буд, аз роҳ истода пурсид:

– Ҳа, аз куҷо ба куҷо? Боз ин бӯхчаву бисоти кӣ?

Гӯё забонашро занбӯр газида бошад, суханони он марди савор нимғурма мебаромад. Кулоҳ ва гиребони пальтояш аз пӯсти қароқулии дорчинранг буда, ҷило медоданд ва ӯро дар назари кас боз ҳам пурсалобат мекарданд. Аз рӯйи фарбеҳ ва тару тозааш маълум буд, ки шахси баландмартабаи ин макон аст. Аспи ӯ гӯё пар бароварда мепарида бошад, ба лаҷомро кашида истодани соҳибаш нигоҳ накарда, қарор нагирифта, тапар-тапар мекард. Савори дуюм онсӯтар рафта, сари аспашро гардонда истод.

– Бачаҳои Неъматро аз шаҳр кӯчонда овардем, раис... Ба шумо фуқарои нав. Ана, ин писарчааш, – ба ман ишора карданд бобоям.

Ман барои салом додан даҳон ҷуфт карда, ба рӯйи раис нигоҳ кардам, аммо вай ба ман эътиборе надод.

– Худаш чаро рафта наоварда, шуморо аз кору бор монond? Кӣ шудаст вай?!

– Ба ҷуфтбарорӣ вақт ҳаст-ку, раис, – гуфтанд бобоям, ба рӯйи вай нигоҳ накарда. – Бекор менишастам, хайр, равам гуфтам...

Ба бобоям раҳмам омад. Талабаи гунаҳгор барин дасту по хӯрда, меларзиданд.

– Ба ҷуфтбарорӣ вақт будааст! – Бо тамасхур сухани он касро такрор кард савор. – Равед, ба усто ёрӣ диҳед,

омочу молаҳо тайёр не, тухмиро тоза кардан даркор.

Бобоям даст ба сина бурда “хуб шудаст, раис, хуб шудаст”, гӯён меистоданд. Дар назарам он кас чунон мазлум, чунон оҷизу нотавон намуданд, ки аламам омад.

– Ба ман нигаред, – хитоб кард раис сари аспашро аз роҳ гардонда. – Ба ҳамон мӯзаи афсарии Неъмат ҳаваси Ҷӯрабеки мо рафтаст. Бача-дия! Акнун ба Неъмат мӯзаи хиром чӣ даркор? – Баъд овозашро пасттар карда, илова кард: – Фардо-пасфардо ҷав мепазад, аз хирман ягон чиз дода розӣ мекунам.

– Раис, ин корро худаш катӣ гапзанон кунед, – гуфтанд бобоям акнун каме баҷуръат.

Савор дар ҷавоб ба сӯйи бобоям ба қаҳр як нигоҳ карду:

– Ҳа, хайр, – гуфт ва аспашро ба резачорпо андохту рафт. Бобоям аз қафои ӯ маҳзун нигариста монданд.

Мо харҳоро ба роҳ андохтем ва лаҳзае нагузашта, ба деҳа даромадем. Заминҳои нав аз хоби зимистон бедоршудаи деҳа, боғҳо, тавораҳои аз санги қайроқи сой чидагии заминҳои рӯйидарича, сафедорҳои қатори сари роҳ, қӯруқу чашмаву сой, шаху зовҳо – ҳама ба ман ошно буданд, гӯё ҳеч дигар нашудаанд. Аммо онҳо пештара барин хушрӯй ва аҷиб набуданд, ба назар оддӣ ва хурд менамуданд. Бомҳои деҳа аз қабл пасттар, дарахтони азим гӯё хурдтар, одамон ҳам гӯё дигар шуда буданд. Балки ин аз таъсири сахтии солҳои ҷанг буд ё худ ман акнун калон шуда ва ҳар чизро аз канор истода мушоҳида карданро омӯхта будам, кӣ медонад?

*Соли 1970.*



**Баҳром Фирӯз бо академики АУ Тоҷикистон Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ**

**МУҲАММАДҶОНИ ШАКУРИИ БУХОРОӢ**
академики АУ Тоҷикистон,
барандаи ҷоизаҳои давлатии ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва
Абӯалӣ ибни Синои
Ҷумҳурии Тоҷикистон
узви вобастаи Фарҳангистони адаби
Ҷумҳурии Исломии Эрон

## ЗАРРАҲОИ ОДАМИЯТ

Адабиёти форсии тоҷикӣ аз солҳои шасти қарни бист масъалаи одамиятро, масъалаи инро, ки инсон чӣ гуна бояд бошад ва муомилаи байни мардум бояд ба чӣ усуле асос ёбад, мавриди баррасӣ қарор дод.

Баҳром Фирӯз (1939-1994) яке аз ҳамон нависандагоне буд, ки дар сари ин масъала бисёр фикр мекунанд. Асарҳои Баҳром Фирӯз пур аз фикру мулоҳизаҳост ва моро, хонандагонро низ водор месозад, ки баробари ӯ фикр кунем, масъалаҳои муҳимеро аз қабили ин, ки одам кист ва одамгарӣ чист, ҳаматарафа ба мулоҳиза гирем.

Лекин Баҳром Фирӯз мулоҳизаҳои худро батафсил баён намекунад. Дар асарҳои ӯ андешаву мулоҳизаҳои дуру дароз ба назар намерасанд. Вай ба мақсади худ бо қувваи тасвир мерасид: дидаву шунидаҳояшро як-як нишон медиҳад ва мо аз ин тасвирҳои ӯ ба фикр меравем, хулосаҳо мебарорем.

Ҳар як асари бадеӣ, хусусан асарҳоеро аз қабили ҳикояҳои Баҳром Фирӯз хеле бодиққат хондан лозим меояд. Назари ӯ дар мушоҳидакорӣ баъзан нозук меравад ва хислатҳои инсонии қаҳрамон ё ноодамии ӯро нозук ба мушоҳида гирифта, ба назари мо намоён мекунад.

Инак, ҳикояи “Омаду рафт” (1979). Дар ин ҳикоя, чунонки ҳоло дар бисёр асарҳои нависандагони тоҷик

мебинем, қаҳрамон дар дами марг нишон дода шудааст. Усто Равшан дар бистари марг баъзе лаҳзаҳои зиндагии худро аз назар мегузаронад, феълу атвори баъзе касонро фикр мекунад. Аз ин мулоҳизаҳо мебинем, ки тамоми зиндагии ӯ бо заҳмати ҳалол, бо некӯкорӣ гузаштааст. Лекин барои фаҳмидани ин, ки усто Равшан чӣ касест, чанд гуфтаи вай, хусусан охирин сухани ӯ муҳим аст. Охирин сухани ӯ ин буд, ки канда-канда гуфт: "Хоб дидам... асп маро гирифта... андохт... аз қисмат ҷойи гурез нест... Афсӯс, ҳаво носоз омад..." Чунонкӣ мебинем, қаҳрамони нависанда дар дами вопасин афсӯс мехурад, ки "ҳаво носоз омад". Вай аз поён ёфтани умри худ афсӯс намехурад, аз ин ки умраш бо заҳмат гузашт ва чунонкӣ занаш гуфт, ҳанӯз аз фарзандон роҳат надидааст – аз ин дар ҳасрат нест, балки дар ташвиш аст, ки "ҳаво носоз омад" ва мардум барои гӯронидани ӯ азоб хоҳанд кашид. Усто Равшан дар дами марг ҳам ғами дигаронро мехӯрад.

Чунин аст услуби Баҳром Фирӯз. Вай ба ҷузъиёти хурд, ба падидаҳои ноаёни фикру ҳисси қаҳрамон чашми диққат медӯзад, гоҳ нозуктарин нишонаҳои феълу атвори инсонро аз назар мегузаронад, аз ҳар кадоми онҳо як маънӣ мекашад. Мо ҳам аз асарҳои ӯ беҳтар фаҳмидани маънои рафтору гуфтори одамонро ёд мегирем. Ба рӯйдодҳои одӣ, ба ҷузъиёти хурд, ба падидаҳои ноаёни феълу атвори инсон бодиққат нигоҳ кардани нависанда боис мегардад ки мо, хонандагон низ ба муҳит, ба мардумони атрофи худ бодиққат нигоҳ кунем, дар фаҳмидани маънои зиндагӣ ва одамию ноодамӣ чашми мо бинотар, ақли мо гиротар шавад.

Баҳром Фирӯз аввалҳо шеър мегуфт ва фақат аз оғози солҳои ҳафтод ба наср гузашт. Ман ӯро ба сифати насрнавис аз ҳикояи "Бобо", ки соли 1970 навишта ва соли 1972 чоп карда буд, мешиносам. Ин ҳикоя зуд диққати

хонандагон ва нависандагону мунаққидонро ба худ кашид. Мушоҳидакорӣ ва нозукбинии ӯ аз ҳамин ҳикоя маълум буд.

Нависанда дар ин ҷо як кӯдак ва падарбузурги пирсоли ӯро тасвир кардааст, ки ҳарду ба деҳа равонанд. Сӯҳбати бобову набера дар роҳ, манзараҳои кӯҳсор ва ғайра, ки дар ин ҳикоя тасвир шудааст, бештар гӯё чизи одист: гуфтугузори одатӣ мебошад. Лекин дар ҳақиқат як порча аз зиндагии бисёр аҷиби мардуми мо дар ин ҳикоят тасвир шудааст. Кӯдак дар ҳар қадам чизе аз аҷоиботи зиндагии одамон ва ҳайвонотро мебинад ё мешунавад. Гоҳ медид, ки “қуллаҳо чун сутун ба китфи худ осмонро бардошта истодаанд” ва “дилашро ваҳм зер мекард”, гоҳ аз бобо ҳикоятҳои аҷибе дар бораи гургон мешунавид. Кӯдак бо ҳайрату тааҷҷуб барои худ аҷоиботи табиатро кашф мекунад ва мо ба кунҷковӣ, ҳайрату тааҷҷуб ва ҳиссиёти баланди ин кӯдаки хурдсол мафтун мешавем, Нависанда ҷараёни мураккабе – раванди аз тарафи як кӯдаки зираку ҳассос кам-кам кашф шудани асрори зиндагиро ба тадқиқ гирифтааст ва бо ҷузъиёти аҷиби руҳиву равониаш ба мо нишон додааст. Бобо – ин пиракии пурдидаву пурдон ва коркӯфта низ ҳар лаҳза дар пеши чашми мо намоён мегардад.

Баҳром Фирӯз нависандаи маишатнигор аст ва услуби ӯро услуби маишатнигории иҷтимоӣ гӯем, шояд саҳв нашавад. Диққати ӯ ба зисту маишати мардум равона гардидааст ва гоҳ онро бо кӯчактарин падидаҳояш мебинад, бо дақиқназарӣ ба мулоҳиза мегирад. Аз хондани ҳикояҳои ӯ чашми мо ҳам ба хурдабинӣ одат мекунад, фикри мо ҳам дар сари моҳияти он ҷузъиёти ночизи маишат ба ҷавлон меояд ва дар роҳи дарки маънои ҳодисаҳои зиндагӣ фаъол мешавад. Хурдатасвирӣ дар аксари ҳикояҳои маҷмӯаи “Ҳақиқати талх” (1981) шакли асосии ифода шудани нозукбинии ҳассосонаи Баҳром Фирӯз

буда, барои инкишофи қобилияти мӯшикофии хонанда, барои такон додани фаъолиятмандии иҷтимоии вай иқтидор дорад.

Тасвирҳои Баҳром Фирӯз дар ҳикоя аксаран вусъат надоранд. Вай бештар воқеаҳои хурдеро мегирад, ки аз талотум маҳрум буда, як гӯшаи зиндагиро андак равшан мекунанду бас. Вале ин гап чунин маънӣ надорад, ки ҳикояҳои ӯ каммазмун мебошанд. Қалами ӯ чунин иқтидор пайдо кардааст, ки аз резапораҳои зиндагӣ маънои муҳимме бароварда пеш аз ҳама одамиятро устувор мекунад. Ҳам пирамарди нотавони ҳикояи “Бобо” ва Усто Равшане, ки дар бистари марг аст, ҳам Комил-полвони ҳикояи “Гӯштигирӣ” (1974), ки номардии шогирдаш Сангин-полвонро боиси сархамии худ донист, ҳам сарнавишти Сабои ҳикояи “Оғоз” (1979), ки бо вуҷуди номуродиҳо ҳиссиёти олии инсониро аз даст надодааст ва дигарҳо аз худ сифатҳои баланди инсонӣ зоҳир намуда, моро водор месозанд, ки дар сари баъзе масъалаҳои зиндагӣ, дар хусуси одаму одамият ба андеша равем. Қаҳрамони хурдсоли ҳикояи “Ҳақиқати талх” (1976) саг-чаи дӯстдори худро ба чӯпоне фурӯхт, то ки саги калони чӯпонӣ шавад, аммо чун падар ӯро сахт коҳиш кард, ки фақат “нокас дӯсташро мефурӯшад”, ин ҳасрат якумр дар дилаш монд ва ин сухан дар гӯши хонанда ҳам садо дода сахт менишинад.

Ҳамин тариқ, нависанда одамияти баланди қаҳрамонон, адлу инсоф ва виҷдони поки онҳоро на бо тасвирҳои пурвусъат ва лавҳаҳои бузург, балки гӯё ҷузъёти алоҳидаи зисту маишатро реза-реза гирд оварда, як манзараи мукаммалро пеши чашм ҷилва медиҳад. Ҳар қадар ки нависанда воқеаҳои зиндагиро нозуктар ба мушоҳида гирифта, моро бештар ба андеша мебарад, ба ҳамон дараҷа хислатҳои неки инсониро устувор менамояд.

Оре, одамият зарра-зарра гирд меояд. Ҳар инсони

асил бо ягон хислати мардумии худ, ҳатто бо хислатҳои хурду ноаён сифатҳои одамии дигаронро заррае зиёд мекунад. Ҳар кадоми мо бояд қобилияте дошта бошем, ки ин зарраҳои инсониятро дида тавонем, ҳарисона аз худ намоем, аз онҳо дар зиндагӣ дастури амал ҷӯем. Нависандагон бо нигоҳи заррабини худ ин қобилияти моро равнақ медиҳанд. Нигоҳи нависандагон ҳар чӣ нозукбинтар бошад, биноии мо ҳам тезтар хоҳад буд.

Ин ҷо муҳимтар аз ҳама он мебошад, ки ба сифатҳои хурду ноаён нишон додани бузургии халқ аст. Ба назари мо, Баҳром Фирӯз ҳамин равияро пеш гирифтааст. Ин ҳам барои худшиносии маънавию ахлоқии шахс ва ҷомеа дорои аҳамияти бузургест. Дар ин сурат шахс вазифаи инсонии худро боз ҳам нозуктар дарк месозад, зеро рӯҳи поки инсонӣ, хулқи неки мардумӣ, дили софи беолоиш ва монанди инҳо зарра-зарра дар назари ӯ намоён шуда, бо падидаҳои хурде аҳамияти калони худро намудор меоранд.

Дар баъзе ҳикояҳои Баҳром Фирӯз инсон дар оғӯши табиат нишон дода шудааст, инсон ва ҳайвоноти гуногуни дастию ёбоӣ як ҷо амал кардаанд (“Бобо”, “Бузғола ва писарак”, “Омаду рафт” ва ғайра). Чунин ҳикояҳо монанди бисёр ҳикояҳои дигари ӯ асосан барои кӯдакон ва ҷавонон навишта шудаанд, вале муаллиф дар ин асарҳояш хонандаи калонсолро низ дар назар дорад. Ҳар кадоми ин ҳикояҳо як ҳикмати ҳаётро ифода менамоянд ва ин ҳикмат чунон ифода шудааст, ки барои хурду калон баробар аҳамият доранд.

Пайванди ногусистании инсон ва табиат, бо чашми ҳайрат ва мафтуни ба сирру асрори табиат, аҷоибот ва ҳусни беолоиши он нигаристани инсон, хусусан хурдсолон дар ин ҳикояҳо на бо калимаҳои зебо ва суханороии зоҳирӣ, балки бо сухани одӣ, бо қувваи тасвири мушаххас нишон дода шудааст. Б.Фирӯз аз рангу равғани ро-

мантикӣ худдорӣ мекунад. Шавқи пурзӯри инсон, ки аз мушоҳидаи манзараҳои табиат ва ё рафтори ҳайвоноти гуногун бедор шудааст, дилбастагӣ ва меҳри самимии одам нисбат ба боғу роғ, кӯҳу дара, чашмасорону обшорон ё ки нисбат ба ҷонварони дӯстрӯи содиқ ва монанди инҳо дар асарҳои Б.Фирӯз бо падидаҳои мушаххасашон намудор мегарданд.

Чашми хонанда, хусусан хонандаи ҷавонро ба зебоиҳои зиндагӣ, ба ҳусни табиат ва дунё кушодан, диққати хонандаро ба дидани наҷобати дили инсон ва хулки неки ӯ равона кардан, ба ин восита барои устувор шудани пояҳои инсоният дар ҷомеа кӯшидан як шакли ифодаи башардӯстӣ дар асарҳои Б.Фирӯз аст. Ин башардӯстии олӣ масъулиятшиносии шахсро низ дар бар дорад. Нависанда на фақат меҳри зиндагӣ ва инсонро дар дили шахс мустаҳкам мекунад, балки зимнан чунин фикреро ҳам талқин менамояд, ки шахс дар назди чунин инсони асил, дар назди зиндагӣ ва сарзамин ҷавобгар буда, хулқашро ба онҳо мувофиқ гардонад, барои муҳофизати онҳо тайёр бошад, нагузорад, ки ба ин ҳама ҳусну зебоӣ ва назокату наҷобат осебе расад. Б.Фирӯз ба таври хосе ҳисси масъулияти шахсро дар назди ҷомеа қувват медиҳад.

Ғояи масъулиятшиносӣ аксаран аз маънои таҳтуллафзи матн ҳосил шуда, гоҳ дар мулоҳизаронихо андаке бевосита ифода меёбад. Чунончӣ, Комил-полвон (ҳикояи “Гӯштигирӣ”) рафтори норавои шогирдаш Сангинро дида буд, ки аз дилаш чунин фикр гузашт: “Усули гӯштиро ёд додан кам аст, одамию одамгарӣ, ҷавонмардию тандеҳиро ҳам ёд додан даркор...”

Дар айбҳову гуноҳҳои каси дигаре худро низ айбдор донистан аз ин бобат виҷдонан азоб кашидан, дар роҳи тақвияи одамият ва пешгирии ноодамӣ ҷидду ҷаҳд кардан, ки дар зиндагии баъзе қаҳрамонони Баҳром

Фирӯз мебинем, падидаҳои гуногуни масъулиятшиносии шахс дар назди ҷомеа аст.

Хислатҳои бади инсон ҳам дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз бо диққаткорию резабинӣ нишон дода шудаанд. Вай ба ҳар яке аз падидаҳои ноодамию ноинсофӣ, беақлию бетамизӣ, ки муносиби шаъни инсон нест, низ бодиққат нигариста, сабабҳои онро меҷӯяд ва мардумро аз сабуксарию беандешагӣ бар ҳазар медорад. Ҳикояҳои “Чинор-кампир” (1977), “Товуси маст” (1977), “Камгап” (1979) ва ғайра аз ҳамин ҷумлаанд.

Агарчӣ дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз тасвири мушаххас мӯҷаз ва оромона мавқеи асосӣ дошта, мулоҳизарониҳои доманадору пурҳиссиёти муаллиф ё персонажҳо ба назар намерасад, дар баъзе мавридҳо, хусусан он гоҳ ки аз хулқи нораво ва гумроҳии инсон сухан меравад, фикру ҳисси таҳкиягар ногоҳ ба ҷӯш омада, овози ӯ баланд шунида мешавад. Аз ҷумла дар ҳикояи “Муаллими сахтгир” (1981) аз сабаби раҳмдилии модар ва саҳлгириҳои ӯ аз кӯдакӣ кам-кам аз роҳи дуруст баромадани ҷавоне тасвир ёфта, яке аз персонажҳо сабаби ин ҳодисаро чунин эзоҳ додааст, ки “агар худи кас одам шудан нахоҳад, ҳеҷ кас ӯро одам карда наметвонад”. Ҳикояпардоз ба ҳаққонияти ин сухан шубҳа надорад. Бо вуҷуди ин аз забони ӯ чунин андешаҳо ҳам омадааст: “ҳар ду дақиқае чанд хомӯш мондем. Ман ботинан ин гуфтугӯро давом медодам: Ба фикри ман, дар ин бадбахтӣ танҳо худи Шодӣ гунаҳкор не, – мегуфтам худ ба худ. – Фақат як худи модараш гунаҳкор не, ҳамаи аҳли деҳа гунаҳкорем. Бале, хурду калон – ҳама. Дар пеши назарамон дузду авбош, коҳилу кӯрнамак ба воя расид, ҳеҷ кас ба таври қатъӣ ба вай монеъ нашуд”.

Ин ҷо, чунонкӣ дар эҷодиёти бисёр нависандагон мебинем, ба як ҷиҳати дигари масъалаи “шахс ва ҷомеа” дахл шудааст: нависанда андаке ба масъалаи масъулияти

ҷомеа дар назди шахс наздик омадааст.

Чунонкӣ шахс дар назди ҷомеа ҷавобгар аст, ҷомеа ҳам барои ҳар як фард ва сарнавишти ӯ масъулият дорад. Чигунагии ташаккули шахсияти инсон, чӣ хусусиятҳо пайдо кардани роҳи ҳаётии одам на фақат ба худи ӯ, балки ба муҳити иҷтимоӣ ҳам вобаста аст ва агар инсон ба роҳи бад дарояд, як қисми гунох ба гардани ҷомеа ҳам мефарояд, ҳатто гоҳ мумкин аст, ки гуноҳ тамоман ба гардани ҷомеа бошад. Ин масъалаи бузурги мураккаб паҳлӯҳои бисёре дошта, Баҳром Фирӯз дар ҳикояи "Муаллими сахтгир" фақат як ҷиҳати онро аз назар гузаронидааст, ки муносибати мардуми атроф ба неку бади зиндагӣ мебошад. Мардум ба рӯйдодҳои атрофи худ бояд муносибати фаъолона дошта бошанд. Муносибати бетарафона ва ғайрифаъолона, бепарвоӣ, бедахолатӣ, оромонаю хунсардона нигоҳ кардани баъзеҳо ба рӯйдодҳои нохуш, ба ғами дигарон, ба нокасӣ ё каҷрафтории атрофиён боиси вусъат ёфтани бадиҳо мешавад. Як кас аз роҳи рост барояд, чанд кас гунаҳкор аст. Нависанда ҳамин ҳақиқатро хотиррасон намудааст.

Духтури ҷавон Даврон - қаҳрамони асосии достони Баҳром Фирӯз "Тору пуд" (1983) ба ҳиллаву найранги бадкирдорон гирифтор шуда ва рафтори онҳоро хеле аз назар гузаронида охир чанд хулосаи муҳим баровард, ки яке аз онҳо ин аст: "Ба ҳамаи ин пасту баландихо худамон гунаҳкор... Нуқсонро, ҷиноятро мебинему "ба ман чӣ" гуфта чашм пӯшида мегузарем".

Ин ҷо қаҳрамон "худамон" гуфта худро ва касонеро, ки монанди ӯ ҳалолкору ростқавл мебошанд, дар назар дорад. Яъне ҳам шахси алоҳида ва ҳам мардуми бисёреро баробар ба назар гирифтааст. Маълум нест, ки сухан аз масъулиятшиносии шахсони алоҳида меравад ё тамоми ҷомеа. Ин номуайянӣ чунин маънӣ дорад, ки нависанда барои ҳодисаҳои манфие, ки дар зиндагии мо

ҳастанд, барои бемамониат амал кардани “мардуми ба ҳарому ҳалол бефарқ” ҳам шахсҳои алоҳида ва ҳам тамоми ҷомеаро баробар ҷавобгар медонад. Ҷавобгарии шаҳрвандии шахс ва вазифшиносии башардӯстонаи ҷомеа сахт ба ҳам марбутанд. На фақат шахс дар назди ҷомеа ва ҷомеа нисбат ба шахс ҷавобгар аст, балки ҳам шахси ҷудогона, ҳам гурӯҳҳои хурду калон ва ҳам тамоми ҷомеа вазифадоранд, ки ба муқобили бадиҳои иҷтимоӣ муттаҳид бошанд, аз як гиребон сар бароранд. Модом ки зиштиҳои иҷтимоӣ қувват гирифтаанд, бояд ҳамаи қувваҳои зидди онҳо ба дараҷаи баробар фаъолияти қатъии якҷоя дошта бошанд.

Чунин ҷамъбастҳои вусъатноки бадеӣ дар ҳикояҳои Б.Фирӯз каманд. Вай дар ҳикояҳо хислатҳои қаҳрамон ва симои инсонии ӯро бо нишонаҳои хурд ва падидаҳои мушаххас нишон дода, аз ҷамъбастҳои вусъатнок худдорӣ мекунад. Инро норасоии биниши бадеии ӯ донистан лозим нест. Он ҳама резатасвириҳои мушаххаси ӯ барои васеътар шудани дунёфаҳмию зиндагидонии мо хизмат карда, бо таъсири отифии худ моро водор месозад, ки худ хулосаҳои муҳим барорем.

Фақат баъзан худи нависанда аз тасвирҳои на чандон калон, аз ҳодисаҳои маҳдуд, ки зоҳиран ночиз менамоянд, баъзе хулосаҳои муҳими умумӣ мебарорад. Дар як маврид чунин хулосаи ӯ хеле вусъат ёфта, ба ҳодисаҳои умумии ҷаҳон дахл намудааст. Дар охири ҳикояи “Кабкҷанг” (1976) таассуроти таҳиягар чунин баён шудааст:

“Агар аз кабкҷанги аввал дилтанг будам, аз ин ҷанги нобаробар нафратам ва ғазабам ҷӯшид. Умуман, ду ҷонвари бегуноҳро ба ин тариқ ҷанг андохта, парканию чашмкании онҳоро тамошо кардан ва гарав бастан берaҳмӣ, беақлӣ. Аз дилам гузашт, ки башариятро ҳам ана ҳамин хелҳо ба ҷанги бародаркушӣ меандохтагистанд”.

Ин тарз аз тасвири як воқеаи хурди маъмулӣ ба ҳо-

дисаҳои калони ҷаҳонӣ гузаштани нависанда ғайричашмдошт аст. Вале шояд маҳз ҳамин гардиши ғайричашмдошт бо таъсири пурзӯре моҳияти даҳшатангези ҷангҳоеро, ки сангдилони одамбезор ва дунёхур сар мекунанд, равшан менамояд.

Ҷамъбастҳои калонтари бадеӣ дар достони Баҳром Фирӯз “Ту танҳо не”, хусусан дар “Тору пуд” бештаранд.

Достони “Ту танҳо не” бо баррасии масъалаҳои муҳими ахлоқу одоб ва ташаккули шахсияти қаҳрамони ҷавон ҷолиб аст. Дар достони “Тору пуд” масъалаи одамият ва муҳофизати он аз тааррӯзи ноодамон хеле тезу тунд мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор ёфтааст. Нависандае, ки то ҳол ҳатталимкон аз ошкор шудани ҳиссиёти худ худдорӣ мекард, дар достони “Тору пуд” гоҳ ӯро ончунон ҳаяҷон фаро гирифтааст, ки суханаш ба фарёд монанд аст. Инак, порае аз монологи ботинии қаҳрамони асар, ки садои муаллифро ҳам аз он мешунавем:

“Духтур бисёр шуду беморӣ ҳам афзуд мегӯянд, гӯё сабабгори беморӣ духтурҳо бошанд. Ана, ин хел маразҳо бисёранд, инҳо одамонро касал мекунанд. Стресси рӯҳу эҳсос... Ғалатӣ, чаро барои дурӯягӣ, турачигӣ ҳеҷ касро ҷазо намедиҳанд?... Аслан ин мараз ҳам, торафт меафзояд. Яъне марази ҳамагир аст. Кай пеши роҳашро мегирем, ҳой мардум?! Ин ҳам грипп барин, дарди зарпарвин барин, балки аз ин маразҳо бадтар аст...”

Нависанда дар достони “Тору пуд” ноодамии ҳаромхурону пулмастони бетамиз ва ҳомиёни маснаднишини онҳоро бо хашми тамом тасвир кардааст. Баъзан сухани ӯ тири заҳролудест, ки бехато ба ҳадаф, ба ҷигаргоҳи кӯрдилони ваҳшисимо мерасад. Сӯзи дили нависанда бисёр баланд буда, виҷдони хонандаро ба ҷӯш меорад, ҳиссиёти масъулиятшиносӣ ва фаъолиятгарии иҷтимоии ӯро сахт такон медиҳад. Бар хилофи бешта ри ҳикояҳои Б.Фирӯз дар ин достон оҳанги ҳиссиётомези рӯзнома-

нигорӣ қувват гирифта, боиси ин шуд, ки мавқеи ҷомеаии фаъолонаи ӯ буррову гӯё ифода гардид. Сухани бадеии Баҳром Фирӯз дар “Тору пуд” сухани асили гуманистӣ мебошад ва бо ҷидду ҷаҳди бештаре пояҳои одамиятро устувор ва ноодамиро маҳкум менамояд.

Масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷомеа дар “Тору пуд” андак ранги дигар гирифт ва такмил ёфт. Нависанда акнун барои ҳар чӣ ҳодисаи баде, ки дар атрофи мо рӯй медиҳад, барои падидаҳои ҳаромкорӣ, бетамизӣ, худсарӣ, бемаънавиятӣ на фақат худи онҳоеро, ки ин хислатҳо аз онҳо сар задааст, на танҳо ҳар шахси ҷудогона ё як гурӯҳ мардумеро, ки расвоиҳоро дида, чашм пӯшидаанд, гунаҳкор медонад, балки масъалаи ҷавобгарии махсуси масъулони расмиро пеш гузоштааст. Кормандони масъули идораҳо, намояндагони ҳокимияти иҷрокор вазифадоранд, ки барои пешгирии ноинсофиҳо, барои аз роҳи хато нигоҳ доштани шахсони алоҳида мубориза кунанд ва дар ин роҳ ҳама ҳуққуқу имкониятҳои худро пурра истифода баранд. Саргузашти қаҳрамони достон бо қувваи азиме нишон дод, ки вазифаи худро фаромӯш кардани кормандони масъул, ба роҳи беинсофӣ даромадани онҳо ба сари мардумони поквиҷдон чӣ даҳшатҳое метавонад орад.

Фикри бадеии нависанда дар достони “Тору пуд” бо ин байти оличаноби Фирдавсӣ хулоса шудааст:

Нигар то чи корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чи гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

Ин гӯё хулосаи бадеии ҳамаи воқеаҳои достон ва тамоми саргузашти қаҳрамонон, хулосаи таҳқиқи гуногунҷиҳати масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷомеа мебошад, хулосаи амиқест, ки моҳияти масъаларо ба хубӣ равшан мекунад. Нависанда бо мантиқи ҳамаи воқеаҳо ва сарнавишти қаҳрамонон, аз забони шоири бу-

зурги моҳиятбин моро огоҳ месозад, ки ҷавобгарию вазифашиносиро бояд як лаҳза фаромӯш накунем. Инсон барои ҳар қадам ва ҳар суханаш дар назди дигарон ҷавобгар аст ва ҳеч кору ҳеч гуфтори ӯ беоқибат намемонад. Аз ҳамаи ин рафтору гуфтори шахсони алоҳида симои умумии ҷомеа ҳосил мегардад ва ин ҷомеа ҳам дар пеши ҳар як узви худ, дар пеши мардумони имрӯз ва фардо, дар назди таърих масъулият дорад. Шахс ва ҷомеа ҷудо нест ва ҷомеа аз шахсони ҷудогона. Муносибати шахс ва ҷомеа, масъулияти шахс ва ҷомеа дар назди якдигар робитаи диалектикӣ дорад ва ҳар чӣ неку баде, ки дар ин миён ҳаст, инчунин оқибатҳои он ба дараҷаи баробар чӣ сарнавишти шахс ва чӣ вазъи ҷомеаро муайян мекунад.

Даврон, қаҳрамони “Тору пуд”, дар беморхона саргузашти даҳшатноки худ ва беинсофию ноодамиҳоеро, ки дар андак муддат дид, фикр карда, дар охир чунин хулоса баровард: “Зиндагӣ худаш ислоҳ мекунад, гузашти замон мусаҳҳеҳи забардаст аст. Ҷомеа агар солим аст, монанди оби баҳр худашро аз ҳар олоише покиза месозад”.

Аз ин андешаҳои Даврон ва аз ҳама муборизаҳои ӯ дида мешавад, ки моҳияти замони худро дуруст фаҳмидааст, ки дар зиндагӣ бо дилпурӣ қадам мезанад. Ҷомеаи мо баҳри пурмавҷест, ки ҳамеша худро “аз олоишҳо покиза месозад”. Афкори иҷтимоӣ барои ба соҳили нестӣ баровардa партофтани бетартибию бенизомӣ, худсарию худбинӣ, бюрократизм ва дигар рӯйдодҳои манфӣ бояд ҳамеша дар ҷавлон бошад.

Ин аст, ки Баҳром Фирӯз, ки ҳикоянависиро аз ҷузъиёти хурди зисту маишат, аз таҳкияи батаннии оромона оғоз карда буд, имрӯз аз гуфтори халқ ва тасавvуроти вай нағз огоҳӣ пайдо кард.

Ба забони халқ бо эҳтиёткории тамом наздик шудан ва аз ин ганҷина дурдонаҳо ҷустан аз давраҳои аввали таърихи адабиёти шӯравии тоҷикӣ, хусусан бо ҷаҳду

ҷадали устод Айнӣ бисёр ривоҷ ёфта буд. Имрӯз ин корро нависандагони миёнсол ва ҷавон давом медиҳанд. Ин гурӯҳ сабки саҷияофаринии тоза ва назари амиқбин до-ранд, мактаби таҷрибаи адабиёти ҷаҳониро гузашта, им-рӯз дар ин роҳ баъзан хеле эҳтиёткор буда, анъанаҳои Айнӣ, Икромӣ, Улуғзодаро бештар ба тарзи дигаре ва ҳар кадоме ба таври худ инкишоф медиҳанд. Баҳром Фирӯз ҳам дар ҳамин қатор аст.

Насри Баҳром Фирӯз аз дигар ҷиҳатҳо ҳам як ҳисса аз он ҷараёнест, ки бо номи Ф.Муҳаммадиев, С.Турсун, Кӯҳзод, А.Самадов ва монанди инҳо вобастагӣ дорад. Бо диққати тамом нигаристан ба симои ҳамзамонон, аз феълу атвори онҳо зарра-зарра ҷамъ овардани нишонаҳои одамият ва кӯшиши ҷиддӣ дар роҳи устувор кардани пояҳои он ҳоло моҳияти эҷодиёти бисёр нависандагони тоҷикро ташкил мекунад ва Б.Фирӯз яке аз онҳост.

Ғайр аз ин, Баҳром Фирӯз чун дар достони "Тору пуд" ба масъалаҳои ҷиддии ахлоқи иҷтимоӣ, ба масъалаи инсону инсоният нисбатан пурвусъат ва амиқтар назар кардан хост, низ монанди баъзе аз нависандагони номбурда, чунончӣ мисли Ф.Муҳаммадиев ва С.Турсун ба таҷрибаи чандин насли мардум – ба тасаввуроту эътиқодот ва ҳикмати халқ, ба адабиёти классикӣ ва таърих рӯй овард. Аз боби якуми ин асар дар фикру андешаҳои қаҳрамон гоҳ ёде аз гузашта – аз солҳои наврасию навҷавонии худ, гоҳ шеъри Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ё ривояте аз ҳаёти онҳо, гоҳ латифае ё гуфтаҳои ҳикматомези падару бобо ва ғайра бисёр ба назар мерасад. Инҳо як ҷузъи муҳими шуури маънавии Даврон – пизишки ҷавони хушмулоҳизае мебошанд ва ҳар замон барои ҳалли масъалае даркор мешаванд.

Ҳоло аҳамияти бузурги ҳамаи навъҳои таҷрибаи таърихии дуру наздик ҳар чӣ бештар маълум мешавад. Имрӯз тамоми инсонияти тараққихоҳ сабақҳои таърих,

таҷрибаи рӯзгори мардум, падидаҳои маънавияти халқ – мифҳо, афсонаҳо, ривояту латифаҳо на монанди инҳоро ба андеша гирифтааст. Гузашта дар тафаккури ҳамзамонони мо бештар роҳ меёбад ва мавқеъ мегирад. Аз ин рӯ дар адабиёт ҳам муроҷиат ба дирӯз, ба андӯхтаҳои маънавии гузаштагон яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти қаҳрамони ҳамзамони мо, шарти муҳиме дар таҳқиқи масъалаҳои ахлоқи иҷтимоии имрӯз ва назар андохтан ба фардо мебошад. Таҷрибаи таърихӣ санги маҳак қарор ёфтааст ва инсони замони мо, инчунин қаҳрамони адабиёти муосир барои ин, ки моҳияти ҳастии худро дуруст фаҳмад, хатти ҳаракати худро дар шароити мураккабу тундпечи дунёи имрӯзӣ бо санҷишкорӣ муайян созад, дар ҳалли муаммоҳои воқеияти иҷтимоӣ ва ахлоқу одоби худ саҳв накунад, вазъияти худ ва рӯйдодҳои атрофро кам ё беш алоқамандона бо гузашта аз назар мегузаронад. Вай дар роҳи ҷӯяндагиҳо, дар роҳи сарфаҳм рафтан ба маънои рӯйдодҳои имрӯзӣ машъали таърих ба даст гирифтааст. Албатта, таърих ягона воситаи равшан кардани роҳи ба сӯи оянда нест. Воситаи асосӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти воқеӣ ва рӯйдодҳои имрӯзист. Таърих як ҷузъи муҳимми ин таҳлил мебошад.

Ҳангоме ки қаҳрамони Баҳром Фирӯз дар достони “Тору пуд” порчаеро аз “Шоҳнома”, ривоятеро аз зиндагии Ҷомӣ, байтеро аз Саъдӣ ё Ҳофиз, латифаеро ё як гуфтаи ҳикматомези падарашро ба хотир меорад, дар олами маънавияти ӯ ҷилое пайдо мешавад. Ҳофизаи таърихӣ ҷавлони фикру ҳисро қувват дода, инсонро ба дарки маънои рӯйдодҳои мушаххаси атроф, моҳияти ҳастии худ ва ҳақиқати замони хеш наздик меорад. Даврон дар сари андешаҳои мураккаби худ бештар ҷозиба дорад, фикри ҷӯянда ва назари моҳиятҷӯи вай, ки имрӯз ва дирӯзро баробар фаро гирифтан мехоҳад, ба ӯ як навъ ҳусни ботинӣ мебахшад. Фикру ҳисси вай болу паре дорад ва

гоҳ суханаш шоирона аст. Чун мошин ронда ба сари ағба расид, ба ин тарз аз мушоҳидаи баландии кӯҳ табъаш болид ва ба қавли ҳамсараш, ба "хаёлтарошӣ" сар кард: "Вақте ки кас ба ин хел баландӣ мебарояд, вусъати нигоҳаш ҳам, парвози хаёлаш ҳам, уфуқи пеши назараш ҳам доманадор мегардад".

Яке аз ҷузъҳои гуногуни таҷрибаи асрҳо, ки Баҳром Фирӯз дар ин достонаш дахл намудааст, масъалаи шукр аст. Чунонкӣ медонем, шукр дар асарҳои адабиёти ахлоқиву фалсафии асрҳои гузашта яке аз муҳимтарин усули ахлоқ буд. Тасаввури халқ ҳам ҳамин буд, ки агар шукр нагӯем, файзу баракат мепарад. Дар ин маврид маънои шукру шукрона асосан донистани қадри неъмат – қадри нон ва фаровонӣ, рӯзи хуш ва бахту саодат, қадри андак чиз ва ё камтар шодие, ки муяссар шудааст, зарур аст. Агар қадри онро надонем, онро пешпо занем, аз ин нодонӣ рӯзҳои нохуш ба сарамон хоҳад омад. Ин яке аз тасаввуроти халқ аст, ки аз таҷрибаи рӯзгораш ҳосил шудааст.

Баҳром Фирӯз аз байни нависандагони ҳозираи тоҷик ҳоло қариб ягона касест, ки қаҳрамонони ӯ гоҳ-гоҳ ин асли муҳимми ахлоқи халқ ва ахлоқномаҳои классикиро ба ёд меоранд.

Дар дами марги қаҳрамони ҳикояи "Омаду рафт" байни ӯ ва ҳамсараш аз ҷумла чунин гуфтугузоре ба вуқӯъ пайваст:

"– Парво накун, оча, – гуфт усто бо нимтабассум лаҳзае ба рӯйи ҳамсараш зеҳн монда, дуру дароз нигарист. – Ман умрамро дидам, ҳар чӣ насибам буд, гирифтам...

– Э, ин қадар... чӣ дидед? – даст афшонд пиразан. – Меҳнати дунё катӣ гузаштагӣ умр ҳам умр аст? Хуни ҷигар катӣ фарзанд калон кардед, акнун роҳаташонро бинед...

– Шукр кун, оча, шукр гӯй".

Ин ҷо гуфтугӯи онҳо қатъ шуд ва ҳар ду ба андеша

рафтанд. Ҳам ҳасрати ин пиразан, ки дар зиндагӣ роҳате надида имрӯз аз дунё чашм пӯшидани шавҳараш дили ӯро фишор медиҳад, ҳам шукри оқилонаи пирамард, ки бо вуҷуди меҳнату машаққат ва номуродиҳо дар зиндагӣ дарнамонданаш, фарзандҳо калон карданаш, андаке бошад ҳам, ба хизмати мардум расиданашро давлати бузург медонад, маънои амиқе дорад. Ин шукрона идеалҳои мардуми меҳнатӣ, мақсаду мәром ва фалсафаи зиндагии онҳоро ифода мекунад. Ин фалсафаи ҳаёт бо сухани маъмулии мардуми одӣ ба забон омадааст.

Масъалаи шукр дар ҳикояи “Омаду рафт андак дахл шудааст, аммо дар достони “Тору пуд” аввал дар андешаҳои қаҳрамони асосӣ Даврон аз зарурати шукрона андак ёдоварӣ шудааст. Вай боре бо ҳамсараш Азиза чунин гуфтугӯ дошт: “Падару бобоёнамон сари ҳар гап “шукр кун” мегуфтанд, – гуфт Даврон оқибат аз дур сухан сар карда. – Ту ҳам ягон бор шукр гӯй, аз ин фалокат саломат мондем”. Баъд Даврон ба андеша рафт: “Аз дили Даврон гузашт, ки ибораи “шукр кун” ба Азиза ҳамеша сеҳру ҷоду барин асар мекунад... Ҳоло фикр мекард, ки чаро ин сухан ба ҳамсараш чунин таъсир дорад. Аз хурдӣ дар хонавода падару модар ҳамаи моро ба шукр гуфтан водор мекунанд. Худашон ҳам дар сари ҳар кор – хоҳӣ бад ояд, хоҳӣ нек, шукр мегӯянд. Падари Азиза ҳатто ҳангоми ҳалокати писари ягонааш ҳам “шукр” мегуфтаанд. Ҳамаи ин беасар намегузарад. Аз як тараф, барои таскини дили одам, барои тасаллӣ шукр кардан хуб аст, вале аз тарафи дигар, касро ба қаноатмандӣ талқин мекунад. Фалсафаи хоси мардуми мусулмон... Ҳатто агар нобарорие пеш ояд, баъзан сабаби онро ба ношукрӣ ҳамл мекунанд”.

Ин ҷо аз забони қаҳрамон шукру қаноатро фақат ба “мардуми мусулмон”, фақат ба Ислом нисбат додани қаҳрамон эҳтимол чандон дуруст набошад. Шукр ва қаноат

дар байни усули ахлоқи динии ҳама халқҳо мавқеи калон дошт, решаҳои онро аз таҷрибаи зиндагӣ ва фаҳмишу дониши халқ, аз идеалҳои вай, аз ҷустуҷӯйҳои маънавии фарзандони бузурги ӯ ҷӯем, шояд ба ҳақиқат наздик омадан осонтар шавад.

Чунонкӣ мебинем, андешаҳои Даврон хеле доманадор буда, тасаввуроти ҳаётии мардум, таҷрибаи халқро ҳамаҷониба фикр мекунад ва маънои ҳикматҳои халқро фаҳмидан, ба таҷрибаи чандин насли мардум шарик шудан мехоҳад. Даврон, ки равшанфикри ҷавон ва пизишки ҷӯянда аст, худро як ҷузъи халқаш медонад ва ҳар чиро, ки хоси ин халқ аст, аз ҷумла маънои он хулосаҳои аҷибу ғарибро, ки халқ аз рӯйдодҳои зиндагӣ мебарорад, пай бурдан яке аз мақсадҳои ӯст. Дар ин маврид ҳам ҳофизаи таърихӣ қувваи фаъол буда, барои ҳалли масъалаҳои имрӯзии ахлоқи иҷтимоӣ, барои мауайян шудани хатти ҳаракати ҳозираи инсон хизмат мекунад. Ҳофизаи таърихӣ, пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ аз муҳимтарин омилҳое мебошанд, ки дар ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқии ин қаҳрамони ҷавон, дар ташаккули шахсияти ӯ роли калон доранд.

Нависанда бо рафти воқеаҳо ва бо мантиқи инкишофи саҷияи қаҳрамонҳо таъкид кардааст, ки пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ, фаъол шудани ҳофизаи таърихи дар ҷиддитарин лаҳзаҳои зиндагии инсон бештар натиҷа медиҳад, ҳалли масъалаҳои мураккаб ва куллӣ, кӯшиши бартараф кардани душвориҳо, чунин лаҳзаҳое, ки инсон дар назди худ вазифаҳои ҷиддӣ гузошт ё чунин вазифаҳо пеш омад, ҳофизаи таърихӣ бештар фаъол мешавад, ба маънои амиқи таҷрибаи ҳаётию маънавии наслҳои гузашта даст ёфтани инсон бештар муяссар мегардад. Ҳеҷ чиз бе ҷидду ҷаҳди махсус ба даст намеояд. Фақат ҷаҳду ҷадали ҷиддӣ дар роҳи ҳалли умдатарин масъалаҳои ҳаёт боиси рушду камоли

маънавӣ мешавад. Аз ҷумла ба ҷустуҷӯйҳои маънавии гузаштагон ҳамроҳ шудан, ба қадри таҷрибаи онҳо расидан ва онро давом додан ҳам дар айни фаъолӣ, дар айни шиддати қувваҳои рӯҳии шахс бештар рӯй медиҳад.

Инро дар достони "Тору пуд" аз саргузашти Даврону Азиза ба хубӣ дидан мумкин аст. Чунонкӣ умуман дар душвортарин лаҳзаҳо фаъолияти фикрии инсон қувват мегирад, қаҳрамонони ин достон низ чун ба сарашон фалокате омад, бошиддат фикр кардан гирифтанд ва таҳлилу худтаҳлилӣ дар фикри онҳо зиёд шуд. Муҳим ин аст, ки фикру андешаҳои онҳо дар ин лаҳзаҳо бештар мазмуни маънавӣ мегирад ва хулосаҳояшон аз афзудани ғанои маънавии шахсияташон гувоҳӣ медиҳад. Дар ин маврид боз ҳам масъалаи шукру қаноат пеш омадааст. Инак, як қисми андешаҳои Азиза:

"Ман маст будам, ҳушёр шудам, – мегуфт ҳоло Азиза бо дард. – Хоб будам, бедор шудам. Як бор сарам ба обу поям ба гирдоб афтоду сонӣ маънии бисёр гапу корро фаҳмидам. Даврон ҳамеша як байт шеъри Хоҷа Ҳофизро такрор мекард: "Замони хушдилӣ дарёб, дарёб, ки доим дар садаф гавҳар набошад". Вай понздаҳ сол боз ин байтро гуфта мегашт, вале ман маънии онро дуруст наандешидаам ё худ барои андешаи чуқур фурсат надоштам. Акнун фаҳмидам... Одамизод чӣ махлуқи ношукр будааст! Ана, расо се моҳ боз шабу рӯзамон бо парешонӣ мегузарад. Се моҳ боз ба лабам табассум надавидааст. Дар ҳақиқат, ба монанди садафе, ки гавҳар надорад, ҳаёту зиндагӣ холӣ, пуч, бекора шуд. Се моҳ боз ақрабакҳои ин соати ба ман харида додагиаш беҳуда мегарданд, рӯзу шабҳои ба ман нодаркорро ҳисоб мекунанд... Даврон доим мегуфт: "Ман на аз он қаноатмандам, ки хушбахтам, балки хушбахтиам аз он, ки ҳамеша қаноатмандам ва шукр мекунам". Маънии ин суханбозиашро намефаҳмидам, ақаллан бифаҳмам гӯён ақламро намеда-

вондам. Баръакс, аз ин хел суханон дилтанг будам. Ӯ ба рӯи ман маҳзун менигаристу хомӯш механдид. Ҳа, Даврон аз кору бори худ, аз хонавода, умуман аз ҳаёт қаноатманд буд. Кӯдак барин баъзан ягон ҳодисаи одӣ ва ё муколамаи лутфомезро гуфта, соат-соат механдид. Боре як воқеаро гуфта, Испанд катӣ ҳар ду қариб то ними шаб хандиданд. Дар саҳни хона ғел зада, шикамашонро дошта механдиданд. Ана, акнун ба лабони писарам табассум намедавад".

Мо аз андешаҳои ин қаҳрамон ба он сабаб чунин порчаи калон мисол овардем, ки то чи андоза гуногун ва ғанӣ будани олами фикру ҳисси ӯро таъкид кунем. Ҳам воқеаҳои ҷории рӯзмарра, ҳам хулосаҳои ҷиддие аз онҳо, ҳам байти Ҳофиз, ҳам суханбозии ҳикматомезе дар бораи шукру қаноат ва бахту саодат як ҷо шудааст, ки ҳама ҳастии ӯ мазмуни баланди маънавӣ дорад. Вай дар айни шиддати фикру ҳиссаш рафти воқеаҳои зиндагии худ ва хонаводаашро, зоҳири воқеаҳоро не, балки моҳияти онҳоро аз назар гузаронидан мехоҳад. Мақсади ӯ ба маънии ботинии рӯйдодҳо сарфаҳм рафтан, аз онҳо сабақ омӯхтан, барои оянда хулосаи ҷиддӣ баровардан аст. Қаҳрамон дар ин лаҳза дар сари ҷустуҷӯйҳои маънавӣ, дар сари худшиносӣ мебошад, мақсади вай зиндагӣ ва маънои ҳаёти худро ба андеша гирифтан аст.

Арзишҳои маънавии ҷовид бунёди одамиятро ташкил менамоянд. Онҳоро бодиққат омӯхтан, дар рафти дигаргуниҳои пурсуръати замони тӯфонии мо муҳимтарин падидаҳои онҳоро аз даст надода, бо худ эҳтиёткорона ба оянда бурдан ва барои фардои башарият маҳфуз доштан вазифаи бузурги гуманистӣ мебошад. Адабиёт ҳам дар ин роҳ хизмат мекунад. Аҳамияти аксари асарҳои Баҳром Фирӯз низ дар ҳамин аст.

*Солҳои 1989-2009.*

# МУНДАРИЧА

ҲИКОЯҲО......................................................5

ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ ............................................ 6
МУБОҲАСА.......................................................... 37
КИТОБҲОИ КӮҲНА ................................................ 51
БӮЙГИР ............................................................... 67
КӮҲНА ВА НАВ ..................................................... 76
ӮРО НАКУШТАНД, ВАЛЕ... ..................................... 89
САЛОМЕЯ .......................................................... 106
ДУНЁИ ҚАСОС.................................................... 118
ТО СОЛИ ДИГАР................................................. 138
ҒУРУРИ ЗАН ...................................................... 154
ЧИНОР-КАМПИР.................................................. 164
ҲАСРАТ ............................................................. 176
ПИРИЮ ҲАЗОР ИЛЛАТ......................................... 183
МОДАРИ РАНҶБАРИ МАН ..................................... 195
ТОВУСИ МАСТ .................................................. 207
ГАНҶИ ШОЙГОН.................................................. 224
ПАЛОНҶИ ОХИРИН ............................................. 241
ХОТИРАИ ЯК МУҲАББАТ...................................... 250
ЯК ЛАҲЗА .......................................................... 263
ҒӮРАМАРГ.......................................................... 273
ЗАҲРИ ТАНҲОӢ.................................................... 281

МЕҲМОН .......................................................................291
НАРДБОНИ РӮИ ЯХ ....................................................300
РАМИДА .....................................................................317
ТАШНАГӢ....................................................................330
ЧАНГАЛУК..................................................................342
ШИНОСОӢ...................................................................351
МУЛОҚОТ ...................................................................366
ДАКАНГ......................................................................379
ОМАДУ РАФТ ..........................................................385
МУАЛЛИМИ САХТГИР ...........................................396
ОҒОЗ .........................................................................409
ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ ......................................................421
ГӮШТИГИРӢ...............................................................433
БОБО..........................................................................447

МУҲАММАДҶОНИ ШАКУРИИ БУХОРОӢ……….465
МУНДАРИҶА…………………..……………………484

**БАҲРОМ ФИРӮЗ**
www.firuz.tj

**ПЕШ АЗ ШАБИ АРӮСӢ**

Мураттиб ва муҳаррир: Марворид Фирӯз
Тарроҳӣ: Ифтихор Фирӯз
Муҳаррири техникӣ: Набиҷон Юлдошев

Ба чопаш 13.10.2019 имзо шуд.
Андозааш 60*84\16. Ҷузъи чопӣ 30,25
Теъдод адад. Супориши № 258.

Соли 2019